Шаҳри Хуҷанд бошад, яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон ва дар айни замон аз ҷумлаи марказҳои муҳимми саноатӣ мебошад, ки дар рушди бахшҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии мамлакат нақши муассир дорад. Ин шаҳр таърихан дар рушди соҳаи тиҷорат, фарҳанг, иқтисоду сиёсат аз он ҷиҳат мавқеи калидӣ дошт, ки «Роҳи Абрешеим» бевосита аз ҳудуди он мегузашт.

Шаҳрҳои дигари қадимаи кишварамон Ҳисор, Кӯлоб ва Истаравшан низ таърихи кӯҳан дошта, аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ таърихан барои таҳкими «Роҳи Абрешим», рушди соҳаи иқтисодии минтақа, баланд бардоштани сатҳу сифати фарҳанги шаҳрдорӣ, рушди санъат ва ҳунарҳои мардумӣ таъсири муассир расонидаанд.

Ҳамин тавр, месазад қайд намуд, ки таҷлили таърихи таъсисёбии шаҳрҳои қадимаи тоҷикон як самти татбиқёбии сиёсати фарҳангии кишварро ифода медорад. Махсусан, дар давраи истиқлоли давлатӣ амалӣ кардани ин ҷанбаи сиёсати фарҳангӣ аз чанд ҷанба аҳамияти таърихӣ, илмӣ ва тарбиявӣ доштани худро собит намуд:

- насли имрӯзи кишварро ба он ҳидоят кард, ки решаҳои гузаштаи миллии худро шиносанд, аз таҷрибаи гузашта сабақ андӯхта, ҳофизаи худро дар рӯҳияи ҳифзи мероси фарҳангии ниёгон ғанӣ гардонанд. Ба маънои дигар ин ибтикор ба насли имрӯз имкон медиҳад, ки мероси фарҳангии аз насли гузашта гирифтаашонро донанд, таърих ва анъанаҳои миллии худро нигоҳ доранд ва таҳаввул диҳанд;

- маърифати таърихии худро такмил дода, худшинос гарданд, то ҳувияти миллӣ ва фарҳангиашон ташаккул ёбад. Ба мазмуни дигар, вақте насли имрӯзи ҷомеа аз таърихи таъсисёбии шаҳрҳои қадимаи худ маълумот ба даст меорад, ҳатман дар тинати ӯ эҳсоси масъулият нисбат ба Ватан, ҳифзи арзишҳои фарҳангии ӯ бештар мегардад. Дар ин замина талош мекунад, ки ёдгориҳои хаттӣ, меъморӣ, бозёфтҳои таърихӣ ва арзишҳои фарҳангии дар шаҳрҳо мавҷудбударо на танҳо ҳифз кунанд, аз нав таҷдид намоянд, балки ин мероси нодири фарҳангиро барои наслҳои оянда интиқол диҳанд. Ба он хотир, ки таҷрибаи фарҳанги шаҳрдории қадима метавонад барои ташаккули фарҳанги шаҳрдории муосир сабақи омӯзанда бошад;

- таҷлили таърихи шаҳрҳои қадима имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ барои ташриф овардан ба шаҳрҳо зиёд шавад, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб метавон сарчашмаи даромади маблағи иловагӣ пайдо кард, то ба рушди соҳаи иқтисодӣ ва муаррифии фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

Чаҳорум, арҷгузорӣ ба ёдгориҳои хаттӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таҷлили солгарди шахсиятҳои таърихӣ-сиёсӣ, нобиғаҳои илму фарҳанг. Ба монандӣ: баргузории ҷашнҳои 2700-солагии Авесто (соли 2001); соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ (соли 2006); 1310-солагии Имом Абуҳанифа (соли 2009); 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2008); 1150-солагии Робеаи Балхӣ (2026); 1100-солагии давлати Сомониён (соли 1999); 1145-солагии Абуалӣ ибни Сино (соли 2025); 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (соли 1994); 1000-солагии Носири Хусрав (соли 2004); 960-солагии Умари Хайём (соли 2001); 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (соли 2024); 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2015); 700-солагии Камоли Хуҷандӣ (2020); 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ (2014) ва ғайра.

Воқеан, арҷгузорӣ ба ёдгориҳои фарҳангӣ, таҷлили солгард ва муаррифии шахсиятҳои таърихӣ, қаҳрамонҳои миллат, нобиғагони илму фарҳанг низ ҷузъи ҷудоинопазири сиёсати фарҳангии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳадаф аз баргузории чорабиниҳо ва таҷлили солгарди шахсиятои таърихӣ, қаҳрамонҳои миллат, нобиғаҳои иламу фарҳанг дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон пеш аз ҳама чунин зарурат дошт: хотираи таърихӣ, ҳувият ва худшиносии миллии шаҳрвандони кишвар ташаккул ёбанд. То бо ин васила қишрҳои гуногуни аҳолӣ аз корномаҳои шоиставу наҷиби шахсиятҳои таърихӣ-сиёсии гузаштагони худ дар низоми давлатдорӣ, рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, таъмини амнияту субот ва нуфузашон дар арсаи байналмилалӣ огоҳ гарданд. Бар замми ин маҳсули эҷодии нобиғаҳои илму фарҳанги гузашта метавонанд маншаи асосии рушди илму маориф, ҳунару санъат, таҳаввули таҳқиқотҳои нави назариявию амалӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон гарданд.

Ба мазмуни дигар, дар давраи истиқлол гиромидошт ва таҷлили солгарди шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанг ва шеъру адаб, ки барои ҳифзи таърих, забон, фарҳанг ва тамаддуни

тоҷикон нақши муассир гузошта, дар баробари ин, барои рушди тамаддуни инсонӣ хидматҳои мондагор кардаанд, ба он боис мешавад, ки «аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овард, ки бо моҳият ва арзишмандии ҷаҳонии хеш худҷӯй ва худшиносии тоҷконро дар паҳнои ҷаҳон иртифоъ бахшанд».

Панҷум, таҳия ва ба тасвиб расонидани қонунҳо, барномаҳои давлатии марбут ба рушди соҳаи фарҳанг ва татбиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар давраи истиқлол дар заминаи татбиқи сиёсати фарҳангӣ ва рушду таҳаввули фарҳанги миллӣ, таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва муаррифии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (соли 1997), «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (соли 2002), «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» (соли 2003), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (2003), «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (соли 2007), «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» (соли 2012) ва силсилабарномаҳо, аз ҷумла: «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015»; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020»; «Барномаи рушди кино барои солҳои 2006-2010»; «Барномаи рушди китобхонаи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015»; «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020»; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025»; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ барои солҳои 2021-2025»; «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»; «Барномаи давлатии рушди санъати Шашмақом, фалак ва мактаби суннатии устод-шогирд барои солҳои 2017-2021»; «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва ғайра таҳия ва қабул гардиданд.

Воқеан, дар муҳлати муқарарагардида татбиқ намудан ва амалӣ кардани талаботи қонуну барномаҳо ва иҷрои саривақтии нақша-чорабиниҳо ба он мусоидат кард, ки дар давраи истиқлол соҳаи фарҳанг самти афзалиятноки низоми ҷомеадорӣ ба ҳисоб рафта, ҳамаи зерсохторҳои он дар тамоми минтақаҳои кишвар, дар сатҳи зарурӣ рушд кунанд. Ин андешаро бо чунин маълумоти омории муътамад метавон тасдиқ намуд, ки тавассути кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар, бахусус ташаббусҳо ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат дар давраи истиқлол, дар ҷумҳурӣ 3539 адад муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 18 театри касбӣ, 8 муассисаи консертӣ, 96 муассисаи таълимии соҳаи фарҳанг ва санъат, 1362 китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ (аз ин теъдод 76 китобхонаи бачагона), 323 қаср ва хонаи фарҳанг, 389 клуб, 42 клуби сайёр, 19 марказҳои фарҳангу фароғатӣ, 7 филармонияи халқӣ, 93 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 22 театри халқӣ, 56 осорхона, 14 хона-осорхона, 24 ансамбли тарона ва рақс, 16 ансабли шашмақомхонон, 8 ансамбли фалаксароӣ, 7 ансамбли эстрадӣ, 12 ансамбли фолкролӣ-этнографӣ, 19 ансамбли рақсӣ, яктогӣ ансамблҳои ҳаҷвӣ, адабӣ-бадеӣ, карнайнавозон, доирабадастон, 9 шабакаи телевизионӣ 6 шабакаи радиошунавонии маҳаллӣ пурмаҳсул фаъолият менамоянд [14, с. 12].

Соли 2000 - ум ба имзо расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инкишофи минбаъдаи санъати Шашмақом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мувофиқ ба он мақоми давлати додан ба ансамбли «Шашмақоми ба номи Ф.Шаҳобов», эълони рӯзи 12 май ҳамчун «Рӯзи Шашмақом», инчунин ба имзо расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми ноябри соли 2001 «Дар бораи таъсиси ансамбли давлатии «Фалак», эълон намудани рӯзи 10-уми октябр ҳамчун ҷашни «Фалак» на танҳо ба эҳё ва таҳаввули фарҳанги мусиқӣ, балки муаррифӣ кардани ин мероси гаронарзиш дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд. Дар доираи ин ҷашнҳо баргузор кардани озмуну фестивалҳои байналмилалӣ ва ҷалби наврасону ҷавонони боистеъдоду ҳунарманд, санъаткорон ва мусиқашиносони кишварҳои ҳамсоя ва ҳамҷавори фарҳанги ориёиасл ба ин озмунҳо далолат аз он мекунад, ки Шашмақом ва Фалак мероси фарҳанги ғайримоддӣ,арзишҳои олии фарҳанги мусиқии миллӣ мебошанд.

Фаъолияти мунтазами ин зерсохторҳои муҳимми фарҳангӣ ва маблағгузории саривақтии давлат ба рушди зерсохторҳои ин соҳа ба он мусоидат кард, ки худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ, қобилияти мусиқифаҳмӣ, завқи забоипарастии мардум ташаккул ёбад, эҳтиром ва арҷгузориашон нисбат ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, ҳунару санъат зиёд гардад. Ҷалби наврасону ҷавонони соҳибистеъдоду ҳунармандро ҷиҳати иштирок варзидан ба озмунҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ афзун гардонанд ва ғайра.

Ба ғайр аз ин гуфтаҳо дар заминаи татбиқи қонуну барномаҳои давлатӣ эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ маҷрои нав касб карданд. Бахусус, ҳунарҳои мардумии гулдузӣ, кулолгарӣ,

қолинбофӣ, заргарӣ, кандакорӣ, кордсозӣ, сабадбофӣ, сохтани созҳои миллӣ, чӯбкорӣ, меъморӣ, рассомӣ ва ғайра таваҷҷуҳи мардумро ба касбазхудкунӣ, ҳунаромӯзӣ зиёд намуд. Махсусан, ба он боис шуд, ки дар замони муосир ҳунармандон санъати гулдӯзии бостониро бо нақшҳои нав ва замонавӣ, бо истифода аз техналогияи махсуси ороишӣ инкишоф диҳанд. Хусусан, сӯзанӣ, чодар, болишт, курта-чакан, ойинахалта, чойникпӯшак, пардаву дастор, рӯймол ва ғайра аз шумори анвоъи гулдӯзии имрӯз барои ҳар як хонаводаи тоҷик буда, бо тарзу усулҳои гуногун дӯхта мешаванд. Аз ҷумла сӯзанӣ на танҳо дар ороиши манзилгоҳ, балки дар ҳаёти маънавии мардум низ ҷойи намоёнро ишғол карда, мавриди эҳтироми бонувон қарор гирифта. Сӯзаниро дар сатин, чит, шоҳӣ ва матоъҳои абрешим дӯхта баъзан астардор мекунанд. Ҳамин тавр, рушди ҳунарҳои мардумӣ аз як тараф, агар завқи бадеии мардумро баланд бардошта бошад, аз тарафи дигар, ҷойҳои нави кориро, хусусан барои занон ва духтарони хонанишин таъмин намуд, ки он ба вусъати истеҳсоли армуғонҳои миллӣмусоидат намуд.

Шашум, эҳё, ҳифз ва ба рӯйхати мероси фарҳангии ЮНЕСКО ворид кардани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ намунаи волое дар самти рушди соҳаи фарҳанг дар арсаи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳар кадом барои худшиносӣ ва бедории мардум метавонанд нақши мондагор гузоранд. Бояд қайд кард, ки дар давраи истиқлол ҷиҳати татбиқ кардани сиёсати фарҳангии Ҳукумати кишвар ва иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё, ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи бомақсадонаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, таъмиру бозсозии мамнуъгоҳҳо, таъмиру азнавсозии оромгоҳҳои шахсиятҳои таърихӣ, қалъаҳои қадима, пешниҳоди номгӯи бозёфтҳои нодири минтақаҳои гуногуни кишвар ҷиҳати сабт дар феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО, вусъат бахшидани робитаҳои фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайра корҳои назаррасу шоистае анҷом дода шуд.

Дар мадди аввал, дар давраи истиқлол бароямон муяссар гардид, ки як қатор ёдгориҳои таърихию фарҳангии минтақаҳои гуногуни кишвар, ки нишоне аз арзишҳои нодири меросмондаи гузаштагон мебошанд дар сатҳи замонавӣ таъмиру бозсозӣ карда шаванд. Аз қабилӣ: Мақбараи Шайх Муслиҳиддин дар шаҳри Хуҷанд, Мақбараи Шайх Абулқосим Гургонӣ, Хона-осорхона ва мақбараи шоир Нақибхони Туғрал, Манораи Варзи Манор, оромгоҳи Шамси Табрезӣ дар деҳаи Вешаби ноҳияи Айнӣ, Масҷиди Ҳафзи Сангин, Масҷиди Савристон, Мақбараи Абдулқодири Гелонӣ, Масҷиди Мавлоно Усмони Чархӣ дар шаҳри Истаравшан, Қалъаи Ӯрда, Масҷиди Қалъа дар шаҳри Исфара, Мақбараи Хоҷа Аҳмади Бузург, Мақбараи Муҳаммади Башоро, Мақбари Рӯдакӣ, Қалъаи Санҷаршоҳи шаҳри Панҷакент, Мақбараи Хоҷа Қутбиддин, Қалъаи Балҷувон дар ноҳияи Балҷувон, Девор ва дарвозаи Қалъаи Ҳулбук, Мақбараи Ҳулбуки ноҳияи Восеъ, Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, Мақбараи Мавлоно Обиддин, Мақбараи Хоҷаи Зарин дар ноҳияи Данғара, Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кулоб, Мақбараи Хоҷаи Нур, Қалъаи Муъминобод, Мақбараи Шоҳи Хомӯш дар ноҳияи Муъминобод, Мақбараи Ҳазрати Султон дар ноҳияи Ховалинг, Мақбараи Зайналобиддин дар ноҳияи Ҷиликул (ҳоло Дӯстӣ), Мадрасаи Хоҷа Машҳад, Мақбараи Хоҷа Дурбод дар ноҳияи Шаҳритус, Мақбараи Холбой Қара дар шаҳри Ваҳдат, Хоҷа Саид Абдуллатиф дар ноҳияи Рӯдакӣ, Дарвозахонаи Арк, Мадрасаи Куҳна, Масҷиди Сангин, Мақбараи Маҳдуми Аъзам дар шаҳри Ҳисор, Қалъаи Вомар дар ноҳияи Рӯшон ва ғайра [1, с. 20- 21]

Имрӯз ин мавзеъҳои нодири таърихӣ ба ҷойи сайру саёҳати сайёҳони хориҷӣ ва шаҳрвандони кишвар табдил ёфта, муаррифгари арзишҳои фарҳанги миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд ва таҳаввул мебошанд. Агар ба таври маҷмуӣ хулосабарорӣ намоем метавонем зикр дошт, ки мавзеъҳои таърихӣ ва ёдгориҳои фарҳангии минтақаҳои гуногуни кишвар нишоне аз таърих ва тамаддуни ниёгонамон мебошанд. Аз ин рӯ, эҳё ва азнавсозӣ кардани онҳо аз он ҷанба аҳамияти хосса дорад, ки худшиносии миллиамонро ташаккул медиҳанд, ҳисси ифтихорамонро ба Ватан ва зебогиҳои он зиёд мегардонанд. Рушди сайёҳиро тақвият бахшида, барои пешрафти соҳаи иқтисодӣ, пайдо кардани манбаи даромад мусоидат менамоянд. Махсусан, барои донишҷӯён, муҳаққиқон, муаррихон ҷиҳати анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт ба сифати объекти омӯзиш метавонанд хизмат кунанд. Эҳё ва азнавсозӣ накардан, бетаваҷҷуҳӣ зоҳир кардан ба ин арзишҳои фарҳангӣ ба харобӣ ва нестшавии онҳо оварда мерасонад. Беасос нашуморидаанд, ки маҳви фарҳанг - ин маҳви миллат аст.

Дигар ин ки бо кӯшишу талошҳои мудаввоми масъулини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот то ба имрӯз «Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ» таҳия гардида, дар сомонаҳои Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО интиқол дода шудааст. Ба ин феҳрист беш аз 533

номгӯйи намунаҳои мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик ворид карда шудаанд, ки то кунун баъзе аз онҳо ба ин феҳрист ҳамчун бозёфтҳои нодир шомил шуданд.

Бахусус, ҳадафмандона амалӣ кардани сиёсати фарҳангии Пешвои миллат ва ҳамкориҳои тарафайни Ҳукумати кишвар бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шароит созгор намуданд, ки ёдгориҳои зиёди таърихию фарҳангии минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба феҳристи ғайримоддии ЮНЕСКО шомил шаванд. Вобаста ба соли сабтшавӣ ин бозёфтҳоро ба шакли зайл зикр медорем: «Шашмақом» (соли 2008, ҳамроҳ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон); «Саразми бостон» (2010), «Боғи миллии Тоҷикистон» (2013); «Оши палав ҳамчун хӯроки анъанавӣ ва фазои иҷтимоию фарҳангии он дар Тоҷикистон» (2016); «Наврӯз» (2016, ҳамроҳ бо ҷумҳуриҳои Афғонистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ироқ, Покистон, Туркия, Туркманистон ва Ҳиндустон); «Чакан - ҳунари гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2018); мусиқии суннатии «Фалак» (2021), «Анъанаҳои кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешим барои матоъбофӣ» (2022, муштарак бо ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Туркия, Туркманистон); «Суннати латифаҳои Хоҷа Насриддин Афандӣ» (2022, муштарак аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Туркия, Туркманистон); «Донишу таҷрибаҳои анъанавии истеҳсоли матоъҳои атласу адрас» (2023); «Ҷашни Сада» (2023, муштарак бо Эрон); «Тазҳиб - санъати зарҳалкорӣ» (2023, муштарак бо кишварҳои Эрон, Озарбойҷон, Туркия, Ӯзбекистон); «Санъати сохту навохтани рубоб» (2024, ҳамроҳ бо Афғонистон, Эрон ва Ӯзбекистон), «Ҷашни Меҳргон» (2024, ҳамроҳ бо Эрон); «Маҷмуи ёдгориҳои «Хутали Қадим» (2025, ба таркиби бозёфтҳои «Хутали Қадим» шомил мегарданд: Дайри буддоии Аҷинатеппа; Қалъаи Ҳулбук ва шаҳристони он; Манзаратеппа; Қалъаи Золи Зар; Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин; Ҳалевард (Кофирқалъа); Шаҳристони Золи Зар; Ковонсаройи Тоҳир; Шаҳртеппа; Дайри будоии Хиштттеппа); «Фарҳанги суманакпазӣ» (2025) ва ғайра.

Инчунин, дар ҷаласаи 45-уми Кумитаи байниҳукуматӣ дар бораи ҳифзи мероси моддии фарҳангии ЮНЕСКО, ки рӯзи 17 сентябри соли 2023 дар шаҳри Ал-Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, дар доираи номинатсияи фаромиллии ёдгориҳои «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони Зарафшон-Қароқум» - 9 мавзеи мероси таърихиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Қум, Қалъаи Ҳисорак, Тали Хамтуда ва низоми обёрикунии Тоқсанкорез ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО ворид шуданд. [15] 19 сентябр бошад, чӣ тавре муҳаққиқи тоҷик М.Саидова қайд мекунад дар ин ҷаласаи бонуфуз мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» дар номинатсияи «Ҷангали туғайи мамнуъгоҳи Бешаи палангон» ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуд. [13]

Ҳафтум, баргузор кардани рӯзҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои байналмилалӣ дар сатҳи кишварҳои гуногуни олам. Ҳақиқатан, судманд истифода бурдани ин васила як роҳи муҳимми муаррифӣ кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ташкили «Анҷумани «Пайванд» ва ҷамъиятҳои фарҳангӣ» ва баргузор кардани рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар кишварҳои гуногун аз шумори дастовардҳои нодири давраи истиқлол дар самти татбиқи сиёсати фарҳангии кишвар ба ҳисоб меравад.

Воқеан, баргузор кардани рӯзҳои фарҳангӣ дар кишварҳои хориҷ ин як воситаи муҳимми муаррифии фарҳанг, санъат ва ҳунарҳои мардумӣ мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки расму анъана, санъату ҳунар, забон, либосҳои миллӣ, ғизоҳои миллӣ ва таърихи миллатро барои ҷаҳониён шинос гардонад. Эътибору мавқеи кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ баланд бардорад, ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат намояд. Дигар ин ки баргузории ин чорабинӣ метавонад байни халқҳои гуногун ҳусни эҳтирому эътимодро нисбат ба якдигар ба вуҷуд оварад, сафи сайёҳони хориҷиро ҷиҳати боздид аз мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистон зиёд кунад. Ҳамзамон, баргузории рӯзҳои фарҳангӣ барои андӯхтани табодули таҷрибаи кишварҳои якдигар, ғанӣ гардидани фарҳанг ва рушди соҳаҳои гуногуни санъат мусоидат менамояд. Ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар кишварҳои хориҷ зиндагӣ мекунанд ва шаҳрвандии он кишварҳоро қабул кардаанд имкон медиҳад, ки бо фарҳанги волои худ робитаи мустақим доштанро нигоҳ доранд.

Бахусус, ҷамъиятҳои фарҳангӣ бояд барои ташаккули ҳувияти миллии насле, ки волидайнашон дар кишварҳои хориҷ сукунат дошта, сабти душаҳрвандӣ доранд ва онҳо аз синни хурдсолӣ аз арзишҳои фарҳанги миллӣ дур мебошанд, мунтазам дар арафаи таҷлили ҷашнҳои миллӣ чорабиниҳо, маҳфилҳои илмӣ, консертҳо, намоиши дастовардҳо, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ташкил кунанд. Дар чорабиниҳо намояндагони касбу кори кишвар, аз ҷумла санъаткорону ҳунармандон, олимону шоирон, тарроҳон, варзишгарон ва ғайраро ҷалб

кунанд. Бахусус, дар заминаи ҷамъиятҳои фарҳангӣ курсҳои омузиши забони тоҷикиро ба роҳ монанд.

Дар баробари ҷамъиятҳои фарҳангӣ, инчунин волидайни насли имрӯзи тоҷик, ки дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд бояд дар муҳити хонаводагӣ муоширатро бо забони тоҷикӣ ба роҳ монанд. Фарзандонро бо расму анъанаҳои миллӣ шинос намоянд. Вобаста ба имконият фарзандонро ба Тоҷикистон оварда, онҳоро бо арзишҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла мавзеъҳои фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихӣ, шаҳрҳои кадима, ҷойҳои саёҳатӣ ва ғайра шинос намоянд.

Ҳаштум, бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон эҳё намудани анъанаю ҷашнҳои миллӣ: аз қабили Наврӯз, Сада, Мергон ва баргузор кардани озмуну фестивалҳои фарҳангӣ. Таҷлили онҳо дар шаҳру минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ (Хуҷанд, Қурғонтеппа, Ҳисор, Рӯдакӣ, Данғара Рашт, Хоруғ, Турсунзода) имкон дод, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо иншоотҳои нави фарҳангию варзишӣ сохта шуда, ба рушду анъанаҳои миллӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ такони ҷиддӣ бахшанд ва ғайра.

Адабиёт

1. Азизов, М. Ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ / *М.Азизов* // Санандҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурамал барои кормандони ҳифзи ёдгориҳо. – Душанбе: Басанти, 2013. – 104 с.
2. Библер, В. С. От наукоучения – к логике культуры. Два философских введения в двадцать первый век / В. С. Библер. – М.: Политиздат, 1991. – 413 с.
3. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе, 2015. – 326с.
4. Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат. Муаррифии бахши нави АМИТ «Ховар» ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2026/22.03/isti-loliyati-to-ikiston-va-peshvoi-millat.
5. Каган, М.С. Человеческая деятельность / *М.С.Каган.* - М. 1974. - 331с.
6. Козелько, В. Н. Национальная культура: сущность, структура, компоненты / В. Н. Козелько // Новые технологии. 2008. № 5. - С. 136-139.
7. Комилзода, Ш. Бозтоби масоили фарҳанги миллӣ дар осори Пешвои миллат / Ш. Комилзода, Ф. Давлатов //Паёмномаи фарҳанг. – Д., 2020, №3 (51). – С.5-14.
8. Луғати фалсафии энсиклопедӣ. - М., 1983. - С. 292-293.
9. Муҳаммадӣ, А. Фалсафаи фарҳанг Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ / *А. Муҳаммади.* - Душанбе: Ирфон, 2020.-368с.
10. Назаров, Т. Эмомалӣ Раҳмон – поягузори дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол /*Т.Назаров* // Дар китоби “Масири сарнавишт”. – Душанбе: “Ирфон”, 2025. – 248с.
11. Раҳимов, С.Х. Имрӯзи фарҳанги тоҷик / *С.Х.Раҳимов*. – Душанбе, 2024. – 240с.
12. Раҳмонов, Э. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост. -Душанбе: Ирфон, 2000. – С.2.
13. Саидова, М. Ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани «Бешаи палангон» бозгӯи баланд гардидани мавқеи Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ аст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar. tj/2026/27.03/ba-fe-risti-merosi-a-onii-yunesko.
14. Шарифзода, А. Фарҳанг ҳастии миллат аст / А. Шарифзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 42с.
15. Ёдгории таърихии Тоҷикистон ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ворид шуд [Матн] [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2026/26/03-yodgorii-tarihii-toikiston-ba-fe-risti-asosii-merosi-far-angi-umumibasharii-yunesko-vorid-shud/
16. Марксистская концепция культуры [манбаи электронӣ] // Википедия. – тартиби дастрасӣ: свободный. – Дата обращения: 16.03.2026.

ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ: РУШД ВА ТАҲАВВУЛИ ОНДАР ШАРОИТИ ҶОМАЕИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Дар асоси омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи мавод муаллиф зикр менамояд, ки дар давраи истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг, эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ ба дастовардҳои зиёди назаррас нойил гардид, ки ҳар кадом барои муаррифии фарҳанги миллӣ нақши муассир бозиданд. Аз ҷумла:

1) тавассути коркарди модели сулҳофарӣ пояҳои давлатдории миллӣ таҳким ёфтанд;

2) рушди мактабу маориф ва илму фарҳанг барои боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ ва ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллии шаҳрвандон мусоидат карданд;

3) тавассути бунёди роҳу нақбҳои замонавӣ Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфта, ба кишвари транзитӣ табдил дода шуд;

4) тавассути баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ба феҳристи фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО сабти ном кардани ёдгориҳо ва бозёфтҳои нодири миллӣ нуфуз ва мақоми Тоҷикистонро дар сатҳи байналалмилалӣ баланд бардошт;

5) таҳия ва қабули қарору қонунҳо ва барномаҳои давлатии соҳавӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳаҳои фарҳангии кишварро ба танзим дароварда, ҷиҳати татбиқи сиёсати фарҳангӣ нақши муассир бозиданд ва ғайра.

Калидвожаҳо: инсон, ҷомеа, фарҳанг, тамаддун, навъҳои фарҳанг, фарҳанги моддӣ, фарҳанги маънавӣ, арзишҳои фарҳангӣ, фарҳанги миллӣ, сиёсати фарҳангӣ, мероси фарҳангӣ, бозёфтҳои маънавӣ.

НАЦИОНАЛЬНАЯ КУЛЬТУРА: ЕЕ РАЗВИТИЕ И ТРАНСФОРМАЦИЯ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА

На основе изучения, анализа и сравнения материалов автор отмечает, что в период независимости Республика Таджикистан достигла многих значительных успехов в области культуры, возрождения и развития национальной культуры, каждый из которых сыграл эффективную роль в представлении национальной культуры. В том числе:

1) благодаря развитию миротворческой модели были укреплены основы национальной государственности;

2) развитие школ, образования, науки и культуры способствовало повышению уровня просвещения и чувства самопознания, самосознания и национальной идентичности граждан;

3) благодаря строительству современных дорог и тоннелей Таджикистан вышел из коммуникационного тупика и превратился в транзитную страну;

4) благодаря проведению культурных мероприятий на международном уровне и включению редких национальных памятников и находок в Список нематериального культурного наследия ЮНЕСКО, Таджикистан повысил свой престиж и статус на международном уровне;

5) разработка и принятие отраслевых решений, законов и государственных программ урегулировали правовые аспекты культурной сферы страны, играя эффективную роль в реализации культурной политики и т. д.

Ключевые слова: человек, общество, культура, цивилизация, типы культуры, материальная культура, духовная культура, культурные ценности, национальная культура, культурная политика, культурное наследие, духовные открытия.

NATIONAL CULTURE: ITS DEVELOPMENT AND TRANSFORMATION IN THE CONTEXT OF MODERN SOCIETY IN TAJIKISTAN

Based on the study, analysis, and comparison of materials, the author notes that during the period of independence, the Republic of Tajikistan achieved many significant successes in the field of culture, revival, and development of national culture, each of which played an effective role in representing national culture. These include:

1) Thanks to the development of the peacekeeping model, the foundations of national statehood were strengthened;

2) The development of schools, education, science, and culture contributed to an increase in the level of enlightenment and a sense of self-knowledge, self-awareness, and national identity among citizens;

3) Thanks to the construction of modern roads and tunnels, Tajikistan has overcome its communication impasse and become a transit country;

4) By hosting cultural events at the international level and inscribing rare national monuments and artifacts on the UNESCO List of Intangible Cultural Heritage, Tajikistan has enhanced its prestige and status internationally;

5) The development and adoption of sectoral decisions, laws, and state programs have regulated the legal aspects of the country's cultural sphere, playing an effective role in the implementation of cultural policy, etc.

Key words: man, society, culture, civilization, types of culture, material culture, spiritual culture, cultural values, national culture, cultural policy, cultural heritage, spiritual discoveries.

Дар бораи муаллиф
Самиев Бобо Ҷураевич
доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Об автора
Самиев Бобо Джураевич
доктор философских наук, профессор,
заведующий отделом философии культуры
Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
Национальная академия наук Таджикистана
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

About the author
Samiyev Bobo Djurayevich
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture
Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

ТДУ 172:32

ТАҒЙИРЁБИИ РӮЙКАРДҲОИ ИЛМӢ БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФӢ

Саид Н. С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Зувайдуллозода М. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баҳсҳои имрӯзаи фалсафаи ахлоқ нисбат ба ҷойгоҳи ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ ду дидгоҳи аз ҳам фарқкунанда ташаккул ёфтааст. Дидгоҳи аввал бар андешаест, ки меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқӣ метавонанд дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо ҷойгоҳи муайян дошта бошанду бо хусусиятҳои асосии сиёсат мутобиқ гарданд. Назари дуюм аз он бармеояд, ки меъёрияти сиёсӣ бояд ҳамчун падидаи мустақил ва бегона нисбат ба меъёрияти ахлоқӣ фаҳмида шавад. Ин равишро аксари муҳаққиқон равиши ғайриахлоқӣ ё аморалӣ ном мебаранд. Барои исботи ин андеша ҷонибдорони равияи мазкур чунин мешуморанд, ки азбаски фалсафаи сиёсӣ ба танзими ниҳодҳои асосӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ-сиёсӣ рабт дорад, он на ба адолат ва категорияҳои дигари алоқаманд ба ахлоқи сиёсӣ, ба монанди шарафу каромати инсонӣ, хубӣ, манфиати умумӣ, таҳаммулпазирӣ, балки пеш аз ҳама ба қонуният аҳаммият диҳад. Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз хусусиятҳои сиёсӣ чунин хулосаро тасдиқ намекунад. Дуюм, ба андешаи мо ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ ҳатман аз як пешфарзи ахлоқӣ иборат аст, ки онро принсипҳо ё арзишҳои бунёдӣ ташкил медиҳанд. Ин принсипҳо аз ҷомеа ё аз низоми сиёсӣ вобаста нестанд ва аз принсипҳои сиёсӣ амиқтар буда, ҳадди меъёрии онҳоро муайян мекунанд.

Яъне талоши исботи он ки меъёрияти сиёсӣ ҳамчун падидаи мустақил аз меъёрияти ахлоқӣ тасаввур карда мешавад, яъне баррасиҳои ахлоқӣ дар асосноккунии принсипҳои сиёсӣ ё тасмимҳои сиёсӣ нақш надоранд, он қадар саҳеҳ нест. Зеро дар воқеият меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ комилан ҷудонашаванда нестанд ва баррасиҳои ахлоқӣ метавонанд барои асоснок кардани принсипҳо ё назарияи сиёсӣ истифода шаванд. Масъалаи воқеӣ дар он аст, ки чӣ тавр меъёрҳои ахлоқӣ тавассути воқеиятҳои сиёсат «филтр» ё «полоиш» мешаванд ва бо хусусиятҳои асосии он мутобиқ мегарданд.

Назари аввал дар қаринаи бисёр консепсияҳо мавриди интиқоди сахт қарор гирифта, таъкид мегардад, ки ин дидгоҳ ҳавасмандии одамонро аз воридшавӣ ба сиёсат ҳамчун амали хайрхоҳонаю ба хубӣ равонагардида коҳиш медиҳад. Бинобар ин равиши дуюм пайваста дар ҳоли рушду такомул қарор дошта, ҳадафаш аз он иборат аст, ки чӣ гуна метавон боварӣ ҳосил намуд, ки меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат алоқаманд шуда, бо хусусиятҳои конститутсионии он мутобиқ мешаванд.

Ҳамин тавр, дарки масъалаи нақш ва мақоми меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии муосир дар аксар маврид мавзуи баррасӣ ва баҳси олимони соҳаҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ мебошад. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии имрӯзаи кишварҳои пасошӯравӣ муҳокимаи ин масъала аҳаммияти калон пайдо намуда, доираи васеи мавзуъҳоро фаро мегирад.

Мубрамияти масъала қабл аз ҳама бо дарки мушкилоти гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигар, бахусус дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд буда, дар натиҷа муайянкунандаҳои арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ҳамкорӣ ва муносибатҳои байни субъектҳои ҳаёти иҷтимоӣ низ тағйир меёбанд. Чунин зарурати объективӣ дар тағйири усули дарки ин масъала дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон вуҷуд дорад [8].

Ин чунин маъно дорад, ки имрӯз дар байни олимони соҳаи таҳқиқи масоили ахлоқӣ зарурати таҷдиди назари роҳҳои баррасии ғояҳои масоили илми ахлоқ равшан дарк мешавад. Гарчи ин иқдом бо зуд тағйир ёфтани вазъи ҷаҳони муосир бинобар вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ бо мушкилӣ дучор омадааст, вале бо вуҷуди он, таҳқиқоти онҳо имкон медиҳанд, то моҳияти равандҳои дар соҳаи танзими ахлоқии амалҳои мутақобилаи сиёсӣ баамалмеомада аниқ муайян карда шаванд.

Дар ин замина иддаои ахлоқ нисбат ба сиёсат, ки бояд ба мабдаи арзишӣ ва маънавӣ рӯ оварда бипайвандад, возеҳ мегардад. Ин ба соҳаи фаъолияти сиёсӣ имкон медиҳад, то ба фазои паҳн гардидани ормонҳои арзишҳои волои ҷомеа табдил ёфта, онро бо чароғи раҳнамои амалҳои мутақобилаи сиёсӣ ғанӣ гардонад. Дар ин маврид файласуфи намоёни Россия А.А. Гусейнов таъкид менамояд, ки «Душвориҳои вобаста ба ҳаммонанд намудани ахлоқ, бо таъкид бар соҳаи хосси фаъолият ва ё шеваи хосси маҷбурсозӣ донистани он, ба назари банда, аз бархӯрд ба ахлоқ ҳамчун арзиши дуюмдараҷа ва ҳосила, аз кӯшиши маънидод ва таҷассум сохтани он бармеояд.

Вақтҳои охир ин равшан ба назар мерасад, ки аз лиҳози мавзуи таваҷҷуҳи мо бо он фарқ менамояд, ки тасаввуротҳои ахлоқии одамон на танҳо ба шиддат тағйир ёфтанд, балки онҳо фарохтар ва метавон гуфт вайрон шуда, ҷанбаи меъёрии худро аз даст додаанд.

Мехоҳем ба ду лаҳза таваҷҷуҳро ҷалб намоем: ахлоқӣ амалӣ, моҳиятан, аз чорчӯбаи назарияҳои фалсафӣ берун рафта, имруз воқеан берун аз ин қарина дар миқёси васеъ истифода мегардад; ахлоқу одоб дар ахлоқи амалӣ робита бо мувофиқи мақсад ва қатъӣ будани қарорҳо дар соҳаҳои муайян ва амалии фаъолият шабоҳат дода мешавад. Ғояи умумии ин баҳси муҳокимарониҳо аз он иборат аст, ки вазъи имрӯзаи ахлоқ, ахлоқи назариявӣ, ахлоқи фалсафӣ, чӣ тавре он ном бурда нашавад ҳам, марҳалаҳои асосии он бо номҳои Арасту, И. Кант, Ҷ. Милл ва дигарон алоқаманд мебошанд ва шароит фароҳам намесозанд, ки воқеияти нави ахлоқиро дарк намоем. Сухан дар бораи он намеравад, ки таълимотҳои машҳури ба мо маълум ва барномаҳои меъёриро ба воқеияти нав мутобиқ ва мушаххас созем. Вазифа боз ҳам амиқтар аст – таҳқурсие, ки онҳо асос меёфтанд, мавриди таҷдиди назар қарор гиранд. Имрӯз фалсафаи амалии нав зарур аст. Чунин фалсафаи амалӣ, агар ҳатто таълимот дар бораи ахлоқ бошад, эҳтимол дорад ҳамзамон таълимот дар бораи ҳастӣ бошад. Яъне фалсафаи ахлоқие бошад, ки мақоми нахустфалсафаро дошта бошад» [11, с. 4].

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон вуҷуд надоштани ҳадафҳои мушаххаси ахлоқӣ дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ маънои вуҷуд надоштани имконоту иқтидор ба фаъолият дар фазои иҷтимоӣ-фарҳангиро дорад. Бешубҳа, дар чунин шароит ҳатто даъватҳои олиҳимматонаи ниҳодҳои сиёсӣ ба ҷомеа дар мавриди ҷалби онҳо дар амалӣ намудани барномаҳои муайяншуда шунида намешаванд ва ё дарк нагардида, дар амалияи равандҳои навсозӣ ба инобат гирифта намешаванд. Чунин ҳолат, табиист, ки ба рушди кишвар дар масири навсозӣ мусоидат нахоҳад намуд, фарҳанги онро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда наметавонад ва ҷомеаи мушаххасро ба зинаҳои волои рушди тамаддуни башарӣ расонида наметавонад.

Чӣ тавре маълум аст, Президенти Тоҷикистон барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста даъват менамояд: «Зеро озодӣ ва истиқлол барои мо дастоварди бузург ва ғояи муқаддаси миллӣ шумурда мешаванд ва новобаста аз мушкилоти мавҷуда, мо минбаъд тамоми иқтидор ва ҷидду ҷаҳди худро ба ҳимоя, устуворӣ ва пойдорӣ намуда, ин дастоварди бузурги миллатамонро ҳамчун гаҳвараки чашм ҳифз ва пуштибонӣ менамоем. Дар баробари ин, таъкид менамоем, ки солҳои аввали истиқлол барои мардуми мо давраи санҷишҳои сангин ва мушкил буданд. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Тоҷикистон таҳти фишор ва мудохилаи баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки таҳти шиорҳои демократикунонии ҷомеа амалӣ мегашт, бо мухолифати шадиди дохилӣ дучор омад ва ин раванд моро ба ҷанги фалокатбори шаҳрвандии таҳмилӣ ва бародаркуш оварда расонд.

Бо мақсади устувор сохтани асосҳои истиқлолияти кишвар Конститутсияи давлати соҳибистиқлол, размҳои давлатӣ қабул гардида, фаъолияти ниҳодҳо ва мақомоти фалаҷгардида барқарор карда шуд, низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия, парлумони касбии дупалатагӣ барпо карда шуд, то қонуният, тартибот ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, яъне волояти қонун дар ҷомеа таъмин карда шавад. Ба шарофати он дар давлат қарорҳои муҳимми сиёсӣ ба тасвиб мерасиданд, ки барои пешрафти давлат, баланд намудани сатҳи қонунгузорӣ ва риояи қонун, таъмини амният ва бехатарӣ дар давлат ва ба рушди ниҳодҳои демократӣ мусоидат кард [6].

Дар натиҷаи чораҳои қабулгардидаи ҳукумати кишвар танҳо аз ибтидои солҳои 2000-ум вориди давраи рушд гардида, пешрафти босуботи иқтисод, беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ аз тариқӣ вусъат бахшидани корҳои созандагӣ ва амалӣ намудани навсозии умумии тамоми соҳаҳо таъмин гардид. Минбаъд тамоми захираҳо, имконот ва сайъу кӯшишро мо ҷиҳати амалисозии се ҳадафи стратегии миллӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, берунрафт аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ равона намудем» [14].

Дар фалсафаи иҷтимоии мо ба таҳқиқи масъалаи мазкур таҳқиқотҳои профессор С.Н. Наврӯзов бахшида шудаанд [13; 12]. Дар ин асарҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаи то чӣ андоза дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ меъёрҳои ахлоқии динӣ метавонанд ба унсури танзимкунандаи рафтори сиёсӣ табдил ёбанд, бахшида шудаанд.

Наврӯзов С.Н. масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки дар аксар маврид аҳзоби сиёсӣ ва нухбагони онҳо барои фиреб додани шуури ҷамъиятӣ аз арзишҳои ахлоқии динӣ барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ сӯиистифода менамоянд. Дар ин маврид муаллиф таъкид менамояд: «Дар он ки динро дастак зада, аз дигар соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти моддӣ боло мегузоранд, натанҳо руҳониён, балки як идда олимон ва ходимони сиёсии навбаромад айбдор ҳастанд. Чунин муносибати дӯстона ва навозишкорона ба он ҳамчун неруи асораткунандаи инсон бо созишкориҳои бепоён ва нобахшиданӣ бо вай ба он ҳолате, ки имрӯз мушоҳида мешавад – мухолифати комил меорад.

Дар ҳудуди муайян ин вазъ дар амал тоқатпазир аст, вале мантиқи бемаънии он ақлу зеҳнро ба озори ҳақиқӣ гирифтор месозад. Дар муносибат бо дин матбуоти даврии мо – давлатӣ ва мухолиф, ки доимо дурӯягӣ ва дурӯғи руҳониёни маддоҳро такрор менамоянд, ба дасти худ нуқсонҳои илоҳиётпарастонро ба бистари дунявият мекӯчонад» [12, с. 6-7].

Ба ақидаи С.Наврӯзов меъёрҳои ахлоқии дин бояд бо пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ тағйир намоянд ва танҳо дар ин ҳолат онҳо метавонанд нақши мусбӣ дар танзими ахлоқии рафтори сиёсӣ саҳм дошта бошанд: «Дин наметавонад таҳкурсии бунёдии мавҷудияти ҷомеа ва инсон бошад. На дин ҷомеа ва инсонро офарида аст, баръакс, онҳо динро ба вуҷуд овардаанд. Бояд динро ҳамчун яке аз соҳаҳои ҳаёти маънавӣ донист, чун он комилан тамоми дигар соҳаҳои ҳаёти маънавии инсонро иваз карда наметавонад. Аз ин ҷо, дин бояд мутобиқ ба тамоюлҳои рушди ҷомеа навсозӣ гардад, набояд аз болои он ҳамчун қонунгузори он бошад, ки гӯё рушди онро аз рӯйи пешнависи худ роҳбарӣ ва муайян менамояд. Вай наметавонад бо худ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро комилан пурра намояд» [12, с. 26].

Сарфи назар аз ақидаи аксари намояндагони афкори иҷтимоӣ-фалсафии тоҷик дар бораи он ки дар ҷаҳони муосир майлонҳои прагматизм боло мегиранд, боз ҳам зарур аст кӯшишҳои танзими рафтори инсон аз нигоҳи унсурҳо ва фишангҳои арзишӣ ва ақлонии дунявӣ аз мадди назар дур нагарданд. Ин дар аксар маврид бо равандҳои дар ҷаҳони муосир ва Тоҷикистон идомаёфта иртибот дорад, ки моҳияти онҳо аз таҳаввули асосҳои ҳаёти иҷтимоии муосир иборат аст.

Агар дар ҷараёни ин таҳаввулот мо бо арзишҳои ахлоқӣ ғанӣ гардонидани мазмун ва мақсади рафторҳои сиёсиро фаромӯш созем, пас возеҳ аст, ки ҷавонони мо аз муносибати бошуурона ба анъанаҳои миллӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор дур мегарданд. Зарурати эътибор гирифтани ин амр доимо дар баҳсҳои сиёсии ходимони сиёсӣ ва коршиносони масоили сиёсӣ таъкид мегардад, ки «Масоили устувор гардонидани асосҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва созандаи миллат, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ҳамеша дар сиёсати давлатҳо ва тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ мақоми асосӣ доранд ва барои ҳамин ҳам васоити ахбори умум, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар самти ҳалли ин масъалаҳо, қабл аз ҳама ҳимояи истиқлолият, ҳамчунин таҳаввули шуури миллӣ, боло бурдани сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои халқи тоҷик ва муаррифии арзандаи он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолияти худро вусъат бахшанд» [14].

Мисоли дар боло овардашуда собит месозад, ки ахлоқ ва ҳокимият якдигарро тақвият мебахшанд. Барои ҳамин дар бораи аҳаммияти ахлоқ барои нухбагон, қабл аз ҳама аз нигоҳи таъсиргузорӣ, бояд намунаи накӯкории ҳокимият нисбат ба пайравонашро зоҳир намуд. Амали накӯкорӣ сарчашмаи муҳимми неруи муросокоронаи сарварон ва ё қобилияти ба даст овардани интизориҳо аз пайравон бидуни истифодаи иқтидор ва маҷбурсозӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ахлоқ ба сифати афзори самаранок барои қавӣ сохтани иқтидор истифода мешавад. Дар қаринаи умедворӣ барои ба назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти субъектҳои сиёсӣ боз ҷанбаи дигар вуҷуд дорад, ки ба масъалаи талаботи пайравони онҳо алоқаманд аст. Пешсафӣ дар худ маънои тақассуми хислату сифатҳои пайравони пешвоҳо, табиати талаботу моҳияти онҳоро дорад, ки дар доираи онҳо амали мутақобила сурат мегирад.

Як иддаи ҷомеа дар мавриди мақоми худ фикр карда, қисми дигар ба масъалаи густариши фасодкорӣ ва ғайра таваҷҷуҳ дорад. Ин барои сарвароне, ки аз лиҳози равонӣ ниёз ба ҳокимият доранд, шароити мусоид фароҳам меорад. Маҳз барои ҳамин С. Наврӯзов ба таҳлили ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи имрӯзаи тоҷик аз ин мавқеъ муносибат намуда, таъкид менамояд, ки «Дар байни мо имрӯз танҳо лавандҳо дар бораи таназзули ватандӯстӣ ҳарф намезананд. Ҳукумат талаб дорад тарбияи ватандӯстӣ эҳё гардад. Барои тарбияи ватандӯстони ҷадид ғояву рамзҳои нав зарур аст, вале ғояву рамзҳои карахтшуда ин вазифаро бинобар моҳияти космополитикӣ доштанашон иҷро карда наметавонанд. Ҳатто худи диндорон наметавонанд рамзи зиндагии нав бошанд, зеро худи онҳо агар ҷисман дар асри XXI ҳузур дошта бошанд ҳам, аз лиҳози маънавӣ дар асрҳои VII-VIII қарор доранд. Метавон китоби дарсии ватандӯстиро таҳия намуд, вале барои он суханҳои боҳашамат, ғояҳо ва пандҳои афсурда лозим нестанд… Барои тарбияи ватандӯстони нав ғояву рамзҳои нав, ниҳодҳои нави иқтисодӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ мебояд.

Мақсаду қолабҳои куҳна, ки бар асоси онҳо тадбирҳои афсурдаи динӣ устувор буданд, дер боз зангзада шуда, имкони эҳёи онҳо вуҷуд надорад, зеро чӣ тавре дар боло таъкид гардид, вақтро наметавон эҳё намуд» [12, с.18-19]. Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки истифодаи дурусти арзишҳои динӣ бар нафъи давлату ҷомеа мебошад, чун «Истифодаи оқилона аз дини ислом метавонад монеаи вуруди арзишҳои бегона гардад. Имрӯз бисёрфарҳангии ғарбӣ ҷомеаҳои ғарбиро аз дохил ифрот гардонида истодааст ва дар он давлатҳое, ки арзишҳои динӣ эҳтиром карда мешаванд он ҷомеаҳо ба ин раванд бемамониат истодагарӣ мекунанд. Ҳамаи динҳои

классикӣ дар ҷанбаи ахлоқии худ бузург мебошанд ва мо метавонем аз арзишҳои олии дини ислом истифода карда, ҷомеаи худро аз ифротгароиҳои фарҳангҳои бегона ҳифз намоем» [5, с.130].

Ба ақидаи мо, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур зарур аст ба нақш ва мақоми муҳимтарин қонуни ҳаёти иҷтимоӣ, яъне таносуби диалектикаи объективӣ ва субъективӣ дар раванди таърихӣ таваҷҷуҳ намуд. Тавре маълум аст, дар ҳаёти иҷтимоӣ маъмулан омили объективӣ гуфта падидаҳо ва омилҳоеро дар назар доранд, ки берун аз ирода ва майлу рағбати одамон вуҷуд доранд ва омили субъективӣ бошад аз худи одамон, аз шуури онҳо, сатҳи маърифати фарҳангӣ, интизом, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Ба ақидаи аксари файласуфони ҷомеашинос дар ташаккул ва рушди ҳаёти ҷамъиятӣ асосан омилҳои объективӣ афзалият доранд, зеро дар ниҳоят маҳз онҳо сабабгори пайдоиш ва муайякунандаи омилҳо ва падидаҳои субъективӣ мебошанд.

Дар таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ дар бораи афзалияти омилҳои объективӣ бар субективӣ аз он хулоса мебароранд, ки ба таври мисол, одамон дар интихоби қувваҳои истеҳсолкунандаи даврони худ, ки бунёди тамоми таърихи онҳоро ташкил менамоянд, озод нестанд, зеро онҳоро аз наслҳои гузашта мерос гирифтаанд. Аммо онҳо метавонанд онҳоро бисёр самаранок истифода намоянд ва ё ҳатто он чӣ доранд аз даст диҳанд. Таърихи башарият борҳо собит сохтааст, ки дар шароити сатҳи муайяни рушди воситаҳои истеҳсолӣ метавон хуб ва ё бад зиндагӣ намуд. Ин ҳолат низ ба омили табиӣ тааллуқ дорад. Дар шароити яксони иқлимӣ ва табиӣ метавон дар сатҳи гуногун зиндагӣ намуд. Дар ин маврид ҳама аз омилҳои субъективӣ вобаста аст. Барои ҳамин одамон бояд имкониятҳои омили объективиро ба инобат гирифта, мутобиқ ба онҳо ва мувофиқ ба имкониятҳову анъана, расму одат, вижагиҳои равонӣ ва ғайра амал намуд.

Ба ин нигоҳ накарда, нақши омили субъективӣ дар танзими фаъолияти сиёсиро наметавон аз меъёр камтар донист, зеро дар асри ХХ нақши омили субъективӣ якбора боло рафт. Тамоми неруҳои иҷтимоии ҷомеа – табақаҳо, гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо иҷтимоӣ ва ашхоси алоҳида дар муайян намудани сарнавишти таърихии худ фаъолона саҳм мегиранд. Онҳо неъматҳои моддиро меофаранд, самтҳои сиёсатро муайян мекунанд, ҳизбҳои мухталифи сиёсӣ, созмонҳо ва иттиҳодияҳои варзишкоронро ташкил менамоянд, ки дар моҳияти худ миллионҳо одамонро мутобиқ ба робитаҳои мавҷудаи хунӣ ва қавмӣ, бар асоси манфиатҳои касбӣ ва ғайра муттаҳид менамоянд.

Гоҳо чунин тасаввур пайдо мешавад, ки гӯё иродаи инсон аз шароитҳои объективӣ қавитар буда, таърих хислати субъективӣ-иродапастӣ мегирад ва ҳамаро мутобиқ ба майлу хоҳиши худ метавон тағйир дод. Дар баъзе мавридҳо сайъ менамоянд ҳамаро аз байн бурда, ба асли гузашта баргарданд. Ҳамзамон ҳамаро фаромӯш месозанд, ки таърих такроршавии мутлақро намепазирад, ба замонҳои гузашта натанҳо фақат барои он ки шароитҳои объективӣ тағйир ёфтаанд, балки барои он ки шароитҳои субъективӣ якбора дигаргун гаштаанд ва баргаштан имконнопазир аст. Насли ҷавон ҳеҷ гоҳ аз арзишҳои ба даст овардаи худ, аз қувваҳои истеҳсолкунанда, аз ҳузуру ҳаловати зиндагӣ ва дигар ҷанбаҳои мусбати аз насли гузашта мерос гирифтааш даст нахоҳад кашид. Равон, тарзи зиндагӣ ва арзишҳою манфиати онҳо дигар аст.

Иҷборан ҳам метавон арзишҳоро ба сари мардум бор намуд, вале танҳо муваққатӣ, зеро барои одамон андеша дар бораи зарурати такрор намудани роҳи тайгашта, шояд маънои фоҷиаро дошта, наметавон аз болои мантиқи таърихӣ зӯроварӣ намуд ва раванди пешравии афзояндаи объективии онро боз дошт. Дар ин иртибот Людвиг Гумплович дуруст таъкид менамояд, ки «Сиёсати муваффақ бояд ба муносибатҳои таърихан ташаккулёфта эътибор диҳад, зеро танҳо чизе ки таърихан ташаккул ёфта аст, воқеӣ мебошад. Маҳсули фармон, ки бо эъломия дар ҳаёт татбиқ гардида аст, бояд дар амал мубориза бо воқеиятро паси сар намуда, пас аз ин ҳукуқи мавҷудиятро пайдо мекунад ва устувор мегардад. Маҳсули назария танҳо дар он ҷойе реша мегирад, ки бо муносибатҳои мавҷуда мутобиқ гардида, дар он ҷо ба қонуни неруманди мутобиқшавӣ, ки аз болои тамоми табиат, аз ҷумла аз болои олами иҷтимоӣ ҳукмрон аст, тавон медиҳад. Агар вай қобилияти мутобиқшавӣ надошта бошад, пас аз тарафи қувваҳои заминӣ, ки раванди рушди иҷтимоиро роҳбарӣ менамоянд, аз ҳаёт берун карда мешавад» [2, с. 97].

Ҳамин тариқ, рушди ҷомеаҳои инсонӣ бар асоси афзалияти меъёрҳои ахлоқӣ дар танзими фаъолияти одамон, аз ҷумла сиёсӣ, яке аз мақсадҳои олии даркгардидаи инсон мебошад. Ҷустуҷӯйи роҳҳои расидан ба ин мақсад бошад ҳамеша аз шароитҳои мушаххаси таърихии фаъолияти онҳо вобаста мебошад.

Адабиёт

1. Апресян, Р.Г. Идея морали и базовые нормативно-этические программы / Р.Г. Апресян. – М.: ИФРАН, 1995. – 353 с.
2. Гумплович, Л. Общее учение о государстве / Л.Гумплович. – СПб.: Т-ва «Общественная польза», 1910. – 516 с.
3. Гусейнов, А.А. Мораль и политика: уроки Аристотеля / А.А. Гусейнов // Философия. Политика. Культура. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 298 с.
4. Гусейнов, А.А. Философия, мораль, политика / А.А. Гусейнов. – М.: Академкнига, 2002. – 300 с.
5. Захруддинов, И.З. Влияние процессов глобализации на культурно-нравственные ценности в традиционных обществах / И.З. Захруддинов, З.К. Зубайдов // Proceedings of the 4th International Scientific and Practical Conference «Modern Directions and Movements in Science» (June 16-18, 2024) (бо забони тоҷикӣ). – Luxembourg: Grand Duchy of Luxembourg. – 2024. – С. 124-132.
6. Заҳруддинов, И.З. Хусусиятҳои ташаккули истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир / И.З. Заҳруддинов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АИ ҶТ. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 88-94.
7. Зувайдуллозода, М.Х. Моральная регуляция политической деятельности в трансформирующихся обществах (социально-философский анализ): Монография / М.Х. Зувайдуллозода. – Душанбе: Садои қалб, 2021. – 147 с.
8. Зувайдуллозода, М.Ҳ. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии даврони муосир / М.Ҳ. Зувайдуллозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 1 (13). – С. 219-228.
9. Идиев, Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ / Х.У. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2016. – 120 с.
10. Идиев, Х.У. Традиция и новация в контексте изменения общественной жизни Таджикистана / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 200 с.
11. Мораль в современном мире и проблемы российской этики. Материалы конференции – «круглого стола» // Вопросы философии. – 2017. – № 10. – С. 5-46.
12. Наврузов, С. Духовенство и потребительство / С.Наврузов. – Душанбе: ООО «Мастер-принт», 2014. – 48 с.
13. Наврузов, С. Потребительство (Социально-психологические проблемы) / С.Наврузов. – Душанбе: ООО «Мастер-принт», 2014. – 246 с.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22.12.2016 [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj /node/13739 (санаи мурочиат: 05.07.2025).
15. Шапиро, И. Моральные основания политики / И. Шапиро. – М.: КДУ, 2004. – 296 с.

ТАҒЙИРЁБИИ РӮЙКАРДҲОИ ИЛМӢ БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФӢ

Дар мақола робитаи тарафайни меъёрияти ахлоқӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар доираи мақолаи мазкур ду дидгоҳ таҳлил карда мешавад, ки яке меъёрҳои ахлоқиро дар ҳаёти сиёсӣ роиҷ дониста, онҳоро бо хусусиятҳои сиёсат созгор медонад ва дидгоҳи дигар мустақилияти меъёрияти сиёсиро дар нисбати ахлоқ дастгирӣ мекунад. Муаллиф назари робитаи тарафайни меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсиро дар фаъолиятҳои ҷамъиятӣ муносиб медонад.

Дарки масъалаи нақш ва мақоми меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии муосир, махсусан дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии имрӯзаи кишварҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон аҳаммияти калон пайдо намуда, доираи васеи омӯзиши манофеи муҳаққиқонро фаро мегирад. Ин масъала қабл аз ҳама бо дарки мушкилоти гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигар, бахусус дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд буда, дар натиҷа муайянкуниҳои арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор ҳамкорӣ ва муносибатҳои байни субъектҳои ҳаёти иҷтимоӣ низ тағйир меёбанд. Имрӯз назар ба муносибати ахлоқ ва сиёсат дар ҷомеаҳо дигаргун шуда, таҳлил ва баҳогузории навро талаб мекунад. Рушди арзишҳои ахлоқӣ барои баланд намудани сатҳи фарҳангӣ дар давлат, муаррифии он дар сатҳи ҷаҳон ва мавқеъгирии он дар зинаҳои рушди тамаддуни инсонӣ мусоидат мекунад.

Дар мақола андешаҳои муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ гашта, арзишҳои ба монанди озодӣ, истиқлол ва амсоли онҳо баррасӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, татбиқи арзишҳои ахлоқӣ дар соҳаи сиёсӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба баланд шудани фарҳангу сатҳи ахлоқии ҷомеа мусоидат менамояд. Аз дигар тараф, боркунии арзишҳои дигар, аз қабили динӣ аз тарафи намояндагони дин на ҳама вақт барои пешрафти суботи ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

Калидвожаҳо: ахлоқ, сиёсат, ҳокимият, арзиш, дин, муносибат, давлат, фаъолияти сиёсӣ, озодӣ, истиқлолият, манфиат, мақсад, сиёсишавии ахлоқ, субъективӣ ва объективӣ.

ИЗМЕНЕНИЕ НАУЧНЫХ ПОДХОДОВ К ПРОБЛЕМЕ МОРАЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ

Дар мақолаи мазкур сухан дар хусуси низоми идоракунии иҷтимоӣ пас аз фурупошии империяи Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта, ба назари муаллиф Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Муаллифи мақола муътақид аст, ки он тағйироте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй дод аз дигар кишварҳо фарқ дошта, на фақат ба фурупошии якбораи низоми Шуравӣ ва гузариш аз сохти сотсиалистӣ ба сармоядорӣ, балки ба дигар омилҳо, аз ҷумла ба паст будани сатҳи худшиносии миллӣ дар ҷомеа, тақсим шудани аҳолӣ ба гурӯҳҳо, маҳалҳо, пайравии кӯр-кӯрона ба дин, дар ниҳоят ба ҷанги шаҳрвандӣ низ вобастагии зиёд дорад. Муаллиф назару андешаҳои олимону донишмандонро дар хусуси тағйироти низоми идоракунии ҷомеа пас аз фурупошии Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда, новобаста ба низоъу ҷанги

шарҳвандӣ 3 дастоварди асосии он даврараро таъкид намудааст: 1) Баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ соли 1992 дар қасри Арбоб ва гузоштани аввалин хиштҳои низоми нави ҷомеадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2) Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ва муқаррар намудани пояҳои давлатдорӣ ба таври расмию қонунӣ ва 3) ба имзо расонидани истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар соли 1997.

Калидвожаҳо: ҷомеа, низоми идоракунӣ, Шуравӣ, пасошуравӣ, давлат, ҳукумат, ҷанг, сулҳ, ваҳдати миллӣ, капитализм, сотсиализм.

ЭВОЛЮЦИЯ СИСТЕМЫ СОЦИАЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ В ПОСТСОВЕТСКИЙ ПЕРИОД И ВО ВРЕМЯ НАВЯЗАННОЙ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается система социального управления в Республике Таджикистан после распада Советской империи. По мнению автора, Республика Таджикистан, как и другие бывшие советские республики, претерпела фундаментальные изменения. Автор статьи считает, что произошедшие в Республике Таджикистан изменения отличаются от изменений в других странах и во многом обусловлены не только внезапным распадом советской системы и переходом от социалистической к капиталистической, но и другими факторами, включая низкий уровень национального самосознания в обществе, разделение населения на группы, местничество, слепое следование религии и, в конечном счете, гражданскую войну. Автор рассматривает взгляды и мнения ученых об изменениях в системе государственного управления в Республике Таджикистан после распада Советского Союза и, несмотря на конфликты и войны, выделяет 3 главных достижения того периода: 1) проведение XVI сессии Верховного Совета в 1992 году во дворце Арбоб и первые шаги к новой системе государственного управления в Республике Таджикистан; 2) принятие Конституции Республики Таджикистан в 1994 году путем общенационального референдума и формальное и правовое заложение основ государственности; и 3) подписание Договора о мире и национальном единстве в 1997 году.

Ключевые слова: общество, система управления, советский, постсоветский, государство, правительство, война, мир, национальное единство, капитализм, социализм.

THE EVOLUTION OF THE SOCIAL GOVERNANCE SYSTEM IN THE POST-SOVIET PERIOD AND DURING THE IMPOSED CIVIL WAR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the social governance system in the Republic of Tajikistan after the collapse of the Soviet Empire. The author argues that Tajikistan, like other former Soviet republics, has undergone fundamental changes. The changes that occurred in Tajikistan differ from those in other countries and are largely due not only to the sudden collapse of the Soviet system and the transition from socialism to capitalism, but also to other factors, including a low level of national consciousness in society, division of the population into groups, localism, blind adherence to religion, and, ultimately, civil war. The author examines the views and opinions of scholars on changes in the public administration system in Tajikistan after the collapse of the Soviet Union and, despite conflicts and wars, highlights three main achievements of that period: 1) the holding of the 16th session of the Supreme Council in 1992 in the Arbob Palace and the first steps toward a new system of public administration in the Republic of Tajikistan; 2) the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan in 1994 through a national referendum and the formal and legal establishment of the foundations of statehood; and 3) the signing of the Treaty on Peace and National Unity in 1997.

Keywords: society, governance system, Soviet, post-Soviet, state, government, war, peace, national unity, capitalism, socialism.

Дар бораи муаллиф
Муродзода Илҳомҷон Давлат
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121

Об авторе
Муродзода Илхомджон Давлат
кандидат философских наук, доцент кафедры философии культуры
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни.
Адрес:, 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121

About the author
Murodzoda Ilhomjon Davlat
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy of Culture
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe 734003, Republic of Tajikistan.

ТДУ 7 (091) (575.3) (47+57)

ДУРНАМОИ РОБИТАҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ ФАРҲАНГИ ГЛОБАЛӢ ВА МИЛЛӢ ДАР ҶОМЕАҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТИЮ ТЕХНОЛОГӢ

Давлатзода Ф. Ф., Хоҷаева М. С.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонба номи Абуалӣ ибни Сино

Дар замони муосир на танҳо масъалаи дарк кардани омилҳо ва сабабҳои иҷтимоии глобализатсияи фарҳангӣ ё худ таъсири мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ ва фарҳанги глобалӣ ба ҳувияти фарҳангии миллатҳо ва ҳаёти иҷтимоии онҳо, балки инчунин муайяну мушаххас сохтани дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии ин навъи фарҳангҳо мубрам мегардад. Бо равшан сохтани ин дурнамо имкон муҳайё мегардад, ки таваккалҳое (рискҳое), ки метавонанд дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии миллат пайдо шаванд, пешгирӣ карда шаванд ва аз дигар тараф, имкониятҳое, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва мубодилаҳои фарҳангӣ ба даст меоянд, барои тақвият ва ҳифзи фарҳанги миллӣ аз таъсирҳои номатлуби фарҳанги глобалӣ истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, дар бораи дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангӣ иттилои илман асоснок пайдо намуда, метавон стратегияҳои рушди устувори фарҳанги миллиро барои даврaҳои миёнамуҳлат ва даромуҳлат таҳия ва амалӣ намуд.

Дар бораи дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги глобалӣ ва миллӣ дар ҷомеаҳои муосири иттилоотию технологӣ сухан ронда, бояд, қабл аз ҳама, вазъ ва паёмадҳои бархӯрди тамаддунҳо ё баръакс, муколамаи тамаддунҳо ҳамчун назарияҳои иҷтимоӣ дар ин самт равшан карда шавад, то эҳтимолияти боло гирифтани кадоме аз ин шаклҳои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангҳо дар ҷомеаи муосири инсонӣ возеҳ гардад. Вобаста ба ин нуқтаи назари ду донишманди ғарбӣ – А. Тойнби ва С. Хантигтонро дар бораи бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири онро ба дурнамои робитаҳои фарҳанги миллӣ ва глобалӣ баррасӣ мекунем.

Андешаҳои худро оид ба тамаддун дар маҷмуъ баён намуда, А. Тойнби таъкид мекунад, ки таърихи инсоният аз пайдоиш ва рушди тамаддунҳое иборат аст, ки бо ҳамдигар чандон робитаи устувор надоранд. Ин тамаддунҳо пайдо шудаанд, рушд кардаанд ва баъзеҳо аз миён рафтаанд. Аз ин рӯ, барои муҳаққиқон бештар назарияи ӯ дар бораи тамаддунҳои локалӣ ҷолиб шумурда мешавад. Тибқи ин назария зиёда аз бист тамаддун дар таърихи башарият зуҳур кардаанд, ки як қатори онҳо то кунун ҳам арзи ҳастӣ доранд: тамаддуни ғарбӣ, русӣ, эронӣ (фарҳанги тоҷик ҷузъи он аст), хитоӣ, арабӣ, ҳиндӣ, номадӣ (тамаддуни кӯчманчиён) ва ғайра.

А. Тойнби навъҳои гуногуни фарҳанг ва тамаддунҳоро ҷудо карда, на танҳо робита надоштани онҳоро байни ҳамдигар, балки мухолифати аксари онҳоро дар даврони муосир бо тамаддуни ғарбӣ таъкид мекунад: «Агарчи мардумони олам аз ҳамдигар бо ранги пӯст, забон, дин ва сатҳи тамаддуниашон фарқ дошта бошанд ҳам, ба саволи муҳаққиқи ғарбӣ дар бораи муносибаташон ба Ғарб ҳамаи онҳо – русҳо ва мусулмонон, ҳиндуёну хитоиҳо, японҳо ва дигарон якхела ҷавоб мегӯянд. Ғарб, мегӯянд онҳо, ин таҷовузгари шадиди даврони муосир аст ва ҳар яке аз онҳо мисоли худро дар бораи таҷовузкории ғарбӣ дорад» [7, с. 436].

Дар асарҳои А. Тойнби инчунин муколамаи фарҳангии Ғарбу Шарқ мақоми махсус дорад. Ӯ, аз ҷумла, робитаҳои фарҳангии Ғарбро бо Россия, олами исломӣ, Ҳиндустон, Шарқи Дур ва амсоли он таҳлил кардааст. Хулосаи асосии ин мутафаккир дар ин самт ҳамин аст, ки халқҳои дигар бояд тарзи ҳаёти ғарбиро на ҷузъан, балки комилан қабул намоянд. Ӯ ин масъаларо дар мисоли Туркияи даврони Камол Отатурк, ки бо роҳи вестернизатсия, ғарбикунонӣ рафта буд, исбот мекунад ва чунин таъкид медорад: «Бо ҳамин сабаб ҳар як ҷомеа, ки кӯшиш мекунад санъати ҳарбии ҷомеаи дигарро омӯзад, тарзи ҳаёти бегонаро дар кул қабул накарда, муваффақ намешавад; баръакс, ҳар як афсари рус, турк ва ҳар як ғайриғарбӣ метавонад маҳоратҳои ин касбро дар сатҳи ғарбиён танҳо дар ҳолате аз худ кунад, ки агар малакаҳои тамаддуни ғарбиро низ аз худ кунад, ки онҳоро дар ягон китоби дарсӣ ё ягон майдончаи ҳарбӣ пайдо карда намешавад»[7, с. 448].

Дар маҷмуъ, таҳлили таълимоти А. Тойнби нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо моҳияти фарҳанг ва тамаддунро кушодааст, балки ихтилофҳои миёни онҳоро низ нишон додааст. Аз ин рӯ, ӯ яке аз фаслҳои асари худ «Тамаддун дар рӯ ба рӯи маҳкамаи таърих»-ро ба бархӯрди тамаддунҳо бахшидааст. Аз назари ин файласуф таърихи асри ХХ ин таърихи робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги ғарбӣ бо фарҳангҳои миллии халқҳои дигар будааст, аммо дар ин раванд халқу миллатҳои ғайриғарбӣ қурбонӣ будаанд, ки ба ҷаҳонбинӣ, рафтору кирдор, дину эътиқоди онҳо фарҳанги мазкур таъсири манфӣ расонидааст. Ба иборaи дигар, асри ХХ асри бархӯрди шадиди тамаддунҳо будааст ва минбаъд низ идома хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, дурнамои робитаҳои фарҳанги

глобалӣ ва фарҳанги миллӣ низ аз чӣ тавр сурат гирифтани ин бархӯрд миёни Ғарбу Шарқ вобаста аст.

Сотсиолог ва сиёсатшиноси дигар С. Хантингтон (1927-2008) аз ИМА мавзуи бархӯрди тамаддунҳоро ба таври васеътар кушодааст. Ин олим дар ҷаҳони илму сиёсат маҳз бо назарияи худ дар бораи бархӯрди тамаддунҳо машҳур гаштааст. Ин масъаларо ӯ даставвал дар як мақолаи худ «Муборизаи тамаддунҳо» (соли 1993) ва баъдан дар асари машҳураш «Бархӯрди тамаддунҳо ва таҳаввули тартиботи ҷаҳонӣ» (1996) бардоштааст.

Дар асари мазкури худ С. Хантингтон мавҷудияти чунин тамаддунҳоро дар замони муосир таъкид мекунад: синӣ (Чин ва кишварҳои атрофи он), японӣ, ҳиндуистӣ, исломӣ (фарҳанги тоҷикро низ ҷузъи он шумурдаанд), православӣ, ғарбӣ, амрикой-лотинӣ ва африқой (имконпазир). Ин тамаддунҳо агарчи бо ҳамдигар робита дошта бошанд ҳам, ояндаи ҷаҳонро маҳз бархӯрди онҳо ташкил медиҳад, на муборизаҳои иқтисодию сиёсӣ. С. Хантингтон ин бархӯрдҳоро дар сатҳи маҳаллию минтақавӣ, дар шакли ихтилофу низоъҳои гуногун тавсиф намуда, сабабҳои онҳоро дар кибру ғурури Ғарб, таҳаммулнопазир будани ислом ва худбоварии синӣ мебинад: «Дар олами бавуҷудоянда муносибатҳо миёни кишварҳо ва гурӯҳҳо аз тамаддунҳои гуногун зич нахоҳанд буд, балки аксаран антагонистӣ хоҳанд буд. Вале баъзе муносибатҳои байнитамаддунӣ нисбат ба баъзеи дигарашон бештар ба низоъҳо меоранд. Дар микросатҳ хатти таркиши бештари пуршиддат байни ислом ва ҳамсояҳои православӣ, ҳиндуистӣ, африқой ва масеҳӣ-ғарбии он мегузарад. Дар макросатҳ тақсимшавии асосӣ ин «Ғарб ва дигарон» буда, низоъҳои бераҳмона байни кишварҳои исломӣ ва осиёӣ, аз як тараф ва Ғарб, аз тарафи дигар, сурат мегиранд. Аз ҳама бархӯрдҳои хавфноктарин яқинан бо сабаби мутакаббирии Ғарб, таҳаммулнопазирии ислом ва худбоварии синӣ ба вуқуъ мепайванданд»[8, с. 281].

Албатта душвор аст, ки дар бораи дар кадом сатҳ паямбарона будани ин пешгӯиҳои С. Хантингтон оид ба бархӯрди тамаддунҳо қазоват намуд. Аммо аз ҳама муҳим он аст, ки воқеан ҳам мушкилоти робитаҳои фарҳангӣ миёни Ғарбу Шарқ, байни фарҳангҳои миллию глобалӣ имрӯз вуҷуд доранд, ки бояд ҳаллу фасл карда шаванд. Дар ин кор ба фарҳанг ва унсурҳои асосии он, чунонки С. Хантингтон онҳоро қайд намудааст, яъне аломатҳои муттаҳидкунандаи динию забонӣ ва арзишҳои миллии ҳар як халқу миллат боэҳтиромона бояд муносибат кард ва дар дурнамои ҳалли ин мушкилот ба ҷойи идея дар бораи бархӯрди тамаддунҳо, аз диди мо, бояд ғояи муколамаи фарҳангҳоро аз мавқеъи баробарӣ масъалаи мубрами рӯз намуд.

Аз ҷониби дигар, дурнамои робитаҳои фарҳанги миллӣ ва фарҳанги глобалӣ, ба андешаи мо, аз тартиботи глобалӣ дар ҷаҳон вобаста хоҳад буд, яъне ҷаҳон дар ояндаи наздик яккақутбӣ мешавад, ё дуқутбӣ ё бисёрқутбӣ метавонад равандҳои фарҳангиро низ муайян созад. Дар ин ҷо асосан соҳиб гаштани кадом давлатҳои абарқудрат ба бартарият дар соҳаҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар назар дошта мешавад. Тавре, ки маълум аст, баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ то пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷаҳон дуқутбӣ – ИМА, аз як тараф ва Иттиҳоди Шуравӣ, аз дигар тараф, ба равандҳои фарҳангӣ таъсиргузор буд. Аммо ибтидо аз соли 1991 ва суръат гирифтани равандҳои глобализатсия дар ҷаҳон яккақутбӣ ҳукмфармо гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷаҳони яккақутбӣ идеологияи либерализм (таълимоте, ки дар он озодӣ муҳимтарин неъмати инсон ҳисобида мешавад), фардгароӣ ё индивидуализм (тамаркузи инсон ба ҳадафу манфиатҳои шахсии худ) ҳукмрон буда, равандҳои фарҳангӣ низ дар асоси ҳамин гуна тасаввурот ба роҳ монда шуда истодааст. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, либерализм ва индивидуализм ба пайдошавии фарҳанги эгоистӣ оварда расониданд, ки фарҳанги глобалӣ ҳам чунин хусусиятҳоро дорад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ки мо ҳам онҳоро асосан қабул дорем, барои ҳифзи фарҳанги миллӣ аз фарҳанги глобалӣ бояд, ки аввалан фарҳанги эгоистӣ ба фарҳанги ҳамкорӣ - “системаи муттаҳидсози фардҳо, умумиятҳои хурду бузург барои амалисозии манфиатҳои умумӣ дар самти худҳифзкунӣ ва худрушддиҳӣ» [4, с. 7] иваз карда шавад ва сониян, аз ҷаҳони яккақутбӣ даст кашида шавад. Қобили зикр аст, ки муҳаққиқони россиягӣ ҷанги Россия ва Украинаро оғози муборизаи барои даст кашидан аз яккақутбӣ медонанд: “Ҷаҳони яккақутбӣ бояд ба бисёрқутбӣ иваз карда шуда, дар он ҳар як кишвар имконият пайдо кунад, ки манфиатҳои худро тавассути ҳамкориҳои барои ҳамдигар муфиди иқтисодӣ ва фарҳангӣ бе кӯшиши тобеъ сохтани ҳамкорон ба худ таъмин созад» [4, с. 12].

Тавре, ки мебинем, ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳамкориҳои барои тарафайн муфиди фарҳанги миллӣ ва глобалиро пешбинӣ мекунад. Аммо, ба ақидаи мо, дар марҳалаҳои таърихии наздик ва ё каме дуртар дар самти бунёди ҷаҳони бисёрқутбӣ кадом равандҳо зуҳур мекунанд ва чӣ натиҷаҳо ба даст меоянд, маълум нест. Аз ин рӯ, дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги глобалӣ ва миллӣ дар ҷомеаҳои муосири иттилоотию технологӣ вобаста ба раванди ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ пешгӯинашаванда боқӣ мемонад.

Дар баробари ин бояд ёдовар шуд, ки дар муқобили назарияи ҷаҳони бисёрқутбӣ баъзе муҳаққиқон идеяҳои дигарро оид ба тартиботи ҷаҳонӣ пешниҳод намудаанд, ки миёни онҳо беш аз ҳама идея дар бораи ҷаҳони мултиплексӣ ҷолиб мебошад. Тавре, ки бунёдгузори ин идея олими ҳиндутабори амрикоӣ Амитав Ачария пешгӯӣ мекунад, бо сабаби боло рафтани нақши Ҷануби Глобалӣ, минбаъд ҷаҳон на ба қутбҳо тақсим мешавад, балки ба ҳолати мултиплексӣ меояд, ки чунин маънӣ дорад: "Ҷаҳони мултиплексӣ ин ҷаҳони плюралистиест, ки дар худ аломатҳои ҳам Ғарб ва ҳам қисмати боқимондаи ҷаҳонро, Шимолу Ҷанубро дар худ муттаҳид месозад. Аммо хусусияти калидии мултиплексият он аст, ки дар он ҳукмронии глобалии ИМА ё Британияи Кабир, ки то ин дам буд, вуҷуд надорад. Шумораи зиёди идеяҳо, ҳувиятҳо ва фарҳангҳо вуҷуд доранд, лекин милатҳо тавассути вобастагиҳояшон аз ҳамдигар алоқа доранд, ки онҳоро робитаҳои иқтисодӣ ва осебпазирӣ дар назди хатарҳои фаромиллӣ, чун тағйироти иқлим ташаккул додаанд. Дар ҷаҳони мултиплексӣ нусхабардории бевоситаи идеяҳо ё ниҳодҳои ғарбӣ аз ҷониби кишварҳои Ҷануби Глобалӣ вуҷуд надорад... Ҳамаи ин ба Ҷануби Глобалӣ озодии амал медиҳад ва кӯмак мекунад, ки тақсимшавиро ба Шимол - Ҷануб рафъ карда, аз "бархӯрди тамаддунҳо" пешгирӣ намояд» [10, с. 704].

Тавре, ки мушоҳида мегардад, ташаккули ҷаҳони мултиплексӣ ин берун рафтан аз назорати абарқудратҳо, як роҳи пешгирӣ аз бархӯрди тамаддунҳо ва мутаносибан, аз таъсири манфии фарҳанги глобалӣ ба фарҳанги миллӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ, баъзе муҳаққиқони тоҷик низ идеяро дар бораи ҷаҳони мултиплексӣ воқеъбинона дастгирӣ карда, бо мақсади ҳифзи фарҳанги миллӣ аз равандҳои глобализатсияи фарҳангӣ ба он ғояро дар бораи "ҷомеаи мултиидеявӣ" илова намудаанд. Аз нигоҳи муҳаққиқи тоҷик Х.М. Зиёӣ ҷаҳони мултиплексӣ имкон медиҳад, ки ҳар як ҷомеа аз бисёрвариантии мавҷудбуда дар фарҳанг мустақилона ин ё он унсури онро интихоб кунад. Дар "ҷомеаи мултиидеявӣ" бошад, "ягон консепсия дар бораи режими идоракунӣ, шакли моликият ва фаъолияти иқтисодӣ-хоҷагидорӣ наметавонад бартариятдошта ҳисоб шавад, дар соҳаи фарҳанг бошад, ба интихоби бисёрвариантӣ аз ҷониби ҳар як аъзои коллективӣ ва фардии ҷомеа иҷозат дода мешавад»[2, с. 88]. Ҳамзамон, муҳаққиқи мазкур дурнамои хушбинонаи муносибати фарҳанги миллӣ ва глобалиро дар принсипи таҳаммулпазиронаи «ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳо" дар шароити ҷаҳони мултиплексӣ ва ҷомеаи мултиидеявӣ дидааст, ки мо ҳам онро комилан ҷонибдорӣ мекунем.

Чунонки Амитав Ачария қайд мекунад, ҷаҳони мултиплексӣ аллакай ташаккул ёфтааст ва ин раванд минбаъд ҳам идома меёбад. Аммо то кадом андоза ин ба ҳақиқату воқеияти иҷтимоӣ мувофиқат дорад ва дар кадом сатҳ он ба робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангҳои миллию глобалӣ таъсир мерасонад, мушаххас нест. Бо ҳамин сабаб, аз диди мо, дурнамои робитаҳои ин ду фарҳанги болозикр вобаста ба ташакули ҷаҳони мултиплексӣ далелҳои мушаххас ва таҳқиқоти иловагиро тақозо мекунад.

Шумораи сенарияҳои дурнамои робитаҳои фарҳанги миллӣ ва глобалӣ, ки аз нуқтаи назари консепсия ва таълимоти гуногун дода шудаанд, хеле зиёд аст. Аз ҷумла, дар асоси "назарияи вобастагӣ" (теория зависимости), "рушди номустақилона", ки сотсиолог, сиёсатшинос ва иқтисоддони олмонӣ Андре Гундер Франк пешниҳод намудааст, "ҷаҳони сеюм", ки маҳз дар ҳамин фазо фарҳангҳои миллӣ устуворанд, ғайримустақил мебошад. Ба он кишварҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ дохил мешаванд. Дар нисбати миллату ҷомеаҳои ин қитъаҳо назарияи вобастагӣ ба чунин қоида такя мекунад, ки "қафомондагӣ ва камбағалии кишварҳои рӯ ба инкишоф аз вобастагии онҳо (аз ҳамин ҷо номи назария гирифта шудааст) аз кишварҳои рушдёфтаи капиталистӣ – ИМА, Аврупои Ғарбӣ ва Япония, истисмори онҳо аз ҷониби ин кишварҳо бармеояд" [5, с. 53].

Аз муқаррароти асосии назарияи вобастагии А. Франк бармеояд, ки маҳз кишварҳои мушаххаси зикршуда ба равандаҳои глобалӣ таъсиргузоранд, ки метавонад дар даҳсолаҳои наздик ин вазъ тағйир пазирад. Ба ибораи дигар, ҷаҳони сеюм ва аллакай ин зуҳур карда истодааст, метавонад ба вобастагӣ ба давлатҳои дигар, чун Хитой, аъзои БРИКС ва ғайра гузарад. Дар чунин шароит, ба андешаи мо, равандҳои глобалӣ дар фарҳанг ба таври дигар сурат гирифта, метавонанд дар дурнамои наздику дур сабукиҳоеро дар таъсири фарҳанги глобалӣ ба фарҳанги миллӣ ба бор оранд, зеро Хитой ва кишварҳои дигари зикршуда асосан ба манфиатҳои иқтисодӣ аҳаммият медиҳанд, на идеологию фарҳангӣ. Дар ҳар сурат ба ҳисоб гирифтани ин варианти ҷараён гирифтани глобализатсияи фарҳангӣ низ дар сиёсати фарҳангии давлатҳои миллӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Арзёбиҳои болозикри дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги миллӣ ва фарҳанги глобалӣ хусусияти сирф назариявӣ доранд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои мушаххастар намудани ин раванд бояд як қатор масъалаҳои амалӣ низ дар ин самт баррасӣ карда шаванд. Оид ба ин мавзуъ бояд ба ду масъалаи муҳим, аввалан, дурнамои худи раванди глобализатсия, аз

ҷумла глобализатсияи фарҳангӣ чӣ гуна хоҳад буд ва дуюм, ояндаи худи фарҳанг ҳамчун падидаи иҷтимоӣ чӣ гуна тасаввур карда мешавад, равшанӣ андохта шавад.

Оид ба глобализатсия дар оянда сухан гуфта, муҳаққиқон андешаҳои гуногунро баён кардаанд, вале ҳама дар як ақидаанд, ки он ҳамчун далел боқӣ мемонад, агарчи самтҳои амалишавии он метавонанд гуногун бошанд. Як гурӯҳ чунин ақида доранд, ки бо сабаби идома ёфтани рушди техникаву технология, рақамикунонии ҳамаи самтҳои фаъолияти инсонӣ минбаъд равандҳои глобализатсионӣ боз ҳам тақвият меёбанд. Баъзе муҳаққиқон дар чунин андешаанд, ки бо сабаби пайдо шудани иттиҳодия ё блокҳои гуногун байни кишварҳо глобализатсия низ метавонад фрагментатсия шавад, ки боиси пайдошавии иттиҳодияҳое мешавад, ки ҳар яке арзишҳои хоси худро дорад. Сеюмиҳо бар чунин фикранд, ки глобализатсия шакли гибридиро гирифта, метавонад унсурҳои интегратсия ва фрагментатсияро дар худ фаро гирад. Дар ҳар шакле набошад, глобализатсия бо ҳама ҷанбаҳои мусбату манфиаш дар оянда низ боқӣ мемонад.

Дар шароите, ки глобализатсия, аз ҷумла, глобализатсияи фарҳангӣ ҳатман дар ин ё он шакл дар оянда боқӣ мемонад, дурнамои худи фарҳанг низ аз чунин равандҳо вобаста мешавад. Дар чунин шароит ду шакли рушди фарҳанг имконпазир аст: фарҳанги глобалии пурра ғарбишуда ва фарҳанги миллие, ки дар муқовимат бо он рушд мекунад. Дар шакли аввал субъекти фарҳанг равандҳои глобализатсионӣ буда, ба истибдодгар шабоҳат дорад: “Масъала дар он аст, ки равандҳои иттилоотӣ-технологие, ки аз нигоҳи технократӣ фаҳмида шудаанд, дар даврони глобализатсия ҳамчун “субъект-истибдодгар” баромад мекунанд, ки стандартҳои навӣ байналмилалии қотеъонаро ташаккул дода, ҳама меъёрҳои тафаккур ва фаъолиятро унификатсия мекунанд ва онҳоро ҳама субъектҳо бояд қабул кунанд – кишварҳо, минтақаҳо, миллатҳо, то тавонанд, ки дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дошта бошанд” [1, с. 5].

Ҳангоме, ки фарҳанги глобалӣ ба фарҳангҳои миллӣ қоидаҳои худро таҳмил мекунад, ҷомеаҳои миллӣ метавонанд фазои нави алтернативиро барои худ пайдо кунанд, ки дар он ҷавҳари фарҳанги худро нигоҳ дошта, ба тамоюлҳои нав дар ҳаёти фарҳангӣ ва ба ҷомеаи умумиинсонии ташаккулёфта мувофиқат кунанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи футурологияи фарҳангӣ шакли нави робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангҳо, аз ҷумла фарҳанги миллӣ бо фарҳанги глобалӣ дар оянда ба баробарии субъектҳо, масъулияти нигоҳдории ҳаёт дар Замин, такя ба идеалҳои накӯкорӣ ва зебоишиносӣ, муқаррароти экологӣ-ноосферӣ ва ғайра асос меёбад[1, с. 5].

Дар дурнамои наздик ба равандҳои глобалӣ дар фарҳанг, ба андешаи баъзе муҳаққиқон, инчунин метавонад глокализатсия (аз омезиш додани мафҳумҳои глобализатсия ва локализатсия сохта шудааст) таъсир расонад. Ин маънои онро дорад, ки дар раванди глобализатсия барҳӯрди локалиятҳо ба вуқуъ мепайвандад, ки дар натиҷаи он фарҳанги глокалӣ ба вуҷуд меояд. Фарҳанги глокалӣ ин фарҳангест, ки менталитет, тарзи тафаккури худро соҳиб буда, иқтидор дорад, ки дар шароити глобализатсиияи куллии фарҳанг ҳувияти худро ҳифз кунад. Глокализатсия, чунонки бунёдгузори таълимот оид ба ин падида Р. Робертсон қайд мекунад, инчунин ба маънои боло рафтани нуфузи минтақаҳо ва фарҳанги маҳаллӣ фаҳмида мешавад: “Глокализатсия ин боло рафтани нақши фазоҳои маҳаллист, шаҳрҳо, ноҳияҳо, боло рафтани таваҷҷуҳ ба махсусиятҳои маҳаллӣ – ба таври мутавозӣ бо глобализатсия мегузарад ва ба рушди ҷаҳонӣ, мавзунсозии ҷомеа нигаронида шудааст. Иштирокчиёни асосии глокализатсия – маҳаллаҳои алоҳида, ноҳияҳо, шаҳрҳо, рушди ҳаматарафаи онҳо, зиёдшавии иқтидори интиқолдиҳии онҳо аз рӯйи воситаҳои глокалии алоқа мебошад” [3, с. 5].

Як махсусияти глокализатсия, ки метавонад, аз дидгоҳи мо, дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги миллӣ ва глобалиро муфид гардонад, ин аст, ки дар он мақсад гузошта мешавад, ки тафаккур глобалӣ ва амалҳо локалӣ бошанд. Ин маънои онро дорад, ки унсурҳои глобалии фарҳангро дар аксар ҳолатҳо бо унсурҳои миллӣ пурра мекунанд ё иваз менамоянд. Масалан, дар ошхонаҳои Макдоналдс (Mc Donald’s), ки онро як намунаи глобализатсияи гастрономӣ ҳисобидан мумкин аст, дар Ҳиндустон дар қатори бургерҳои стандартӣ инчунин бургерҳои вегетерианӣ тибқи анъанаҳои ҳиндувон низ мефурӯшанд. Ё худ, Нетфликс (Netflix), ки платформаи фарҳанги глобалӣ дар соҳаи кино, синамо мебошад, баъзан аз стереотипҳои худ даст кашида, филмҳое истеҳсол мекунад, ки ҳадафмандона бо дарназардошти анъанаҳои ҷомеаи миллии мушаххас таҳия шудаанд.

Ба глобализатсияи фарҳангӣ дар дурнамои наздик тағйирпазирии ҷомеаҳои муосири пасосаноатӣ, иттилоотию технологӣ низ таъсири худро мерасонад. Тавре, ки маълум аст имрӯз аксари ҷомеаҳои миллӣ хусусиятҳои ҷомеаҳои пасосаноатӣ ва иттилоотию технологиро гирифтаанд ва бо ҳамин сабаб робитаҳои фарҳангӣ миллӣ дар онҳо бо фарҳанги глобалӣ низ метавонад тағйир пазирад. Аз ҷумла, дар ояндаи наздик дар ҷомеаҳои пасосаноатӣ соҳаи иҷтимоӣ дигаргун гашта, тафовутҳои синфӣ ё табақавӣ метавонанд пурра аз байн раванд, ки ин ба сатҳи фарҳангии аъзои ҷомеа низ таъсир мерасонад ё худ онҳоро барои қабули фарҳангӣ глобалӣ

ҳамаҷониба омода месозад. Бо сабаби рушди технологияҳои информатсионӣ ва зеҳни сунъӣ бошад, навъҳои гуногуни санъати рақамӣ ба вуҷуд меоянд (сурудҳо, сенарияҳо барои филмҳо, асарҳои бадеӣ ва ғайра), “хонаи ҳушманд”, “шаҳри ҳушманд” ва дигар падидаҳои фарҳангию иҷтимоии аз технологияҳо вобаста арзи ҳастӣ мекунанд ва ҳатто майнаи сари инсон низ рақамӣ кунонида мешавад. Ин зуҳурот, аз назари мо, имконияти инсонро аз тафовут гузоштан байни фарҳанги миллӣ ва глобалӣ хеле коста мекунанд, зеро худи шахсият ва нақши он низ куллан тағйир мепазирад.

Тавре, ки мушоҳида мегардад, дурнамои робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангҳои миллӣ ва глобалӣ аз омилҳои гуногун вобаста аст ва омодагиро аз ҷомеаҳои миллӣ ба ҳар гуна сенарияҳо ва вариантҳои равандҳои глобализатсионӣ дар фарҳанг дар ояндаи дуру наздик талаб мекунад. Аммо дар ин самт дар ҳама ҳолатҳо ба ҳайси тренд, тамоюл ҳамон принсипи “Глобализатсия ба ҳеҷ куҷо ғайб намезанад” боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, дарки дурнамои глобализатсияи фарҳангӣ барои фарҳанги миллӣ имрӯз беш аз пеш масъалаи мубрам мегардад. Дар ин масъала ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи россиягӣ О. Шмал аст, ки гуфтааст: «Хеле душвор аст, ки дар бораи он, ки чиро дар ниҳояти кор глобализатсия ба кишварҳо ба бор меорад, ҳукм ронем – таҳдидҳо ё дурнамо ва имкониятҳо барои рушд. Ба ин савол ба як маънӣ ҷавоб додан, ғайриимкон аст, зеро мувозинати оқибатҳои мусбат ва манфӣ устувор нест ва мунтазам он тағйир меёбад... Глобализатсия дар даҳсолаҳои охир фаъол мешавад ва равандҳои зимни он пайдошаванда ба тарзи муосири ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд, аз ин рӯ бояд биомӯзем, ки чӣ тавр ҷанбаҳои манфии онро рафъ созем ва аз он неъматҳое, ки самараи он ҳастанд, оқилона истифода барем»[9, с. 70].

Бо мақсади пешгирии тамоюли глобализм дар соҳаи фарҳанг ва таҳкими фарҳанги миллӣ муҳаққиқон андешидани чунин тадбирҳоро муҳим шумурдаанд:

1) дар дурнамои наздик таҳия ва амалӣ сохтани консепсияҳое, ки дар онҳо ҷой ҳам барои фарҳанги миллӣ мавҷуд аст ва ҳам барои мақомоти умумисайёравии идоракунӣ, ки ба манфиатҳои ҳама баробар таваҷҷуҳ мекунад;

2) таъсиси ниҳодҳои типи нави байналмилалӣ, ки тренд, тамоюлҳои деструктивии глобализатсияро дар тамоми соҳаҳо пешгирӣ карда, аз мавқеъгириҳои ғарбипарастӣ озоданд;

3) азнавтақсимкунии захираҳо бо тарзе, ки нобаробарии иҷтимоӣ ва камбизоатиро дар тамоми ҷомеаҳои камбағалтарин аз миён мебарад;

4) “Зарур аст, ки парадигмаи нави таҳсилотӣ ташаккул дода шавад, ки бо нигоҳдошти дастовардҳои технологии тамаддуни ҷаҳонӣ дар худ бозгаштро ба арзишҳои анъанавии фарҳангӣ дар муқобили фарҳанги оммавӣ фаро гирад” [6, с. 168].

Ба ҳамин тариқ, принсипи “Глобализатсия ба ҳеҷ куҷо ғайб намезанад” дар дурнамои дуру наздик дар робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги миллӣ ва глобалӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои зиёди олам, ҳатто дар Фаронса (ягона кишвари Аврупои Ғарбӣ аст, ки барои ҳифзи забони фаронсавӣ аз таъсири забони глобалии англисӣ ва ҳувияти миллӣ мубориза мекунад) барои муқовимат ба ғарбикунонӣ ва амрикоикунонии фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеаҳои миллиашон тадбирҳои заруриро роҳандозӣ месозанд, ки комплексӣ буда, соҳаҳои зиёдро фаро мегиранд. Таҷрибаи ин давлатҳоро омӯхта, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд аз ҳоло барои ҳифзи фарҳанги миллӣ аз таъсирҳои фарҳанги глобалӣ стратегия ва барномаҳои мушаххаси фарҳангиро амалӣ созад. Дар ин самт таҷрибаи Хитой, Россия, Фаронса, Ҳиндустон ва як қатор давлатҳои Амрикои Лотинӣ муфид мебошад.

Соҳаҳое, ки дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бояд дар онҳо ҳифзи фарҳанги миллӣ аз фарҳанги глобалӣ сурат гирад, аз назари мо, чунин буда метавонанд: 1) дар соҳаи қонунгузорӣ – ворид кардани квотаҳо барои маҳсулоти фарҳангии хориҷӣ (дар Тоҷикистон, махсусан барои филмҳои туркӣ) ва маҳдуд сохтани фаъолияти созмонҳои кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи фарҳанг ва таҳсилот; 2) дар соҳаи иқтисодӣ – дастгирии муассисаҳои фарҳангии миллӣ бо роҳи ҷудо кардани грантҳо ва имтиёзҳои молиявӣ; 3) дар соҳаи фарҳанг – муаррифии арзишҳои фарҳанги миллӣ дар дохил ва хориҷи кишвар бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ; 4) рушди таълим ва омӯзиши забонҳои миллӣ ва ғайра. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳамаи ин муқовимат бо “экпансияи гастрономӣ” низ бо сабаби кушода шудани тарабхонаҳои зиёди халқҳои дигар, хусусан туркӣ имрӯз мубрам гаштааст.

Хулоса, дурнамои робитаҳои мутақобилаи фарҳанги миллӣ ва глобалӣ метавонад дар шаклҳои гуногун буда, аз бархӯрди тамаддунҳо ё муколамаи фарҳангҳо сар карда, то ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ, ки дар он ҳар як халқ манфиатҳои фарҳангии худро бе тобеият ба фарҳанги дигар таъмин месозад, вобаста бошад. Дар ин самт инчунин метавонад ташаккули ҷаҳони мултиплексӣ бо ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳои гуногун мусоидат намояд. Ба раванди муносибатҳои фарҳанги миллӣ ва глобалӣ дар оянда космополитизм, вобастагӣ аз давлатҳои

пешрафтаи ИМА, Аврупои Ғарбӣ ва Япония ё Хитой ва кишварҳои аъзои БРИКС, глобализатсияи яккақутбӣ ё глобализатсияи бисёрфарҳангӣ, ташаккули фарҳанги глокалӣ ва ғайра ба фарҳанги халқҳои гуногун ва омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд. Дар ҳар сурат, равандҳои глобализатсионӣ дар фарҳанг дар оянда ҳам боқӣ мемонанд ва зарурате пеш меояд, ки ҷанбаҳои манфии онҳоро рафъ созем ва аз ҷанбаҳои мусбати онҳо оқилона истифода карда, стратегия ва барномаҳои мушаххасро дар самтҳои қонунгузорӣ, дар соҳаи иқтисодӣ, дар соҳаи фарҳанг, рушди таълим ва омӯзиши забонҳои миллӣ ва амсоли он бо мақсади ҳифзи фарҳанги миллӣ аз фарҳанги глобалӣ мунтазам амалӣ созем.

Адабиёт

1. Баркова, Э.В. Будущее культуры: от информационно-технологических к эколого-ноосферным приоритетам / Э.В. Баркова // Лесной вестник. 2013. - №5. – С. 4-9. – С. 5.
2. Зиёи, Х.М. Мультиплексный мир и мультиидейное общество // Таджикистан и современный мир / Х.М. Зиёи. - Душанбе, 2020.- №2 (70). - С. 182-188. – С. 88.
3. Кожевников, Н.Н. Глокализация: концепции, характерные черты, практические аспекты / Н.Н. Кожевников, Н.Л. Пашкевич // Вестник ЯГУ. – 2005. – Том 5. №3. – С. 111-115. – С. 112.
4. Меренков, А.В. Столкновение культуры сотрудничества с культурой эгоизма в условиях движения к многополярному миру / А.В. Меренков // Вестник Удмуртского университета. - 2023. - Т. 7. Вып. 1. С. 7-17.
5. Рахманов, А.Б. Концепция зависимости А.Г. Франка // Вестник МГУ. Сер. 18. Социология и политология. - 2013. - № 2. – С. 52-67.
6. Семёнов А.А., Карапетян Е.А. Перспективы национальных культур в эпоху глобализации / А.А. Семёнов, Е.А. Карапетян // Общество: философия, история, культура. – 2018. №12 (56). – С. 164-168.
7. Тойнби, А.Дж. Цивилизация перед судом истории / А.Дж. Тойнби. – М.: Айрис-пресс, 2003. – 592 с.
8. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций и преобразование мирового порядка / С. Хантингтон. – М.: ООО «Издательство АСТ», 2003. - 603 с.
9. Шмаль О.В. Глобализация мировой экономики: позитивные и негативные последствия // Проблемы современной экономики (Новосибирск). – 2013. – №13. – С. 66-70. - С. 70.
10. Role of Global South in the multiplex world. Interview with professor Amitav Acharya, UNESCO Chair in Transnational Challenges and Governance, Distinguished Professor at the School of International Service of American University // Vestnik RUDN. International relations. - 2018. - No18 (3). - P. 701-705. - P. 703-704.

ДУРНАМОИ РОБИТАҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ ФАРҲАНГИ ГЛОБАЛӢ ВА МИЛЛӢ ДАР ҶОМЕАҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТИЮ ТЕХНОЛОГӢ

Дар мақола робитаҳои байниҳамдигарии фарҳанги глобалӣ ва миллӣ дар ҷомеаҳои муосири иттилоотию технологӣ таҳлил карда шуда, баъзе ақидаҳо оид ба дурнамои онҳо баён гардидаанд. Дар асоси таҳлили мавзуъ муаллиффон ба хулосае расидааст, ки дурнамои робитаҳои мутақобилаи фарҳанги миллӣ ва глобалӣ метавонад дар шаклҳои гуногун буда, аз бархӯрди тамаддунҳо ё муколамаи фарҳангҳо сар карда, то ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ, ки дар он ҳар як халқ манфиатҳои фарҳангии худро бе тобеият ба фарҳанги дигар таъмин месозад, вобаста бошад. Дар ин самт инчунин метавонад ташаккули ҷаҳони мултиплексӣ, вобастагӣ аз давлатҳои пешрафтаи ИМА, Аврупои Ғарбӣ ва Япония ё Хитой ва кишварҳои аъзои БРИКС, глобализатсияи яккақутбӣ ё глобализатсияи бисёрфарҳангӣ, ташаккули фарҳанги глокалӣ ва ғайра ба фарҳанги халқҳои гуногун ва омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд.

Калидвожаҳо: фарҳанги глобалӣ, фарҳанги миллӣ, фарҳанги глокалӣ, робитаҳои байниҳамдигарии фарҳангӣ, бархӯрди тамаддунҳо, муколамаи фарҳангҳо, глобализатсияи яккақутбӣ, глобализатсияи бисёрфарҳангӣ.

ПЕРСПЕКТИВЫ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ГЛОБАЛЬНОЙ И НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ В СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ ОБЩЕСТВАХ

В статье анализируются взаимоотношения глобальной и национальной культуры в современных информационно-технологических обществах и высказываются некоторые соображения об их перспективах. На основе анализа проблемы авторы приходят к выводу, что перспективы взаимодействия национальной и мировой культуры могут принимать различные формы: от столкновения цивилизаций или диалога культур до формирования многополярного мира, в котором каждый народ обеспечивает свои культурные интересы без подчинения другой культуре. В этом направлении на культуру разных народов может влиять и формирование мультиплексного мира, зависимость от развитых стран США, Западной

Европы и Японии или Китая и стран-членов БРИКС, однополярная глобализация или мультикультурная глобализация, формирование глокальной культуры и другие факторы.

Ключевые слова: глобальная культура, национальная культура, глокальная культура, культурные взаимодействия, столкновение цивилизаций, диалог культур, однополярная глобализация, мультикультурная глобализация.

PROSPECTS FOR THE RELATIONSHIP BETWEEN GLOBAL AND NATIONAL CULTURE IN MODERN INFORMATION-TECHNOLOGICAL SOCIETIES

In this article there are analyzes the relationship between global and national culture in modern information-technological societies and expresses some thoughts about their prospects. Based on the analysis of the problem, the authors come to the conclusion that the prospects for interaction between national and world culture can take various forms: from a clash of civilizations or a dialogue of cultures to the formation of a multipolar world in which each nation ensures its cultural interests without subordination to another culture. In this direction, the culture of different nations can be influenced by the formation of a multiplex world, dependence on the developed countries of the USA, Western Europe and Japan or China and the BRICS member countries, unipolar globalization or multicultural globalization, the formation of a glocal culture and other factors.

Keywords: global culture, national culture, glocal culture, cultural interactions, clash of civilizations, dialogue of cultures, unipolar globalization, multicultural globalization.

Дар бораи муаллифон

Давлатзода Фарзонаи Фарҳод
Омӯзгори кафедраи фанҳои ҷомешиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикисто ш. Душанбе, кучаи Сино29-31

Хоҷаева Маҳлиё Садуллоевна
Омӯзгори кафедраи фанҳои ҷомешиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Сино29-31.

Об авторах

Давлатзода Фарзонаи Фарход
Преподаватель кафедры социальных наук
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино,
734003, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Сино, 29-31

Ходжаева Махлиё Садуллоевна
Преподаватель кафедры социальных наук
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Сино 29-31.

About the authors

Davlatzoda Farzonai Farhod
Teacher of the Department of Social Sciences
Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino street 29-31

Khojaeva Makhliyo Sadulloevna
Teacher of the Department of Social Sciences
Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino street 29-31.

ТДУ 316.346.32-053.6:004

РАВАНДҲОИ ИҶТИМОИШАВИИ ҶАВОНОНИ МУОСИР ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ РАҚАМӢ

Саидова Н. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Ҳайдарзода Р.Ҷ.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Иҷтимоишавӣ, раванди воридшавии ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Дар ин раванд ҷавонон меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеаро омӯхта, нақшҳои иҷтимоиро қабул мекунанд ва ҷаҳонбинию худшиносии иҷтимоии худро ташаккул медиҳанд. Фалсафаи иҷтимоӣ иҷтимоишавиро ҳамчун механизми мутобиқшавии шахсият ба муҳити иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун омили зарурии рушди ҷомеа арзёбӣ менамояд. Бо пайдоиши интернет, нақлиёти муосир ва воситаҳои иттилоотӣ ҷаҳон ба як фазои ягонаи иттилоотӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст. Яке аз масъалаҳои муҳим ин иҷтимоишавии ҷавонон дар раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Ва ҷаҳонишавӣ таъсири назарраси худро ба иҷтимоишавии ҷавонон оварда мерасонад. Масалан, густариши фазои иттилоотӣ интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои рақамӣ ба ҷавонон имконият медиҳанд, ки бо фарҳангҳои гуногун шинос шаванд. Ҷавонон на танҳо арзишҳои миллиро, балки арзишҳои умумибашариро низ қабул мекунанд. Ҷаҳонишавӣ имконият медиҳад, ки ҷавонон дар кишварҳои гуногун таҳсил ё фаъолият кунанд. Ҷаҳонишавӣ натиҷаи рушди илм, техника ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки хатарҳои фарҳангӣ ва ҳуввиятӣ таъсири фарҳангҳои хориҷӣ метавонад ба суст шудани баъзе анъанаҳои миллӣ оварда расонад.

Оид ба ин масъала яке аз муҳаққиқони ватанӣ Ҳотамова Муҳайё дар кори илмии худ чунин гуфтааст: “Ҷавонон захираи муҳиме ҳастанд, ки истифодаи дурусти он ба рушди ҷомеа ва беҳтар кардани некӯаҳволии он мусоидат мекунад. Дар айни замон, ҷавонон ба тағйироти иҷтимоӣ хеле ҳассосанд. Аз ин рӯ, онҳо зери таъсири қувваҳои гуногуни сиёсӣ қарор мегиранд. Имрӯз бисёре аз ҷавонон ба иштирок дар ҷомеа манфиатдоранд ва давлат бояд ин манфиатро ба назар гирад ва ба ҷавонон таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кунад” [13, с. 8]. Воқеан, имрӯз таваҷҷуҳ ба ҷавонон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас мебошад. Чуноне, ки Пешвои Миллат дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ ироа намудаанд, ин ҳама кӯшишҳои Президенти азизамон барои ҷавонон, баҳри осудагию пойдории миллату давлат мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар судҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат таъиншударо ба хизмати софдилона ба халқу Ватан, эҳтироми манфиатҳои халқ ва давлат, риояи тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин таъмини адолати судӣ ва муҳимтар аз ҳама, волоияти қонунгузории мамлакат даъват менамояндр[14, с. 62]. ва ҳамчунин таъкид менамоянд: "Таълими насли ҷавон ва ояндаи ҳар як миллат далели дарки таърихи бой, пурмазмун ва ояндаи халқи он мебошад. Барои ҷавонон роҳи зиндагӣ, рафтор ва фаҳмиши ҳувияти миллӣ бояд ҳисси ватандӯстӣ бошад” [10, с. 32].

Чӣ тавре ки маълум аст, ҷомеаи муосир як марҳилаи тағйироти бузурги ҷаҳониро аз сар гузаронида истодааст, ки бо рушд кардани босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонӣ ва коммуникатсионӣ алоқаманд аст. Равандҳои рақамикунонӣ қариб ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла иҷтимоӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, сиёсат, маориф, ва ғайра таъсир назаррас дорад. Ин тағйиротҳои чашмрас махсусан, дар байни ҷавонон, ки фаъолтарин корбарони технологияҳои рақамӣ мебошанд, ба назар мерасад. Дар замони муосир, ҷавонони имрӯза дар муҳити иттилоотӣ ба воя расида истодаанд, ки аз муҳити иҷтимоии наслҳои қаблӣ ба таври куллӣ фарқ мекунанд. Муҳаққиқи ватанӣ Қаландаров Фирдавсҷон дар мақолаи тақризшавандаи худ чунин назария иброз намуда, оид ба ҷиҳати мусбӣ ва манфӣ доштани шабакаҳои иҷтимоӣ чунин гуфтааст: “Дар маҷмуъ, ба сифати омилҳои мусбати шабакаҳои иҷтимоӣ метавон рушди тиҷорати рақамӣ, таҳсилоти мустақим (онлайнӣ), васоити ахбори оммаи мустақим, воситаи тарғиботӣ ва ташвиқотии соҳаҳои мухталифи фаъолияти ҷамъиятию давлатиро ном бурд, лек аз ҷониби дигар ғасби иттилоот, фишори фарҳанги бегона болои шаҳрвандони мамлакат, таҳдидҳои бевосита ва бавосита ба амният ва бадтар аз ҳама ба бесаводмонии қишри зиёди ҷавонон низ оварда расонида истодааст, ки дар шароити имрӯза ба амнияти давлатҳо таҳдид менамояд” [4, с. 161]. Муаллиф кӯшишидааст, ки раванди таъсиррасонии шабакаҳои иҷтимоиро ба руҳияи инсон, тағйири афкори ҷомеа, муносибат, бегонапарастӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротгароӣ, амнияти шахсию ҷамъиятӣ ва ҳифзи арзишҳои миллиро ба таври мушаххас нишон диҳад. Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, васоити ахбори омма ва барномаҳои мобилӣ на танҳо ҳамчун воситаҳои муошират хизмат мерасонад балки ба воситаҳои муҳимми иҷтимоӣ низ табдил ёфтаанд. Ҳолат

дар соҳаи тадқиқоти ҷавонон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тадқиқоти сотсиологии имрӯза ғояи ягонаи ҷавонон, ҷанбаҳои инфиродии онон таҳия нашудаанд ва равишҳои судманд ба ин мавзуъ, илман асоснок наёфтаанд. Њамзамон, таҳлили илмӣ-морфологӣ нишон медињад, ки "љавонон" мафњумӣ решањои таърихии худро дорад. Дар давраҳои гуногун, мафҳуми "ҷавонон" новобаста аз шароити объективии рушди ҷамъият ва давлат, ки дар марҳалаи муайяни таърихӣ қарор доштанд, инчунин асоснокунии давомнокии умри шахс ва давраи иҷтимоишавии ӯ шарҳу тавзеҳ дода мешуданд. Пешвои миллат, Президенти кишвар азизамон Эмомалӣ Раҳмон оиди ҷавонон чунин андеша иброз намудаанд: "Ҷавонон, бар хилофи насли калонсол, ғояҳо, ақидаҳо ва арзишҳои иқтисоди бозоргониро зудтар аз худ мекунанд, ба воқеиятҳои муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ мешаванд ва дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократӣ фаъолона иштирок мекунанд" [8].

Бояд қайд кард, ки вобаста ба талаботи ҷомеаи техногенӣ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, суратгирифта нақши технологияҳои иттилоотӣ ва шабакавӣ дар ҳаёти ҷавонони имрӯза хеле муассир мебошад. Ба маънии дигар, раванди технологикунонӣ чунон бо суръат пеш рафтааст, ки ҷавонон ҳаёти худро бе воситаҳои технологии муосир ва шабакаҳои интернетӣ тасаввур карда наметавонанд. Аммо ташвишовараш он аст, ки онҳо ҷанбаҳои мусбат ва манфии онҳоро дақиқ намедонад, аз тарзи дуруст истифодабарии онҳо дониши кофӣ надоранд. Ҷомеашиносони рус А.А. Андреев, Г.К. Габдулин ва И. Саратов зимни баргузор кардани тадқиқоти сотсиологӣ дар ин маврид барҳақ ба чунин натиҷа расидаанд, ки: «Нақши интернет дар ҳаёти шахси муосир бузург аст. Бо вуҷуди ин, дар баробари ҷанбаҳои мусбати он шумораи назарраси ҷанбаҳои манфӣ вуҷуд дорад. Дар ин ҷо сайтҳо барои волидон ва кӯдакон бо сабти афсонаҳо, бозиҳои онлайнии таълимӣ, китобҳои интерактивӣ, дарсҳои рассомӣ, дарсҳои забони англисӣ ва ғайра мавҷуданд.

Аксар вақт наврасону ҷавононе, ки ҳанӯз раванди иҷтимоиро аз сар мегузаронанд, ба паҳлӯҳои манфии таъсири Интернет гирифтор мешаванд. Баъзе ҷавонон ба ҷойи ҷалби фаъолона дар муассисаҳои иҷтимоӣ, мунтазам худро дар "воқеияти виртуалӣ" фаро мегиранд. Яъне, ҳангоми омӯзиши таъсири иҷтимоии интернет бояд аз қазоватҳои қатъӣ ва бархӯрдҳои якҷониба худдорӣ кард. Интернет дар сохтори фароғатии ҷавонони муосир ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни рафтори интернетии ҷавононро бояд идома ва инкишоф дод, то хатари эҳтимолии интернет ба насли ҷавон афзоиш наёбад» [9, с. 1645].

Аз ин лиҳоз, аҳаммияти таҳқиқот дар бораи иҷтимоишавии ҷавонони муосир дар ҷомеаи рақамӣ ба таври назаррас меафзояд. Муҳити рақамӣ ба ташаккули арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ, намунаҳои рафтор ва ҷаҳонбинии насли ҷавон чи гуна таъсир мерасонад муайян намудани он зарур мебошад. Ҳадафи ин мақола таҳлили хусусиятҳои иҷтимоикунонии ҷавонони муосир дар ҷомеаи рақамӣ ва муайян кардани омилҳои асосии таъсиррасон ба ин раванд ба ҳисоб меравад.

Ҷаҳонишавӣ натиҷаи рушди илм, техника ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Фалсафаи иҷтимоӣ ҷаҳонишавиро ҳамчун марҳилаи нави рушди тамаддуни инсонӣ арзёбӣ мекунад. Яке аз олимони барҷастаи ватанӣ Ҳайдаров Рустам оиди ин масъала ақида иброз намуда, қайд менамояд: "Дар ҳақиқат дар атрофи мафҳуми —ҷаҳонишавӣ ва худи ин раванд баҳсу мунозираи илмӣ чандин сол давом дорад. Ҳар чанд ин раванд чандин асрҳо идома ёфта бошад ҳам, аммо танҳо дар асри XX он ба як раванди мукаммалу яклухт ва фарогир мубаддал гашт ва ба худ мафҳуми —ҷаҳонишавӣ- ро касб намуд. Ӯ дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «идеяи ҷаҳонишавӣ яке аз бозёфтҳои ҷавонтарини илмњои ҷомеашиносӣ мебошад. То соли 1987 дар пойгоҳи иттилоотии китобхонаи Конгресси ИМА китобҳо бо унвонҳои дорои ин мафҳум мавҷуд набуданд. Ҳамчунин баъзе нишонањои раванди ҷаҳонишавиро имрӯзаро дар асрҳои XII-XIII пайдо кардан мумкин аст, ки он ба оғози инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва афзоиши босуръати савдои Аврупо ва ташаккули «иқтисоди ҷаҳонӣ» вобаста аст. Баъди баъзе таназзул дар асрҳои XIV—XV ин раванд дар асрҳои XVI-XVII идома дошт. Дар асри XVII ширкати Ҳолланд Ост-Индия, ки бо бисёр кишварҳои Осиё тиҷорат мекард, аввалин ширкати ҳақиқии фаромиллӣ гардид. Дар асри XIX саноатикунонии босуръат боиси афзоиши тиҷорат ва сармоягузории байни қудратҳои аврупоӣ, мустамликаҳои онҳо дар Осиё, Африқо ва ё Муттаҳидаи Амрико гардид". [11, с. 28-29] Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҷаҳонишавӣ дорои ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ мебошад. Ба ҷанбаҳои мусбати он рушди босуръати илм ва технология, густариши ҳамкории байналмилалӣ, афзоиши мубодилаи фарҳангӣ ва паҳншавии дониш дохил мешаванд. Ҷаҳонишавӣ имконият медиҳад, ки давлатҳо таҷриба ва дастовардҳои якдигарро байни ҳам истифода баранд. Иҷтимоишавии ҷавонони муосир бо сабаби рушди технологияҳои рақамӣ як қатор хусусиятҳои хос дорад. Аввалан, фазои иттилоотӣ васеъ мегардад. Ҷавонон ба миқдори зиёди иттилоот дастрасӣ доранд, ки ба рушди иқтидори зеҳнӣ ва пайдоиши шаклҳои нави омӯзиш мусоидат мекунад. Дуюм, шаклҳои муошират иҷтимоӣ тағйир ёфта, муошират бештар тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои паёмнависии фаврӣ ва

платформаҳои онлайн сурат мегирад. Ин боиси пайдоиши усулҳои нави ҳамкорӣ ва таҷдиди сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ гардида, нақши ҷомеаҳои виртуалӣ меафзояд. Ҷавонон дар байни гурӯҳҳо, форумҳо ва ҷомеаҳои гуногуни онлайн дар атрофи манфиатҳои умумӣ муттаҳид гашта, ба ташаккули арзишҳо ва ҷаҳонбинии онҳо таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин, муҳити рақамӣ ба инкишофёбии шаклҳои нави худшиносии ҷавонон мусоидат мекунад. Ҷавонон метавонанд мундариҷаи худро эҷод намуда, блогнависӣ кунанд, дар лоиҳаҳои онлайн иштирок кунанд ва малакаҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд. Ҷанбаҳои мусбии иҷтимоикунонии рақамӣ ба ҷавонон имкониятҳои васеъро барои рушд ва худшиносӣ фароҳам меорад. Яке аз бартариҳои муҳимтарини дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ин курсҳои онлайнӣ, китобхонаҳои рақамӣ ва платформаҳои таълимӣ мебошад, ки ба ҷавонон имкон медиҳанд, ки новобаста аз макони ҷуғрофии худ дониш ба даст оранд. Технологияҳои рақамӣ инчунин густариши робитаҳои иҷтимоиро осон мекунанд. Интернет ба одамон имкон медиҳад, ки бо одамони кишварҳои гуногун муошират намуда, ҳам таҷрибаомӯзӣ мубодила кунанд ва дар лоиҳаҳои байналмилалӣ иштирок намоянд. Яке аз бартарии асосӣ ин рушди салоҳиятҳои рақамӣ мебошад. Ҷавонони имрӯза малакаҳои технологияи иттилоотиро фаъолона аз худ мекунанд, ки дар иқтисоди рақамӣ муҳим мегарданд. Ғайр аз ин, муҳити рақамӣ имкониятҳоро барои изҳори худ фароҳам меорад. Ҷавонон метавонанд ғояҳои худро нашр намуда, эҷодиёти худро мубодила кунанд ва дар баҳсҳои оммавӣ иштирок намоянд.

Аммо, ҷиҳати манфии ҷомеаи рақамӣ ин мушкилоти наверо дар робита бо аз ҳад зиёд будани иттилоот, паҳн шудани маълумоти бардурӯғ ва тағйирёбии сохтори муносибатҳои иҷтимоиро ба вуҷуд оварданаш мумкин. Ҷангҳои киберӣ, ки ба амнияти умумӣ ва амнияти инсон таҳдид мекунанд, хатари махсус доранд. Гарчанде, ки Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба киберҷинояткорӣ аз соли 2001 [15] ин масъаларо нисбатан барвақт баррасӣ карда буд, масъалаи ҷангҳои киберӣ танҳо ба наздикӣ мавриди нигаронӣ қарор гирифт. Аммо, дар ҳоле ки таҳқиқот дар ин мавзӯъ асосан ба масъалаҳои идоракунӣ ва ҳуқуқи инсон, ки ҳам ба амнияти инсон ва ҳам ба ҷомеаи иттилоотӣ марбутанд, тамаркуз кардаанд, омӯзиши робитаи байни ин ду мафҳум параллелҳои муайянро нишон медиҳад: амнияти инсон пеш аз ҳама ба амнияти инсон вобаста аст, на ба амнияти давлат. Таҳдидҳои истифодаи нодурусти киберфазо ба одамон таъсир мерасонанд, хоҳ спам, вирусҳо ё ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохторҳои ҳаётан муҳим, ки системаҳои компютерии мо ба онҳо такя мекунанд, ки тамоми ҷомеа ва ҳар як шахс аз онҳо вобаста аст. Ва ин ҳама ҳангоми ҳалли мушкилоти иртиботӣ рух медиҳад, ки вақте механизми интиқол, воситаи иртибот вуҷуд дорад, он метавонад зиёдатӣ бошад. Бо вуҷуди манфиатҳои зиёд доштанаш, муҳити рақамӣ инчунин метавонад ба иҷтимоишавии ҷавонон таъсири манфии худро расонад. Яке аз мушкилоти маъмултарин ин вобастагӣ ба интернет мебошад. Истифодаи аз ҳад зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ ва бозиҳои онлайнӣ метавонад боиси паст шудани сатҳи таҳсил ва бад шудани муносибатҳои байнишахсӣ гардад. Мушкилоти дигар ин кибертаҳқир мебошад, ки ин рафтори хашмгинона дар интернет ба ҳисоб меравад. Чунин рафтор метавонад ба ҷавонон таъсири ҷиддии равонӣ расонад.

Keywords: Muhammad Iqbal, freedom, Islam, ijtihad, Islamic modernism, spiritual democracy, political thought.

Дар бораи муаллиф

Ҳамроев Абдусамад Нурмаҳмадович
унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E mail: hamroev.1989@mail.ru

Об авторе

Хамроев Абдусамад Нурмахмадович
соискатель кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.
E-mail: hamroev.1989@mail.ru

About the Author

Hamroev Abdusamad Nurmahmadovich
Applicant at the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003.
E-mail: hamroev.1989@mail.ru

ТДУ 008(575.3):32

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Ҷангибекова С.

Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинов

Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ – ҳаёти фарҳангиро яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа ҳисобида, барои рушд ва дурнамои таҳаввули он тадбирҳои зиёдеро андешид. Дар натиҷаи ҳадафмандона амалӣ гардонидани тадбиру ибтикорот дар хусуси эҳёи фарҳанги миллӣ ва сиёсати фарҳангӣ кишвари Тоҷикистон мавқеи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ устувор гардонид.

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар бо тадбиру иқдомҳои сиёсати фарҳангӣ тавонист, ки арзишҳои фарҳангии миллиро ҳифзу дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ бикунад. Заминаи асосии онро агар аз як тараф, ба даст овардани истиқлоли комил ва ташаккул ёфтани андеша, худогоҳӣ, ҳувияти миллии тоҷикон дар раванди бурхӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавии арзишҳо ташкил диҳад, аз тарафи дигар, нақши меҳварии расидан ба ин муваффақиятҳоро талошу ҷоннисорӣ, корнамоию фаъолияти созандаю ободкорона, хусусиятҳои инфиродии инсонгароёна ва маънавиятгустарона, сиёсати фарҳангии оқилона ва таҳаммулпазирона роҳандозӣ кардаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозиданд.

Ба андешаи файласуфи тоҷик К.Олимов истиқлоли давлатӣ, сифатҳои волои сарварӣ ба Пешвои миллат имкон дод, ки мактаби давлатдории миллии худро таъсис дода, модели муосири давлатдории демократӣ ва дунявиро озодона интихоб намояд. Маҳз дар ҳамин давра бо ташаббуси Сарвари давлат заминаи устувори сиёсӣ ва ҳуқуқии сохти нав, давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд гузошта шудаанд [4, с.2].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳақиқатан дар бунёди давлати миллӣ, интихоби сохти демократӣ ва дунявии он, эҳёи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайра хизмати содиқона ва барои дурнамои рушди ҷомеа мондагор, анҷом доданд. Агар хизматҳои шоиста, корномаҳои анҷомдода ва ташаббусҳои созандаи хусусияти байналмилалӣ доштаашонро як ба як таҳлилу таҳқиқ намоям таҳияи китобҳои чандҷидаро талаб мекунад. Аммо мувофиқ ба талаботи таҳияи рисола ва риояи низоммандии байни боб ва зербобҳои он кӯшиш менамоем, ки ба баъзе аз ҷанбаҳои фаъолияти давлатдории Пешвои миллат, бахусус дар самти татбиқи сиёсати фарҳангии кишвар нуктаҳои муҳимро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳем.

Аввалан, Пешвои миллат аз лаҳзаи авввали ба фаъолияти сиёсӣ, идоракунии давлат оғоз карданашон, пеш аз ҳама дар заминаи арзишҳои таърихиву фарҳангии ниёгони худ, ки аз саргаҳи пайдоиши ҷомеаи инсонӣ барои ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муассир гузоштанд, ба коркард ва таъмини модели фарҳанги сулҳофарӣ, ки бинои асосии онро баррасӣ ва ҳалли низоъу муқовиматҳо бозтобӣ медошт, таваҷҷуҳи хосса доданд.

Воқеан, ин падидаи таъмингари амният ва суботи кишварро Пешвои миллат бо талошу заҳматҳо ва ҷоннисориҳо, бедорхобиҳо дар амалияи давлатдорӣ татбиқ намуданд. Пеш аз ҳама гурӯҳҳои мухолифи ҳукумати қонуниро сари мизи гуфтушунид нишонда, дар ин замина барои мардуми кишвар шароити зиндагии шоистаро фароҳам оварданд. Эҳсосу ифтихори баланди ватандорӣ ва арҷгузории Ҷаноби Олиро нисбат ба арзишҳои волои фарҳанги миллӣ ва густариши фарҳанги сулҳофарӣ андешаҳои шахсияшон барҳақ тасдиқ медоранд, ки гуфта буданд: «Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар, офарандаи ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, созандаву бунёдкор мебошад ва ин сифатҳои олиро насл ба насл нкишоф дода, дар таърихи навини халқамон саҳифаҳои заррину дурахшонро сабт мекунад» [9].

Ҳақиқатан, тарҳрезӣ кардани модели фарҳанги сулҳофарӣ ва барқарор кардани рукнҳои давлатдории миллии тоҷикон аз ҷониби Пешвои миллат дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва пояҳои давлатдории ниёкон равиш гирифта, бинои худро мустааҳкам кард. Ин ҳикмати оқилонаи давлатсозии Президенти кишварро собиқ Президенти Франсия Жак Ширак баланд арзёбӣ карда, дар ин маврид чунин суханҳои воқеъбинона ироа дошта буд: «Халқи Фаронса мавқеи устувори Президенти Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва олии сиёсӣ ва маънавии мардуми тоҷик такя мекунад, ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард» [3].

Аз ин андеша бармеояд, ки Пешвои миллати тоҷикон на танҳо як сарвари сиёсии бомаҳорату соҳибтаҷриба, таблиғгари принсипи таҳаммулгароӣ, сулҳхоҳу фарҳангӣ, балки лидере мебошад, ки донишу хотираи қавии таърихӣ, ҳувияти баланди миллӣ дорад. Ин аст, ки

барояшон муяссар гашт, ки пояҳои давлати навини тоҷиконро дар муддати начандон тулонӣ бар асоси рукнҳои ахлоқӣ ва давлатдории ниёгон, ки аз адлу баробарии иҷтимоӣ ҳимоят мекарданд ва низоми давлатдориашон барои қавму миллатҳои зиёди ҷомеаи инсонӣ ҳамчун мактаби омӯзанда эътироф шудааст, бино карда, сулҳу салоҳро дар Тоҷикистон таъмин намуданд. Ин нуктаро донишмандони тоҷик низ муҳим арзёбӣ карда, қайд медоранд, ки фарҳанги сулҳофаринии Пешвои миллат аз дарёи тамаддуни ориёӣ, ки аз даврони давлатдории Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ сарчашма мегирад, об мехӯрад [4, с.6].

Дар баробари ин гуфтаҳо аз ҷониби Пешвои миллат низ дар минбарҳои баланд борҳо садо додааст, ки подшоҳони гузаштаи тоҷикон дар низоми давлатдорӣ аз принсипҳои адолатпешагӣ, таҳаммулгарой, даъвати инсонҳо ба ҳамкорию ҳамбастагӣ ва сарҷамъӣ ҳимоят мекарданд. Бахусус, «Куруши Кабир яке аз чеҳраҳои барҷастаи арсаи сиёсат ва давлатдории сатҳи ҷаҳонии аҳди бостон ба шумор меравад. Ӯ аввалин шоҳаншоҳ дар таърихи башарият аст, ки ба қавли файласуфи бузурги олмонӣ Гегел, ба оламиён усули мутамаддини давлатдориро эҳдо кардааст ва ҳамчун бунёдгузори пояҳои нахустин низоми ҳуқуқу озодиҳо эътироф шудааст» [2].

Пажӯҳишгари турк Э.Коч нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар таъмини сулҳ дар кишвар ва ба ваҳдат омадани тоҷиконро баъди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ воқеъбинона баҳо дода, иброз медорад, ки таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон мактаби омӯзанда аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ин таҷрибаи тоҷиконро ҷиҳати ҳалли бӯҳронҳои сиёсӣ ҳамчун мактаби омӯзанда дар амал татбиқ намояд [1, с.9].

Кофи Аннан - Дабири кулли СММ низ борҳо дар бобати мактаби сулҳофарии тоҷикон тавассути минбарҳои баланди байналмилалӣ изҳори назар карда, бавижа зикр дошта буд, ки «Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ беназир мебошад» [6, с.2].

Дуюм, баъд аз таъмини сулҳ ва расидан ба ризоияти миллӣ хизмати дигари мондагори Пешвои миллатро густариш додан ё вусъат бахшидани робитаҳои тарафайн, ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷомеаи башарӣ ташкил медиҳад. Дар ин самт тавассути сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷузъи ҷудоинопазири ҷомеаи башарӣ табдил ёфта, дар муддати на чандон тулонӣ бо беш аз 194 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Бар замми ин, яке аз аъзои фаъоли созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ гардид.

Ҳамзамон, ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар партави созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (САД), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ва Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ), ҳамчунин, бо шарикони рушд ва ниҳодҳои молиявӣ имкон доданд, ки соҳаҳои тақдирсози кишвар рушд карда, шароити зиндагии мардум беҳтар гардад. Ба андешаи муаррихи тоҷик А.Шарипов ин тадбирҳо ва ибтикороти дорои аҳаммияти таърихӣ, фарҳангӣ ва умумибашарӣ доштаи Пешвои миллат имконият доданд, ки халқи фарҳангофари тоҷик давра ба давра бедортару огоҳтар гардад, робитаи худро бо тоҷикони бурунмарзӣ барқарор ва мустаҳкамтар намояд, ба решаҳои таърихӣ ва фарҳангии худ назари тоза андозад, барои ба даст овардани ваҳдату ягонагии миллат, рушди андеша ва худшиносии миллӣ талош варзад [11, с.168].

Сеюм, Пешвои миллат дар қиёс бо саронии давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Осиё, хусусан Осиёи Миёна аз зумраи сарварони оқилу дурандеше мебошад, ки на танҳо баҳри ҳалли масоили марбут ба дохили ҷумҳурӣ талош меварзад. Балки як ҷанбаи фаъолияти сиёсии ӯро баррасӣ ва ҳалли масоили хусусиятҳои умумибашарӣ дошта ташкил медиҳад. Аз ҷумла пешниҳоду тавсияҳо ва ташаббусҳои Пешвои миллат дар бобати масоили обу иқлим, ҳифзи пиряхҳо, муҳити зист, ки хусусияти сайёравӣ дошта, аз ҷониби намояндагони бештари давлатҳои аъзои СММ пазироӣ ёфтанд, боис гаштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои созандаю дурандешонаи Сарвари давлат худро ҳамчун як кишвар пешсафи ҷомеаи муосир муаррифӣ намояд. Аз ҷумла: соли 2000-ум пешниҳоди Тоҷикистон ба СММ дар бораи эълон намудани соли 2003 - Соли байналмилалии «Оби тоза»; солҳои 2005-2015 эълон намудани даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт»; 20-уми декабри соли 2010 эълон намудани – «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об – 2013»; 21-уми декабри соли 2016 эълон кардани даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028»; 14-уми декабри соли 2022 эълон намудани «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»; 2-юми майи соли 2024 эълон намудани Рӯзи байналмилалии морхӯр.

Чаҳорум, таҷлили таърихи шаҳрҳои қадима, арҷгузорӣ ба ёдгориҳои хаттӣ, арзишҳои фарҳангӣ, солгарди шахсиятҳои таърихӣ ва нобиғагони илму фарҳанги ниёгон аз иқдомҳои

дигари накӯ ва мондагори Пешвои миллат дар самти муаррифии бозёфтҳои фарҳанги миллӣ ва саҳми мутафаккирони тоҷик дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад, ки паҳлӯи дигари сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бозгӯй мекунад.

Бавижа бо ташаббуси Роҳбари кишвар «дардаврони парешониҳо сарсонии миллати соҳибтамдуни тоҷик ба миён овардани ғояи таҷлили 1100 - солагии давлатдории Сомониён ҳамчун даврони тилоии таърихномаи тоҷикон на танҳо дар қалби Тоҷикистониён ва тоҷикони бурунмарзӣ, балки дар замири кулли ҳамзабонони мо ба манотиқи мухталифи ҷаҳони кабир эҳсоси худогоиҳо бедории миллӣ, садоқат ва шарафмандии ворисият нисбат ба Сомониёнро ҷилои наву тоза бахшид» [11, с.169]. Таҷлили ин ҷашн имкон дод, ки мардум ба яке марҳалаи давлатдории миллии гузаштагони худ шинос гашта, дар тинати худ ҳисси масъулият ва арҷ гузоштан ба арзишҳои ниёгонро бедор намоянд.

Панҷум, дар доираи роҳандозӣ кардани сиёсати фарҳангии кишвар таҳия ва қабул кардани қарору қонунҳо, барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи фарҳанг. Бояд зикр дошт, ки ин санадҳо барои таъмини сиёсати фарҳангии кишвар ба сифати заминаи ҳуқуқӣ нақш бозиданд. Воҳидҳои сохтории соҳаро муваззаф доштанд, ки дар заминаи ин санадҳо фаъолияти худро танзим кунанд, мероси фарҳангиро ҳифз ва рушд диҳанд, онҳоро аз маҳвшавӣ эмин доранд, эҷодкоронро дастгирӣ намуда, барои паҳншавии фарҳанги бегона фазоро фароҳам наоваранд ва ғайра.

Шашум, баргузор кардани анҷуманҳо, ҳамоишҳо, конференсияҳо, намоишномаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар доираи ҷашнҳои миллӣ, ки эҳёгар ва муаррификунандаи онҳо бевосита Пешвои миллат маҳсуб меёбанд. Бояд гуфт, ки таҷлили пуршукӯҳи ҷашнҳои милливу давлатӣ башорат аз он аст, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба рушди санъату фарҳанги миллӣ беандоза аст. Чунки рушду тараққии фарҳангро Пешвои миллат муаррифгари миллату давлати тоҷик меҳисобанд.

Дар ин маврид таъкидашон мувофиқ ба мақсад аст, ки ишора мекунанд: «Мо дар ҷаҳони имрӯз фарҳанги беназир дорем ва вориси тамаддуни беш аз шашҳазорсола ҳастем. Баробари ин шахсиятҳои бузурги фарҳангию таърихие дорем, ки ҳар кадоми онҳо мавриди эҳтироми хосу ом мебошанд. Вале замони муосир моро водор месозад, ки баробари ифтихор доштан аз гузаштагони хеш, дар арсаи зиндагии имрӯза қаҳрамонҳои корзори замонро ба воя расонем, Ватанамонро боз ҳам обод гардонем, чароғи маърифатро партавафшон созем ва бо наврасону ҷавонони соҳибзавқи хеш ба дастовардҳои тоза нойил гардем, то онҳо шукуфоии миллатро таъмин намуда, кишвари моро ба як сарзамини аз ҳар ҷиҳат пешрафта табдил диҳанд» [7, с.3-5].

Ҳафтум, баргузории Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷ. Ин иқдом низ масъалаи калидии сиёсати фарҳангии кишвар ҷиҳати вусъат бахшидани ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷ ба ҳисоб меравад. Бахусус, «Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва Рӯзи Тоҷикистон дар таҷлили шастсолагии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимми таърихии соли гузашта буда, бори дигар мақому манзалати ҳунар ва фарҳанги тоҷиконро ба мардуми Россия ва Фаронса дар ҳузури намояндагони зиёда аз 190 кишвари дунё намоиш доданд. Фикр мекунам, ки ин рӯйдод барои ҳар як зиёии тоҷик мояи ифтихор аст. Ин падида ҳамчун дастоварди сиёсиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон дар таърих сабт хоҳад шуд» [10].

Ҳаштум, Пешвои миллат - сарвари тоҷикони ҷаҳон мебошанд. Тамоми фаъолият ва кӯшишҳояшон сарҷамъ кардани тоҷикони ҷаҳон дар доираи як созмон, ки тавонад онҳоро муттаҳид намояд, ба ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ҳидоят фармояд, барои пешрафти ҷомеа саҳм гузорад, ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, Анҷумани «Пайванд», ки 28 - уми октябри соли 1989 дар партави созмони «Родина»-и Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ҳамчун «Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва ҳамватанони хориҷӣ» ташкил ёфт ва аввалин сарвари онро донишманди маъруфи тоҷик М.С.Осимӣ ба уҳда доштанд, ҳамин рисолатро мебозид. Соли 1993 созмони мазкур тағйири ном карда, ба «Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон» табдил дода мешавад. Ҳадаф аз ташкили он барқарор кардани робита бо ҳамватанон ва кулли форсизабонон, ки дар кишварҳои хориҷ сукунат доштанд, ба ҳисоб мерафт.

Соли 1993 баъди интихоб гардидани Президенти кишвар ба вазифаи сарварии ин созмон фаъолияти он густурда гашта, тавонист нақши худро ҷиҳати мустааҳкам гардидани мунсибатҳои фарҳангӣ, илмию эҷодии байни форсизабонон, пойдории забон, рушди ҳаёти иқтисодӣ, таҳаввули соҳаҳои сайёҳию тиҷорат, муаррифии арзишҳои фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ муассир гардонад.

Дигар ин ки фаъолияти мунтазами созмон ба он мусоидат кард, ки робитаи тоҷикони муқимӣ бо намояндагони марказҳои мадании тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ба монанди Эрон, Афғонистон, Русия, Амрико, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Фаронса, Англия, Олмон, Шведсия, Канада, Норвегия, Покистон, Ҳиндустон, баъзе аз кишварҳои

арабӣ таҳким ёбанд. Ишитироки намояндагони марказҳои фарҳангиро дар чорабиниҳои сиёсӣ, илмӣ, фарҳангии кишвар, ки дар сатҳи давлатӣ таҷлил мешаванд, фаъол гардонад, то онҳо аз решаҳои таърихию фарҳангии гузаштагони худ огоҳ шуда, муаррифгари онҳо дар миқёсҳои гуногун гарданд.

Метавон чунин хулоса кард, ки дар давраи истиқлол масъалаҳои мубрами сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунҷанба буда, асосан ба рушди ҷомеа, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, ташккули андеша ва ҳувияти миллӣ равона гардида буданд. Муҳимтарин масъалаҳои меҳварӣ ва дастовардҳои аз ҳаллу баррасии онҳо нойилшударо дар чанд банд зикр медорем:

- аввалан, ҳифз ва таҳкими ҳувияти миллиро эҳё ва нигоҳдории анъанаҳо, забон, расму ойинҳо, пешгирии таъсири аз ҳад зиёди арзишҳои фарҳанги бегона, тақвияти худшиносии миллӣ, бавижа дар байни ҷавонон ташкил дод;

- дуюм, баланд бардоштани донишҳои фарҳангии аҳолӣ, пешгирии падидаҳои номатлуби бегонапарастӣ ва беаҳмиятӣ ба арзишҳои фарҳанги миллӣ;

- сеюм, такмили қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, назорати татбиқи сиёсати фарҳангӣ, дастгирии ташаббусҳои фарҳангӣ нақши калидӣ доштани давлатро дар кишвар баланд бардошт;

- чаҳорум, рақамикунонии мероси фарҳангӣ ва таблиғи арзишҳои фарҳанги миллӣ тавассути Интернет ва ВАО барои рушду таҳаввул ёфтани арзишҳои фарҳанги миллӣ, мусоидат карданд;

- панҷум, эҳё ва рушди ҷашнҳои миллӣ, ба мероси ғайримоддии ҷаҳонӣ шомил гаштани мероси фарҳангии кишвар эътибори Тоҷикистонро ҳамчун кишвари фарҳангофар ва ташаббускори масъалаҳои глобалии сайёра баланд бардошт;

- Пешвои миллат – Пешвои тоҷикони ҷаҳон мебошанд. Хизматҳояшон барои миллати тоҷик дар самти эҳё ва рушди ёдгориҳои фарҳангӣ, таҷлили солгарди шахсиятҳои таърихӣ, чеҳраҳои илму ҳунар, рушди ҳунарҳои мардумӣ, азнавсозӣ ва барқарор кардани мавзеъҳои таърихӣ, ташаккули ҳувият ва андешаи миллӣ ва ғайра беназир буда, сиёсати фарҳангии роҳандозӣ намудашон мактаби омӯзанда мебошад.

Адабиёт

1. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн]. – Душанбе, 2015. – 342с.
2. Давлатдории Сомониён дар тамаддуни башарӣ камназир аст [Матн ва акс]: суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз», 22 октябри соли 2019, шаҳри Душанбе // Ҷумҳурият. – 2019. – 23 октябр.
3. Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат. Муаррифии бахши нави АМИТ «Ховар» ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/09/isti-loliyati-to-ikiston-va-peshvoi-millat... Таърихи муроҷиат: 09.12.2025.
4. Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат. Муаррифии бахши нави АМИТ «Ховар» ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/09/isti-loliyati-to-ikiston-va-peshvoi-millat... Таърихи муроҷиат: 09.12.2025.
5. Олимов, К. Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат [Матн]/Олимов К. – Душанбе, 2021. – 167с.- С.2.
6. Раҳмонов, Э. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост [Матн]:
7. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн]: //Э.Раҳмон. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016.-364с.
8. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби якум) [Матн]: /Э.Раҳмон. - Душанбе: "Ирфон", 2009. – С.3 - 126. – 123с.
9. Раҳмон, Э. Дар бораи сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ [Матн]: /Э.Раҳмон// Адабиёт ва санъат. – 2020. – 25 июн.
10. Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат: 18.03.2006, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/302 (таърихи муроҷиат: 26.01.2024).
11. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов - Президенти мо (Нақши Президенти мамлакат дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ дар солҳои 1992-2006). Китоби 7. [Матн]: /А.Шарипов. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 252с.
12. Шодиев, К.О. Худшиносии миллӣ омили ягонаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити тағйирёбии ҷаҳон / http://www.dsu.tj/news/details/ Таърихи муроҷиат: 09.06.2025.

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Дар низоми давлатдорӣ соҳаи фарҳанг дар баробари соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва стратегӣ маҳсуб меёбад. Дар тафовут аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ифодакунандаи ҳастии ҳар як халқияту миллат мебошад ва дар худ тамоми дастовардҳои моддию маънавии офаридашударо таҷассум медорад. Маҷмуи донишу эътиқод, санъату арзишҳо, урфу одат, анъанаву навоварӣ, маҷмуи қонуну қобилиятҳое, ки одамон онҳоро дар таҷриба андӯхтаанд, ифода медорад.

Дар робита бо ин, муаллиф дар мақолаи мазкур таваҷҷуҳи хосса ба самти татбиқи сиёсати фарҳангӣ дар замони давлатдории миллӣ дода, дастовардҳои назарраси ба онҳо нойилшударо дар бандҳои алоҳида мушаххас менамояд.

Калидвожа: Пешвои миллат, фарҳанг, фарҳанги миллӣ, сиёсати фарҳангӣ, истиқлол, давлатдории миллӣ, бозёфтҳои фарҳангӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ, мероси таърихӣ, фарҳанги ғайримоддӣ.

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОЗРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ

В государственной системе сфера культуры, наряду с политической, социальной и экономической сферами общества, считается одной из приоритетных и стратегических сфер. В отличие от других сфер общественной жизни, она выражает сущность каждого народа и нации и воплощает все созданные материальные и духовные достижения. Она представляет собой совокупность знаний и верований, искусства и ценностей, обычаев, традиций и нововведений, совокупность законов и способностей, накопленных людьми благодаря опыту.

В этой связи автор данной статьи уделяет особое внимание реализации культурной политики в период национальной государственности, а значительные достижения в этой области отмечены в отдельной статье.

Ключевые слова: Лидер нации, культура, национальная культура, культурная политика, независимость, национальная государственность, культурные находки, культурные памятники, историческое наследие, нематериальная культура.

CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO THE REVIVAL AND DEVELOPMENT OF NATIONAL CULTURE.

In the state system, the cultural sphere, along with the political, social, and economic spheres of society, is considered one of the priority and strategic areas. Unlike other spheres of public life, it expresses the essence of each people and nation and embodies all material and spiritual achievements. It represents the sum total of knowledge and beliefs, art and values, customs, traditions, and innovations, the totality of laws and abilities accumulated through human experience.

In this regard, the author of this article pays special attention to the implementation of cultural policy during the period of national statehood, and significant achievements in this area are noted in a separate article.

Keywords: Leader of the nation, culture, national culture, cultural policy, independence, national statehood, cultural finds, cultural monuments, historical heritage, intangible culture.

Дар бораи муаллиф
Ҷангибекова Садаф Исломбековна
унвончӯи шуъбаи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Email: jangibekova@bk.ru

.

Об авторе
Джангибекова Садаф Исломбековна
соискатель отдела философии культуры
Институт философии и политологии имени А. Баховaддинова
Академии национальных наук Таджикистана
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33.
E-mail: jangibekova@bk.ru

About the Author
Jangibekova Sadaf Islombekovna
Applicant for a Degree, Department of Philosophy of Culture,
Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan.
Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan.
E-mail: jangibekova@bk.ru

ТДУ 316.334.3:299.15

НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ «АВЕСТО»

Аламов Ҳ. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Раванди пешрафти ҷомеа дар ҳама давру замонҳо аз идоракунии бо суботу самаранок сахт вобастагӣ дорад. Бинобар ин, қариб дар тамоми сарчашмаҳои илмию адабии гуногуни давру замонҳо, инчунин мазмуну моҳияти мухталиф доштаи таърихӣ – ҳуқуқӣ вобаста ба идоракунии ҷомеа нуқтаҳои муайян оварда шудааст.

Халқи тоҷик, яке аз миллатҳои куҳантарин ва тамаддунофари ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар заминагузории чандин ҷабҳаҳои таърихӣ - ҳуқуқӣ нақши назаррас доранд. Вобаста ба масоили идоракунии ҷомеа дар таърихи тоҷик саҳифаҳои далелманди сарчашмаҳои гуногун ба назар мерасанд. Яке аз муҳимтарин сарчашмаи илмӣ дар тамаддуни инсон китоби муқаддаси “Авесто” ба ҳисоб меравад. Дар баробари фарогирии масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ, мантиқию таърихӣ ин асари бебаҳои беназир масъалаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла таълимоти пуразришро оиди идоракунии ҷомеа пешниҳод намудааст, ки то ба имрӯз қиммати калони илмиро доро мебошад.

Чунонеки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Авасто” гаҳвораи овони тифлии ниёгони мост, ки бо суруду тарона, ҳамосаву муноҷот, дуруду паём, тавбаву надомат ва ситоишу ниёишаш чун аллаи модар ва падидаҳои нотакрори лаҳзаҳои кӯдакӣ басо ширин ва хотирмону ибратангез аст. “Авасто” нахустин қомуси тамаддун ва аввалин ганҷинаи фарҳангии ориёиҳои шарқӣ - саромадони тоҷикон аст, ки аз саргузашту сарнавишти абову аҷдоди мо дар давраи фарорасии рушду нумуи маданият ва падид омадани нахустин нишонаҳои халқияти тоҷик башорат овардааст [14, с. 38].

“Авесто” ғайр аз фармоиши маросимҳои мазҳабӣ, унсурҳои ибтидоии илмӣ, тасаввуроти қонунгузорӣ, маҷмуи дастурҳои ақидавӣ (динӣ ва фалсафии ибтидоӣ), ахлоқӣ ва забоншинохтиро низ дар бар гирифтааст.

“Авесто” қомусест, ки дар он зиндагӣ ва оламу кирдор, тарзи ҳаёти мардуми қадими эронинажод, донишҳои андӯхтаи онон дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла фалсафа, таърих, ҳуқуқ ва ғайра инъикос ёфтааст.

Ҳамчун намояндагони фарҳанги қадимӣ, аҷдодони тоҷикон низ ниҳодҳои давлатдорӣ ва мақомоти идоракунии худро каме барвақт ташаккул доданд, ки онҳо дар “Авесто” зикр шудаанд [5, с. 15].

Табиист, ки давлатҳои аввалин, табақавӣ- синфӣ буда, вазъи ҳуқуқии узви ҷомеа аз баромади иҷтимоӣ, озодӣ, вазъи оилавӣ вобаста буд.

А.О. Маковелский сохтори иҷтимоии “Авесто”-ро таҳқиқ карда, чунин менависад, ки аз рӯи касб, ин ҷомеа дар аввал ба се гурӯҳ ва баъдтар ба чор гурӯҳ тақсим шуда буд. Қисми аввали Авесто дар бораи се табақаи иҷтимоӣ сухан мегӯяд: 1) коҳинон, 2) ҷанговарон ва 3) онҳое, ки ба хоҷагидорӣ (чорводорӣ ва кишоварзӣ) машғул буданд. Баъдтар, табақаи чорум - ҳунармандон - пайдо шуданд [11, с. 43].

Академик Бобоҷон Ғафуров қайд менамоянд, ки муҳаққиқон хусусияти ҷамъияти авестоиро таҳқиқ намуда, чаҳорзина будани онро қайд намудаанд. Дар “Яшт”-и Х, 115 оварда шудааст: “Сарвари динии хонадон нманйа; сарвари динии авлод – висйа; сарвари динии қабила - зантума; сарвари динии мамлакат - даҳйума: сарвари олии динӣ – “заратуштротэма” номида мешавад [3, с. 76].

Донишманди шведӣ, Нюберг менависад, ки дар он замон дар тамоми Эроншаҳр панҷ роҳбар ё сарвар вуҷуд доштааст: нманапайти – сарвари хона, виспайти – сарвари авлод, зантупаити – сарвари қабила, даҳюпаити – сарвари вилоят ё мамлакат ва манупаити – сарвари руҳонӣ ё мазҳабӣ [15, с. 54].

Оила – нмана (иттиҳоде, ки бар асоси хешутаборӣ асос ёфтааст), ки сарвари он мард – нманопати ё зани калонӣ – нманопатни аст [2, с. 98].

Профессор А.Ғ. Холиқов низ менависад, ки Оила “нмана”-сарвари динӣ он “нманйа” ва сарвари чунин оилаи патриалхалӣ – “наманапати” зани калонӣ, дар оила “нманапатни” кадбону номида мешавад [13, с. 71].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар оилаи зардуштӣ мард сарвар буда, ҷамоаи авастоӣ, ҷамоаи падаршоҳӣ будааст. Аз ин сабаб, уҳдадории таъмини оила, таълиму тарбияи фарзандон, касбомӯзӣ ва ташкили хонавода ба зиммаи падар будааст. Баъзан, ақидаҳо, ки гуё тибқи

таълимоти “Авесто” никоҳи хуни роиҷ буд, асоси воқеъӣ надорад. Чӣ тавре ки профессор Э.Б. Буризода қайд менамояд, “Дар “Авесто” меъёр ё қоидае оид ба никоҳи маҳорим (никоҳ бо ҳамхунон ва хеши наздик аз қабили хоҳар) вуҷуд надорад” [4, с.59].

Доир ба муқаддасот ва арзиши оила дар таълимоти Авесто, А.О. Маковельский чунин қайд мекунад, ки қонуни оила вафодории издивоҷ ва манфиатҳои кӯдакро ҳифз мекард. Издивоҷ ҳамчун яке аз амалҳои писандидатарини Худо ситоиш карда мешавад. Ҳар як шахс бояд зан ва фарзанд дошта бошад. Шавҳар вазифадор аст, ки ба саломатии худ ва саломатии оилааш ғамхорӣ кунад, далер бошад, оиларо аз зӯроварӣ муҳофизат кунад, меҳнатдӯст бошад ва қодир бошад, ки рӯзгори оиларо таъмин кунад. Аз зан покӣ ва итоат ба шавҳар талаб карда мешавад. Ин фазилати асосии зан аст. Зан дар оила ҳамчун соҳибхоназани комилҳуқуқ буд. Зан шарики ҳатмии мард ҳисобида мешавад. Бе ӯ дар зиндагӣ шодӣ нест, хушбахтии комил нест. Муҳаббати берун аз издивоҷ сахт ҷазо дода мешавад. Мард ё зане, ки дар ин кор гунаҳкор аст, онҳоро 800 чӯб мезананд. [11, с. 61].

Дар муносибатҳои оиладорӣ, бо такя ба таълимоти зардуштия қонунҳои муайяне роиҷ буд. Дар асоси омӯзиши маводҳои аз харобаҳои Тахти Ҷамшед (Персополис) дастрас гардида бармеояд, ки мардон барои занони фарзанддор худ шароитҳои муфид фароҳам меоварданд. Занон ҳақ доштанд, ки кори нопурра (нисфи кори мардонро) интихоб намоянд то тавонанд коре, ки дар хона барояш чун ӯҳдадорӣ боқӣ мондааст, иҷро кунанд. Онҳо дар айёми ҳомиладорӣ ва тавлиди кӯдак аз имтиёзҳои зиёде бархурдор буданд. [12, с. 49].

Ҷавонон хангоми ба камол расидан (овони 15–солагӣ) маросими иртикаро ба дин ва ҷамоа мегузаштанд. Дар маҷлиси гурӯҳи бизоатмандон, ба онҳо камарбанд ва пироҳани муқаддас бахшида мешуд. Ба ин амал ҳамчун таваллуди дувуми инсон назар мекарданд. Танҳо пас аз ин ҷавон узви комилҳуқуқи ҷамоа мегардид, дар маросимҳои динӣ иштирок менамуд, ӯҳдадориро ба зимма гирифта ва ақди никоҳ баста метавонист.

Ба ҳайати оила узвҳои оқисулҳуқуқ – вира, вайса ва парийатар низ дохил мешуданд. Вира маънии “мард”, “сарбоз” – ро дорад, вале маънии “ғулом” – ро низ метавонад ифода кунад. Иттиҳодияҳои нисбат ба оила калонтар аз риштаи падари “нафа” ном доштанд. Доир ба мавҷудияти ғуломон ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҷомеи онвақта бешубҳа ғуломон вуҷуд доштанд, аммо онҳо аз ҷиҳати шумора кам буданд ва асосан корҳои хонаро анҷом медоданд. [10, с. 8].

Воҳиди дигари иҷтимоӣ ва маъмурӣ ин авлод маҳсуб мешуд. Авлодро “Вис” ва сарвари динии онро “Висйа” меномиданд. Ба ақидаи И.М. Дяконов калимаи “Вис” ду маъноро ифода менамуд: а) авлод; б) маҳаллаи аҳолинишин [9, с. 183]. Авлодро саравлод идора мекард. Ба саравлод як қатор ваколатҳои ҳокимиятӣ, динӣ, ва маъмури тааллуқ дошт. Аксари масоили авлод танҳо бо иштироки фаъолонаи саравлод баррасӣ мегардид.

Минбаъд сарвари қабила (зантум) сарвари динии он - зантума; низ ваколатҳои ҳокимиятӣ дошта, масоили умумиқабилавиро ҳаллу фасл менамуд. Қабила ҳудуди муайян, суннату одатҳои муайян ва эътиқоди ягона дошт, ки барои ташаккул ёфтану пайдоиши давлат заминаи устувор мегардид [6, с. 18].

Аксари масъалаҳои хонаводаро шурои қабила, ки сарварони гурӯҳҳои бизоат ба он дохил мешуданд, ҳал мекард. Шуро масъалаҳои ҳаёти дохилӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии марбут ба анҷоми вазоифи динӣ ва ҳуқуқӣ, ғайр аз ин, масъалаҳои муносибат бо қабилаҳои дигарро низ ҳал менамуд. Пешвои қабила дар анҷуманҳо (шӯрои куҳансолон) интихоб мегардиданд.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар баррасии масъалаи мазкур дар “Авесто” чунин менависад, ки “Вилоят” ва “мамлакат”, ки аз якчанд ноҳия иборат буд, “даҳйу” ном дошт. Дар сари “даҳйу” “даҳйупатн” меистод. Аз шахсони дигаре, ки ҳокимият ба дасташон буд, “састар” (“ҳукмрон”, “ҳоким”)-ро ном бурдан мумкин аст, ки ҳукмаш ба ин ё он маҳал раво буд. Дар “Авесто” барои ифодаи маънии иттиҳодияи ноҳияҳо истилоҳи “даҳйусасти”– “ҳокимият бар ноҳияҳо” мавҷуд аст. Сардори чунин иттиҳодия “даҳйупатии тамоми даҳйуҳо”–“ҳокими тамоми ноҳияҳо” буд; вай ҳуқуқи яккаҳокимиятӣ надошт, чунки ба ғайр аз ӯ “даҳйунам фратэмадато”– “шӯрои бузургон”-и иттиҳодияи ноҳияҳо низ фаъолият мекард. Зоҳиран, ҳокимияти “даҳйупати”-ҳо ва, ҳатто “ҳокими тамоми ноҳияҳо” маҳдуд буд ва шӯро бар ҳокимияти онҳо назорат мекард. Таҳлили “Готҳо” аз ҷиҳати иҷтимоӣ-сиёсӣ (дар ин бобат корҳои В.И.Абаев ва И.М.Дяконов муҳиманд) нишон медиҳад, ки онҳо инъикоскунандаи ҳолату авзои ҷамъияте мебошанд, ки дар остона ва ё дар оғози офариниши давлат аст [3, с. 79].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо бар меояд, ки низоми идоракунии ҷамъияти чаҳорзинагӣ будааст.

Ниҳоди Шуро (Анҷуман). Агар ба ниҳодҳои идоракунии ҷамъиятии тодавлатӣ назар андозем, дар ҷомеаи ибтидоӣ аллакай Маҷлиси қабила (Маҷлиси халқӣ), Пешвои қабила, Шурои қабила, Сарвари ҳарбии қабила (дар ҳолати хатари ҷанг ва дар ҳолатҳое, ки Пешво вазифаи

сарвари ҳарбии қабиларо иҷро карда натавонад. –Э.Б.) вуҷуд доштанд ва идоракунии ҷомеа ба зиммаи онҳо гузошта шуда, онро ҳамчун вазифаи ҷамъиятӣ, яъне ройгон амалӣ мекарданд. [7, с. 27].

Роҷеъ ба нақш ва ҷойи мақоми намояндагӣ – шуро, баъд аз таҳлили сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, Ғуломризо Ҷаводӣ менависад, ки “дар “Авесто” калимаи “ҳанҷамана” мавҷуд аст, ки дар забони форсии нав анҷуман аст. Зоҳиран, ҳокимияти шоҳ дар аввал интихобӣ буд. Тибқи “Шоҳнома”, асосгузори сулолаи Каёниён, Кайқубод, дар Анҷумани Каёнинён, шоҳи Эрон интихоб шуда буд. [8, с. 10].

Доир ба нақш ва ҷойи Анҷуман дар интихоб намудани шоҳ ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ менависад, ки:

Ба шоҳӣ нишаст аз бараш Кайқубод,
Ҳамон тоҷи гавҳари бар сар барниҳод.
Ҳама номдорон шуданд анҷуман,
Чу Дастону чун Қорани размзан.
Чу Кашводу Харроду Барзини гав
Фишонданд гавҳар бар он тоҷи нав... [1, с. 140].

“Авесто” ду шакли ҳокимиятдориро муқаррар мекунад: Ҳокимияти низомӣ ва ҳокимияти шаҳрвандӣ. Илова бар ҳокимон (шоҳон), “Авесто” аз пешвои динӣ, ёдовар мешавад. Коҳинон дар дини зардуштӣ “магупайти”, дар забони паҳлавӣ “магупати” ва баъдтар “мубадон” номида мешуданд. Дар шоҳигарии Пешдодиён ва Каёниён онҳо нақши довари умумӣ ва тавоноро бозидаанд. [2, с. 108].

Додгоҳ ва мурофиа.

Тибқи таълимоти зардуштӣ, довари олӣ худи Аҳурамаздо буд. Дар “Авесто” гуфта мешавад: “Аҳура танҳо довари ҷаҳон аст (додгустари ҷаҳон)”. Баъзан вазифаҳои судиро ба номи ӯ Митра ва ҳокимони заминӣ - шоҳон, коҳинон ва баъдтар доварони касбӣ – “довар” ва “додгустар” иҷро мекарданд. Шоҳ довари олии кишвар ҳисобида мешуд. Ӯ шахсан ҳамаи ҷиноятҳои ҷиддиро баррасӣ мекард ва ҳукм мебароварад. Бо гузашти вақт, мубади мубадон - сардори мубад ё коҳини олӣ - ёвари шоҳ дар масъалаҳои судӣ буд. Дар арафаи идҳои Меҳргон ва Наврӯз, як ҷалолдиҳанда ба аҳолӣ эълон кард, ки шоҳ барои иҷрои адолат дар додгоҳи кушода зиёфат баргузор мекунад. Ҳар кас ҳақ дошт, ки ҳуқуқҳои поймолшудаи худро эълон кунад ва аз шоҳ ҳукми одилона талаб кунад. Вайрон кардани қоидаҳои мурофиаи судӣ ва пешниҳоди шикоятҳо бо қатл ҷазо дода мешуд.

Дар Эроншаҳр, ба гуфтаи таърихшиносон, қозиёни дунявӣ низ буданд - “шаҳрдовар” (қозии шаҳр), “радерон” (қозии Эрон) ва “сипоҳдовар” (қози). [2, с. 126].

Ҳамин тавр, дар “Авесто” нишонаҳои зиёди низоми идории давлат вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи пажуҳиш метавон паҳлуҳои гуногуни онро пайдо намуд. Дар марҳилаҳои пас аз зуҳури Зардушт оҳиста – оҳиста, бо назардошти зиёд шудани муътақидони ин оин ва паҳн гардидани таълимоти маздаясно чунин суннатҳои давлатдорӣ шакл гирифтаву ба тадриҷ мавриди истифода қарор гирифтанд. Агарчӣ, пасон дар низоми идории давлат бо дарназардошти вазъи замон дигаргуние ворид намуда, бошанд ҳам, аммо маҳаки асосии он аз оини қадимаи тоҷикон сарчашма гирифта, решаи исботиаш бешак китоби “Авесто” ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таълимотҳои силсилапайванди таърихӣ - ҳуқуқӣ дар китоби муқаддаси “Авесто” пешниҳод гардида, дар ҳамма давру замонҳои баъдӣ, новобаста аз вазъи сиёсӣ, шароити таърихӣ ва низоми ҳуқуқию идоракунӣ нақши таърихии худро гузоштааст. Исботи возеҳи он дар татбиқ гаштани назарияҳои инсондӯстонаи он дар сарчашмаҳои ҳуқуқии баъдина ва дар ин замина, ба воситаи он идора гаштани ҷомеаи имрӯза мебошад.

Адабиёт

1. Абулқосим, Ф. / Шоҳнома / Ф. Абулқосим – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 792 с.
2. Азизкулова, Г.С. История государства и права Таджикистана. В помощь изучающим (от догосударственного общества до 1917 года). Учебное пособие / Г.С. Азизкулова, Н.Х. Хакимов. –Душанбе: ТНУ, 2018. – 816 с.
3. Б. Ғафуров. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва даври нав. / Б. Ғафуров. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. 976 с.
4. Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Дастури таълимӣ-методӣ. Қисми аввал. Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров /. И.Б. Буриев. – Душанбе, 2013. – 255 с.
5. Буриев И.Б. Институты таджикской госсударственности: теория и практика. Монография / И.Б. Буриев. – Душанбе: «Дониш», 2016.-360 с.

6. Буризода, Э.Б. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Нашри 3. / Э.Б. Буризода. – Душанбе. «Нашри Мубориз», 2021. – 288 с.
7. Буризода, Э.Б. Ниҳоди Шурои давлатӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон: сабабҳои таъсис, таърих ва таркиб / Маҷаллаи академии ҳуқуқ 1(53) / 2025 с. 201 с.
8. Голамреза, Дж. История государственного управления в Иране и средней Азии в древности: авторев. дис. … канд. ист. наук. 07.00.02 /Дж Голамреза. – Душанбе, 2004. – 26 с.
9. Дяконов, И.М. История Мидии от древнейших времен до конца IV века до н.э. стр. 488 стр. 183
10. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века. Книга / Под редакцией: акад. Струве В.В. (ответственный редактор), акад. Орбели И.А., проф. Петрушевского И.П. – Издательство Ленинградского университета, 1958. – 368 с.
11. Маковельский А.О. Авеста [манбаи электронӣ]. URL: http://www.avesta.org.ru/books/makovelsky/makovelsky_content.htmc. (санаи истифодабарӣ: 13. 01.2026)
12. Маҳмудов, Д. Мақоми зан дар таърихи тоисломии тоҷикон / Д. Маҳмудов. – Душанбе, 2025. – 102 с
13. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри XlX). Китоби дарсӣ, қисми 1 / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Матбуот, 2002. - 301 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. - 364 с.

НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ «АВЕСТО»

Дар мақолаи мазкур масоили идораи ҷамъият тибқи таълимоти Авесто баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаи илмӣ дар тамаддуни инсонӣ китоби муқаддаси “Авесто” ба ҳисоб меравад. Дар баробари фарогирии масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ, мантиқию таърихӣ, ин асари бебаҳои беназир таърихи масъалаҳои ҳуқуқ аз ҷумла таълимоти пуразришро оиди идоракунии ҷомеа пешниҳод намудааст, ки то ба имрӯз қимати калони илмиро доро мебошад. Муҳаққиқон хусусияти ҷамъияти авестоиро таҳқиқ намуда, чаҳорзина будани онро қайд намудаанд. Дар “Яшт”-и X, 115 оварда шудааст: «Сарвари динии хонадон нманйа; сарвари динии авлод – висйа; сарвари динии қабила - зантума; сарвари динии мамлакат - даҳйума: сарвари олии динӣ – “заратуштротэма” номида мешавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки таълимотҳои силсилапайванди таърихи – ҳуқуқӣ дар китоби муқаддаси “Авесто” пешниҳод гардида, дар ҳама давру замонҳои баъдӣ, новобаста аз вазъи сиёсӣ, шароити таърихӣ ва низоми ҳуқуқию идоракунӣ нақши таърихии худро гузоштааст. Исботи возеҳи он дар татбиқ гаштани назарияҳои инсондӯстонаи он дар сарчашмаҳои ҳуқуқии баъдина ва дар ин замина, ба воситаи он идора гаштани ҷомеаи кунуни мебошад.

Калидвожаҳо: Авесто, Пешдодиён, Каёнинён, ҷамъият, ҳуқуқ, ахлоқ, никоҳ, оила, авлод, қабила, вилоят, мамлакат.

СИСТЕМА ОБЩЕСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В УЧЕНИИ «АВЕСТЫ»

В данной статье рассматриваются вопросы социального управления согласно учениям Авесты. Автор отмечает, что одним из важнейших научных источников в человеческой цивилизации является священная книга «Авеста». Наряду с освещением важных этических, религиозных, философских, логических и исторических вопросов, это бесценное уникальное произведение представляет историю правовых вопросов, включая ценные учения о социальном управлении, которые и по сей день имеют большую научную ценность. Исследователи изучили природу общества Авесты и отметили его четырехступенчатую структуру. В «Яште» X, 115 говорится: «Религиозным главой семьи является нманья; религиозным главой клана является вишья; религиозным главой племени является зантума; религиозным главой страны является дахьюма; верховный религиозный глава называется «заратуштротема».

Анализ показывает, что историко-правовые учения, представленные в священной книге «Авеста», играли историческую роль во всех последующих периодах и временах, независимо от политической ситуации, исторических условий и правовых и административных систем. Явным доказательством этого является применение её гуманистических теорий в более поздних правовых источниках, и на этой основе современное общество управляется ими.

Ключевые слова: Авеста, Пешдодиён, Каёнинён, общество, закон, мораль, брак, семья, родословная, племя, регион, страна.

THE SYSTEM OF PUBLIC ADMINISTRATION IN THE TEACHINGS OF THE AVESTA

This article deals with the issues of the social governance according to the teachings of the Avesta. The author mentioned that the sacred book of the Avesta is one of the most important scholarly sources in human civilization. Along with elucidating important ethical, religious, philosophical, logical, and historical issues, this invaluable and unique work presents the history of legal issues, including valuable teachings on social governance that remain of great scholarly value to this day. Researchers have studied the nature of Avestan society and noted its four-tiered structure. Yasht X, 115 states: "The religious head of the family is the nmanya; the religious head of the clan is the vishya; the religious head of the tribe is the zantuma; the religious head of the country is the dahuma; the supreme religious head is called the zaratushtrotema."

Analysis shows that the historical and legal teachings presented in the sacred book of the Avesta have played a historical role in all subsequent periods and times, regardless of the political situation, historical conditions, and legal and administrative systems. Clear evidence of this is the application of its humanistic theories in later legal sources, and modern society is governed by them on this basis.

Keywords: Avesta, Peshdodiyon, Kayoninyon, society, law, morality, marriage, family, genealogy, tribe, region, country.

Дар бораи муаллиф

Аламов Ҳалимҷон Неъматович
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru

Об авторе

Аламов Халимджон Неъматович
кандидат исторических наук, доцент кафедры права
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: alamov_141618@mail.ru

About the author

Alamov Halimjon Neematovich
Candidate of Historical Sciences (PhD in History), Associate Professor, Department of Law
Tajik State Pedagogical University by name Sadriddin Ayni.
Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
E-mail: alamov141618@mail.ru

ТДУ 343.326:004.056

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРТЕРРОРИЗМ ДАР САТҲИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Қозиён Ш. Қ.,Фатҳуллоев Ф. С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва афзоиши таҳдидҳои амниятии фаромиллӣ, кибертерроризм ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи муосир табдил ёфтааст, ки ба амнияти давлатӣ, ҳифзи инфрасохтори ҳаётан муҳим, истиқлолияти рақамӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Тадқиқотҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки ҷавонон ҳамчун гурӯҳи осебпазир бештар ба таъсири идеологияҳои ифротӣ гирифтор мешаванд, зеро онҳо фаъолона аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда, ба доираи васеи иттилоот дастрасӣ доранд. Дар чунин шароит, кибертерроризм ва киберэкстремизм на танҳо тавассути таблиғоти идеологӣ, балки инчунин бо истифода аз усулҳои равонӣ, дезинформатсия ва таъсиррасонии иттилоотӣ ба ҷалби ҷавонон ба фаъолияти ғайриқонунӣ мусоидат мекунанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ, чатҳо ва платформаҳои рақамӣ ба яке аз воситаҳои асосии радикализатсияи ҷавонон табдил ёфтаанд, ки дар натиҷа метавонанд ба тағйири ҷаҳонбинӣ, афзоиши эҳсоси ноустуворӣ ва коҳиши ҳувияти миллӣ оварда расонанд. Дар баробари ин, муҳити онлайн бо хусусиятҳои худ аз ҷумла дастрасии васеъ, назорати маҳдуд ва имконияти нисбии махфият заминаи мусоид барои паҳншавии ғояҳои ифротӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини амнияти ҷавонон дар муҳити рақамӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ва таҳқиқоти илмӣ табдил ёфтааст. Омӯзиши омилҳои паҳншавии ифротгароӣ дар фазои киберӣ, таҳияи механизмҳои пешгирӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва иттилоотии ҷавонон, инчунин таҳкими назорати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии ин самт ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тавр, таҳқиқи мавзӯи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти баланди амалӣ дошта, ба таҳкими суботи ҷомеа, ҳифзи амнияти миллӣ ва рушди механизмҳои самараноки муқовимат ба кибертерроризм дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Мақсади мақола. Мақсади асосии мақола аз омӯзиши ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии танзими муқовимат ба кибертерроризм, таҳлили қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили заминаи ҳуқуқии ин самт иборат мебошад. Ҳамзамон, мақсади таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки вазъият, сабабҳо ва роҳҳои ҳифзи ҷавонон аз таҳдидҳои нави рақамӣ ва таъсири идеологияҳои хатарнок омӯхта шуда, механизмҳои самараноки пешгирӣ ва муқовимат ба кибертерроризм таҳия ва асоснок карда шаванд. Илова бар ин, таҳқиқот самтҳои фарогиреро дар бар мегирад, аз ҷумла омӯзиши моҳияти кибертерроризм ва киберэкстремизм, муайян намудани омилҳои ҷалби ҷавонон ба муҳити ифротӣ, таҳлили механизмҳои таъсиррасонӣ дар фазои онлайн, инчунин коркарди чораҳои пешгирӣ ва таҳкими низоми муқовимат ба ин таҳдидҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ. Мақсади ниҳоии таҳқиқот на танҳо баррасии ҷанбаҳои проблемавии мавзӯъ, балки ҳифзи ҷавонон аз таъсири манфии муҳити рақамӣ, пешгирии равандҳои радикализатсия ва мусоидат ба ташаккули тафаккури солим ва устувори ҳуқуқӣ мебошад. Ба ин маъно, мавзӯи мавриди таҳқиқ ба таҳкими амнияти шахсӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ нигаронида шудааст.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот

Дар таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши ҷанбаҳои назариявии моҳият ва мундариҷаи таъмини амнияти ҷавонон дар шароити кибертерроризм ва ифротгароӣ маҷмӯи васеи мавод ва усулҳои илмӣ истифода шудааст.

Ба сифати маводи таҳқиқотӣ санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии миллӣ ва байналмилалӣ, адабиёти илмии соҳаи ҳуқуқ, сиёсат ва амнияти иттилоотӣ, манбаъҳои оморӣ ва таҳлилӣ, инчунин манбаъҳои интернетӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти эмпирикӣ ҷалб гардидаанд.

Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ истифода бурда шудааст, аз ҷумла усулҳои умумии илмӣ (таҳлил, синтез, муқоиса ва умумисозӣ), усулҳои махсуси илмӣ, инчунин усулҳои сотсиологӣ барои омӯзиши рафтор ва муносибати ҷавонон дар муҳити рақамӣ.

Ҳамчунин усулҳои таҳлили иттилоотӣ ва рақамӣ барои баррасии равандҳои паҳншавии иттилоот дар фазои онлайн, усулҳои криминологӣ барои таҳлили хусусияти ҷиноятии кибертерроризм ва усулҳои пешгирӣ ва моделсозӣ барои коркарди механизмҳои эҳтимолии коҳиши хатарҳо истифода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи ин маҷмӯи мавод ва усулҳо имкон дод, ки мавзӯи таҳқиқот аз нуқтаи назари ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда шавад.

Натиҷаҳо. Дар муҳтавои таҳқиқот табиати дугонаи ҳуқуқии кибертерроризм ҳамчун ҳамзамон ҷинояти дорои хусусияти миллӣ ва таҳдиди фаромиллӣ мавриди баррасии муфассал қарор гирифтааст. Дар ин замина, ҷойгоҳ ва аҳаммияти принсипҳои суверенитети рақамӣ, масъулияти давлатҳо ва мутаносибият ҳамчун унсурҳои калидии низоми танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм аз нигоҳи илмӣ ва ҳуқуқӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ муайян карда мешавад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии моҳият ва муҳтавои масъалаи мазкур хулосаҳои аз лиҳози илмӣ асоснок пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, сатҳи хатари кибертерроризм барои ҷавонон ҳамчун гурӯҳи осебпазири иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, омилҳои асосии осебпазирии онҳо дар муҳити рақамӣ муайян карда мешаванд. Дар баробари ин, таъсири манфии кибертерроризм ба ташаккули мафкура, ҷаҳонбинӣ ва рафтори ҷавонон таҳлил гардида, паёмадҳои он ба амнияти миллӣ, суботи ҷамъиятӣ ва рушди устувори ҷомеа нишон дода мешаванд.

Ҳамзамон, зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ, ташаккули фарҳанги истифодаи бехатари технологияҳои иттилоотӣ ва тақвияти маърифати ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими пешгирии кибертерроризм асоснок мегардад. Дар ин замина, таҳия ва татбиқи стратегияҳо, механизмҳо ва чораҳои муассири пешгирӣ ва муқовимат ба кибертерроризм ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун шарти муҳими таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи ҷомеа арзёбӣ карда мешавад.

Муҳокима. Мавзӯи танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи таҳдидҳо, омилҳои пайдоиш, роҳҳои паҳншавӣ ва тадбирҳои пешгирии таъсири манфии фазои рақамӣ ба ҷавонон равона гардидааст. Аҳаммияти ин мавзӯъ дар шароити муосир махсусан баланд мебошад, зеро интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба шуур, ҷаҳонбинӣ ва рафтори инсон табдил ёфтаанд. Бо рушди босуръати муҳити рақамӣ имкониятҳои истифодаи он аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ низ густариш ёфта, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи ҷавонон аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудааст.

Моҳият ва муҳтавои масъалаи мазкур маҷмӯи омилҳо ва равандҳоеро дар бар мегирад, ки ба паҳншавии ақидаҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар байни ҷавонон мусоидат менамоянд. Дар доираи таҳқиқот сабабҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, хусусиятҳои таъсири равонӣ ва иттилоотии муҳити рақамӣ, инчунин механизмҳои таблиғ ва ташвиқи ғояҳои харобиовар тавассути шабакаҳои интернетӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ҳамзамон, хатарҳои чунин равандҳо барои суботи ҷамъиятӣ, амнияти миллӣ ва рушди устувори ҷомеа арзёбӣ шуда, самтҳои муҳими таъмини амнияти ҷавонон ва ҳифзи онҳо аз таҳдидҳои киберӣ муайян карда мешаванд.

Дар асри XXI, ки иттилоот ва технологияҳои рақамӣ ба унсури калидии қудрат, идоракунӣ ва амнияти давлатӣ мубаддал гардидаанд, кибертерроризм ҳамчун яке аз шаклҳои нави таҳдидҳои фаромиллӣ зуҳур менамояд. Ин падида на танҳо шакли муосири терроризм, балки санҷиши воқеии қобилияти низоми ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар самти ҳифзи инсон, ҷомеа ва давлат аз ҳамлаҳои ғайримарзии рақамӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи ташаккули механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти муқовимат ба кибертерроризм ба яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати ҳуқуқӣ ва амниятии давлатҳо табдил ёфтааст.

Афзоиши миқёси чунин ҳамлаҳо масъалаи муайян намудани субъекти масъулиятро ба яке аз масъалаҳои марказии таҳқиқоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ табдил медиҳад. Дар шароити муосир баҳси асосӣ ба он равона мегардад, ки дар ҳолати содир гардидани киберҳамлаҳо масъулият бар дӯши кадом субъект шахси алоҳида, гурӯҳи ғайридавлатӣ ё давлат қарор мегирад ва татбиқи ҷавобгарӣ дар кадом сатҳ миллӣ ё байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Маҳз ҳамин номуайянии ҳуқуқӣ мураккабии муборизаро бо кибертерроризмро бештар намуда, зарурати такмили меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва механизмҳои ҳамкории байнидавлатиро ба миён меорад.

Дар баробари ин, масъалаи кибертерроризм имрӯз на танҳо ба соҳаи амният, балки ба ҳуқуқ, сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ низ таъсири мустақим мерасонад. Киберфазо дигар танҳо муҳити техникии мубодилаи иттилоот набуда, балки ба фазои нави амал, нуфуз ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Мафҳуми «кибертерроризм» дар қонунгузории давлатҳои гуногун ба таври ягона муайян карда нашудааст, ки ин ҳолат дар амал мушкилоти ҷиддии тафсири ҳуқуқӣ ва татбиқи меъёрҳои марбутро ба вуҷуд меорад. Набудани таърифи умумӣ боис мегардад, ки муносибати давлатҳо нисбат ба ин падида аз лиҳози ҳуқуқӣ ва сиёсӣ гуногун бошад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, кибертерроризм ҳамчун маҷмӯи амалҳое арзёбӣ мегардад, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади расонидани зарари сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ анҷом дода шуда, ҳадафи асосии он тарсонидан, фишор овардан ё таъсир расонидан ба фаъолияти давлат ва ҷомеа мебошад.

Аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, кибертерроризм дорои ду паҳлуи асосии меъёрӣ ба ҳисоб меравад. Аввалан, он метавонад ҳамчун ҷинояти миллӣ арзёбӣ гардад, вақте ки амал дар ҳудуди як давлат содир шуда, ба амнияти дохилӣ, сохтори давлатӣ ё ҷомеаи ҳамон кишвар таҳдид менамояд. Дуюман, кибертерроризм хусусияти байналмилалӣ касб мекунад, агар ҳамла дорои таъсири фаромиллӣ бошад ё аз қаламрави як давлат нисбат ба давлати дигар амалӣ гардад. Маҳз ҳамин хусусияти фаромиллӣ кибертерроризмро ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалӣ ва амнияти ҷаҳонӣ табдил медиҳад.

Бар хилофи ҷиноятҳои одии киберӣ, ки метавонанд хусусияти иқтисодӣ, молиявӣ ё шахсӣ дошта бошанд, кибертерроризм ҳамеша бо ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва амниятӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, дар илми ҳуқуқ зарурати фарқ намудани мафҳумҳои «ҷинояти иттилоотӣ», «амалиёти гибридӣ» ва «кибертерроризм» ба миён меояд, зеро барои ҳар яке аз ин падидаҳо низоми махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва тартиби алоҳидаи муқовимат татбиқ карда мешавад.

Дар ташаккули заминаҳои байналмилалии муқовимат ба ҷиноятҳои киберӣ Шӯрои Аврупо (Council of Europe) тавассути қабули Конвенсия оид ба ҷиноятҳои киберӣ (Budapest Convention on Cybercrime, 2001) саҳми назаррас гузоштааст. Конвенсияи мазкур нахустин санади байналмилалии дорои хусусияти умумӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои киберӣ маҳсуб ёфта, барои ҳамоҳангсозии сиёсати ҳуқуқии давлатҳо дар ин соҳа заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам овардааст. Ҳарчанд мафҳуми «кибертерроризм» дар матни Конвенсия ба таври мустақим истифода нашудааст, аммо муқаррароти моддаҳои 2–10 кирдорҳоеро, аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои компютерӣ, дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти системаҳо ва додаҳои компютерӣ, инчунин дигар шаклҳои ҳамла ба инфрасохтори иттилоотиро фаро мегиранд. Бо ин асос, Конвенсияи Будапешт ба яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ табдил ёфта, барои ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубодилаи иттилоот ва расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи такмили қонунгузории миллӣ тадбирҳоеро амалӣ менамояд, ки ба мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ба стандартҳои байналмилалии муқовимат ба ҷиноятҳои киберӣ равона гардидаанд.

Ғайр аз ин, дар ташаккули низоми байналмилалии муқовимат ба кибертерроризм санадҳо, ҳуҷҷатҳои тавсиявӣ ва механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ низ мавқеи муҳим доранд. Ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои террористӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ давлатҳоро ба такмили қонунгузории миллӣ, таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберӣ ҳидоят менамоянд. Аз ҷумла, Дастури Таллин (Tallinn Manual), ки таҳти роҳбарии Майкл Шмитт (Michael Schmitt) аз ҷониби гурӯҳи коршиносони байналмилалӣ дар заминаи фаъолияти Маркази муттаҳидаи НАТО оид ба такмили таҷриба дар соҳаи мудофиаи киберӣ (NATO Cooperative Cyber Defence Centre of Excellence) таҳия гардидааст, ҳамчун яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои доктриналии ҳуқуқи байналмилалӣ дар масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи истифодаи қувва (jus ad bellum) ва ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона ҳангоми пешбурди амалиёти мусаллаҳона (jus in bello) нисбат ба амалиётҳои киберӣ эътироф мешавад. Гарчанде Дастури Таллин хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надошта бошад ҳам, он дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва фаъолияти қонунгузорӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими тафсири меъёрҳои амалкунанда ва ташаккули равишҳои ягона нисбат ба танзими ҳуқуқии амалиётҳои киберӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки киберфазо тадриҷан ба объекти мустақили танзими ҳуқуқи байналмилалӣ мубаддал гардида, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ зарурати такмил ва мутобиқсозии минбаъдаи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқиро дар самти таъмини амнияти киберӣ ва муқовимат ба кибертерроризм ба миён овардааст.

Дар моддаҳои 6 ва 9-и Дастур таъкид мегардад, ки киберҳамла дар ҳолате метавонад ҳамчун таҷовузи мусаллаҳона арзёбӣ шавад, ки агар он ба манфиатҳои ҳаётан муҳими амнияти давлатӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Мазмуни мазкур барои татбиқи принсипи масъулияти давлатӣ нисбат ба амалиёти киберӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Дар сатҳи миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки мафҳуми «кибертерроризм»-ро ба қонунгузории ҷиноятии худ ворид намудааст. Аз ҷумла, тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 2021),

моддаи 179 анҷом додани амалҳои ғайриқонунӣ бо истифода аз шабакаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ, ки ба халалдор намудани амнияти давлатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона гардида, хусусияти тарсонидани аҳолӣ ё таҳрики зӯроварии сиёсиро доранд, ҳамчун кибертерроризм эътироф карда мешавад [1, с. 126].

Илова бар ин, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаҳои танзими муносибатҳои вобаста ба амнияти киберӣ ва ҳифзи фазои иттилоотиро такмил медиҳанд. Ба ҷумлаи онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти иттилоотӣ» (2017), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» (2020) ва Стратегияи миллии амнияти иттилоотӣ барои солҳои 2023–2027 дохил мешаванд. Санадҳои мазкур салоҳият ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, масъулияти субъектҳои фаъолияти иттилоотӣ, инчунин тартиби ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои кибериро муайян менамоянд.

Яке аз мушкилоти асосии танзими байналмилалии муқовимат ба кибертерроризм набудани таърифи ягона ва эътирофшудаи ин мафҳум дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ истилоҳи «кибертерроризм»-ро бо мазмун ва доираи гуногун тафсир менамоянд, ки ин ҳолат дар муайян намудани салоҳият, татбиқи ҷавобгарӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ мушкилоти ҷиддӣ ба миён меорад.

Дар ин замина, муҳаққиқ Шарипов С. таъкид менамояд, ки сиёсати амнияти киберӣ бояд ба тавре таҳия ва татбиқ гардад, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, махсусан озодии иттилоотӣ ва дахлнопазирии ҳаёти хусусиро маҳдуд насозад [15, с. 122]. Аз ин нуқтаи назар, масъалаи таъмини тавозун байни манфиатҳои амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон яке аз масъалаҳои калидии ҳуқуқи рақамии муосир ба ҳисоб меравад.

Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ зарурати таҳкими ҳамгироии минтақавӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар ин самт, ҳамоҳангсозии сиёсати амнияти иттилоотӣ дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил метавонад яке аз воситаҳои муассири пешгирӣ ва муборизаи бо кибертерроризм гардад. Ҳамкории муштарак дар самти мубодилаи иттилоот, таҳияи стандартҳои ягона ва ҳамоҳангсозии механизмҳои ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки таҳдидҳои фаромиллӣ самаранок пешгирӣ карда шаванд.

Танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм бояд дар се сатҳи бо ҳам алоқаманд амалӣ гардад:

- дар сатҳи миллӣ тавассути такмили қонунгузорӣ ва таҳкими фаъолияти ниҳодҳои амнияти рақамӣ;
- дар сатҳи байналмилалӣ тавассути густариши ҳамкориҳо ва мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ;
- дар сатҳи этикаи ҳуқуқи рақамӣ тавассути таъмини тавозун байни амнияти давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ.

Аз ин рӯ, давлатҳо наметавонанд танҳо бо тадбирҳои техникӣ ба муқовимат бо кибертерроризм маҳдуд шаванд. Дар баробари рушди воситаҳои технологӣ, зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои ҷавобгарӣ ва низоми назорати судӣ низ тақвият дода шаванд. Танҳо дар шароити мавҷудияти ҳуқуқи ҷавобгӯ ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ метавон амнияти рақамӣ ва ҳифзи арзишҳои бунёдии инсонро дар фазои рақамӣ таъмин намуд. Ба ҳамин мазмун, дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки амнияти киберӣ пеш аз ҳама масъалаи қонуният ва масъулияти инсон дар муҳити рақамӣ мебошад [12, с. 48].

Дар илми ҳуқуқи муосир мафҳуми «кибертерроризм» то ҳол хусусияти баҳсталаб дошта, таърифи ягонаи устуворро соҳиб нагаштааст. Таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқшиносон нишон медиҳанд, ки сабаби чунин номуайянии мафҳумӣ дар он ифода меёбад, ки кибертерроризм дар ҳудуди байни ҷиноятҳои киберӣ (cybercrime) ва амалҳои террористии сиёсӣ қарор дорад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ, кибертерроризм на танҳо ҷинояти иттилоотӣ дар маънои маҳдуд, балки амали дорои ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва таҳдидкунанда ба амнияти давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, фарқияти асосии байни «ҷинояти киберӣ» ва «кибертерроризм» пеш аз ҳама дар ҳадаф, ангеза ва паёмадҳои иҷтимоии онҳо зоҳир мегардад.

Тавре муҳаққиқ Доротея Деннинг қайд менамояд, кибертерроризм ин истифодаи қасдонаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади эҷоди тарс, расонидани фишори сиёсӣ ва халалдор намудани суботи давлатӣ мебошад [19, с. 122]. Ин таъриф на танҳо хусусияти амалии кибертерроризм, балки моҳияти сиёсӣ ва ахлоқии онро низ инъикос намуда, онро аз дигар шаклҳои ҷиноятҳои иттилоотӣ фарқ мекунад.

Кибертерроризм дорои ду сатҳи мустақил, вале ба ҳам вобаста мебошад:

1. Сатҳи ҷиноятии миллӣ (criminal law dimension): Ин сатҳ ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки ҳамлаҳои киберӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои дохилӣ алайҳи муассисаҳои давлатӣ,

инфрасохтори иқтисодӣ ё низоми амнияти иттилоотӣ анҷом дода мешаванд. Чунин амалҳо тибқи қонунгузории миллӣ ҳамчун ҷиноят арзёбӣ гардида, бо меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Масалан, тибқи моддаи 179[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кибертерроризм ҳамчун амали ғайриқонунӣ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ бо мақсади халалдор намудани амнияти давлатӣ ё тарсонидани аҳолӣ муайян шудааст [1, с. 128].

2. Сатҳи байналмилалии ҳуқуқӣ (international law dimension**):** Дар ҳолатҳое, ки киберҳамла аз ҳудуди як давлат ба сохторҳои давлатӣ ё байналмилалии давлати дигар равона мегардад, он метавонад тибқи моддаи 39 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҳдид ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ арзёбӣ шавад. Дар чунин вазъ масъалаи масъулияти давлатӣ (state responsibility) ба миён меояд, ки тибқи он давлат уҳдадор аст, нагузорад қаламраваш барои анҷом додани амалҳои зараровар истифода шавад; дар ҳолати сукут ё мусоидат, масъулияти байналмилалӣ ба зиммаи давлат вогузор мегардад [6, с. 75].

Бо вуҷуди афзоиши таҳдидҳои киберӣ, кибертерроризм то ҳол дар доираи ягон конвенсияи умумиҷаҳонии алоҳида танзими мустақим надорад. Аммо як қатор санадҳои байналмилалӣ ба таври ғайримустақим ба он дахл мекунанд, аз ҷумла Конвенсияи Будапешт оид ба киберҷинояткорӣ, ки асосҳои мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотиро муайян мекунад; Резолюсияи 55/63 СММ, ки ба пешгирии истифодаи душманонаи технологияҳои иттилоотӣ даъват менамояд; инчунин Дастури Таллинн, ки татбиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷангиро ба фазои киберӣ таҳлил мекунад [7, с. 83].

Дар асоси ин санадҳо аксари муҳаққиқони ҳуқуқи байналмилалӣ ба чунин натиҷа мерасанд, ки кибертерроризм падидаи фаромиллӣ буда, танҳо бо меъёрҳои дохилии давлатҳо танзим карда намешавад ва зарурати низоми ҳамоҳангшудаи байналмилалии ҳуқуқиро тақозо мекунад.

Кибертерроризм метавонад ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ эътироф гардад, агар он бо ангезаи сиёсӣ ва тавассути истифодаи воситаҳои рақамӣ алайҳи давлатҳо ё созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда шавад. Дар чунин ҳолат, он на танҳо ҳамчун ҷинояти киберӣ, балки ҳамчун амали дорои паёмадҳои фаромиллӣ ва таҳдид ба сулҳу амнияти байналмилалӣ арзёбӣ мегардад.

Чунин равиш зарурати таҳияи санади махсуси байналмилалиро дар самти мубориза бо кибертерроризм ба миён меорад. Дар ин замина, масъалаи қабули конвенсияи махсус дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ё ҳамоҳангсозии меъёрҳои ягона дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил то ҳол дар марҳилаи муҳокима ва баррасии ҳуқуқӣ қарор дорад. Фарқи асосии кибертерроризм ва ҷиноятҳои киберӣ пеш аз ҳама дар ҳадаф, ангеза ва паёмадҳои иҷтимоии онҳо ифода меёбад. Ҷиноятҳои киберӣ маъмулан бо мақсадҳои молиявӣ, фардӣ ё манфиатҳои маҳдуди гурӯҳӣ анҷом дода мешаванд ва асосан хусусияти ҷинояти оддии иттилоотӣ доранд.

Дар муқоиса, кибертерроризм дорои ангезаи сиёсӣ ё идеологӣ буда, ба эҷоди тарс дар ҷомеа, фишор ба мақомоти давлатӣ ё халалдор намудани суботи сиёсӣ равона мегардад. Ҳамин тавр, фарқият на танҳо дар воситаҳои содиршавии амал, балки пеш аз ҳама дар моҳияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии он зоҳир мешавад. Аз нигоҳи фалсафаи ҳуқуқ, кибертерроризм нишонаи гузариши давлатҳо ба марҳилаи нави масъулияти рақамӣ мебошад. Дар ин марҳила, ҳуқуқ на танҳо ҳимоягари қаламрави ҷуғрофӣ, балки муназзими фазои иттилоотӣ ва маънавии инсон мегардад.

Нерсесянқ Винер, бунёдгузори кибернетика, ҳанӯз соли 1950 чунин таъкид карда буд, “Истифодаи технология бе ахлоқ ва қонун ба таҳдиди худи тамаддун мубаддал мегардад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи муосир бояд на танҳо ҷавобгарии фардиро, балки масъулияти ахлоқии давлат дар фазои рақамӣ низ таъмин кунад” [5, с. 183]. Ҳамин тавр, табиати ҳуқуқии кибертерроризм на танҳо механизми ҷазо, балки санҷиши виҷдони ҳуқуқи инсон ва давлат мебошад. Кибертерроризм дар низоми ҳуқуқии муосир дорои табақабандии дугона мебошад ҷиноятии дохилӣ ва байналмилалӣ. Ин падида аз ҷиноятҳои одии киберӣ пеш аз ҳама бо ангезаи сиёсӣ, инчунин бо миқёс ва сатҳи таъсири фаромиллӣ фарқ мекунад. Механизми самараноки муқовимат ба кибертерроризм танҳо дар ҳолати ҳамгироии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ имконпазир мегардад. Дар ин замина, давлатҳо бояд дар раванди таҳия ва қабули санади махсуси байналмилалӣ оид ба кибертерроризм дар доираи Созмони Милали Муттаҳид фаъолона мусоидат намоянд. Дар маҷмӯъ, ҳуқуқ дар фазои рақамӣ на танҳо воситаи ҷазодиҳӣ, балки механизми ҳифзи арзишҳои инсонӣ ва таҳкими ахлоқи давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар сатҳи байналмилалӣ, Конвенсияи Будапешт оид ба киберҷинояткорӣ яке аз санадҳои бунёдӣ дар самти танзими мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ мебошад, ки онро бисёре аз муҳаққиқон ҳамчун “қонуни асосии байналмилалӣ дар соҳаи киберҳуқуқ” арзёбӣ мекунанд. Гарчанде дар ин санад мафҳуми «кибертерроризм» мустақиман истифода нашуда бошад ҳам, моддаҳои 2 то 10-и он як қатор амалҳои зараровар, аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ, дахолат ба маълумот, халалдорсозии шабакаҳо ва истифодаи барномаҳои зарароварро фаро мегиранд. Аз

нигоҳи фалсафӣ-ҳуқуқӣ, мазмуни ин Конвенсия танҳо ба танзими ҷиноятҳои киберӣ маҳдуд намешавад. Он тавассути ташкили меъёрҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ ба таҳкими низоми қонуният дар фазои рақамӣ мусоидат менамояд. Ба таъбири Лаура Де Нардис, «Конвенсияи Будапешт на танҳо механизми мубориза бо ҷиноятҳо, балки воситаи ташаккули қонуният ва ҳокимияти ҳуқуқ дар киберфазо мебошад» [23, с. 3].

Дар сатҳи амалии худ, ин Конвенсия чор гурӯҳи асосии ҷиноятҳоро фаро мегирад: ҷиноятҳо алайҳи махфият ва амнияти шабакаҳо; ҷиноятҳои марбут ба истифодаи компютер (қаллобӣ ва фиреб); ҷиноятҳои вобаста ба мундариҷа; ва механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ. То соли 2024, 70 давлат ба ин санад ҳамроҳ шудаанд, ки дар байни онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳилаи ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ қарор дорад. Қобили зикр аст, ки моддаи 32(b)-и Конвенсия имкони дастрасии транссарҳадӣ ба маълумотро пешбинӣ мекунад, ки ин масъала дар робита ба ҳифзи истиқлолияти рақамии давлатҳо мавриди баҳси илмӣ қарор дорад [24, с. 59]. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, Конвенсияи Будапешт механизми “ҳуқуқи ҷавобгӯ”-ро дар сатҳи байналмилалӣ тақвият бахшида, давлатҳоро на танҳо барои ҳимояи низоми киберӣ, балки барои ҳамкории ҳуқуқии фаромиллӣ низ масъул мегардонад.

Резолюсияи 55/63-и Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Combating the Criminal Misuse of Information Technologies» яке аз нахустин санадҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки заминаҳои ташаккули ҳамкории байналмилалӣ ва принсипҳои танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар самти муқовимат ба истифодаи ҷиноятқоронаи онҳо муайян намудааст. Муқаррароти Резолюсия давлатҳоро ба такмили қонунгузории миллӣ мутобиқ ба талаботи муҳити рақамӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубодилаи иттилоот, ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳои киберӣ, инчунин риояи меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла таъмини озодии дастрасӣ ба иттилоот, ҳидоят менамоянд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ, Резолюсияи мазкур ба гурӯҳи санадҳои дорои хусусияти тавсиявӣ (soft law) мансуб буда, ҳарчанд қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ надорад, дар ташаккули стандартҳои байналмилалӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати давлатҳо ва рушди минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқии танзими амнияти киберӣ нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди он ки дар матни Резолюсия мафҳуми «кибертерроризм» мустақиман истифода нашудааст, муқаррароти он принсипи масъулияти давлатҳоро ҷиҳати таъмини истифодаи осоиштаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва пешгирии истифодаи онҳо барои мақсадҳои ҷиноятқорона ва террористӣ ба таври ғайримустақим таҳким мебахшанд.

Аз дидгоҳи фалсафаи ҳуқуқ, ин санад гузариш аз модели реактивии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба модели пешгирикунанда ва ҳамоҳангсозандаи идоракунии фазои рақамиро инъикос мекунад. Дар ин раванд, амнияти иттилоотӣ на танҳо ҳамчун масъалаи техникӣ ё ҷиноятӣ, балки ҳамчун унсури тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва масъулияти муштараки давлатҳо баррасӣ мегардад. Резолюсияи Резолюсияи 55/63 СММ дар сатҳи байналмилалӣ ба ташаккули як навъ қонуни ахлоқии нави муносибатҳои рақамӣ “ҳуқуқи масъулияти рақамӣ” мусоидат мекунад. Ин консепсия бар он асос меёбад, ки амнияти иттилоотӣ ва ҳуқуқи инсон ба ҳам муқобил нестанд, балки ду сутуни як низоми ягонаи ҳуқуқии ҷаҳонӣ мебошанд. Ба таъбири Винер Н. ҳуқуқи муосир танҳо дар ҳолате маънои воқеӣ пайдо мекунад, ки дар он ахлоқи масъулият ва озодӣ дар ҳамбастагӣ қарор дошта бошанд [25, с. 133]. Ин андеша робитаи зичи байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои ахлоқии ҷомеаи рақамиро таъкид мекунад. Дастури Таллинн, ки аз ҷониби Маркази муттаҳидшудаи дифоъ аз кибертаҳдидҳои НАТО (CCDCOE) таҳия шудааст, кӯшиш мекунад меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқи байналмилалиро ба фазои киберӣ татбиқ ва тафсир намояд. Ин санад на созишномаи сиёсӣ, балки натиҷаи кори илмии як гурӯҳи 19 ҳуқуқшиноси байналмилалӣ мебошад.

Тибқи Қоидаи 69-и Дастури Таллинн 2.0, киберҳамла метавонад ҳамчун истифодаи қувва ё таҷовузи мусаллаҳона арзёбӣ гардад, агар аз рӯи миқёс ва паёмадҳои худ ба ҳамлаи мусаллаҳонаи анъанавӣ баробар буда, ба ҳаёт ва саломатии инсон, фаъолияти инфрасохтори ҳаётан муҳим ё амнияти давлат зарари ҷиддӣ расонад [22, с. 320]. Дар чунин ҳолат, мутобиқи моддаи 51-и Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, давлат ҳуқуқ дорад аз ҳуқуқи дифои инфиродӣ ё дастаҷамъӣ истифода намояд.

Дар Дастури Таллинн 2.0 як қатор принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба фаъолияти давлатҳо дар фазои киберӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- принсипи суверенитети рақамӣ, ки ҳуқуқи давлатро ба ҳифз ва танзими фазои киберии таҳти салоҳияти худ эътироф менамояд;
- принсипи масъулияти давлатӣ, ки тибқи он давлат барои амалиёти киберии ба ӯ мансуб ё аз қаламрави он содиршаванда ҷавобгар мебошад;

- принсипи мутаносибият (proportionality), ки талаб менамояд чораҳои ҷавобӣ ба хусусият, ҳаҷм ва оқибатҳои киберҳамла мутаносиб бошанд;
- принсипи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона (jus in bello) ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро ҳатто дар шароити амалиётҳои киберӣ пешбинӣ менамояд.

Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ, Дастури Таллинн 2.0 яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои доктриналӣ маҳсуб гардида, ба ташаккули консепсияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои киберӣ ва рушди низоми муосири ҳуқуқи байналмилалии киберфазо мусоидат менамояд. Гарчанде ин ҳуҷҷат хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надошта бошад ҳам, он дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун манбаи муҳими тафсири меъёрҳои амалкунанда истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, Конвенсияи Будапешт оид ба киберҷиноятқорӣ, Резолюсияи 55/63-и Ассамблеяи Генералии СММ ва Дастури Таллинн 2.0 дар маҷмӯъ заминаҳои ташаккули низоми байналмилалии танзими ҳуқуқии киберфазоро ташкил дода, зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалии таъмини амнияти кибериро тақвият мебахшанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муқовимат ба кибертерроризм ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи фазои иттилоотӣ арзёбӣ мегардад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва афзоиши таҳдидҳои киберӣ, такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии муқовимат ба чунин таҳдидҳо аҳаммияти рӯзафзун касб намудааст.

Тавре ки дар моддаҳои 1 ва 7-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, сохтори конститутсионӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии давлат мебошанд [10, с. 75]. Бо дарназардошти он ки киберфазо ба яке аз унсурҳои муҳими соҳибихтиёрии давлатӣ табдил ёфтааст, татбиқи ин принсипҳои конститутсионӣ ба муносибатҳои рақамӣ низ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар ин замина, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои содир намудани амалҳои дорои хусусияти кибертеррористӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 179[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 2021), барои амалҳои ғайриқонунӣ, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади халалдор намудани амнияти давлатӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ ва тарсонидани аҳолӣ содир мегарданд, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, аҳаммияти ин меъёр дар он ифода меёбад, ки он, аввалан, киберфазоро ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф менамояд; сониян, ангезаҳои сиёсӣ ва террористиро ҳамчун аломати фарқкунандаи кибертерроризм аз дигар ҷиноятҳои киберӣ муайян мекунад; сеюм, таҳдид ба амнияти давлатӣ ва суботи ҷамъиятиро ҳамчун объекти асосии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар месозад.

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоюлҳои рушди ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқат дошта, барои ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла муқаррароти Конвенсияи Будапешт ва равишҳои ҳуқуқии инъикосёфта дар Дастури Таллинн 2.0, заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Аз дидгоҳи фалсафаи ҳуқуқ, ин меъёр нишон медиҳад, ки ҳуқуқи миллӣ ба марҳилаи нави “масъулияти рақамӣ” ворид шудааст, ки дар он ҷиноят на танҳо ҳамчун амали зӯроварона, балки ҳамчун таҳдид ба низоми маънавӣ ва амнияти ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад. Низоми меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо кибертерроризм на танҳо ба Кодекси ҷиноятӣ, балки ба як қатор санадҳои соҳавӣ такя мекунад. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти иттилоотӣ» ҳамчун асоси ҳуқуқии ҳифзи шабакаҳо ва манфиатҳои иттилоотии миллӣ баромад мекунад. Тибқи моддаи 3-и он, амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳолати устувори ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот муайян шудааст. Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» тавозуни заруриро байни амнияти давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ таъмин намуда, аз сӯиистифодаи маълумоти шаҳрвандон дар муҳити рақамӣ пешгирӣ менамояд.

Дар баробари ин, Стратегияи миллии амнияти иттилоотӣ барои солҳои 2023–2027 ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ ҳадафи ташаккули низоми миллии киберамният, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва густариши ҳамкории байналмилалиро пешбинӣ мекунад. Ин санадҳо дар маҷмӯъ низоми комплексии танзими ҳуқуқии фазои рақамиро ташкил медиҳанд, ки дар он кибертерроризм ҳамчун амали дорои хавфи баланди миллӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ мегардад. Дар сатҳи институтсионалӣ, мубориза бо кибертерроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

тавассути низоми бисёрзинагии идоракунӣ амалӣ мегардад. Дар ин раванд, Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз ва муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти миллӣ ва иттилоотӣ баромад мекунад. Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ) ҳамчун ниҳоди асосии татбиқи сиёсати зиддитеррористӣ, аз ҷумла дар фазои киберӣ, баромад мекунад. Ин сохтор масъули пешгирӣ, ошкорсозӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои амнияти миллӣ дар муҳити рақамӣ мебошад.

Вазорати рушди рақамӣ ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳифзи шабакаҳои давлатӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва таҳкими истиқлолияти рақамии давлат масъул мебошад. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар навбати худ назорати прокурорӣ, таъмини риояи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои қонунгузориро дар самти муқовимат ба киберҷиноятҳо амалӣ менамоянд. Тибқи Стратегияи миллии амнияти иттилоотӣ барои солҳои 2023–2027, дар оянда таъсиси Маркази ягонаи миллии вокуниш ба ҳодисаҳои киберӣ (CERT-TJ) низ пешбинӣ гардидааст, ки бояд ҳамчун сохтори ҳамоҳангсоз дар ҳолатҳои ҳамлаҳои киберӣ фаъолият намояд. Бо вуҷуди ташаккули заминаи нисбатан устувори ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, як қатор мушкилоти муҳим боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, набудани таърифи дақиқи ҳуқуқии «инфрасохтори ҳаётан муҳим», ки барои муайянсозии объекти муҳофизат дар ҳолатҳои киберҳамла аҳаммияти калидӣ дорад; набудани механизми махсуси таҳқиқи судӣ барои парвандаҳои дорои хусусияти кибертеррористӣ; ва зарурати баланд бардоштани сатҳи салоҳияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ дар самти кор бо далелҳои рақамӣ.

Аз нуқтаи назари меъёрӣ, бартараф намудани ин камбудиҳо қабули Қонуни махсуси «Дар бораи муқовимат бо кибертерроризм»-ро тақозо мекунад, ки метавонад заминаи институтсионалӣ ва ҳуқуқии ягона барои ҷавобгарии фардӣ, ташкилотӣ ва давлатӣ дар ин соҳа фароҳам оварад [17, с. 55].

Моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи равиши интегративии ҳамгироии ҳуқуқи миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари он, қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ, пояи ташаккули низоми муосири ҳифзи фазои рақамиро ташкил медиҳанд.

Танзими ҳуқуқии миллӣ дар ин самт зарурати ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳои Конвенсияи Будапешт оид ба киберҷиноятқорӣ ва Дастури Таллинн-ро тақозо менамояд. Дар натиҷа, ҳуқуқи миллӣ ба марҳилаи нави “масъулияти рақамӣ” ва ҷавобгӯии давлатӣ ворид мегардад, ки дар худ ҳам ҷанбаи ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаи ахлоқиро муттаҳид месозад.

Дар фазои рақамӣ, ҳуқуқи миллӣ танҳо воситаи ҷазодиҳӣ нест, балки ҳамчун механизми ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва арзишҳои бунёдии инсонӣ баромад мекунад. Устувории ҳар низоми ҳуқуқӣ ба риояи принсипҳои умумиҳуқуқӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ вобаста мебошад. Бо дарназардошти хусусияти фаромиллии кибертерроризм, танзими ҳуқуқӣ наметавонад танҳо дар доираи қонунгузории миллӣ маҳдуд гардад [15, с. 28].

Принсипҳои ҳуқуқӣ дар ин замина ҳамчун асоси меъёрии тафаккури ҳуқуқӣ баромад намуда, барои таъмини тавозуни се арзиши бунёдӣ хизмат мекунанд: амнияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва густариши ҳамкории байналмилалӣ.

Ҳуқуқшинос Морозов В.А. таъкид мекунад: «Қонун бидуни принсип маҷмӯи амрҳост, аммо принсипи ҳуқуқ рӯҳи қонун ва замири адолат мебошад» [4, с. 66]. Аз ин рӯ, дар таҳқиқи танзими ҳуқуқии кибертерроризм, принсипҳо на танҳо меъёри амал, балки заминаи ахлоқӣ ва фалсафии низоми давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Принсипи суверенитети рақамӣ пояи асосии ҳуқуқи миллӣ дар фазои иттилоотӣ мебошад. Он маънои онро дорад, ки ҳар давлат ҳуқуқ дорад фазои рақамии худро ба мисли қаламрави физикӣ идора ва ҳифз намояд. Ин принсип ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар Дастури Таллинн инъикос ёфта, дар он таъкид мешавад, ки ҳар давлат ҳуқуқ дорад фаъолияти кибериро дар қаламрави худ танзим ва аз дахолати хориҷӣ муҳофизат кунад.

Аз дидгоҳи фалсафӣ, суверенитети рақамӣ ҳамзамон маънои масъулияти давлатро низ ифода мекунад, яъне давлат на танҳо соҳиб, балки масъули ҳифзи шаҳрвандон дар фазои иттилоотӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин принсип тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» ва Стратегияи миллии амнияти иттилоотӣ 2023–2027 татбиқ мегардад. Аз ин лиҳоз, суверенитети рақамӣ ҳамчун қобилияти давлат барои ҷавобгӯ будан дар муҳите фаҳмида мешавад, ки сарҳадҳои анъанавӣ надорад.

Дар ҳуқуқи байналмилалии муосир принсипи масъулияти давлат (state responsibility) яке аз пояҳои асосии танзими муносибатҳои киберӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи Лоиҳаи моддаҳои Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъулияти давлатҳо

барои амалҳои байналмилалии ғайриқонунӣ ва мавқеи инъикосёфта дар Дастури Таллинн 2.0, давлат метавонад барои амалиёти киберие, ки ба он мансуб дониста мешавад ё аз қаламрави он сарчашма гирифтааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳуқуқи байналмилалӣ масъул эътироф гардад. Ин принсип заминаи ҳуқуқии татбиқи институти масъулияти байналмилалии давлатро дар муносибатҳои вобаста ба амнияти киберӣ ташкил медиҳад.

Дар ин замина давлат уҳдадор аст истифодаи қаламрави худро барои анҷом додани амалиёти киберии ғайриқонунӣ пешгирӣ намояд, ҷиҳати таҳқиқи чунин амалҳо чораҳои зарурӣ андешад, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиро таъмин созад ва дар ҳолатҳои беамалӣ (omission) ё иҷро накардани уҳдадориҳои байналмилалии худ масъулияти ҳуқуқиро бар дӯш гирад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат яке аз вазифаҳои муҳими давлат эътироф гардидааст, ки ба муносибатҳои вобаста ба таъмини амнияти киберӣ низ дахл дорад [3, с. 14].

Бо дарназардошти хусусияти фаромиллии кибертерроризм, муқовимати самаранок ба он бидуни рушди ҳамкории байналмилалӣ имконнопазир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар сохторҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ ва таҳкими амнияти иттилоотӣ иштирок намуда, ҳамоҳангсозии тадбирҳои муштаракро дар ин самт тақвият мебахшад.

Яке аз принсипҳои калидии танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм принсипи мутаносибият (proportionality) мебошад, ки таъмини мувозинат миёни манфиатҳои амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро пешбинӣ менамояд. Мутобиқи моддаи 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ҳар гуна маҳдудият нисбат ба озодии дастрасӣ ба иттилоот бояд бо қонун муқаррар гардида, барои ҳифзи манфиатҳои қонунӣ зарур ва мутаносиб бошад.

Аз ин рӯ, татбиқи чораҳои зиддикибертеррористӣ набояд боиси маҳдудсозии беасоси ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон гардад. Таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва озодии дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун унсурҳои ҷудонашавандаи сиёсати давлатии таъмини амнияти иттилоотӣ эътироф мешаванд [11, с. 18]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин талабот тавассути қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи маълумоти шахсӣ ва амнияти иттилоотӣ амалӣ мегардад.

Ҳамзамон, мувофиқи Қоидаи 71-и Дастури Таллинн 2.0, ҳар гуна чораҳои ҷавобӣ ба киберҳамла бояд ба дараҷаи хатар ва паёмадҳои воқеии он мутаносиб бошанд. Ин талабот инчунин аз муқаррароти моддаи 51-и Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид бармеояд ва яке аз кафолатҳои муҳими риояи принсипи қонуният ҳангоми татбиқи чораҳои ҷавобӣ ба таҳдидҳои киберӣ ба ҳисоб меравад [13, с. 120].

Хулоса. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки принсипҳои ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм дорои хусусияти универсалӣ буда, ҳамчун асоси ташаккули низоми байналмилалӣ ва миллии таъмини амнияти киберӣ хизмат менамоянд. Самаранокии муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ аз ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, рушди ҳамкории байнидавлатӣ ва риояи мувозинат миёни таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вобастагии мустақим дорад.

Дар айни замон, дар ҳуқуқи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягона ва умумиэътирофшудаи мафҳуми «кибертерроризм» ташаккул наёфтааст, ки ин ҳолат боиси гуногунфаҳмии ҳуқуқӣ ва тафовути амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар давлатҳои гуногун мегардад. Аз ин рӯ, такмили заминаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм, таҳияи меъёрҳои ягона ва мутобиқсозии онҳо бо қонунгузории миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 179¹ (таҳрири соли 2021). - Душанбе, 2021. – 356 с.
2. Қозиён, Ш.Қ. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқи маҳкумшудагон / Ш.Қ.Қозиён. – 2011. – 98 с.
3. Қозиён, Ш.Қ. Эмомалӣ Раҳмон ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Ш.Қ.Қозиён. Душанбе.- 2024. – 104 с.
4. Морозов, В.А., Принципы западноевропейской правовой культуры: диссертация … кандидата юридических наук: 12.00.01. / В.А.Морозов. Москва, 2009. – 166 с.
5. Нерсесянц, В.С. Общая права и государства. / В.С. Нерсесянц. Морозов. – М, 1991. – 271 с.
6. Петрунина, А.А. Принцип единства судебной практики как фактор развития правовой культуры // Правовая культура / А.А. Петрунина. 2015. №1 (20). - С. 72-75.

7. Пырина, М.В., Томюк, О.Н. Правовая культура: понятие, принципы и факторы ее формирования // В сборнике: Современные проблемы образования. Сборник научных статей / М.В. Пырина, Екетеренбург, 2014. - С.83-86.
8. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: “Сино” 2018. – 379 с.
9. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: “Сино” 2018. – 310 с.
10. Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Шарқи озод” 2009. – 74-75 с.
11. Ҳасанов, Ш. Қ. Худшиносии миллӣ ва худогоҳии ҷавонон / Ш. Қ. Ҳасанов. – Душанбе, 2017. – С. 38
12. Ҳасанов, Ш.Қ. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқи маҳкумшудагон / Ш.Қ. Ҳасанов. Душанбе, 2011. – 79 с.
13. Ҳусейнзода, А.Б. Таъсири омилҳои динӣ ба равандҳои сиёсӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Б. Ҳусейнзода. – Кулоб, 2021. – 201 с.
14. Шамолов, А.А. Исламское государство и причины вербовки молодежи и региона Центральной Азии / А.А. Шамолов // Материалы международной конференции “Ислам против религиозного экстремизма и терроризма” Душанбе, 2015. – 68 с.
15. Шарипов, С. Регулирование отношений политической системой и исламом в таджикском национальной системой и исламом в таджикском национальном государстве / С. Шарипов // Построение доверия между исламистами и секуляристами – таджикский экспримент. Душанбе, 2004. – С. 122-139.
16. Шегорцов, В.А. Социология правосознания. Монография / В.А. Шегорцев. – М.: Мысль, 1981. – 174 с.
17. Экимов, А.И. Интересы и право социалистическом обществе / А.И. Экимов. – Л., 1984. – 135 с.
18. De Nardis, L. The Global War for Internet Governance / L. De Nardis. - New Haven; London: Yale University Press, 2014. – 296 с.
19. Denning, D. E. Information Warfare and Security / D. E. Denning. - Reading, MA: Addison-Wesley, 1999. – 522 p.
20. Habermas, J. Between Facts and Norms: Contributions to a Discourse Theory of Law and Democracy / J. Habermas. - Cambridge, MA: MIT Press, 1996. – 676 p.
21. International Covenant on Civil and Political Rights: Article 19. - New York: United Nations, 1966. – 52 p.
22. Nye J. S. Jr. The Future of Power. - New York: PublicAffairs, 2011. – 320 p.
23. United Nations General Assembly. Resolution 55/63: Combating the Criminal Misuse of Information Technologies. 4 December 2000 / J. S. Jr. Nye. - New York: United Nations, 2000. - P. 3.
24. United Nations International Law Commission. Articles on Responsibility of States for Internationally Wrongful Acts. - UN Doc. A/56/10. - New York: United Nations, 2001. – 59 p.
25. Wiener, N. The Human Use of Human Beings: Cybernetics and Society / N. Wiener. - Boston: Houghton Mifflin, 1950. – 241 p.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРТЕРРОРИЗМ ДАР САТҲИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Кибертерроризм яке аз шаклҳои муосири терроризм мебошад, ки дар он ба ҷои воситаҳои анъанавии зӯроварӣ аз ҳамлаҳои рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда мешавад. Дар сатҳи байналмилалӣ кибертерроризм ҳамчун истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотӣ аз ҷумла интернет, шабакаҳои компютерӣ ва системаҳои рақамӣ аз ҷониби гурӯҳҳо ё шахсони дорои ангезаҳои террористӣ барои расонидани зарар, эҷоди тарс ва таъсиррасонӣ ба давлатҳо, ҷомеа ва иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мегардад. Таҳқиқоти мазкур ба баррасии асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм, таҳлили хавфу таҳдидҳои он ба амнияти миллӣ ва иттилоотӣ, инчунин омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар ин самт бахшида шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқот арзёбии самаранокии механизмҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризм мебошад. Мақола инчунин низоми ҳуқуқии муқовимат ба кибертерроризмро дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ таҳлил намуда, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии танзим, механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ ва масъулияти давлатҳоро дар пешгирӣ ва мубориза бо ин таҳдидҳо баррасӣ менамояд. Дар доираи таҳқиқот принсипҳои амнияти иттилоотӣ, истиқлоли рақамӣ, ҳамкории фаромиллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар фазои рақамӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: кибертерроризм, танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, амнияти иттилоотӣ, масъулияти давлатӣ, қонунгузории миллӣ

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КИБЕРТЕРРОРИЗМУ НА НАЦИОНАЛЬНОМ И МЕЖДУНАРОДНОМ УРОВНЯХ

Кибертерроризм является одной из современных форм терроризма, при которой вместо традиционных средств насилия используются кибератаки и цифровые технологии. На международном уровне кибертерроризм определяется как целенаправленное использование информационных технологий включая интернет, компьютерные сети и цифровые системы террористическими группами или отдельными лицами с

целью причинения вреда, создания страха и воздействия на государства, общество или мировую экономику. Данное исследование посвящено изучению правовых основ противодействия кибертерроризму, анализу его угроз для национальной и информационной безопасности, а также рассмотрению национальных и международных нормативно-правовых актов в данной сфере. Основной целью исследования является оценка эффективности существующих правовых механизмов и разработка предложений по совершенствованию правового регулирования противодействия кибертерроризму. В статье также анализируется правовая система противодействия кибертерроризму на национальном и международном уровнях. На основе международного уголовного права, информационного права и законодательства Республики Таджикистан рассматриваются основные направления регулирования, механизмы международного сотрудничества и ответственность государств в сфере предотвращения и борьбы с указанными угрозами. В исследовании уделяется внимание принципам информационной безопасности, цифрового суверенитета, трансграничного сотрудничества и защиты прав человека в цифровой среде.

Ключевые слова: кибертерроризм, правовое регулирование, международное право, уголовное право, информационная безопасность, ответственность государства, национальное законодательство.

LEGAL REGULATION OF COUNTERING CYBERTERRORISM AT THE NATIONAL AND INTERNATIONAL LEVELS

Cyberterrorism is one of the modern forms of terrorism, in which cyberattacks and digital technologies are used instead of traditional means of violence. At the international level, cyberterrorism is defined as the deliberate use of information technologies—including the internet, computer networks, and digital systems—by terrorist groups or individuals to cause harm, create fear, and exert influence on states, societies, or the global economy. This research examines the legal foundations for countering cyberterrorism, analyzes its threats to national and information security, and studies relevant national and international legal instruments in this field. The main objective of the study is to assess the effectiveness of existing legal mechanisms and to propose ways to improve the legal regulation of countering cyberterrorism. The article also analyzes the legal framework for combating cyberterrorism at both national and international levels. Based on international criminal law, information law, and the legislation of the Republic of Tajikistan, it discusses key regulatory directions, mechanisms of international cooperation, and state responsibility in preventing and countering these threats. The study evaluates principles of information security, digital sovereignty, transnational cooperation, and the protection of human rights in the digital environment.

Keywords: cyberterrorism, legal regulation, international law, criminal law, information security, state responsibility, national legislation**.**

Дар бораи муаллифон

Қозиён Шариф Қозӣ
номзади илмҳои ҳуқуқ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Фатҳуллоев Фатҳулло Саидович
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Козиён Шариф Кози
Кандидат юридических наук, доктор политических наук, профессор
Кафедры права факультет история и права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Фатхуллоев Фатхулло Саидович
Соискатель кафедры права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Qoziyon Sharif Qozi
Doctor of Law, Professor
Departments of Law, Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Fathulloev Fathullo Saidovich
Applicant at the Department of Law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 349.2:340.13

МАФҲУМИ САРЧАШМАИ ҲУҚУҚ ВА АҲАМИЯТИ МЕТОДОЛОГИИ ОН ДАР ТАҲҚИҚИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

Назарзода Д.Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз категорияҳои бунёдии назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамзамон воситаи муҳими таҳлили методологӣ баррасӣ мегардад. Дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ ва илмҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, он на танҳо шаклҳои зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро муайян менамояд, балки заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ташаккул ва рушди онҳоро низ инъикос мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқ имкон медиҳад равандҳои ташаккули низоми ҳуқуқӣ, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба қонунгузорӣ ва самтҳои асосии рушди танзими ҳуқуқӣ ба таври муназзам арзёбӣ гарданд.

Хусусияти сермаъноии ин истилоҳро ҳанӯз профессор С.Ф. Кечекян таъкид намуда буд. Ба таъкиди ӯ, мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ» «…аз ҷумлаи мафҳумҳои норӯшантарини назарияи ҳуқуқ маҳсуб меёбад. На танҳо таърифи умумиқабулшудаи он вуҷуд надорад, ҳатто маъное, ки дар он ибораи «сарчашмаи ҳуқуқ» истифода мешавад, низ баҳснок боқӣ мемонад» [17, с. 6].

Ба андешаи мо, бисёрмаъноии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» на танҳо мушкилоти истилоҳӣ, балки хусусияти табиии ин категорияи ҳуқуқиро инъикос менамояд. Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ зери таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфта, аз ин рӯ сарчашмаҳои он низ дорои табиати бисёрсатҳавӣ мебошанд. Дар ҳамин замина маҳдуд намудани мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ танҳо ба шаклҳои расмии меъёрӣ наметавонад тамоми паҳлуҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқро инъикос намояд.

Якум, истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» пеш аз ҳама омилҳоеро ифода менамояд, ки ба пайдоиш, рушд ва фаъолияти ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Дар ин фаҳмиш сухан на танҳо дар бораи шаклҳои зоҳирии ҳуқуқ, балки дар бораи шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавие меравад, ки ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқиро муайян менамоянд. Масалан, дар доираи назарияи теологӣ (илоҳӣ) сарчашмаи аслии ҳуқуқ иродаи илоҳӣ дониста мешавад, дар ҳоле ки равишҳои материалистӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва равониро ҳамчун заминаи ташаккул ва рушди ҳуқуқ арзёбӣ менамоянд.

Ин гуна фаҳмиш дар адабиёти муосири ҳуқуқшиносӣ низ дастгирӣ меёбад. Чунончи, таъкид мегардад, ки «дар адабиёти муосири ҳуқуқшиносӣ майли ҷудо намудани маъноҳои истифодаи истилоҳи “сарчашмаҳои ҳуқуқ” ба назар мерасад, ки дар натиҷа истилоҳҳои “сарчашмаҳои табиӣ” ва “сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқ” мавриди истифода қарор мегиранд» [11, с. 419-423].

Дуюм, истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ инчунин барои ифодаи он нерӯ ва омилҳое истифода мешавад, ки бевосита ба ташаккул ва расмиятёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ба онҳо хусусияти умумиҳатмӣ мебахшанд. Дар ин фаҳмиш одатан фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат, иродаи давлатӣ ё шаклҳои расмии ифодаёбии он ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ арзёбӣ мегарданд.

Дар таълимоти ҳуқуқии шӯравӣ ин равиш густариши васеъ дошт. Аз ҷумла, Н.Г. Александров ҳанӯз дар солҳои 40-уми асри гузашта пешниҳод намуда буд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳамчун навъи махсуси фаъолияти давлат фаҳмида шаванд, ки ба муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ равона гардидааст. Ба таъкиди ӯ, «сарчашмаи ҳуқуқ амали махсуси изҳори ирода мебошад, ки онро набояд бо иродаи объективигардида айният дод»[1, с. 53]. Ба ҳамин мазмун, профессор С.С. Алексеев низ ишора намуда, қайд мекард, ки «амали алоҳидаи ҳуқуқэҷодкунӣ сарчашмаи ҳуқуқии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад»[2, с. 314].

Сеюм, истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар баъзе мавридҳо ҳамчун мафҳуми шартӣ ва образнок истифода мешавад, ки бештар барои осон намудани дарки моҳияти ҳуқуқ хизмат мекунад, на барои ифодаи дақиқи мазмуни он. Дар ҳамин замина, профессор С.С. Алексеев барои тавсифи ҳуқуқ аз ибораҳои образнок, аз қабили «махзан» ё «анбор»-и ҳуқуқи амалкунанда истифода намуда, ҳангоми баррасии таносуби мафҳумҳои «шакли ҳуқуқ» ва «сарчашмаи ҳуқуқ» ба хулоса мерасад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ он манбаъе мебошанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқшиносон ва ҷомеа аз мазмун ва талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ огоҳӣ пайдо мекунанд [2, с. 213]. Ба ҳамин монанд, як қатор олимони дигар, аз ҷумла академик Б.Н. Топорнин ва профессор А.А. Рубанов, низ истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ»-ро бештар дорои хусусияти истиоравӣ (метафорӣ) дониста, онро ҳамчун воситаи тавзеҳи назариявии падидаи ҳуқуқ арзёбӣ менамоянд [16, с. 42; 23, с. 9].

Чорум, истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар маънои махсуси ҳуқуқӣ низ истифода мешавад. Дар ин фаҳмиш бо ин истилоҳ шаклҳои зоҳирии ифодаёбӣ ва мустаҳкамсозии ҳуқуқи позитивии амалкунанда дар назар дошта мешаванд. Чунин тафсири мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар таълимоти ҳуқуқии тоинқилобии Русия густариши васеъ дошт. Аз ҷумла, ҳуқуқшиноси маъруфи рус М.М. Коркунов ин истилоҳро маҳз ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбии ҳуқуқ шарҳ дода буд [10, с. 66]. Ин равиш минбаъд дар таълимоти ҳуқуқии шӯравӣ низ идома ёфта, истифодаи истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар маънои шаклҳои расмии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ хусусияти хос пайдо намуд.

Панҷум, истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши ҳамгироии низомҳои ҳуқуқӣ метавонад ба сарчашмаҳои фаромиллӣ ё байналмилалӣ-ҳамгироии ҳуқуқ низ татбиқ гардад. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, стандартҳо ва санадҳои байналмилалӣ мансубанд, ки бевосита ё бавосита ба ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ таъсир мерасонанд. Ин раванд махсусан дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат баръало зоҳир мегардад, зеро стандартҳои байналмилалии меҳнат ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳо ба такмили қонунгузории миллӣ ва амалияи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд таъсири рӯзафзун мерасонанд.

Тавре ки дар таҳқиқоти қаблии мо низ таъкид гардидааст, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ нақши санадҳои байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат тадриҷан тақвият меёбад. Ин раванд, пеш аз ҳама, бо густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаманд буда, ба афзоиши таъсири стандартҳои байналмилалии меҳнат ба низоми ҳуқуқи миллӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа, муносибатҳои меҳнатӣ имрӯз на танҳо тавассути санадҳои миллӣ, балки тавассути доираи васеи санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои СММ, ТБМ, созишномаҳои минтақавӣ, дуҷониба ва бисёрҷониба танзим мегарданд [12, с. 3].

Шашум, «сарчашмаҳои ҳуқуқ» метавонад ба сарчашмаҳои амалӣ-танзимкунандаи ҳуқуқ низ татбиқ гардад. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, амалияи судӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар воситаҳои амалии танзими ҳуқуқ мансубанд, ки ҳарчанд шакли анъанавии меъёрии ҳуқуқро на ҳамеша доро мебошанд, аммо дар танзими воқеии муносибатҳои ҳуқуқӣ, бахусус муносибатҳои меҳнат, нақши муҳим мебозанд. Чунончи, дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки тавассути таҳлил ва ҷамъбасти амалияи судӣ камбудиҳои қонунгузорӣ, номувофиқати меъёрҳо ва мушкилоти татбиқи онҳо ошкор гардида, ин раванд ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд [14, с. 63].

Ҳамин тариқ, таҳлили анҷомёфтаи маъноҳо ва равишҳои гуногуни истифодаи истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» нишон медиҳад, ки ин категорияи назариявӣ танҳо ба шаклҳои зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқ маҳдуд намегардад. Он маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ ва институтсионалиро дар бар гирифта, раванди ташаккул ва рушди ҳуқуқро дар ҳамбастагӣ бо шароити воқеии ҳаёти ҷомеа инъикос менамояд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ, доираи фаҳмиши ин мафҳум тадриҷан васеъ гардида, шаклҳо ва механизмҳои нави ташаккули сарчашмаҳои ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши онҳо истифодаи равиши муосири методологиро тақозо намуда, барои таҳқиқи амиқтари низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ заминаи назариявӣ фароҳам месозад.

Таҳлили таҳаввули илми ҳуқуқшиносӣ нишон медиҳад, ки истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа ва хусусиятҳои тафаккури ҳуқуқӣ мазмун ва доираи фаҳмиши гуногун касб намудааст. Дар назарияи муосири ҳуқуқ ин мафҳум, одатан, дар се маъно (моддӣ, расмӣ ва ғоявӣ) баррасӣ мегардад: дар маънои моддӣ ҳамчун заминаи иҷтимоии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар маънои расмӣ ҳамчун шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамсозии онҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ ва дар маънои ғоявӣ ҳамчун инъикоси шуур ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа [7, с. 317; 8, с. 94]. Ба андешаи мо, маҳз омезиши ин се ҷанба имкон медиҳад сарчашмаи ҳуқуқ ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрсатҳавии танзими ҳуқуқӣ дуруст дарк карда шавад.

Дар ҳамин замина И.И. Камолзода (собиқ – И.И. Камолов) таъкид менамояд, ки дар шароити муосир сарчашмаи ҳуқуқ бояд ҳамчун категорияи бисёрсатҳавӣ баррасӣ шавад, зеро маҳдуд намудани он танҳо ба шаклҳои расмии давлатӣ дарки воқеии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва рушди низоми ҳуқуқиро маҳдуд месозад ва сарчашмаҳои ҳуқуқ дар амал зери таъсири ҳамзамони омилҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва байналмилалӣ ташаккул меёбанд [10, с. 6-8]. Ин равиш барои таҳлили низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, аҳамияти муҳими методологӣ дорад.

Равиши мазкур дар таҳқиқоти олимони ватанӣ низ дастгирӣ меёбад. Аз ҷумла, Э.Б. Буризода (собиқ – И.Б. Буриев) сарчашмаи ҳуқуқро на танҳо шакли расмии ифодаи меъёрҳо, балки маншаъ ва асоси иҷтимоии ташаккули онҳо мешуморад ва таъкид менамояд, ки дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ сарчашмаҳои ҳуқуқ нахуст хусусияти ғоявӣ ва иҷтимоӣ дошта, баъдан дар шаклҳои расмии меъёрӣ таҷассум меёфтанд [6, с. 24-26].

Ба таъкиди Р.Ш. Шарофзода (собиқ – Р.Ш. Сотиволдиев), «Сарчашмаи ҳуқуқро танҳо бо давлат алоқаманд намудан мумкин нест, чунки ба ғайр аз натиҷаҳои ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ боз сарчашмаҳое вуҷуд доранд, ки аз давлат вобаста нестанд, бидуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ пайдо шудаанд (сарчашмаҳои динӣ, одатҳо, одатҳои ҳуқуқӣ, одатҳои муомилоти корӣ ва м.и.» [20, с. 329].

Баробари ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ равишҳои нисбатан маҳдуд низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, А.Б. Венгеров сарчашмаи ҳуқуқро ҳамчун шакли таҳкими объективии муҳтавои ҳуқуқ дар санадҳои давлатӣ, урфу одатҳо ва дигар шаклҳои расмӣ арзёбӣ менамояд [6, с. 402], дар ҳоле ки С.С. Алексеев онро тарзҳои аз ҷониби давлат эътирофшудаи ифода ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқии дорои аҳамияти умумиҳатмӣ мешуморад [3, с. 76]. Дар ҳамин замина, А.С. Пиголкина ва Ю.А. Дмитриева низ бар он назаранд, ки «Сарчашмаҳои ҳуқуқ - ин ҳуҷҷатҳои расмии дар давлат амалкунанда мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқро муқаррар ё мустаҳкам мекунанд, шаклҳои зоҳирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатанд ва тавассути онҳо иродаи қонунгузор барои иҷроиш ҳатмӣ мегардад» [21, с. 407].

Ба андешаи мо, чунин равишҳо аҳамияти шакли расмии ҳуқуқро дуруст таъкид менамоянд, аммо барои дарки пурраи моҳияти сарчашмаҳои ҳуқуқ кофӣ нестанд. Чунин мавқеъро Шарофзода Р.Ш. низ дастгирӣ намуда, бо як қатор далелҳо исбот менамояд, ки маҳдуд намудани сарчашмаҳои ҳуқуқ танҳо ба шаклҳои расмии онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок набуда, ба воқеияти ташаккул ва рушди сарчашмаҳои ҳуқуқ мутобиқат намекунад [20, с. 329-330].

Дар адабиёти муосири илмӣ ва таълимии ҳуқуқшиносӣ мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ» ба таври васеъ истифода мешаванд, аммо таносуби байни онҳо то ҳол хусусияти баҳснок дорад. Сабаби чунин ихтилоф, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки ҳар ду мафҳум барои ифодаи падидаҳои ба ҳам наздик истифода мешаванд, вале аз лиҳози моҳият ва мазмун пурра ҳамсон нестанд. Маҳз ҳамин ҳолат боис гардидааст, ки муҳаққиқон ҳангоми муайян намудани ҳудуд, мазмун ва нақши ин категорияҳои ҳуқуқӣ ба хулосаҳои гуногуни назариявӣ мерасанд, ки зарурати таҳлили дақиқи таносуби онҳоро дар доираи назарияи ҳуқуқ тақвият мебахшад.

Тибқи ақидаи С.И. Сон, мафҳуми «шакли ҳуқуқ» нисбат ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» доираи васеътар дорад. Ба назари ӯ, шакли ҳуқуқ аз як ҷониб сохтор ва низоми дохилии ҳуқуқи давлати муайянро инъикос менамояд, аз ҷониби дигар бошад, ҳамчун шакли зоҳирии ифодаи иродаи давлатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зуҳур мекунад [19, с. 61]. Ба андешаи мо, чунин равиш имконият медиҳад, ки шакли ҳуқуқ на танҳо ҳамчун маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун низоми мураттаби ташаккул, ифода ва амалкарди ҳуқуқ низ мавриди таҳлил қарор гирад.

А.А. Соколова сарчашмаи ҳуқуқро ҳамчун «зарфи махсус» ё «махзане» тавсиф менамояд, ки муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқӣ аз он бармеояд. Ба андешаи ӯ, шакли ҳуқуқ тарзи расмии ифодаи зоҳирӣ, устувор ва объективии меъёрҳои ҳуқуқ ба шумор меравад. Ҳамзамон, муаллиф ин ду мафҳумро ба ҳам наздик шуморида, таъкид мекунад, ки «шакл (сарчашма)-и ҳуқуқ шакли давлатӣ-расмии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад» [18, с. 4-5]. Мавқеи ба ин наздикро К.Л. Томашевский низ ҷонибдорӣ намуда, сарчашмаи ҳуқуқро пеш аз ҳама шакли зоҳирии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ арзёбӣ мекунад [22, с. 35-36]. Ба назари мо, чунин ҳамсонсозии мафҳумҳо то андозае қобили қабул аст, аммо он наметавонад тамоми ҷанбаҳои мазмунӣ ва функсионалии мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқро пурра инъикос намояд.

Дар назарияи умумии ҳуқуқ, бо ҷамъбасти баҳсҳои илмӣ оид ба таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ», се равиши асосӣ ташаккул ёфтааст. Тибқи равиши аввал, ин мафҳумҳо ба ҳам айният дода шуда, ҳамчун истилоҳҳои ҳаммаъно истифода мегарданд. Равиши дувум, баръакс, онҳоро категорияҳои мустақили илмӣ шуморида, ҳар якеро дорои мазмун ва доираи татбиқи хоси худ медонад. Равиши сеюм бошад, ба мавқеи мутавозин такя намуда, бар он асос меёбад, ки истифодаи формулаи «ё – ё» ба воқеияти рушди назарияи ҳуқуқ пурра мутобиқат намекунад, зеро ин мафҳумҳо дорои ҳам ҷанбаҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд [13, с. 17; 15, с. 56]. Маҳз равиши сеюм воқеияти муосири илми ҳуқуқро дақиқтар инъикос мекунад, зеро он имкон медиҳад таносуби байни «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» на ҳамчун айният ё тафовути мутлақ, балки ҳамчун робитаи мураккаби методологӣ ва функсионалӣ арзёбӣ гардад.

Ба андешаи мо, муносибати мутлақгардонии ҳар яке аз ин равишҳо наметавонад тамоми ҷанбаҳои моҳиятии мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқро пурра инъикос намояд. Дар ҳамин замина метавон асоснок намуд, ки муносибати методологӣ бояд бар шинохти онҳо ҳамчун категорияҳои ба ҳам вобаста, вале дорои мазмун ва вазифаи нисбатан мустақил асос ёбад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки ҳам заминаҳои ташаккули ҳуқуқ ва ҳам шаклҳои расмии ифодаёбии он дар робитаи мутақобила таҳлил карда шаванд.

Олимони кишварҳои хориҷи дур низ ба масъалаи таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ» таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, Ж.Л. Бержел номуайянии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро бо он шарҳ медиҳад, ки тавассути ин истилоҳ аксаран ҳам сарчашмаҳои моддӣ ва ҳам сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ дар назар дошта мешаванд, ки ин ҳолат ба пайдоиши ихтилофи назариявӣ мусоидат мекунад [4, с. 97]. Баҳснок будани ин масъала аз ҷониби дигар муҳаққиқони хориҷӣ низ таъкид гардида, он ҳамчун яке аз масъалаҳои мураккаби назарияи ҳуқуқ арзёбӣ мешавад [24, с. 46].

Таҳлили назариявии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ва баррасии таносуби он бо мафҳуми «шакли ҳуқуқ» нишон медиҳад, ки дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ ин категорияҳо, сарфи назар аз доштани иртиботи зичи методологӣ, айнияти пурра надоранд. Сарчашмаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ба маншаъ, замина ва омилҳои пайдоиш ва рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ ишора менамояд, дар ҳоле ки шакли ҳуқуқ тарзи ифодаёбӣ ва мустаҳкамсозии расмии ин меъёрҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос мекунад.

Аз ин рӯ, баррасии ин мафҳумҳо танҳо дар қолаби айният ё муқобилгузории сода наметавонад тамоми паҳлуҳои моҳиятии онҳоро фаро гирад. Муносибати илмӣ тақозо мекунад, ки онҳо ҳамчун категорияҳои ба ҳам вобаста, вале нисбатан мустақил арзёбӣ шаванд, зеро маҳз чунин равиш имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккул, ифода ва татбиқи ҳуқуқ ба таври ҳамаҷониба ва муназзам таҳлил карда шаванд.

Дар адабиёти илмии ватанӣ низ нисбат ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» тадриҷан равиши нисбатан васеъ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, Э.Б. Буризода дар асоси таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ таъкид менамояд, ки сарчашмаи ҳуқуқ набояд танҳо ба санадҳои расмии давлатӣ маҳдуд карда шавад, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва натиҷаи таъсири омилҳои арзишӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ баррасӣ гардад. Чунин фаҳмиш имкон медиҳад, ки сарчашмаи ҳуқуқ ҳамчун категорияи бисёрсатҳавӣ дар ҳамбастагӣ бо шуури ҳуқуқӣ, анъанаҳои иҷтимоӣ ва заминаҳои воқеии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳлил карда шавад [5, с. 41-43]. Ин равиши методологӣ барои таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат низ аҳаммияти махсус дорад, зеро танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд на танҳо натиҷаи иродаи қонунгузор, балки инъикоси сатҳи рушди иҷтимоӣ, хусусиятҳои бозори меҳнат ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Сарчашмаи ҳуқуқ на танҳо шакли расмии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, балки маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва институтсионалиро низ фаро гирифта, раванди ташаккул ва рушди ҳуқуқро инъикос менамояд.

Бо дарназардошти таҳлили назариявӣ ва баррасии равишҳои гуногуни илмӣ нисбат ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқ ба таври зерин ҷамъбаст мешаванд:

1. Мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» дорои табиати мураккаб ва бисёрсатҳавӣ буда, ҳамчун категорияи бунёдии назариявӣ-методологии илми ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, хизмат мекунад. Гуногунмаъноӣ ва набудани фаҳмиши ягонаи он дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ на танҳо ихтилофи истилоҳиро инъикос менамояд, балки ба таҳаввули равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа низ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат истифодаи равиши маҷмӯӣ ва бисёрсатҳавиро тақозо менамояд.
2. Муайян карда шуд, ки дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» бояд дар се ҷанбаи ба ҳам вобаста баррасӣ гардад:
   - ҳамчун заминаи иҷтимоӣ ва моддии ташаккули ҳуқуқ;
   - ҳамчун шакли расмии ифодаёбӣ ва мустаҳкамсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ;
   - ҳамчун инъикоси ғоявӣ ва арзишии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа.

Омезиши ин се ҷанба имкон медиҳад, ки сарчашмаи ҳуқуқ ҳамчун падидаи бисёрсатҳавии танзими иҷтимоӣ дарк карда шуда, раванди ташаккул ва рушди ҳуқуқ ба таври ҳамаҷониба таҳлил гардад. Чунин равиш барои омӯзиши низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат дорои аҳамияти муҳими методологӣ мебошад.

3. Муайян гардид, ки мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ», сарфи назар аз иртиботи зичи методологӣ, айнияти пурра надоранд. Сарчашмаи ҳуқуқ пеш аз ҳама ба маншаъ, замина ва омилҳои ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ишора менамояд, дар ҳоле ки шакли ҳуқуқ тарзи

расмии ифодаёбӣ ва мустаҳкамсозии онҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос мекунад. Дар ин замина асоснок карда мешавад, ки муносибати методологӣ бояд бар шинохти онҳо ҳамчун категорияҳои ба ҳам вобаста, вале дорои мазмун ва вазифаи нисбатан мустақил асос ёбад.

4. Дар шароити муосири рушди низомҳои ҳуқуқӣ доираи сарчашмаҳои ҳуқуқ тадриҷан васеъ гардида, дар баробари шаклҳои анъанавии меъёрӣ инчунин сарчашмаҳои фаромиллӣ, институтсионалӣ ва амалӣ-танзимкунанда низ аҳамияти афзоянда пайдо менамоянд. Дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат ин раванд махсусан дар шакли тақвияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат, таъсири стандартҳои байналмилалии меҳнат, рушди механизмҳои шарикии иҷтимоӣ ва шаклҳои гуногуни танзими шартномавӣ, меъёрэҷодкунии дохилӣ (локалӣ) ва ташаккули таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ зоҳир мегардад, ки дар маҷмӯъ ба такмил ва рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд.

5. Муайян гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии низомҳои ҳуқуқӣ сарчашмаҳои байналмилалӣ ба яке аз унсурҳои муҳими ташаккули низоми ҳуқуқи меҳнати миллӣ табдил меёбанд. Стандартҳои байналмилалии меҳнат на танҳо ба мазмун ва самтҳои рушди қонунгузории меҳнатӣ таъсир мерасонанд, балки ба ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ бо талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва баланд гардидани сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии инсон мусоидат менамоянд.

6. Дар шароити рақамикунонии муносибатҳои иҷтимоӣ доираи сарчашмаҳои ҳуқуқ тадриҷан бо шаклҳои нави ифодаи ҳуқуқ пурра мегардад. Ҳуҷҷатҳои электронии ҳуқуқӣ, базаҳои иттилоотии ҳуқуқӣ ва захираҳои рақамии санадҳои меъёрӣ ба унсури муҳими низоми муосири танзими ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба раванди татбиқ, тафсир ва рушди минбаъдаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, таъсири назаррас мерасонанд. Ин ҳолат зарурати таҳияи равишҳои нави методологиро барои таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат дар шароити рақамикунонии низоми ҳуқуқӣ тақозо менамояд.

Адабиёт

1. Александров, Н.Г. Понятие источника права / Н.Г. Александров // Ученые труды ВИЮН. Москва, 1946. – Вып. VIII. – С. 3-48.
2. Алексеев, С.С. Общая теория права: в 2 томах / С.С. Алексеев. – Москва: Юридическая литература, 1982. – Т. 2. – 360 с.
3. Алексеев, С.С. Право: азбука – теория – философия: опыт комплексного исследования / С.С. Алексеев. – Москва: Статут, 1999. – 712 с.
4. Бержель, Ж.-Л. Общая теория права / Ж.-Л. Бержель; под общ. ред. В.И. Даниленко. – Москва: Nota Bene, 2000. – 576 с.
5. Буриев, И.Б. Источники права исламского периода Таджикской государственности: теория и практика. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 223 с.
6. Венгеров, А.Б. Теория государства и права: учебник / А.Б. Венгеров. – Москва: Юриспруденция, 1998. – 624 с.
7. Вишневский, А. Ф. Общая теория государства и права: учебник / А.Ф. Вишневский, Н.А. Горбатюк, В.А. Кучинский; под общ. ред. В.А. Кучинского. – Москва: Изд-во деловой и учебной литературы, 2004. – 448 с.
8. Вострецова, О.А. Конвенции и рекомендации МОТ как источники трудового права: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.05 / Вострецова Ольга Александровна. – Москва, 2006. – 197 с.
9. Камолов, И.И. Источники права Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. - Душанбе, 2009. – 194 с.
10. Коркунов, Н.М. Лекции по общей теории права / Н.М. Коркунов. − СПб., 1909. – 421 с.
11. Любашиц, В.Я. Теория государства и права: учебник / В.Я. Любашиц, А.Ю. Мордовцев, А.Ю. Мамычев. – 2-е изд., доп. и перераб. – Ростов-на-Дону: Феникс, 2010. – 700 с.
12. Назаров, Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе, 2021. – 63 с.
13. Назаров, Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе, 2021. – 185 с.
14. Правоприменение в советском государстве: монография / С.Н. Абрамов, Н.Г. Александров, С.С. Алексеев [и др.]; ответственные редакторы И.Н. Кузнецов, И.С. Самощенко. – Москва: Юридическая литература, 1985. – 304 с.

15. Проблемы общей теории права и государства / под общ. ред. В.С. Нерсесянца. – Москва: Норма, 1999. – 832 с.
16. Рубанов, А.А. Понятие источника права как проявление метафоричности юридического сознания / А.А. Рубанов // Судебная практика как источник права. – М., 1977. – С. 41-46.
17. Сильченко, Н. В. Источники права: сборник научных статей / Н. В. Сильченко. – Минск: Право и экономика, 2021. – 294 с.
18. Соколова, А.А. Законодательный процесс: основные понятия и институты: учеб.-метод. пособие / А.А. Соколова. – Минск: БГУ, 2003. – 39 с.
19. Сон, С.И. Некоторые проблемы теории источников трудового права // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Право. – 2008. – № 28 (128). – С. 89–93.
20. Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Дар 2 ҷилд. Ҷилди 2 / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – 654 с.
21. Теория государства и права: учебник для вузов / под редакцией А.С. Пиголкина, Ю.А. Дмитриева. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юрайт, 2011. – 743 с.
22. Томашевский, К.Л. Очерки трудового права (история, философия, проблемы систем и источников) / К.Л. Томашевский. – Минск: Изд. центр БГУ, 2009. – 335 с.
23. Топорнин, Б.Н. Система источников права: тенденции развития / Б.Н. Топорнин // Судебная практика как источник права. – М., 2000. – С. 3-24.
24. Foster, N. German Law and Legal System / N. Foster. – Mayfield: Blackstone Press, 1993. – 380 p.

МАФҲУМИ САРЧАШМАИ ҲУҚУҚ ВА АҲАМИЯТИ МЕТОДОЛОГИИ ОН ДАР ТАҲҚИҚИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

Мақола ба таҳқиқи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун яке аз категорияҳои бунёдии назарияи умумии ҳуқуқ ва аҳамияти методологии он дар омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ равишҳои гуногуни назариявӣ нисбат ба фаҳмиши истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» баррасӣ гардида, маъноҳои асосии истифодаи он дар илми ҳуқуқшиносӣ муайян карда мешаванд. Дар мақола ҳамчунин масъалаи таносуби мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» таҳлил гардида, асоснок карда мешавад, ки онҳо категорияҳои ба ҳам вобаста, вале нисбатан мустақили назарияи ҳуқуқ мебошанд. Дар натиҷаи таҳқиқ равиши маҷмӯӣ ба фаҳмиши сарчашмаҳои ҳуқуқ пешниҳод гардида, аҳамияти методологии он барои омӯзиши низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат нишон дода мешавад.

Калидвожаҳо: сарчашмаи ҳуқуқ, шакли ҳуқуқ, назарияи ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, сарчашмаҳои байналмилалии ҳуқуқ, методологияи ҳуқуқ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ.

ПОНЯТИЕ ИСТОЧНИКА ПРАВА И ЕГО МЕТОДОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ В ИССЛЕДОВАНИИ ИСТОЧНИКОВ ТРУДОВОГО ПРАВА

Статья посвящена исследованию понятия «источник права» как одной из фундаментальных категорий общей теории права и его методологического значения для изучения источников трудового права. На основе анализа отечественной и зарубежной научной литературы рассматриваются различные теоретические подходы к пониманию термина «источник права», а также выявляются основные значения его использования в юридической науке. В статье также анализируется соотношение понятий «источник права» и «форма права», обосновывается, что они являются взаимосвязанными, но относительно самостоятельными категориями теории права. В результате исследования предлагается комплексный подход к пониманию источников права и раскрывается его методологическое значение для изучения системы источников трудового права.

Ключевые слова: источник права, форма права, теория права, источники трудового права, международные источники права, методология права, правовое регулирование трудовых отношений.

THE CONCEPT OF THE SOURCE OF LAW AND ITS METHODOLOGICAL SIGNIFICANCE IN THE STUDY OF THE SOURCES OF LABOUR LAW

The article examines the concept of the “source of law” as one of the fundamental categories of the general theory of law and its methodological significance for studying the sources of labour law. Based on the analysis of domestic and foreign legal scholarship, various theoretical approaches to understanding the term “source of law” are considered, and the main meanings of its use in legal science are identified. The article also analyses the

correlation between the concepts of the “source of law” and the “form of law”, substantiating that they are interrelated but relatively independent categories of legal theory. As a result of the study, a comprehensive approach to understanding the sources of law is proposed, and its methodological significance for studying the sources of labour law is demonstrated.

Keywords: source of law, form of law, theory of law, sources of labour law, international sources of law, methodology of law, legal regulation of labour relations.

Дар бораи муаллиф
Назарзода Давлатхон Қурбонмурод
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

Об авторе
Назарзода Давлатхон Курбонмурод
кандидат юридических наук, доцент кафедры права
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

About the Author
Davlatkhon Nazarzoda Qurbomurod
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
121 Rudaki Avenue, Dushanbe 734003, Republic of Tajikistan
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

ТДУ 343.352:614

МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ТАКМИЛ

Турсунзода Ш. Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Коррупсия дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ ва рушди устувори соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи соҳаҳое мебошад, ки нисбат ба зуҳуроти коррупсионӣ бештар осебпазир буда, чунин амалҳо на танҳо ба самаранокии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, балки ба таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ низ таъсири бевосита мерасонанд [2, с. 90].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми тандурустии он дар шароити ислоҳоти пайваста қарор дорад, масъалаи муқовимат ба коррупсия аҳамияти махсус касб намудааст. Тавре таҳқиқоти Абдуллаева Р. А. нишон медиҳанд, амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ бештар дар шакли гирифтани пардохтҳои ғайрирасмӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тақсимоти ғайришаффофи доруворӣ ва истифодаи ғайримақсадноки захираҳои давлатӣ зуҳур мекунанд [1, с. 43].

Коррупсия дар соҳаи тандурустӣ танҳо мушкили ҳуқуқӣ набуда, ҷанбаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро низ дар бар мегирад. Паҳншавии чунин амалҳо ба коҳиш ёфтани дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизматрасониҳои тиббӣ, паст гардидани сифати хизматрасонӣ, коҳиши эътимоди ҷомеа ба низоми тандурустӣ ва афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат менамояд [13, с. 102].

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсияро пайваста такмил медиҳад. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои соҳавӣ асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба амалҳои коррупсиониро муайян намудаанд . Бо вуҷуди ин, амалияи татбиқи ин санадҳо нишон медиҳад, ки дар фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ ҳанӯз ҳам як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ ва ташкилӣ боқӣ мондаанд.

Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла Рустемова Г. Р. ва Абдуллаева Р. А., омилҳои асосии паҳншавии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ба сатҳи нокифояи назорати дохилӣ, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, музди нисбатан пасти меҳнати кормандони тиб ва камбуди механизмҳои самараноки пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ вобастагӣ доранд [2, с. 92; 13, с. 104].

Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқ, коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ҷиноятқории хизматӣ арзёбӣ гардида, ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, татбиқи сиёсати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонад. Тавре Антохина Н. С. таъкид менамояд, паҳншавии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ на танҳо ба истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ халал мерасонад, балки сатҳи эътимоди аҳолиро нисбат ба мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои тиббӣ коҳиш медиҳад [3, с. 211].

Таҳқиқоти созмонҳои байналмилалӣ низ собит месозанд, ки коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ба паст гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ, маҳдуд шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат ва коҳиш ёфтани самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ оварда мерасонад [6, с. 261].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи сабабҳо, оқибатҳо ва механизмҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки пайдоиш ва густариши коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва фарҳангӣ мебошад. Маҳз ҳамгироии ин омилҳо барои ташаккули муҳити мусоид ҷиҳати содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар фаъолияти муассисаҳои тиббӣ замина фароҳам меорад.

Яке аз омилҳои асосии паҳншавии коррупсия сатҳи нисбатан пасти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ мебошад. Дар шароите, ки музди меҳнат на ҳамеша ба талаботи иҷтимоӣ ва иқтисодии кормандон ҷавобгӯ аст, қисми муайяни онҳо ба ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагии даромад рӯ меоранд. Дар чунин ҳолатҳо гирифтани маблағҳои ғайрирасмӣ аз беморон

ҳамчун воситаи беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ истифода мегардад, ки дар навбати худ ба ташаккули муносибатҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд [1, с. 45–46; 2, с. 92].

Омили дигари муҳими паҳншавии коррупсия нокифоя будани низоми назорати дохилӣ ва шаффофияти фаъолияти молиявии муассисаҳои тандурустӣ мебошад. Дар як қатор муассисаҳои тиббӣ механизмҳои назорати истифодаи доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ ва маблағҳои буҷетӣ ҳанӯз ҳам такмили минбаъдаро талаб менамоянд. Маҳз камбудиҳои мавҷуда дар самти баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ имконияти содир гардидани сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ, истифодаи ғайримақсадноки доруворӣ ва дигар амалҳои коррупсиониро зиёд менамоянд [2, с. 93].

Ба густариши коррупсия инчунин омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ таъсири назаррас мерасонанд. Дар баъзе мавридҳо анъанаи изҳори миннатдорӣ ба кормандони тиб, ки таърихан хусусияти ахлоқӣ дошт, тадриҷан шакли пардохтҳои ғайрирасмиро касб намуда, ба яке аз омилҳои паҳншавии коррупсияи маишӣ табдил ёфтааст. Дар чунин шароит фарқ намудани муносибатҳои оддии иҷтимоӣ аз амалҳои коррупсионӣ мушкил гардида, чунин таҷрибаҳо тадриҷан хусусияти маъмулӣ пайдо мекунанд.

Яке аз сабабҳои дигари муҳим норасоии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ мебошад. Солҳои охир муҳоҷирати меҳнатии қисми муайяни мутахассисони соҳаи тандурустӣ ба хориҷи кишвар боиси афзоиши норасоии кадрҳо, махсусан дар минтақаҳои дурдаст гардидааст. Ин ҳолат сарбории меҳнатии кормандони боқимондаро зиёд намуда, ҳамзамон имконияти пайдоиши омилҳои коррупсиониро дар ҷараёни расонидани хизматрасониҳои тиббӣ бештар месозад [13, с. 106].

Илова бар ин, такмили нокифояи механизмҳои идоракунии давлатӣ, истифодаи маҳдуди технологияҳои рақамӣ, сатҳи пасти шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ ва камбуди механизмҳои самараноки назорати ҷамъиятӣ низ ба нигоҳдории омилҳои коррупсионӣ мусоидат менамоянд. Дар чунин шароит имконияти ошкор ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ маҳдуд гардида, сатҳи самаранокии чораҳои зиддикоррупсионӣ коҳиш меёбад [10, с. 80].

Таҷрибаи як қатор давлатҳо нишон медиҳад, ки коҳиш додани сатҳи коррупсия дар соҳаи тандурустӣ танҳо тавассути пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконнопазир мебошад. Самаранокии сиёсати зиддикоррупсионӣ пеш аз ҳама ба такмили низоми идоракунӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоии кормандони тиб, рушди механизмҳои шаффофият, рақамикунонии хизматрасониҳои тиббӣ ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, сабабҳои коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти мураккаб ва бисёрҷанба дошта, барои бартараф намудани онҳо татбиқи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошад. Танҳо дар сурати амалисозии чунин тадбирҳои комплексӣ метавон сатҳи коррупсияро коҳиш дода, самаранокии фаъолияти муассисаҳои тандурустиро баланд бардошт.

Коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ба фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии давлат таъсири манфии ҳамаҷониба мерасонад. Паҳншавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ боиси коҳиш ёфтани самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гардида, эътимоди ҷомеаро нисбат ба мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои тиббӣ коста месозад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, коррупсия боиси истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлатӣ, афзоиши хароҷоти буҷетӣ ва коҳиши самаранокии маблағгузории соҳаи тандурустӣ мегардад. Дар чунин ҳолат қисми муайяни маблағҳое, ки барои хариди доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ ва рушди инфрасохтори тандурустӣ пешбинӣ шудаанд, бо сабаби амалҳои коррупсионӣ самаранок истифода намешаванд [2, с. 94].

Ҷанбаи муҳими дигар ба паёмадҳои иҷтимоии коррупсия вобаста мебошад. Паҳншавии пардохтҳои ғайрирасмӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ дастрасии баробари шаҳрвандонро ба хизматрасониҳои тиббӣ маҳдуд намуда, сатҳи нобаробарии иҷтимоиро зиёд мекунад. Дар чунин шароит шахсони дорои имкониятҳои беҳтари молиявӣ метавонанд хизматрасониҳои босифатро дастрас намоянд, дар ҳоле ки қисми дигари аҳолӣ, махсусан сокинони минтақаҳои дурдаст, бо мушкилоти ҷиддӣ дар самти гирифтани ёрии тиббӣ рӯ ба рӯ мегарданд [13, с. 107

Коррупсия инчунин ба нишондиҳандаҳои демографӣ ва вазъи саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Паст гардидани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, маҳдуд шудани дастрасӣ ба ташхис ва табобати саривақтӣ, истифодаи дорувории пастсифат ё тақсимоти ғайришаффофи захираҳои тиббӣ метавонанд боиси зиёд гардидани хатари паҳншавии бемориҳои сироятӣ, афзоиши фавт ва дигар оқибатҳои номатлуб барои саломатии аҳолӣ гарданд.

Аз нуқтаи назари ахлоқӣ, коррупсия ба коҳиш ёфтани эътибори касби духтур ва паст гардидани сатҳи эътимоди ҷомеа нисбат ба низоми тандурустӣ мусоидат менамояд. Тавре баъзе муҳаққиқон таъкид менамоянд, густариши муносибатҳои коррупсионӣ боиси заиф гардидани принсипҳои ахлоқи касбӣ, масъулияти хизматӣ ва рисолати иҷтимоии кормандони тиб мегардад [15, с. 5–7]. Дар чунин шароит

муносибати шаҳрвандон нисбат ба муассисаҳои давлатӣ низ тағйир ёфта, эътимод ба фаъолияти мақомоти давлатӣ тадриҷан коҳиш меёбад.

Оқибатҳои коррупсия танҳо ба фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ маҳдуд намешаванд. Ин падида ба рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Коҳиш ёфтани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, паст гардидани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва заиф шудани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ метавонанд ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ монеа эҷод намоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки коррупсия дар соҳаи тандурустӣ хусусияти комплексӣ дошта, паёмадҳои он тамоми самтҳои фаъолияти соҳаи тибро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, коҳиш додани сатҳи коррупсия бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ баррасӣ гардида, татбиқи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва маърифатиро дар маҷмӯъ талаб намояд.

Самаранокии мубориза ба коррупсия дар соҳаи тандурустӣ, пеш аз ҳама, аз мавҷудияти низоми мукаммали танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти босамари институтҳои давлатӣ вобастагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза ба коррупсия бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба коррупсия», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ ва барномаҳои давлатӣ муайян карда шудаанд [11, с. 94].

Яке аз воситаҳои асосии мубориза ҳуқуқӣ татбиқи чорабиниҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки ба амалҳои коррупсионӣ даст мезананд. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани пора, додани пора, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ҷавобгариро пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки танҳо пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коҳиш додани сатҳи коррупсия кофӣ нест ва бояд бо дигар чорабиниҳои пешгирикунанда ҳамоҳанг карда шавад.

Дар баробари чорабиниҳои ҳуқуқӣ, аҳамияти муҳимро механизмҳои назорати давлатӣ ва дохилиидоравӣ доранд. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия фаъолияти муассисаҳои тиббиро назорат намуда, баҳисобгирии захираҳои молиявӣ, истифодаи дорувориӣ ва риояи талаботи қонунгузории зиддикоррупсиониро таъмин менамояд.

Яке аз самтҳои муҳими такмили идоракунии соҳаи тандурустӣ татбиқи низомҳои муосири идоракунии зиддикоррупсионӣ дар муассисаҳои тиббӣ мебошад. Дар амалияи байналмилалӣ ҷорӣ намудани кодексҳои одоби касбӣ, стандартҳои шаффофияти молиявӣ, механизмҳои идоракунии хавфҳои коррупсионӣ ва назорати дохилӣ ҳамчун воситаҳои муассири пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ эътироф гардидааст [9, с. 91].

Дар солҳои охир рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ низ ба яке аз самтҳои муҳими пешгирии коррупсия табдил ёфтааст. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳангоми бақайдгирии беморон, таъини хизматрасониҳои тиббӣ, баҳисобгирии дорувориӣ ва гузаронидани харидҳои давлатӣ имконияти дахолати субъективӣ, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо ва дигар омилҳои коррупсиониро коҳиш медиҳад.

Дар баробари фаъолияти мақомоти давлатӣ, нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ аҳамияти махсус дорад. Ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон ба мониторинги фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ ба баланд гардидани сатҳи шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва эътимоди ҷомеа нисбат ба мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд.

Самаранокии сиёсати зиддикоррупсионӣ инчунин аз сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони тиб вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ташкили курсҳои мунтазами такмили ихтисос, омӯзиши меъёрҳои қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва риояи талаботи ахлоқи касбӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаи тандурустӣ баррасӣ гардад

Ҳамин тариқ, механизми мубориза ба коррупсия дар соҳаи тандурустӣ бояд хусусияти комплексӣ дошта, татбиқи ҳамзамони чорабиниҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва маърифатиро дар бар гирад. Танҳо дар чунин ҳолат метавон сатҳи шаффофияти фаъолияти муассисаҳои тиббиро баланд бардошта, самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро таъмин намуд.

аҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки мубориза ба коррупсия дар соҳаи тандурустӣ танҳо дар сурати татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ имконпазир мебошад. Дар аксари давлатҳо сиёсати зиддикоррупсионӣ ба таҳкими шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти кормандони соҳаи тандурустӣ асос меёбад.

Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ дар якҷоягӣ бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мубориза ба коррупсияро яке аз шартҳои муҳими рушди устувори низоми тандурустӣ арзёбӣ намуда, зарурати таҳкими шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии самараноки захираҳои молиявиро таъкид менамояд.

Татбиқи чунин равиш имконият медиҳад, ки хавфҳои коррупсионӣ дар ҷараёни хариди давлатӣ, таъминоти доруворӣ ва расонидани хизматрасониҳои тиббӣ коҳиш дода шаванд.

Таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нишон медиҳад, ки яке аз воситаҳои муассири пешгирии коррупсия таъмини шаффофияти муносибатҳои байни ширкатҳои дорусозӣ ва кормандони тиб мебошад. Дар ин самт санадҳои махсуси ҳуқуқӣ ширкатҳои дорусозиро вазифадор менамоянд, ки маълумотро оид ба пардохтҳо ва дигар манфиатҳои пешниҳодшуда ба кормандони тиб ошкор намоянд. Ин таҷриба барои баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо аҳамияти назаррас дорад [4, с. 1].

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низ сиёсати зиддикоррупсионӣ ба такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳкими назорати давлатии молиявӣ ва рушди механизмҳои назорати дохилӣ такя менамояд. Илова бар ин, ба масъалаҳои омӯзиши мунтазами кормандони тиб, татбиқи кодексҳои одоби касбӣ ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ низ аҳамияти амалӣ дорад. Дар як қатор кишварҳои минтақа ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронии давлатӣ, рақамикунонии низоми хариди доруворӣ, рушди механизмҳои назорати дохилӣ ва ташкили сохторҳои махсуси зиддикоррупсионӣ ба баланд гардидани сатҳи шаффофият ва самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат намудааст [13, с. 107].

Таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчунин нишон медиҳад, ки иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар мониторинги фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи ҳисоботдиҳӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад.

Бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ, метавон хулоса намуд, ки такмили низоми муқовимат ба коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар якчанд самти асосӣ амалӣ карда шавад.

Пеш аз ҳама, зарур аст, ки механизмҳои шаффофияти фаъолияти молиявии муассисаҳои тандурустӣ такмил дода шуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии соҳа густариш ёбад. Илова бар ин, рушди механизмҳои пешгирии бархӯрди манфиатҳо, таҳкими назорати дохилӣ, такмили тайёрии касбии кормандони тиб ва ҷалби фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди мониторинги фаъолияти муассисаҳои тиббӣ метавонад ба коҳиш ёфтани хавфҳои коррупсионӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, такмили қонунгузории миллӣ бояд бо рушди механизмҳои амалии татбиқи он ҳамоҳанг карда шавад. Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии кормандони тиб, таъмини шаффофияти қабули қарорҳои идоракунӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ метавонанд самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро дар соҳаи тандурустӣ ба таври назаррас баланд бардоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти низомӣ дошта, таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Паҳншавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ба самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, сифати хизматрасониҳои тиббӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва сатҳи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба саломатӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Таҳлили қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия ташаккул ёфтаанд. Қабули қонунҳои соҳавӣ, стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои зиддикоррупсионӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт шароити мусоид фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, самаранокии амалии ин тадбирҳо ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасида, такмили минбаъдаи механизмҳои татбиқи қонунгузорӣ, назорати давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ваколатдорро талаб менамояд.

Таҳқиқоти таҷрибаи хориҷӣ собит месозад, ки коҳиш додани сатҳи коррупсия танҳо тавассути пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконнопазир мебошад. Дар баробари такмили қонунгузорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, пешгирии бархӯрди манфиатҳо ва таҳкими фарҳанги ҳуқуқии кормандони соҳаи тандурустӣ ҳамчун самтҳои муҳими сиёсати зиддикоррупсионӣ эътироф мегарданд.

Дар ин замина, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки низоми идоракунии соҳаи тандурустӣ дар асоси принсипҳои қонуният, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва рақамикунонӣ такмил дода шавад. Ҳамзамон, тақвияти назорати дохилӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоии кормандони тиб, рушди механизмҳои баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ ва ҷалби фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мониторинги фаъолияти муассисаҳои тиббӣ метавонанд ба коҳиш ёфтани омилҳои коррупсионӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, муқовимати самаранок ба коррупсия дар соҳаи тандурустӣ татбиқи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва маърифатиро тақозо менамояд. Танҳо дар асоси чунин муносибати комплексӣ метавон сатҳи шаффофияти фаъолияти муассисаҳои тандурустиро баланд бардошт, эътимоди

ҷомеаро нисбат ба низоми тандурустӣ таҳким бахшид ва кафолати амалии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба ҳифзи саломатӣ таъмин намуд.

Адабиёт

1. Абдуллаева, Р. А. Профилактика преступлений, совершаемых в сфере медицины / Р. А. Абдуллаева // Юридический вестник. – 2024. – № 2 (18). – С. 43–51.
2. Абдуллаева Р. А., Рустемова Г. Р. О коррупции в здравоохранении Таджикистана / Р. А. Абдуллаева, Г. Р. Рустемова // Юридический вестник. – 2020. – № 3 (3). – С. 90–96.
3. Антохина, Н. С. Коррупция в медицине / Н. С. Антохина // Вестник Саратовской государственной академии права. – 2010. – № 2 (72). – С. 211–213.
4. Антонова, А. М. Меры профилактики коррупционных преступлений в медицине / А. М. Антонова, А. М. Шамсутдинова // Исследование инновационного потенциала общества и формирование направлений его стратегического развития: сборник научных статей 14-й Всероссийской научно-практической конференции с международным участием. – Курск, 2024. – С. 275–279.
5. Баляйкина, О. А. Антикоррупционные мероприятия в области медицины / О. А. Баляйкина, Н. Г. Токарева // Научные исследования в социально-экономическом развитии общества: материалы Национальной научно-практической конференции. – Редкол.: Р. Р. Хайров (отв. ред.) – 2020. – С. 444–449.
6. Гапон, А. А. К. Влияние коррупционных правонарушений на систему здравоохранения / А. А. Гапон, В. Юрова // Молодость. Интеллект. Инициатива: материалы IX Международной научно-практической конференции студентов и магистрантов. – Редкол.: Е. Я. Аршанский (гл. ред.). – Витебск, 2021. – С. 261–262.
7. Грошев, А. В. Коррупционные преступления в сфере здравоохранения. Что считать коррупцией в медицине? Последствия причинения вреда правам и законным интересам граждан / А. В. Грошев, Е. В. Епифанова // Правовые вопросы в здравоохранении. – 2015. – № 4. – С. 52–67.
8. Дайюб, М. М. Коррупция в медицине / М. М. Дайюб, Т. А. Иванец, Хвощева И. А., Липский Н. А.// Актуальные проблемы науки и практики. – 2017. – № 4 (009). – С. 62–66.
9. Ежова, М. А. К вопросу о необходимости разработки и внедрения системы менеджмента противодействия коррупции в органе инспекции ООО «Центр медицины труда» / М. А. Ежова, Л. Н. Третьяк // Студенческий научный форум : материалы Международной студенческой научной конференции. – Под ред. Н. Е. Старчиковой; отв. секретарь Н. И. Нефедова. – Москва, 2023. – С. 90–92.
10. Кольцов, М. И. Проблемы противодействия коррупции в системе медицины и здравоохранения // Правовое регулирование в сфере здравоохранения в условиях новых вызовов: вопросы теории и практики: материалы Всероссийской научно-практической конференции с международным участием. – Отв. ред. Р. В. Зелепукин / М. И. Кольцов, Н. А. Попова. – Тамбов, 2022. – С. 78–88.
11. Мухамедова, З. М. Противодействие коррупции в сфере медицины / З. М. Мухамедова // Юридический факт. – 2018. – № 26. – С. 94–97.
12. Новосельцев, А. Ю. Противодействие коррупции в образовании и медицине: неучтенные аспекты / А. Ю. Новосельцев, К. В. Степанюгин // Российский следователь. – 2022. – № 12. – С. 68–72.
13. Рустемова, Г. Р. Проблемы коррупции в сфере здравоохранения в странах Средней Азии: в Республиках Таджикистан и Казахстан / Г. Р. Рустемова, Р. А. Абдуллаева // Законодательство. – 2021. – № 1 (41). – С. 102–108.
14. Рузибаев, Р. Ю. Меры для снижения коррупции в сфере высшего образования и медицины / Р. Ю. Рузибаев, Ш. Р. Юсупов, Ш. А. Сапаева // Инновационные технологии, экономика и менеджмент в промышленности: сборник научных статей по итогам V международной научной конференции. – Волгоград, 2021. – С. 227–229.
15. Силуянова, И. В. Феномен «моральной коррупции» в медицине / И. В. Силуянова // Медицинское право. – 2015. – № 3. – С. 5–10.

МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ТАКМИЛ

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии муқовимат ба коррупсия дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳият, сабабҳо ва оқибатҳои коррупсияро дар фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муқовимат ба ин падидаро дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ баррасӣ мекунад. Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, низомӣ ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки паҳншавии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ба омилҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дошта, ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ, истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ ва сатҳи эътимоди ҷомеа нисбат ба мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар мақола таҷрибаи байналмилалии муқовимат ба

коррупсия таҳлил гардида, роҳҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ пешниҳод шудаанд. Хулоса карда мешавад, ки муқовимати самаранок ба коррупсия танҳо дар заминаи татбиқи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ, инчунин рушди шаффофият, рақамикунонӣ ва назорати ҷамъиятӣ имконпазир мебошад.

Калидвожаҳо: коррупсия, соҳаи тандурустӣ, муқовимат ба коррупсия, танзими ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, сиёсати зиддикоррупсионӣ, шаффофият.

ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ КОРРУПЦИИ В СФЕРЕ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРАВОВЫЕ И ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ

Встатье исследуются теоретические и практические вопросы противодействия коррупции в сфере здравоохранения Республики Таджикистан. Автор анализирует сущность, причины и последствия коррупционных проявлений в деятельности медицинских учреждений, а также рассматривает особенности правового регулирования противодействия коррупции на основе национального законодательства и международных правовых стандартов. В ходе исследования использованы формально-юридический, сравнительно-правовой, системный и логический методы, а также анализ нормативных правовых актов. Результаты исследования свидетельствуют о том, что распространение коррупции в сфере здравоохранения обусловлено совокупностью экономических, организационных, социальных и правовых факторов и оказывает негативное влияние на качество медицинских услуг, эффективность использования бюджетных средств и уровень доверия населения к государственным институтам. На основе анализа международного опыта сформулированы предложения, направленные на совершенствование законодательства Республики Таджикистан, развитие механизмов прозрачности, цифровизации, общественного контроля и повышение эффективности государственной антикоррупционной политики. Сделан вывод, что эффективное противодействие коррупции возможно только при комплексном применении правовых, организационных, экономических и профилактических мер.

Ключевые слова: коррупция, здравоохранение, противодействие коррупции, правовое регулирование, национальное законодательство, антикоррупционная политика, прозрачность

COMBATING CORRUPTION IN THE HEALTHCARE SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: LEGAL AND ORGANIZATIONAL ISSUES OF IMPROVEMENT

This article examines the theoretical and practical aspects of combating corruption in the healthcare sector of the Republic of Tajikistan. The author analyzes the nature, causes, and consequences of corruption in healthcare institutions and explores the legal framework governing anti-corruption measures under national legislation and international legal standards. The research employs formal legal, comparative legal, systematic, and logical methods, together with an analysis of statutory and regulatory legal acts. The findings indicate that corruption in the healthcare sector is driven by a combination of economic, organizational, social, and legal factors and has a detrimental impact on the quality of medical services, the efficient use of public resources, and public trust in state institutions. Based on an assessment of international experience, the article proposes measures aimed at improving the legal framework of the Republic of Tajikistan, strengthening transparency, promoting digitalization, expanding public oversight, and increasing the effectiveness of state anti-corruption policy. It is concluded that sustainable anti-corruption efforts in the healthcare sector require a comprehensive approach combining legal, organizational, economic, and preventive measures.

Keywords: corruption, healthcare, anti-corruption, legal regulation, national legislation, anti-corruption policy, transparency.

Дар бораи муаллиф
Турсунзода Шодком Худоймурод
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Об авторе
Турсунзода Шодком Худоймурод
соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

About the Author
Tursunzoda Shodkom Khudoymurod
Applicant (PhD Candidate) at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law
Tajik National University
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ 342.951:338.24

ИҶОЗАТДИҲӢ ҲАМЧУН ТАДБИРИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Носирзода А.С.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавре маълум аст, дар шароити муосир таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ ва масъалаҳои марказии мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Таъмини амнияти иқтисодӣ мазмунан тавассути механизмҳои муайян амалӣ карда мешавад. Механизмҳо имконият фароҳам меоваранд, ки соҳаи иқтисоди кишвар танзим гардида, таҳдидҳо ба он пешгирӣ ва бартараф шуда, дар маҷмуъ амнияти иқтисодии кишвар ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар таъмин гардад. Ба таври умумӣ, механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ тадбирҳое мебошанд, ки тавассути онҳо соҳаи иқтисодии кишвар аз ҳама гуна таҳдидҳо ҳифз карда мешавад.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки роҷеъ ба механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар сарчашмаҳои илмӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад, ки баён намудани онҳо ба фаҳмиши мазмун ва таъиноти он мусоидат мекунад. Тавре дар адабиёти илмӣ баён гардидааст, «механизми таъмини амнияти иқтисодӣ – низоми тадбирҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ-ташкилӣ мебошад, ки баҳри пешгирии пайдоиши таҳдидҳои иқтисодӣ равона мегарданд» [9, с. 50].

Бо ақидаи болозикр монанд, муҳаққиқ А.А. Барт иброз менамояд, ки механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро оид ба пешгирии таҳдидҳои ба иқтисодиёт ифода мекунад [7, с. 58]. Ин гуна тадбирҳо чун асоси механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар сарчашмаи дигари илмӣ низ баён гардидааст [3, с. 37].

Бо ҳамин мазмун, механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ - ин маҷмуи тадбирҳои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ташкилидоштаи аз ҷониби давлат бароҳмондашудае мебошанд, ки баҳри таъмини устуворӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ва пешгирию бартарафсозии таҳдидҳо ба он равона шудаанд.

Дар фаҳмиши механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ тадбирҳо ҳамчун маҳаки марказӣ ба ҳисоб рафта, ифодагари воситаҳо, роҳҳо, чорабиниҳо, амалҳо ва фаъолияти давлат нисбат ба нигаҳдошти амнияти иқтисодии кишвар ва дар ин замина рушд ёфтани соҳаи номбурда мебошад. Албатта, давлат барои иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои худ аз тадбирҳои гуногун истифода мебарад, ки дар маҷмуъ рисолати худро дар ҷомеа иҷро хоҳад кард.

Тадбирҳо ҳамчун асоси механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ бо дарназардошти сиёсати муайяннамудаи давлат нисбат ба соҳаи иқтисод ба роҳ монда мешавад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодӣ тадбирҳои дигаре истифода мегарданд, ки моҳиятан хусусияти ҳуқуқиро дар худ касб менамоянд ва хусусиятҳои муайянро доро мебошанд. Яке аз тадбирҳои муҳимми ҳуқуқӣ дар чунин шароит тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ моҳиятан дар доираи меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ муқаррар гардида, таъсиррасонии маъмурӣ-ҳуқуқиро ба муносибатҳои иқтисодӣ ифода менамояд.

Албатта, дар таъмини рушди иқтисодӣ ва амнияти он мақоми марказиро давлат иҷро мекунад ва ба истилоҳ «танзими давлатӣ»-ро дар ин самт ба роҳ мемонад. Ин масъала хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, бо роҳандозии тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ амнияти иқтисодиро таъмин менамояд. Дар шароити муосир, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси рушди муносибатҳои иқтисодӣ консепсияи мақсаднокӣ ва маҳдудияти таъсиррасонии давлат [4, с. 184] ба муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар натиҷа амнияти иқтисодӣ таъмин мегардад, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад. Албатта, бе таъсиррасонии давлат рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва таъмини амнияти он амалӣ карда намешавад. Аммо, таъсиррасонии давлатӣ то он ҳадде бояд равона гардад, ки фазои мусоид ва созгори иқтисодиро фароҳам оварад. Ҳатто коҳиши комили нақши давлат дар муносибатҳои иқтисодии ҷомеа аз ҷониби намояндагони консепсияи неолибералӣ баён гардида буданд, ки он таъсиррасонии ҷиддии (мудохила намудани) давлат ба соҳаи мазкурро дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлат инкор менамуд [6, с. 66]. Махсусан, дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ халал расонидани давлат ба рушди иқтисодии ҷомеа тавассути қонун ба таври ҷиддӣ маҳдуд карда мешавад. Дар чунин муҳити иқтисодӣ давлат ба сифати на субъекти хоҷагидорӣ, балки неруи ҳифзкунандаи муносибатҳои иқтисодии ҷомеа баррасӣ мегардад [5, с. 211].

Иҷозатдиҳӣ дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тадбири муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки маъмулан онро ҳамчун усули танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ эътироф намудаанд [8, с. 111]. Ҳамзамон, иҷозатдиҳӣ ҳамчун воситаи амалисозии реҷаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии махсус муайян гардидааст, ки

ифодагари шарти ҳатмии амалисозии як қатор ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо мебошад [11, с. 3-4]. Дар воқеъ, тадбирҳои иҷозатдиҳӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ аҳаммияти хос дошта, асоси онро иҷозатдиҳӣ барои амалигардонии ҳуқуқи муайяни шахсон, аз ҷумла бо намуди муайяни фаъолияти иқтисодӣ машғул гардидан ташкил медиҳад. Дар ин росто, муҳаққиқ А.А. Вишневский дуруст қайд намудааст, «усули иҷозатдиҳӣ дар низоми механизмҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат маҷмуи восита ва тарзҳои таъсиррасонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатиро нисбат ба субъектони хоҷагидорӣ тавассути пешниҳоди иҷозатдиҳӣ ба шахсони манфиатдор (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) барои амалигардонии амалҳои муайян дар шароити манъи умумии баамалбарории намуди муайяни фаъолият фаро мегирад. Иҷозат ба шахсони манфиатдор ҷиҳати амалигардонии фаъолияте дода мешавад, ки чунин фаъолият метавонад ба манфиатҳои иқтисодии шахсон, ҷомеа ва давлат зарар расонад» [8, с. 111].

Дар ҳамбастагӣ бо андешаҳои болозикр муҳаққиқи ватанӣ Б.Ғ. Наимов ибрози андеша намудааст, ки «бо ёрии тадбири мазкур амнияти ҷамъияту давлат, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, ахлоқ, саломатии аҳолӣ ва муҳити атроф, танзими сарҳади иҷозатдиҳӣ ва манъкунӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон таъмин карда мешавад» [10, с. 237]. Аз ин рӯ, дуруст қайд гардидааст, ки мақом ва нақши тадбири иҷозатдиҳӣ дар таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии хориҷии кишвар ниҳоят баланд аст ва ин андеша қобили дастгирӣ мебошад.

Қонунгузории ҶТ тадбирҳои иҷозатдиҳӣ, бахусус он маҳаки муҳим, яъне имкони зараррасонӣ ба манфиатҳои иқтисодӣ дар сатҳи меъёрҳои қонунгузории ҶТ муқаррар гардидаро мазмунан бо амалисозии фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд намудааст Дар асоси талаботи м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амал, инчунин мол, кор ва хизматрасоние, ки гирифтани ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳиро талаб менамоянд ва намудҳои фаъолият ва ё амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба таваккал асос ёфта, амалисозии онҳо метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, муҳити зист, мудофиа ва амнияти давлат, мероси таърихию фарҳангӣ зарар расонад ва танзими онҳо ба ғайр аз низоми иҷозатдиҳӣ, бо роҳҳои дигар имконнопазир аст [2]. Мазмуни ин меъёр ифодагари он аст, ки на ба ҳама намуди фаъолият тадбирҳои иҷозатдиҳӣ татбиқ мегардад. Танҳо ба он намуди фаъолият ва ё амал, ки баамалбарории онҳо эҳтимоли эҷод намудани хавф ба объектҳои дахлдорро доранд ва ин ҳолат дар сарчашмаҳои илмии ватанӣ низ тасдиқи худро ёфтаанд [13, с. 237-246]. Бинобар ҳамин, тадбири иҷозатдиҳӣ воситаи муҳимтарини танзими онҳо буда, барои ба таври муносиб амалисозии фаъолияти дахлдор мусоидат менамояд.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки дар доираи меъёри болозикри қонунгузорӣ маҳакҳои (меъёрҳои) муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳое, ки дар ҶТ дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ яъне тадбири иҷозатдиҳӣ танзим карда мешаванд, пешбинӣ гардидааст ва эҳтимолияти зараррасонӣ ба объектҳо ва ё соҳаҳои муайян нишон дода шудааст1. Яъне, дар заминаи тадбирҳои мазкур амнияти иқтисодӣ низ таъмин мегардад, ки дар шароити муосир воситаи муносиби таъмини амнияти соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки дар Қонуни болозикр объектҳои дахлдор эҳтимолан таҳти зараррасонӣ қарор мегиранд, таъмини амнияти иқтисодӣ пешбинӣ нагардидааст. Гарчанде ки дар меъёри он мудофиа ва амнияти давлат муайян шудааст, ки он мантиқан амнияти иқтисодиро таҷассум намекунад. Дар доираи муқаррароти Қонуни зикргардида мудофиа ва амнияти давлатӣ ба мазмуни ҳимояи давлат аз ҳуҷумҳо ва таҳдидҳои сиёсӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин ҳолат дар қонунгузории дигари кишвар тасдиқи худро ёфтааст [1]. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки бо дарназардошти хусусияти иқтисодӣ доштани аксар намудҳои фаъолият, ки барои онҳо татбиқи тадбири иҷозатдиҳӣ (татбиқи низоми иҷозатдиҳӣ) пешбинӣ гардидааст, дар м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба доираи объектҳои эҳтимолияти таҳти зараррасонӣ қароргирифта «амнияти иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат» муқаррар карда шавад. Ҳамзамон, бар он назарем, ки бо муқаррар намудани объекти мазкур мақсад ва таъиноти низоми иҷозатдиҳӣ, ки тибқи Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, боз ҳам устувор шуда, доираи объектҳои болозикр мукаммал мегардад.

Дар робита бо муҳим будани тадбири иҷозатдиҳӣ ҳамчун тадбири маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ чунин хусусиятҳои онро метавон муайян намуд:

[1] Бояд тазаккур дод, ки аксар фаъолияте, нисбат ба онҳо тадбири иҷозатдиҳӣ, яъне гирифтани иҷозатнома ва ё ҳуҷҷатҳои дигари иҷозатдиҳӣ пешбинӣ гардидаанд, ба соҳаи иқтисодӣ марбут аст. Чунин намуди фаъолият моҳиятан фаъолияти иқтисодӣ мебошад ва татбиқи тадбири иҷозатдиҳӣ асосан ба пешгирии зарар ва ё таҳдидҳо ба соҳаи иқтисодӣ равона мегардад.

- фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро вобаста ба фаъолияти иҷозатдиҳӣ (додани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои дигари иҷозатдиҳӣ) инъикос менамояд;
- тамоми равандҳои марбут ба татбиқи тадбири иҷозатдиҳӣ бо меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ танзим мегарданд;
- ифодагари муносибати миёни мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони дигар (аз ҷумла субъектони фаъолияти иқтисодӣ) мебошад;
- мавзуи татбиқи тадбири иҷозатдиҳӣ фаъолият ва ё амал, инчунин мол, кор ва хизматрасонӣ (дорои хусусияти иқтисодидошта) мебошад;
- дар натиҷаи татбиқи тадбири иҷозатдиҳӣ ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, ба монанди иҷозатнома (ҳуҷҷати маъмурии махсуси дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ) ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ (ҳуҷҷати маъмурии дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ) дода мешавад, ки доштани иҷозат барои амалӣ намудани намуди муайяни фаъолият ва амал ба субъектони фаъолияти иқтисодиро тасдиқ менамояд;

тадбири иҷозатдиҳӣ бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат (ҳамзамон, нисбат ба объектҳои дигар) равона мегардад.

Нисбат ба тадбирҳои иҷозатдиҳӣ, махсусан низоми иҷозатдиҳӣ, ки дар қонунгузорӣ ва илм бо ҳамин шакл муайян гардидааст, андешаро вобаста ба нақши маҳдудкунанда доштани он вохӯрдан мумкин аст [14, с. 9; 12, с. 21]. Яъне, аз ҷониби давлат муқаррар намудани тадбири иҷозатдиҳӣ ба маҳдуд намудани ҳуқуқи шахсон дар соҳаи иқтисодӣ равона мегардад. Махсусан, зикр гардидааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки фаъолияти озоди иқтисодӣ кафолат дода шудааст, чунин тадбир монеаи амалисозии фаъолияти озоди шахсон дар соҳаи иқтисодӣ мегардад. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ маънии танзим накардани соҳаи иқтисодӣ ва пурра коҳиш додани нақши давлат дар соҳаи мазкурро надорад. Баръакс, танзими соҳаи мазкур ва дар заминаи талаботи қонунгузорӣ ҷой доштани таъсиррасонии давлатӣ ба рушди бонизоми соҳаи номбурда, кафолати фаъолияти иқтисодии тамоми шахсон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ва ҳадафҳои дигари давлатӣ, аз ҷумла таъмини амнияти иқтисодӣ равона мегардад. Чунин мавқеи илмӣ махсусан дар фазои илмии ватанӣ низ дастгирии худро ёфтааст, ки тадбири иҷозатдиҳӣ хусусияти мусбӣ, танзимгари босубот ва дар умум таъминкунандаи амнияти иқтисодии кишварро дар худ таҷассум менамояд [13, с. 41]. Бо ин мақсад, муқаррар намудани тадбири иҷозатдиҳӣ, ҳамчун намуди маъмули тадбири маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар фазои иқтисодӣ маҳдуднамоии ҳуқуқҳои шахсонро ба миён наоварда, баръакс амалисозии босуботи фаъолиятро дар соҳаи мазкур таъмин мекунад. Дар робита бо ин, чунин асосҳоро гуфтан ҷоиз аст: тадбири иҷозатдиҳӣ имкон медиҳад, ки намуди муайяни фаъолият ба таври созгору мусоид амалӣ карда шавад. Зеро, баъзе намудҳои фаъолият, ки нисбат ба тадбири иҷозатдиҳӣ муқаррар гардидааст, шарту талаботи дахлдорро тақозо менамояд. Масалан, фаъолият оид ба мусофиркашонӣ дар дохили ҷумҳурӣ бо нақлиёти автомобилӣ талаб мекунад, ки ронанда аз лиҳози ҷисмонӣ ва равонӣ солим бошад, ҳуҷҷати дахлдори ронандагӣ (бо дарназардошти категорияҳои пешбинигардида) дошта бошад, нақлиёти ба ронанда вобастабуда ба талаботи дахлдори техникӣ мутобиқ ва ҳуҷҷатҳои дигари муайянгардида доро бошад. Дар чунин ҳолат баамалбарории фаъолият метавонад, ки босубот татбиқ гардад; дар заминаи тадбири иҷозатдиҳӣ иштироки шахсони тасодуфӣ ва ба талаботи дахлдори амалинамоии фаъолияти пешбинигардида ҷавобгӯнабуда пешгирӣ карда мешавад. Чунин ҳолат водор менамояд, ки дар умум амнияти иқтисодии кишвар таъмин гардад. Чунончи, барои истихроҷи канданиҳои фоиданок зарур аст, ки заминаҳои моддию техникӣ, ҳайати кормандон, сармояи дахлдори молиявӣ ва ғ. барои довталаби гирифтани иҷозатнома мавҷуд бошад. Дар акси ҳол амалисозии чунин намуди фаъолият имконнопазир аст ва ё ба таври бенизом ба роҳ монда мешавад.

Тадбири иҷозатдиҳӣ имкон медиҳад, ки ба худсариҳо дар фаъолияти иқтисодӣ роҳ дода нашаванд. Ин ҳолат гувоҳи хусусияти танзимкунанда доштани тадбири мазкурро ифода менамояд. Яъне, дар соҳаи иқтисоди кишвар бидуни барасмиятдарории амалисозии фаъолият, машғул гардидан ба намуди фаъолияте, ки аз доираи иҷозатнома берун аст ва ғ. роҳ дода намешавад. Кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ маънии бидуни риояи талабот ва меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ «аз рӯйи табъу завқ» фаъолият намуданро надорад. Фаъолияти озоди иқтисодӣ мазмунан ифодагари озодии машғул шудан ба намуди муайяни фаъолияти иқтисодӣ, бидуни ягон маҷбурӣ ва фишор ба амал баровардани фаъолият, ҷой надоштани таъсиррасонии беасос ба фаъолияти субъектони иқтисодӣ ва дигар самтҳо мебошад, бо риояи талабот ва муқаррароти пешбининамудаи қонунгузорӣ сурат мегирад. Тадбири иҷозатдиҳӣ дар ин ҳолат яке аз маҳакҳои муҳимтарин ҷиҳати танзими фаъолияти иқтисодӣ ва дар умум таъмини

амнияти иқтисодии кишвар маҳсуб ёфта, садди ҳар гуна худсариҳо, фаъолияти ғайриқонунӣ ва тасмимгирии номуносиб мегардад.

Ҳамин тариқ, тадбири иҷозатдиҳӣ аз ҷумлаи механизмҳои муҳимтарини танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, шарти зарурии қонунан фаъолият намудани субъектон, банизомдарории фаъолияти иқтисодӣ, пешгирии худсариҳо ва амалҳои дигари хусусияти таъсиррасонии манфидошта, таъмини баробарии амалисозии фаъолияти иқтисодӣ ва ташкили муносиби фаъолияти иқтисодии дахлдор мебошад, ки дар умум заминаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.07.2022 с.).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023, №1968 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2024 с.).
3. Гундорова, М.А. Экономическая безопасностӣ: учеб. пособие. Владим. гос. ун-т / М.А. Гундорова. – Владимир: Изд-во ВлГУ, 2020. – 207 с.
4. Старилов, Ю.Н. Административное право: Ч. 1. / Ю.Н. Старилов. – Воронеж, 1998. – 392 с.
5. Уемов, А.И. Логические основы метода моделирования / А.И. Уемов. – М.: Мысль, 1971.–311 с.
6. Агамагомедова, С.А. Административно-правовое регулирование экономики: эволюция подходов и современные тенденции / С.А. Агамагомедова // Административное право и процесс. – 2022. – №1. – С. 64-73.
7. Барт, А.А. Сущность и структура механизма обеспечения экономической безопасности [Текст] / А.А. Барт // Современные тенденции в экономике и управлении: новый взгляд. – 2011. – №11 (1). – С. 58-62.
8. Вишневский, А.А. Административно-разрешительные методы в системе обеспечения экономической безопасности Республики Беларусь / А.А. Вишневский // Вестник Московского университета МВД России. – 2014. – №1. – С. 109-115.
9. Володин, В.М., Рожкова, Л.В. Механизмы обеспечения экономической безопасности [Текст] / В.М. Володин, Л.В. Рожкова // Модели, системы, сети в экономике, технике, природе и обществе. – 2016. – №1 (7). – С. 48-52.
10. Наимов, Б.Ғ. Конститутсия заминаи ташаккули падидаи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ғ. Наимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С. 237-246.
11. Валяев, А.Ф. Метод разрешения в административном праве [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / А.Ф. Валяев. – М. 2009. – 187 с.
12. Костылева, К.И. Административно-правовое регулирование лицензионно-разрешительной деятельности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / К.И. Костылева. – М., 2005. – 172 с.
13. Наимов, Б.Г. Административно-правовое регулирование разрешительной системы в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Б.Г. Наимов. – Душанбе, 2021. – 183 с.
14. Шохин, Д.В. Административно-правовой институт разрешительной системы в механизме государственного упарвления: автореф. дис. ... канд. наук: 12.00.14 / Д.В. Шохин. – М., 2012. – 228 с.

ИҶОЗАТДИҲӢ ҲАМЧУН ТАДБИРИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола тадбири иҷозатдиҳӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф моҳият, аҳамият ва ҷойгоҳи низоми иҷозатдиҳиро дар механизми танзими давлатии фаъолияти иқтисодӣ таҳлил намуда, нақши онро дар ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ асоснок месозад. Зикр мегардад, ки тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз ҷумлаи механизмҳои асосии таъсиррасонии давлатӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи онҳо ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, маҳдуд намудани фаъолияти ғайриқонунӣ ва таъмини рақобати солим мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда ва назарияи ҳуқуқи маъмурӣ хулоса карда мешавад, ки низоми иҷозатдиҳӣ воситаи муҳими назорат ва танзими давлатӣ буда, барои таъмини фаъолияти қонунии субъектҳои хоҷагидор, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии кишвар аҳамияти калидӣ дорад. Муаллиф зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои иҷозатдиҳӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи рушди иқтисоди муосир ва идоракунии давлатӣро асоснок менамояд.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, иҷозатдиҳӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, танзими давлатӣ, фаъолияти иқтисодӣ, тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ.

РАЗРЕШИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА КАК АДМИНИСТРАТИВНО -ПРАВОВАЯ МЕРА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье исследуется разрешительная деятельность как одна из ключевых административно-правовых мер обеспечения экономической безопасности государства. Автор анализирует сущность, содержание и значение разрешительной системы в механизме государственного регулирования экономической деятельности, раскрывает ее роль в обеспечении законности, предупреждении правонарушений и защите экономических интересов государства. Особое внимание уделяется административно-правовой природе разрешительных процедур, их месту в системе государственного управления и влиянию на поддержание стабильности экономических отношений. В процессе исследования использованы формально-юридический, сравнительно-правовой, системный и логический методы научного познания. На основе анализа национального законодательства и научных подходов обосновывается, что разрешительная система выступает важным инструментом государственного контроля, направленным на предупреждение незаконной предпринимательской деятельности, минимизацию экономических рисков и обеспечение баланса публичных и частных интересов. Сделан вывод, что совершенствование административно-правового регулирования разрешительной деятельности является необходимым условием повышения эффективности государственного управления и укрепления экономической безопасности Республики Таджикистан.

Ключевые слова: экономическая безопасность, разрешительная деятельность, административное право, государственное регулирование, административно-правовые меры, государственный контроль, законодательство.

AUTHORIZATION AS AN ADMINISTRATIVE-LEGAL MEASURE FOR ENSURING ECONOMIC SECURITY

This article examines the permit system as one of the key administrative and legal measures for ensuring the economic security of the state. The author analyzes the nature, content, and significance of licensing and permitting procedures within the mechanism of state regulation of economic activity, emphasizing their role in ensuring legality, preventing legal violations, and protecting the state's economic interests. Particular attention is paid to the administrative and legal nature of the permit system, its place in public administration, and its impact on maintaining stable economic relations. The research is based on formal legal, comparative legal, systematic, and logical methods. The analysis of national legislation and scholarly approaches demonstrates that the permit system serves as an effective instrument of state control aimed at preventing unlawful business activities, minimizing economic risks, and maintaining a balance between public and private interests. The study concludes that improving the administrative and legal regulation of permitting activities is an essential prerequisite for enhancing the effectiveness of public administration and strengthening the economic security of the Republic of Tajikistan.

Keywords: economic security, permit system, administrative law, state regulation, administrative and legal measures, state control, legislation.

.

Дар бораи муаллиф
Носирзода Алишер
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru

Об авторе
Носирзода Алишер
кандидат юридических наук
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33.
E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru

About the Author
Nosirzoda Alisher
Candidate of Legal Sciences
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir Street.
E-mail: alisher.nosirov94@mai.ru

ТДУ 341.4:343.431

ҶАВОБГАРӢ БАРОИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Саидзода Ҷ. З.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Муқаддима. Дар ҷаҳони муосир савдои одамон яке аз мушкилоти ҷиддии байналмилалӣ ба шумор рафта, ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, арзишҳои башардӯстона ва амнияти ҷомеа таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд. Ин зуҳурот, ки шакли муосири истисмор ва маҳдуд намудани озодии инсон арзёбӣ мегардад, сарҳадҳои давлатҳоро убур намуда, ба масъалаи мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Афзоиши равандҳои муҳоҷират, рушди технологияҳои иттилоотӣ, нобаробарии иқтисодӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ба густариши ин намуди ҷиноят мусоидат намуда, мубориза бар зидди онро ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ табдил додааст. Ҷомеаи байналмилалӣ бо дарки хатари савдои одамон як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро қабул намудааст, ки ба пешгирӣ, ошкорсозӣ, таъқиби ҷиноятқорон ва ҳифзи қурбониёни ин ҷиноят равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, хусусияти фаромиллӣ ва пинҳонии фаъолияти шабакаҳои ҷиноятӣ татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқиро мушкил гардонида, зарурати таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва такмили механизмҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи ҷавобгарӣ барои савдои одамон дар ҳуқуқи байналмилалӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ, таҷрибаи байналмилалии муқовимат ба савдои одамон ва нақши давлатҳо дар иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин падидаи ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Мақсади мақолаи мазкур баррасии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҷавобгарӣ барои савдои одамон, муайян намудани хусусиятҳои татбиқи онҳо ва арзёбии самаранокии механизмҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ мебошад.

Дар марҳилаи муосир савдои одамон шакли вазнини поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳамзамон зуҳуроти хатарноки ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти пинҳонӣ, шабакавӣ ва фаромиллии ҷалб, интиқол, ҷойивакунӣ, супоридан, қабул ва истисмори шахс муносибати мураккаби ҳуқуқӣ, криминологӣ ва ташкиливу амалиро талаб менамояд. Дар таҳқиқоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъкид мегардад, ки ҷиноятҳо вобаста ба истисмори меҳнати ғуломона аксаран аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил содир мешаванд [14, с. 17]. Таҳлилҳои илмии нишон медиҳад, ки парвандаҳои вобаста ба савдои одамон бо муҳоҷирати меҳнатӣ, камбизоатӣ, вобастагии иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва ноогоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон вобастагӣ доранд [3, с. 18].

Аҳамияти илмии мавзӯъ бо зарурати муайян намудани робитаи байни санадҳои таърихии ҳуқуқи байналмилалӣ ва механизми муосири криминализатсияи савдои одамон алоқаманд мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои моддаи 130[1] Кодекси ҷиноятӣ ва қонунгузории соҳавӣ дар заминаи Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки илова ба Конвенсияи зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 қабул шудааст (минбаъд Протоколи Палермо) ва санадҳои дигари байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд [1, мод. 645; 2, мод. 454].

Мавод ва усулҳои тадқиқот: Мақсади мақола таҳлили илмии санадҳои байналмилалӣ дар сатҳи муқовимат ба савдои одамон, муайян намудани мазмуни ҳуқуқии мафҳумҳои асосӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба қонунгузории миллӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, ташаккули таърихии меъёрҳо, стандарти Протоколи Палермо, санадҳои меҳнатӣ, механизмҳои ҳифзи қурбонӣ ва масъалаҳои татбиқи амалӣ баррасӣ мегарданд.

Муҳокима. Таҳлили мавзуъ нишон медиҳад, ки савдои одамон танҳо масъалаи ҷиноятӣ нест. Зуҳуроти мазкур ҳамзамон ба ҳуқуқи инсон, муҳоҷират, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дахл дорад. Аввалин санадҳои байналмилалӣ, ки ба муқобили савдои одамон равона карда шудаанд, ҳуҷҷатҳои зерин ба ҳисоб мераванд: даъвати Конфронси Лондон оид ба мубориза бо савдои занон бо мақсади истисмори ҷинсӣ ба давлатҳо ҷиҳати бастани созишномаҳои бисёрҷониба ва таъсиси кумитаҳои миллии дахлдор 1889, Шартномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои «ғуломони сафед» 1904, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба пешгирии савдои занон 1910, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо савдои занон ва кӯдакон 1921 [16, с. 20]. Маҳдудияти санадҳои аввалин дар он зоҳир мегардид, ки онҳо шаклҳои дигари истисмор, аз ҷумла меҳнати маҷбурӣ, асорати қарзӣ, никоҳи маҷбурӣ ва истифодаи кӯдакон дар корҳои хавфнокро ба таври кофӣ фаро намегирифтанд. Таҳқиқи

таърихии қонунгузории байналмилалӣ то соли 1917 низ ҳамин норасоиро ҳамчун хусусияти марҳилаи аввал нишон медиҳад [13, с. 11].

Ҳуҷҷатҳои зикршуда дар асл ваъдаҳои эълонии ҷомеаи байналмилалӣ барои андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирӣ ва решакан намудани савдои одамонро ифода мекарданд. Бо дарназардошти маҳдудияти доираи татбиқ ва норасоиҳои техникаи ҳуқуқии онҳо, ин санадҳо ба зудӣ ба такмил ва пуррагардонии ҷиддитар ниёз пайдо карданд, ки он дар соли 1926 бо қабули Конвенсия оид ба ғуломӣ амалӣ гардид. Ин конвенсия ба барҳам додани ғуломӣ дар тамоми шаклҳои он ва савдои ғуломон нигаронида шуда буд.

Конвенсия оид ба ғуломӣ аз 25 сентябри соли 1926 марҳилаи сифатан навро оғоз намуд. Санади мазкур «ғуломӣ»-ро ҳамчун ҳолат ё мавқеи шахсе муайян кард, ки нисбат ба ӯ унсурҳои ҳуқуқи моликият ё баъзе аз онҳо татбиқ мегарданд [10, мод. 1].

Мафҳуми «савдои ғуломон» дар Конвенсияи соли 1926 ҳар гуна амали ба даст овардан, харид ё вогузории инсон бо мақсади фурӯхтан ба ғуломӣ, инчунин ҳар гуна амали савдо ё интиқоли ғуломонро фаро мегирад [10, мод. 1]. Дар муқоиса бо санадҳои пешина, чунин таъриф муносибати моликиятӣ ба инсонро ҳамчун нишонаи марказии ғуломӣ ифода намуд.

Раванди ҳуқуқии баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон нишон дод, ки ғуломӣ ва савдои одамон бо ҷиноятҳои байналмилалӣ ва поймолсозии оммавии ҳуқуқи инсон мубадал гардидааст. Матни Оинномаи Трибунали ҳарбии байналмилалӣ заминаи арзёбии ҷиноятҳои вазнин бар зидди инсониятро тақвият дод [11, қ. II].

Пояҳои ҳуқуқӣ барои минбаъд таҳким бахшидани муқовимат ба савдои одамон дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948) гузошта шудаанд, ки тибқи он «ҳар як инсон ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ дорад» (моддаи 3), инчунин «ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати вобастагӣ нигоҳ дошта шавад, ғуломӣ ва савдои ғуломон дар тамоми шаклҳои он манъ карда мешаванд» (моддаи 4) [5, с. 39]. Ҳамин меъёр манъи ғуломиро аз сатҳи созишномаҳои алоҳида ба мақоми принсипи умумии ҳуқуқи башар бардошт.

Соли 1949 аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ Конвенсияи оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори онҳо барои фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм қабул гардид, ки дар он як қатор кирдорҳо ба таври муфассал ҳамчун ҷиноят муайян шудаанд: даллагӣ, водор намудан ё фиреф тани шахси дигар ба фоҳишагӣ, ҳатто бо розигии ӯ, истисмори фоҳишагии шахси дигар, ҳатто бо розигии он шахс, нигоҳдорӣ ё идоракунии чунин фаъолият, инчунин маблағгузории дидаю дониста ё иштирок дар маблағгузории фоҳишахона, ба иҷора додан ё ба иҷора гирифтани бино ё дигар иншоот барои истифодаи онҳо бо мақсади фоҳишагии шахсони сеюм (моддаҳои 1-2). Дар баробари кирдорҳои зикршуда, инчунин кӯшиши содир намудани онҳо (моддаи 3) ва иштироки қасдона дар чунин кирдорҳо (моддаи 4) низ мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор мегиранд.

Қайд кардан зарур аст, ки ин санад борҳо мавриди танқид қарор гирифтааст. Масалан, И. И. Карпец таъкид менамояд, ки дар он ягон моддае вуҷуд надорад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои савдои занон бо мақсади фоҳишагӣ муқаррар намояд (гарчанде дар унвони он ба савдои одамон ишора шудааст). Аз ин рӯ, зарурати такмил додани он ба миён меояд [7, с. 176].

Ба ақидаи О. Г. Горбунова, Конвенсия, сарфи назар аз давомнокии нисбатан тӯлонии амал (56 сол), ғайрисамаранок буд. Бештар пешниҳодҳо оид ба бознигарии қисман баъзе муқаррароти Конвенсияҳо ё пурра даст кашидан аз он ва таҳияи механизмҳои дигари мубориза бо зуҳуроти нангини савдои одамон ба миён гузошта мешаванд. Дар Конвенсия «мубориза бо савдои одамон ба ақидаи маҳви фоҳишагӣ ҳамчун зуҳуроти мустақил иваз карда мешавад» [6, с. 6].

Чунин ақида асоснок ба назар мерасад, зеро ҳатто худи номи Конвенсия «Оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори онҳо барои фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм» ба чунин андеша водор мекунад, ки фоҳишагӣ ҳамчун зуҳуроти ҳаммонанд бо савдои одамон арзёбӣ мегардад.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ соли 1966 манъи ғуломӣ, ҳолати вобастагӣ ва меҳнати маҷбуриро ҳамчун уҳдадории ҳатмии давлатҳо муқаррар кард [12, мод. 8]. Дар натиҷа, манъи ғуломӣ ва меҳнати маҷбурӣ хусусияти устувори ҳуқуқи байналмилалӣ пайдо намуд. Раванди таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ тадриҷан аз ҳифзи гурӯҳҳои ҷудогона ба манъи умумии ҳама шаклҳои истисмори инсон гузашт. Конвенсияи иловагӣ оиди барҳам додани ғуломдорӣ, ғуломфурӯшӣ ва падидаву (институт) одатҳои ба ғуломдорӣ ҳамшабеҳ аз 7 сентябри соли 1956 доираи танзими ҳуқуқиро васеъ намуд. Санади мазкур ғуломии қарзӣ, крепостной, фурӯш ё додани зан барои издивоҷ ва додани кӯдак барои истисморро ба шаклҳои ба ғуломӣ монанд дохил кард [12, мод. 8]. Минбаъд қабул шудани эъломияи Пекинӣ мебошад, ки дар Конфронси IV умумиҷаҳонӣ оид

ба вазъи занон дар Пекин соли 1995 қабул гардидааст. Тибқи он, мафҳуми савдои одамон васеъ гардида, тамоми шаклҳои дигари истисмори занонро низ дар бар мегирад. Мувофиқи муқаррароти он, ба доираи савдои одамон, ғайр аз ҷалби занон ба фоҳишагӣ, инчунин меҳнати маҷбурӣ ва издивоҷҳои маҷбурӣ низ дохил мешаванд [21, б. 113-130]. Чунин равиш мафҳуми истисморро аз доираи фоҳишагии маҷбурӣ берун баровард.

Бо вуҷуди ин, дар санадҳои мазкур мафҳуми «фоҳишагӣ» боз ҳам дар як қатор бо чунин падида, мисли «савдои одамон» қарор дода мешавад. Аммо, ба андешаи мо, мафҳуми «савдои одамон» бояд мафҳуми «фоҳишагӣ»-ро дар бар гирад, ба шарте ки фоҳишагии маҷбурӣ аз фоҳишагии ихтиёрӣ ҷудо карда шавад. Дар ҳолати охирин сухан дар бораи машғул шудани зан ба фоҳишагӣ бо иродаи худ ва бе маҷбуркунӣ меравад. Таҳлили мазмуни конвенсияҳои зикршуда нишон медиҳад, ки онҳо асосан ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои занон ва баъдан кӯдакон равона шудаанд. Вале дар онҳо ба таври возеҳ зикр намегардад, ки қурбонии савдои одамон метавонад шахси ҷинси мард низ бошад. Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки дар ин самт як муносибати яктарафа вуҷуд дорад, ки бояд ислоҳ карда шавад, яъне дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд мустақиман нишон дода шавад, ки савдои одамон, ба ғуломӣ табдил додан ва ба ҳолати маҷбурӣ нигоҳ доштани ҳар як инсон, новобаста аз ҷинсаш, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Эъломияи Вена ва Барномаи амал соли 1993 зӯроварӣ бо аломати ҷинс, озору таъқиби ҷинсӣ ва истисморро ҳамчун монеаи татбиқи пурраи ҳуқуқҳои инсон эътироф намуд [20, қ. I, б. 18]. Меъёрҳои мазкур ба ташаккули муносибати ба қурбонӣ нигаронидашуда дар ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат карданд. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ доираи маҷбуркунии ғайриҷиноятии меҳнатро тавассути ворид намудани фаъолияти меҳнатие, ки барои иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ зарур аст, васеъ менамоянд. Масалан, Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар моддаи 4, дар баробари ҳолатҳои дар боло зикршуда, ки ғайриқонунӣ будани меҳнати маҷбуриро истисно мекунанд, дар банди «д»-и қисми 3 «иҷрои уҳдадориҳои волидайн оид ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кӯдак ва уҳдадориҳои фарзандони ба синни балоғат расида оид ба таъмини падару модари ғайриқобили меҳнат, ки ба кӯмак эҳтиёҷ доранд»-ро пешбинӣ менамояд [9, мод. 4]. Барои кишварҳои пасошӯравӣ чунин санад аҳамияти ҳамоҳангсозии ҳуқуқӣ дорад. Дар маҷмӯъ, санадҳои ҳуқуқи инсон ба фаҳмиши муосири савдои одамон таъсири ҷиддӣ расониданд. Онҳо нишон доданд, ки истисмор танҳо муносибати иқтисодӣ нест, дар маркази он шикастани озодии шахс, шаъну эътибор, амният ва қобилияти мустақилона қабул кардани қарор меистад.

Мафҳуми истисмор дар ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти кушода ва бисёрҷабҳа дорад, бинобар ин қонунгузории миллӣ бояд ҳам шаклҳои ҷинсӣ, ҳам меҳнатӣ, ҳам оилавӣ ва ҳам дигар шаклҳои вобастагиро фаро гирад. Яке аз санадҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон, ки ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ таъсири назаррас расонида, дар он инъикоси мукаммал пайдо намудааст, «Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки илова ба Конвенсияи зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 қабул шудааст (минбаъд - «Протокол») ва бо тасдиқи он аз 29 майи соли 2002, № 645 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошад [2, мод. 454]. Моддаи 3-и Протокол таърифи ҳуқуқии байналмилалии истилоҳоти дар он истифодашавандаро муқаррар менамояд. Ҳамин тавр, барои мақсадҳои Протоколи мазкур: Савдои одамон мафҳуми бо мақсади сӯиистифода ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамонро бо роҳи таҳдид ё истифода аз зӯрӣ ё истифода аз ҳама гуна шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯиистифода аз қудрат ё ҳолати осебпазирӣ, ё бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсеро, ки дигар шахсро назорат мекунад, дар назар дорад. Сӯиистифода ҳадди ақал аз сӯиистифодаи фоҳишагарии дигар шахсон ё дигар шакли сӯиистифодаи ҷинсӣ, кор ё хизмати маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ монанд, ҳолати маҷбурӣ ё гирифтани бофтаҳои бадан иборат мебошад (м.3 Протокол) [2, мод. 3]. Ин Протокол санади якуми байналмилалӣ гардид, ки заминаи воқеиро барои ташкили майдони ягонаи ҳуқуқӣ ва ҳамкории кишварҳо дар мубориза бо ҷиноятқории муташаккилона, қонунигардонии пул, коррупсия ва вайронкунии қонунҳо муҳайё мекунад [19, с. 15]. Протоколи Палермо ба қонунгузории давлатҳо меъёри ягонаи ҳуқуқӣ дод, вале самаранокии он аз тафсири дурусти розигӣ, осебпазирӣ ва мақсади истисмор вобаста мебошад.

Дар низоми байналмилалӣ масъалаи меҳнати маҷбурӣ бо санадҳои Созмони байналмилалии меҳнат алоқаманд мебошад. Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) № 29 оид ба меҳнати маҷбурӣ аз соли 1930 меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро ҳамчун ҳар гуна

кор ё хизмате муайян мекунад, ки аз шахс таҳти таҳдиди ҷазо талаб карда шуда, шахс барои иҷрои он ихтиёран розӣ нашудааст [23, мод. 2].

Протоколи соли 2014 ба Конвенсияи СБМ № 29 давлатҳоро уҳдадор месозад, ки чораҳои самараноки муайянсозӣ, озод намудан, ҳифз, барқарорсозӣ ва тавонбахшии қурбониёни меҳнати маҷбуриро андешанд [24, мод. 3-4]. Чунин меъёр меҳнати маҷбуриро бо ҳифзи қурбонӣ ва масъулияти давлат пайваст мекунад. Арзёбии глобалии СБМ, Walk Free ва Созмони байналмилалии муҳоҷират нишон медиҳад, ки ғуломии муосир меҳнати маҷбурӣ ва издивоҷи маҷбуриро дар бар мегирад [25, с. 31]. Гарчанде истилоҳи «ғуломии муосир» дар ҳама низомҳои ҳуқуқӣ истифода намешавад, он барои таҳлили шаклҳои пинҳонии истисмор аҳамияти методологӣ дорад. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки меҳнати маҷбурӣ ҳисоб намешаванд. Кор дар доираи хизмати ҳарбӣ, ҳолатҳои фавқулода ё иҷрои ҳукми қонунии суд аз ҳамин гурӯҳ мебошад [8, мод. 8]. Мутобиқати меъёрҳои миллӣ бо Конвенсияи СБМ № 29 дар он дида мешавад, ки истисноҳо бояд маҳдуд, қонунӣ ва назоратшаванда бошанд [23, мод. 2]. Бо вуҷуди ин, амали ҳуқуқтатбиқкунӣ бояд фарқи байни уҳдадории қонунӣ, вайронкунии меҳнатӣ ва истисмори ҷиноятиро равшан нигоҳ дорад. Нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо, пардохт нашудани музди меҳнат, қарздоркунии сунъӣ, маҳдуд кардани озодии ҳаракат, таҳдид ба ихроҷ ё хабар додан ба мақомоти муҳоҷират метавонад ба маҷмӯи нишонаҳои савдои одамон бо мақсади истисмори меҳнатӣ табдил ёбад [29, с. 37-58; 25, с. 45-72].

Меҳнати маҷбурӣ яке аз шаклҳои марказии истисмор мебошад. Барои муайян кардани он на танҳо набудани розигӣ, балки вазъи воқеии вобастагӣ ва назорати ҷиноятқор бояд арзёбӣ шавад. Ҳифзи қурбонӣ дар модели муосири муқовимат ба савдои одамон мавқеи марказӣ дорад. Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба амалиёт бар зидди савдои одамон аз соли 2005 пешгирӣ, ҳифзи ҳуқуқи қурбониён, таъқиби самаранок ва ҳамкории байналмилалиро ҳамчун самтҳои асосӣ муайян менамояд [22, мод. 1-5]. Хусусияти муҳим дар он аст, ки Конвенсияи Шӯрои Аврупо савдои одамонро новобаста аз хусусияти миллӣ ё фаромиллӣ ва новобаста аз робита бо ҷиноятқории муташаккил фаро мегирад [22, мод. 2]. Чунин меъёр барои амалияи миллӣ арзиши васеи тафсирӣ дорад. Механизми миллии роҳнамоии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) зарурати ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои тиббӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои муҳоҷиратро таъкид менамояд [26, с. 48]. Мақсади асосӣ муайянсозии саривақтии қурбонӣ, таъмини амният ва дастрасӣ ба кӯмак мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои САҲА оид ба муносибати бераҳмона ва шиканҷа дар заминаи савдои одамон таъкид мешавад, ки истисмор метавонад ба зарари ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии дарозмуддат оварда расонад [28, с. 29]. Аз ҳамин сабаб хизматрасонии тиббӣ ва равонӣ бояд ҷузъи ҳатмии дастгирии қурбонӣ бошад.

Масъулияти бахши хусусӣ низ дар солҳои охир аҳамияти бештар гирифтааст. САҲА дар таҳлили пешгирии иштироки соҳибкорӣ дар савдои одамон зарурати назорати занҷираҳои таъминот, фаъолияти миёнаравони шуғл ва шартномаҳои меҳнатии шаффофро нишон медиҳад [27, с. 17-50]. Мақоми қурбонӣ набояд танҳо аз омодагии шахс барои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста бошад. Модели қурбонимарказ талаб мекунад, ки амният, маҳфият, тарҷума, маслиҳати ҳуқуқӣ ва барқарорсозии иҷтимоӣ қабл аз манфиатҳои танги исботӣ арзёбӣ гарданд [22, мод. 10-15; 26, с. 61-96]. Муҳофизати қурбонӣ бояд аз лаҳзаи аввалини муайянсозӣ оғоз ёбад. Бе кӯмаки тиббӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мубориза бо савдои одамон пурра шуда наметавонад. Таърифи савдои одамон, ки дар м.130[1] КҶ ҶТ мавҷуд аст, асосан таърифи дар Протоколи Палермо пешниҳодшударо такрор мекунад. Аммо фарқияти онҳоро, ки баъди ворид намудани тағйирот ба моддаи 130[1] КҶ ҶТ мавриди назар маълум гардид, қайд накардан мумкин нест. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019 №1554, таҳти ибораи савдои одамон дар м.130[1] КҶ ҶТ - хариду фурӯши одам ва ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ, ҳамчунин, новобаста аз розигии қурбонӣ, бо мақсади истисмори ӯ ё бо дигар тарз гирифтани фоидаи ғайриқонунӣ пешниҳод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан, ё гирифтани одам бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, сӯиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад, фаҳмида мешавад.

Натиҷаҳо. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии м.130[1] КҶ ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, хусусан меъёрии муқарраркардаи м.3 Протоколи Палермо, ки масъалаҳои муқовимат ба савдои одамонро танзим мекунанд, як қатор мушкилоти робитаи байни ин ду санади меъёриро ошкор менамояд. Пеш аз ҳама, ҳолати мазкур ба мафҳумҳои асосии чунин фаъолияти ҷиноятии муташаккили фаромиллӣ, ба хусус

унсурҳои таркиби кирдори мазкур дахл доранд. Аз ҷумла: объекти бевоситаи савдои одамон, тарафи объективӣ, яъне ҳаракатҳо, тарзҳо, лаҳзаи хотимаёбии ҳаракатҳо ва тарафи субъективии он. Ба андешаи асоснок, савдои одамон ба гурӯҳи ҷиноятҳое мансуб аст, ки ҳамзамон ба озодӣ, шаъну эътибор, амнияти шахсӣ, ҳуқуқ ба меҳнати озодона ва дахлнопазирии ҷисмонӣ таҳдид мекунад [15, с. 119]. Чунин равиш ба хусусияти бисёробъектии кирдор мувофиқ мебошад. Ногуфта намонад, ки дар баробари аниқ гардидани объекти бевоситаи ҷинояти савдои одамон аҳамияти бениҳоят муҳимро дуруст муайян намудани моҳият ва мазмуни мафҳуми озодии инсон доро мебошад, зеро чунин аниққунӣ имконият медиҳад, ки ҷиноятҳои муқобили озодии шахсии инсонро, аз ҷумла савдои одамон аз кирдорҳои ғайриҷиноятӣ ҷудо карда шавад ва бо ҳамин тариқ муайян кардан мумкин аст, ки таҷовуз ба озодии шахсии инсон дар кадом ҳолат ҷинояти мустаҳил буда ва дар кадом ҳолат қисми таркибии унсурҳои дигар кирдорҳои таҷовузкоронаро ташкил дода метавонад [18, с. 208].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» заминаи институтсионалии муайянсозӣ, ҳифз ва дастгирии қурбониёнро ташкил медиҳад [17, с. 141-178]. Аҳамияти он дар андешидани чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бо тадбирҳои иҷтимоӣ, тиббӣ ва равонӣ зоҳир мешавад. Таҳлили ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки мутобиқати умумӣ байни қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, дақиқсозии мафҳуми истисмор, тартиби муайянсозии қурбонӣ, механизмҳои ҷуброн, омори ягона ва ҳамкории байниидоравӣ ба такмили минбаъда ниёз доранд [32, с. 31-56; 17, с. 215-240]. Қонунгузории Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ наздик мебошад, вале натиҷаи амалӣ аз таъмини механизми иҷро, омори ягона, роҳнамоии қурбонӣ ва омодагии касбии мақомоти масъул вобаста аст. Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ танҳо бо ворид намудани таърифҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ анҷом намеёбад. Мушкилоти асосӣ дар марҳилаҳои ошкорсозӣ, муайянсозии қурбонӣ, ҷамъоварии далелҳо, исботи мақсади истисмор ва ҳифзи шоҳидон пайдо мешавад [31, с. 306]. Дафтари СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ дар ҳисоботи глобалии соли 2024 нишон медиҳад, ки таҳлили парвандаҳои ошкоршуда барои фаҳмиши тамоюлҳои минтақавӣ ва глобалии савдои одамон аҳамияти калон дорад [30, с. 28]. Барои Тоҷикистон низ муттаҳидсозии маълумоти мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура, суд, хадамоти муҳоҷират ва хадамоти иҷтимоӣ зарур мебошад. Татбиқи амалии мафҳуми «ҳолати осебпазирӣ» бояд бо меъёрҳои исботӣ мустаҳкам карда шавад. Танҳо камбизоатӣ ё муҳоҷир будан барои исбот кофӣ нест; бояд нишон дода шавад, ки гунаҳгор аз чунин вазъият огоҳ буда, онро барои ҷалб ё истисмор истифода бурдааст [29, с. 94]. Ҳамкории байналмилалӣ дар парвандаҳои савдои одамон бояд ба истирдод ва ёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашавад. Муайянсозии қурбонӣ, бозгардонии бехатар, дастрасӣ ба намояндагони консулӣ, таъмини тарҷума ва мубодилаи иттилоот низ ҷузъи зарурии амалияи самаранок мебошад [22, мод. 32-35; 26, с. 170]. Омӯзиши кадрҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, прокуратура, хадамоти муҳоҷират, муассисаҳои тиббӣ ва кормандони иҷтимоӣ бояд мунтазам бошад. Қурбонӣ метавонад худро қурбонӣ ҳисоб накунад, бинобар ин муайянсозии барвақтӣ бояд бар саволҳои ҳассос, махфият ва муносибати беайбгузорӣ такя намояд [28, с. 73].

Самаранокии муқовимат аз кори ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, хадамоти иҷтимоӣ, тиб, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва механизмҳои байналмилалии ҳамкорӣ вобаста мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол таносуби мафҳумҳои «савдои одамон», «ғуломӣ», «истисмор», «меҳнати маҷбурӣ» ва «ҳолати вобастагӣ» баҳсбарангез боқӣ мемонад. Як равиш савдои одамонро шакли муосири ғуломӣ мешуморад, равиши дигар онро ҷинояти мустақил медонад, ки метавонад ба ғуломӣ ё ҳолатҳои ба ғуломӣ монанд оварда расонад [4, с. 84]. Аз ҷиҳати таркиби ҷиноят, савдои одамон кирдори бисёрмарҳила мебошад. Ҷалб, интиқол, пинҳонкунӣ ва қабул метавонад аз ҷониби шахсони гуногун анҷом дода шавад, бинобар ин нақши ҳар иштирокчӣ бояд аз рӯйи огоҳӣ, саҳм ва робита бо мақсади истисмор муайян гардад [31, с. 323]. Фарқгузорӣ байни савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ аҳамияти калон дорад. Муҳоҷирати ғайриқонунӣ одатан бо убури ғайриқонунии сарҳад ва манфиати миёнарав вобаста аст; савдои одамон бо назорат, истисмор ва истифодаи вазъи осебпазирии шахс алоқаманд мебошад [2, мод. 3; 29, с. 59-75]. Нақши қурбонӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд эҳтиёткорона арзёбӣ шавад. Дар баъзе ҳолатҳо шахс аз тарси интиқом, ихроҷ, шармандагӣ, вобастагии оилавӣ ё нобоварӣ ба мақомот ҳамкорӣ намекунад, вале чунин ҳолат набояд мақоми қурбониро аз байн барад [26, с. 171]. Масъалаи ҷуброни зарар низ ба таҳқиқи минбаъда ниёз дорад. Савдои одамон зарари ҷисмонӣ, равонӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба бор меорад, бинобар ин барқарорсозӣ бояд музди меҳнати пардохтнашуда, хизматрасонии тиббӣ,

кӯмаки равонӣ ва амнияти зиндагиро дар бар гирад [24, мод. 4; 22, мод. 15]. Аз нуқтаи назари илмӣ, савдои одамон ҳамчун ҷинояти бисёробъектӣ ва бисёрмарҳила бояд таҳлил гардад; чунин муносибат барои тафтиш, исбот ва ҳифзи қурбонӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Хулоса. Савдои одамон ҷинояти мураккаб, бисёрҷанба ва дорои хусусияти фаромиллӣ буда, ба озодии шахсӣ, шаъну эътибор, амният, дахлнопазирии ҷисмонӣ, ҳуқуқ ба меҳнати озодона ва маҷмӯи ҳуқуқҳои бунёдии инсон таҳдиди ҷиддӣ мерасонад. таҳқиқоти санадҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҷомеаи байналмилалӣ аз манъи маҳдуди савдои занон ва кӯдакон ба модели фарогири манъи ғуломӣ, меҳнати маҷбурӣ, истисмори меҳнатӣ, истисмори ҷинсӣ ва ҳифзи қурбониён гузаштааст. Протоколи Палермо барои қонунгузории миллӣ стандарти асосии таърифӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ фароҳам оварад. Мафҳуми сеунсурии савдои одамон - амал, восита ва мақсад барои таҳлили таркиби ҷиноят аҳамияти методологӣ дорад

Санадҳои СБМ, Шӯрои Аврупо, САҲА ва UNODC нишон медиҳанд, ки муқовимат ба савдои одамон набояд танҳо ба ҷазо маҳдуд шавад. Пешгирӣ, ҳифзи қурбонӣ, барқарорсозӣ, ҷуброн, ҳамкории байналмилалӣ ва масъулияти бахши хусусӣ бояд ҷузъи ягонаи сиёсати давлатӣ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон дар маҷмӯъ бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ аст. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани самаранокии амалия зарур мебошад, ки мафҳуми истисмор, ҳолати осебпазирӣ, тартиби муайянсозии қурбонӣ, механизми ҷуброн, омори ягона ва ҳамкории байниидоравӣ боз ҳам дақиқтар танзим карда шавад. Таҳқиқи минбаъда бояд ба робитаи байни қонунгузории ҷиноятӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи муҳоҷират, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи байналмилалии инсон такя намояд. Танҳо муносибати маҷмӯӣ метавонад ҷиноятро дар марҳилаҳои барвақт ошкор намояд, қурбониро аз такроршавии истисмор ҳифз кунад ва барои такмили қонунгузорӣ заминаи устувори назариявӣ фароҳам оварад. Мубориза бо савдои одамон бояд ба се унсур такя намояд: криминализатсияи дақиқ, ҳифзи воқеии қурбонӣ ва пешгирии иҷтимоиву муҳоҷиратии омилҳои осебпазиркунанда.

Адабиёт

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2002., № 6. Мод. 645.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004., № 7. Мод. 454.
3. Бойченко, К. А. Историческое решение Европейского Суда по правам человека в отношении Кипра и России, касающееся торговли людьми / К. А. Бойченко // Российский криминологический взгляд. - 2010. № 2. С. 13–18.
4. Ванюшёва, Я. В. Генезис термина «торговля людьми» в контексте международного права / Я. В. Ванюшёва // Бизнес в законе. Экономико-юридический журнал. 2015. № 1. С. 84–87.
5. Всеобщая декларация прав человека: принята Генеральной Ассамблеей ООН 10 декабря 1948 г. // Сборник документов. М: Норма, 1998. С. 39-44.
6. Горбунова, О. Г. К 50-летию ратификации Конвенции ООН 1949 года «О борьбе с торговлей людьми и эксплуатацией проституции третьими лицами» / О. Г. Горбунова. Киев: [б. и.], 1999. – 12 с.
7. Карпец И. И. Преступления международного характера. Юридическая литература / И. И. Карпец. - М.: 1979. – 264 с.
8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 23 июли соли 2016, № 1329. Душанбе, 2016.
9. Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1995.
10. Конвенция относительно рабства: заключена в г. Женеве 25 сентября 1926 г. Текст: непосредственный.
11. Конференция руководителей трех союзных держав СССР, США и Великобритании в Тегеране, 28 ноября 1 декабря 1943 г., Устав Международного военного трибунала для суда и наказания главных военных преступников европейских стран оси : принят в г. Лондоне 8 августа 1945 г. Текст: непосредственный.
12. Международный пакт о гражданских и политических правах : принят резолюцией 2200 А (XXI) Генеральной Ассамблеи ООН 16 декабря 1966 г.
13. Морозов А. Ю. Уголовная ответственность за торговлю людьми в международном и российском законодательстве до 1917 г. // Труды юридического факультета Ставропольского государственного университета. Вып. 19. Ставрополь: Сервисшкола, 2008. С. 11–14.
14. Плугин, Р. Ю. Оперативно-розыскная характеристика преступлений, связанных с торговлей людьми с целью эксплуатации рабского труда // Российский следователь. 2010. № 4. С. 17–20.
15. Сакаева, О. И. Понятие рабства и торговли людьми в практике органов международного правосудия / О. И. Сакаева // Журнал российского права. 2017. № 11. С. 111-120.

16. Синицын, Ф. Л. Международное законодательство по противодействию торговле людьми / Ф. Л. Синицын. - Пермь, 2000. – 120 с.
17. Ҳайдарзода, З. П. Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: / З. П. Ҳайдарзода // монография / под науч. ред. И. Ю. Захватова. - Душанбе-2020. - 252.
18. Шарипов, Т.Ш. Обекти ҷинояти савдои одамон / Т.Ш. Шарипов, Қ.Х. Мирзоев // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон, 2024, №1. С. 208. - 214
19. Шарипов, Т.Ш. Муқовимат ба савдои одамон воситаи илмӣ-амалӣ / Т.Ш. Шарипов, Ф.Х. Рауфов, А.И Б.Н. Сафарзода, Раҳмонҷонов. - Душанбе-2017. – 256 с.
20. Эъломияи Вена ва Барномаи амал: ҳуҷҷати Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Вена, 25 июни 1993.
21. Эъломияи Пекинӣ ва Барномаи амал: ҳуҷҷати Конфронси чоруми умумиҷаҳонӣ оид ба вазъи занон. Пекин, 1995.
22. Council of Europe Convention on Action against Trafficking in Human Beings : CETS No. 197, Warsaw, 16 May 2005. Strasbourg : Council of Europe, 2005.
23. International Labour Organization. Forced Labour Convention, 1930 (No. 29): adopted on 28 June 1930. Geneva: ILO, 1930.
24. International Labour Organization. Protocol of 2014 to the Forced Labour Convention, 1930: adopted on 11 June 2014. Geneva : ILO, 2014.
25. International Labour Organization ; Walk Free ; International Organization for Migration. Global Estimates of Modern Slavery: Forced Labour and Forced Marriage. Geneva : ILO, 2022. - 36 p.
26. [26] National Referral Mechanisms: Joining Efforts to Protect the Rights of Trafficked Persons: A Practical Handbook. Warsaw: OSCE Office for Democratic Institutions and Human Rights, 2004. - 288 p.
27. Organization for Security and Co-operation in Europe. Ending Exploitation: Ensuring that Businesses Do Not Contribute to Trafficking in Human Beings: Duties of States and the Private Sector : Occasional Paper Series No. 7. Vienna : OSCE, 2014. - 124 p.
28. Organization for Security and Co-operation in Europe. Trafficking in Human Beings Amounting to Torture and Other Forms of Ill-treatment: Occasional Paper Series No. 5. Vienna : OSCE, 2013.-128 p.
29. United Nations Office on Drugs and Crime. Abuse of a Position of Vulnerability and Other “Means” within the Definition of Trafficking in Persons : Issue Paper. New York : United Nations, 2013.-118 p.
30. United Nations Office on Drugs and Crime. Global Report on Trafficking in Persons 2024. Vienna: United Nations, 2024.-242 p.
31. United Nations Office on Drugs and Crime. Legislative Guides for the Implementation of the United Nations Convention against Transnational Organized Crime and the Protocols Thereto. New York: United Nations, 2004. - 530 p.
32. United Nations Office on Drugs and Crime. Model Law against Trafficking in Persons. Vienna: United Nations, 2009. - 75 p.
33. United Nations Office on Drugs and Crime. The Role of “Consent” in the Trafficking in Persons Protocol : Issue Paper. Vienna : United Nations, 2014. - 83 p.

ҶАВОБГАРӢ БАРОИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарӣ барои савдои одамон дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф марҳилаҳои ташаккул ва рушди низоми байналмилалии муқовимат ба савдои одамонро таҳлил намуда, мазмун ва аҳамияти санадҳои асосии байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсия оид ба ғуломӣ (1926), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Конвенсияи соли 1949 оид ба мубориза бар зидди савдои одамон, Конвенсияи иловагӣ оид ба барҳам додани ғуломдорӣ (1956), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) ва Протоколи Палерморо баррасӣ менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ ва низомӣ истифода гардидаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаи 130[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона шудааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки қонунгузории миллӣ дар маҷмӯъ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат дорад, аммо масъалаҳои марбут ба мафҳуми истисмор, унсурҳои таркиби ҷиноят ва такмили механизми ҳуқуқтатбиққунӣ ҳанӯз такмили минбаъдаро талаб менамоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба савдои одамон ифода меёбад.

Калидвожаҳо: савдои одамон, ҳуқуқи байналмилалӣ, Протоколи Палермо, ҷавобгарии ҷиноятӣ, истисмори инсон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон.

ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ТОРГОВЛЮ ЛЮДЬМИ В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

В статье исследуются теоретические и практические вопросы ответственности за торговлю людьми в международном праве. Автор анализирует этапы формирования и развития международно-правового механизма противодействия торговле людьми, а также раскрывает содержание и значение основных международных документов, включая Конвенцию о рабстве 1926 года, Всеобщую декларацию прав человека 1948 года, Конвенцию 1949 года о борьбе с торговлей людьми и эксплуатацией проституции третьими лицами, Дополнительную конвенцию 1956 года об упразднении рабства, Международный пакт о гражданских и политических правах 1966 года и Палермский протокол 2000 года. В исследовании использованы формально-юридический, сравнительно-правовой, системный и логический методы. Особое внимание уделено сравнительному анализу норм международного права и законодательства Республики Таджикистан, в частности статьи 130[1] Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Сделан вывод, что национальное законодательство в целом соответствует международным стандартам, однако отдельные вопросы, касающиеся понятия эксплуатации, элементов состава преступления и практики применения законодательства, нуждаются в дальнейшем совершенствовании. Практическая значимость исследования заключается в разработке предложений по совершенствованию законодательства и повышению эффективности противодействия торговле людьми.

Ключевые слова: торговля людьми, международное право, Палермский протокол, уголовная ответственность, эксплуатация человека, законодательство Республики Таджикистан, права человека.

CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR HUMAN TRAFFICKING UNDER INTERNATIONAL LAW

This article examines the theoretical and practical aspects of criminal liability for human trafficking in international law. The author analyzes the formation and development of the international legal framework for combating human trafficking and explores the legal significance of the principal international instruments, including the 1926 Slavery Convention, the 1948 Universal Declaration of Human Rights, the 1949 Convention for the Suppression of the Traffic in Persons and of the Exploitation of the Prostitution of Others, the 1956 Supplementary Convention on the Abolition of Slavery, the 1966 International Covenant on Civil and Political Rights, and the 2000 Palermo Protocol. The study employs formal legal, comparative legal, systematic, and logical research methods. Particular attention is devoted to the comparative analysis of international legal standards and the legislation of the Republic of Tajikistan, especially Article 130[1] of the Criminal Code. The study concludes that the national legislation generally complies with international standards; however, issues relating to the concept of exploitation, the elements of the offense, and law enforcement practice require further improvement. The practical significance of the research lies in proposing measures to improve legislation and enhance the effectiveness of combating human trafficking.

Keywords: human trafficking, international law, Palermo Protocol, criminal liability, human exploitation, legislation of the Republic of Tajikistan, human rights.

Дар бораи муаллифон
Саидзода Ҷумахон Зикриё
сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ,
ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
734003, ҶТ, ш.Душанбе, н.Сино, куч.Сино 29-31
Email: jumakhon-1989@mail.ru

Об авторе
Саидзода Джумахон Зикриё
начальник отдела правового надзора
ассистент кафедры социальных дисциплин
Таджикский государственный медицинский университет
имени Абуали ибни Сино,
734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, р. Сино, ул.Сино 29-31
Email: jumakhon-1989@mail.ru

About the author
Saidzoda Jumahon Zikriyo
Head of the Department of Legal Supervision,
Assistant of the Department of Sociology
Tajik State Medical University named after Abuali Ibn Sino
734003, Repablik of Tajikistan, city Dushanbe, Sino district, Sino str. 29-31
Email: jumakhon-1989@mail.ru

ТДУ 340.115:347.965

ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛИШАВИИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ БА АҲОЛӢ, ҲАМЧУН ШАКЛИ МУШАХХАСИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

Шукурзода У. В., Қодирзода Т.Қ.

Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Муқаддима. Дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат рушду такомул ёфт. Дар ин давра нахуст Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври райъпурсии умумимиллӣ қабул карда шуд. Дар заминаи он танзим ва рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гузошта шуд. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ дар як давраи кӯтоҳ, миллати тоҷик ба давлати соҳибихтиёр ва ваҳдатпараст расид. Қабули Конститутсия барои ҳар як давлат аҳаммияти бузург дорад. Зарурат ва аҳаммияти қабули Конститутсия кишварро дар баробари дигар давлатдориҳои минтақа ва ҷаҳон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бахшида ба Ҷашни 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус қайд намудаанд: «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун санади ифодагари истиқлолу озодии халқи мо дар таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва пойдориву бардавомии он нақши ҳалкунанда дорад. Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии истиқлол ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии моро таҳким бахшид».

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади асосии ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад. Он аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо он фарқ мекунад, ки сарчашмаи асосии тамоми қонунгузории кишвар ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи моддаи 10 он, бояд ҳамаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ба меъёрҳои Конститутсия мутобиқ бошанд ва дар тамоми қаламрави кишвар иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад. Дар Конститутсия масъалаҳои муҳими давлатдорӣ, аз ҷумла дахлнопазирии ҳудуди давлат, шакли идоракунӣ, вазифа ва моҳияти давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мақоми забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, инчунин асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа муайян карда шудаанд. Боби махсуси онро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад, ки бори аввал дар таърихи кишвари доро таърихи беш аз шаш ҳазор сола дошта, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуд. [1, м. 10]

Муҳокима. Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Дар он меъёрҳои муҳимми конститутсионӣ, аз ҷумла баробарии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз миллат, нажод, дин, забон, мавқеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муқаррар шудаанд. Ҳамчунин озодии шахс, дахлнопазирии инсон, соҳибихтиёрии халқ, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва принсипҳои инсондӯстӣ мустаҳкам карда шудаанд. Дар асоси принсипи тақзияи ҳокимияти давлатӣ низ тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ муайян гардидааст. Мутобиқи моддаи 19-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як шахс аз лаҳзаи боздошт шуданаш ҳуқуқ дорад аз кумаки ҳуқуқии адвокат истифода барад. Ин меъёр нишон медиҳад, ки давлат ба шаҳрвандон имконият медиҳад, то барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз хизматрасонии адвокатӣ баҳра гиранд. Мутобиқи моддаи 92-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ба ҳар як шахс кафолат дода шудааст. Ин ёрӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот, тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ таъмин карда мешавад. Мазмуни ин меъёр асосан дар он ифода меёбад, ки давлат уҳдадор аст барои шахсоне, ки ба ҳимояи ҳуқуқии касбӣ ниёз доранд, шароити зарурӣ фароҳам оварда, иштироки ҳимоятгарро таъмин намояд. Ин кафолат яке аз унсурҳои муҳими таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба шумор меравад. Бо мақсади татбиқи самараноки ин меъёр ва рушди низоми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои муҳимми ҳуқуқӣ амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қабул карда шуд. Қонуни мазкур ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ ба танзим дароварда, тартиби ташкил ва фаъолияти адвокатура, ҳуқуқу уҳдадориҳои адвокатҳо ва инчунин шаклҳои расонидани ёрии ҳуқуқиро муайян менамояд. Бар асоси моддаи 10-и қонуни мазкур, адвокат вазифадор аст талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, дар ҳолатҳое, ки иштироки ӯ ҳамчун ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошад, фаъолона иштирок намояд. Ҷалби адвокат метавонад бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё бо таъиноти суд амалӣ гардад. Илова бар ин, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, адвокат уҳдадор аст ба шаҳрвандон кумаки ҳуқуқии ройгон пешниҳод кунад. Ин меъёрҳо барои таъмин намудани он равона шудаанд, ки ҳар як шахс, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худ, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии

худ дастрасӣ дошта бошад. Ҳамин тавр, таъмин намудани дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз асосҳои муҳимми давлати ҳуқуқбунёд эътироф мегардад. Он дар таъмин намудани адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва инчунин боло бурдани сатҳи боварии ҷомеа нисбат ба низоми судӣ нақши назаррас дорад.

Мутобиқи талаботи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», аъзои Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд ба гуруҳи муайяни шахсони дар поён зикргардида ёрии ҳуқуқиро ба таври ройгон пешниҳод намоянд:

- ба даъвогарон дар судҳои марҳилаи аввал ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба рӯёнидани алимент ва барқарор шудан ба ҷойи кор;
- ба шахсони дорои маъюбият, инчунин онҳое, ки дар давраи муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саробони худро аз даст додаанд, ҳамчунин ба гурезаҳо;
- ба шаҳрвандон вобаста ба муроҷиатҳо оид ба хатогиҳо дар рӯйхати интихобкунандагон;
- ба вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми пешниҳоди машварат дар масъалаҳои қонунгузорӣ, ки ба иҷрои ваколатҳои онҳо марбутанд;
- ба ноболиғоне, ки васӣ ё парастор надоранд;

ба шахсоне, ки ба хизмати ҳарбӣ даъват мешаванд, инчунин хизматчиёни ҳарбии муҳлатнок.

Дар баробари ин аз тарафи мақомоти давлатӣ низ то ҳадди имкон ба шаҳрвандон ҳангоми муроҷиат иттилооти ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад. Аз ҷумла Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ қабулгоҳҳои ҷамъиятии он амал мекунанд ва ба муроҷиаткунандагон ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонад. Инчунин дар чанд шаҳру ноҳияҳои тобеи марказҳои буҳронӣ ва ғайра фаъолият доранд. Новобаста ба кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, таъмини мутобиқати қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамчунин мушкилиҳо дар самти амалигардонданиии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ҷой доштанд. Дар ҷаласаи 23-юми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки 19 декабри соли 1968 баргузор гардид, қатъномаи №2449 (XXIII) қабул карда шуд. Мутобиқи банди «а»-и қисми 1-и ин ҳуҷҷат, ба давлатҳои аъзо тавсия дода шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, махсусан нисбат ба шахсони ниёзманд, рушди низоми фарогири ёрии ҳуқуқиро таъмин намоянд.

Дар заминаи ин тадбирҳо, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015 Барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ барои солҳои 2015–2017 ба тасвиб расид.

Ҳадафи асосии ислоҳоти соҳаи судӣ ва ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳкими бештари ҳокимияти судӣ ва афзун намудани мавқеи он дар ҳаёти ҷомеа иборат аст. Ин раванд ба такмил додани низоми адолати судӣ, содда ва шаффоф гардонидани тартиби мурофиаи судӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ равона шудааст. Ғайр аз ин, аз ҷумлаи вазифаҳои асосии ин ислоҳот таъмини ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои давлату ташкилотҳо, инчунин таҳкими қонуният ва барқарорсозии адолати иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи чунин ислоҳот сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил ёфта, сатҳи эътимоди ҷомеа ба низоми судӣ баланд мегардад.

Дар доираи татбиқи барномаҳои давлатии марбут ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Ҳадафи асосии ин консепсия фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои ташаккул ва рушди минбаъдаи низоми давлатии расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ мебошад. Консепсия ба он равона шудааст, ки тамоми шаҳрвандон, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худ, ба ёрии ҳуқуқии дастрас ва касбӣ имконияти баробар дошта бошанд. Консепсияи мазкур пеш аз ҳама барои такмил ва мукаммал гардонидани низоми давлатии расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон таҳия гардида, ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои муҳимро дар назар дорад. Аз ҷумла, он ташкили низоми расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа ва дуюмдараҷаро бо истифода аз намунаҳо ва шаклҳои гуногуни ташкилӣ пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, дар доираи консепсия масъалаи муайян намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва таъмини молиявии ин намунаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои фаъолияти устувори онҳо заминаҳои иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад.

Илова бар ин, консепсия таъсиси низоми муассири ҳамоҳангсозӣ ва назорати сатҳи сифати расонидани ёрии ҳуқуқии ройгонро дар назар дорад. Дар доираи он инчунин муайян намудани субъектҳое, ки ваколати пешниҳоди чунин хизматрасониҳои ҳуқуқиро доранд, пешбинӣ гардида, ҳамзамон гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, ки ба гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа ҳуқуқ доранд, муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, бо назардошти натиҷаҳои амалии татбиқи моделҳо ва механизмҳои пешниҳодшудаи таъмини ёрии ҳуқуқии ройгон, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мегардад. Қабули ин қонун имконият

фароҳам меорад, ки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда ба он мувофиқ карда шаванд ва фаъолияти низоми нави расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон бо дарназардошти таҷрибаи амалӣ ва хароҷоти сарфшуда ба таври бештар самаранок ба роҳ монда шавад. Дар маҷмуъ, татбиқи чунин тадбирҳо барои баланд бардоштани дастрасии шаҳрвандон ба адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо ва рушди минбаъдаи давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

Бо мақсади татбиқи муқаррароти Консепсия, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» ташкил карда шуд.

Соли 2016-ум дар шаҳрҳои Панҷакент, Ваҳдат, ноҳияҳои Ҷайҳун, Деваштич, Бобоҷон Ғафуров ва Восеъ ҳамчун шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ сохторҳои ин муассиса таъсис шуданд.

Соли 2017-ум бо мақсади васеъ намудани фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати ташаккули низоми ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа дар шаш шаҳру ноҳияи дигар - Хоруғ, Конибодом, Ёвон, Ҷаббор Расулов, Шаҳринав, Спитамен ин хизмат роҳандози гардид. Соли 2018-ум шумораи минтақаҳои таҷрибавӣ боз аз ҳисоби шаҳри Исфара, ноҳияҳои Нуробод, Тоҷикобод, Ашт, Дӯстӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ зиёд гардид.

Аз 12 сентябри соли 2017 дар сохтори Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» воҳиди нав бахши ташкил ва ҳамоҳангсозии ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа таъсис ёфта, фаъолияти худро оғоз намуд.

Санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пешбинӣ намудаанд, ки таъмин ва рушди низоми давлатии ёрии ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити ҷисмонӣ ва ташкилотию ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқӣ, фароҳам овардани имконият барои истифодаи ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқ ва ёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми ёрии ҳуқуқӣ чунин шарҳ дода шудааст: “ёрии ҳуқуқӣ-хизмати ҳуқуқие, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳуқуқшиноси касбӣ ба шахсони воқеӣ расонида мешавад” [2, м. 1] Дар моддаи мазкур ёрии ҳуқуқӣ ба ду навъ ҷудо гардидааст: якумдараҷа ва дуюмдараҷа.

Ёрии ҳуқуқии якумдараҷа чунин шакли хизматрасонии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба шахсони воқеӣ тавассути додани маълумот дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳо, пешниҳоди машварат ва кӯмак дар таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ расонида мешавад. Дар навбати худ, ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа хизматрасонии ҳуқуқиест, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ин навъи ёрӣ асосан дар доираи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва граждани аз ҷониби адвокатҳо ё ҳуқуқшиносони давлатӣ, ки барои ин фаъолият ваколатдор шудаанд, пешниҳод карда мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ бошад, ёрии ҳуқуқӣ дар чанд шакл ифода меёбад, аз ҷумла: пешниҳод намудани маълумоти ҳуқуқӣ ба аҳолӣ; додани машварат ва тавзеҳот оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ; омода сохтани аризаҳо; таҳия кардани шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ки ба ҳимоя ва татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон равона гардидаанд. Дар хусуси ёрии ҳуқуқии ройгон барои гурӯҳҳои аз ҷумла: кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва шахсони камбизоат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», барои ташкили низоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон мақоми ваколатдори давлатӣ ва муассисаи махсус «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» таъсис дода шудаанд.

Бо мақсади татбиқи ин қонун, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 қарори №704-ро аз 28 ноябр қабул намуда, Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-ро расман таъсис дод.

Илова бар ин, дар самти танзими расонидани ёрии ҳуқуқӣ як қатор санадҳои зерқонунӣ низ қабул гардиданд. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №610 аз 29 декабри соли 2022 тартиб ва ҳаҷми пардохти ҳаққи хизмат ба адвокатҳо барои пешниҳоди ёрии ҳуқуқӣ муайян карда шуд.

Ҳамзамон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ба масъалаи таъмини сифати ёрии ҳуқуқӣ ва назорати раванди расонидани он таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Бо мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ соли 2016 дар соҳаи ёрии ҳуқуқӣ дар бо ташаббуси муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» 51 маркази ёрии ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ин давраи фаъолияти муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» зиёда аз 124 ҳазор шаҳрванд ёрии ҳуқуқӣ гирифтаанд, ки ин аз рушди низоми ёрии ҳуқуқии ройгон дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба ҳисоб меравад. Татбиқи ин самт ба беҳтар намудани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои гирифтани дониш равона шудааст. Дар воқеъ, таваҷҷуҳ ба соҳаи иҷтимоӣ, махсусан ба соҳаи маориф ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳсуб меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои марбут ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмин намудани шароити муносиб барои зиндагии арзанда ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум диққати махсус медиҳад. Ин сиёсати иҷтимоӣ аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ эътироф гардидааст. Давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон маънои онро дорад, ки давлат барои фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ ва рушди озодонаи ҳар як шахс масъулият дорад. Ҳамзамон, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Давлат пайваста талош мекунад, то барои дастрасии ҳама ба таҳсилоти босифат дар ҳамаи зинаҳои омӯзиш шароити мусоид фароҳам оварад. Марҳила ба марҳила ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоие, ки ба соҳаи таҳсил вобастаанд, аз ҷумлаи вазифаҳои асосии сиёсати дохилии кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро пешрафти илму маориф ҳамчун омили муҳимми рушди ҷомеа ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Мо ба хотири рушди илму маориф тамоми захираҳо ва имкониятҳоро равона кардаем ва ин равандро дар оянда низ идома хоҳем дод. Зеро ояндаи миллат ва пешрафти давлат аз насли ҷавоне вобаста аст, ки ватандӯсту ватанпарвар, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон ва соҳибкасб бошанд. Танҳо чунин насл метавонад бо донишу малакаи худ дар рушди илм, технология ва дигар соҳаҳои замонавӣ саҳми арзанда гузорад».

Бо ҳамин асос, пешрафти низоми маориф, боло бурдани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва муҳайё сохтани шароити мувофиқ барои дастрасӣ ба таҳсил аз ҷумлаи омилҳои калидӣ ба шумор мераванд, ки ба рушди устувори ҷомеа ва ташаккули давлати муосири ҳуқуқмеҳвар мусоидат мекунанд. Яке аз шартҳои муҳимми таъмин ва рушди ҳуқуқи инсон ба таҳсил мавҷуд будани заминаи мустаҳками иқтисодӣ ва моддии давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз имкониятҳои иқтисодии кишвар имкон медиҳанд, ки барои рушди инфрасохтори маориф, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, таъмини шароити мувофиқи таҳсил ва дастрасии шаҳрвандон ба таълим имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шаванд. Бидуни иқтисодиёти рушдёфта ва таъминоти моддии кофӣ амалӣ гардидани пурраи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба таври муассир душвор мегардад.

Дар баробари ин, нақши давлат барои фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ниҳоят муҳим мебошад. Агар давлат ба рушди соҳаи маориф ва беҳтар намудани шароити таълим таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накунад, ин метавонад ба коҳиш ёфтани сатҳи саводнокӣ ва паст гардидани иқтидори зеҳнии аҳолӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, дастгирии давлатии соҳаи маориф яке аз омилҳои асосии рушди устувори ҷомеа ва пешрафти давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки инкишофи ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ бевосита ба сатҳи дониш, маърифат ва малакаи мутахассисон вобастагӣ дорад. Ҷомеае, ки дорои мутахассисони баландихтисос ва донишманд мебошад, метавонад ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ ноил гардад. Тавре ки дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таъкид гардидааст, иқтидори зеҳнии аҳолӣ яке аз омилҳои калидие мебошад, ки сатҳи рушди ҷомеа ва давлатро муайян мекунад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, рушди неруи зеҳнӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад [3, с. 10].

Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди амалии ҳуқуқи инсон ба таҳсил мусоидат менамояд, ин такмили низоми ёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ин самт мебошад. Бо рушди қонунгузории миллӣ ва ҷорӣ гардидани механизмҳои самараноки расонидани ёрии ҳуқуқӣ, имконияти шаҳрвандон барои ҳимоя ва амалисозии ҳуқуқи худ ба таҳсил ба маротиб беҳтар гардид. Дар давраи то Истиқлол, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар самти дастгирии ҳуқуқии соҳаи таҳсил, бо дарназардошти шароити ҳамон замон ташаккул ёфта буд ва на ҳамеша ба талаботи нави ҷомеа ҷавобгӯ буд. Бо пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди

соҳаи маориф, зарурати такмили қонунгузорӣ ва таъсиси механизмҳои муассири ёрии ҳуқуқӣ ба миён омад.

Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари такмили қонунгузорӣ дар соҳаи маориф, ба рушди низоми ёрии ҳуқуқӣ низ диққати махсус дода шуд. Таъсиси сохторҳои махсус, аз ҷумла Марказҳои ёрии ҳуқуқӣ, имконият фароҳам овард, ки шаҳрвандон дар масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ба таҳсил аз қабили қабул ба муассисаҳои таълимӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои донишҷӯён, баҳсҳои марбут ба таҳсил ва дигар ҳолатҳо кӯмаки ҳуқуқии ройгон ё дастрас гиранд. Ҳамзамон, қабули санадҳои алоҳида барои танзими зинаҳои гуногуни таҳсилот, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 заминаи ҳуқуқиро мустаҳкам намуд. Дар чунин шароит, ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун василаи муҳим барои шарҳ додани меъёрҳои қонун, ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон ва таъмини дастрасии баробар ба таҳсил хизмат мекунад. Ба ҳамин тартиб, рушди ҳамзамони қонунгузорӣ ва низоми ёрии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар амал низ пурра таъмин ва ҳифз карда шавад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди ҳуқуқ ба таҳсил мусоидат мекунад, ин ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад. Е.М. Павленко қайд менамояд, ки «дар ин раванд коркард ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот аз вазифаҳои муҳими давлатӣ ба шумор рафта, омили асосии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад» [5, с. 79].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот ҳамчун яке аз самтҳои калидии сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Амалисозии он ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ, аз ҷумла Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузошта шуда, фаъолияти онҳо пеш аз ҳама ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мегардад. Ин сиёсат дар заминаи умумии сиёсати давлатӣ ташаккул ёфта, ҳадафҳо, мазмун ва талаботи асосии низоми таҳсилотро бо дарназардошти стратегияҳои рушди соҳа муайян менамояд. Аз ҷумла, принсипҳои муҳим, ба мисли баробарии имкониятҳо дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, риояи қонун ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, дастгирии соҳаи маориф дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ, ҳатмӣ будани таҳсилоти умумии асосӣ ва фароҳам овардани шароит барои идомаи таҳсил, дар маркази ин сиёсат қарор доранд. Дар адабиёти илмӣ низ таъкид мегардад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бояд ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии ҷомеа мусоидат намояд. Тавре ки Е.М. Павленко қайд мекунад, “рушди низоми таҳсилот бо масъалаҳои тарбияи фарҳанги ҳуқуқи инсон ва шаклгирии шуури конститутсионӣ робитаи зич дорад, ки ин омилҳо барои таъмини амалии ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил, аҳамияти муҳим доранд” [5, с. 79].

Пайвастани давлат ба созмонҳои байналмилалӣ ва эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳимме мебошанд, ки ба рушди ҳуқуқи инсон ба таҳсил таъсири мусбат мерасонанд. Равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ боис гардиданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла вобаста ба ҳуқуқ ба таҳсил, эътироф ва барои татбиқи онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад. Аз ҷумла, чунин ҳуҷҷатҳои муҳим, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, заминаи ҳуқуқии байналмилалиро барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ташкил медиҳанд. Масалан, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил эътироф намуда, давлатҳоро вазифадор месозад, ки барои дастрасӣ ба таҳсил ва беҳтар намудани сифати он шароити мувофиқ фароҳам ованд.

Таҳкими минбаъдаи кафолати ҳуқуқ ба таҳсил ба рушди имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ вобастагии зич дорад. Бо дарназардошти тағйироти ҷомеа, давлат бояд имкониятҳои низоми таҳсилот ва кафолатҳои ҳуқуқии онро такмил дода, шароити баробар барои гирифтани таҳсилоти босифат фароҳам оварад. Дар баробари ин, риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди таълим аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон, сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз шартҳои муҳими амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад. Агар вазъи иҷтимоию иқтисодии оила мусоид бошад, фарзанд имконияти таҳсил дар шароити беҳтарро пайдо намуда, барои рушди дониш ва қобилияти зеҳнии худ имкониятҳои бештар пайдо мекунад. Дар ҳолати маҳдуд будани имкониятҳои моддии оила, дастрасӣ ба шароити мусоиди таҳсил мушкил гардида, метавонад ба коҳиши ҳавасмандии хонандагон нисбат ба омӯзиш оварда расонад. Аз ин рӯ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дастгирии иҷтимоии оилаҳо барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил аҳамияти муҳим дорад. Яке аз омилҳои муҳимме, ки ба татбиқи воқеии ҳуқуқ ба таҳсил ва таъмини он дар амал мусоидат мекунад, фароҳам овардани

шароити мусоиди моддӣ-техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Дар ин замина, давлат бо мақсади дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон баъзе имтиёзҳоро пешбинӣ намуда, аз ҷумла дар муассисаҳои давлатӣ имконияти таҳсили ройгон ё бо шартҳои имтиёзнокро таъмин менамояд. Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» барои ҳавасмандгардонии ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи донишандузӣ ҳар сол стипендияҳои байналмилалии Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон»-ро ҷудо намуда, барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ шароит фароҳам месозад. Дар ин раванд, масъалаи сифати таҳсил низ аҳаммияти махсус дорад. Зеро таълими босифат на танҳо сатҳи дониши хонандагон ва донишҷӯёнро баланд мебардорад, балки ба онҳо имконият медиҳад, ки дар интихоби мустақилонаи роҳи ҳаётӣ ва гузоштани ҳадафҳои касбӣ озодона қарор қабул намоянд. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳимми амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил забони таълим мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони давлатиро ҳамчун забони асосии таълим дар муассисаҳои таълимӣ муайян кардааст. Дар айни замон, давлат кафолат медиҳад, ки шаҳрвандон метавонанд таҳсилро ба забони давлатӣ ва дар минтақаҳое, ки намояндагони миллатҳои дигар зич зиндагӣ мекунанд, дар доираи имкониятҳо ба забони модарии худ низ ба даст оранд.

Дар ин самт, робитаи ҳуқуқ ба таҳсил бо низоми ёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Зеро дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқи шаҳрвандон, масалан дар масъалаи рад шудани қабул ба муассисаи таълимӣ, истифодаи нодурусти меъёрҳои марбут ба забони таҳсил ё риоя нагардидани имтиёзҳои қонунӣ халалдор мегардад, онҳо метавонанд бо муроҷиат ба механизмҳои ёрии ҳуқуқӣ ҳимояи манфиатҳои худро таъмин намоянд. Мавҷудияти низоми самараноки ёрии ҳуқуқӣ имконият фароҳам меорад, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи маориф на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар раванди амал низ пурра ва дуруст татбиқ шаванд. Дар натиҷаи фароҳам овардани шароити моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, сифати таҳсил, сиёсати забонӣ ва низоми ёрии ҳуқуқӣ, дар якҷоягӣ ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ ҳангоми татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил яке аз омилҳои муҳиммест, ки ба рушди самараноки ин ҳуқуқ мусоидат менамояд. Пеш аз ҳама, чунин сифатҳо ба мисли инсондӯстӣ, хоксорӣ ва ростқавлӣ бояд дар фаъолияти омӯзгорон ва муҳити таълимӣ мавқеи асосӣ дошта бошанд. Омӯзгор бояд барои шогирдон намунаи ибрат бошад ва дар раванди таълим ба ҳолати равонии хонандагон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд, то ки муносибат ва рафтори нодуруст дар муассисаҳои таълимӣ ба рӯҳияи онҳо таъсири манфӣ нарасонад. Таҳсилот на танҳо раванди азхудкунии донишҳо мебошад, балки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, рушди шуури иҷтимоӣ ва инкишофи арзишҳои маънавии шахс низ нақши назаррас дорад. Бо дарназардошти чунин омилҳо имконият фароҳам мегардад, ки сифати дониш баланд гардида, сатҳи маънавию ахлоқии ҷомеа низ рушд намояд. Дар баробари ин, сатҳи зиндагии аҳолӣ низ дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аҳамияти калон дорад. Агар шароити иҷтимоию иқтисодии оила мусоид бошад, фарзанд имконияти таҳсил дар муҳити хуб ва бо шароити мувофиқро пайдо мекунад. Баръакс, маҳдуд будани имкониятҳои моддии оила метавонад ба кам шудани ҳавасмандии фарзандон нисбат ба таҳсил оварда расонад. Аз омилҳои дигари муҳим таъмини шароити муносиби моддӣ-техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо озод намудани донишҷӯён аз пардохти маблағи таҳсил дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ метавонад ба беҳтар гардидани дастрасӣ ба таҳсил мусоидат намояд. Ҳамчунин, тибқи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ дипломи намунаи давлатӣ дода мешавад, ки ин яке аз шаклҳои кафолати давлатии таҳсил ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ низ ба рушди ҳуқуқ ба таҳсил таъсири назаррас мерасонад. Зеро таҳсилоти босифат на танҳо сатҳи дониш ва қобилияти зеҳнии хонандагонро баланд мебардорад, балки ба ташаккули маънавӣ, тарбияи шахсияти комил ва интихоби озодонаи роҳи минбаъдаи зиндагии онҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин, рушди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бо таъмини ёрии ҳуқуқӣ низ зич алоқаманд мебошад. Зеро ҳалли бисёре аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон бе мавҷудияти низоми самараноки ёрии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Татбиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ эътироф мекунад, танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки низоми мукаммали кафолатҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи онҳо амал намояд. Ҳуқуқ ба дастрас намудани ёрии ҳуқуқӣ яке аз кафолатҳои муҳими конститутсионӣ маҳсуб меёбад. Мувофиқи моддаи 92-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад” [1, с. 92]. Ин

меъёр ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҳимоя ва машварати ҳуқуқии касбӣ истифода бурда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳифз намоянд.

Бояд зикр намуд, ки то имрӯз дар ин самт таҳқиқоти ҳамаҷониба ва мукаммал ба таври кофӣ анҷом дода нашудааст. Ин ҳолат то андозае бо хусусияти таърихии ташаккули низоми ёрии ҳуқуқӣ вобаста мебошад, зеро сохторҳои асосии он - адвокатура, нотариат ва дигар шаклҳои хизматрасонии ҳуқуқӣ - дар ибтидо бештар дар доираи муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ рушд ёфта буданд. Дар марҳилаҳои аввал ин хизматрасониҳо асосан барои қонеъ намудани ниёзҳои ҳуқуқии субъектҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон бо инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар такмил меёфтанд. Аммо дар шароити муосир, бо суръат гирифтани рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши шаклҳои нави мураккаби муошарати ҳуқуқӣ, зарурати омӯзиши амиқтар ва таҳлили ҷиддии ин самт ба миён омадааст. Ҳамзамон, масъалаи ташаккули механизмҳои муосири кафолати ҳуқуқӣ барои ҳалли самараноки мушкилоти мавҷуда низ таҳқиқи ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Дар айни замон, замина барои пайдоиши шаклҳои нави фаъолияти ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадааст, ки онҳоро метавон ҳамчун «шаклҳои дигари расонидани ёрии ҳуқуқӣ» ном бурд. Ин шаклҳо намудҳои гуногуни хизматрасониҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки ба фаъолияти анъанавии адвокатура ва нотариат мустақиман мансуб нестанд. Хусусияти онҳо дар гуногуншаклӣ ва доираи васеи хизматрасониҳояшон ифода меёбад, бинобар ин онҳо рӯйхати кушода дошта, то ҳол имкони додани таърифи дақиқ ва ниҳоӣ ба онҳо маҳдуд мебошад. Ёрии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, ҷузъи асосии механизми таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар шароити муосир ин самт ҳамчун яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои инсонро новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, вазъи молиявӣ ё дигар шароитҳои шахсӣ эътироф ва кафолат медиҳад, ки ин бевосита ба ҳуқуқи дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ вобастагии зич дорад.

Ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин навъҳои хизматрасонии ҳуқуқӣ ба субъектҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ расонида мешавад. Гарчанде ки ниҳодҳои иҷтимоӣ, намояндагӣ ва адвокатӣ таърихи тӯлонӣ доранд, худи мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» танҳо дар асри XX ба гардиши илмии ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид гардида, тадриҷан дар онҳо таҳким ёфтааст. Имрӯз ин падида дар санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла ҳамчун «ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ», «ҳуқуқ ба ҳимоя аз ҷониби адвокат» ё «ҳуқуқ ба ҳимоятгар» ифода меёбад ва дар конститутсия ва қонунгузории бисёр давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустаҳкам гардидааст. Дар адабиёти илмӣ барои ифодаи ин падида мафҳумҳои гуногун истифода мешаванд, ба мисли «ёрии ҳуқуқӣ», «ёрии тахассусии ҳуқуқӣ», «хизматрасонии ҳуқуқӣ», «хизматрасонии ҳуқуқшиносӣ» ва дигар истилоҳоти ба ҳам наздик, ки вобаста ба контекст мазмуни як падидаро ифода менамоянд.

Мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» пеш аз ҳама дастгирии байналмилалӣ барои ифодаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби давлатҳо дар соҳаи ҳуқуқ истифода карда мешавад. [7, с. 10-15]. Ёрии ҳуқуқӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ дар ду сатҳ - миллӣ ва байналмилалӣ - мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар сатҳи миллӣ шахс ҳамчун иштирокчии мурофиа ҳуқуқ дорад мустақилона ё бо кумаки намоянда (ҳимоятгар) манфиат ва ҳуқуқҳои худро ҳифз намояд. Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, таъмини ҳуқуқи шахс бештар тавассути механизмҳои ҳамкории давлатҳо ва низоми ҳуқуқи байналмилалӣ сурат мегирад, ки дар он давлатҳо ҳамчун субъектҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳанд.

Ба андешаи А.В. Лесин, ёрии ҳуқуқӣ дар маънои васеи худ ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ мансуб дониста мешавад. Ӯ қайд мекунад, ки ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба шахс бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии ӯ татбиқ мегардад, вале дар айни замон тавассути институтҳои марбута бештар ба таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ нигаронида шудааст. [9, с. 10-11]. Ҳамчунин, ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо дар доираи равандҳои расмии мурофиавӣ, махсусан дар ҷараёни баррасии судӣ, амалӣ шуда метавонад ва берун аз ин тартиботи ҳуқуқӣ мавҷудияти мустақил надорад. Ёрии ҳуқуқӣ дар маънои васеи худ на танҳо пешниҳоди машварат ё ҳимояи ҳуқуқӣ, балки фаъолияти иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳиро низ дар бар мегирад. Ин раванд тамоми воситаҳо ва усулҳоеро фаро мегирад, ки ба таъмини амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳо равона шудаанд. Дар навбати худ, ёрии ҳуқуқӣ (ё ёрии юридикӣ) ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти мурофиавӣ баррасӣ мешавад, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ амалӣ гардида, тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ барои ҳимоя ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. [10, с. 11-13].

Ба андешаи мо, дар маънои васеъ мафҳуми мавриди таҳқиқ ҳамчун истилоҳи умумӣ барои сатҳи гуногуни хизматрасониҳои ҳуқуқӣ истифода шуда, ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки барои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунӣ хизмат мекунанд. Дар ин ҳолат, ин мафҳум дорои хусусияти ҳам сифатӣ ва ҳам мурофиавӣ буда, мазмуни он тағйирнопазир мемонад. Дар маънои маҳдуд бошад, мумкин аст танҳо фаъолияти мурофиавӣ ҳамчун як шакли мушаххаси ёрии ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад.

Мавқеи дигари илмӣ низ дар ин масъала вуҷуд дорад, ки тибқи он мафҳумҳои «ёрии юридикӣ» ва «ёрии ҳуқуқӣ» якхела дониста шуда, ҳар ду ҳамчун фаъолияти расонидани хизматрасонии ҳуқуқӣ шарҳ дода мешаванд. Дар ҳамин замина, таъкид мегардад, ки на ҳама намуди кумак ё амалҳои мансабдорон ба доираи ёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Баъзе фаъолияти онҳо танҳо дар ҳолатҳои муайян бо ин мафҳум робита пайдо мекунад ва ба он пурра мансуб шуморида намешавад. Ёрии ҳуқуқӣ бештар бо қонунгузории амалкунанда вобаста буда, таҳлили ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, арзёбии муносибатҳои ҳуқуқии шахси манфиатдор ва пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии онҳо дар вазъиятҳои муайянро дар бар мегирад. [11, с. 10-12]. Дар фаъолияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ ин мафҳум аҳаммияти хосса дорад. Ҳангоми баррасии равишҳо ва қоидаҳои марбут ба ёрии ҳуқуқӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудаанд, онҳо мавриди таҳлил қарор мегиранд. Дар ин робита, вобаста ба ҳадаф ва мазмун, ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи фаъолияти ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Аз ҷумла, мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» метавонад чунин равишҳоро ифода намояд:

- ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқ;
- ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун механизми татбиқи ҳуқуқ;
- ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъмини ҳуқуқ;
- ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун шакли хизматрасонии ҳуқуқӣ.

Дар ҳолатҳои воқеии мушкилоти ҳуқуқӣ шахс ба ёрии ҳуқуқӣ ниёз дорад, зеро дар ин вазъҳо амалҳои ҳуқуқӣ ва ҳолатҳои мушаххас ба вуҷуд меоянд, ки муайян ва ҳалли касбиро талаб мекунанд. Ёрии ҳуқуқӣ дар чунин мавридҳо ҳамчун дастгирии касбӣ хизмат мекунад: он шахсро барои иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи манфиатҳои қонуниаш омода месозад, ба арзёбии вазъият ва таҳлили омилҳое, ки ба амалҳои оянда таъсир мерасонанд, мусоидат мекунад ва барои эҷод ва татбиқи стратегияҳои ҳуқуқӣ имконият фароҳам меорад. Ин раванд ба ташаккули шахсият, истифодаи пурраи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон дар шароити мушкил мусоидат менамояд. [11, с. 16-18].

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот ба таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият равона шудааст. Таҳлил нишон дод, ки татбиқи самараноки ҳуқуқ ба таҳсил танҳо дар заминаи мавҷудияти низоми мукаммали кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсати устувори давлатӣ, мутобиқати қонунгузории миллӣ ба санадҳои байналмилалӣ ва рушди низоми муассири ёрии ҳуқуқӣ имконпазир мебошад.

Муайян карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро эътироф намуда, меъёрҳои онҳоро дар қонунгузории миллӣ татбиқ кардааст. Бо вуҷуди ин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рақамикунонии соҳаи маориф ва афзоиши талабот ба ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ва дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқиро ба миён меорад.

Таҳқиқ инчунин собит намуд, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ, сифати таҳсил, шароити моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, сиёсати забонӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқии иштирокчиёни раванди таълим, инчунин фаъолияти самараноки институтҳои ёрии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳиме мебошанд, ки ба амалишавии воқеии ҳуқуқ ба таҳсил таъсири бевосита мерасонанд. Дар ин раванд, ёрии ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, балки ҳамчун механизми муҳими таъмини қонуният ва татбиқи самараноки меъёрҳои қонунгузорӣ баромад менамояд.

Аз ин рӯ, такмили қонунгузории соҳаи маориф, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии дастрасӣ ба таҳсил, рушди низоми ёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва мутобиқсозии таҷрибаи миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ бояд ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гарданд. Амалисозии чунин тадбирҳо ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани сифати таҳсил, рушди сармояи инсонӣ ва таҳкими асосҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат хоҳад намуд.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6.11.1994 бо тағйиру иловаҳои (26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mkmk.tj/content/. (санаи мурочиат: 12.03.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ” [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mkmk.tj / content /. (санаи мурочиат: 10.03.2026).
3. Ниг - ба стратегияи рушди маорифи Тоҷикитон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mkmk.tj/content/. (сана барои мурочиат: 10.02.2026).
4. Ниг: Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mkmk.tj/content/. (санаи мурочиат: 10.02.2026).
5. Павленко, Е.М. Формирование культуры прав человека и конституционного правосознания в современной России / Е.М. Павленко. – М., 2004. – С. 79.
6. Ляпутин, Л.А. Ҳимояи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ: ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ: дис.…д-ри илм. ҳуқуқ / Л.А. Ляпутин. – Екатеринбург, 2008. – 434 с.
7. Фадеев, П. Оид ба мафҳуми ёрии ҳуқуқии шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ / П. Фадеев // Мурофиаи ҷиноятӣ. №1, 2002. – С. 70–82.
8. Лесин, А.В. Ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ (оммавӣ): дис. … ном. илм. ҳуқуқ / А.В. Лесин. – Тюмень, 2003. – 202 с.
9. Миняев, Н.Н. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва механизми таъмин намудани он дар Россия муосир (ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ): автореф. дис. … ном. илм. ҳуқуқ / Н.Н. Миняев. – СПб., 2000. – 33 с.
10. Бутарев А.И. Назария, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва амалияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандон аз ҷониби адвокатҳо: автореф. дис. … канд. юрид. наук / А.И. Бутарев. – М., 2010. – 29 с.

ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛИШАВИИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ БА АҲОЛӢ, ҲАМЧУН ШАКЛИ МУШАХХАСИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳо, механизмҳо, амалишавии ҳуқуқ ва ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ҳамчун шакли мушаххаси тарбияи ҳуқуқӣ ва унсури муҳими низоми ҳуқуқии муосир равона шудааст. Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқиро таҳлил намуда, ҷойгоҳи онро дар низоми кафолатҳои конститутсионӣ, санадҳои миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян кардааст. Мақола инчунин роҳҳои такмили танзими ҳуқуқ ва таҳкими кафолатҳои баробарии шаҳрвандонро пешниҳод мекунад ва нақши ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқиро дар таъмини адолати мурофиавӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд таъкид менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба ҷанбаҳои амалӣ, аз ҷумла заминаҳои моддӣ, инфрасохтор ва созишномаҳои байналмилалӣ таваҷҷӯҳ намуда, зарурати мутобиқати низоми миллии ёрии ҳуқуқӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва таҷрибаи байналмилалиро таъкид мекунад. Мақола барои илмӣ ва амалӣ ба таҳлил ва такмили сиёсати давлатӣ, барномаҳои давлатӣ ва фаъолияти марказҳои ёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки ин ба рушди ҳуқуқи инсон, дастрасӣ ба адолат ва тарбияи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: Конститутсия, озодиҳои инсон, ҳуқуқи инсон, санадҳои байналмилалӣ, механизмҳои байналмилалӣ, сиёсати давлатӣ, барномаҳои давлатӣ, фаъолияти ҳуқуқсозӣ, заминаҳои моддӣ, ҷаҳонишавӣ, ваколатдор, маркази ёрии ҳуқуқӣ.

ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ НАСЕЛЕНИЮ КАК СПЕЦИФИЧЕСКОЙ ФОРМЫ ЮРИДИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена исследованию особенностей, механизмов и реализации права на юридическую помощь населению как формы конкретного правового воспитания и важного элемента современной правовой системы. Автор анализирует теоретические и правовые аспекты права на юридическую помощь, определяет его место в системе конституционных гарантий, национальных актов и норм международного права. Статья также предлагает пути совершенствования правового регулирования и укрепления гарантий равенства граждан, подчеркивая роль права на юридическую помощь в обеспечении справедливого судебного разбирательства, защиты прав и свобод человека и формировании правового государства.

В то же время исследование обращает внимание на практические аспекты, включая материальную базу, инфраструктуру и международные соглашения, подчеркивая необходимость согласования национальной системы юридической помощи с мировыми стандартами и международным опытом. Статья ориентирована на научный и практический анализ, совершенствование государственной политики, государственных программ и деятельности центров юридической помощи, что способствует развитию прав человека, доступу к правосудию и правовому воспитанию.

Ключевые слова: Конституция, права и свободы человека, права человека, международные акты, международные механизмы, государственная политика, государственные программы, законотворческая деятельность, материальная база, глобализация, уполномоченный, центр юридической помощи.

PRACTICAL FEATURES OF LEGAL ASSISTANCE TO THE POPULATION AS A SPECIFIC FORM OF LEGAL EDUCATION

The article examines the features, mechanisms, and implementation of the right to legal aid for the population as a specific form of legal education and a key element of the modern legal system. The author analyzes the theoretical and legal aspects of the right to legal aid, determining its place within the system of constitutional guarantees, national legislation, and international legal norms. The article also proposes ways to improve legal regulation and strengthen citizens' equality guarantees, emphasizing the role of the right to legal aid in ensuring fair judicial proceedings, protecting human rights and freedoms, and shaping a rule-of-law state.

At the same time, the study focuses on practical aspects, including material resources, infrastructure, and international agreements, highlighting the need to align the national legal aid system with global standards and international experience. The article is intended for both scientific and practical analysis, contributing to the improvement of state policy, public programs, and the activities of legal aid centers, thereby promoting human rights, access to justice, and legal education.

Keywords: Constitution, human rights and freedoms, human rights, international acts, international mechanisms, state policy, state programs, legislative activity, material resources, globalization, ombudsman, legal aid center.

Дар бораи муаллифон

Шукурзода Умеди Ворис
Магистри курси 2-юми шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: sukurzodaumed@gmail.com

Қодирзода Тоҳир Қамар
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари илмӣ
Институти давлат ва ҳуқуқ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33

Об авторах

Шукурзода Умеди Ворис
Магистратуры 2-го курса отдель теории государства и современного права
Институт государства и права
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: sukurzodaumed@gmail.com

Кодирзода Тохир Камар
доктор юридических наук, ведущий научный сотрудник
Институт государства и права
Национальная академия наук Таджикистана
734025Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Рудаки, 33

About the authors

Shukurzoda Umedi Voris
second-year master's student
Department of Theory of State and Modern Law,
Institute of State and Law,
National academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Ave., 734025, Dushanbe Republic of Tajikistan
E-mail: sukurzodaumed@gmail.com

Qodirzoda Tohir Qamar
Doctor of Law, Leading Researcher of the Institute of State and Law
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str., 33

ТДУ 343.98:343.85

МЕТОДИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ АЗ ТАРАФИ ГУРӮҲИ МУТАШАККИЛИ ҶИНОЯТӢ СОДИР МЕГАРДАНД

Исмоилов У. Х.
Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҷиноятқории муташаккил дар шароити муосир яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти миллӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди устувори давлатҳо ба ҳисоб рафта, муқовимат ба он ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷиноятӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф гардидааст. Хусусияти фаромиллӣ, сатҳи баланди ташкилёбӣ, истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ва робитаҳои устувори коррупсионӣ боис гардидааст, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба яке аз шаклҳои хавфноктарини ҷиноятқорӣ табдил ёбанд. Дар чунин шароит баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳои мазкур, инчунин такмили таъминоти криминалистии ин раванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии махсус касб менамояд.

Пайдоиш ва рушди ҷиноятқории муташаккил бо равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ робитаи зич дорад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, махсусан дар давраи ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ тадриҷан фаъолияти худро густариш дода, ба соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат ва соҳибкорӣ таъсири назаррас расониданд. Маҳз дар ҳамин давра шаклҳои нави фаъолияти муташаккили ҷиноятӣ, аз ҷумла тамаъҷӯӣ (рэкет), назорати ғайриқонунии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар зуҳуроти ҷиноятқории муташаккил ба миён омаданд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятқории муташаккил ҳамроҳ гардида, қонунгузории миллӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ такмил медиҳад. Қабули санадҳои байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ барои таҳкими асосҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷиноятқории муташаккил ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ дар қисми 3 моддаи 39 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Тибқи ин меъёр, гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ иттиҳоди устувори шахсоне мебошад, ки пешакӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд [7]. Ин таъриф хусусиятҳои асосии чунин шакли шарикиро муайян намуда, барои дуруст тасниф намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва интихоби воситаҳои муносиб барои ошкор ва тафтиши онҳо аҳамияти муҳим дорад.

Дар адабиёти илмӣ масъалаҳои марбут ба методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ содир мешаванд, аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин самт саҳми назарраси олимоне, аз қабили И.Н. Якимов, Р.С. Белкин, Ю.В. Антонов, С.Н. Иванов, Б. Алимжанов, И.А. Возгрин, инчунин муҳаққиқони тоҷик Ҷ.М. Зоир, А.Қ. Назаров, В.А. Абдуҳамитов ва Ш.Т. Шарипов қобили зикр мебошад [1; 2; 5; 6; 8; 10; 11]. Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои криминалистии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, истифодаи воситаҳои муосири техникӣ-криминалистӣ ва таҳияи методикаи ягонаи тафтиши чунин ҷиноятҳо ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ниёз доранд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ аз он бармеояд, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ имрӯз аз усулҳои мураккаби омодагӣ, содир ва пинҳон намудани ҷиноятҳо истифода намуда, дорои имкониятҳои назарраси молиявӣ, техникӣ ва ташкилӣ мебошанд. Ин ҳолат аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи воситаҳои муосири криминалистӣ, такмили методикаи тафтишот ва ҳамоҳангсозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои криминалистии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба такмили методикаи ошкор ва тафтиши чунин ҷиноятҳо аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намояд.

Таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ содиршаванда пеш аз ҳама ба сатҳи рушди методикаи криминалистӣ ва истифодаи дурусти воситаҳои техникӣ-криминалистӣ вобастагӣ дорад. Маҳз методикаи криминалистӣ ҳамчун низоми тавсияҳои илмӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо назардошти хусусиятҳои ин навъи ҷиноятҳо самаранок ташкил карда шавад.

Дар илми криминалистика масъалаҳои марбут ба мафҳум ва мазмуни методикаи криминалистӣ солҳои зиёд мавриди баҳси олимон қарор доранд. Аз ҷумла, И.Н. Якимов ҳанӯз соли 1925 методикаи криминалистиро ҳамчун қисми мустақили илми криминалистика арзёбӣ намуда, онро маҷмӯи усулҳое медонист, ки барои муайян намудани роҳҳои таъқиб ва ошкорсозии фаъолияти ҷиноятқорон истифода мешаванд [11, с. 28]. Баъдтар, Р.С. Белкин ин мафҳумро такмил дода, методикаи криминалистиро ҳамчун низоми принсипҳо, тавсияҳо ва воситаҳои илмӣ муайян намуд, ки барои ташкил, банақшагирӣ ва амалисозии тафтишоти пешакӣ, ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва арзёбии далелҳо, инчунин муайян намудани сабабҳо ва шароитҳои мусоидаткунандаи содиршавии ҷиноятҳо хизмат менамоянд [5, с. 287–288].

Бо вуҷуди фарқияти баъзе равишҳои назариявӣ, аксари олимон ба чунин мавқеъ муттаҳид мебошанд, ки вазифаи асосии методикаи криминалистӣ аз таҳияи тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо иборат мебошад. Ин вазифа нисбат ба ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро чунин ҷиноятҳо бо сатҳи баланди ташкилёбӣ, нақшабандии пешакӣ, тақсимоти вазифаҳо байни иштирокчиён ва истифодаи усулҳои мураккаби пинҳон намудани фаъолияти ҷиноятӣ тавсиф мегарданд.

Дар ин замина, нақши таъминоти техникӣ-криминалистӣ низ афзоиш меёбад. Истифодаи воситаҳои муосири криминалистӣ имкон медиҳад, ки пайҳои моддӣ, рақамӣ ва дигар маълумоти дорои аҳамияти исботкунанда сари вақт ошкор, сабт ва таҳқиқ карда шаванд. Маҳз чунин воситаҳо натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотиро ба манбаи боэътимоди далелҳо табдил дода, барои исботи ҳолатҳои воқеии парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳим доранд. Чунонки А.Қ. Назаров ва А.А. Азамзода таъкид менамоянд, яке аз омилҳои асосии паст будани сатҳи ошкоршавии баъзе ҷиноятҳо истифодаи нокифояи имкониятҳои таъминоти техникӣ-криминалистӣ дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад [9, с. 97].

Аз нигоҳи мо, методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бояд ба омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои криминалистии чунин ҷиноятҳо асос ёбад. Ба чунин хусусиятҳо, пеш аз ҳама, шахсияти ташкилкунандагон ва иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ, нақши ҳар як аъзо дар фаъолияти ҷиноятӣ, тарзу усулҳои омодагӣ, содир ва пинҳон намудани ҷиноят, механизми ташаккули пайҳо, хусусиятҳои объекти таҷовуз, ангеза ва ҳадафи ҷиноят, инчунин омилҳо ва шароитҳое дохил мешаванд, ки ба фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мусоидат менамоянд.

Ғайр аз ин, хусусияти фаъолияти чунин гурӯҳҳо аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи шаклҳои муосири ҳамоҳангсозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва экспертиро талаб менамояд. Дар шароити рақамикунонии ҷомеа гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бештар аз технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои рамзгузории алоқа, хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва дигар имкониятҳои техникӣ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, такмили методикаи криминалистӣ бояд бо рушди технологияҳои рақамӣ, истифодаи криминалистикаи рақамӣ ва васеъ намудани имкониятҳои таҳқиқи электронии далелҳо ҳамоҳанг карда шавад.

Аз ин лиҳоз, такмили пайвастаи методикаи криминалистии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ яке аз самтҳои муҳими рушди илми криминалистика ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии муқовимат бо ҷиноятқории муташаккил, таҳкими қонуният ва ҳифзи манфиатҳои давлату ҷомеа мусоидати назаррас намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии криминалистика муайян намудани хусусиятҳои криминалистии ҷиноятҳое мебошад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ содир мегарданд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки маҳз хусусияти криминалистии ҷиноят ҳамчун асоси таҳияи методикаи хусусии тафтишоти ҷиноятҳо хизмат намуда, самти фаъолияти тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯиро муайян месозад. Бидуни омӯзиши ҳамаҷонибаи унсурҳои таркибии ин хусусият, таҳияи тавсияҳои илмӣ барои ошкор ва тафтиши чунин ҷиноятҳо имконнопазир мебошад.

Ба андешаи мо, хусусияти криминалистии ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бояд ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди маълумоти дорои аҳамияти криминалистӣ арзёбӣ гардад, ки маълумотро оид ба шахсияти аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ, тарзи ташкил ва фаъолияти он, усулҳои омодагӣ, содир ва пинҳон намудани ҷиноят, механизми ташаккули пайҳо, хусусиятҳои объекти таҷовуз, ангеза ва ҳадафи фаъолияти ҷиноятӣ, инчунин омилҳо ва шароити мусоидаткунандаи содиршавии ҷиноятҳоро дар бар мегирад. Маҳз таҳлили маҷмӯии ин унсурҳо имконият медиҳад, ки версияҳои тафтишотӣ дуруст пешниҳод гардида, самти минбаъдаи тафтишот муайян карда шавад.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, одатан, дорои сохтори дохилии устувор, тақсимоти дақиқи вазифаҳо ва низоми махсуси идоракунӣ мебошанд. Дар чунин гурӯҳҳо вазифаи ҳар як иштирокчӣ пешакӣ муайян гардида, фаъолияти онҳо дар асоси нақшаи пешакӣ таҳияшуда амалӣ мегардад. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки онҳо сатҳи баланди махфиятро нигоҳ дошта, барои пинҳон намудани пайҳои фаъолияти ҷиноятӣ чораҳои гуногун андешанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ истифодаи усулҳои мураккаби муқовимат ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Аз ҷумла, чунин гурӯҳҳо метавонанд барои пинҳон намудани далелҳои ҷиноят аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, воситаҳои техникии махсус, технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои алоқаи рамзгузоришуда ва хизматрасониҳои молиявии электронӣ истифода намоянд. Дар баъзе мавридҳо онҳо бо истифода аз робитаҳои коррупсионӣ кӯшиш менамоянд, ки ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсир расонида, раванди ошкорсозӣ ва тафтишотро мушкил гардонанд.

Дар чунин шароит, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба принсипҳои ҳамоҳангсозӣ, банақшагирии илмӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои криминалистика асос ёбад. Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои мазкур истифодаи шаклҳои муосири ҳамкории байни муфаттиш, кормандони оперативӣ, прокурор, мутахассис ва коршинос аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маҳз чунин ҳамкории комплексӣ барои ҷамъоварии пурраи далелҳо, муайян намудани ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти ҷиноятӣ ва исботи гуноҳи онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ инчунин нишон медиҳад, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва криминалистикаи рақамӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кардааст. Имрӯз қисми зиёди фаъолияти чунин гурӯҳҳо дар муҳити рақамӣ амалӣ гардида, мубодилаи иттилоот, интиқоли маблағҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷиноятӣ тавассути шабакаҳои электронӣ анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои таҳқиқи иттилооти рақамӣ, таҳлили маълумоти электронӣ ва экспертизаҳои компютерӣ бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи методикаи криминалистии тафтиши ин категорияи ҷиноятҳо баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, хусусияти криминалистии ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалиро низ доро мебошад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи унсурҳои он имконият медиҳад, ки тавсияҳои илмии самаранок барои ташкил, банақшагирӣ ва амалисозии тафтишоти пешакӣ таҳия гардида, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба ҷиноятқории муташаккил боз ҳам такмил дода шавад.

Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки самаранокии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ на танҳо аз истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, балки аз ташкили дурусти фаъолияти тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд аҳамияти аввалиндараҷа ба банақшагирии тафтишот, пешниҳоди версияҳои асосноки тафтишотӣ ва муайян намудани пайдарпайии амалҳои тафтишӣ дода мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳар қадар ин чорабиниҳо дар марҳилаи ибтидоии тафтишот пурратар ва бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти гурӯҳи ҷиноятӣ амалӣ гарданд, ҳамон қадар эҳтимолияти ошкор намудани ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти ҷиноятӣ ва исботи гуноҳи онҳо зиёд мегардад.

Марҳилаи ибтидоии тафтишоти ҷиноятҳои мазкур аҳамияти ҳалкунанда дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра қисми зиёди далелҳои шайъӣ, иттилооти оперативӣ ва дигар маълумоти дорои аҳамияти исботкунанда ҷамъоварӣ карда мешаванд. Таъхир дар гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишотӣ метавонад боиси аз байн рафтани пайҳои ҷиноят, нобуд шудани ҳуҷҷатҳо, тағйир ёфтани вазъияти ҷойи ҳодиса ва ё фирор намудани иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ гардад. Аз ин рӯ, фаъолияти муфаттиш бояд ба принсипҳои фаврият, қонуният, пайдарпайӣ ва илмият асос ёбад.

Дар фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ нақши муҳимро робитаҳои дохилии ташкилӣ ва тақсимоти вазифаҳо байни аъзои гурӯҳ иҷро менамоянд. Одатан, чунин гурӯҳҳо аз роҳбар, ташкилкунандагон, иҷрокунандагон, шахсони масъули таъмини молиявӣ ва дигар иштирокчиёне иборат мебошанд, ки ҳар яке вазифаи мушаххаси худро иҷро мекунанд. Муайян намудани сохтори дохилии гурӯҳ, ошкор намудани роҳбарон ва муайян кардани нақши ҳар як иштирокчӣ яке аз вазифаҳои асосии тафтишот ба ҳисоб меравад, зеро маҳз ин ҳолат барои дуруст додани баҳои ҳуқуқӣ ба кирдори ҳар як шахс аҳамияти муҳим дорад.

Бо дарназардошти хусусияти пинҳонкоронаи фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, дар ҷараёни тафтиш истифодаи маҷмӯи чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маълумоти дар натиҷаи чунин чорабиниҳо бадастомада имконият медиҳад, ки робитаҳои байни иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ муайян гардида, манбаъҳои маблағгузорӣ,

роҳҳои интиқоли воситаҳои молиявӣ ва механизми содир намудани ҷиноятҳо ошкор карда шаванд. Дар айни замон, истифодаи чунин маълумот бояд танҳо дар доираи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ карда шавад.

Дар шароити муосир аҳамияти ҳамкории байниидоравӣ низ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Мубориза бо ҷинояткории муташаккил танҳо тавассути фаъолияти як мақомот имконнопазир буда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, прокуратура, мақомоти гумрук, мақомоти андоз ва дигар сохторҳои давлатӣ, инчунин рушди ҳамкории байналмилалӣ, яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба ин падида мебошад.

Илова бар ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бештар хусусияти фаромиллӣ пайдо намуда, фаъолияти онҳо аз ҳудуди як давлат берун мебарояд. Аз ин рӯ, истифодаи механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ, мубодилаи иттилооти оперативӣ, иҷрои супоришҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ташкили гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва татбиқи санадҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба ҷинояткории муташаккил аҳамияти калидӣ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун иштирокчии як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ дар ин самт уҳдадор аст, ки қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ такмил диҳад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки такмили методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бояд дар асоси ҳамгироии дастовардҳои илми криминалистика, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, технологияҳои рақамӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ амалӣ карда шавад. Танҳо чунин муносибати комплексӣ имконият медиҳад, ки самаранокии ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои ин категория баланд бардошта шуда, мубориза бо ҷинояткории муташаккил ба сатҳи сифатан нав бароварда шавад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки самаранокии методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ аз дуруст муайян намудани хусусиятҳои криминалистии онҳо вобастагии мустақим дорад. Маҳз омӯзиши ҳамаҷонибаи тарзи ташкил ва фаъолияти гурӯҳи ҷиноятӣ, усулҳои омодагӣ, содир ва пинҳон намудани ҷиноят, инчунин механизми ташаккули пайҳои ҷиноятӣ барои таҳияи алгоритми илмии тафтишот заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Ба андешаи мо, хусусиятҳои криминалистии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бояд ҳамчун низоми ягонаи маълумоти дорои аҳамияти исботкунанда баррасӣ карда шаванд. Ба ин низом маълумот оид ба шахсияти ташкилкунанда ва дигар иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ, сохтори дохилии гурӯҳ, тақсимоти вазифаҳо, тарзу усулҳои омодагӣ ва содир намудани ҷиноят, роҳҳои пинҳон намудани фаъолияти ҷиноятӣ, хусусиятҳои объекти таҷовуз, ангеза, мақсад ва дигар ҳолатҳои барои тафтиш аҳамиятнок дохил мешаванд. Маҳз таҳлили маҷмӯии чунин маълумот имкон медиҳад, ки версияҳои тафтишотӣ сари вақт пешниҳод гардида, самти дурусти тафтишот муайян карда шавад.

Ҳангоми таҳияи методикаи хусусии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ инчунин зарур аст, ки шаклҳои нави фаъолияти ҷиноятӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, воситаҳои муосири алоқа, хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва дигар имкониятҳои техникии аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ истифодашаванда ба назар гирифта шаванд. Дар шароити рақамикунонии ҷомеа усулҳои анъанавии тафтишот на ҳамеша барои ошкор намудани чунин ҷиноятҳо самаранок мебошанд. Аз ин рӯ, такмили пайвастаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ яке аз самтҳои муҳими рушди криминалистика ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои мусоидаткунандаи фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ густариши муомилоти ғайриқонунии силоҳ, воситаҳои тарканда, воситаҳои нашъадор, воситаҳои пардохти электронӣ ва даромадҳои аз роҳи ҷиноят бадастомада мебошад. Ин ҳолат зарурати таҳкими ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назорати молиявӣ, мақомоти гумрук, мақомоти андоз ва дигар сохторҳои давлатӣ, инчунин рушди ҳамкории байналмилалиро дар самти муқовимат ба ҷинояткории муташаккил тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бояд хусусияти комплексӣ дошта, ба дастовардҳои муосири илми криминалистика, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, психологияи судӣ, криминология ва технологияҳои рақамӣ такя намояд. Танҳо дар чунин ҳолат метавон самаранокии ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои ин категорияро баланд бардошт.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ имрӯз яке аз шаклҳои мураккабтарин ва хавфноктарини ҷинояткорӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти онҳо бо сатҳи баланди ташкилёбӣ, нақшабандии пешакӣ, истифодаи воситаҳои техникии муосир ва робитаҳои устувори коррупсионӣ тавсиф мегардад. Ин хусусиятҳо аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи усулҳо ва воситаҳои нави криминалистиро ҳангоми ошкор ва тафтиши чунин ҷиноятҳо талаб менамоянд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон дод, ки самаранокии методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, аз омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои криминалистии онҳо вобаста мебошад. Маҳз омӯзиши шахсияти иштирокчиёни гурӯҳ, сохтори ташкилӣ, усулҳои содир ва пинҳон намудани ҷиноят, механизми ташаккули пайҳо ва дигар унсурҳои дорои аҳамияти криминалистӣ барои таҳияи алгоритмҳои самараноки тафтишотӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Муайян карда шуд, ки такмили минбаъдаи методикаи криминалистӣ бояд бо рушди воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, истифодаи имкониятҳои криминалистикаи рақамӣ, таҳкими ҳамкории байниидоравӣ ва байналмилалӣ, инчунин татбиқи дастовардҳои нави илмӣ дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамоҳанг бошад.

Аз ин рӯ, таҳияи методикаи муосири криминалистии тафтиши ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди илми криминалистика ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, татбиқи он метавонад ба баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба ҷинояткории муташаккил, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини амнияти миллӣ мусоидати назаррас намояд.

Адабиёт

1. Абдуҳамитов, В.А. Соучастие в преступлении по Уголовному кодексу Республики Таджикистан и зарубежному уголовному законодательству (сравнительный аспект) / В.А. Абдуҳамитов // Монография. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 173 с.
2. Алимжанов, Б. Раскрытие преступлений задача следственных органов / Б. Алимжанов. Ташкент. 1975. - 120 с.
3. Антонов, Ю.В. Групповые преступления: проблемы раскрытия и расследования / Ю.В. Антонов, С.Н. Иванов. - Ижевск. 1999. - 152 с.
4. Астапкина С. М., Дубовицкая Л. П., Плесковских Ю. Г. Участие специалиста-криминалиста в расследовании преступлений: Учебное пособие / С. М. Астапкина, Л. П. Дубовицкая. М.: УМЦ при ГУУР МВД РФ, 1992. - 64 с.
5. Белкин, Р.С. Курс криминалистики: в 3 Т. 1. / Р.С. Белкин. - М., 1997.-408 с.
6. Возгрин, И.А. Криминалистическая методика расследования преступлений / И.А. Возгрин. - Минск. 1983.-215 с.
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с.1998, 574 (бо тағйиру илова то 20.06.2024) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 11.03.2026 с.).
8. Маҷидзода, Ҷ.М. Ҷиноткории муташаккил ва трансмиллӣ / Ҷ.М. Маҷидзода, Н.Ҷ. Назаров. - Душанбе, 2014. - 268 с.
9. Назаров, А.Қ. Технико-криминалистическое обеспечение расследование преступлений по горячим следам / А.Қ. Назаров, А.А. Азамзода // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе. Ҷ2. №2 (40) 2024. – 97 с.
10. Шарипов, Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: Проблемы теории, законодательства и практики: дис. … д-ра юрид. наук. / Т.Ш. Шарипов. - М., 2008. - 563 с.
11. Якимов, И. Н. Криминалистика. Руководство по уголовной технике и тактике / И. Н. Якимов. - М., 2003. - 496 с.

МЕТОДИКАИ КРИМИНАЛИСТИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ АЗ ТАРАФИ ГУРӮҲИ МУТАШАККИЛИ ҶИНОЯТӢ СОДИР МЕГАРДАНД

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳим ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудааст. Мавзӯи интихобгардида – методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ (ГМҶ) содир мешаванд – дар шароити муосир аҳамияти махсус касб намудааст, зеро ҷинояткории муташаккил ба амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии давлатҳо таъсири манфии ҷиддӣ мерасонад.

Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти ҷории ҳолати муосири методикаи криминалистии тафтишотӣ, ҷиноятҳое, ки аз тарафи гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ содир мегарданд, баррасӣ шудааст. Муаллиф инчунин оид ба мафҳум ва хусусиятҳои гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ ва инчунин масоили тактикаи криминалистии тафтишотии ҷиноятҳои гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд, таҳлил намудааст. Дар асоси таҳлили муқоисавии баъзе аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, муаллиф барои такмил додани тактикаи криминалистии тафтишоти дар амалия

вуҷуд дошта, пешниҳодҳо манзур намудааст ва ин гуна пешниҳодҳо ба андешаи муаллиф, ба рушди афкори илмӣ ва амалия натиҷаҳои мусбат хоҳад дод.

Калидвожаҳо: Кодекси ҷиноятӣ, методикаи криминалистӣ, ГМҶ, ҷиноят, хусусиятҳои криминалистӣ, тафтиш ва ошкор, таҳқиқот, усул, татбиқ.

КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ МЕТОДИКА РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СОВЕРШАЕМЫХ ОРГАНИЗОВАННЫМИ ПРЕСТУПНЫМИ ГРУППАМИ

Данная статья посвящена одной из наиболее важных и актуальных проблем юриспруденции и практики правоохранительных органов. Выбранная тема криминалистическая методика расследования преступлений, совершенных организованными преступными группами (ОПГ), в современных условиях приобрела особое значение, так как организованная преступность оказывает серьезное негативное влияние на национальную безопасность, социальную стабильность и экономическое развитие государств.

В данной статье рассматривается современное состояние криминалистической методики расследования преступлений, совершаемых организованными преступными группами. Автор также анализирует понятие и признаки организованной преступной группы, а также вопросы тактики расследования преступлений ОПГ, изученные отечественными и зарубежными учеными. На основе сравнительного анализа исследований автор выдвигает предложения по совершенствованию существующей следственной тактики. По мнению автора, данные предложения принесут положительные результаты для развития научной мысли и следственной практики.

Ключевые слова: Уголовный кодекс, криминалистическая методика, ОПГ, преступление, криминалистические характеристики, расследование и раскрытие, исследование, метод, применение.

FORENSICISTIC METHODOLOGY FOR INVESTIGATION OF CRIMES COMMITTED BY ORGANIZED CRIMINAL GROUPS

This article is devoted to one of the most critical and pressing issues of legal science and law enforcement practice. The chosen topic the forensic methodology for investigating crimes committed by organized criminal groups (OCGs) has acquired particular significance in modern conditions, as organized crime poses a serious negative impact on national security, social stability, and the economic development of states.

This article examines the current state of criminalistic tactics in the investigation of crimes committed by organized criminal groups. The author analyzes the concept and characteristics of organized criminal groups, as well as issues regarding the criminalistic tactics of investigating OCG crimes as discussed by domestic and foreign scholars. Based on a comparative analysis of research by various experts, the author provides recommendations for improving existing investigative tactics. According to the author, these suggestions will yield positive results for the development of both scientific thought and practical application.

Keywords: Criminal Code, criminalistic tactics, OCG (Organized Criminal Group), crime, criminalistic characteristics, investigation and detection, research, method, application.

Дар бораи муаллиф
Исмоилов Умар Хайёмидинович
Докторанти PHD-и курси 1-ум
Институти давлат ва ҳуқуқ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Email: usmon4679@gmail.com

Об авторе
Исмоилов Умар Хайёмидинович
Докторант (PhD) 1-го курса
Института государства и права
Национальной академии наук Таджикистана
Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: usmon4679@gmail.com

About the author
Ismoilov Umar Khayyomidinovich
1st-year PhD Student,
Institute of State and Law
National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan
Email: usmon4679@gmail.com

ТДУ 343.2/.7

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАСНИФОТ ВА БА КАТЕГОРИЯҲО ҶУДО НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО

Қодирзода Б.Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Гарчанде ки компаративистикаи ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун самти илмӣ зиёда аз садупанҷоҳсола таърихи ташаккул дорад, он то ҳол аҳаммияти илмии худро нигоҳ дошта, дар айни замон бо сурат рушд намуда истодааст.

Омилҳои объективие, ки таваҷҷуҳро ба таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ - таъмин менамоянд, аз як тараф, тағйироти дохилии низоми ҳуқуқии ҶТ, ки дар натиҷаи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ ба амал меоянд, ва аз ҷониби дигар, равандҳои фаъоли фаромиллӣ мебошанд, ки ба сохтори низоми ҳуқуқии байналмилалӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, компаративистикаи муосири ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ на танҳо як самти илмӣ мебошад, ки қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногунро меомӯзад ва муқоиса мекунад, балки ҳамзамон воситаи муҳими ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ низ ба ҳисоб меравад, ки ба таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва амалӣ намудани ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии ҶТ равона шудааст.

Дар низоми умумии ҳуқуқ (common law) таснифи ҷиноятҳо то ҳол хусусияти таърихан ташаккулёфтаи худро сарфи назар аз он ки дар даҳсолаҳои охир тағйиротҳои муайян ба амал омадаанд нигоҳ доштааст.

Ин хусусия,т пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки модели англосаксонии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба танзими прецедентӣ ва нақши назарраси назарияҳои таърихӣ такя мекунад, ки ин бошад гузаронидани ислоҳоти куллии кодификатсиониро душвор месозад.

Ҳамин тавр, то амалӣ гардидани Қонуни дар бораи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз соли 1967 (Criminal Law Act 1967) дар Англия ҳамаи кирдорҳои ҷиноятӣ асосан мувофиқи меъёри таърихан ташаккулёфтаи дараҷаи хавфнокӣ тақсим карда мешуданд [10].

Дар ин замина ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷудо карда мешуданд, ки ба онҳо хиёнат ба давлат (treason) ва фелонияҳо (felonies) дохил мешуданд. Ба гурӯҳи фелонияҳо чунин ҷиноятҳо мансуб мебошанд, мисли куштор (murder – ҳам вазнин ва ҳам оддӣ), дуздӣ бо роҳи шикастан (burglary), тасарруф (kidnapping), бисёрзанӣ (bigamy) ва дигар кирдорҳое, ки сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ доранд. Кирдорҳои начандон вазнин ба гурӯҳи мисдиминорҳо (misdemeanours) дохил мешуданд. Ба ин гурӯҳ, масалан, чунин ҷиноятҳо тааллуқ доштанд, ба монанди нишондоди бардурӯғ (perjury), қаллобӣ (fraud), ҳуҷум (assault) ва дигар кирдорҳо.

Дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии англисӣ, фелонияҳо ба таври якхела сахт ҷазо дода мешуданд – бо ҷазои қатл ва мусодираи пурраи молу мулк. Танҳо бо гузашти вақт, дар қонунгузорӣ ва амалияи судӣ муносибати бештари фарқгузорӣ нисбат ба ҷазоҳое қабул гардид, ки таносуби таъқиби ҷиноятиро таъмин менамуданд.

Айни замон дар Англия ва Уэлси, асоси таснифи ҷиноятҳоро аллакай меъёрҳои дигар ташкил медиҳанд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:

1. Аз рӯи меъёри моддӣ, ҷиноятҳо ба хиёнат ба давлат (treason) –ҳамчун категорияи алоҳидаи ҷинояти махсусан хавфнок ба муқобили давлат, ва ба дигар кирдорҳои ҷиноятӣ, ки ба салоҳияти юрисдиксияи ҷиноятӣ дохил мешаванд. Дар навбати худ, шакли мурофиавии баррасии парванда бо дараҷаи хавфнокии кирдор робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷиҳат, ҷиноятҳо ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳое, ки аз рӯи айбнома (indictable offences) баррасӣ мегарданд – инҳо кирдорҳои вазнин мебошанд, ки дар суд бо иштироки ҳайати ҳакамон (jury) муҳокима карда мешаванд; ҷиноятҳои умумӣ (summary offences) – ҳуқуқвайронкуниҳои сабуктар, ки бидуни иштироки ҳакамон дар судҳои магистратӣ (magistrates' courts) баррасӣ мешаванд; ва ҷиноятҳои "гибридӣ" (either-way offences) – ки вобаста ба мавқеи айбдоршаванда ва хусусиятҳои парванда, метавонанд ё дар суди магистратӣ ва ё дар суди бо ҳайати ҳакамон баррасӣ гарданд.

2. Аз рӯйи аломати мурофиавию полисӣ ҷиноятҳо вобаста ба он ки барои дастгир кардан иҷозати пешакии судӣ талаб мешавад ё не ба: ҳабсшаванда (arrestable offences) ва бе ҳабс (non-arrestable offences) тақсим мешаванд .

Илова бар ин, то ҳол ҷудо намудани ҷиноятҳо аз рӯи манбаи танзими ҳуқуқӣ низ мавҷуд аст: ҷиноятҳои ҳуқуқи умумӣ (common law offences), ки аз амалияи судӣ ва ҳуқуқи прецедентӣ бармеоянд, ва ҷиноятҳои статутӣ (statutory offences), ки дар санадҳои расмии қонунгузорӣ (statutory acts) муқаррар шудаанд.

Ҳамин гуна сохтори бисёрсатҳии таснифи ҷиноятҳо ба низоми англосаксонӣ хусусияти хос мебахшад, ки дар он ҳам меъёрҳои таърихӣ, ҳам амалияи судӣ ва ҳам принсипҳои ҳуқуқи умумӣ нақши марказӣ мебозанд. Ин ҳолат гузаронидани ислоҳоти куллии кодификатсионирo душвор месозад, аммо ҳамзамон пойдории таърихӣ ва мутобиқшавии мутаносиби низомро ба воқеиятҳои ҳуқуқии муосир таъмин менамояд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба таври анъанавӣ низоми нисбатан содаву расмии таснифи ҷиноятҳо истифода бурда мешавад. Меъёри асосӣ дар ин низом дараҷаи вазнинии ҷазои пешбинишуда мебошад. Мувофиқи амалияи умумӣ ва қонунгузории аксари иёлотҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

– Фелонияҳо (felonies) – ҷиноятҳои вазнин, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати зиёда аз як сол пешбинӣ шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо, вобаста ба хусусияти ҷиноят ва қонунгузории иёлот, фелонияҳо метавонанд бо якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҷазои қатл низ ҷазо дода шаванд.

– Мисдиминорҳо (misdemeanours) – ҷиноятҳои нисбатан сабуктар, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 15 рӯз то як сол пешбинӣ мешавад.

Дар як қатор иёлотҳои ИМА илова бар ин категорияҳои иловагӣ низ ҷудо карда шудаанд, аз ҷумла:

– Инфраксияҳо (infractions) ё ҳуқуқвайронкуниҳо–ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки боиси маҳбаснамоӣ намегарданд, масалан, вайрон кардани қоидаҳои таваққуфгоҳ (парковка);

– Кирдорҳои нақлиётӣ (traffic violations) , ки вобаста ба оқибатҳо ва хусусияти кирдор, метавонанд ё ҳамчун инфраксия, ё ҳамчун мисдиминор тасниф карда шаванд.

Масалан, мувофиқи 10.00 Кодекси ҷиноятии иёлоти Ню-Йорк, ҳар як ҷиноят бо дарназардошти имкони таъини ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ муайян карда мешавад, ки ин меъёри калидӣ барои нисбат додани кирдор ба гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, системаи таснифи ҷиноятҳо дар кишварҳои дорои ҳуқуқи умумӣ (common law), сарфи назар аз унсурҳои меросии таърихӣ, зери таъсири омилҳои муосир, аз ҷумла тамоюли инсондустонаи сиёсати ҷиноятӣ ва мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави рафтори барои ҷамъият хавфнок, тағйир меёбад.

Бо вуҷуди ин, бар хилофи низоми ҳуқуқии континенталӣ, дар одатҳои англосаксонӣ меъёри ягонаи расман муқарраршудаи ба категорияҳо ҷудо намудан, монанди м. 18 КҶ ҶТ, мавҷуд нест. Ин ҳолат нақши калидии тафсири судӣ ва прецедентҳоро дар муайян кардани дараҷа ва табиати ҷиноят афзоиш медиҳад.

Новобата аз тақсимоти устувори анъанавии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба фелонияҳо ва мисдиминорҳо, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва як қатор кишварҳои дигари ҳуқуқи англосаксонӣ амал мекунад, бояд эътироф кард, ки гузоштани хатти возеҳ ва универсалӣ байни ин ду категория то ҳол имконнопазир аст.

Меъёрҳои расмӣ, ба монанди, муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ то як сол, бештар ҳамчун нишондиҳандаи роҳнамо амал мекунад, на ҳамчун ҳадди қатъии ҳуқуқӣ барои ҷудосозӣ. Ин ҳам аз сохтори федеративии ИМА, ва ҳам гуногунии манбаъҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи иёлотҳо ва қонунгузории федералӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, Кодекси ҷиноятии федералии ИМА, оғоз аз нашри соли 1948 (боби 1, §1), се зинаи асосии гурӯҳбандии кирдорҳои ҷиноятиро пешбинӣ мекунад: ҷиноятҳо (offenses), рафтори ҷиноятӣ (misdemeanours) ҳуқуқвайронкуниҳо (infractions). Дар айни замон, ба сифати принсипи асосии ҳуқуқӣ – nullum crimen sine lege («ҳеҷ ҷиноят бе қонун нест») бокӣ мемонад. Мувофиқи он, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар асоси қонун татбиқ шуда метавонад, на дар пояи одатҳо ё прецедентҳои судӣ, ки дар доираи ҳуқуқи умумӣ (common law) иҷозат дода мешуданд [11].

Кодекси намунавии ҷиноятии ИМА (Model Penal Code), ки онро Институти амрикоии ҳуқуқ (ALI) таҳия кардааст, системаи мукаммалтар ва муфассалтари гурӯҳбандии ҷиноятҳоро пешниҳод менамояд. Мувофиқи моддаи 6.01-и ин Кодекс, ҷиноятҳо ба фелонияҳо (felonies), мисдиминорҳо (misdemeanours) ва мисдиминорҳои сабук (petty misdemeanours) тақсим мешаванд [12].

Ғайр аз ин, худи фелонияҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии ҷазо ба се зина ҷудо мешаванд (мод. 6.06 МПК):

Фелонияи дараҷаи I – ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз 10 сол то якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҳатто ҷазои қатл;

Фелонияи дараҷаи II – маҳрум сохтан аз озодӣ аз 3 то 10 сол;

Фелонияи дараҷаи III – маҳрум сохтан аз озодӣ аз 1 то 5 сол.

Танзими иловагӣ дар боби 3559-и фасли 18-и Маҷмуаи қонунҳои Иёлоти Муттаҳида (U.S. Code) ҷой дорад, ки дар он гурӯҳбандии фелонияҳо ба панҷ синф (A, B, C, D, E) ва мисдиминорҳо

ба се синф (A, B, C) пешбинӣ шудааст. Меъёри асосӣ барои чунин гурӯҳбандӣ ҳадди ниҳоии муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад:

Фелонияи синфи А – ҷазои ҳадди аксар: якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҷазои қатл;

Синфи В – то 25 соли маҳрум сохтан аз озодӣ;

Синфи С – то 10 сол;

Синфи D – то 5 сол;

Синфи Е – то 3 сол.

Мисдиминорҳо низ мувофиқи ҳамин принсип гурӯҳбандӣ мешаванд, аммо ҳадди болоии ҷазо дар ин ҳолат аз як соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд намешавад, ва дар баъзе ҳолатҳо он метавонад бо дигар чораҳои таъсиррасонӣ, аз қабили ҷарима ё корҳои ҷамъиятӣ, иваз гардад.

Дар сатҳи қонунгузории иёлотҳо, низоми гурӯҳбандии ҷиноятҳо метавонад аз як иёлот то иёлоти дигар фарқ кунад. Дар бештари иёлотҳо, илова ба фелонияҳо ва мисдиминорҳо, қонунгузор ҳамчунин вайронкуниҳои ҳуқуқӣ (violations)-ро ҷудо менамояд, ки одатан ҷиноят ҳисоб намешаванд. Ба чунин вайронкуниҳо, одатан, кирдорҳои маъмурӣ дохил мешаванд, аз ҷумла: зиёд намудани суръати ҳаракат; таваққуфи ғайриқонунӣ; истифодабарии воситаи нақлиёти техникиаш носоз ва монанди инҳо. Ин гуна кирдорҳо ба қайди таърихи ҷиноятӣ (criminal record) ворид намешаванд ва дар доираи тартиби соддашудаи судӣ баррасӣ мегарданд.

Ҷолиб он аст, ки низоми тақсимоти ҷиноятҳо ба “фелония” ва “мисдиминор” на танҳо дар кишварҳои дорои анъанаи ҳуқуқии англосаксонӣ, балки ҳамчунин дар собиқ колонияҳои Британияи Кабир низ паҳн шудааст. Аз ҷумла, дар як қатор кишварҳои Африқо, ба монанди Гамбия, Замбия, Кения ва Танзания ин гурӯҳбандӣ то имрӯз қариб дар шакли аслии худ ҳифз гардидааст. Дар бархе дигар давлатҳо, ба монанди Нигерия ва Папуа –Гвинеяи Нав, илова бар ин ду категория, боз як гурӯҳи иловагӣ ҷудо мешавад – “ҷиноятҳои оддӣ” (simple offences), ки онҳо кирдорҳои хавфнокиашон камтарро ифода мекунанд ва аз ҷиҳати мазмун ба ҳуқуқвайронкуниҳо (infractions) дар низоми ҳуқуқии ИМА шабоҳат доранд. Ҳамин тавр, системаи гурӯҳбандии ҷиноятҳо дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ (common law) дорои сохтори мураккаб ва бисёрзина мебошад. Бо вуҷуди ҳифзи истилоҳоти таърихӣ, монанди “фелония”, “мисдиминор” ва «вайронкунӣ», назария ва амалияи муосири ҳуқуқӣ бештар ба чунин омилҳо такя мекунанд, мисли ҳадди аксари ҷазо, тартиби мурофиавии таъқиби ҷиноятӣ, дараҷаи хавфнокии кирдор ва имкони татбиқи чораҳои ивазкунанда ё ғайриҷиноятӣ. Ин имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷиноятқорӣ бо чандирӣ муносибат намояд ва ҳамзамон аз асосҳои доктринавии анъанаи ҳуқуқӣ даст накашад [3, с. 37].

Қонуни ҷиноятии Амороти Муттаҳидаи Араб (ҚҶ АМА) низоми сезинагии тақсимоти кирдорҳои ҷиноятиро вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо пешбинӣ менамояд. Мувофиқи м. 28 ҚҶ АМА, ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо ба се категорияи асосӣ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳо (ҷинайят), рафтори ҷиноятӣ (ҷунҳа) ва ҳуқуқвайронкуниҳо (мухалфат). Ин модел ба меъёрҳои байналмилалӣ ва анъанаҳои ҳуқуқи ҷиноятии исломӣ, бахусус қоидаҳои шариат, мувофиқат дошта, ба андешаи муҳаққиқон, дорои сатҳи баланди асоснокии илмӣ ва сохтори ботартиб мебошад [6, с. 85-86].

1. Ҷиноят.

Мувофиқи м.28 ҚҶ АМА, ҷиноятҳо ба кирдорҳои аз ҳама вазнин мансубанд ва бо яке аз ҷазоҳои зерин сазо дода мешаванд: ҷазоҳо, ки барои кирдорҳои гурӯҳҳои “ҳудуд” ва “қисос” пешбинӣ шудаанд (ба истиснои баъзе ҳолатҳои мушаххас, мисли нӯшидани машрубот ё тӯҳмати исботнашудаи мусалмон дар зино); ҷазои қатл, якумра маҳрум кардан аз озодӣ, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян. Бояд таъкид намуд, ки муқаррароти марбут ба “ҳудуд” ва “қисос” бар асоси меъёрҳои шариат устувор гардидаанд, бинобар ин ин гурӯҳи ҷиноятҳо ҷузъи муқаддаси динӣ дорад ва аз доираи фаҳмиши танҳо позитивистии қонуни ҷиноятӣ берун меистад.

2. Рафтори ҷиноятӣ

Ба категорияи рафтори ҷиноятӣ кирдорҳои дараҷаи вазнинии миёна дохил мешаванд. Санксияҳо барои чунин кирдорҳо аз: ҳабскардан (одатан кӯтоҳмуддат), ҷарима аз 1000 динор боло, ва дар баъзе ҳолатҳои махсус – задан бо қамчин, ки дорои хусусияти мазҳабӣ мебошад, иборат аст.

3. Ҳуқуқвайронкуниҳо

Хавфнокии камтар дошта ҳуқуқвайронкуниҳое эътироф мешаванд, ки барои онҳо ҷазо дар намуди ҳабс аз 24 соат то 10 рӯз, ё ҷарима то 1000 динор муқаррар шудааст.

Таснифоти мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ ва мурофиавии баланд низ дорад, зеро дар доираи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) нақши муҳимеро иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқи ҷиноятии АМА дараҷаи баланди воридшавии принсипҳои шариатӣ ба ҳуқуқи ҷиноятии позитивиро нишон

медиҳад ва ҳамзамон сохтори возеҳу муназзам ва модели амалии дақиқи таснифи кирдорҳои ҷиноятиро ҳифз менамояд.

Чунон ки муҳаққиқ Н.А. Ал-Асумӣ таъкид мекунад, ин модели гурӯҳбандӣ бо пайдарпайии илмӣ ва мантиқии худ фарқ мекунад ва дар фазои ҳуқуқии арабӣ амсоли хешро надорад. Хусусияти фарқкунандаи он омезиши мутавозини принсипҳои динӣ-ҳуқуқӣ, кафолатҳои мурофиавӣ ва механизмҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [9, с. 112-115].

Ҳамин тавр, ҳатто бо таҳлили сатҳӣ низ маълум мегардад, ки таснифи ҷиноятҳо дар кишварҳои мусалмонӣ аз ҷиҳати методологӣ ба таври назаррас аз анъанаҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ фарқ мекунанд. Ин фарқият, пеш аз ҳама, аз таъсири хоси меъёрҳои шариат, ки бархе категорияҳои ҷиноят ва ҷазоҳоро муайян месозанд, сарчашма мегирад. Бо вуҷуди ин, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ бештар бо қонунгузории ҷиноятии ҶТ наздикӣ доранд, ки ин ҳолат бо мероси таърихию ҳуқуқии умумии низоми шӯравӣ тавзеҳ дода мешавад.

Дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои оилаи ҳуқуқи романо-германӣ таснифи ҷиноятҳо аксаран бар асоси меъёрҳое сохта шудааст, ки ҳанӯз дар Кодекси ҷиноятии Фаронса соли 1810 гузошта шуда буданд. Дар он замон табиати ҷазо ҳамчун меъёри асосӣ истифода мегардид. Мувофиқи ин модел, кирдорҳо ба се гурӯҳ тақсим мешуданд: вайронкуниҳо (contraventions), ки барои онҳо ҷазоҳои полисӣ пешбинӣ мешуданд; рафторҳои ҷиноятӣ (délits), ки сазовори ҷазоҳои ислоҳӣ мебошанд ва ҷиноятҳо (crimes), ки бо ҷазоҳои вазнин ё таҳқиромез муқаррар мешуданд.

Сарфи назар аз ислоҳоти минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, ин модели сезинагии таснифот дар Кодекси нави ҷиноятии Фаронсаи соли 1992 низ ҳифз гардид. Аммо дар қонуни нав вазнинии содиршудаи кирдор ҳамчун меъёри асосӣ истифода мешавад, ки ин муносибат тамоюли моддисозии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро инъикос мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтори монанд ба ин модел, инчунин барои қонунгузории дигар кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ хос аст. Бисёр кодексҳои ҷиноятӣ, илова ба ҷиноятҳо, рафторҳои ҷиноятиро низ ҷудо мекунанд – кирдорҳои хавфнокии камтар дошта, ки одатан бо ҷазоҳои сабук, наздик ба ҷазоҳои маъмурӣ, муҷозот мешаванд.

Ин гуна фарқгузорӣ имкон медиҳад, ки низоми мутаносиб ва чандири ҷавобгарии ҷиноятӣ ташаккул ёбад, ки дар он вазнинии кирдор ба оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии он мувофиқат мекунад.

Дар ин масъала намунаи хуб Кодекси ҷиноятии Италия мебошад. Дар ин қонун ҳама гуна кирдорҳои ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд (м.17):

1. Ҷиноятҳо (delitti) – ҳаракатҳое, ки барои онҳо метавон ҷазоҳои якумра маҳрум кардан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян, ё ҷарима аз 10 ҳазор то 10 миллион лир таъин намуд.

2. Рафторҳои ҷиноятӣ (contravvenzioni) – кирдорҳое, ки нисбати онҳо ҷазоҳои сабуктар дар намуди ҳабс ё ҷарима аз 4 ҳазор то 2 миллион лир муқаррар шудааст.

Тавре ки муҳаққиқ М. А. Игнатова менависад, бисёр аз ин рафторҳои ҷиноятӣ дар Италия аз замонҳои қадим аз “қонуншиканиҳои полисӣ”, ки қаблан зери салоҳияти мақомоти маъмурӣ қарор доштанд, сарчашма гирифтаанд. Вале баъдтар, вақте ки Италия аз давлати табақавӣ ба давлати ҳуқуқбунёд гузашт, ин кирдорҳо ба қонунҳои ҷиноятӣ ворид шуданд.Ба чунин тағйирот инчунин ғояҳои давраи Маорифпарварӣ таъсир расонидаанд, ки принсипи қонуниятро ҳамчун кафолати озодии инсон эълон медоштанд [1, с. 29].

Умуман, таснифи ҷиноятҳо аз рӯи дараҷаи вазниниашон дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқи континенталӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқию техникӣ, балки нақши сиёсати ҷиноятиро низ иҷро мекунад.

Тавре ки Н.Г. Кадников зикр мекунад, чунин фарқгузорӣ: дараҷаи воқеии хафнокии иҷтимоии ин ё он кирдорро инъикос месозад; ба дақиқтар шудани сиёсати ҷиноятии давлат мусоидат мекунад; ҳамчун роҳнамо барои муайян кардани ҷазоҳо ва сохтори таҷассуми оқибатҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад (масалан, дар масъалаи гузаштани муҳлат, имкони авф, таъини шартан маҳкумнамоӣ ва ғ.) [2, с. 37].

Ҳамин тавр, таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва ҳам қонунгузории ҷиноятии миллӣ зарурати таснифоти бисёрзинагии кирдорҳои ҷиноятиро нишон медиҳанд. Дар баробари ин шаклҳои мушаххас ва маҳакҳои чунин ҷудосозӣ мумкин аст вобаста ба анъанаҳои ҳуқуқӣ, сатҳи шуурнокии ҷомеъ, инчунин нақши омилҳои таърихӣ- фарҳангӣ фарқ намоянд [1, с. 29].

Таҳлили иловагии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ҷаҳон, аз ҷумла ҳатто дар дохили як оилаи ҳуқуқӣ, масалан, низоми ҳуқуқи континенталӣ (романо-германӣ) усулҳои гуногуни таснифи ҷиноятҳо мавҷуданд. Новобаста аз принсипҳои умумӣ ҳар як кишвар модели хоси худро дорад, ки вобаста ба хусусиятҳои низоми миллии

ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, инчунин таърихи инкишофи қонунгузорӣ ва доктринаҳои ҳуқуқии худ фарқ мекунад.

Дар Кодекси ҷиноятии Италия дар баробари таснифи дузинагии кирдорҳои ҷиноятӣ, яъне тақсим ба ҷиноятҳо (delitti) ва рафторҳои ҷиноятӣ (contravvenzioni) тибқи м.17, инчунин, аломатҳои тасниф вобаста ба объекти ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, дар қ. 3 м.8 КҶ Италия таърифи расмии "ҷинояти сиёсӣ" оварда шудааст. Ин аз кушиши қонунгузор оиди ҷудо намудани категорияи махсуси ҷиноятҳо, дар асоси сохтори давлатӣ шаҳодат медиҳад. Ин гуна ҷудокунӣ на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки оқибатҳои амалӣ низ дорад, аз ҷумла, дар масъалаҳои экстрадисия, татбиқи ҳолатҳои сабуккунанда ва фардикунондани ҷазо.

КҶ Австрия низ низоми дузинагии таснифро муқаррар месозад. Тибқи м. 17, ҳамаи кирдорҳои ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳо – кирдорҳои қасдан содиршуда, ки барои онҳо якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ беш аз се сол пешбинӣ шудааст; рафторҳои ҷиноятӣ– ҳамаи дигар кирдорҳо, аз ҷумла аз беэҳтиётӣ ва ҷиноятҳои сабуктари қасдан содиршуда.

Ин гуна тақсимоти содда татбиқ намудани қонуни ҷиноятиро осонтар мекунад, зеро меъёри асосӣ дар ин ҷо на андозаи зарар ё дараҷаи гуноҳ, балки таҳдиди ҷазоест, ки қонун пешбинӣ мекунад.

Дар навбати худ, қонунгузории ҷиноятии Фаронса анъанавӣ низоми сесатҳаро истифода мебарад, ки ҳанӯз аз КҶ соли 1810 сарчашма мегирад. Тибқи ин низом, ҳамаи кирдорҳо ба се тасниф мешаванд:

– ҷиноятҳо (crimes); рафтори ҷиноятӣ (délits); ҳуқуқвайронкуниҳо (contraventions).

Ин низоми сесатҳа дар КҶ нав (соли 1992) низ ҳифз карда шудааст, вале асоси тасниф каме дигар шудааст: агар пештар меъёр асосан намуди ҷазо бошад, пас ҳоло қонунгузор дараҷаи хафнокии кирдорро ҳамчун меъёри асосӣ қабул кардааст. Яъне, имрӯз дар Фаронса ҷиноятҳо на танҳо аз рӯи ҷазо, балки аз рӯи дараҷаи зарар ва хавфнокии он барои ҷомеа ҷудо карда мешаванд.

Чунон ки собиқ вазири адлияи Фаронса Р. Бадинтер таъкид кардааст, чунин тасниф на танҳо як низоми ҳуқуқию техникӣ, балки аҳаммияти иҷтимоии кирдорҳои ҷиноятиро низ инъикос мекунад. Ӯ зикр менамояд, ки танҳо он кирдорҳое, ки ба арзишҳои иҷтимоӣ таҷовуз мекунанд, метавонанд ҳамчун ҷиноят ё рафтори ҷиноятӣ шинохта шаванд, дар ҳоле ки ҳуқуқвайронкуниҳо бояд ҳамчун вайрон кардани қоидаҳои ҳамзистии ҷамъиятӣ, ки бештар хусусияти интизомӣ доранд, арзёбӣ мешаванд. Дар Фаронса кирдорҳои ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳо, барои онҳо ҳадди ақали ҷазо на камтар аз як соли маҳрум сохтан аз озодӣ ва рафторҳои ҷиноятӣ, ки барои онҳо маҳрум сохтан аз озодӣ камтар аз як сол ё ҷарима пешбинӣ шудааст [4, с. 73]. Дар айни замон вобастагии мустақим байни ин тасниф ва дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вуҷуд надорад. Таъиноти асосии чунин таснифот аз осонтар ва равшантар сохтани сохтори моддаҳои Қисми умумии Кодекс ва ба низом даровардани меъёрҳои Қисми мухсус ба шумор меравад [2, с. 37].

Дар заминаи таҷрибаи байналмилалии таснифи ҷиноятҳо аз рӯи ҳуқуқи ҷиноятӣ, низоми пешбинишуда дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин таваҷҷуҳи махсусро ҷалб мекунад. Ин санади меъёрӣ, ки таҳти таъсири назарраси ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ ташаккул ёфтааст, гарчанде ки таснифи расмӣ ва ягонаи пурраро дар бар надорад, вале вобаста ба таҳлили низомноки мазмун ва сохтори он метавон чанд категорияи асосии ҷиноятҳоро ҷудо кард. Тавре ки муҳаққиқи рус А.А. Малиновский қайд мекунад, «чунин таснифот аз ин иборат аст:

1. Вазнинтарин ҷиноятҳо, ки барои онҳо ҷазои қатл пешбинӣ шудааст;

2. Ҷиноятҳои вазнин, ки асосан ба муқобили амнияти давлатии Чин равона шудаанд;

3. Дигар ҷиноятҳо, ки ҳамаи дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ ва сазовори ҷазоро дар бар мегиранд, ки ба категорияҳои зикршуда дохил намешаванд;

4. Ҷиноятҳои камаҳаммият, ки тибқи м. 37 КҶ Чин бо танбеҳи ҷамъиятӣ ё ҷазоҳои маъмурӣ ҷазо дода мешаванд» [5, с. 215-216].

Ҳамзамон, олимон, инчунин амсилаҳои дигари таснифро пешниҳод мекунанд, ки онҳо дар асоси меъёрҳои назариявӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ таҳия шудаанд.

Масалан, олими машҳури чинӣ дар соҳаи криминология Сван Сижен таснифи ҷиноятҳоро дар асоси таҳлили навъҳои мухталифи зиддиятҳо дар ҷомеаи сотсиалистӣ пешниҳод мекунад. Дар доираи консепсияи ӯ ҷиноятҳо ба чунин категориҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ, ки ба таҳриби асосҳои сохтори давлатӣ равона шудаанд;

2. Ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки зарари ҷиддӣ ба иқтисод мерасонанд, аз ҷумла қочоқ, ҳанноти, коррупсия ва дигар кирдорҳои монанд;

3. Ҷиноятҳое, ки тартиб ва оромии ҷомеаро ба таври ҷиддӣ вайрон мекунанд, ба мисли куштори қасдона, роҳзанӣ, таҷовуз ба номус, авбошии гурӯҳӣ, савдои одамон ва ғайра;

4. Дигар ҷиноятҳои умумӣ, ки бе ҳолатҳои вазнинкунанда содир мешаванд ва ба ҷомеа зарари нисбатан камаҳаммият мерасонанд.

Гарчанде ин тасниф пайдарпайии комил надорад, аммо он пеш аз ҳама ба объекти таҷовуз ва андозаи зарари расонидашуда такя мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хусусияти таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам оқибатҳои он барои ҷомеа ба инобат гирифта шаванд.

Дигар муҳаққиқи чинӣ, Сзян Хуэйлин, кӯшиш намудааст, ки дар таснифи ҷиноятҳо аломати ҷазодиҳиро низ ба назар гирад. Ӯ ҷиноятҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: аввал, ҷиноятҳое, ки мувофиқи санксияҳои моддаҳои КҶ бо ҷазоҳои ҷиноятӣ сазо дода мешаванд; дувум, ҷиноятҳое, ки барои онҳо чораҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба ҷазоҳои ҷиноятӣ дохил намешаванд, яъне амалан ба категорияи ҷиноятҳои камаҳаммият мувофиқанд [8, с. 74].

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки таснифи ҳуқуқи ҷиноятии ҷиноятҳо дар Чин унсурҳои анъанаи шӯравиро бо хусусиятҳои сохтори иҷтимоию сиёсӣ ва шароити таърихию ҳуқуқии хоси ин кишвар муттаҳид мекунад. Гарчанде ки дар КҶ Чин таснифи дақиқи расмӣ вуҷуд надорад, муносибатҳои мавҷуда кӯшиши мутобиқ кардани методологияи ҳуқуқиро ба воқеияти ҷомеаи сотсиалистӣ инъикос мекунанд ва диққатро асосан ба ҳифзи амнияти давлатӣ, суботи иқтисодӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ равона месозанд [8, с. 74]. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки чунин тасниф дар КҶ Чин бештар хусусияти назариявӣ дорад ва ба татбиқи амалӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад, масалан, ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои нотамом, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳо. Тасниф асосан дар асоси ҳадди аксари ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ амалӣ мегардад, дар ҳоле ки ҳадди поёнии ҷазо, одатан, муайян карда нашудааст, ба истиснои баъзе ҳолатҳо, ба мисли ҷиноятҳои беэҳтиётии дараҷаи миёна ва ҷиноятҳои махсусан вазнин.

Тибқи Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия (УК РФ), ҷиноятҳо вобаста ба вазнинӣ ва хатари иҷтимоӣ ба категорияҳои гуногун тақсим карда мешаванд. Ҳудудҳои ҷазо барои ҳар як категория асосан бо назардошти ҳадди поён ва ҳадди болоии ҷазо муайян карда мешаванд. Масалан, барои ҷиноятҳои камвазнин – ҷазо метавонад аз маҳрум кардани озодӣ ба миқдори то ду моҳ то як сол бошад; барои ҷиноятҳои миёнавазнин – аз як то панҷ сол; барои ҷиноятҳои вазнин – аз панҷ то даҳ сол; ва барои ҷиноятҳои махсусан вазнин – бештар аз даҳ сол маҳрум сохтан аз озодӣ (УК РФ, ст. 15, ст. 33). Ин тақсимбандӣ заминаи ҳуқуқиро барои таъин ва индивидусозии ҷазо дар ҳар як ҳолати мушаххас фароҳам меорад [7].

Ин усул имкон медиҳад, ки дараҷаи воқеии хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳо дақиқтар ва объективона ба назар гирифта шавад ва ҳамзамон самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти амалишавии принсипи адолат ва фарқгузории татбиқ намудани ҷазоҳо таъмин гардад.

Адабиёт

1. Игнатова М. А. Уголовное право Италии: основные институты: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 192 с.
2. Кадников Н. Г. Категории преступлений и проблемы уголовной ответственности: учеб. пособие. – М.: Юриспруденция, 2005. – 37 с.
3. Козочкин И. Д. Уголовное право США: успехи и проблемы реформирования. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2007. – 478 с.
4. Крылова Н. Е., Серебренникова А. В. Уголовное право современных зарубежных стран. – М.: Зерцало, 1997. – 192 с.
5. Малиновский А. А. Сравнительное уголовное право: учебник. – М.: Юрлитинформ, 2014. – 528 с.
6. Онгарбаев Е. А. Теоретические проблемы классификации преступлений по уголовному праву Республики Казахстан: дис. … д-ра юрид. наук. – Караганда, 1998. – 340 с.
7. Уголовный кодекс Российской Федерации: Федеральный закон от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ (ред. от 27 дек. 2019 г.). – Ст. 15 «Категории преступлений». – URL: https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/en/ru/ru080en.html (санаи мурочиат: 12.11.2025).
8. Цзян Хуэйлинь. Основные черты Уголовного кодекса Китайской Народной Республики: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1999. – 218 с.
9. Al-Asumi N. A. Crime and Punishment under Criminal Law of Bahrain and the United Arab Emirates: dissertation. – 2014. – 356 p.
10. Criminal Law Act 1967 (c. 58): An Act to amend the law of England and Wales by abolishing the division of crimes into felonies and misdemeanours. – London: UK Parliament, 1967. – 12 p. – URL: https://www.legislation.gov.uk/ukpga/1967/58 (санаи мурочиат: 12.11.2025).
11. American Law Institute. Model Penal Code. – Philadelphia: American Law Institute, 1962.
12. Model Penal Code (MPC). Section 1.04 «Classes of Crimes: Felonies, Misdemeanors, Petty Misdemeanors and Infractions». – URL: https://www.criminallawweb.net/web1/mpc/PART1/snippets/felony.htm (санаи мурочиат: 03.01.2026).

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАСНИФОТ ВА БА КАТЕГОРИЯҲО ҶУДО НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО

Мақолаи мазкур ба таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар бахши таснифи ҷиноятҳо ва ҷудо намудани онҳо ба категорияҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Муаллиф равандҳои эволютсионӣ ва механизмҳои ташаккули системаи гурӯҳбандии кирдорҳои ҷиноятиро дар кишварҳои ҳуқуқи англосаксонӣ (ИМА, Англия) ва кишварҳои ҳуқуқи граждани (Италия, Федератсияи Русия) баррасӣ мекунад. Мақола нишон медиҳад, ки анъанаи англосаксонӣ оид ба ҷудо кардани ҷиноятҳо ба felony ва misdemeanor ва ҳамчунин Model Penal Code (ИМА) ҳамчун намунаи стандартизатсияи таснифоти ҷиноятҳо амал мекунанд. Дар мисоли Италия ва Русия, мақола таъсири омилҳои таърихӣ, идеологияи ҳуқуқӣ ва тағйироти қонунгузорӣ ба шаклгирии категорияҳои ҷиноятиро таҳлил менамояд. Муаллиф аҳамияти меъёрҳои қонунгузории байналхалқӣ ва андешаҳои ҳуқуқӣ барои таҳкими системаи оқилонаи категорияҳои ҷиноятиро низ таъкид мекунад.

Калидвожахо: таснифи ҷиноятҳо, гурӯҳбандӣ, категорияҳои ҷиноятӣ, прававӣ хориҷӣ, Model Penal Code, felony, misdemeanor, Criminal Law Act 1967, системаи ҷиноятӣ, қонуният, категорияҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ муқоисавӣ.

ИНОСТРАННЫЙ ОПЫТ КЛАССИФИКАЦИИ И КАТЕГОРИЙ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Данная статья посвящена анализу международного опыта в области классификации преступлений и их разделения на правовые категории. Автор рассматривает эволюционные процессы и механизмы формирования системы классификации уголовных деяний в странах англосаксонского права (США, Англия) и странах гражданского права (Италия, Российская Федерация). В статье показано, что англосаксонская традиция разделения преступлений на тяжкие и менее тяжкие, а также Модельный уголовный кодекс (США) выступают в качестве модели стандартизации классификации преступлений. На примере Италии и России анализируется влияние исторических факторов, правовой идеологии и законодательных изменений на формирование уголовных категорий. Автор также подчеркивает важность международных правовых норм и правовых идей для укрепления рациональной системы уголовных категорий.

Ключевые слова: классификация преступлений, классификация, категории преступлений, иностранное право, Типовой уголовный кодекс, тяжкое преступление, мелкое преступление, Закон об уголовном праве 1967 года, уголовная система, законность, правовые категории, сравнительное законодательство.

FOREIGN EXPERIENCE IN THE CLASSIFICATION AND CATEGORIZATION OF CRIMES

This article analyzes international experience in the classification of crimes and their division into legal categories. The author examines the evolutionary processes and mechanisms underlying the development of criminal classification systems in Anglo-Saxon legal systems (the USA, England) and civil law countries (Italy and the Russian Federation). The article demonstrates that the Anglo-Saxon tradition of distinguishing between serious and less serious crimes, as well as the Model Penal Code (USA), serves as a model for standardizing crime classification. Using the examples of Italy and the Russian Federation, the article analyzes the influence of historical factors, legal ideology, and legislative changes on the formation of criminal categories. The author also emphasizes the importance of international legal norms and concepts in strengthening a rational system of criminal categorization.

Kaywords: classification of crimes, crime categorization, serious crime, less serious crime, foreign law, Model Penal Code, Criminal Law Act 1967, criminal system, legality, legal categories, comparative law

Дар бораи муаллиф:
Қодирзода Бахтиёр Бобомурод
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии
Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Email: kodirov_8787@bk.ru

Об автора
Кодирзода Бахтиёр Бобомурод
кандидат юридических наук, и.в. доцента кафедры права и государственного управления
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.
Email: kodirov_8787@bk.ru

About the author
Qodirzoda Bakhtiyor Bobomurod
Candidate of Legal Sciences, Acting Associate Professor of theDepartment of Law and Public Administration
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67.
Email: kodirov_8787@bk.ru

ТДУ 343.9-055.2

РОҲҲО ВА ВОСИТАҲОИ АСОСИИ МУБОРИЗА БО ҶИНОЯТКОРӢ ДАР МИЁНИ ЗАНОН

Гулзода Н. А.

Донишгоҳи давлатии Данғара

Тарбияи ҳуқуқӣ дар ҳама гуна ҷомеа на танҳо ба ташаккули сифатҳои баландӣ ахлоқӣ, балки барои пешгирии инхирофоти иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ба ин маъно, худи таълими салоҳиятдор ҳамчун чораи пешгирикунанда бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ хизмат мекунад. Дар шароити муосир равишҳои тарбиявии ҳуқуқӣ, бахусус дар соҳаи пешгирии ҷиноятқорӣ мубрам мебошанд, зеро иқтидори тарбия ҳуқуқӣ дар пешгирии ҷиноятқориро муқақиқони зиёд қайд мекунанд.

Яке аз аломатҳои муҳими давлати ҳуқуқбунёд фарҳанги баланди ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Азбаски рушди имрӯзаи кишвари мо баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, тафаккур ва фарҳанги аъзои ҷомеаро вазифаи таъхирнопазир қарор додааст, ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон дар ин бобат аҳамияти калон дорад, зеро онҳо 51 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҳар як шахс, аз ҷумла ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон раванде нест, ки худ аз худ ба вуҷуд меояд. Баланд бардоштани сатҳи маърифати донишҳои ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои асосии давлат мебошад [2].

Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ шаҳрвандонро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 9 апрели соли 1997, № 691» [29], «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 марти соли 2006, № 94, «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005 [9]; қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ [13], «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» аз 27 ноябри соли 2019, № 599 амалӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои зикргардида дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ аз мубрам будани ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд.

Тавре Шарофзода Р.Ш қайд менамояд «Маърифати ҳуқуқӣ воситаи самарабахши пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Бо ин мақсад маҷмуи тадбирҳои муташаккилона дар соҳаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ (маърифати ҳуқуқӣ) ва ҳифзи ҳуқуқӣ (чораҳои пешгирсозии ҳуқуқвайронкунӣ) амалӣ карда мешавад. Ба татбиқи чораҳои мазкур ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда мешаванд» [32, с. 45]. Аз ин лиҳоз доимо мавриди назари роҳбарияти олии давлат қарор гирифтани мушкилоҳои маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз мубрам будани ин мушкилот дар пешгирии ҷиноятқорӣ аз ҷумла ҷиноятқории занон дар кишвари мо гувоҳӣ медиҳад.

Роҳбарияти олии кишвар борҳо зарурати рафъи ҳарчи зудтари нигилизми ҳуқуқӣ ва рушди маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун шарти муҳими модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон бо нигаронӣ қайд намудаанд. Ҳамин тавр дар паёми навбатиии худ чунин таъкид кардаанд, ки «Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад» [22]. Мавриди зикр аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқии гуногун амалӣ мегардад [7, с. 246].

Оид ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Ҳанӯз 9 апрели соли 1997 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, заминаи асосии ҳуқуқӣ барои минбаъд қабули барномаҳои омӯзиш ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт гардид [14, с.12-24]. Фармони мазкур бо мақсади тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таъмини дастрасии санадҳои ҳуқуқӣ барои тамоми шаҳрвандон ва ташкилотҳо, мустаҳкам кардани асосҳои ҳуқуқии фаъолият ва интизоми онҳо, инчунин пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо қабул гардид [17, с. 70]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22 августи соли 1997 қабул гардид [12], ки тибқи он тамоми сохторҳои давдатӣ бояд бахшҳои ҳуқуқи дар таркиби худ таъсис дода, тавассути тарғибу ташвиқи қонунгузорӣ бо ҷалби ҳуқуқшиносон ба роҳ монанд, дар натиҷа сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шуда, пеши роҳи қонунвайронкуниҳо гирифта шавад. Бо қарори

мазкур Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»[2]. Инчунин сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути барномаҳои дигар низ, аз ҷумла «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» 59, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 3 декабри соли 2012 қабул гардидааст, амалӣ карда мешавад. Баҳри такмили тадбирҳо дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон соли 2024-ум «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид ва аз ҷониби Ҳукумати ҶТ «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» тасдиқ гардид, ки ин ҳамма аз мубрамияти ин мушкили барои кишвари мо гувоҳӣ медиҳад. Тибқи ин барномаи қайдгардида «Таъмин ва иҷрои қонунҳои амалкунанда бе таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ғайриимкон аст». Ғайр аз ин тавре дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ қайд мегардад маҳз пурра истифода нагардидани чорабиниҳои маърифатӣ, зарфиятҳои низоми маориф ҳамчун яке аз сабабҳои асосии ба ҷиноятқории шаҳрвандон муосидаткунанда мебошад [28]. Ҳамин тавр баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии аҳолии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад [11].

Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занони маҳкумшуда махсусан аҳамиятнок мебошад, зеро маҳз маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун омили асосии мубориза бо ҷиноятқорӣ, яке аз роҳҳои паст намудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ эътироф гардида, он ба ташаккули фарҳанги токатнопазирӣ ба ҷиноятқорӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунад [33. с. 5].

Тавре дар адабиёт қайд мегардад «Бе мунтазам баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ давлати ҳуқуқбунёд бунёд кардан ғайриимкон аст» [8]. Дур шудан аз қонун ва дағалона вайрон кардани принсипу меъёрҳои он боиси кам баҳо дода шудани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва бартарияти мақсадҳои ғаразнок, бартарии устувори муносибатҳои ғайрирасмӣ мегардад. Мавриди зикр аст, ки яке аз роҳҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ дар миёни занон маҳз баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии онҳо ва махсусон онҳое майл ба ҷиноятқорӣ доранд мебошад. «Бо баланд гардидани маърифати ҳуқуқӣ сатҳи ҷинояту ҷиноятқорӣ, аз ҷумла кирдорҳои иртиҷоӣ аз қабили экстремизм, терроризм, хариду фурӯши одамон, қочоқи маводи мухаддир, бахусус коррупсия ва омилҳои ба он мусоидаткунанда коҳиш меёбад» [31, с. 36]. Маҳз, маърифати баланди ҳуқуқӣ боиси пешгирии ҳама гуна падидаҳои номатлуб ва низоҳои иҷтимоӣ, динӣ, маҳаллӣ ва миллӣ дар ҷамъият гардида, мавқеи арзишҳое ба монандӣ инсондӯстӣ, таҳамулпазирӣ, адолат, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғайра баланд мегардад [25, с. 72].

Дар баланд бардории маърифати ҳуқуқии занҳои маҳкумшуда аҳамияти асосӣ таълиму тарбияи ҳуқуқӣ доранд. Тавре Шайх Саъдӣ иброз менамояд, ки инсон гавҳари қобилест, ки дар натиҷаи таълиму тарбия комил мегардад. Одами бетарбия ба ҳайвон монанд аст, аммо фарқи одамӣ аз ҳайвон он аст, ки ҳайвон ба тарбия одам намешавад [11]. Тарбияи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки инсонҳо дар риояи қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон, адолат, гуманизм ва баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ба воя расанд.

Мавриди зикр аст, ки ҳануз аз замонҳои қадим ба масъалаи ба арзишмандии тарбияи ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекардаанд [21, с. 7]. Тарбияи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат, мақомоти он, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба ташаккул ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад [20, с 80]. Омӯзиш ва таъсири мақсадноки таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба шуури ҷамъиятӣ, рафъи деформатсияҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ ва фаъолияти ғайриқонунӣ дар он, яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ буда, паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби муҳақиқон ватани таҳлил гардидаанд [16, с. 160], ҳамзамон ин масъала ҳалли худро дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқи арзёбӣ мегардад. Мақсади асосии тарбияи ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии фардӣ ва гурӯҳии ҷомеа мебошад [23, с. 64-68]. Муҳимтар аз ҳама, мақсади асосии тарбияи ҳуқуқии аз он иборат аст, ки занҳои маҳкумгашта қонунгузорӣ ва санадҳои зериқонунӣ, оинномаҳо, дастурҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пурра дарк намоянд ва дар ин замина пайваста кӯшиш намоянд, то онҳоро риоя кунанд. Амалҳои худро аз нуқтаи назари қонунӣ ва ғайриқонунӣ баҳо дода тавонанд. Маҳз тарбияи ҳуқуқӣ барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аҳаммияти хоса дорад [15, с. 183 - 184]. Тибқи ақидаи Р. Ш. Шарофзода тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазам буда, давра ба давра дар тӯли ҳаёту фаъолияти инсон сурат мегирад [27, с. 720]. Аз ин лиҳоз тарбияи ҳуқуқӣ инчунин дар колонияҳои ислоҳӣ низ ба таври мунтазам ба роҳ монда шавад. Тавре Долгова қайд менамояд сатҳи нокифояи тарбияи ҳуқуқӣ ё

тамоман набудани он асоси барои деформатсияи шуури ҳуқуқии наврасон мегарданд ва танҳо камолоти қонунгузорӣ ва бутунии ҷараёни таълиму тарбия метавонад, заминаи ташаккули шахсияти дорои шуури мусбии ҳуқуқӣ гардад [6, с. 31 - 36].

Бояд қайд намуд, ки сиёсати муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятқории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъоли равишҳои тарбиявӣ ва пешгирикунандаро талаб мекунад, ки ба кам кардани ҷиноят, ислоҳи рафтори ҷиноятқорон ва ташаккули тафаккури зиддиҷиноятӣ дар шаҳрвандон нигаронида шудаанд. Самаранокии чунин тарбия ба ҳамгироии ҷанбаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ ва ғайра вобаста аст, ки дар заминаи криминологӣ аҳамияти пешгирикунанда пайдо мекунанд. Азбаски то имруз пурра низоми нав ташаккул наёфтааст, кор карда баромадани усулҳои аз ҷиҳати педагогӣ асоснокшуда, ки асоси низоми ояндаи комплексии пешгирии ҷиноятқорӣ карда шуда метавонанд, ахамияти махсус пайдо мекунад. Таҳсилоти ҳуқуқии дуруст, ки технологияҳои педагогӣ ва вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқро муттаҳид мекунад, имкон медиҳад, ки на танҳо рафтори зиддиҷамъиятиро ислоҳ шавад, балки барои дар муддати тӯлонӣ коҳиши устувори ҷиноятқорӣ шароит фароҳам меорад.

Имрӯз баланд бардоштани маърифтнокии ҳуқуқӣ ба яке аз чорабиниҳои муҳиме табдил ёфта истодааст, ки метавонад сатҳи зарурии назорати иҷтимоию ҳуқуқиро аз болои ҷиноятқорӣ, ташкили чорабиниҳои самараноки пешгирикунандаро таъмин намояд. Дар пешгирии умумии ҷиноятқорӣ яке аз тадбирҳои таъсиррасонӣ тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза тавассути суҳбату иттилоот, истифодаи шаклҳои визуалии таъсиррасонӣ, истифодаи имкониятҳои ВАО (матбаа, радио, телевизион, интернет, кино ва ғайра) бояд истифода бурда шаванд [7].

Маҳз маърифати ҳуқуқии муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад [3]. Вобаста ба маърифати, тавре профессор Насриддинзода Э.С., таъкид менамояд, ки маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолиятест, ки дар амалигардонии он низоми маориф нақши асосӣ дорад [20, с. 80]. Ба андешаи мо асоси чунин фаъолият бояд маълумоти дахлдори криминологӣ дар бораи сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва иқтидори зиддикриминогении чунин донишҳо, омилҳои манфии муҳити беруна, ки шуури ҳуқуқии ҷомеаро вайрон мекунанд бошанд. Ҳалли ин масъалаҳо то андозае ба он нигаронида шудааст, ки ҷиноятқориро дар сатҳи тоқатфарсои иҷтимоӣ нигоҳ дорад.

Маърифати ҳуқуқии занон на танҳо ба ҳуқуқҳои шахсии онҳо, балки дар маҷмуъ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба рушди низоми ҳифзи ҳуқуқи занон, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирот дар низомҳои ҳуқуқӣ ва ҳаракати афзояндаи ҳуқуқи занон муҳим аст, ки чӣ гуна анъанаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, меъёрҳои динӣ, низоми таълимӣ ва васоити ахбори омма муносибати занонро ба қонун ташаккул медиҳанд [26]. Инчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон омили асосии ноил шудан ба баробарии гендерӣ, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа мебошад, зеро фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла дониш, меъёрҳо ва арзишҳо асоси ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва фардӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, фарҳанги ҳуқуқии занон дорои хусусиятҳои ба худ хос аст: он дар зери таъсири қолабҳои гендерӣ, анъанаҳои таърихӣ ва нақшҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки монеаҳои иловагӣ барои дастрасӣ ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои онҳо ба вуҷуд меорад. Рушди фарҳанги ҳуқуқии занон на танҳо ба тавсеаи имкониятҳои худи занон, балки ба пешрафти тамоми ҷомеа, ба вуҷуд овардани низоми ҳуқуқии одилона ва фарогир мусоидат мекунад.

Мавриди зикр аст, ки маърифатнокии ҳуқуқӣ ва ҷиноятқорӣ бо якдигар вобастагии мутақобила доранд. Афзоиши ҷиноятқорӣ аз як тараф ба вазъи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, аз тарафи дигар, мавҷуд набудани сатҳи ҳадди ақали фарҳанги ҳуқуқӣ ногузир бо афзоиши ҷиноятқорӣ, амиқтар шудани раванди ҷиноятқории ҷомеа ҳамроҳ мешавад. Бо назардошти омили мазкур дар пешгирии ҷиноятқор инҳо аҳамиятнокмебошанд: баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, таҳамулнопазирӣ ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон.

Тавре дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мегардад, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии боиси маҳдуд шудани имконияти амалҳои зиддиҳуқуқӣ мегарданд [1, с. 23]. Маърифатнокии ҳуқуқиро ҳамчун воситаи мубориза бо паҳншавии ҷиноятқорӣ баррасӣ намуда, бояд қайд кард, ки шуури ҳуқуқӣ, ки ҳамчун маҷмӯи ғояҳо ва эҳсосоте, ки муносибати одамонро ба зуҳуроти

ҳуқуқӣ ифода мекунад дар ташакули фарҳанги ҳуқуқии инсон аҳамияти калон дорад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа баромад карда, ҳамзамон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятии шаҳрвандон мебошад. Маҳз хусусиятҳои сифатии шуури ҳуқуқӣ рафтори қонунии шахсро муайян мекунанд. Таъсири мутақобилаи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аён аст. Ҳамин тавр, шахси дорои шуури ҳуқуқии паст қодир ба содир намудани кирдори ҷиноятӣ мебошад, зеро сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст. Маҳз фарҳанги ҳуқуқӣ паҳлӯи дохилии маънавии шуури ҳуқуқии шахс мебошад. Моҳияти он ғояи ҳуқуқиро ҳамчун самти иҷтимоию ҳуқуқи дар ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ инъикос менамояд.

Ба шумули масъалаҳои асосии маърифати ҳуқуқӣ инҳоро метавон мансуб донист: ба даст овардани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба қонунгузорӣ, қонуният, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо; боз ҳам боло бурдани нақши ҳуқуқ ҳамчун арзиши бебаҳси иҷтимоӣ; эҳтиром ба қонун; мубориза бо ҳеҷангароии (нигилизми) ҳуқуқӣ; дар доираи хонандагону донишҷӯён боз ҳам густариш додани тамоюл, нишондод ва одатҳо бо рафтори мутобиқи қонун [19]. Ба андешаи Бобоҷонзода И.Ҳ. бошад, муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ, нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад [3].

Тадқиқоти криминологии сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии занон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва таъсири он ба ҷиноятқорӣ як қатор тамоюлҳои манфиро ошкор мекунад, аз ҷумла:

- бӯҳрони умумии маърифатнокии аҳолӣ, ки ба соҳаи ҳуқуқ низ таъсир расонда, дар нигилизми оммавии ҳуқуқӣ ва дигар муносибатҳои харобиовар зоҳир гашта аз насл ба насл мегузарад;
- паҳнкунии фаъолонаи арзишҳои ҷиноятӣ, ки боиси ба майдони ҳуқуқӣ ворид шудани зерфарҳанги ҷиноятӣ, зиёд шудани таҳрифи шуури ҳуқуқии аксари занон гаштааст;
- сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии кадрҳои давлатии масъули ин самтии сиёсат, ки дар натиҷа эътимоди мардум ба ниҳодҳои давлатӣ коҳиш ёфтааст, ин боиси истифодаи усулҳои ғайриқонунии ҳалли низоъҳо мегардад ва ба ҷалби одамон ба муҳити ҷиноӣ мусоидат мекунад;
- таназули ахлоқии қисми муҳими ҷомеа, заиф шудани нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди иҷтимоишавӣ, ки дар ниҳоят боиси интихоби шаклҳои рафтори ғайриқонунӣ мегардад;
- нокифоя будани низоми таълимоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла камбудиҳои иттилоотӣ, таълиму тарбия, ки ба афзоиши ҷиноятқории мусоидат мекунад;
-барҳам додани механизмҳои пешгирии ҷиноятқорӣ ва заиф шудани назорати иҷтимоӣ, мавҷуд набудани идеологияи возеҳи ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин номуайянии тақсимоти вазифаҳо байни сохторҳои давлати ва ҷамъияти дар ин самти пешгирии ҷиноятқорӣ.

Мавриди зикр аст, яке аз вазифаҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ пешгирии инфиродӣ содир намудани ҷиноятҳо, аз ҷониби занҳо. Ин имкон медиҳад, ки робитаи байни сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва самаранокии чораҳои пешгирикунандаро пайгирӣ карда шавад [18]. Ҳангоми таҳлили нақши маърифати ҳуқуқӣ дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба пешгирии ҷиноятқории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба назар гирифт, ки такмили он танҳо тавассути ташаккули дастурҳои арзишӣ ва салоҳиятҳои устувори шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, ки ба ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ мусоидат мекунанд, имконпазир аст. Аммо дар шароити муосир мушкилоти таъхирнопазир сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқӣ боқӣ мемонад, ки ҳам пешгирии ҷиноятҳо ва ҳам ташаккули таҳаммулнопазирии мутлақ нисбат ба чунин ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҷомеаро душвор мегардонад[4].

Раванди ташаккули маърифатнокии ҳуқуқӣ тавассути шиносоии шаҳрвандон бо муҳити иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дарк ва дарки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин қоидаҳои рафтори зиддиқонуниро дар бар мегирад, сурат мегирад. Дараҷаи маърифатнокии ҳуқуқӣ дар раванди тарбияи ҳуқуқии ҷомеа, ки бо ёрии таблиғи ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқӣ ва ғайра сурат мегирад, ба даст меояд.

Пешгирии ҷиноятҳои такрории занон ҳамчунин таъсиси шабакаи марказҳои минтақавиро тақозо мекунад, ки дар он ҷо ба онҳо кумаки ҳуқуқӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ расонида шавад. Вазифаҳои афзалиятноки чунин муассисаҳо бояд ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба занон бошанд; кӯмак дар татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои оила ва кӯдакон; таъмини хифзи равонӣ, пешгирии вайроншавии эмотсионалию равонии онҳо; пешгирии рафтори худкушӣ; тарғиби тарзи ҳаёти солим, даст кашидан аз одатҳои бад ва ғайра. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон аҳамиятнок мебошад, зеро ин барои пешгирии ҷиноятҳои занон мусоидат менамояд. Тавре кор

бо занони маҳкумшуда нишон равшан нишон дод, аксари онҳо дараҷа ва дараҷаи ҷавобгариро барои кирдорҳои ғайриқонунии содиршуда намедонанд [5, с. 142], ғайр аз ин онҳо оида ба тафовут байни ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ (масалан, нисбат ба дуздӣ) тасаврот надоранд.

Вобаста ба ин, тарбияи ҳуқуқӣ, шарҳи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати дарки чӣ будани ҷиноят; намудҳои ҷавобгарӣ ва намудҳои ҷазо; оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва оқибатҳои маҳкумият; махдудиятхо ва ухдадориҳое, ки суд нисбат ба занони маҳкумшуда муқаррар кардааст ва ғайра, бояд ҳамчун воситаи ҷиддии пешгирикунанда амал карда, ба шахсоне, ки дар марҳилаҳои ибтидоии ҷиноятқоронаи шахсӣ таъсири мусбат расонанд.

Таълими ҳуқуқӣ бояд хусусити ҳамаҷонибаи байнисоҳавӣ дошта, ба ин кор табақаҳои фаъоли ҷамъият, табақаҳои бошууртарини аҳолӣ ҷалб карда шаванд. Ба инҳо, пеш аз ҳама, донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзоёни созмонҳои ҷавонон, аъзоёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ (масалан, Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони). Инчунин худи чунин кор бояд шаклу усулҳои гуногунро муттаҳид созад - гузаронидани рӯзҳои ройгони умумиҷумҳуриявии ёрии ҳуқуқӣ, чорабиниҳои берун аз муассисаҳо, дар муассисаҳои ислоҳӣ, шаҳрҳо ва ғайра. Чорабиниҳои гузаронидашуда бояд то ҳадди имкон доираи васеи синну сол - аз мактаббачагон то пиронсолонро фаро гиранд, зеро тадқиқот нишон дод, ки синну соли ҷинояткорони зан аз 14 то 70 ва калонтар хеле гуногун аст. Мақсади ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ бояд ташаккул додани дарки аниқ дар бораи моҳияти кирдорҳои ҷиноятӣ ва ногузирии масъулият барои содир намудани он дар ҳамаи аъзоёни ҷомеа (сарфи назар аз ҷинс, синну сол ва вазъи иҷтимоӣ) бошад. Ба маънои васеътар чунин кори тарбиявӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар шуури ҷамъиятӣ намунаҳои устувори рафтори қонунӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, ки дар рад кардани ҳама гуна амалҳои ғайриқонунӣ ифода ёфтаанд, равона карда шудааст. Ин на танҳо дар бораи қоидаҳои қонун ва муҷозотҳои имконпазир маълумот додан, балки ташаккули эътиқоди ботинӣ ба арзиши қонунгузорӣ ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаро дар бар мегирад. Натиҷаи чунин кори мураттаб бояд ташаккул додани маърифати гардад, ки дар он риояи қонун ҳамчун меъёри муҳим дониста шуда, ҳар гуна вайронкунии қонун аз тарафи ҷамъият маҳкум карда шавад [10].

Ташаккули маърифати ҳуқуқии занон ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳувияти ҳуқуқии худро дарк намоянд, яъне дарк намоянд, ки онҳо субъектҳои комилҳуқуқи ҳуқуқ буда, дорои тамоми ҳуқуқу озодиҳои бо Конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалии инсон кафолатдода бошанд. Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ба афзоиши худшиносии ҳуқуқӣ, истифодаи боэътимоди механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои худ мусоидат мекунад, ки ба нақши иҷтимоии занон ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бевосита таъсир мерасонад. Барои занҳо донистани механизмҳои ҳуқуқии ҳимоя аз зӯроварӣ ба занон на танҳо манфиатҳои худро ҳимоя мекунад, балки ҳамчунин ба тағйирот дар меъёрҳои иҷтимоӣ, ки ба рафъи хушунат алайҳи онҳо нигаронида шудааст, таъсир мерасонад. Ин ба фароҳам овардани муҳити бехатар ва одилонаи иҷтимоӣ барои занон мусоидат мекунад [30].

Хулоса, мақола ба масъалаи роҳҳо ва воситаҳои самараноки муборизa бо ҷинояткорӣ дар миёни занон бахшида шуда, нақши маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун омили асосии паст намудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ва ҷинояткории занон асоснок менамояд. Таҷрибаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои давлатии марбут ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, зарурати такмили механизмҳои иттилоотӣ-маърифатӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон нишон дода мешавад. Муаллиф хулоса мекунад, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва татбиқи чорабиниҳои мақсадноки тарбияи ҳуқуқӣ дар байни занон ба таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва коҳиши ҷинояткорӣ мусоидат намуда, самти муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Адабиёт

1. Азиззода, У. А. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ / У. А. Азиззода, С. А. Раҷабзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – № 4(36). – С. 22-33.
2. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" ноябри соли 2019, № 599 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.12.2021).
3. Бобоҷонзода И.Ҳ. Маърифати ҳуқуқӣ: дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. - URL: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm-va-navidho/andeshai-muhakkikon/item/1601-ma-rifati-u-u-dar oshiyai-pajomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston.html. (санаи мурочиат 06.05.2024).

4. Волкова Т. Н. Криминологические и правовые проблемы женской преступности в современной России: Дисс. на соискание ученой степени доктора юр. наук. М., 2001. 312 с., Корзун И.В. Теоретические и прикладные проблемы социально-правового контроля и предупреждения преступности среди женщин (По материалам Республики Казахстан) : Дис. ... д-ра юрид. наук : 12.00.08 : Алма-Ата, 2001 321 с. РГБ ОД, 71:02-12/91-7, Кунц Е. В. Преступность среди женщин и ее предупреждение в современной России : дис. ... д-ра юрид. наук : 12.00.08 Москва, 2006. – 371 с.
5. Гулзода Н.А. Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2025. - №10. – С. 268.
6. Долгова, А.И. Правовое воспитание молодежи как средство борьбы с преступностью [Текст] / А.И. Долгова // Правосознание и правовое воспитание молодежи: Сборник научных трудов. – М., 1977. - С. 31–36.
7. Иброҳимзода, М. И. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ- воситаи муҳимми пешгирии ҷинояткорӣ / М. И. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 6-1. – С. 246-250.
8. Канунников Р.И., Савич И.И. Факторы формирования правовой культуры у сотрудников Органов внутренних дел // Современные наукоемкие технологии. - 2022. - № 6. - С. 136-140.
9. Консепсияи миллии тарбия – асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. – Хуҷанд: «Дабир», 2021. – С. 148.
10. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6–уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст. Душанбе, 2018, (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). –118с Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.10.2021).
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 «Дар бораи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030».
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чорабиниҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22 августи соли 1997, №383. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.05.2024).
13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чорабиниҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи мурочиат 21.01.2020).
14. Маҳкам М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 12-24.
15. Матузов Н.И. Актуальные проблемы теории права. – Саратов: Издательство Саратовской государственной академии права, 2003. – 510 с.
16. Миралиев И.Қ. Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: дис… док. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2024. – 379 с.
17. Мирзозода, Ф. С. Маърифати ҳуқуқӣ ва нақши он дар раванди ҷаҳонишавӣ / Ф. С. Мирзозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – No. 2. – С. 98-108.
18. Набиев, Ф. С. Аҳаммияти маърифати ҳуқуқӣ барои ҷамъият / Ф. С. Набиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – № 3(51). – С. 23-24.
19. Насриддинзода Э.С. Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. - URL: https://khovar.tj/2024/01/maorif-va-ravandi-gustarishi-marifati-u-u-dar-um-urii-to ikiston-mulo-iza-va-bardosht-oi-emomal-nasriddinzoda-dar-oshiyai-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-ba ma-lisi-ol. (санаи мурочиат 06.05.2024).
20. Насриддинзода Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан: Монография. [Текст] / – Душанбе: “ЭР–граф”, 2014. – 184 с.
21. Ҳасанов Ш.К. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: (рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқии маҳкумшудагон). – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – 110 с.
22. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023. https://www.president.tj/event/missives/36370

23. Раҷабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд / Р.М. Раҷабзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №2 (46). – С. 64-68.
24. Раҳимов, Р. Л. Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои марказии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Л. Раҳимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 1. – С. 170-186.
25. Саидзода, И. И. Сиёсати ҳуқуқии Ҷуҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ / И. И. Саидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 2. – С. 66-77.
26. Сайфудинзода, Ф. С. Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон / Ф. С. Сайфудинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2. – С. 131-142.
27. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе «Сино», 2018. – 720 с.
28. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст: [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://anticorruption.tj/images/PDF/ter-ek.pdf (санаи мурочиат: 5.03.2024).
29. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.adlia.tj (санаи мурочиат 21.01.2020).
30. Ходжаева С. А. Правовая культура и проблемы развития социально-правовой активности женщин Республики Узбекистан (историко-правовое исследование) Автореф. дис. на соиск. учен. степ. к.ю.н., Спец. 12.00.01 / Ходжаева Сайера Атахановна; Акад. м-ва внутрен. дел. Респ. Узбекистан. — Ташкент 2004. - 26 с.
31. Шарифзода, Ш. М. Маърифати ҳуқуқӣ ва аҳамияти он дар самти пешгирии коррупсия, идоракунии аудит ва молияи давлатӣ / Ш. М. Шарифзода, М. Ҷ. Раҳмонзода // Законодательство. – 2024. – № 1(53). – С. 35-41.
32. Шарофзода, Р. Ш. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ / Р. Ш. Шарофзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. –№ 1. – С. 7-30.
33. Шарофзода, Р. Ш. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ: таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои иттиҳоди давлатҳои мустақил / Р. Ш. Шарофзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – № 1(45). – С. 5-21.

РОҲҲО ВА ВОСИТАҲОИ АСОСИИ МУБОРИЗА БО ҶИНОЯТКОРӢ ДАР МИЁНИ ЗАНОН

Муаллиф дар мақола кӯшиш кардааст, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занонро ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ нишон диҳад. Дар таҳқиқот аз натиҷаҳои олимон, аз ҷумла Шарофзода Р.Ш., Насриддинзода Э.С., Бобоҷонзода И.Ҳ., Долгова ва Шайх Саъдӣ, инчунин санадҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ истифода бурда шудааст, ки барои таҳкими тарбияи ҳуқуқӣ мисол меоранд.

Мақола таъкид мекунад, ки тарбияи ҳуқуқӣ ба занон имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро дуруст дарк намуда, кирдорҳои ҷиноятиро пешгирӣ кунанд ва дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаъолона ширкат варзанд. Бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, зарурати таҳкими тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, аз ҷумла дар миёни занон ва гурӯҳҳои осебпазир, равшан баррасӣ мегардад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки тарбияи ҳуқуқӣ ба коҳиши нигилизми ҳуқуқӣ, болоравии сатҳи худогоҳии шаҳрвандӣ ва пастшавии сатҳи ҷиноятқорӣ мусоидат мекунад. Хулоса карда мешавад, ки такмили механизмҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ яке аз роҳҳои муассири мубориза бо ҷиноятқорӣ дар миёни занон мебошад.

Калидвожаҳо: маърифати ҳуқуқӣ; занон; тарбияи ҳуқуқӣ; пешгирии ҷиноятқорӣ; тарбия; фарҳанги ҳуқуқӣ; сиёсати давлатӣ

ОСНОВНЫЕ ПУТИ И СРЕДСТВА БОРЬБЫ С ПРЕСТУПНОСТЬЮ СРЕДИ ЖЕНЩИН

Автор статьи стремится показать повышение правовой грамотности женщин как один из ключевых факторов формирования правовой культуры и профилактики преступности. В исследовании использованы работы ученых, таких как Шарофзода Р.Ш., Насриддинзода Э.С., Бобожонзода И.Х., Долгова и Шайх Саади, а также государственные документы и образовательные программы, служащие примером укрепления правового воспитания.

Статья подчеркивает, что правовое воспитание позволяет женщинам правильно осознавать свои права, предотвращать преступные действия и активно участвовать в социальной и политической жизни.

На основе нормативных документов и государственных программ рассматривается необходимость укрепления правового образования в обществе, включая женщин и уязвимые группы населения.

Автор показывает, что правовое воспитание способствует снижению правового нигилизма, повышению уровня гражданской сознательности и уменьшению уровня преступности. В заключение отмечается, что совершенствование образовательных и информационных механизмов повышения правовой грамотности является одним из эффективных способов борьбы с преступностью среди женщин.

Ключевые слова: правовая грамотность; женщины; правовое воспитание; профилактика преступности; воспитание; правовая культура; государственная политика

MAIN WAYS AND MEANS OF COMBATING CRIME AMONG WOMEN

The author of the article aims to highlight the enhancement of women's legal literacy as one of the key factors in shaping a legal culture and preventing crime. The study draws on the research of scholars such as Sharofzoda R.Sh., Nasriddinzoda E.S., Bobojonzoda I.Kh., Dolgova, and Shaykh Saadi, as well as on state documents and educational programs that serve as examples of strengthening legal education.

The article emphasizes that legal education enables women to understand their rights, prevent criminal behavior, and actively participate in social and political life. Based on normative legal documents and state programs, the necessity of reinforcing legal education in society, including among women and vulnerable groups, is discussed.

The author demonstrates that legal education contributes to the reduction of legal nihilism, the increase of civic awareness, and the decrease of crime rates. In conclusion, it is noted that improving educational and informational mechanisms for enhancing legal literacy is one of the effective ways to combat crime among women.

Keywords: legal literacy; women; legal education; crime prevention; upbringing; legal culture; state policy.

Дар бораи муаллиф
Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
Донишгоҳи давлатии Данғара,
Суроға: 735320, ноҳияи Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25.

About the author
Gulzoda Najiba Abdulmajid
Associate professor of the Department of criminal law and anti-corruption
Dangara State University,
Address: 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Markazi Street, 25.

Об авторе
Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид
доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Дангаринский государственный университет
Адрес: 735320, р. Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25.

ТДУ 342 (575.17)

ҲУҚУҚИ ЗАБОН ДАР ҚОНУНҲОИ СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Насимов Н.И.

Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

Муқаддима. Дар радифи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), қонунҳои конститусионӣ ва кодексҳо ҳуқуқи забон дар қонунҳои соҳаи илму маориф низ муқаррар гардидааст.

Оид ба баъзе хусусиятҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муҳаққиқ Ҷ.У. Назаров мақола ба чоп расонидааст. Ва дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф низ мароқ зоҳир намуда, дар як маврид роҷеъ ба чопи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ ба забони гурӯҳҳои халқӣ изҳори назар кардааст [21, с. 252-256].

Боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, № 553 [4, с. 2] «Забони соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма» ном дошта, моддаҳои 8 – Забони таҳсил [4, с. 2], 9 – Омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ [4, с. 2] ва моддаи 10 – Забони илм [4, с. 2] унвонгузорӣ шудаасту ба забон ҳуқуқ додааст.

Мувофиқи омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ оид ба соҳаи илму маориф дар маҷмуъ 19 қонун қабул шудааст, ки 3-тои он хусусан ба самти илмҳои академӣ тааллуқ доранд.

Мутаассифона, дар 3 қонуне, ки ба соҳаи илмҳои академӣ мутааллиқанд, дар бораи забон, забони давлатӣ ё забони тоҷикӣ меъёри ҳуқуқие таъин нагардидааст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 20 апрел соли 2021, № 1780 [2]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18 марти соли 2015, № 1197 [16]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ» аз 12 январи соли 2009, № 593 [20].

Аммо ин маънои онро надорад, ки дар қонунгузории соҳаи илм барои забон меъёри ҳуқуқие муайян нашудааст. Маориф худ маҷмуи маърифат ва маърифат ба маънои илму дониш аст.

Маводи таҳқиқ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 [7] дар асл маҷмуи умумии меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталифи таҳсилотро (маълумот ва маорифро) дар бар мегирад. Вале, бо вуҷуди ин, оид ба ҳар як зинаи таҳсилот ва самтҳои вобаста ба маориф ба таври комил ё қисман қонунҳо таҳия ва қабул шудаанд, ки шумораи онҳо то ба 16 мерасад. Аз ин хотир, аввалан мавқеи муқарроти ҳуқуқи забон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013) бо собиқ қонунҳои ҳамномаш мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 27 декабри соли 1993, № 899 қабул гардидааст, ки аз 6 фасл ва 49 модда иборат мебошад. Се модда (5, 6, 35) ва маҷмуан панҷ қисми онҳо ҳуқуқ ба забонро дар бар мегиранд.

Аввалин ҳуқуқ ба забон дар моддаи 5 Қонуни мазкур муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи таҳсилро ба шаҳрвандон сарфи назар аз забон ва омилҳои дигар кафолат медиҳад.

Баъдан моддаи 6 ин Қонун ба забони таҳсил бахшида шуда, аз 3 қисм иборат аст. Қисми 1 ҳамин модда забони таҳсилро машаххас таъин накарда, онро ба Қонун «Дар бораи забон» (айнан ҳамин тавр дарҷ ёфтааст – Н.Н.) вогузор намудааст. Ва қисмҳои 1 ва 2 ин модда ба ҳамаи шаҳрвандон дар таълим интихоби озоди забонро муқаррар кардааст (дар ҳарду қисм ба ҷойи таҳсил вожаи таълим омадааст).

Банди в) қисми 2 моддаи 35 волидайн ва шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд, вазифадор мекунад, ки ба фарзандон дар баробари дигар амалҳои нек нисбати забони модарӣ муносибати боэҳтиромона доштанро тарбия намоянд.

Маълум аст, ки замони таҳия ва қабули Қонуни мазкур давраи хеле мураккабу мушкил буд. Ҳоло ҳам барои бархе касон тартиби зиндагии одатии сохти давлати шуравӣ аз байн нарафта буд. Ба ояндаи ҳаёт мардум шубҳанок ва нобоварона менигаристанд. Ва оҳиста-оҳиста пояҳои давлатдорӣ мустаҳкам гардиду раванди зиндагӣ низом гирифту мардум ба ояндаи нек бовар ҳосил карданд. Тамоми самтҳои ҳаёт, аз ҷумла иҷтимоиёт рӯ ба рушд ниҳоданд. Аз ҷумла муносибат ба соҳаи маориф низ тағйир ёфта, заминаҳои ҳуқуқии он мустаҳкамтар гашт.

Ва маротибаи дуюм Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 17 майи соли 2004, № 34 дар таҳрири нав ба тасвиб расид, ки аз 6 боб ва 57 модда иборат буда, аз Қонуни собиқи ҳамном (1993) 8 модда зиёд дошт.

Як фарқияти сохтори таркибии Қонуни мазкур аз Қонуни собиқ бо истифода аз сархатҳо дар баъзе қисмҳои модда мебошад.

Қисми якуми моддаи 6 кулли шаҳрвнадони ҷумҳуриро, аз ҷумла сарфи назар аз забонашон, ба таҳсил кафолат медод.

Моддаи 7 ба забони таҳсил бахшида шуда, панҷ қисмро дар бар мегирифт. Қисми якуми он муайян кардани забони таҳсилро дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола карда буд. Қисмҳои дуюм ва сеюм барои таҳсил интихоби озоди забонро муқаррар намудааст. Қисми чоруми моддаи мазкур дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқи ва моликият, танзими омӯзиши забони давлатиро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мекунад. Ва қисми панҷум таъмини омӯзиши забони русӣ ва яке аз забонҳои хориҷиро дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ муқаррар менамояд.

Аз мазмуну муҳтавои қисмҳои моддаи 7 Қонуни мазкур бармеояд, ки бо кадом услуб ва шакле ифода наёфта бошанд, дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ омӯзиши забони давлатӣ, ки танзими он ба зиммаи қонунгузорӣ гузошта шудааст ва таълими забонҳои русию яке аз забонҳои хориҷӣ ҳатмӣ мебошад.

Сархати шашуми қисми 1 моддаи 15 нишон медиҳад, ки оинномаи муассисаи таълимӣ дар қатори дигар фаъолиятҳо забони таълимро ҳам дар бар мегирад. Яъне ҳар як муасисаи таълимӣ забони таҳсилро бояд муайян ва дарҷ созад. Таълим маънои омӯзондани илму дониш аз ҷониби муаллим ё устод аст: таълим илму дониш додан ва барои муҳассилин таълим илму дониш гирифтан аст.

Вобаста ба ҳуқуқи забон сархати сеюми қисми 2 моддаи 42 падару модарро (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) дар соҳаи маориф вазифадор месозад, ки фарзандонро дар руҳияи эҳтироми гузоштан ба забони модариашон дар баробари арзишҳои дигар тарбия намоянд.

Ба ҳамин тариқ, 4 моддаи (6 қисм ва 2 сархати) Қонуни зикргардида (2004) ҳуқуқи забонро дар бар гирифта, истилоҳи забон 14 маротиба омадааст.

Пасон, ки соҳаи маориф дучори ислоҳот гардид (хусусан ҷорӣ гаштани низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олӣ), зарурати таҳия ва қабули қонуни нави маориф ба миён омад. Акнун таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ ба андозаи кофӣ ноил шуда буд. Ва дар натиҷа санади нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 [7] қабул гардид. Ин Қонун аз 8 боб ва 69 модда ташаккул ёфта, аз Қонуни собиқ (2004) 2 боб ва 12 модда зиёд аст.

Дар Қонуни мазкур вожа ё истилоҳи **забон** 15 маротиба омадааст. Аввалан ин вожа бо муқаррароти ҳуқуқиаш дар сархати чилу нуҳуми қисми моддаи 1 (Мафҳумҳои асосӣ) [7, с. 1] оид ба фарогирии кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот дар шарҳи мафҳуми **таҳсилоти фарогир** истифода шудааст.

Баъдан қисми 1 моддаи 6 (Кафолати давлатии шаҳрвандон ба таҳсил) давлат барои шаҳрвандон дар баробари дигар арзишҳо новобаста ба забон низ кафолати ҳуқуқи таҳсилро додааст.

Моддаи 7 Қонун, ки Забони таҳсил ном дорад, аз 5 қисм иборат мебошад. Дар таҳрири нав ба қисми якуми моддаи мазкур ислоҳот ворид шуда, ба ҷои «тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ мушаххасан ҳуқуқи забон – забони асосии таҳсил – забони давлатӣ (тоҷикӣ) муқаррар шудааст, ки аз баланд гардидан ва таҳким ёфтани ҳис, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ дарак медиҳад. Ва қисмҳои дигари моддаи 7 мазмуни моддаи 7 Қонуни собиқи соли 2004-ро медиҳанд.

Муқаррароти моддаи 14 Қонуни мазур оид ба ҳуқуқи забон ба моддаи 15 Қонуни собиқи соли 2004 мувофиқат мекунад, ки роҷеъ ба оинномаи таълимӣ мебошад.

Мазмуни сархати сеюми қисми 2 моддаи 46 ба сархати сеюми моддаи 42 Қонуни собиқ рост меояд, ки дар бораи ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) мебошад, ки матни он пештар шарҳ ёфтааст.

Сархати чоруми қисми моддаи 49 (Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ), ки моддаи нав ба шумор меравад, омӯзгоронро уҳдадор менамояд, ки ҳангоми фаъолият ҳамчунин мансубияти забонии таълимгирадагонро дар назар гиранд.

Дар сархати сездаҳуми қисми 1 моддаи 51 (Уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф) барои кулли кормандони соҳаи маориф риояи меъёрҳои забони давлатӣ (тоҷикӣ) муқаррар шудааст, ки дар баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва таҳкими ҳуқуқи забон аҳаммият ва нақши боризу муҳим дорад.

Истисно аз қонунҳои зикршуда дар бораи маориф боз оид ба ҳар як зинаи таҳсилот (маълумот) қонуни алоҳида таҳия ва қабул шудааст.

Маориф, ки дар сиёсати давлатӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад, бояд ба тамоми самтҳои фаъолияти он таваҷҷуҳи хосса зоҳир ёбад. Бахусус дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки заминаи фаъолиятро ташкил медиҳанд, хурдтарин ҷузъҳо дар низоми фаъолият бояд аз мадди назар дур намонанд.

Солҳои охир давлат нисбати фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, ба таълиму тарбия дар ин муассисаҳо ва сохтмони муассисаҳои томактабӣ дар тамоми қаламрави кишвар, новобаста аз мақому марказҳои маъмурии шаҳру деҳот, диққати махсус медиҳад.

Ва яке аз қонунҳои соҳаи моариф, ки ҳаёту фаъолияти ояндаи кӯдакон аз татбиқи сифатнок ва босамари ҳамин санад вобастагии зич дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 16 декабри соли 2013, № 611 [17] ба ҳисоб меравад, ки ҳуқуқҳои фаъолияти ҳамаҷонибаи нахустзинаи таҳсилотро дар бар мегирад. Ин Қонун аз 7 боб ва 27 модда ташаккулёфтасст. Сархати сеюми моддаи 3 (Вазифаҳои таълиму тарбияи томактабӣ) тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои фарҳангию миллӣ ва умумибашарӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба инсон ва қонун, рамзҳо ва забони давлатӣ, оила ва ҷомеа, инчунин муносибати бошуурона ба муҳити зист ва ҳифзи онро дар бар мегирад.

Қисми 1 моддаи 4 (Ҳуқуқ ба таълиму тарбияи томактабӣ) ба кулли кӯдакони синни томактабии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон ва вазъи волидонашон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқ медиҳад, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таълиму тарбия гиранд.

Дар қисми моддаи 5 (Забони таълиму тарбия дар муассисаи таълимии томактабӣ) муайян кардани забони таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Ва ин ҷо ҳатман бояд забони таълиму тарбия мушххасан забони давлатӣ (тоҷикӣ) муқаррар карда мешуд.

Баъди зинаи таҳсилоти томактабӣ (ҳарчанд ки дар қонунгузорӣ ҳамчун зинаи таҳсилот сабт мешавад, аммо баъди хатми таълиму тарбияи томактабӣ (шашсолгӣ) додани ҳуҷҷате барои кӯдакон муайян нашудаст) зинаи навбатии таҳсилот, ки дар низоми фаъолияти соҳаи маориф хеле аҳаммияти муҳим дорад, зинаи таҳсилоти умумӣ ба шумор меравад, ки барои ин зинаи таҳсилот қонун таҳия нагардидааст.

Зинаҳои дигари ояндаи таҳсилот зинаҳои таҳсилоти касбӣ (таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъди муассаи олии таълимӣ) маҳсуб меёбанд. Ва оид ба танзими фаъолияти ҳар яке аз ин зинаҳои таҳсилот қонун таҳия ва қабул шудааст.

Барои танзими фаъолияти зинаҳои таҳсилоти касбӣ чор қонун ба тасвиб расидааст, ки ҳар кадоме ҳуқуқ ба забон додаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003, № 21 [19]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 1 октябри соли 2025, № 2185 [13]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 [14]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» аз 17 декабри соли 2025, № 2216 [9].

Моддаи 5(1) (Забони таҳсил) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», моддаи 6 (Забони таҳсил) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва моддаи 17 (Забони таълим) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бо мазмунҳои монанд забони таҳсилро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додаанд.

Агар зери мафҳуми қонунгузорӣ хосатан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, № 553 дар назар дошта шавад, тибқи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 8 он, ки «Забони таҳсил» ном дошта, шомили боби 3 (Забони соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма) мебошад, бо вуҷуди он ки дар қисми 1 моддаи мазкур забони таҳсилоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ муқаррар менамояд, мувофиқи қисми 2 он муассисаҳои таълимӣ, новобвста аз зинаи таҳсилот, метавонанд бо забонҳои дигар низ фаъолият намоянд, мутобиқи қисми 3 моддаи мазкур интихоби озоди забони таҳсил барои ҳамаи миллату халқиятҳо фароҳам оварда мешавад, ки ин таъинот хеле демократиёна ба назар мерасад. Аз ҷиҳати дигар, бидуни забони давлатӣ, забон ин ҳуқуқи таббиию фитрии инсон аст ва ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ин санад ба инобат гирифта шуда ва риоя гардидааст.

Қисми 2 моддаи 18 (Муҳлат, забон ва шакли таҳсил) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» таҳсилро дар ин муассисаҳо бо забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ ва забонҳои дигари хориҷӣ муқаррар кардааст, ки мушаххас мебошанд.

Агар мантиқан ба мазмуни муқаррароти қонунҳо нисбати табиқашон дар фаъолияти муассаҳои таълимӣ назар афканем, дар таҳсил ба ягон забон мамнуъгӣ ё маҳудудияти қатъӣ нишон дода нашудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» аз 17 декабри соли 2025, № 2215 [6] дар банди 8) қисми моддаи 5 (Ҳуқуқҳои омӯзгор), ки бо таълимгирандагон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва вазъи иҷтимоӣ, муносибати беғаразона намояд, ки ин дар баробари дигар мансубиятҳо боз ҳам эҳтиром гузошатан ба ҳуқуқи забонро мефаҳмонад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024, № 2049 [8] дар 3 модда ҳуқуқ ба забонро муқаррар кардааст.

Банди 6) қисми моддаи 5 (Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак) роҳ надодан ба табъизи кӯдак новобаста ба мансубияти забониро дар баробари дигар аломатҳо яке аз сиёсатҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак меҳисобад.

Дар банди 8) қисми моддаи 15 (Уҳдадориҳои падару модар дар таълими кӯдак) омадааст, ки падару модар уҳдадоранд дар таълими кӯдак ба омӯзиши забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ мусоидат намоянд.

Уҳдадориҳои омӯзгор барои муносибати баробар доштан нисбат ба кӯдакон, новобаста ба забон ва дигар аломатҳои мансуб ба кӯдак, дар банди 8) қисми моддаи 20 (Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омӯзгор) дарҷ ёфтааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, № 826 [11] яке аз қонунҳои дигарест, ба соҳаи маориф тааллуқ дорад. Ба ин Қонун ҳуқуқи забон дар 3 модда рост омадааст.

Сархати якуми қисми моддаи 5 (Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ) талаботи асосии дастрас будани таҳсилоти иловагӣ барои таълимгирандагонро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии онҳо, медонад.

Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мушаххасан тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сархати сеюми моддаи 7 (Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ) нишон дода шудааст. Дар сархати сеюми қисми моддаи 14 (Самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ) таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи самтҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро аз рӯйи самтҳои мухталиф ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъмин мекунад, муқаррар гардидааст. Мазмуни муқаррароти қисми 1 моддаи 6 (Ҳуқуқи калонсолон ба таҳсил) ва қисми моддаи 7 (Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017, № 1394 [12] чун талаботи моддаҳои 5 (сархати якум) ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» пешбинӣ шуда, фақат ба ҷои таълимгирандагон ва иловагӣ калонсолон омадааст.

Тибқи сархати ҳафтуми қисми моддаи 13 (Оинномаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон) 1 Қонуни мазкур Оинномаи муассисаҳои мазкур дар қатори дигар маълумоти раванди ташкили таълим бояд забони таълимро низ бояд фаро гирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 [18] дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 3 (Ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак) роҳ надодан ба табъизи забонӣ ва аломатҳои дигар ба кӯдакон, қисми 2 моддаи 11 (Ҳуқуқи кӯдак ба зиндагӣ, озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну шараф ва ҳаёти шахсӣ) ҳуқуқҳои баробари ҳамаи кӯдаконро новобаста аз мансубияти забонӣ ва хусусмиятҳои дигар, қисми 3 моддаи 34 (Нигоҳубин ва тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд) ҳуқуқи кӯдаконро ба таъминоти ҳифзи забони модарӣ ва дигар манфиатҳо муқаррар кардааст.

Ҳуқуқи забон дар 2 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 17 июли соли 2014, № 709 [1] майян гардидааст: дар сархати якуми қисми моддаи 10 (Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ва илм дар соҳаи адабиёти таълимӣ) ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ва илм дар соҳаи адабиёти таълимӣ барои таҳлил ва ба ҳисоб гирифтан дар таъминот бо адабиёти таълимӣ ва дастрасии он дар муассисаҳои таълимии мақоми маҳаллидошта, новобаста ба шакли ташкиливу ҳуқуқӣ, аз нуқтаи назари гурӯҳҳои таълимгирандагон ва забони таълим, сархати сеюми қисми 2 моддаи 15 (Тасдиқи сифати адабиёти таълимие, ки барои истифода дар раванди таълиму тарбия тавсия карда мешавад) муайян кардани нишони адабиёти таълимӣ ва истифодабарандагони онро дар баробари дигар нишонаҳо аз рӯйи забони таълим дарҷ намудааст.

Хулоса. Воқеан тарғибу ташвиқи забон (аз ҷумла забони давлатӣ (тоҷикӣ), рушд ва густариши он, ҳамчунин ҳуқуқ ва таҳкими он ба соҳаи афзалиятноки маориф хеле вобастагии зич ва зиёд дорад. Зеро маҳз дар фарогирии аҳолӣ соҳаи маориф дар Тоҷикистон 7 млн фард рост меояд, ки 70 фоизро ташкил медиҳад ва соҳаи дигаре дар ин радиф қарор надорад. Дар сурати қатъиян риоя гаштани муқаррароти қонунҳое, ки қабул ва номбар шуданд, вазъи ҳамаҷониба ва мақоми забон, бахусус забони давлатӣ (тоҷикӣ) ба дараҷаи кофӣ дар Тоҷикистон ва хориҷ аз он беҳтару мустаҳкамтар мегардад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 17 июли соли 2014, № 709 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=122246#. – 13.03.2026.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» аз 20 апрел соли 2021, № 1780 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView? DocumentId=139152 #. – 13.03..2026.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 20 июни соли 2024, № 2061 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId =166228#. – 13.03.2026.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, № 553 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmk.tj /content. – 6.11.2024.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 21 июли соли 2011, №205 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj / Search/DocumentView?DocumentId=114929#. – 13.03.2026.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» аз 17 декабри соли 2025, № 2215 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=171402#. – 13.03.2026.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih. adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=119888#. – 13.03.2026.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024, № 2049 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/ Search / Document View?DocumentId=148560#. – 13.03.2026.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» аз 17 декабри соли 2025, № 2216 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https:// mmih. adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=171405#. – 13.03.2026.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, № 1658 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj / Search/ DocumentView?DocumentId=135510. – 13.03.2026.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, № 826 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=116539#. – 13.03.2026.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017, № 1394 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId =128655 #. – 13.03.2026.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз» 1 октябри соли 2025, № 2185 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=170991 #.– 13.03.2026.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih. adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId=34580#. – 13.03.2026.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 16 декабри соли 2013, № 611 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId =121043 #. – 13.03.2026.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18 марти соли 2015, № 1197 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj / Search/ DocumentView?DocumentId=123889#. – 13.03.2026.
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 16 декабри соли 2010 № 109 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/ DocumentView? DocumentId=36069 #. – 13.03.2026.
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj /Search/DocumentView?DocumentId = 123876 #. – 13.03.2026.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003, № 21 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId=23359#. – 13.03.2026.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ» аз 12 январи соли 2009, № 593 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId =35063#. – 13.03.2026.
21. Назаров, Дж.И. Некоторые аспекты государственной политики Республики Таджикистан в сфере образования / Дж.И. Назаров // Номаи донишгоҳ. – 2017. – № 2 (51). – С. 252-256.

ҲУҚУҚИ ЗАБОН ДАР ҚОНУНҲОИ СОҲАИИЛМУ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳқиқи мавқеъ ва мақоми муқаррароти ҳуқуқи забон дар қонунгузории соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки дар соҳаи илму маориф зиёда аз 20 санади қонунгузорӣ таҳия ва қабул гардида, ҳар яки онҳо муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро дар самтҳои гуногуни илму маориф танзим менамоянд.

Муайян карда шуд, ки заминаи ҳуқуқии қонунгузории соҳаи илму маорифро пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ташкил медиҳанд. Қонунҳои мазкур ҳамчун сарчашмаҳои асосии ҳуқуқӣ барои таҳия ва татбиқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа хизмат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки яке аз дастовардҳои муҳими қонунгузории миллӣ дар соҳаи илму маориф танзими ҳуқуқии ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад. Аз ҷумла, барои ҳар як зинаи таҳсилот санадҳои алоҳидаи қонунгузорӣ қабул гардидаанд, ки дар онҳо масъалаҳои таълим, тарбия ва рушди забон мавқеи муҳим доранд. Дар ин замина, соҳаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ ҳамчун бахшҳои афзалиятноки низоми маориф арзёбӣ мешаванд.

Таҳлил нишон дод, ки дар ҳамаи қонунҳои мавриди омӯзиш ҳуқуқи омӯзиш ва истифодаи забони давлатӣ, инчунин кафолатҳои ҳуқуқии марбут ба рушди он ба таври мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: ҳуқуқ, забон, ҳуқуқи забон, забони давлатӣ, сиёсати забон, маориф, илм, забони тоҷикӣ, таҳсилот, тарбия, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ.

ЯЗЫКОВЫЕ ПРАВА В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена исследованию места и роли положений о языковых правах в законодательстве Республики Таджикистан в сфере науки и образования. В ходе исследования установлено, что в сфере науки и образования разработано и принято более 20 законодательных актов, каждый из которых регулирует определённые общественные отношения в соответствующих направлениях науки и образования.

Определено, что правовую основу законодательства в сфере науки и образования составляют прежде всего Конституция Республики Таджикистан и Закон Республики Таджикистан «Об образовании». Указанные нормативные правовые акты выступают основными источниками права для разработки и реализации иных нормативных правовых актов данной сферы.

Результаты исследования свидетельствуют о том, что одним из важных достижений национального законодательства в сфере науки и образования является правовое регулирование всех уровней образования. В частности, для каждого уровня образования приняты отдельные законодательные акты, в которых вопросам обучения, воспитания и развития языка отведено значительное место. В этой связи дошкольное и общее образование рассматриваются как приоритетные направления образовательной системы.

Проведённый анализ показал, что во всех исследованных законах предусмотрены конкретные правовые гарантии изучения и использования государственного языка, а также его дальнейшего развития.

Ключевые слова: право, язык, языковые права, государственный язык, языковая политика, образование, наука, таджикский язык, обучение, воспитание, Конституция Республики Таджикистан, законодательство, нормативные правовые акты, правовые нормы, международное право.

LANGUAGE RIGHTS UNDER THE LAWS GOVERNING SCIENCE AND EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the place and significance of language rights provisions in the legislation of the Republic of Tajikistan governing the fields of science and education. The study revealed that more than twenty legislative acts have been developed and adopted in the sphere of science and education, each regulating specific social relations within particular areas of these sectors.

The research establishes that the legal foundation of legislation in the fields of science and education is primarily based on the Constitution of the Republic of Tajikistan and the Law of the Republic of Tajikistan “On Education.” These legal instruments serve as the principal sources for the development and implementation of other regulatory legal acts in this domain.

The findings indicate that one of the major achievements of national legislation in the sphere of science and education is the comprehensive legal regulation of all levels of education. In particular, separate legislative acts

have been adopted for each educational level, where issues related to teaching, upbringing, and language development occupy an important place. In this regard, preschool and general education are regarded as priority components of the national education system.

The analysis demonstrates that all examined laws provide specific legal guarantees for the study and use of the state language, as well as for its preservation and further development.

Keywords: law, language, language rights, state language, language policy, education, science, Tajik language, teaching, upbringing, Constitution of the Republic of Tajikistan, legislation, regulatory legal acts, legal norms, international law.

Дар бораи муаллиф
Насимов Нуриддин Исоевич
доктори илмҳои филологӣ,
раиси Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон-«Пайванд»
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru.

Об авторе
Насимов Нуриддин Исоевич
доктор филологических наук, председатель
Испольнительного комитета
Ассоциации таджиков и персоязычных народов мира-«Пайванд».
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru.

About the author
Nasimov Nuriddin Isoevich
Doctor of Philological Sciences,
Chairman of the Executive committee
Association of Tajik and persian-speakers of the world-«Payvand».
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru

ТДУ 346.26:69

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТМОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Раҳмонзода Ш.

Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

Фаъолияти соҳибкор дар соҳаи сохтмон яке аз муҳимтарин бахшҳои иқтисоди миллӣ дар ҳамаи давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) боқӣ мемонад. Ин соҳа на танҳо ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад, балки ҳамзамон ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба монанди таъмини аҳолӣ бо манзили муосир, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, энергетика ва иҷтимоӣ, инчунин беҳтар гардондани шароити зиндагии шаҳрвандонро таъмин менамояд [7, с. 15–18; 14, с. 7].

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи давлатҳои ИДМ роҳи ташаккули низомҳои миллии ҳуқуқии худро дар соҳаи шаҳрсозӣ ва сохтмон пеш гирифтанд. Дар баробари ин, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар чаҳорчӯби ИДМ, Созмони иқтисодии Авруосиё ва дигар сохторҳои минтақавӣ имкон доданд, ки қисман унсурҳои умумии танзим нигоҳ дошта шаванд, аз ҷумла стандартҳои техникӣ, талабот ба бехатарӣ ва принсипҳои асосии шартномаҳои сохтмонӣ [3, с. 8–12; 18, с. 5–7].

Аммо дар амал, низомҳои ҳуқуқии давлатҳои ИДМ дар соҳаи танзими соҳибкории сохтмонӣ гуногунанд: дар баъзе давлатҳо (Русия, Қазоқистон, Беларус) қонунгузории мукаммал ва муосир ташаккул ёфтааст, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг шудааст [1, с. 25–30; 4, с. 40–45]; дар дигарҳо (Қирғизистон, Узбекистон ва ғайра) қонунҳои асосӣ ҳанӯз аз солҳои 90-ум ва ибтидои 2000-ум боқӣ мондаанд ва ислоҳоти ҷиддӣ талаб мекунанд [5, с. 10–15; 8, с. 12–18]; дар баъзе ҳолатҳо (Туркманистон, Арманистон) қонунгузорӣ бештар ба ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва назорати марказӣ равона шудааст [9, с. 20; 10, с. 15].

Мушкилоти умумие, ки аксарияти давлатҳои ИДМ бо он рӯ ба рӯ ҳастанд, инҳоянд: норасоии стандартҳои ягонаи техникӣ ва шаҳодатномадиҳии маводҳои сохтмонӣ дар сатҳи ИДМ [13, с. 12–15]; паҳншавии шартномаҳои сохтмонӣ бо шартҳои ноодилона ва сӯиистифода аз ҳолати зиддиинҳисории паймонкорони калон [15, с. 4–6; 16, с. 60–65]; заифии механизми ҳифзи ҳуқуқҳои харидорони манзил ва сармоягузорони хурд; сатҳи нокифояи масъулияти касбии муҳандисон, паймонкорон ва корфармоён дар ҳолати ҳодисаҳои фавт ва фурӯ рехтани биноҳо [6, с. 80–85]; камбуди ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ дар масъалаҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва ҳалли низоъҳо [3, с. 15–18; 18, с. 10–12].

Федератсияи Русия дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз ҷиҳати ташаккулёбии низоми ҳуқуқии мукаммал ва муосир дар соҳаи шаҳрсозӣ ва сохтмон пешсаф ба ҳисоб меравад. Асоси ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар Русия Кодекси шаҳрсозии Федератсияи Росия мебошад, ки соли 2004 қабул гардида, то соли 2025 борҳо ислоҳ ва мукаммал карда шудааст [1, с. 25–35; 7, с. 40–55]. Кодекси шаҳрсозӣ ҳамчун қонуни асосӣ тамоми занҷираи раванди шаҳрсозӣ ва сохтмонро фаро мегирад, яъне аз таҳияи ҳуҷҷатҳои нақшаи шаҳрсозӣ то иҷрои корҳои сохтмонӣ, қабули объектҳо ба истифода ва масъулияти иштирокчиёни фаъолият [1, с. 40–50].

Муҳимтарин институтҳо ва принсипҳои танзим дар Кодекси шаҳрсозӣ ин муқаррарот мебошанд:

1. Системаи ҳуҷҷатҳои нақшаи шаҳрсозӣ. Кодекс ҳуҷҷатҳои ҳатмии зеринро муқаррар мекунад: Нақшаи генералии шаҳр/ноҳия; Қоидаҳои истифодаи замин ва сохтмон; Ҳуҷҷатҳои банақшагирии ҳудуд, аз ҷумла лоиҳаи банақшагирӣ ва лоиҳаи тақсимоти замин; Регламенти шаҳрсозӣ [1, с. 55–70; 7, с. 60–75]. Ин ҳуҷҷатҳо барои ҳамаи соҳибкорон ҳатмӣ мебошанд ва бе онҳо гирифтани иҷозати сохтмон ғайриимкон аст.

2. Иҷозатдиҳии сохтмон. Иҷозати сохтмон ҳуҷҷати асосӣ барои оғози корҳои сохтмонӣ мебошад. Он ба асоси ҳуҷҷатҳои нақшаи шаҳрсозӣ ва лоиҳаи корӣ дода мешавад [1, с. 80–95]. Аз соли 2018 дар Русия системаи тартиби огоҳӣ барои объектҳои инфиродии манзили истиқоматӣ ва биноҳои хурд ҷорӣ карда шуд, ки ба содагардонии фаъолияти соҳибкорони хурд мусоидат кард [7, с. 90–100].

3. Экспертизаи давлатии лоиҳаҳо. Барои аксари объектҳои капиталӣ экспертизаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ (бо аккредитатсия) ҳатмӣ аст. Экспертиза сифати лоиҳа, мувофиқати он ба талаботҳои техникӣ, бехатарӣ ва муҳити зистро тафтиш мекунад [1, с. 110–125].

4. Масъулияти иштирокчиёни фаъолият. Кодекс масъулияти шаҳрвандӣ, маъмурӣ ва дар ҳолатҳои вазнин ҷиноятиро барои вайронкунии қоидаҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон пешбинӣ мекунад. Хусусан муҳим аст институти ташкилотҳои худтанзимкунанда, яъне иттиҳодияҳои касбии паймонкорон, тарроҳон ва муҳандисони назоратӣ аз соли 2009 ҷорӣ шудааст [6, с. 120–140; 16, с. 80–95]. Узвият дар ин ташкилотҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои муайян ҳатмӣ гардидааст.

5. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон. Муносибатҳои байни фармоишгар ва пудратчӣ асосан бо моддаҳои 740–757 Кодекси мадании Федератсияи Росия ва қоидаҳои Кодекси шаҳрсозӣ танзим мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дорои хусусиятҳои махсус аст ва бояд ҳатман шакли хаттӣ дошта бошад [16, с. 50–70; 15, с. 6–8].

Дастовардҳои Федератсияи Росия дар соҳаи сохтумон дар он аст, ки системаи мукаммали ҳуҷҷатгузорӣ ва назорат таъсис ёфта, механизмҳои электронӣ (портали Госуслуги, ФГИС КС, ЕГРН) ҷорӣ шуда, мӯҳлати гирифтани иҷозатҳо дар солҳои охир кам гардида, масъулияти касбӣ тавассути ташкилотҳои худтанзимкунанда ва экспертиза баланд бардошта шудааст [7, с. 120–140; 14, с. 10–12].

Дар баробари дастовардҳо чунин мушкилотҳо низ ҷой доранд: масоили бюрократӣ дар баъзе минтақаҳо ҳанӯз боқӣ мондаанд; сатҳи баланди коррупсия дар марҳилаҳои иҷозатдиҳӣ ва қабули объектҳо (гарчанде коҳиш ёфтааст); норасоии ҳамоҳангӣ байни талаботҳои Кодекси шаҳрсозӣ ва Кодекси маданӣ дар баъзе ҳолатҳо [17, с. 180–200].

Низоми ҳуқуқии Русия дар соҳаи сохтмон ҳамчун яке аз пешрафта дар фазои ИДМ арзёбӣ мешавад ва барои аксари давлатҳои пасошӯравӣ (аз ҷумла Тоҷикистон) метавонад ҳамчун намунаи ислоҳот хизмат кунад. Хусусан дар самти ҷорӣ кардани системаи ягонаи иҷозатдиҳӣ, экспертизаи лоиҳаҳо ва таъсиси иттиҳодияҳои касбӣ.

Дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷиҳати ташаккулёбии низомҳои ҳуқуқии мукаммал ва муосир дар соҳаи шаҳрсозӣ ва сохтмон ба Русия наздиктарин ҷойро ишғол мекунанд. Ҳар ду давлат қонунҳои асосии худро дар солҳои аввали истиқлолият қабул кардаанд, аммо онҳоро дар даврaҳои минбаъда борҳо ислоҳ ва мукаммал намудаанд, ки ин ба ҳамоҳангсозии қисман бо стандартҳои Русия ва талаботҳои байналмилалӣ мусоидат кардааст [3, с. 10–14; 13, с. 12–15].

Асоси ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар Беларус Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Беларус» мебошад, ки соли 2004 қабул гардидааст ва то соли 2025 борҳо тағйиротҳои ҷиддӣ дидааст [2, с. 20–35]. Махсусиятҳои ин қонун чунинанд: барои ҳамаи объектҳои капиталӣ иҷозати сохтмон ва иҷозати қабул ба истифода ҳатмӣ аст. Ин иҷозатҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллии иҷроия ва сохтмонӣ дода мешаванд [2, с. 40–50]; барои аксари объектҳо экспертизаи давлатии лоиҳаҳо ҳатмӣ буда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои аккредитатсияшуда гузаронида мешавад. Ин механизми назорат сифати лоиҳа ва мувофиқати он ба талаботҳои бехатарӣ ва меъёрҳои экологӣро таъмин мекунад [2, с. 55–65]; аз соли 2010 дар Беларус системаи иттиҳодияҳои касбӣ барои паймонкорон ва тарроҳон ҷорӣ карда шудааст. Узвият дар чунин иттиҳодия барои иштирок дар лоиҳаҳои муайян ҳатмӣ гардидааст [3, с. 12–15]; муносибатҳои байни фармоишгар ва пудратчӣ асосан бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Беларус ва қоидаҳои махсуси қонуни мазкур танзим мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки қонунгузории Беларус нисбат ба Русия дар ҳифзи ҳуқуқҳои фармоишгар каме қавитар аст, хусусан дар масъалаҳои назорати сифат ва мӯҳлатҳо [15, с. 5–7].

Низоми сохтумонии Беларус хусусияти марказонидашуда дошта, назорати давлатӣ дар тамоми марҳилаҳо хеле қавӣ аст, ки ин ҳамзамон ҳам суръати сохтмонро коҳиш медиҳад ва ҳам сатҳи бехатариро баланд мебардорад.

Асоси ҳуқуқии муносибатҳои сохтумонӣ дар Қазоқистон Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» мебошад, ки соли 2001 қабул шуда, то соли 2025 ислоҳотҳои зиёде дидааст [4, с. 30–50]. Махсусиятҳои ин қонун дар он аст, ки монанди Русия, системаи ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ вуҷуд дорад (нақшаи генералӣ, нақшаи муфассал, қоидаҳои сохтмон ва ғайра); аз соли 2015 дар шаҳрҳои Остана ва Алмаато системаи электронӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва гирифтани иҷозатҳо (e-Gov) пурра ҷорӣ шудааст [4, с. 60–75], иҷозати сохтмон барои объектҳои калон ва миёна ҳатмӣ аст. Барои манзилҳои инфиродӣ аз соли 2020 тартиби огоҳинома ҷорӣ гардидааст, ки ба соҳибкорони хурд мусоидат кардааст [4, с. 80–90], экспертизаи давлатӣ барои объектҳои муҳим ҳатмӣ аст. Аз соли 2018 баъзе намудҳои лоиҳаҳо метавонанд экспертизаи ғайридавлатиро (бо аккредитатсия) гузаронанд, ки ин ба рақобат ва суръатбахшӣ мусоидат кардааст [13, с. 14–16], Қонун талаботи қатъӣ ба кафолати сифати корҳо (аз 2 то 10 сол вобаста ба намуди объект) муқаррар кардааст. Дар ҳолати вайронкунӣ масъулияти муштарак пешбинӣ шудааст [4, с. 95–100].

Қазоқистон дар солҳои охир ба содагардонии тартиботҳои иҷозатдиҳӣ ва рақамизатсияи равандҳо диққати махсус додааст, ки ин ба афзоиши суръати ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидат кардааст.

Дар ҳар ду давлат унсурҳои мусбати зиёде доранд, ки барои Тоҷикистон метавонанд ҳамчун намуна хизмат кунанд. Аз ҷумла системаи ягонаи иҷозатдиҳӣ, экспертизаи лоиҳаҳо, кафолатҳои

сифат ва рақамигардонии равандҳо (махсусан таҷрибаи Қазоқистон дар ин самт пешрафтатар аст) [3, с. 15–18; 13, с. 15–17].

Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳастанд, низомҳои ҳуқуқии танзими соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон хусусиятҳои умумӣ доранд. Яъне дар ҳар ду давлат қонунҳои асосии соҳаи сохтмон дар солҳои аввали истиқлолият (солҳои 1990-ум ва ибтидои 2000-ум) қабул кардаанд ва ислоҳоти ҷиддии онҳо нисбат ба Русия, Беларус ва Қазоқистон хеле камтар сурат гирифтааст. Ин вазъият боиси он гардидааст, ки дар ҳар ду кишвар мушкилоти умумии норасоии шаффофият, заифии масъулияти касбӣ ва нокифоии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон (харидорони манзил) ҳанӯз ҳал нашудаанд [5, с. 12–18; 8, с. 15–20; 13, с. 14–16].

Асоси ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар Қирғизистон Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ» мебошад, ки соли 1998 қабул шудааст ва то соли 2025 ислоҳоти ҷиддӣ надидааст [5, с. 10–25]. Муҳимтарин муқаррароти ин қонун чунинанд: Қонун асосан ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меъморон, тарроҳон ва муҳандисон диққат медиҳад, аммо танзими муфассали раванди сохтмон (иҷозатдиҳӣ, назорат, қабул ба истифода) дар он камтар инъикос ёфтааст [5, с. 30–40]; иҷозати сохтмон аз ҷониби мақомоти маҳаллии шаҳрдорӣ ва сохтмон дода мешавад, аммо тартиби ягонаи миллӣ ва системаи электронӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст. Дар амал, дар шаҳрҳои калон (Бишкек, Ош) мушкилоти зиёди бюрократӣ ва коррупсионӣ вуҷуд доранд [13, с. 15]; Қонун масъулияти меъморонро дар ҳолати хатоҳои тарҳрезӣ муайян мекунад, аммо механизми воқеии иҷрои ин масъулият (ҷазои молӣ, касбӣ ё ҷиноятӣ) заиф аст. Дар адабиёти илмӣ қайд мешавад, ки норасоии низоми ташкилоти худфаъолияти касбӣ ва кафолатҳои сифат яке аз мушкилоти асосӣ мебошад [15, с. 7–9]; дар Қирғизистон то соли 2025 қонуни махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хурд ва харидорони манзил вуҷуд надорад. Аксари муносибатҳо бо шартномаҳои сохтмони ҳиссагӣ танзим мешаванд, ки ҳуқуқҳои харидоронро кофӣ ҳифз намекунанд. Низоми ҳуқуқии Қирғиситон нисбат ба ҳамсояҳои шимолӣ (Қазоқистон) ва шарқӣ (Русия) камтар мукаммал буда, ислоҳоти фаврӣ дар самти рақамикунонӣ, муқаррар кардани кафолатҳои сифат ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро талаб мекунад.

Асоси ҳуқуқӣ муносибатҳои сохтмонӣ дар Узбекистон Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ» мебошад, ки соли 1995 қабул гардидааст ва то соли 2025 тағйироти ҷиддӣ надидааст [8, с. 10–25]. Хусусиятҳои асосии низоми сохтумонӣ дар он аст, ки дар Узбекистон назорати давлатӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ ва сохтмон хеле қавӣ аст. Ҳамаи лоиҳаҳои калон ва миёна аз ҷониби Вазорати сохтмон ва шаҳрсозӣ ва мақомоти маҳаллӣ тасдиқ мешаванд [8, с. 30–40]. Экспертизаи давлатии лоиҳаҳо барои аксари объектҳо ҳатмӣ аст, аммо системаи экспертизаи ғайридавлатӣ ҳанӯз рушд наёфтааст. Дар солҳои охир (2020) кӯшишҳо барои содагардонии тартиботҳо сурат гирифтаанд, вале натиҷаҳо ҳанӯз маҳдуданд [13, с. 16–18]. Дар Узбекистон низ қонуни махсуси танзими сармоягузории ғайридавлатӣ ба сохтмони манзил вуҷуд надорад. Аксари лоиҳаҳои истиқоматӣ бо шартномаҳои сохтмони ҳиссагӣ ё тавассути ширкатҳои давлатӣ амалӣ мешаванд, ки ин ҳуқуқҳои харидоронро кофӣ ҳифз намекунад. Аз соли 2018–2020 дар Узбекистон барномаҳои ислоҳотӣ оғоз шудаанд, аз ҷумла ҷорӣ кардани «Портали ягонаи идоракунии сохтмон» ва коҳиш додани шумораи иҷозатҳо, аммо ин раванд нисбат ба Қазоқистон хеле сусттар пеш меравад. Ҳар ду низом дар муқоиса бо Русия, Беларус ва Қазоқистон камтар мукаммаланд ва ислоҳоти фаврӣ дар самти: ҷорӣ кардани қонуни махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хурд ва харидорони манзил; рақамикунонии тартиботҳои иҷозатдиҳӣ; муқаррар кардани кафолатҳои сифат ва масъулияти касбӣ; таъсиси иттиҳодияҳои касбиро талаб мекунанд.

Туркманистон, Арманистон, Озарбойҷон ва Молдова аз ҷиҳати дараҷаи мукаммалшавии қонунгузорӣ, сатҳи марказонишавӣ ва ислоҳотҳои охир хеле гуногунанд, аммо ҳамаи онҳо ҳанӯз аз қонунҳои асосии солҳои 1990–2000-ум истифода мебаранд, ки дар аксари ҳолатҳо ислоҳоти ҷиддӣ надидаанд [9, с. 18–25; 10, с. 15–22; 11, с. 20–28; 12, с. 12–18].

Асоси ҳуқуқӣ муносибатҳои сохтмонӣ дар Туркманистон Қонуни Туркманистон «Дар бораи шаҳрсозӣ» мебошад, ки соли 2013 қабул шудааст ва нисбат ба баъзе қонунҳои дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ каме навтар аст [9, с. 20–35]. Махсусияти он чунин аст, ки назорати давлатӣ хеле қавӣ ва марказонидашуда аст. Ҳамаи лоиҳаҳои калон ва миёна аз ҷониби мақомоти марказӣ (Вазорати сохтмон ва меъмаорӣ, ҳукумати вилоятҳо) тасдиқ мешаванд. Иҷозати сохтмон ва қабул ба истифода аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешаванд ва тартиби онҳо қатъӣ ва бюрократӣ аст. Қонун ба масъалаҳои шаҳрсозӣ ва нақшаи умумии рушди шаҳрҳо диққати бештар медиҳад, аммо танзими муфассали шартномаҳои сохтмонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои харидорони манзил дар он заиф инъикос ёфтааст. Дар амал, аксари лоиҳаҳои калон бо иштироки мустақими давлат ё ширкатҳои давлатӣ амалӣ мешаванд, ки ин рақобати соҳибкории хусусиро маҳдуд мекунад [13, с. 16].

Низоми Туркманистон аз ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва назорати марказӣ пешрафта ба ҳисоб меравад, аммо барои рушди соҳибкории хусусӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ маҳдудиятҳои ҷиддӣ дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ», ки соли 2002 қабул шудааст [10, с. 15–30] асосан ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меъморон ва тарроҳон равона шудааст, аммо тартиби муфассали иҷозатдиҳӣ ва назорати сохтмон дар қонунҳои иловагӣ ва қарорҳои ҳукумат муайян карда шудаанд. Дар Ереван ва дигар шаҳрҳои калон системаи иҷозатдиҳӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ (шаҳрдорӣ) идора мешавад, вале дар амал мушкилоти зиёди бюрократӣ ва таъхирҳо вуҷуд доранд. Аз соли 2020 кӯшишҳо барои ҷорӣ кардани «кадастри шаҳрсозии электронӣ» ва содагардонии баъзе тартиботҳо сурат гирифтаанд, аммо пешрафт суст аст. Масъулияти касбӣ ва кафолати сифати корҳо дар қонунгузорӣ заиф инъикос ёфта, дар амал бештар аз шартномаҳои байни тарафҳо вобаста аст [15, с. 6–8].

Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ», соли 1998 қабул шуда [11, с. 20–35], низом хеле марказонидашуда аст. Дар Боку ва минтақаҳои нафтӣ аксари лоиҳаҳои калон аз ҷониби мақомоти марказӣ (Кумитаи шаҳрсозӣ ва меъморӣ) идора мешаванд. Иҷозатдиҳӣ ва экспертизаи лоиҳаҳо қатъӣ буда, барои лоиҳаҳои калон мӯҳлатҳои дароз талаб мекунад. Пас аз соли 2015 дар доираи барномаҳои рушди Боку ва минтақаҳои нафтӣ баъзе ислоҳотҳо (аз ҷумла ҷорӣ кардани тартиботҳои электронӣ дар баъзе самтҳо) сурат гирифтаанд, аммо дар маҷмӯъ қонунгузорӣ ҳанӯз аз солҳои 90-ум боқӣ мондааст. Ҳифзи ҳуқуқҳои харидорони манзил ва сармоягузорони хурд дар қонунгузорӣ қариб инъикос наёфтааст [13, с. 17].

Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи фаъолияти меъморӣ», ки соли 1992 қабул шудааст ва яке аз қадимтарин санадҳо дар ИДМ мебошад [12, с. 10–25]. Чунки муқаррароти он хеле кӯҳна буда, аксаран ба ҳуқуқҳои меъморон ва тарроҳон диққат медиҳад, аммо тартиби муфассали сохтмон ва шаҳрсозӣ дар он кам инъикос ёфтааст. Дар Кишинёв ва дигар шаҳрҳо иҷозатдиҳӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ идора мешавад, вале системаи ягонаи электронӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Аз соли 2020 дар доираи ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Аврупо баъзе ислоҳотҳо (масалан, мувофиқсозӣ бо стандартҳои Аврупоӣ дар самти самаранокии энергетикӣ ва бехатарӣ) оғоз шудаанд, аммо пешрафт маҳдуд аст. Масъулияти касбӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар қонунгузорӣ заифанд [13, с. 18].

Ин чаҳор давлат дар маҷмӯъ нисбат ба Русия, Беларус ва Қазоқистон камтар мукаммаланд ва ислоҳоти системавӣ дар самти рақамикунонӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, муқаррар кардани кафолатҳои сифат ва масъулияти касбӣ талаб мекунанд.

Барои Тоҷикистон ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бе ислоҳоти ҷиддӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо давлатҳои пешрафтаи ИДМ (Русия, Қазоқистон) мушкилоти норасоии шаффофият, таъхирҳо ва ҳифзи заифи ҳуқуқҳои харидорон идома меёбанд [13, с. 18–20; 18, с. 12–15].

Таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии танзими соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки қонунгузории Тоҷикистон аз Русия, Беларус ва Қазоқистон ҳанӯз ҳам қафо мондааст [13, с. 15–18; 3, с. 12–16].

Бо назардошти воқеияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сатҳи рушди инфрасохтор дар Тоҷикистон (афзоиши тези сохтмони манзилӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, мушкилоти фиребҳои сохтмонӣ ва ҳодисаҳои фавт), пешниҳодҳои зерин барои ислоҳоти системавӣ пешниҳод мешаванд. Ин пешниҳодҳо аз таҷрибаи пешрафтаи Русия ва Қазоқистон гирифта шудаанд, вале ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд.

1. Таҳия ва қабули қонуни махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон ва харидорони манзил, яъне қабули қонуни алоҳида бо номи «Дар бораи танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори манзил ва ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни сохтмони муштарак»; ҷорӣ кардани сабти номи ҳатмии лоиҳаҳои сохтмонии истиқоматӣ (ҳаҷми беш аз 1000 м² ё зиёда аз 8 воҳид) дар мақоми ягонаи давлатӣ пеш аз оғози фурӯш ва таблиғот; талаби ҷудо нигоҳ доштани маблағҳои харидорон дар ҳисоби махсуси бонкӣ (escrow account) , ки на камтар аз 60–70% маблағҳои қисман пардохтшуда фақат барои ҳамон лоиҳа истифода мешаванд; муқаррар кардани ҷуброни ҳатмӣ барои таъхир (фоизи ҳаррӯзаи муайян, масалан 0,05–0,1%) ва ҳуқуқи бекор кардани шартнома бо баргардонидани пурраи маблағ бо иловаи фоиз; таъсиси Портали ягонаи электронӣ барои нашри маълумотҳои пурраи лоиҳаҳо, ҷадвалҳои корӣ, ҳолати пешрафт ва ҳисоботҳои молиявӣ.

2. Такмили низоми иҷозатдиҳӣ, экспертиза ва назорат, яъне ҷорӣ кардани тартиби огоҳинома барои манзилҳои инфиродӣ ва биноҳои хурд (то 3 ошёна), ҳамчун дар Русия ва Қазоқистон аз солҳои 2018–2020; таъсиси системаи ягонаи электронӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва гирифтани иҷозатҳо (бо истифодаи таҷрибаи e-Gov-и Қазоқистон) бо мӯҳлати муайяншуда (на зиёда аз 15–20 рӯз барои лоиҳаҳои оддӣ); ҳатмӣ гардондани экспертизаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ (бо аккредитатсия) барои объектҳои миёна ва калон, бо имкони интихоби экспертизаи ғайридавлатӣ барои рақобат ва суръатбахшӣ; таъсиси системаи назорати марҳила ба марҳила бо имзои сертификатҳои муҳандисони

масъул дар ҳар марҳилаи асосӣ (таҳкурсӣ → сохтори асосӣ → анҷоми корҳои берунӣ → анҷоми дохилӣ).

3. Баланд бардоштани масъулияти касбӣ ва таъсиси иттиҳодияҳои касбӣ, яъне таъсиси системаи сатҳбандии иҷозатномаҳои соҳибкорӣ (3–4 сатҳ – барои лоиҳаҳои хурд, миёна, калон ва махсус) бо талабот ба таҷриба, кадрҳои мутахассис ва таҷҳизот; ҷорӣ кардани иттиҳодияҳои худтанзимкунанда барои паймонкорон, тарроҳон ва муҳандисони назоратӣ (бо моделҳои Русия ва Беларус), ки узвият дар онҳо барои иштирок дар лоиҳаҳои муайян ҳатмӣ мешавад; муқаррар кардани масъулияти касбии якумра барои муҳандисони тарҳрез ва масъулини назорат дар ҳолатҳои ҳодисаҳои вазнин (фурӯ рехтани бино, фавти одамон аз сабаби хатоҳои тарҳрезӣ ё сохтмонӣ); таъсиси Фонди миллӣ барои ҳифзи иҷтимоии кормандони сохтмон тавассути андози махсус (1–2% аз арзиши сохтмон) барои кӯмакҳои тиббӣ, маъюбӣ ва нафақа.

Ин пешниҳодҳо на танҳо мушкилоти фаврии Тоҷикистонро (фиребҳои харидорон, таъхирҳои тӯлонӣ, сифати пасти корҳо, ҳодисаҳои фавт) ҳал мекунанд, балки соҳаи сохтмонро ба сатҳи навтари рақобатпазирӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ мебардоранд.

Адабиёт

1. Кодекси шаҳрсозии Федератсияи Росия / Государственная Дума РФ. - Москва : Издательство Государственной Думы, 2004. - 150 с.
2. Закон Республики Беларусь "О архитектурной, градостроительной и строительной деятельности в Республике Беларусь" / Национальное собрание РБ. - Минск : Министерство архитектуры и строительства, 2004. - 80 с.
3. Белкин, Д.С. Международно-правовое сотрудничество в сфере строительства / Д.С. Белкин // Вестник международного права. - 2025. - С. 1-25.
4. Закон Республики Казахстан "Об архитектурной, градостроительной и строительной деятельности в Республике Казахстан" / Парламент РК. - Астана : Министерство индустрии и инфраструктурного развития, 2001. - 100 с.
5. Закон Кыргызской Республики "Об архитектурной деятельности" / Жогорку Кенеш КР. - Бишкек: Министерство строительства, 1998. - 60 с.
6. Бевзенко, Р.С. Вещное обеспечение в строительстве / Р.С. Бевзенко // Монография. - Москва: Статут, 2023. - 200 с.
7. Болтанова Е.С. Градостроительное право России / Е.С. Болтанова // Монография. - Томск : Издательство ТГУ, 2020. - 180 с.
8. Закон Республики Узбекистан "Об архитектурной деятельности" / Олий Мажлис РУ. - Ташкент : Министерство строительства, 1995. - 50 с.
9. Закон Туркменистана "О градостроительстве" / Меджлис Туркменистана. - Ашгабат : Министерство строительства, 2013. - 65 с.
10. Закон Республики Армения "Об архитектурной деятельности" / Национальное собрание РА. - Ереван: Министерство градостроительства, 2002. - 55 с.
11. Закон Азербайджанской Республики "Об архитектурной деятельности" / Милли Меджлис АР. - Баку: Министерство строительства, 1998. - 60 с.
12. Закон Республики Молдова "Об архитектурной деятельности" / Парламент РМ. - Кишинев: Министерство регионального развития, 1992. - 50 с.
13. Предеус, Я.В. Проблемы стандартизации в строительстве в странах СНГ / Я.В. Предеус // Экономика и бизнес. - 2009. - С. 10-20.
14. Пинчук, В.Н. Россия на мировом рынке строительных услуг / В.Н. Пинчук // Экономика и бизнес. - 2024. - С. 5-15.
15. Кирсанов, А.Н. Зарубежный опыт правового регулирования договора строительного подряда / А.Н. Кирсанов // Право и управление. - 2020. - С. 1-10.
16. Заяханов, Г.М. Договор строительного подряда в российском гражданском праве / Г.М. Заяханов // Монография. - Москва : Издательство МГУ, 2007. - 150 с.
17. Алексеев, С.С. Теория государства и права в строительстве / С.С. Алексеев // Монография. - Екатеринбург : Издательство УрО РАН, 2000. - 250 с.
18. Белкин, Д.С. Правовые формы интеграции в международном строительном контрактном праве / Д.С. Белкин // Nota Bene. - 2025. - С. 1-20.
19. Бегадзе, Г.Ш. Особенности трансформации мирового рынка строительных услуг / Г.Ш. Бегадзе // Диссертация. - Москва: ГУУ, 2015. - 187 с.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТМОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Мақола ба таҳлили муқоисавии танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бахшида шудааст. Муаллиф низомҳои асосии ҳуқуқии Русия, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Туркманистон, Арманистон, Озарбойҷон ва Молдова, ислоҳотҳои охир, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва кормандон, масъулияти касбӣ, шаффофият ва ҳамоҳангсозии

байнидавлатиро баррасӣ менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон доданд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардад: қабули қонуни махсус оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои харидорони манзил, ҷорӣ кардани ҳисоби эскроу, системаи сатҳбандии иҷозатномаҳо, назорати марҳила ба марҳила, масъулияти якумраи касбӣ ва марҳилавии гузариш ба моделсозии иттилоотии бино (BIM). Мақола барои таҳқиқотчиён, ҳуқуқшиносон ва мақомоти қонунгузор манфиатбахш аст.

Калидвожаҳо: танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ, соҳаи сохтмон, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, масъулияти касбӣ, ҳисоби эскроу, моделсозии иттилоотии бино, ислоҳоти қонунгузорӣ, Тоҷикистон.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СФЕРЕ СТРОИТЕЛЬСТВА В ГОСУДАРСТВАХ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

Статья посвящена сравнительному анализу правового регулирования предпринимательской деятельности в сфере строительства в государствах Содружества Независимых Государств. Автор рассматривает основные правовые системы России, Беларуси, Казахстана, Кыргызстана, Узбекистана, Туркменистана, Армении, Азербайджана и Молдовы, последние реформы, защиту прав потребителей и работников, профессиональную ответственность, прозрачность и межгосударственную гармонизацию. Результаты исследования позволили выработать конкретные предложения для Республики Таджикистан: принятие специального закона о защите прав покупателей жилья, введение эскроу-счетов, системы уровневого лицензирования, поэтапного контроля, пожизненной профессиональной ответственности и постепенного перехода к информационному моделированию зданий (BIM). Работа будет полезна исследователям, юристам и законодателям.

Ключевые слова: правовое регулирование предпринимательства, сфера строительства, Содружество Независимых Государств, защита прав потребителей, профессиональная ответственность, эскроу-счёт, BIM, законодательная реформа, Таджикистан.

LEGAL REGULATION OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE CONSTRUCTION SECTOR IN THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES COUNTRIES

The article is devoted to a comparative analysis of the legal regulation of entrepreneurial activity in the construction sector in the member states of the Commonwealth of Independent States. The author examines the main legal systems of Russia, Belarus, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Uzbekistan, Turkmenistan, Armenia, Azerbaijan and Moldova, recent reforms, protection of consumer and worker rights, professional liability, transparency and interstate harmonization. The research findings have made it possible to develop specific recommendations for the Republic of Tajikistan: adoption of a special law on the protection of housing buyers' rights, introduction of escrow accounts, a tiered licensing system, phased control, lifelong professional liability and gradual transition to Building Information Modeling (BIM). The work will be useful for researchers, legal scholars and legislators.

Keywords: legal regulation of entrepreneurship, construction sector, Commonwealth of Independent States, consumer rights protection, professional liability, escrow account, BIM, legislative reform, Tajikistan.

Дар бораи муаллиф
Раҳмонзода Шаҳбоз Исмоил
Унвончӯи шуъбаи илмҳои ҳуқуқи хусусӣ
Институти давлат ва ҳуқуқ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, х. Рӯдакӣ, 33.

Об авторе
Рахмонзода Шахбоз Исмоил
соискатель отдела частного права
Институт государства и права
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33.

About the Author
Rahmonzoda Shahboz Ismoil
Applicant (Researcher), Department of Private Law
Institute of State and Law
National Academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan.

ТДУ 340.1(575.3)

ТАМОЮЛИ РУШДИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Олимзода Д.А., Нуров Ф.Б.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократиро интихоб намуда, арзишҳои асосии ин давлатро ҳам дар Конститутсияи кишвар ва ҳам дар қонунгузории соҳавии он инъикос намуд. Махсусан дар ин замина ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон - ҳамчун яке аз принсипҳои муайянкунандаи волоияти қонун ҷой дорад [4, с. 26]. Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст ва дар моддаи 6-ум муқаррар намудааст, ки аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд. Инчунин дар қисми 2-юми моддаи 64-ум пешбинӣ менамояд, ки Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад [1].

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 1994) сарчашмаи тамоми қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ, низоми ҳуқуқии миллиро инъикос менамояд. Ин гуфтаҳо ба он асос мегардад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ қайд менамояд, ки «Мо таҷрибаи ҷаҳонии давлатдорӣ, омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва миллию фарҳангии мамлакатро дар марҳилаи гузаштаву имрӯза омӯхта, роҳи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб кардем» [3, с. 368]. Аз оғози ба сари ҳокимият омадани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президент Эмомалӣ Раҳмон фаъолиятҳои сиёсии эшон бо андешаи «мо (тоҷикон) кистем, аз куҷоем ва дар паи чистем», «мо бояд асли худро донем, аз таърихи миллатамон ва хидмати аҷдоди хеш дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ огоҳ бошем», тавъам буд ва дар се мафҳуми калидӣ: худшиносии миллӣ, меҳанпарастӣ ва давлатдории миллӣ фалсафа ва ҷавҳари назариёти Президент дар касби Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон гунҷоиш ёфт, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон бори нахуст арзишҳо ва манофеъи миллиро дар сатҳи олӣ ба ин вусъат ва густардагӣ расмият бахшид [7, с. 662].

Бояд қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти олимартабаи таърихии миллат мебошад, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми ҳуқуқи миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши назарасро дар рушд ва мустаҳакам намоии қонунгузории миллӣ гузоштааст. Чи тавре, ки Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин Владимирович, қайд намудааст, Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷастаи ҷаҳонӣ буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ мамлакате дида намешавад. Ҳар он чӣ оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳои мамолики давлатҳои дигар [5, с. 604].

Ҳамин аст, ки дар таърихи навини халқи тоҷик ба шарофати сиёсати хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ташаккулу таҳаввул ёфтани давлатдории миллӣ, эҳёи дубораи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёду тамаддунофарамон, ки яке аз пурарзиштарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мегардад, ва дар даврони истиқлолияти кишвари азизамон низоми ҳуқуқии милиамон марҳила ба марҳила дар ҳолати рушд қарор дорад. Дар ин даврaҳо чандин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи аз қабили Конститутсия, қонунҳои конститутсиони, қонунҳо, қодексҳо ва дигар санадҳои зерқонуни қабул шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти давлат ҳифзи арзишҳои миллӣ хизмат менамояд.

Бояд тазакур дод, ки соли 1994 ҳангоми таҳияи матни Конститутсияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «давлати дунявӣ» бори дигар дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифта, ҳамчун яке аз муҳимтарин аслҳои давлатдории муосири тоҷикон ба матни Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд. Ин масъала дар банди якуми Конститутсияи Тоҷикистон сабт гашта, дар банди 100-уми он ҳамчун усули тағйирнопазир эътироф гашт. Ҳамин тавр, дунявӣ будани давлат ҳамчун яке аз усулҳои асосии давлатдории тоҷикон бори дигар аз назари сиёсӣ ва ҳуқуқӣ расмият ва ҳатмият ёфт. Дар раванди татбиқи ин модели давлатдорӣ ба мо муяссар гашт, ки як силсила меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла, асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии давлат, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, асли гуногунфикрии сиёсӣ, фаъолияти порлумони касбӣ, бунёдҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун, баробарҳуқуқии занону мардон, асли озодии виҷдону эътиқодро асоси устувори қонунӣ бахшад. Ҳамчунин, дар ин давра давлат зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар масъалаҳои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, татбиқи гуногунфикрии сиёсӣ, баланд бардоштани ҳуқуқи занон ва таъмини баробарҳуқуқии зану мард дар ҷомеа дастовардҳои муҳим касб намояд [5, с. 604].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат”-ӣ худ қайд менамояд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад. Ҳуқуқ ба ҳаёт арзиши табиӣ буда, касе ҳақ надорад, ки шахсро аз ин ҳуқуқ маҳрум созад [2, с. 544].

Дар ҳамин асос чи тавре, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бисёр баромадҳои худ таъкид менамоянд, ки мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки ба ҷуз худи онҳо ҳеҷ кишвари дигар фикри онҳоро нахоҳанд кард ва нисбати ояндаи худ бепарво набошанд [2, с. 544].

Дар ҳамин росто низоми ҳуқуқи кишвар падидаи васеъ ва фарох буда, дар худ манбаъҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, раванди ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳатто сатҳи шуури ҳуқуқию маданияти ҳуқуқиро фаро мерирад. Низоми ҳуқуқ сохти дохилии фазои ҳуқуқист, ки аз меъёри ҳуқуқ, институти ҳуқуқ ва соҳаи ҳуқуқ иборат аст. Дар низоми ҳуқуқ мавқеи меъёри ҳуқуқ ва соҳаҳои ҳуқуқӣ назаррас аст. Бе унсурҳои номбаршуда низоми ҳуқуқро тасаввур кардан душвор аст. Мафҳуми низоми ҳуқуқ аз низоми ҳуқуқӣ фарқ дорад, зеро он ба ғайр аз унсурҳои таркибии ҳуқуқ низоми қонунгузорӣ, маданияти ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқ эҷодкунӣ, инчунин муносибатҳои ҳуқуқӣ, маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ, мақомоти ваколатдори ҳуқуқтатбиққунанда ва ҳатто баъзан аз олимон мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро низ шомил медонанд.

Дар бобати ба вуҷуд овардани асосҳои назариявӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод, ки он дар Конститутсияи ҷумҳурӣ инъикоси худро ёфт, Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои зарурӣ ба мақсади самаранок ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти низоми хизмати дипломатӣ қабул гардиданд. Дар баробари ин, шабакаи васеи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба вуҷуд оварда шуд, ки барои таъмин намудани робитаҳои доимӣ ва пайгирии рафти иҷрои тавофуқҳо бо кишварҳои дӯсту ҳамёр нақши муҳим мебозанд [6, с. 272].

Муносибати ҳуқуқӣ он гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятист, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим даровардa мешавад. Муносибати ҳуқуқӣ аз се қисмати таркибӣ иборат аст: субъект, объект ва мазмун. Мазмуни муносибати ҳуқуқиро ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо муайян мекунад. Ба сифати субъекти шахси мукаллафи ба синну соли муайян расида ва ё шахси ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Объекти муносибатҳои ҳуқуқиро неъматҳои моддӣ, маънавӣ ва шаклҳои дигари манфиати субъектҳо ташкил медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми ҳуқуқи миллӣ хело барҷаста буда, онро ба панҷ давра ҷудо намудан мумкин аст:

Аз давраи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти миллӣ таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ барои низоми ҳуқуқии миллӣ ба вуҷуд овард. Дар шароити фалаҷ гаштани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва хатари парокандагии давлат дар арафаи Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии ҶТ «Изҳороти Шӯрои Олии ҶТ, ки 26 ноябри соли 1992 қабул гардид, ба мардуми Тоҷикистон умед ба ояндаро ато кард. Дар изҳорот зикр гардида буд:

«муҳимтарин дастоварди кори иҷлосия тантанаи Қонун аз болои қонуншиканӣ, бозгаштан ба роҳи конститутсионии ҳалли масъалҳои тезу тунди иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки ҷомеаро ба изтироб овардаанд». Дар замони бӯҳрони сохторҳои ҳокимияти давлатӣ иҷлосия як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул кард, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ асос гузоштанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризояти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992», Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи сохтори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи ташкил намудани вилояти Хатлон дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Давраи дуввум аз қабули Конситутсия 6 ноябри соли 1994, ки дар ҳаёти халқи Тоҷикистон рӯйдоди муҳими сиёсӣ гардид. Баъд аз ин Тоҷикистон дар ҳақиқат ҳам давлати соҳибистиқлол дар ҳудуди худ ва узви оилаи ягонаи башар дар микёси ҷаҳон гашт. Конситутсияи ҳар мамлакат барои афроди он ойинномаи зиндагӣ ва барои аҳли башар шиносномаи он давлат ва мардумаш аст. Зеро дар ин санади муҳим марому мақсади ҷомеа, роҳи сиёсии интихобкардаи он, меъёрҳо ва принсипҳои сохти давлатдории вай дарҷ мешавад. Аз хутути ин ҳуҷҷат шуури иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳолати маънавии мардуми мамлакат, тафаккури миллӣ, расму ойин ва арзишҳои ахлоқиву равонии он падидор мегардад.

Конститутсияи нав фақат ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ нест, балки вай корномаи ҷонбозиҳо ва фидокориҳои мардуми Тоҷикистон низ аст, ки таҳти роҳбарии нерӯҳои ватанпарвар бар зидди ҷанги бемаънии бародаркушӣ, ҷудоандозӣ, маҳалгароиву миллатгароӣ мубориза кардааст.

Ин ҳуҷҷат шаҳодатномаи адолатхоҳӣ, бунёдкорӣ, сулҳҷӯиву ваҳдатталабии мардуми Тоҷикистон аст. Ва, албатта, Конститутсия, ки бо раъйи мардуми Тоҷикистон қабул шуд, баёнгари ризояти афроди кишвар аз сиёсати давлати Тоҷикистон ва роҳбари он Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ва ба далели ин ризоят ҳамзамон бо қабули Конститутсия мардуми Тоҷикистон ӯро ба ҳайси Президенти худ пазируфт [6, с. 272].

Давраи севум ин тағйиру иловаҳое, ки 26 сентябри соли 1999 ба конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, барои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дастоварди калоне ҳисоб мешавад, ва нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия, қабул ва тағйиру иловаҳо ба конститусия хело назарас башумор меравад.

Давраи чаҳорум ин тағйиру иловаҳое, ки 22 июни соли 1999 ба конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, ин барои рушди демократикунонии ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, мукамалнамоии қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқии миллӣ пояи устувор гузошт.

Давраи панҷум ин тағиру иловаҳое, ки 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ варид карда шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун як субекти ҳуқуқи ташабуси қонунгузоридошта барои рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеа аз ҷумла низоми ҳуқуқи миллӣ хело хизматҳои зиёде анҷом дода истодааст.

Аз таҳлилҳои болозикр гуфтан мумкин аст, ки ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва халқ аст, ки тавассути он меъёрҳои ҳуқуқ дар шаклҳои муайян эҷод карда мешавад. Принсипҳо ва асосҳои роҳбарикунандаи ҳуқуқэҷодкунӣ мухталиф аст. Дар давлати демократӣ чунин рукнҳои он муҳим аст: ошкорбаёнӣ, демократӣ, мувофиқ будан ба ҳаёти воқеӣ, таҳлили илмӣ, муҳокимаи расмӣ, даврагӣ будани раванди қабули санад, ваколатдор будани мақомот ва ё субъект ва амсоли инҳо. Ҳуқуқэҷодкунӣ вобаста ба субъектон мумкин аст ба ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ва халқӣ ҷудо намуд. Дар аввал мақомоти ваколатдори давлатӣ Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти расмӣ ҳуқуқ эҷод менамояд. Дар ҳолати дуюм бошад халқ тавассути райъпурсӣ аз навъҳои мухталифи меъёрҳои ҳуқуқ дастгирӣ менамояд. Ҳуқуқэҷодкунӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар, мавқеи марказиро дар низоми ҳуқуқӣ ишғол менамояд.

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои ҳуқуқии миллӣ гуфта, шаклҳои зохирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқро меноманд, ки дар шакли қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ва ё дигар навъҳои санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад. Қонун ва санадҳои зерқонунӣ. Қонун санади олии ҳуқуқист, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва халқ қабул гардида муносибатҳои нисбатан муҳими иҷтимоиро ба танзим медарорад. Санадҳои зерқонунӣ дар асоси қонунҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказӣ ва дигар мақомотии салоҳиятдор қабул мегардад. Санадҳои зерқонунӣ ба қонунҳо бояд мувофиқат кунанд. Навъҳои сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ», ки соли 2009 қабул шудааст ба

пуррагӣ муқаррар шудааст. Аз назари қувваи ҳуқуқӣ Конутитутсияи ҶумҳурииТоҷикистон қувваи олии ҳуқуқиро дошта, мустақиман амал мекунад ва ин мазмун дар қисми 1 моддаи 10 Конститутсия инъикос ёфтааст [10].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағайр аз саҳми арзанда доштани дар рушди низоми ҳуқуқи миллӣ боз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доро мебошад, ки дар асоси маддаи 58-ми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Дар низоми ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ мавқеи асосиро ишгол мекунанд. Маҳз дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба муносибатҳо соҳаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи соҳаҳои сифатан якхела тасниф мешаванд. Меъёри ҳуқуқ қоидаи рафтори дар санади меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидааст, ки муносибатҳои ҳуқуқиро муайян мекунад, ба танзим медорорад ва ё манъ менамояд. Меъёри ҳуқуқӣ одатан аз се унсур: гипотеза, диспозитсия ва санксия иборат аст. На ҳама меъёрҳои ҳуқуқӣ ин се қисматро доранд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба тарзи таъсиррасониашон ба намудҳои ҳуқуқдиҳанда, ваколатдордиҳанда, манъкунанда, ӯҳдадоркунанда; вобаста ба мазмун ва усули танзимашон диспозитивӣ ва императивӣ ва вобаста ба мазмун ва таркибашон моддӣ ва мурофиавӣ мешаванд.

Хулоса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти олимартабаи таърихии миллат мебошад, ки маҳз дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми ҳуқуқи миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши назарасро дар рушд ва мустаҳакам намоии қонунгузории миллӣ саҳми беназро гузоштааст.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайғироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -136
2. Раҳмонов, Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди шашум / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2006. - 544 с.
3. Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 2. / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 368 с.
4. Рахмонова, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.). [Текст: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12 00 01 – теория и история права и государства; история политических и правовых учений / Озода Эмомалиевна Рахмонова. – Душанбе, 2012. – 26 с.
5. Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ДДҲБСТ. - Хуҷанд: Ношир, 2019. - 604 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров. / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 272 с.
7. Эмомалӣ Раҳмон: Китобномаи шарҳиҳолӣ / Мураттиб Ш.Комилзода; Зери назари Н.Салимов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 662 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Ҳисор. (Санаи мурочиат 01.10.2020). Сурогаи эл.: http://president.tj/node/9956
9. Мақолаи омавии аз сайти интернети Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд “Эмомалӣ Раҳмон – меъмори давлати навини тоҷикон” (Санаи мурочиат 11.05.2026) Сурогаи эл.: **iet.tj**›tj/emomal-ra-mon-memori/
10. Мақолаи омавии аз сайти интернети “Ҳуқуқэҷодкунӣ, низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ” (Санаи мурочиат 11.05.2026) Сурогаи эл.: **tojikon.net**›articles/236-u-u-e-odkun-nizomi-u-u-…

ТАМОЮЛИ РУШДИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тамоюли рушди низоми ҳуқуқи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф аҳаммияти ташаккул ва такомули низоми ҳуқуқии миллӣ, омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таъсиргузор ба ин раванд, инчунин нақши Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими давлатдории миллӣ баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи тамоюлҳои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити муосир ба яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои ҳуқуқшиносӣ табдил ёфтааст. Дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими пояҳои давлатдории соҳибистиқлол, таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ва ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Зикр мешавад, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва ислоҳоти минбаъдаи ҳуқуқӣ барои ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам оварда, рушди минбаъдаи қонунгузории миллӣ ва такмили институтҳои ҳуқуқиро таъмин намуданд.

Калидвожаҳо: Эмомалӣ Раҳмон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президент, Ҷумҳурии Тоҷикистон, конститутсионӣ, қонун, сатҳ, мақомоти давлатӣ, низом ҳуқуқ, миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандон, масъала, маҳаллӣ.

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье проводится научный анализ тенденций развития национальной правовой системы Республики Таджикистан. Рассматриваются значение формирования и совершенствования национальной правовой системы, а также политические, правовые и социальные факторы, оказывающие влияние на данный процесс. Особое внимание уделяется роли Конституции Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и обеспечении верховенства права. Подчеркивается, что всестороннее изучение тенденций развития национальной правовой системы в современных условиях является одной из актуальных задач юридической науки. В статье также оценивается вклад Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в восстановление конституционного строя, укрепление основ независимой государственности, достижение мира и национального единства, а также в формирование национальной правовой системы. Отмечается, что принятие Конституции Республики Таджикистан в 1994 году и последующие правовые реформы создали прочную правовую основу для развития суверенного, демократического, правового и светского государства, а также дальнейшего совершенствования национального законодательства.

Ключевые слова: Эмомали Рахмон, Основатель мира и национального единства, лидер нации, Президент Республики Таджикистан, конституционный, закон, уровень, государственные органы, правовая система, национальный, сообщество граждан, проблема, местный.

TRENDS OF DEVELOPMENT OF THE NATIONAL LEGAL SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article provides a scholarly analysis of the development trends of the national legal system of the Republic of Tajikistan. It examines the significance of the formation and continuous improvement of the national legal system, as well as the political, legal, and social factors influencing this process. Particular attention is paid to the role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in strengthening national statehood and ensuring the rule of law. The study emphasizes that a comprehensive examination of the current trends in the development of the national legal system has become one of the key priorities of contemporary legal scholarship. The article also evaluates the contribution of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honourable Emomali Rahmon, to the restoration of the constitutional order, the consolidation of independent statehood, the achievement of peace and national unity, and the establishment of the national legal system. It is concluded that the adoption of the Constitution in 1994 and subsequent legal reforms laid a solid legal foundation for the development of a sovereign, democratic, rule-of-law, and secular state, while promoting the further improvement of national legislation and legal institutions.

Keywords: Emomali Rahmon, Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President, Republic of Tajikistan, constitutional, law, level, state bodies, legal system, national, community of citizens, issue, local.

Дар бораи муаллифон

Олимзода Давлатмурод Абдудхайр
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ
Академияи идоракунии давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носира, 33
E-gmail: davlat.olimov.1993@bk.ru

Нуров Фурқат Боевич
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ
Академияи идоракунии давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носира, 33

Об авторах

Олимзода Давлатмурод Абдудхайр
кандидат юридических наук, доцент,
заведующий кафедрой гражданского и
экономического права
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
ул. Саид Носир, 33
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru
Душанбе, ул. Саид Носир, 33

Нуров Фуркат Боевич
старший преподаватель кафедры гражданского и
экономического права
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г

.

About the Authors

Olimzoda Davlatmurod Abdukhayr
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Civil and Economic Law
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
33 Said Nosir Street, Dushanbe 734009, Republic of
Tajikistan
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

Nurov Furkat Boevich
Senior Lecturer, Department of Civil and Economic
Law
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
33 Said Nosir Street, Dushanbe 734009, Republic of
Tajikistan

ТДУ 364.4:349.3

ТАНОСУБИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ АЗ ДИГАР НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ: ҶАНБАИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ҲУҚУҚӢ

Ҳамрозода М. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Мафҳуми «хизматрасонии иҷтимоӣ» (social services) дар илми муосири ҳуқуқ яке аз мафҳумҳои калидии ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти илмӣ ин мафҳум ҳамчун маҷмӯи фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва дигар субъектҳои ваколатдор маънидод карда мешавад, ки ба қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосии иҷтимоии аҳолӣ равона гардидааст. Ба чунин эҳтиёҷот пеш аз ҳама ҳифзи иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ, маориф, таъмини шуғл, дастгирии оила, ҳифзи кӯдакон, нигоҳубини шахсони дорои маъюбият ва дигар хизматрасониҳое дохил мешаванд, ки барои таъмини зиндагии арзанда ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон аҳамияти бунёдӣ доранд. Аз ин нуқтаи назар, хизматрасонии иҷтимоӣ танҳо маҷмӯи хизматҳои давлатӣ набуда, балки яке аз воситаҳои муҳими татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва кафолати амалишавии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон маҳсуб меёбад [1, с. 27].

Дар назарияи ҳуқуқ ва сиёсати иҷтимоӣ хизматрасонии иҷтимоӣ бо мафҳумҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Мавҷудияти низоми самараноки хизматрасонии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки давлат на танҳо вазифаҳои иҷтимоии худро иҷро намояд, балки барои коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам оварад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии сатҳи рушди давлати иҷтимоӣ ва самаранокии сиёсати иҷтимоии он арзёбӣ мегардад [1, с. 27].

Марҳилаи ташаккули назарияи муосири хизматрасонии иҷтимоӣ асосан ба солҳои 40–60-уми асри XX рост меояд, ки дар ин давра консепсияи «давлати некӯаҳволӣ» (welfare state) дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ташаккул ёфт. Дар доираи ин консепсия хизматрасонии иҷтимоӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи татбиқи сиёсати некӯаҳволӣ (welfare policy) арзёбӣ гардида, ба давлат вазифа гузошта шуд, ки барои таъмини зиндагии арзандаи аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ чораҳои муассир андешад. Маҳз дар ҳамин давра хизматрасонии иҷтимоӣ аз доираи фаъолияти хайриявӣ берун баромада, ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлатӣ табдил ёфт.

Дар рушди назарияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ саҳми Т. Ҳ. Маршалл хеле назаррас мебошад. Ӯ дар асари маъруфи худ «Citizenship and Social Class» ҳуқуқҳои шаҳрвандиро ба се гурӯҳи асосӣ — ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷудо намуда, таъкид менамояд, ки танҳо мавҷудияти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои таъмини баробарии воқеии инсон кофӣ нест. Ба андешаи Маршалл, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ барои фароҳам овардани имконияти воқеии истифодаи дигар ҳуқуқҳо замина муҳайё месозанд. Аз ин рӯ, хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз шаклҳои асосии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ баромад намуда, дар ташаккули давлати иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад [4, с. 10–11].

Мавқеи мазкур дар таҳқиқоти баъдинаи ҳуқуқшиносон ва сиёсатшиносон низ инкишоф ёфта, хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳими низоми таъмини амнияти иҷтимоӣ ва суботи ҷомеа арзёбӣ гардид. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳар қадар низоми хизматрасонии иҷтимоӣ мукаммал ва дастрас бошад, ҳамон андоза сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба давлат баланд гардида, имконияти таъмини адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа бештар мегардад.

Бар хилофи хизматрасониҳои тиҷоратӣ (commercial services), ки фаъолияти онҳо пеш аз ҳама ба гирифтани фоида равона шудааст, хизматрасонии иҷтимоӣ хусусияти ҷамъиятӣ дошта, ҳадафи асосии он ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Дар чунин низом давлат ҳамчун субъекти асосии кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ баромад намуда, масъулияти ташкили

дастрасӣ, сифат ва муттасилии хизматрасониҳоро ба зимма мегирад. Аз ин рӯ, хизматрасонии иҷтимоӣ яке аз институтҳои муҳими давлати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, рушди он бевосита ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон вобаста мебошад [5, с. 26–27].

Дар таҳқиқоти муосири ҳуқуқи иҷтимоӣ яке аз назарияҳои маъруф ба масъалаи ташаккул ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба Г. Эспинг-Андерсен тааллуқ дорад. Ӯ дар асари машҳури худ «Три мира государства всеобщего благосостояния» бори аввал таснифоти мукаммали моделҳои давлати некӯаҳволиро пешниҳод намуда, нишон дод, ки низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар давлатҳои гуногун вобаста ба хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни ташаккулро соҳиб мебошад [5, с. 26–27].

Тибқи ин таснифот се модели асосии давлати некӯаҳволӣ фарқ карда мешаванд: либералӣ, корпоративӣ (консервативӣ) ва иҷтимоӣ-демократӣ. Ҳар яке аз ин моделҳо бо тарзи ташкили низоми ҳифзи иҷтимоӣ, ҳаҷми иштироки давлат, мақоми бозор ва дараҷаи дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин таснифот имрӯз низ яке аз асосҳои назариявии таҳқиқоти ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Модели либералӣ бештар барои кишварҳое, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Канада ва Австралия хос мебошад. Дар доираи ин модел давлат бештар нақши танзимкунанда дошта, қисми зиёди хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути механизмҳои бозорӣ ва бо иштироки бахши хусусӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар чунин низом кумаки давлатӣ асосан ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона гардида, хизматрасониҳои иҷтимоӣ хусусияти интихобӣ (means-tested) доранд. Дар натиҷа, шаҳрвандоне, ки имконияти молиявии бештар доранд, қисми зиёди хизматрасониҳоро аз ҳисоби бахши хусусӣ дастрас менамоянд, дар ҳоле ки давлат танҳо сатҳи ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоиро таъмин мекунад [5, с. 26–27].

Баръакс, модели корпоративӣ ба таҷрибаи давлатҳое, ба монанди Олмон, Фаронса, Австрия ва Белгия асос ёфтааст. Дар ин модел асоси низоми хизматрасонии иҷтимоиро суғуртаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳуқуқи шаҳрванд ба гирифтани хизматрасониҳои иҷтимоӣ бештар ба фаъолияти меҳнатӣ ва иштироки ӯ дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ вобаста мебошад. Давлат дар баробари ташкилотҳои суғуртавӣ, иттиҳодияҳои касаба ва корфармоён дар ташаккули низоми ҳифзи иҷтимоӣ нақши фаъол дорад. Аз ин рӯ, модели мазкур ҳамчун шакли мувозинати манфиатҳои давлат, ҷомеа ва иқтисодиёт арзёбӣ мегардад [5, с. 36].

Модели иҷтимоӣ-демократӣ, ки бештар дар кишварҳои Скандинавия, аз ҷумла Шветсия, Дания, Норвегия ва Финландия татбиқ мегардад, аз дигар моделҳо бо сатҳи баланди кафолатҳои иҷтимоӣ фарқ мекунад. Дар чунин низом хизматрасониҳои иҷтимоӣ хусусияти универсалӣ дошта, ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худ ҳуқуқи баробар ба истифодаи онҳо доранд. Давлат маблағгузории асосии чунин хизматрасониҳоро ба зимма гирифта, тавассути сиёсати фаъоли иҷтимоӣ сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоӣ ва баробарии имкониятҳоро таъмин менамояд [5, с. 36].

Яке аз мафҳумҳои асосии назарияи Г. Эспинг-Андерсен «декоммодификатсия» (decommodification) мебошад. Моҳияти ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки шаҳрванд бояд имконияти қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосии худро танҳо аз ҳисоби иштирок дар муносибатҳои бозорӣ ба даст наорад. Давлат бояд тавассути низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои ҳар як шаҳрванд имконияти истифодаи хизматрасониҳои муҳими иҷтимоиро таъмин намояд. Ҳамин тавр, сатҳи декоммодификатсия нишон медиҳад, ки то кадом андоза шахс метавонад зиндагии худро новобаста аз даромади бозорӣ таъмин намояд [5, с. 36].

Аз таҳлили назарияи мазкур бармеояд, ки фарқияти асосии моделҳои давлати некӯаҳволӣ на танҳо дар ҳаҷми маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ, балки дар муносибати давлат ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ифода меёбад. Ҳар қадар иштироки давлат дар таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ бештар бошад, ҳамон андоза имконияти татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ низ афзоиш меёбад. Аз ин лиҳоз, таснифоти пешниҳоднамудаи Г. Эспинг-Андерсен то имрӯз ҳамчун яке аз муҳимтарин асосҳои назариявии таҳқиқи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва арзёбии самаранокии сиёсати иҷтимоии давлатҳо истифода мешавад [5, с. 36].

Дар шароити муосири рушди ҳуқуқи Аврупо хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа арзёбӣ мегарданд. Дар санадҳои ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо барои муайян намудани мақоми ҳуқуқии чунин хизматрасониҳо мафҳумҳои «Хизматрасониҳои манфиати умумӣ» (Services of General Interest – SGI) ва «Хизматрасониҳои манфиати умумии иқтисодӣ» (Services of General Economic Interest – SGEI) истифода мешаванд. Ин мафҳумҳо дар ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо танҳо категорияҳои назариявӣ набуда, балки ҳамчун институтҳои мустақили ҳуқуқӣ барои муайян намудани доираи ваколатҳои давлат, субъектҳои хусусӣ ва мақомоти танзимкунанда хизмат менамоянд [6, с. 154].

Мафҳуми SGI доираи васеи хизматрасониҳоро дар бар гирифта, ҳамаи хизматрасониҳоеро фаро мегирад, ки барои таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус доранд. Ба онҳо хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тиббӣ, маориф, нақлиёт, алоқа, таъмини аҳолӣ бо неруи барқ, об ва дигар хизматрасониҳои муҳими ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Дар навбати худ, мафҳуми SGEI асосан ба он хизматрасониҳое дахл дорад, ки хусусияти иқтисодӣ дошта, метавонанд аз ҷониби субъектҳои хусусӣ низ пешниҳод гарданд, вале бо сабаби аҳамияти ҷамъиятии худ таҳти назорати махсуси давлат қарор мегиранд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо байни фаъолияти иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат тавозуни ҳуқуқиро таъмин менамояд [6, с. 154].

Яке аз хусусиятҳои муҳими хизматрасониҳои манфиати умумии иқтисодӣ дар он ифода меёбад, ки давлат ҳатто ҳангоми пешниҳоди чунин хизматрасониҳо аз ҷониби бахши хусусӣ ваколати танзими ҳуқуқии онҳоро нигоҳ медорад. Давлат метавонад тартиби пешниҳоди хизматрасонӣ, талабот нисбат ба сифати хизматрасонӣ, сатҳи дастрасии аҳолӣ, тартиби маблағгузорӣ ва дигар шартҳои муҳими фаъолияти субъектҳои хизматрасонро муайян намояд. Маҳз ҳамин хусусият хизматрасониҳои иҷтимоиро аз дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ фарқ намуда, нақши давлатро ҳамчун кафолатдиҳандаи манфиатҳои ҷамъиятӣ тақвият мебахшад [6, с. 189].

Дар амалияи Суди Иттиҳоди Аврупо низ масъалаи танзими хизматрасониҳои иҷтимоӣ мавқеи муҳим дорад. Яке аз муҳимтарин қарорҳои судӣ дар ин самт қарори Altmark (C-280/00) мебошад, ки дар он шартҳои асосии пешниҳоди ҷубронпулии давлатӣ ба ташкилотҳое, ки хизматрасониҳои дорои аҳамияти ҷамъиятиро иҷро менамоянд, муайян карда шудаанд. Мувофиқи ин қарор, ҷуброни давлатии хароҷоти чунин ташкилотҳо ҳамчун вайрон намудани қоидаҳои рақобати озод арзёбӣ намегардад, агар он ба иҷрои вазифаи ҷамъиятии муайян равона гардида бошад ва меъёрҳои ҳуқуқии муқарраршуда риоя карда шаванд [9, с. 178].

Аҳамияти қарори мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он ба давлатҳо имконият медиҳад барои ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муҳим чораҳои дастгирии молиявиро татбиқ намоянд. Бо ҳамин, ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо эътироф менамояд, ки дар баъзе соҳаҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои иҷтимоӣ, татбиқи механизми рақобати озод бояд бо дарназардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иҷтимоии давлат сурат гирад.

Таҳлили таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ имрӯз танҳо ҳамчун унсури сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ намегарданд. Онҳо ҳамзамон воситаи муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва рушди устувори давлат ба ҳисоб рафта, самаранокии онҳо аз тавозуни дурусти манфиатҳои давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ вобастагӣ дорад. Маҳз ҳамин равиш имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ низ хусусияти ҷамъиятии худро нигоҳ дошта, ба манфиати тамоми аҳолӣ хизмат намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд. Мутобиқи моддаи 35-и Конститутсия ҳар шахс ба ҳифзи иҷтимоӣ ҳуқуқ дошта, давлат вазифадор аст барои амалӣ гардидани ин ҳуқуқ шароити заруриро фароҳам оварад. Ҳамзамон, моддаи 38 ҳуқуқи шаҳрвандонро ба гирифтани ёрии тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ кафолат дода, моддаи 41 ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоӣ эътироф менамояд. Ин меъёрҳои конститутсионӣ заминаи ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти низоми хизматрасонии иҷтимоиро ташкил намуда, самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлатро муайян месозанд.

Дар рушди минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ як қатор қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, муносибатҳои вобаста ба ҳифзи

иҷтимоии аҳолӣ, суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминоти нафақавӣ, кӯмакҳои давлатии иҷтимоӣ ва ҳифзи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ тавассути қонунҳои дахлдор танзим карда мешаванд. Қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ташаккули асосҳои институтсионалии хизматрасонии иҷтимоӣ мусоидат намуда, заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои хизматрасонро муайян менамояд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мафҳуми ягона ва мукаммали «хизматрасонии иҷтимоӣ» ба таври возеҳ муқаррар нагардидааст. Дар аксари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ диққати асосӣ ба намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ, аз ҷумла таъминоти нафақавӣ, кӯмакҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ ё ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ равона гардида, мафҳуми умумии хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ мавқеи кофӣ пайдо накардааст.

Дар натиҷа, танзими ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ хусусияти пароканда дошта, меъёрҳои дахлдор дар санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ ҷойгир мебошанд. Ин ҳолат дар баъзе мавридҳо боиси мушкилоти татбиқи қонунгузорӣ, такрори меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мавҷудияти холигиҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Аз ин рӯ, такмили минбаъдаи қонунгузорӣ бояд пеш аз ҳама ба ташаккули низоми ягонаи танзими ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ равона карда шавад.

Муқоисаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи давлатҳои аврупоӣ нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии миллӣ асосҳои ташкили давлати иҷтимоӣ вуҷуд доранд, аммо баъзе унсурҳои муҳими танзими ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ ҳанӯз такмили минбаъдаро талаб менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба муайян намудани мақоми ҳуқуқии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, низоми маблағгузорӣ, тартиби иштироки бахши хусусӣ ва механизмҳои назорати сифати хизматрасонӣ ҳанӯз ба таври мукаммал танзим нашудаанд.

Дар ҳамин замина, таҷрибаи давлатҳои дорои низоми пешрафтаи хизматрасонии иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки самаранокии чунин хизматрасониҳо на танҳо аз ҳаҷми маблағгузорӣ, балки аз мукаммалии заминаҳои ҳуқуқӣ, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мавҷудияти механизмҳои самараноки назорати давлатӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳкими асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ метавонад яке аз самтҳои муҳими рушди сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои минбаъда гардад.

Адабиёт

1. Титмусс, Р. М. Социальная политика: введение / Р. М. Титмусс. – Москва: Прогресс, 1975. – 160 с.
2. Ле Гранд, Дж. Стратегия равенства: перераспределение и государство всеобщего благосостояния / Дж. Ле Гранд. – London: Allen & Unwin, 1982. – 192 p.
3. Хиллз, Дж. Понимание социальной политики. – 8-е изд. / Дж. Хиллз. – Oxford: Blackwell, 2014. – 312 p.
4. Маршалл, Т. Х. Гражданство и социальный класс / Т. Х. Маршалл. – Москва: Идея-Пресс, 2000. – 178 с.
5. Эспинг-Андерсен, Г. Три мира государства всеобщего благосостояния / Г. Эспинг-Андерсен. – Москва: Весь Мир, 1999. – 248 с.
6. Сизчак, Э. Государственное регулирование на конкурентных рынках Европейского союза / Э. Сизчак. – Oxford: Hart Publishing, 2007. – 289 p.
7. Росс, М. Содействие солидарности в Европейском союзе / М. Росс. – Oxford: Oxford University Press, 2010. – 336 p.
8. Боббио, Н. Эпоха прав / Н. Боббио. – Москва: Логос, 2004. – 192 с.
9. Проссер, Т. Пределы конкурентного права: рынки и государственные услуги / Т. Проссер. – Oxford: Oxford University Press, 2005. – 287 p.
10. Неергорд, У. Услуги общего экономического значения: новое обязательство? / У. Неергорд // European Law Review. – 2009. – Vol. 34. – No. 2. – P. 239–264.

ТАНОСУБИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ АЗ ДИГАР НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ: ҶАНБАИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ҲУҚУҚӢ

Мақола ба таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқии таносуби хизматрасонии иҷтимоӣ аз дигар намудҳои хизматрасонӣ (тиҷоратӣ, маъмурӣ, тиббӣ, таълимӣ) бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба адабиёти

пешқадами ҳуқуқии ғарбӣ (Т.Ҳ. Маршалл, Г. Эспинг-Андерсен, Т. Проссер, У. Ниргаард ва дигарон) фарқиятҳои асосиро дар мақсад, субъект, принсипҳо ва механизми танзими ҳуқуқӣ муайян намуда, мавқеи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун институти алоҳидаи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва «хизматрасонии манфиати умумии иқтисодӣ» (SGEI) дар ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо собит менамояд. Дар қисмати амалӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, мушкилоти асосӣ (камбуди маблағгузорӣ, ғайримустаҳкамии заминаи ҳуқуқӣ, зиёдшавии бахши хусусӣ бе танзими кофӣ) ошкор гардида, тавсияҳои мушаххас барои такмили қонунгузорӣ ва гузариш ба модели бештар универсалӣ ва ҳамраъйӣ пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: хизматрасонии иҷтимоӣ, давлати некӯаҳволӣ, ҳуқуқи иҷтимоӣ, SGI/SGEI, декоммодикатсия, принсипҳои дастрасӣ ва пайвастагӣ, модели гузаришӣ, ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон.

СООТНОШЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ С ДРУГИМИ ВИДАМИ УСЛУГ: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ И ПРАКТИЧЕСКИЙ АСПЕКТЫ

Статья посвящена теоретико-правовому анализу соотношения социальных услуг с другими видами услуг (коммерческими, административными, медицинскими, образовательными). Автор, опираясь на ведущую западную правовую литературу (Т.Х. Маршалл, Г. Эспинг-Андерсен, Т. Проссер, У. Ниргаard и др.), выявляет ключевые различия по целям, субъектам, принципам и механизму правового регулирования, обосновывает положение социальных услуг как особого института социального права и «услуг общего экономического интереса» (SGEI) в праве ЕС. В практической части анализируется опыт Республики Таджикистан, выявляются основные проблемы (недофинансирование, отсутствие единого закона, рост частного сектора без достаточного регулирования) и предлагаются конкретные рекомендации по совершенствованию законодательства и переходу к более универсальной и солидарной модели.

Ключевые слова: социальные услуги, государство всеобщего благосостояния, социальные права, SGI/SGEI, декоммодификация, принципы доступности и непрерывности, переходная модель, социальная защита в Таджикистане.

THE CORRELATION OF SOCIAL SERVICES WITH OTHER TYPES OF SERVICES: THEORETICAL, LEGAL, AND PRACTICAL ASPECTS

The article is devoted to the theoretical and legal analysis of the correlation between social services and other types of services (commercial, administrative, medical, educational). Drawing on leading Western legal scholarship (T.H. Marshall, G. Esping-Andersen, T. Prosser, U. Neergaard, etc.), the author identifies key differences in objectives, subjects, principles, and mechanisms of legal regulation, substantiating the status of social services as a distinct institution of social law and “services of general economic interest” (SGEI) in EU law. The practical part examines the experience of the Republic of Tajikistan, identifies major challenges (underfunding, lack of unified legislation, unregulated growth of the private sector), and offers specific recommendations for legislative improvement and transition toward a more universal and solidarity-based model.

Keywords: social services, welfare state, social rights, SGI/SGEI, decommodification, principles of accessibility and continuity, transitional model, social protection in Tajikistan.

Дар бораи муаллиф
Хамрозода Мавлуда Хамро
Омузгори кафедраи хукук ва идораи давлатӣ
Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.

Об авторе
Хамрозода Мавлуда Хамро
преподаватель кафедры права и государственного управления
Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67.

About the Author
Hamrozoda Mavluda Hamro
Lecturer at the Department of Law and Public Administration
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
67 Ayni Street, Bokhtar, 735140, Republic of Tajikistan.

УДК 34:336(575.3)

ПРЕДМЕТ ФИНАНСОВОГО ПРАВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Абдуллозода М. Х.

Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

12. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Луғати тафсирии забони русӣ: 80 000 калима ва ибораҳои фразеологӣ [Матн]. – М., 2015. – 874 с.
13. Оримбаев, Р., Баймурзин, Г.И. Субъекти махсуси ҷиноят [Матн] / Р. Оримбаев, Г.И. Баймурзин. – Алма-Ата, 1977. – С. 25.
14. Пудовочкин, Ю.Е. Муборизаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бар зидди ҷалби ноболиғон ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ: мушкилоти бандубаст ва пешгирӣ [Матн] / Ю.Е. Пудовочкин. – Ставропол, 2000. – С. 31.
15. Рарог, А.И. Дастури судя оид ба квалификацияи ҷиноятҳо [Матн] / А.И. Рарог. – М., 2006. – С. 76.
16. Скорлуков, О.А. Бандубасти амали шахсоне, ки ба хариду фурӯши одамон ва истифодаи меҳнати ғуломӣ машғуланд [Матн] / О.А. Скорлуков // Паёми Донишгоҳи Маскави Вазорати корҳои дохилии Русия. – М., 2005. – № 3. – С. 50.
17. Ҳуқуқи ҷиноятии Русия. Қисми махсус: Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири И.Э. Звечаровского. – М., 2004. – С. 109.

УНСУРҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ САВДОИ КӮДАК

Дар мақолаи мазкур унсурҳои субъективии ҷинояти савдои кӯдак аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф масъалаҳои марбут ба субъекти ҷиноят,

солимфикрӣ, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, шаклҳои гуноҳ, қасди ҷиноятӣ, ангеза ва мақсади содир намудани ҷиноятро баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки барои бандубасти дурусти ҷинояти савдои кӯдак муайян намудани тарафи субъективии он аҳаммияти муҳим дорад, зеро маҳз муносибати рӯҳии шахс ба кирдори содирнамудааш мазмуни дохилии ҷиноятро ифода мекунад. Дар мақола хусусиятҳои қасди мустақим, мақсади махсуси истисмор ва таъсири онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳлил карда мешаванд. Ҳамчунин масъалаи иштироки миёнаравон, фурӯшанда, харидор ва дигар шахсон дар содир намудани ҷиноят баррасӣ гардида, зарурати такмили меъёрҳои моддаи 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи унсурҳои субъективии ҷинояти савдои кӯдак барои таъмини бандубасти дуруст, ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: савдои кӯдак, субъекти ҷиноят, тарафи субъективӣ, қасди мустақим, истисмор, ноболиғ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

СУБЪЕКТИВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ПРЕСТУПЛЕНИЯ, ТОРГОВЛИ ДЕТЬМИ

В данной статье исследуются субъективные элементы преступления торговли детьми с позиций уголовного права. Автор анализирует вопросы, связанные с субъектом преступления, вменяемостью, возрастом уголовной ответственности, формами вины, преступным умыслом, мотивом и целью совершения преступления. Подчеркивается, что правильное установление субъективной стороны преступления имеет решающее значение для надлежащей уголовно-правовой квалификации торговли детьми, поскольку именно психическое отношение виновного к совершенному деянию раскрывает внутреннее содержание преступления. Особое внимание уделено анализу прямого умысла, специальной цели эксплуатации и их влияния на уголовную ответственность. Рассматриваются также вопросы участия посредников, продавца, покупателя и иных лиц в совершении данного преступления, а также обосновывается необходимость совершенствования положений статьи 167 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Автор приходит к выводу, что комплексное исследование субъективных элементов преступления торговли детьми имеет важное теоретическое и практическое значение для правильной квалификации преступления, обеспечения эффективной защиты прав несовершеннолетних и дальнейшего совершенствования уголовного законодательства.

Ключевые слова: торговля детьми, субъект преступления, субъективная сторона, прямой умысел, эксплуатация, несовершеннолетний, уголовная ответственность.

SUBJECTIVE ELEMENTS OF THE CRIME, CHILD TRAFFICKING

This article examines the subjective elements of the crime of child trafficking from the perspective of criminal law. The author analyzes issues related to the subject of the crime, criminal responsibility, legal sanity, the age of criminal liability, forms of guilt, criminal intent, motive, and the purpose of committing the offense. It is emphasized that the proper determination of the subjective aspect of the crime is essential for the correct legal qualification of child trafficking, since the offender's mental attitude toward the committed act reflects the internal nature of the offense. Particular attention is paid to the analysis of direct intent, the specific purpose of exploitation, and their impact on criminal liability. The article also considers the participation of intermediaries, sellers, buyers, and other persons in the commission of this crime and substantiates the need to improve the provisions of Article 167 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author concludes that a comprehensive study of the subjective elements of child trafficking is of significant theoretical and practical importance for the proper legal qualification of this crime, the effective protection of children's rights, and the further improvement of criminal legislation.

Keywords: child trafficking, subject of the crime, subjective aspect, direct intent, exploitation, minor, criminal liability.

Дар бораи муаллиф
Давлатзода Гулнора Шариф
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мубориза бар зидди коррупсия
Донишгохи миллии Тоҷикистон
Суроға: хиёбони Рӯдакӣ 17, Душанбе 734025.
E-gmail: davlatzoda-g@mail.ru

Об авторе
Давлатзода Гулнора Шариф
соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикский национальный университет
Адрес: проспект Рудаки, 17, Душанбе 734025.
E-mail: davlatzoda-g@mail.ru

About the Author
Gulnora Sharif Davlatzoda
Applicant, Department of Criminal Law and Anti-Corruption
Tajik National University
Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025.
E-mail: davlatzoda-g@mail.ru

ТДУ 343.575

МУБОРИЗА БО МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ НАШЪАОВАР ДАР ДАВЛАТҲОИ АВРУПО

Искандарӣ С.
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар шароити муосир яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Ин падида на танҳо ба саломатии аҳолӣ ва суботи иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад, балки барои рушди иқтисодӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини волоияти қонун низ мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамояд. Барои давлатҳои Иттиҳоди Аврупо мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амниятӣ ва ҳуқуқӣ муайян гардидааст. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба таҳдидҳои нави ҷиноятқорӣ аҳамияти махсус касб мекунад.

Тибқи маълумоти European Drug Report 2024, бозори ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Аврупо шаклҳои нави фаъолиятро касб намуда, паҳншавии маводи синтетикӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои трансмиллии ҷиноятиро тақвият додааст. Ҳамзамон, World Drug Report 2024 нишон медиҳад, ки рушди бозори ҷаҳонии маводи нашъаовар ба тағйирёбии роҳҳои интиқол, афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва густариши фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил мусоидат менамояд. Дар чунин шароит сиёсати Иттиҳоди Аврупо ба ҳамоҳангсозии чораҳои пешгирӣ, тақвияти назорати сарҳадӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Масъалаҳои мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар асарҳои муҳаққиқони аврупоӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Р. Колсон, Ҳ. Бергерон, инчунин дар гузоришҳои EUDA, Eurojust, Комиссияи Аврупо ва Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятқорӣ (UNODC) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавии сиёсати давлатҳои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо, арзёбии самаранокии механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин муайян намудани тамоюлҳои нави сиёсати зиддимухаддиротӣ то ҳол аҳамияти илмии худро нигоҳ доштаанд.

Ҳадафи мақола таҳлили хусусиятҳои асосии сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, муайян намудани таҷрибаи давлатҳои алоҳидаи аврупоӣ ва арзёбии самаранокии механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлили заминаҳои ҳуқуқии сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар;
- баррасии таҷрибаи давлатҳои алоҳидаи аврупоӣ дар татбиқи сиёсати зиддимухаддиротӣ;
- арзёбии нақши институтҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар;

Ташаккули сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар натиҷаи рушди тадриҷии ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва мутобиқсозии механизмҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ мебошад. Аз нимаи дуюми асри XX, дар баробари афзоиши истеҳсол, интиқол ва истеъмоли маводи нашъаовар, давлатҳои аврупоӣ зарурати таҳияи санадҳои ягонаи байналмилалӣ ва ташкили механизмҳои ҳамоҳангшудаи муборизаро дарк намуданд. Дар ин раванд Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва моддаҳои психотропии соли 1988 заминаи асосии ташаккули низоми муосири ҳамкориҳои байналмилалӣ гардид. Конвенсияи мазкур давлатҳоро уҳдадор менамояд, ки истеҳсол, интиқол, маблағшӯӣ, нигоҳдорӣ ва дигар шаклҳои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро ҷиноят эътироф намуда, ҳамкориҳои байналмилалиро дар самти истирдоди ҷиноятқорон, мубодилаи иттилоот ва мусодираи дороиҳои ғайриқонунӣ тақвият бахшанд [3, с. 15].

Дар доираи Иттиҳоди Аврупо рушди минбаъдаи сиёсати зиддимухаддиротӣ ба қабул гардидани EU Drugs Strategy 2021–2025 асос ёфт. Ҳуҷҷати мазкур мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаоварро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амниятии Иттиҳод муайян намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба коҳиш додани пешниҳоди маводи нашъаовар, пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил, таҳкими назорати сарҳадӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ равона месозад [4, с. 20]. Дар баробари ин, Стратегия зарурати мутобиқ намудани тадбирҳои ҳуқуқӣ ба шаклҳои нави фаъолияти ҷиноятқорӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои интернетиро таъкид менамояд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими сиёсати Иттиҳоди Аврупо аз он иборат аст, ки мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар танҳо ба воситаи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳдуд намегардад. Баръакс, сиёсати мазкур ба истифодаи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такя мекунад, ки ин муносибат имконият медиҳад, мубориза бо чунин ҷиноятҳо дар тамоми марҳилаҳои занҷираи муомилоти ғайриқонунӣ амалӣ карда шавад.

Дар татбиқи ин сиёсат нақши ниҳодҳои махсуси Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла EUDA (собиқ EMCDDA), Europol ва Eurojust, хеле назаррас мебошад. EUDA мониторинги тамоюлҳои бозори маводи нашъаовар, таҳлили хавфҳо ва омода намудани маълумоти таҳлилӣ барои мақомоти миллӣ ва сохторҳои Иттиҳодро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, Europol фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзоро дар самти мубориза бо гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ҳамоҳанг сохта, Eurojust барои таҳкими ҳамкориҳои мақомоти прокуратура ва судӣ дар тафтиши ҷиноятҳои фаромиллӣ мусоидат менамояд [2, с. 5].

Таҳлили ҳуҷҷатҳои расмии Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки солҳои охир фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ шаклҳои нав пайдо намуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои пӯшидаи интернетӣ ва усулҳои мураккаби маблағшӯиро густариш додааст. Аз ҳамин сабаб, сиёсати муосири Иттиҳод бештар ба ҳамгироии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубодилаи фаврии иттилоот ва истифодаи технологияҳои муосири таҳлилӣ нигаронида шудааст [9, с. 7].

Дар баробари ин зикр кардан ба маврид аст, ки низоми ҳуқуқӣ ва институтсионалии Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба принсипҳои ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва такмили механизмҳои пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ асос ёфтааст. Самаранокии ин низом на танҳо аз сатҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки аз фаъолияти ҳамоҳангшудаи институтҳои аврупоӣ ва мақомоти миллии давлатҳои аъзо вобастагӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар аз он иборат аст, ки бо вуҷуди мавҷудияти стратегияҳои умумии аврупоӣ, татбиқи онҳо дар сатҳи миллӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсати ҷиноятии ҳар як давлат амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқии давлатҳои аъзои Иттиҳод аз рӯи шаклҳои танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ, сиёсати пешгирӣ ва механизмҳои назорати давлатӣ дорои фарқиятҳои муайян мебошад [5, с. 5–10].

Дар Олмон сиёсати давлатӣ ба принсипи муттаҳидсозии чораҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Қонунгузории ин кишвар барои истеҳсол, интиқол ва паҳн намудани маводи нашъаовар ҷавобгарии ҷиноятии қатъиро пешбинӣ менамояд, аммо ҳамзамон барои шахсони гирифтори вобастагӣ барномаҳои табобат ва барқарорсозии иҷтимоӣ низ татбиқ мешаванд. Чунин муносибат ба коҳиш додани сатҳи такрори ҷиноятқорӣ ва мусоидат ба барқарорсозии иҷтимоии нашъамандон нигаронида шудааст [6, с. 145–152].

Дар Фаронса сиёсати зиддимухаддиротӣ бештар хусусияти ҷазодиҳанда дошта, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба пешгирии фаъолияти шабакаҳои муташаккили ҷиноятӣ, мусодираи дороиҳои ғайриқонунӣ ва таҳкими назорати сарҳадӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Тибқи маълумоти Eurojust, ҳамкории мақомоти тафтишотӣ ва прокуратураи Фаронса бо дигар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои муҳими мубориза бо шабакаҳои трансмиллии муомилоти маводи нашъаовар ба ҳисоб меравад [2, с. 22].

Таҷрибаи Нидерланд аз дигар давлатҳои Иттиҳод то андозае фарқ мекунад. Дар ин кишвар нисбат ба баъзе навъҳои каннабис сиёсати таҳаммулпазирӣ татбиқ мешавад, аммо нисбат ба фаъолияти шабакаҳои ғайриқонунии истеҳсол ва интиқоли маводи нашъаовар ҷавобгарии ҷиноятӣ пурра нигоҳ дошта шудааст. Таҳлили таҷрибаи Нидерланд нишон медиҳад, ки чунин сиёсат ба маънои қонунигардонии пурраи бозори маводи нашъаовар набуда, балки воситаи ҷудо намудани бозори истеъмолӣ аз шабакаҳои ҷиноятии муташаккил мебошад [5, с. 12].

Португалия низ яке аз намунаҳои муҳими ислоҳоти сиёсати зиддимухаддиротӣ дар Аврупо маҳсуб мешавад. Баъди декриминализатсияи нигоҳдории миқдори ками маводи нашъаовар барои истифодаи шахсӣ, сиёсати давлатӣ бештар ба пешгирӣ, табобат ва ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ равона гардид. Тавре ки Р. Колсон ва Ҳ. Бергерон қайд менамоянд, чунин ислоҳот ба коҳиш ёфтани як қатор оқибатҳои иҷтимоии вобаста ба нашъамандӣ мусоидат намудааст, ҳарчанд масъалаи мубориза бо гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил аҳамияти худро нигоҳ доштааст [6, с. 214–223].

Таҷрибаи муқоисавии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки самаранокии сиёсати зиддимухаддиротӣ танҳо аз дараҷаи сахтгирии ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста нест. Баръакс, натиҷаҳои таҳлил собит менамоянд, ки кишварҳое, ки чораҳои ҳуқуқӣ, пешгирии иҷтимоӣ, табобат ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар шакли ягона татбиқ менамоянд, дар

мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар натиҷаҳои устувортар ба даст меоранд. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи Олмон ва Португалия аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи танҳо чораҳои ҷазодиҳанда наметавонад мушкилоти мазкурро пурра ҳал намояд.

Ҳамин тариқ, фарқиятҳои сиёсати миллӣ дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба рушди моделҳои гуногуни мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар оварда расонидаанд. Вале таҳлили санадҳои Иттиҳод нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ин фарқиятҳо, тамоюли умумӣ ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, тақвияти ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мутобиқ намудани сиёсати миллӣ ба стратегияҳои умумии Иттиҳоди Аврупо равона гардидааст [4, с. 20].

Дар шароити муосир самаранокии сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар аз фаъолияти ҳамоҳангшудаи институтҳои махсусгардонидашудаи аврупоӣ вобастагии зич дорад. Бо дарназардошти он ки муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар хусусияти фаромиллӣ касб намудааст, давлатҳои алоҳида имконияти мустақилона муқовимати самаранок ба чунин таҳдидҳоро надоранд. Аз ин рӯ, дар доираи Иттиҳоди Аврупо механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти миллӣ тавассути ниҳодҳои махсус ташкил карда шудааст, ки онҳо мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии амалиётҳои муштарак ва таҳияи сиёсати ягонаи зиддимухаддиротиро таъмин менамоянд [4, с. 20].

Дар байни чунин институтҳо EUDA (European Union Drugs Agency), ки қаблан ҳамчун EMCDDA фаъолият менамуд, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вазифаи асосии агентӣ ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот оид ба вазъи бозори маводи нашъаовар, муайян намудани тамоюлҳои нав ва омода намудани тавсияҳои илмӣ барои давлатҳои аъзои Иттиҳод мебошад. Тибқи European Drug Report 2024, афзоиши истеҳсол ва паҳншавии маводи синтетикӣ, густариши шабакаҳои рақамии фурӯш ва истифодаи усулҳои нави интиқол зарурати такмили мониторинги доимиро ба миён овардааст [1, с. 10].

Ба андешаи мо, фаъолияти EUDA танҳо ба ҷамъоварии маълумоти оморӣ маҳдуд намешавад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин агентӣ ба яке аз марказҳои асосии таҳлили стратегии Иттиҳоди Аврупо табдил ёфтааст. Маҳз натиҷаҳои таҳлилҳои илмии агентӣ барои таҳияи стратегияҳои нави зиддимухаддиротӣ, муайян намудани хавфҳои нав ва арзёбии самаранокии сиёсати давлатҳои аъзо истифода мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти EUDA хусусияти пешгирикунанда дошта, имконият медиҳад, ки қарорҳои сиёсӣ бо такя ба далелҳои илмӣ қабул карда шаванд.

Дар баробари ин, нақши Europol дар мубориза бо шабакаҳои ҷиноятии муташаккил аҳамияти махсус дорад. Фаъолияти агентӣ пеш аз ҳама ба ҳамоҳангсозии амалиётҳои муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубодилаи фаврии иттилооти оперативӣ ва дастгирии таҳқиқоти фаромиллӣ равона шудааст. Таҳлилҳои Eurojust нишон медиҳанд, ки аксари шабакаҳои муосири муомилоти маводи нашъаовар фаъолияти худро дар якчанд давлат амалӣ менамоянд, ки ин ҳамкории доимии мақомоти миллӣ ва институтҳои аврупоиро талаб мекунад [2, с. 22].

Дар ҳамин замина фаъолияти Eurojust ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои мақомоти прокуратура ва судӣ аҳамияти калон дорад. Ин ниҳод ба ҳаллу фасли масъалаҳои вобаста ба юрисдиксия, ташкили гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва мубодилаи далелҳои мурофиавӣ мусоидат менамояд. Ба шарофати фаъолияти Eurojust имконият фароҳам меояд, ки парвандаҳои ҷиноятии фаромиллӣ бо иштироки якчанд давлат самаранок баррасӣ карда шаванд ва аз такроршавии расмиёти мурофиавӣ пешгирӣ карда шавад [2, с. 5].

Ҷузъи муҳими сиёсати Иттиҳоди Аврупо инчунин тақвияти назорати сарҳадӣ мебошад. Бо дарназардошти он ки қисми зиёди маводи нашъаовар тавассути роҳҳои байналмилалии нақлиётӣ ва бандарҳои баҳрӣ ворид мегардад, Иттиҳод ба рушди механизмҳои ҳамоҳангсозии назорати гумрукӣ ва сарҳадӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар EU Roadmap to Fight Drug Trafficking and Organised Crime таъкид мешавад, ки тақвияти ҳамкориҳои байни мақомоти гумрукӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар институтҳои аврупоӣ яке аз омилҳои асосии маҳдуд намудани фаъолияти шабакаҳои ҷиноятии муташаккил мебошад [9, с. 7].

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар шароити муосир наметавонад танҳо ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асос ёбад. Самаранокии сиёсати зиддимухаддиротӣ бештар аз сатҳи ҳамгироии институтсионалӣ, мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии қарорҳои сиёсӣ ва истифодаи натиҷаҳои таҳлилҳои илмӣ вобаста мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо ба Иттиҳоди Аврупо имконият медиҳанд, ки нисбат ба таҳдидҳои нав сари вақт вокуниш нишон диҳад ва сиёсати худро мутобиқ созад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки фаъолияти институтҳои Иттиҳоди Аврупо ба ташаккули низоми ягонаи муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар мусоидат менамояд.

Ҳамгироии фаъолияти EUDA, Europol ва Eurojust на танҳо самаранокии мубориза бо гурӯҳҳои ҷиноятии фаромиллиро баланд мебардорад, балки барои такмили сиёсати умумии амниятии Иттиҳод ва мутобиқ намудани он ба таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҳлили санадҳои расмии Иттиҳоди Аврупо ва ташкилотҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз рушди заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамоно бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошад. Пеш аз ҳама, тағйирёбии доимии шаклҳои фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ва мутобиқшавии онҳо ба шароити нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва технологӣ самаранокии тадбирҳои анъанавии зиддимухаддиротиро коҳиш медиҳад. Тибқи маълумоти European Drug Report 2024, солҳои охир дар бозори Аврупо паҳншавии маводи синтетикӣ, истифодаи шабакаҳои рақамӣ ва тағйир ёфтани роҳҳои интиқоли маводи нашъаовар ба мушоҳида мерасад, ки аз мақомоти давлатӣ истифодаи воситаҳои нави муқовиматро талаб менамояд [1, с. 45].

Яке аз мушкилоти асосӣ фарқияти низомҳои ҳуқуқии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо мебошад. Гарчанде ки сиёсати умумии Иттиҳод самтҳои асосии муборизаро муайян мекунад, тартиби татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ, чорабиниҳои пешгирӣ ва механизмҳои татбиқи қонунгузорӣ дар сатҳи миллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Тавре ки дар таҳқиқоти Drug Trafficking Penalties Across the European Union нишон дода шудааст, чунин фарқиятҳо метавонанд ба мушкил гардидани ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва паст шудани самаранокии мубориза бо шабакаҳои ҷиноятии фаромиллӣ мусоидат намоянд [5, с. 5–10].

Мавҷудияти фарқиятҳои ҳуқуқӣ худ ба худ мушкилоти асосӣ нест. Мушкилоти воқеӣ дар он зоҳир мегардад, ки гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил аз ҳамин номувофиқии қонунгузории миллӣ истифода намуда, фаъолияти худро ба он давлатҳое равона месозанд, ки дар онҳо сатҳи назорат ё тартиби ҷавобгарӣ нисбатан фарқ мекунад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонад самаранокии сиёсати умумии Иттиҳоди Аврупоро баланд бардорад.

Мушкилоти дигар ба фаъолияти шабакаҳои байналмилалии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Дар World Drug Report 2024 таъкид шудааст, ки муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар имрӯз бо дигар шаклҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ, аз ҷумла маблағшӯӣ, коррупсия ва фаъолияти гурӯҳҳои муташаккил алоқаи зич дорад [7, с. 5]. Дар чунин шароит истифодаи танҳо чорабиниҳои ҳуқуқӣ барои маҳдуд намудани фаъолияти чунин шабакаҳо кофӣ нест.

Таҳлил нишон медиҳад, ки муборизаи самаранок бояд ба ҳамгироии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти гумрукӣ, сохторҳои молиявӣ ва институтҳои байналмилалӣ асос ёбад. Дар EU Roadmap to Fight Drug Trafficking and Organised Crime зарурати таҳкими ҳамкориҳои байни институтҳои Иттиҳоди Аврупо, мубодилаи иттилооти оперативӣ ва такмили механизмҳои муайянсозии шабакаҳои ҷиноятӣ махсус таъкид гардидааст.

Яке аз самтҳои муҳими такмили сиёсати Иттиҳоди Аврупо бояд истифодаи васеи таҳлилҳои илмӣ ҳангоми қабули қарорҳои сиёсӣ бошад. Таҷрибаи фаъолияти EUDA нишон медиҳад, ки мониторинги доимии бозори маводи нашъаовар ва арзёбии тағйирёбии хавфҳо имконият медиҳад, ки давлатҳои аъзо тадбирҳои пешгирикунандаро пеш аз густариши таҳдидҳои нав амалӣ намоянд. Аз ин лиҳоз, таҳияи сиёсати давлатӣ бояд бештар ба маълумоти илмӣ ва таҳлилҳои муосир такя намояд, на танҳо ба вокуниш ба оқибатҳои ҷиноятқорӣ.

Илова бар ин, таҳқиқоти European Drug Policies: The Ways of Reform нишон медиҳад, ки таҷрибаи давлатҳои аврупоӣ аҳамияти ҳамоҳангии чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва тандурустиро тасдиқ менамояд. Дар он ҳолатҳое, ки сиёсати давлатӣ танҳо ба пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ асос меёбад, самаранокии мубориза маҳдуд боқӣ мемонад. Баръакс, омезиши чорабиниҳои пешгирӣ, табобат, ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои устувортар ба даст оварда шаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дурнамои рушди сиёсати Иттиҳоди Аврупо бояд пеш аз ҳама ба такмили ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзо, таҳкими фаъолияти институтҳои аврупоӣ, рушди механизмҳои мубодилаи иттилоот ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ асос ёбад. Танҳо дар сурати татбиқи маҷмуии чунин чорабиниҳо имкони баланд бардоштани самаранокии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коҳиш додани таҳдидҳои вобаста ба он фароҳам хоҳад омад.

Таҳлили сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар нишон дод, ки дар даҳсолаҳои охир дар доираи Иттиҳод низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ташаккул ёфтааст, ки ба ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳои аъзо ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Қабули Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид соли 1988, Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба маводи нашъаовар барои солҳои 2021–2025 ва дигар санадҳои соҳавӣ барои ташаккули сиёсати ягонаи зиддимухаддиротии аврупоӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд.

Таҳқиқ муайян намуд, ки мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Иттиҳоди Аврупо танҳо ба пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ асос намеёбад. Сиёсати муосири Иттиҳод истифодаи ҳамзамони чорабиниҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва пешгирикунандаро пешбинӣ намуда, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо тадбирҳои ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ муттаҳид месозад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо муайян гардид, ки сиёсати миллӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар бо вуҷуди мавҷудияти ҳадафҳои умумӣ аз рӯи механизмҳои татбиқи ҳуқуқ, чорабиниҳои пешгирӣ ва дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ фарқ мекунад. Ин фарқиятҳо ба ташаккули моделҳои гуногуни сиёсати зиддимухаддиротӣ оварда расонида, ҳамзамон зарурати ҳамоҳангсозии минбаъдаи қонунгузории давлатҳои аъзоро ба миён мегузоранд.

Таҳлил нишон дод, ки фаъолияти институтҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла EUDA, Europol ва Eurojust, яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ ба ҳисоб меравад. Ин ниҳодҳо тавассути мубодилаи иттилоот, таҳлили хавфҳо, ҳамоҳангсозии амалиётҳои муштарак ва дастгирии ҳамкориҳои судӣ барои ташаккули низоми ягонаи муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар мусоидат менамоянд.

Муайян гардид, ки рушди технологияҳои рақамӣ, паҳншавии маводи синтетикӣ ва тағйирёбии роҳҳои интиқоли маводи нашъаовар ба низоми мавҷудаи мубориза талаботи нав мегузоранд. Аз ин рӯ, сиёсати Иттиҳоди Аврупо бояд ба таҳкими механизмҳои мониторинг, истифодаи таҳлилҳои илмӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ такя намояд, зеро танҳо чунин муносибат метавонад мутобиқшавии саривақтиро ба таҳдидҳои нави ҷиноятқорӣ таъмин намояд

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки самаранокии сиёсати зиддимухаддиротӣ пеш аз ҳама ба сатҳи ҳамгироии институтсионалӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва истифодаи муносибати комплексӣ вобаста мебошад. Омезиши чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ имкон медиҳад, ки на танҳо оқибатҳои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар коҳиш дода шаванд, балки омилҳои ба вуҷудорандаи он низ маҳдуд гарданд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ имконият медиҳанд хулоса бароварда шавад, ки сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба принсипҳои ҳамгироӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти институтҳо ва такмили доимии механизмҳои ҳуқуқӣ асос ёфта, метавонад ҳамчун яке аз намунаҳои самараноки ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ арзёбӣ гардад.

Адабиёт

1. European Drug Report 2024: Trends and Developments [Европейский доклад о наркотиках 2024: тенденции и развитие]. – Luxembourg : Publications Office of the European Union, 2024. – 100 p.
2. Eurojust Report on Drug Trafficking [Доклад Евроюста о незаконном обороте наркотиков]. – The Hague : Eurojust, 2021. – 50 p.
3. United Nations Convention Against Illicit Traffic in Narcotic Drugs and Psychotropic Substances, 1988 [Конвенция Организации Объединённых Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ, 1988 г.]. – Vienna : United Nations Office on Drugs and Crime (UNODC), 1988. – 50 p.
4. EU Drugs Strategy 2021–2025 [Стратегия Европейского союза по борьбе с наркотиками на 2021–2025 годы]. – Brussels : European Commission, 2021. – 30 p.
5. Drug Trafficking Penalties Across the European Union [Меры уголовной ответственности за незаконный оборот наркотиков в государствах Европейского союза]. – Luxembourg : European Monitoring Centre for Drugs and Drug Addiction (EMCDDA), 2017. – 50 p.
6. Colson R., Bergeron H. (eds.). European Drug Policies: The Ways of Reform [Европейская политика в сфере наркотиков: пути реформирования]. – London : Routledge, 2017. – 333 p. – ISBN 9781138915206.
7. World Drug Report 2024 [Всемирный доклад о наркотиках 2024]. – Vienna : United Nations Office on Drugs and Crime (UNODC), 2024. – 200 p.
8. Drug Supply Reduction: An Overview of EU Policies and Measures [Сокращение предложения наркотиков: обзор политики и мер Европейского союза]. – Luxembourg : European Monitoring Centre for Drugs and Drug Addiction (EMCDDA), 2016. – 24 p.
9. EU Roadmap to Fight Drug Trafficking and Organised Crime [Дорожная карта Европейского союза по борьбе с незаконным оборотом наркотиков и организованной преступностью]. – Brussels : European Commission, 2023. – 20 p.
10. United Nations Convention against Transnational Organized Crime [Конвенция Организации Объединённых Наций против транснациональной организованной преступности (Палермская конвенция)]. – New York : United Nations, 2000. – 41 p.

МУБОРИЗА БО МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ НАШЪАОВАР ДАР ДАВЛАТҲОИ АВРУПО

Дар мақола масъалаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавии санадҳои байналмилалӣ ва аврупоӣ, аз ҷумла Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва моддаҳои психотропии соли 1988, Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба маводи нашъаовар барои солҳои 2021–2025, инчунин гузоришҳои European Drug Report 2024, World Drug Report 2024, Eurojust ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ, хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати зиддимухаддиротии Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардидаанд. Таҷрибаи давлатҳои алоҳидаи Иттиҳод, аз ҷумла Олмон, Фаронса, Нидерланд ва Португалия, аз нуқтаи назари муқоисавӣ таҳлил шуда, умумият ва фарқиятҳои механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии онҳо муайян карда шудаанд. Нақши институтҳои аврупоӣ, аз ҷумла EUDA, Europol ва Eurojust, дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти миллӣ, мубодилаи иттилоот ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ арзёбӣ гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқ хулоса карда мешавад, ки самаранокии сиёсати Иттиҳоди Аврупо ба истифодаи муносибати комплексӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзо, рушди механизмҳои институтсионалӣ ва такя ба таҳлилҳои илмӣ вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо, такмили сиёсати зиддимухаддиротӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Калидвожаҳо: Иттиҳоди Аврупо, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, сиёсати зиддимухаддиротӣ, EUDA, Europol, Eurojust, ҳамкориҳои байналмилалӣ.

БОРОТЬБА С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В СТРАНАХ ЕВРОПЫ

В статье исследуются правовые и институциональные основы политики Европейского союза в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотических средств. На основе сравнительного анализа международных и европейских нормативных документов, включая Конвенцию Организации Объединённых Наций 1988 года, Стратегию Европейского союза по наркотикам на 2021–2025 годы, а также материалы European Drug Report 2024, World Drug Report 2024, доклады Eurojust и другие официальные документы, рассмотрены особенности формирования и реализации антинаркотической политики Европейского союза. Особое внимание уделено сравнительному анализу правовых и институциональных механизмов противодействия незаконному обороту наркотиков в Германии, Франции, Нидерландах и Португалии. Исследована роль специализированных институтов Европейского союза EUDA, Europol и Eurojust в координации деятельности национальных правоохранительных органов, развитии международного сотрудничества и совершенствовании механизмов обмена информацией. В результате исследования установлено, что эффективность антинаркотической политики Европейского союза определяется комплексным использованием правовых, организационных и институциональных механизмов, согласованием законодательства государств-членов и развитием международного сотрудничества. Полученные результаты могут быть использованы при изучении зарубежного опыта противодействия незаконному обороту наркотиков, совершенствовании национальной антинаркотической политики и развитии международного сотрудничества в сфере борьбы с транснациональной организованной преступностью.

Ключевые слова: Европейский союз; незаконный оборот наркотиков; антинаркотическая политика; EUDA; Europol; Eurojust; международное сотрудничество.

COMBATING ILLICIT TRAFFICKING IN NARCOTIC DRUGS IN EUROPEAN COUNTRIES

The article examines the legal and institutional foundations of the European Union's policy aimed at combating illicit drug trafficking. The study is based on a comparative analysis of international and European legal instruments, including the 1988 United Nations Convention against Illicit Traffic in Narcotic Drugs and Psychotropic Substances, the EU Drugs Strategy 2021–2025, the European Drug Report 2024, the World Drug Report 2024, Eurojust reports, and other official European Union documents. The research analyzes the development and implementation of the EU anti-drug policy and compares the legal and institutional approaches adopted by Germany, France, the Netherlands, and Portugal. Particular attention is paid to the role of specialized European institutions, including EUDA, Europol, and Eurojust, in coordinating the activities of national law enforcement authorities, strengthening international cooperation, and improving information exchange mechanisms. The study concludes that the effectiveness of the European Union's anti-drug policy depends on the integrated application of legal, institutional, and organizational measures, the harmonization of national legislation, and the expansion of international cooperation. The findings may be useful for comparative legal

research, the improvement of national anti-drug policies, and the development of international mechanisms for combating transnational organized crime and illicit drug trafficking.

Keywords: European Union; illicit drug trafficking; anti-drug policy; EUDA; Europol; Eurojust; international cooperation.

Дар бораи муаллиф
Искандарӣ Сулаймон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
34025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-gmail: sulaymon.iskandari@gmail.com

Об авторе
Искандари Сулаймон
кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикиский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-gmail: sulaymon.iskandari@gmail.com

About the author.
Iskandari Sulaimon
Candidate of Legal Sciences Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
E-gmail: sulaymon.iskandari@gmail.com

ТДУ 342.511(575.3)

ТАҲКИМИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУРАККАБИИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ

Холов С. С., Каримов Ш.Т.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Раванди рушди таърихии давлатҳо ва миллатҳо нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ ва даврaҳои таҳаввулоти бунёдӣ нақши шахсият дар муайян намудани самти рушди ҷомеа аҳамияти хоса пайдо мекунад. Маҳз дар чунин шароит шахсиятҳое зуҳур менамоянд, ки фаъолияти онҳо ба таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди арзишҳои ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Чунин шахсиятҳо метавонанд бо қабули қарорҳои стратегӣ ва сафарбар намудани неруҳои ҷомеа барои рушди минбаъдаи давлат заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Дар айни замон, пайдоиши чунин шахсиятҳои барҷаста ба сатҳи рушди таърихӣ ва фарҳангии худи миллат низ вобастагии мустақим дорад. Миллате, ки дорои таърихи қадимӣ, тамаддуни ғанӣ, арзишҳои устувори миллӣ ва мероси бойи илмиву фарҳангӣ мебошад, қодир аст шахсиятҳоеро ба камол расонад, ки дар сарнавишти давлат ва ҷомеа нақши муайянкунанда бозанд.

Муҳаққиқи ватанӣ Абдуллоҳи Раҳнамо чунин менигорад, ки “Магар мо Исмоили Сомониро шахсан мешиносем ва ё ҳеҷ кадоме аз мо аз ӯ инъоме ё вазифае гирифтаем? Аммо чун ӯ бунёдгузор ва рамзи як силсила арзишҳои усулии давлатдории миллии мост, ӯро нодида гиромӣ медорем. Аз ин нигоҳ, дар як фаҳмиши дурусти давлатдорона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ имрӯз дигар фақат як шахс нест, ки ҳатман ҳар яки мо бо ӯ шиносоии шахсӣ дошта бошем ва ҳар яки мо аз ӯ инъоме ё мансабе дарёфт кунем, балки фаъолият ва шахсияти ӯ маҳз дар раванди таърихии давлатсозӣ ва ташаккули арзишҳои усулии давлатдории муосири мо таҷассум ёфтааст. Яъне дар дидгоҳи таърихию давлатмеҳвар Пешвои миллат дигар на ҳамчун шахси алоҳида, балки ҳамчун шахсияти таърихӣ ва рамзи арзишҳои бунёдии давлатдории муосири мо гиромӣ дошта мешавад. Ин аст, ки имрӯз ӯ аз тарафи огоҳон на ҳамчун шахс, балки ҳамчун рамзи арзишҳои бунёдии давлатдорӣ, ҳамчун меҳвари ваҳдати миллӣ, ҳамчун кафили суботи устувор, ҳамчун арзиши миллӣ ва ҳамчун сарвати давлатию таърихӣ ҷонибдорӣ ва ҳимоя мешавад. Албатта, банда низ дарк ва инсоф мекунам, ки ин тарзу сатҳи фаҳмиш на барои ҳамагон қобили фаҳм ё қабул аст, аммо мантиқи навиштаҳои банда дар ин мавзӯъ, пеш аз ҳама, ҳамин будааст. Ба ибораи дигар, аз диди банда имрӯз ҳимоя аз ин низоми сиёсӣ ва роҳбарияти он ба маънои ҷонибдорӣ аз ин равнади таърихии давлатсозӣ, аз дастовардҳои зикршудаи он ва аз ин маҷмӯи арзиш-ҳои бунёдии давлатдорӣ мебошад” [5, с. 75-76]. Ба назари мо, андешаҳои Абдуллоҳи Раҳнамо нақши ниҳоди президентиро аз дидгоҳи таърихию давлатмеҳвар тавзеҳ медиҳанд. Муҳаққиқ шахсияти Пешвои миллатро на танҳо ҳамчун роҳбари сиёсӣ, балки ҳамчун рамзи арзишҳои бунёдии давлатдории муосири Тоҷикистон арзёбӣ менамояд. Дар ин замина, таҳкими ниҳоди президентӣ бо таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи сиёсӣ робитаи мустақим дорад.

Халқи тоҷик ҳамчун яке аз миллатҳои қадимтарини соҳибтамаддуни ҷаҳон дар тӯли таърихи худ шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангиро ба арсаи таърих ворид намудааст. Таърих гувоҳ аст, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ чунин абармардон, аз қабили Спитамен, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Бобоҷон Ғафуров зуҳур намудаанд, ки бо хизматҳои бузурги сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии худ дар рушди тамаддуни тоҷикон ва муаррифии миллат дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Дар мақолаи хеш С. Ятимов чунин андеша дорад, ки “Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ - оғоз аз мактабҳои ибтидоӣ, миёна, олӣ, деҳқонон, коргарон, олимон, кормандони соҳаҳои эҷодӣ, аъзои ҳукумат бо сарфи қимматарин арзиш - вақт, батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чорабиниҳо кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист”[9]. Ба назари мо, андешаҳои С. Ятимов аҳаммияти робитаи мустақими роҳбари давлат бо ҷомеаро ҳамчун унсури муҳими таҳкими ниҳоди президентӣ инъикос менамоянд. Муошират пайваста бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба баланд гардидани эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти давлатӣ, дарки воқеии масъалаҳои иҷтимоӣ ва қабули қарорҳои

самараноки сиёсӣ мусоидат мекунад. Дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ чунин усули роҳбарӣ ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини суботи сиёсӣ замина фароҳам меорад.

Ниҳоди Президент дар низомҳои сиёсии муосир яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба шумор меравад, ки нақши калидӣ дар ташкили сохтори қудрат ва идораи самараноки кишвар мебозад. Ин ниҳод на танҳо ҳамчун мақоми олии иҷроия амал мекунад, балки ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, кафили суботи сиёсӣ ва таъминкунандаи амнияти давлатӣ низ шинохта мешавад. Дар давлатҳое, ки аз низомҳои мутамаркази ҳизбӣ ё монархӣ ба низоми ҷумҳуриявӣ ва бисёрҳизбӣ гузар мекунанд, аҳамияти мақоми президентӣ бештар мегардад. Тибқи низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ ба салоҳияти Президенти кишвар вогузор шудааст. Чунин тартиби тақсими ваколатҳо барои таъмини ягонагии стратегӣ, пайдарпайии фаъолияти байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ мусоидат менамояд.

Таҳкими ниҳоди президентӣ асосан дар шароити пурпечутоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Чунин шароит метавонад аз фурӯпошии сохторҳои давлатдории қаблӣ, эҳтиёҷ ба ташкили низоми нав, зуҳури буҳронҳои иқтисодиву амниятӣ ва зарурати бозсозии муассисаҳои давлатӣ бархезад. Дар чунин ҳолатҳо, мақоми президентӣ ҳамчун маркази мутамаркази қудрати иҷроия ва таъминкунандаи ҳамоҳангии тамоми шохаҳои ҳокимият аҳамияти вижа пайдо мекунад. Таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии давраи соҳибистиқлолӣ нишон доданд, ки дар шароити мавҷудияти таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳкими ниҳоди президентӣ барои таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи давлатдорӣ аҳамияти муҳим дорад. Бо ҳамин мақсад, дар марҳилаҳои гуногуни рушди кишвар ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид гардида, ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуданд ва механизмҳои нави идоракунии давлатӣ ташаккул ёфтанд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ шуд. Набудани ниҳодҳои устувори давлатӣ, таҷрибаи маҳдуди идоракунии демократӣ, низоъҳои дохилӣ ва буҳрони иқтисодӣ зарурати таъсиси низоми муассири ҳокимияти давлатиро ба миён оварданд.

Дар чунин вазъият, ниҳоди Президент ягона нерӯе буд, ки тавонист ба муттаҳидсозии ҷомеа, ҳифзи сохтори марказии давлатдорӣ ва пешгирӣ аз нобудшавии низоми сиёсии кишвар мусоидат кунад. Таҷрибаи давраи ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992–1997) ва чорабиниҳои пас аз сулҳ собит сохт, ки бе мавҷудияти як Президенти пуркувват ва боқудрат, ба даст овардани суботи сиёсӣ ва бозсозии низоми давлатдорӣ имконнопазир мебуд. Дар ин ҷода муҳаққиқ Ҳайдаров Р.Ҷ. чунин ибрози назар намудааст, ки “Имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳкили истиқлолияти далватии тоҷикон бевосита ба ташаакули ниҳоди президентӣ вобастагии амиқ дорад. Зеро маҳз ба шарофати сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаву бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бӯҳрони шадиди солҳои аввлаи истиқлолият бартараф гардид”[8, с. 38]. Ба андешаи мо, мавқеи муҳаққиқ Ҳайдаров Р.Ҷ. бо масъалаи таҳкими ниҳоди президентӣ дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ алоқамандии мустақим дорад. Воқеан, солҳои аввали истиқлолият барои Тоҷикистон давраи бисёр ҳассос ва пурбуҳрон маҳсуб меёфт, ки дар он хатари аз байн рафтани давлатдорӣ ва халалдор гардидани низоми идоракунии давлатӣ вуҷуд дошт. Маҳз дар чунин шароити мураккаб зарурати ташаккули ниҳоди қавии президентӣ ба миён омад. Ин ниҳод ҳамчун механизми калидии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим бозид.

Маҳз тавассути фаъолияти ниҳоди президентӣ имконият фароҳам омад, ки пояҳои давлатдории миллӣ ҳифз гардида, раванди барқарорсозии сохторҳои давлатӣ ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ амалӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки таҳкими ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон танҳо як раванди оналӣ набуда, балки яке аз омилҳои асосии бартарафсозии буҳрони сиёсӣ ва таъмини рушди минбаъдаи давлат ба ҳисоб мерафт.

Дар шароити ихтилофҳои шадиди сиёсӣ ва буҳрони давлатдорӣ, ки дар солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта буд, ба арсаи сиёсат ворид шудани Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ нақши муҳим гузошт. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассоси таърихӣ зарурати таҳкими ниҳоди президентӣ ҳамчун механизми марказии идоракунии давлатӣ ва омили таъмини суботи сиёсӣ бештар эҳсос мегардид. Маҳз дар ҳамин замина Пешвои миллат чунин андеша доранд, ки “Бинобар ин мо мехоҳем, ки мардуми кишвари азизамон аз назари сиёсӣ огоҳ ва аз моҳияти равнадҳои сиёсӣ бохабар бошанд, ҳадафу моҳияти барномаҳои давлатиро сарфаҳм раванд, дуруст дарк намоянд, ки давлат ва Ҳукумати онҳо ба чӣ кор машғул мебошад, ба кадом самт равон аст, кадом корҳоро анҷом додааст ва кадом корҳои дигарро юояд иҷро намояд. Мардум бояд дуруст дарк кунанд, ки манфиати миллии онҳо дар чист ва манфитаи неруҳои манфиатхоҳи берунӣ аз чӣ иборат аст, зери

ин мавҷи таблиғоту иттилооти берунӣ, ки огоҳона аба сари ҷомеаи мо рехта мешавад, чӣ ҳадафҳо нуҳуфтаанд”[4, с. 425]. Дар шароити муосир, ки ба мураккаб гардидани равандҳои сиёсӣ, густариши таҳдидҳои иттилоотӣ ва тағйирёбии босуръати вазъи геополитикӣ тавсиф мешавад, таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳими ҳифзи суботи сиёсӣ ва таъмини рушди устувори давлат аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Аз иқдомҳои аввалини роҳбарии ӯ бармеомад, ки фаъолияти ниҳоди президентӣ ба муттаҳидсозии неруҳои сиёсӣ, коҳиш додани муқовиматҳои дохилӣ ва фароҳам овардани замина барои муколамаи сиёсӣ равона гардидааст. Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ ниҳоди президентӣ тадриҷан ба унсури калидии низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфта, барои ҳифзи якпорчагии давлат, барқарор намудани фаъолияти мақомоти ҳокимият ва таъмини суботи конститутсионӣ мусоидат намуд.

Дар натиҷаи таҳкими фаъолияти ниҳоди президентӣ имконият фароҳам омад, ки кишвар аз буҳрони сиёсӣ ва хатари парокандагии давлатдорӣ берун оварда шавад. Ҳамзамон, барои барқарорсозии сулҳу субот, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва татбиқи ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ заминаҳои мусоид ба вуҷуд омаданд. Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон ҳамчун механизми муҳими таъмини суботи давлатӣ ва рушди минбаъдаи давлатдорӣ нақши муассир иҷро намудааст

Раванди таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ хусусияти марҳилавӣ ва пайгирона дошта, тавассути татбиқи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, оналӣ ва сиёсӣ амалӣ гардид. Дар ин раванд такмили заминаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳокимияти президентӣ аҳамияти калидӣ касб намуд. Аз ҷумла, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дақиқ намудани ваколатҳо ва густариши салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ мусоидат кард.

Муҳаққиқ Шаҳбоз Асадов дар таҳқиқоти худ таъкид менамояд, ки «тағйиру иловаҳои конститутсионии солҳои баъдӣ пеш аз ҳама ба таҳкими ҳокимияти иҷроия ва густариши нақши Президент дар низоми идоракунии давлатӣ равона гардида буданд»[10]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ хусусиятҳои таҳкими ниҳоди президентиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ ба таври воқеъбинона инъикос менамояд. Дар солҳои аввали истиқлолият кишвар бо буҳрони амиқи сиёсӣ, бесуботии иҷтимоӣ ва заъфи ниҳодҳои давлатӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар чунин шароит зарурати ташаккул ва таҳкими ниҳоди президентӣ ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини идоракунии самараноки кишвар ба миён омад. Дар чунин шароит густариши мақоми конститутсионии Президент ва такмили механизмҳои институтсионалии вобаста ба он пеш аз ҳама ба ҳифзи суботи сиёсӣ, барқарорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими давлатдорӣ равона гардида буд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳкими ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистонро метавон ҳамчун раванди объективии мутобиқшавии низоми сиёсӣ ба шароити буҳронӣ ва зарурати таъмини идоракунии самараноки давлатӣ арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, ташаккули сохторҳои институтсионалии вобаста ба дастгоҳи президентӣ ва такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ заминаи таҳкими низоми марказонидашудаи идоракуниро фароҳам оварда. Дар ин замина, таъсиси сохторҳои ёрирасон ва машваратӣ, аз ҷумла Шурои амнияти миллӣ, барои таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият аҳамияти муҳим пайдо намуд.

Дар баробари ин, баргузории мунтазами интихоботҳои президентӣ ва раъйпурсиҳои умумихалқӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини машруияти демократии ҳокимияти президентӣ нақши назаррас бозиданд. Иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ин равандҳо ба таҳкими асосҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва болоравии эътимоди ҷамъиятӣ нисбат ба ниҳоди президентӣ мусоидат намуда, ҷойгоҳи онро дар низоми сиёсии кишвар устувортар гардонд.

Назарияи муосири давлатдорӣ ва идоракунии сиёсӣ бар он асос меёбад, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди президентӣ на танҳо ба ҳаҷми ваколатҳои конститутсионӣ, балки ба мавҷудияти механизми мутавозини тақсимоти ҳокимият ва назорати байниҳамдигарии шохаҳои давлатӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми президентӣ бояд дар доираи принсипҳои давлатдории ҳуқуқбунёд, волоияти қонун ва мувозинати институтсионалии амалӣ гардад.

Дар айни замон, таҳкими устувори ниҳоди президентӣ ба маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ вобастагии зич дорад. Дар ин раванд мавҷудияти заминаи мукаммали ҳуқуқӣ, такмили пайвастаи механизмҳои идоракунии давлатӣ ва сатҳи баланди эътимоди ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда касб менамоянд.

Маҳз ҳамин омилҳо имконият фароҳам меоранд, ки ниҳоди президентӣ фаъолияти худро ба таври самаранок ва устувор амалӣ намуда, дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва пешбурди рушди устувори ҷомеа нақши муассир иҷро намояд.

Таҷрибаи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди президентӣ танҳо бо ҳаҷми ваколатҳои конститутсионии он муайян карда намешавад. Ҳамзамон, натиҷабахшии низоми идоракунӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои мавҷуда, балки аз тарзи татбиқи онҳо, сатҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, дараҷаи рушди ниҳодҳои демократӣ ва сатҳи эътимоду дастгирии ҷомеа низ вобаста мебошад.

Муҳаққиқ Ҷон Хизершоу дар таҳқиқоти худ чунин менигорад, ки "Эҳтимол, бар хилофи воқеият, дар тули солҳо ва ҳатто даҳсолаҳои эҳёи сулҳ дар Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ имкон надошт, агар як низоми фаъоли ҳизбӣ, интихоби одилона, ҳукумати мутамарказ ё бахши ислоҳоти амниятӣ эҷон намешуд. Чунин дигаргуниҳо, вақте ки ба вуқуъ мепайвандand, бештар равандҳои тағйироти васеътари сиёсӣ ва иқтисодиро, ки дар мубоҳисаҳои маҳаллӣ консептуалӣ шудаанд, инъикос мекунанд" [11,с. 22]. Ба андешаи мо, мавқеи муҳаққиқ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки раванди барқарорсозии сулҳ ва суботи сиёсӣ дар Тоҷикистон танҳо натиҷаи як тадбири ҷудогона набуда, балки ба маҷмӯи ислоҳоти сиёсӣ, ташаккули низоми идоракунии мутамарказ ва рушди ниҳодҳои давлатӣ вобастагӣ дошт. Воқеан, таҷрибаи солҳои аввали истиқлолият нишон дод, ки дар шароити буҳрони сиёсӣ ва ихтилофҳои дохилӣ мавҷудияти ҳокимият ва ниҳоди қавии президентӣ барои нигоҳдории суботи давлатӣ ва идоракунии самараноки равандҳои сиёсӣ зарур буд. Дар чунин вазъ ниҳоди президентӣ ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва татбиқи ислоҳоти сиёсиву амниятӣ нақши калидӣ бозид.

Ҳамзамон, андешаи муҳаққиқ нишон медиҳад, ки таҳкими суботи сиёсӣ ва сулҳи пойдор танҳо бо мутамарказ намудани ҳокимият маҳдуд намегардад. Он инчунин ба рушди ниҳодҳои сиёсӣ, такмили низоми интихоботӣ, баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва татбиқи ислоҳоти давлатӣ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳкими ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо рушди дигар ниҳодҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба амал омада, қисми муҳими раванди ташаккули давлатдории муосирро ташкил медиҳад.

Дар шароити таҳдидҳои афзояндаи амниятӣ ва густариши зуҳуроти ифротгароӣ таҳкими ниҳоди президентӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Дар робита ба ин масъала, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони фаъоли ҷомеа, олимон ва ходимони дин 9 марти соли 2024 таъкид намуданд, ки: "Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст. Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон тарконданди худ даст задаанд" [2]. Ба андешаи мо дар шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ ва амниятии ҷаҳонӣ ниҳоди Президент на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун кафили амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ амал менамояд. Аз ин рӯ, вокуниши саривақтӣ ба чунин таҳдидҳо, таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи амният ва сафарбар намудани неруҳои ҷомеа барои пешгирии радикализатсия аз ҷумлаи омилҳои муҳими таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Пешвои миллат дар ҳамин вохурӣ иловатан таъкид карданд: «бар ивази ҳамаи тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгириву пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст. … Дар ҳоле, ки аксар кишварҳои исломии ҷаҳон босуръат рушд карда, бо омӯзиши илмҳои муосир, ҳатто барои фатҳи кайҳон кӯшиш менамоянд, дар ҷомеаи мо гароиши баъзе шаҳрвандон ба хурофотпарастиву ифротгароӣ ва таҳсилоти ғайриқонунии динӣ афзоиш ёфта истодааст»[6]. Мазмуни ин андешаҳо нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидии низоми давлатдорӣ на танҳо вазифаи роҳбарии сиёсиро иҷро мекунад, балки дар таъмини амнияти маънавӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ, муқовимат ба ифротгароӣ ва муайян намудани самтҳои рушди устувори ҷомеа низ нақши стратегӣ мебозад. Аз ин рӯ, фаъолияти Президент дар самти ташаккули сиёсати давлатӣ оид ба муқовимат ба зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ва динӣ яке аз самтҳои муҳими таҳкими ниҳоди президентӣ ба шумор меравад, зеро маҳз тавассути чунин фаъолият суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва устувории давлатдорӣ таъмин карда мешаванд.

Муҳаққиқ Ф.Давлатова дар мақолаи хеш чунин менигорад, ки "Дар ин солҳо сохти нави ҷамъиятӣ ташакккул ёфт, ки ба руҳияи демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷавобгӯ аст., иқтисоди

бозорӣ рушд карда, натиҷаҳо ба тарзи ҳаёти аъзои ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд. Сиёсати дарҳои кушодаи эълонкардаи роҳбарияти кишвар ба Тоҷикистон имкондод, ки бо бисёр давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монад ва бомувафаққият рушд диҳад. Дар як муддати кутоҳ Тоҷикистон ба ҳайси актори комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва узви эътирофшудаи бисёр созмонҳои байналмилаливу мин ақавӣ табдил ёфтааст, ки дар доираи онҳо айни замон дар ҳалии масъалаҳои ҳаётан муҳимми глобалӣ ва минтақавӣ фаъолона иштрок менамояд" [1, с. 99]. Ба назари мо, андешаҳои Ф. Давлатова шаҳодат медиҳанд, ки дастовардҳои Тоҷикистон дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ бо раванди таҳкими ниҳоди президентӣ робитаи мустақим доранд. Дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ, ниҳоди президентӣ ҳамчун механизми калидии таъмини субот, ҳамоҳангсозии ислоҳот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ нақши меҳварӣ мебозад.

Таҷрибаи муосири давлатдорӣ нишон медиҳад, ки рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва истифодаи технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, такмили низоми идоракунии давлатӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таҳкими ниҳоди Президент аҳамияти махсус касб мекунад. Дар ин раванд рушди ҳукумати электронӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҳанӯз соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи омодасозии кадрҳои соҳибихтисос, рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карда буданд: «Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода кардани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд»[3]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки таҳкими ниҳоди президентӣ танҳо бо такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунӣ маҳдуд намешавад, балки ба рушди иқтидори касбии мақомоти давлатӣ ва татбиқи механизмҳои муосири идоракунӣ низ такя менамояд, ки дар маҷмӯъ ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти давлат мусоидат мекунанд.

Дар шароити афзоиши таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, нақши ниҳоди Президент дар муайян намудани самтҳои стратегии рушди давлат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ ва минтақаи осебпазир аз таъсири тағйирёбии иқлим ба сиёсати давлатии ҳамоҳангшуда ва дурнамобин ниёз дорад. Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 2 декабри соли 2023 зимни суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Чин дар доираи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28) таъкид намуданд: «Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд. Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад. То имрӯз аз 13 ҳазор пирях дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор адади он пурра об шудааст» [7]. Ин мавқеъ аз он шаҳодат медиҳад, ки ниҳоди Президент дар шароити муосир на танҳо вазифаи роҳбарии сиёсии давлатро иҷро менамояд, балки ҳамчун маркази ташаккул ва пешбурди сиёсати стратегии давлатӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои глобалӣ низ амал мекунад. Иштироки фаъолонаи Президенти кишвар дар муҳокима ва пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои иқлимӣ ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ мусоидат менамояд, ки ин ҳама аз омилҳои муҳими таҳкими ниҳоди президентӣ ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти ниҳоди Президент дар самти ҳифзи муҳити зист ва пешбурди рӯзномаи байналмилалии иқлимӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими таҳкими нақши он дар низоми сиёсии муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Маҳз бо ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба ҳифзи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфтанд. Дар натиҷаи ин ташаббусҳо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид як қатор қатъномаҳои муҳим, аз ҷумла Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005–2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028), инчунин Соли

байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025) қабул гардиданд. Ҳамзамон, бо ибтикори Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд, ки ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо мусоидат менамояд.

Дар сатҳи миллӣ низ таҳти роҳбарии Президенти кишвар тадбирҳои муҳим ҷиҳати ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди «иқтисоди сабз», баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим амалӣ гардидаанд. Чунин фаъолият нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун маркази роҳбарии сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, балки ҳамчун ташаббускори сиёсати экологӣ ва ҳимоятгари манфиатҳои дарозмуддати миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист низ амал менамояд. Аз ин рӯ, саҳми ниҳоди Президент дар пешбурди ташаббусҳои экологӣ ва иқлимӣ яке аз омилҳои муҳими таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва баланд гардидани самаранокии фаъолияти давлатӣ дар шароити таҳдидҳои муосири экологӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши муассир ва ҳаётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ раднопазир мебошад. Дар ҳолати ба миён омадани буҳронҳои дохилӣ, таҳдидҳои хориҷӣ ва фишорҳои минтақавӣ, мақоми президентӣ ҳамчун сипари боэътимоди дифоӣ амал мекунад ва аз фурӯпошии низоми давлатдорӣ ҷилавгирӣ менамояд. Бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музокироти сулҳи байни тоҷикон роҳандозӣ шуда, сохторҳои муосири амниятӣ таъсис ёфтанд ва муносибатҳои мутавозини дипломатӣ бо қудратҳои минтақавию байналмилалӣ барқарор гардиданд. Ин таҷриба собит месозад, ки дар марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ, мақоми президентӣ на танҳо як вазифаи расмии идорӣ, балки унсури калидии ҳифзи истиқлолият ва ҳокимияти миллӣ мебошад.

Таҳкими ниҳоди Президент дар шароити таҳаввулоти мураккаби сиёсӣ барои давлатҳое, ки дар марҳалаи гузариши сиёсӣ ва барқарории сохторҳои давлатӣ қарор доранд, зарурате ногузир мебошад. Ин раванд танҳо дар ҳолате натиҷаи устувор мебахшад, ки ҳамзамон бо афзоиши иқтидори иҷроияи мақоми Президент, усулҳои демократӣ, мувозинати шохаҳои ҳокимият ва риояи волоияти қонун таъмин карда шаванд. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мақоми президентӣ метавонад ҳамчун кафили асосии суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ хизмат намояд, ба шарте ки равандҳои таҳкими он бо ислоҳоти сохтории фарогир, иштироки фаъоли мардум ва таъсиси механизмҳои посухгӯ ва шаффоф ҳамроҳ бошанд. Танҳо дар ин сурат ниҳоди Президент аз сатҳи шахсӣ фаротар рафта, ба як сохтори устувор ва муассири давлатӣ дар хидмати давлат ва миллат мубаддал хоҳад шуд.

Ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли аксари кишварҳои пасошуравӣ, як сохтори нисбатан нав дар низоми идораи давлат мебошад. Бо вуҷуди ҷавон будани он, ин ниҳод дар давоми мавҷудияти худ тағйироти муҳимеро аз сар гузаронд, ки самти рушди сиёсиро дар кишвар муайян намуд. Тасъиси мақоми Президент ҷавоб ба ниёзҳои замон , эҳтиёҷи ташкили ҳокимияти марказонидашуда ва муассир дар давраи гузариш аз системаи шуравӣ ба сохтори мустақили давлатдорӣ буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи ҳокимияти давлатӣ мавқеи калидӣ дорад. Тибқи Конститутсия, ӯ Сарвари давлат, рамзи ягонагии миллат ва кафили риояи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Президент мақоми олии ҳокимиятро таҷассум намуда, дар ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат нақши ҳалкунанда мебозад.

Таъсиси ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 1990 ҳамчун ҷавоби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омада буд, сурат гирифт. Дар он давра давлат ба механизми муассири идоракунӣ ва ҳокимияти мутамарказе ниёз дошт, ки тавонад фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ҳифзи тартиботи конститутсионӣ ва суботи ҷомеаро таъмин намояд. Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ ташаккули ниҳоди президентӣ ҳамчун унсури марказии идоракунии давлатӣ аҳамияти махсус пайдо кард. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 заминаи ҳуқуқии ташаккули низоми президентиро мустаҳкам намуда, мақоми Президентро ҳамчун Сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия расман муайян кард.

Бо мурури вақт нақш ва салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан густариш ёфтанд. Тағйиру иловаҳои минбаъдаи конститутсионӣ аз рушди пайдарпай ва таҳкими ниҳоди президентӣ дар низоми сиёсии кишвар шаҳодат медиҳанд. Хусусияти модели президентии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар сатҳи баланди мутамарказшавии ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Ин раванд, аз як тараф, ба зарурати таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи давлатдорӣ дар давраи пасоҷангӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар, бо хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷик алоқаманд мебошад.

Дар муқоиса бо баъзе шаклҳои парлумонии идоракунӣ, дар Тоҷикистон нақши шахсияти роҳбар дар низоми сиёсӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Маҳз дар шароити мураккаби солҳои

аввали истиқлолият ниҳоди президентӣ ба механизми асосии муттаҳидсозии ҷомеа, барқарорсозии сохторҳои давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми президентӣ дар Тоҷикистон бештар ҳамчун воситаи таъмини ягонагии давлат, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори давлатдорӣ арзёбӣ мегардад.

Яке аз тамоюлҳои муҳими марҳилаи муосири рушди ниҳоди президентӣ тақвият ёфтани нақши Президент дар масъалаҳои амнияти миллӣ, мудофиа ва сиёсати хориҷӣ мебошад. Ин раванд ба мавқеи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ, таҳдидҳои муосири амниятӣ, аз ҷумла ифротгароӣ ва терроризм, инчунин зарурати иштироки фаъол дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, фаъолияти Тоҷикистон дар доираи СААД, СҲШва дигар созмонҳои байналмилалӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Қобили зикр аст, ки устувории ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон то андозаи зиёд ба сатҳи эътимоди ҷомеа нисбат ба ниҳоди президентӣ вобаста мебошад. Ин эътимод пеш аз ҳама дар заминаи нақши Президент дар барқарорсозии сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ ташаккул ёфтааст. Маҳз пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ниҳоди президентӣ тадриҷан ба яке аз омилҳои асосии суботи сиёсӣ ва рушди давлат табдил гардид.

Дар баробари ин, шароити муосири рушди давлатдорӣ зарурати такмили минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва густариши шаффофияти идоракуниро ба миён мегузорад. Дар чунин шароит таҳкими минбаъдаи ниҳоди президентӣ бояд бо рушди ниҳодҳои демократӣ ва такмили механизмҳои ҳамкории давлат бо ҷомеа ҳамоҳанг сурат гирад.

Ҳамин тариқ, ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ҳамчун унсури меҳвории низоми сиёсӣ ва яке аз ниҳодҳои асосии давлатдорӣ амал менамояд. Самаранокии минбаъдаи он ба қобилияти мутобиқшавӣ ба таҳаввулоти нави сиёсиву иҷтимоӣ, ҳифзи суботи давлатӣ, таъмини рушди устувор ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ вобаста хоҳад буд.

Адабиёт

1. Истиқлолият – омили рушди устувор: маводи конференсияи илмӣ-амалӣ / зери таҳрири умумии Р. Ҷ. Ҳайдарзода. – Душанбе: Дониш, 2024. – 224 с.
2. Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 9 марти соли 2024 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/32922 (санаи мурочиат: 04.04.2024).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/1084 (санаи мурочиат: 20.09.2020).
4. Раҳмон, Эмомалӣ. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 480 с.
5. Раҳнамо, А. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 248 с.
6. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 9 марти соли 2024 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи мурочиат: 25.06.2024).
7. Суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Хитой дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP28), 2 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/32047 (санаи мурочиат: 25.01.2024)
8. Ҳайдаров, Р. Ҷ. Тоҷикистон дар масири таҳкими истиқлоли давлатӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ: монография. – Душанбе: Шоҳин С, 2020. – 108 с.
9. Ятимов, С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) [Захираи электронӣ]. – URL: https://khf.tj/node/4591 (санаи мурочиат: 25.06.2026).
10. Asadov, Sh. The Policy Process in Government in Tajikistan: Recent Dynamics, Challenges and Opportunities [Electronic resource]. – Working Paper No. 28. – Bishkek: Institute of Public Policy and Administration, Graduate School of Development, University of Central Asia, 2014. – URL: https://www.ucentralasia.org/media/4rzbjlwf/uca-ippa-wp28-policyprocesstajikistan-eng.pdf (accessed: 25.06.2026).
11. Heathershaw, J. Peacebuilding as Practice: Discourses from Post-Conflict Tajikistan // International Peacekeeping. – *2008*. – *Vol. 14, No. 2*. – *P. 22–39*.

ТАҲКИМИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ДАР ШАРОИТИ МУРАККАБИИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ

Мақола ба таҳлили раванди таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, ки ба ташаккул ва рушди мақоми Президент таъсир расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо

истифода аз таҳлили таҷрибаи давлатдории Тоҷикистон нишон дода мешавад, ки ниҳоди президентӣ дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ ҳамчун механизми асосии таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, барқарорсозии сохторҳои идоракунӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ амал намудааст. Ҳамзамон, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сиёсати хориҷӣ, таъмини амнияти миллӣ, муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ, рушди ҳукумати электронӣ, инчунин пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим ва истифодаи захираҳои обӣ таҳлил гардидааст. Дар натиҷа хулоса карда мешавад, ки таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи муҳими раванди ташаккули давлатдории муосир буда, ба таъмини рушди устувор, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: ниҳоди президентӣ; Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; давлатдорӣ; суботи сиёсӣ; амнияти миллӣ; ҳокимияти давлатӣ; рушди устувор.

УКРЕПЛЕНИЕ ИНСТИТУТА ПРЕЗИДЕНТА В ТАДЖИКИСТАНЕ В УСЛОВИЯХ СЛОЖНОГО ПОЛИТИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

Статья посвящена анализу процесса укрепления института президентства в Республике Таджикистан в условиях сложного политического развития. В исследовании рассматриваются политические, правовые и институциональные факторы, оказавшие влияние на становление и развитие статуса Президента. На основе анализа опыта государственного строительства Таджикистана показано, что институт президентства на чувствительных исторических этапах выступал в качестве основного механизма обеспечения политической стабильности, защиты государственной независимости, восстановления управленческих структур и укрепления национального единства. Одновременно анализируется роль Президента Республики Таджикистан в развитии внешней политики, обеспечении национальной безопасности, противодействии терроризму и экстремизму, развитии электронного правительства, а также продвижении международных инициатив в области изменения климата и использования водных ресурсов. В результате делается вывод, что укрепление института президентства в Республике Таджикистан является важной частью процесса формирования современной государственности и способствует обеспечению устойчивого развития, защите национальных интересов и повышению эффективности государственного управления.

Ключевые слова: институт президентства, Президент Республики Таджикистан, государственность, политическая стабильность, национальная безопасность, государственная власть, устойчивое развитие.

STRENGTHENING THE INSTITUTION OF THE PRESIDENT IN TAJIKISTAN UNDER CONDITIONS OF COMPLEX POLITICAL DEVELOPMENT

The article is devoted to the analysis of the process of strengthening the institution of the presidency in the Republic of Tajikistan under conditions of complex political development. The study examines the political, legal and institutional factors that influenced the formation and development of the status of the President. Based on the analysis of Tajikistan’s state-building experience, it is shown that the institution of the presidency, at sensitive historical stages, acted as a key mechanism for ensuring political stability, protecting state independence, restoring administrative structures and strengthening national unity. At the same time, the role of the President of the Republic of Tajikistan in developing foreign policy, ensuring national security, countering terrorism and extremism, developing e-government, and promoting international initiatives in the field of climate change and water resources use is analyzed. As a result, it is concluded that strengthening the institution of the presidency in the Republic of Tajikistan is an important part of the formation of modern statehood and contributes to sustainable development, protection of national interests and improvement of public administration efficiency.

Keywords: institution of the presidency; President of the Republic of Tajikistan; statehood; political stability; national security; state power; sustainable development.

Дар бораи муаллиффон

Холов Сафобахш Санакулович
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Нишонӣ: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: safobakhsh@mail.ru

Каримов Шамсиддин Турсунматович
доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шӯъбаи ШМА ва Канада
Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупо.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
E-mail: shamskarimov14@gmail.com

Об авторах
Холов Сафобахш Санакулович
Ассистент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни
Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: safobakhsh@mail.ru

Каримов Шамсиддин Турсунматович
Доктор политических наук, старший научный сотрудник отдела США и Канады
Институт изучения проблем стран Азии и Европы.
Национальная академия наук Таджикистана.
E-mail: shamskarimov14@gmail.com

About the authors
Kholov Safobakhsh Sanaqulovich
Assistant of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
E-mail: safobakhsh@mail.ru

Karimov Shamsiddin Tursunmatovich
Doctor of Political Sciences, Senior Research Fellow at the Department of the USA and Canada
Institute for the Study of Asian and European Countries.
National Academy of Sciences of Tajikistan.
E-mail: shamskarimov14@gmail.com

ТДУ 339.5:327

ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ: МАСЪАЛАИ КАЛИДИИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ

Шамолов А. А.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Зикирзода Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар остонаи фалаҷи куллии энергетикӣ қарор гирифта, мушкилиҳои зиёде рӯи кор омадаанд. Ҷанги Амрико ва Изроил ба муқобили Эрон ҳамчун воқеаи фоҷеобори нимаи аввали асри XXI заъифии воқеии кишварҳои абарқудратро ба маърази намоиш гузошта, назарияи тундгароёнаи «Идораи нави ҷаҳондорӣ»-и онҳоро ба нестӣ кашидааст. Гулӯгоҳи Ҳурмуз, ки таърихан ҳамчун қисмати ҷудонопазири Халиҷи Форс ҳанӯз маҳсуб меёбад се ҳазор сол қабл аз мелод то имрӯз дар ташаккул ва пешрафти низоми иқтисодии ҷаҳон хидмат карда, аз як шарёни тиҷоратӣ ба занҷири вазнине бар гардани иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Зеро баъд аз ҳуҷумҳои харобиовари ҷангиёни Изроил ва Амрико Эрон ошкоро изҳор намуд, ки қоидаҳои низоми куҳан дигар амал нахоҳанд кард. Бастани фазои Эрон, ки мутахассисони ҳавонавардӣ дар бораи он расман эълон карданд, танҳо нахустин нишонаи бӯҳрони амиқтарине мебошад, ки сайёраи заминро фаро гирифтааст. Ҳангоме, ки фазои ҳавоии як кишваре, ки дар маркази шикасти геополитикии абарқудратҳо қарор дорад, баста мешавад, ин танҳо як маънӣ дорад: Теҳрон ба сенарияе омодагӣ гирифтааст, ки ҳама гуна имконоти созишро қатъан истисно мекунад.

Ин хомӯшӣ ва сукути қабл аз туҳфон аз он дарак медиҳад, ки таҳқиру фишорҳои бе мислу монанди абарқудратон ва таҳримҳои камаршикани беш аз чиҳилу панҷ солаи онҳо Эрони куҳантарин давлатдори ҷаҳони мутамаддинро таърих барои иҷрои рисолати ҷадиде омода сохтааст. Ба хотири амалӣ сохтани ин рисолат вай иҷборан тактика ва стратегияи наверо таҳия кард, ки худхоҳони сиёсӣ онро дар хоби шаб надида буданд.

Дар ҳоле ки эътилофҳои ғарбӣ ба зарбаи кӯтоҳу зуди нерӯй умед баста буданд, Эрон ба тактикае гузаштааст, ки таҳлилгарон аллакай онро «реҷаи берсерк» номидаанд. Дар сурате ки нерӯҳои амрикоӣ ва изроилӣ мекӯшанд аз ҳар гуна таҳрикоте, ки метавонад ҳусиҳои Яманро ба низои худ ҷалб созанд, канорагирӣ мекунанд, лекин Эрон баръакс, ҷуғрофиёи муқовиматро густариш дода, сарфи назар аз ақидаву мазҳаб ва дигар маҳдудиятҳои қавмию миллӣ тавонистааст тамоми кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёнаро дар мубориза алайҳи Амрико ва Изроил бо ҳам муттаҳид созад. Ҳамзамон Россия, Чин, Кореяи Шимолӣ ва даҳҳо давлатҳои дигарро шарики стратегии худ намояд. Эрон ба хулосаи мантиқие омад, ки бозичаи дасти Амрико ва Изроил будан бас аст ва барои бо нақшаҳои худ расидан бояд аз тамоми имконот истифода бурд. Дар ин муҳорибаи бузурги геополитикӣ гулӯгоҳи Ҳурмуз нақши калидӣ ва геоиқтисодӣ дошта, он душманони Эронро ба нигарониҳои зиёде рӯ ба рӯ сохтааст.

Мақсади мақола – таҳлили асосҳои бунёдии фалаҷи энергетикии ҷаҳонӣ ва моҳияти геополитикии гулӯгоҳи Ҳурмуз дар пешрафти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагонии иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф амалӣ сохтани вазифаҳои зерин гузошта шудааст: 1) таҳлили бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна; 2) таҳлили назарияи тундгароёнаи «идораи нави ҷаҳондорӣ»; 3) сабабҳои ҳуҷумҳои Амрико ва Изроил ба Эрон; 4) омӯзиши таърихи мухтасари Халиҷи Форс ва гулӯгоҳи Ҳурмуз; 5) таҳлили статуси гулӯгоҳи Ҳурмуз аз нигоҳи ҳуқуқӣ; 6) моҳияти геополитикӣ ва геоиқтисоди гулӯгоҳи Ҳурмуз; 7) нишондодҳои воқеии интиқоли нафти хом, маҳсулотҳои нафтӣ ва газ ба давлатҳои Осиё, аз он ҷумла Чин, Ҳинд, Покистон, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Шимолӣ ва ғайра; 8) вобастагии давлатҳои Аврупо аз гулӯгоҳи Ҳурмуз.

Маводҳо ва усулҳо. Дар раванди гузаронидани таҳлил якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Гурӯҳи якумро сарчашмаҳои таърихӣ доир ба гулӯгоҳи Ҳурмуз ба забонҳои форсӣ ва арабӣ ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дуюмро асарҳои муҳаққиқони кишварҳои Шарқ ва Ғарб доир ба таърих ва моҳияти гулӯгоҳи Ҳурмуз ва Халиҷи Форс дар бар мегиранд. Гурӯҳи сеюмро маводҳои сомонаҳои расмии Идораи иттилооти энергетикии ИМА, Ожонсии байналмилалии энергетикӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд, Созмони байналмилалии баҳрнавардӣ ва Рейтер ташкил медиҳанд. Гурӯҳи чорумро маводи сомонаҳои расмии расонаҳои хабарии кишварҳои Ғарб, Эрон, Туркия ва ғайра дар бар гирифтаанд.

Дар раванди пажӯҳиши мавзуъ усулҳои муқоисавӣ, мантиқӣ, сиёсӣ-тавсифӣ ва институтсионалӣ ва ғайра истифода гардидаанд.

Натиҷаҳо. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур барои паҳн кардани иттилооти илмӣ ва аналитикӣ доир ба масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир, таъсири онҳо ба амнияти саросарӣ ва сиёсати Созмони Милали Муттаҳид дар бахши сиёсати амнияти кишварҳо.

Муҳокима. Нашрияи «The Wall Street Journal» дар ибтидои ҳуҷумҳои Амрико ва Изроил ба Эрон хабар дода буд, ки нигарониҳои Вашингтон асоси воқеӣ доранд, зеро масдуд шудани гулӯгоҳи Боб-ул-Мандаб аз ҷониби гурӯҳи «Ансоруллоҳ» дар илова ба бӯҳрони Ҳурмуз метавонад ба фурӯпошие оварда расонад, ки ҳатто аз бӯҳрони «Депрессияи бузург» ҳам фаротар хоҳад буд. Ин ду кишвари ҷангҷӯ бояд ба изҳороти Али Мусавӣ, ки дар Созмони байналмилалии баҳрнавардӣ садо дода буд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд. Суханони вай дар бораи он ки «гулӯгоҳи Ҳурмуз барои ҳама, ба ҷуз он кишварҳое, ки бо душманони Эрон, яъне Амрико ва Изроил иртибот доранд, боз аст» танҳо таҳдид ба киштиронӣ набуда, ин муқаррар намудани навъи нави соҳибихтиёрӣ ба роҳҳои калидии баҳрӣ мебошад. Барои Эрон маълум буд, ки аз тариқи ин гулӯгоҳӣ стратегӣ фоизи зиёди таъминоти ҷаҳонии нафт ва гази моеъшудаи табиӣ мегузарад. Аз ин рӯ, вай барои флоти тиҷоратии ҷаҳонӣ реҷаи ҷудосозӣ ҷорӣ карда, эълом сохт, ки акнун ҳар кишваре, ки аз иқдомоти Вашингтон ё Тел-Авив пуштибонӣ мекунад, мустақиман ба «рӯйхати сиёҳ» ворид хоҳад шуд ва аз дастрасӣ ба захираҳои ҳаётан муҳим маҳрум хоҳад гардид.

Дар ин самт Эрон аз усулҳои «иқтисоди-иҷборӣ»-и худи Амрико истифода бурда, имконот ва тавоноии худро нишон дод. Ин ҳамон қимати ҷанге аст, ки Эрон ваъда дода буд онро ниҳоят гаронтар хоҳад сохт. Ин на танҳо ҳалқаи берунии муқовиматро васеъ кард, балки дар дохили худи Иёлоти Муттаҳида низ набарди бузурги фоҷиабореро ба бор овард. Доналд Трамп, ки амалкарди вай ҳамеша пешгӯинашаванда мебошад, изҳороте баён намуд, ки мутобиқи он вай ҳизби демократро бузургтарин душмани Амрико номида, эълон карда ваъда дод, ки пас аз пирӯзӣ бар Эрон, вай даст ба поксозии дохилӣ хоҳад зад.

Эрон бо ин амалҳои дақиқан санҷидашуда ва тарҳрезишудаи худ собит сохт, ки Амрико дигар гегемони хайрхоҳ набуда, ҷаҳон бо Амрикое рӯ ба рӯ шудааст, ки танҳо дар доираи мантиқи нақшаҳои худхоҳона амал мекунад; дар чунин мантиқ, муттаҳидон танҳо абзор ҳастанд ва қоида бошад, монеаи нохушоянд ба шумор меравад.

Ба ҳамин тариқ Эрон, бар хилофи тамоми пешгӯиҳо, иродаи худро тавассути гулӯгоҳи Ҳурмуз таҳмил карда, на танҳо Амрико ва Изроил, балки ҷаҳонро маҷбур месозад, ки зери таъсири мушакборониҳои худ дар бораи протоколҳои нави киштиронӣ баҳс намояд. Ин дигар низои як минтақа набуда, зуҳури низоми нави ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он арзиши ҳар қарор бо миллионҳо баррел ва миллиардҳо доллар хисорот чен карда мешавад.

Чи тавре ки аз таҳлили маводи расмии Идораи иттилооти энергетикии ИМА, Ожонсии байналмилалии энергетикӣ ва Созмони Милали Муттаҳид бармеояд [1] гулӯгоҳ ва ё Ҳурмуз яке аз муҳимтарин гулӯгоҳҳои ҷаҳонии интиқоли нафт ба шумор рафта, танҳо як гузаргоҳи танги баҳрӣ дар байни Эрон ва Умон нест, балки яке аз муҳимтарин «ҳалқаҳои осебпазирӣ» иқтисоди сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳолатҳои муқаррарӣ ва ҳаёти рӯзмараи доду гирифти молӣ ва иқтисодӣ аз тариқи он миқдори бузурги нафт, маҳсулоти нафтӣ ва гази табиии моеъшуда интиқол меёбад. Аз ҳамин сабаб, ҳар гуна низому ихтилофоти ҳарбӣ ва ё сиёсӣ дар ин гулӯгоҳ фавран ба нархи нафт, газ, боркашонии баҳрӣ, суғурта, озуқа ва нуриҳои минералӣ дар миқёси ҷаҳон, ки ба доллар сурат мегирад ва дар маҷмӯъ аз ин муомилот қабл аз ҳама Амрико фоидаи ҳангуфт ба даст меорад, таъсири бузург ворид месозад.

Як нуқтаи муҳимро бояд тазаккур дод, ки гулӯгоҳи Ҳурмуз дар таърихи беш аз се ҳазорсолаи қабл аз мелодӣ ва дар тули таърихи ду ҳазорсолаи пас аз мелодии худ ҳамеша марбут ба мардумони қавми форс буд ва ҳамеша боқӣ хоҳад монд. Дар бораи нахустин тасвирҳо доир ба халиҷи Форс ва гулӯгоҳи Ҳурмуз, ҳамчунин дар хусуси географияи таърихии ин минтақа ҳазорҳо китобу асарҳо ба забонҳои мухталифи кишварҳои Шарқу Ғарб ва Осиё навишта, ба табъ расидаанд. Библиография ин таълифот дар асари ду ҷилдаи гурӯҳи муаллифони эронӣ бо роҳбарии Муҳаммад Ризо Саҳоб таҳти унвони «Халиҷи Форс – нақшаҳо», «Халиҷи Форс – ҷуғрофиёи таърихӣ» ва «Атласҳо» [2; 3] ба забонҳои форсӣ ва англисӣ дар соли 2005 ба табъ расидааст. Дар он тасвирҳои ҳангуфте, ки дар тули таърих аз харитаҳои болои санг, ки ҳануз се ҳазор сол қабл аз милод нақшакашӣ шуда буданд, то харитаҳои Эратос (Eratosth) аз Александрия (с. 247-195 то мелод), Полибиус (Polybius – с. 143 т. м.), Посидон (Possidon – с. 135-50 т. м.) аз Афин, Птолемей (Ptolemy – с. 80 то милод – с. 150 баъд аз милод) ва харитаҳои асрҳои миёна, даврони Эҳё ва Нав ва қарнҳои XX-XXI инъикос ёфтаанд [2, с. 20-280].

Ҳамчунин доир ба гулӯгоҳи Ҳурмуз боз ҳазорҳо китобу рисолаҳое ба забонҳои мухталиф нашр гардидаанд, ки қисмати аъзами онҳо дар Эрон тарҷума ва ба табъ расидаанд [4-9]. Вале

мутаасифона хонандаи тоҷик бо сабабҳои гуногун, аз он ҷумла дастрас набудани манобеъ ва маъхазҳо ва ба тоҷикӣ тарҷума нашудани онҳо, дар бораи ин гулӯгоҳ иттилоӣ зарурӣ надорад.

Ба ҳамин тариқ мутобиқи манбаву сарчашмаҳо гулӯгоҳи Ҳурмуз Халиҷи Форсро бо Халиҷи Умон ва баъдан бо Баҳри Араб пайваста, аз шимол бо Эрон ва аз ҷануб бо Умон ва минтақаи Мусандам ҳаммарз мебошад. Аҳаммияти геостратегӣ, геополитикӣ ва геоиқтисодии ин гулӯгоҳ на танҳо ҳамчун «нақшаи умумӣ», балки қабл аз ҳама бо тангии долони амни киштиронӣ муайян мегардад: тибқи ахбори Идораи иттилооти энергетикии ИМА, тангтарин қисми паҳнои гулӯгоҳ дар ҳудуди бисту як мил (33,8 км) буда, низоми воқеии ҳаракати киштиҳо ба маротиб маҳдуд мебошад. Барои ҳаракати киштиҳо дар ҳар як самт як канал бо дарозии ду мил (3,22 км) қарор дошта, онҳоро як минтақаи буферӣ ба дарозии ду мили дигар ҷудо мекунад. Болотар аз ин гулӯгоҳ хеле чуқур буда, имконияти васеъеро барои убури калонтарин танкерҳои нафтии ҷаҳон доро мебошад [10].

Гулӯгоҳи Ҳурмуз аз нигоҳи ҳуқуқӣ дорои статуси киштирониии байналмилалӣ буда, мутобиқ ба қисми севуми Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид доир ба ҳуқуқи баҳрнавардӣ ба он ҳуқуқи гузариши транзитӣ дода шудааст. Амрико дар доираи мавқеи расмии худ ба даъвоҳои Эрон нисбат ба гулӯгоҳи мазкур махсус таъкид менамояд, ки киштиҳои тиҷоратӣ ва ҳарбии давлатҳои баҳрӣ, ки аз ин гулӯгоҳ убур мекунанд маҳз дар доираи талаботи ҳамин ҳуқуқҳои сатҳи байналмилалӣ сурат мегиранд. Аммо алорағми ин Эрон баъд аз мудохилоти ғайриқонунии Изроил ва Амрико дар номаи худ ба Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони байналмилалии баҳрнавардӣ қотеона изҳор намуд, ки гузариш танҳо барои киштиҳои шарикон ва дӯстони Эрон ва дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти он имконпазир хоҳад буд. Дар воқеъ, ин талош дар роҳи тағйир додани низоми ҳуқуқи байналмилалӣ амалкунанда мебошад. Маҳз ҳамин шароити баамаломада гулӯгоҳи Ҳурмузро на танҳо ба гирехи сарбастаи ҷуғрофӣ, балки ба гирехи ҳуқуқӣ ва ҳарбию сиёсӣ табдил додааст.

Аслан агар аз нигоҳи моҳияти геополитикӣ ва геоиқтисодӣ гирем Ҳурмуз муҳимтарин гулӯгоҳи энергетикии сайёра маҳсуб ёфта, тибқи арзёбии Идораи иттилооти энергетикии ИМА дар соли 2024 ва дар соли 2025 аз тариқи он зиёда аз нисфи тамоми савдои ҷаҳонии баҳрии нафт ва тақрибан панҷяки истеъмоли ҷаҳонии нафт ва маҳсулоти нафтӣ убур намудааст. Ҳамзамон тақрибан панҷяки савдои ҷаҳонии гази табиии моеъшуда дар соли 2024 низ тавассути ҳамин гулӯгоҳ анҷом пазируфтааст. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ дар анҷоми соли 2025 далелҳои наздик ба ҳаминро пешниҳод мекунад: қариб 20 миллион баррел нафт ва маҳсулоти нафтӣ дар як шабонарӯз, яъне тақрибан 25% савдои ҷаҳонии баҳрии нафт, инчунин тақрибан 19% савдои ҷаҳонии гази табии моеъшуда сурат гирифтааст [1].

Нишондодҳои воқеи аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 2025 аз тариқи гулӯгоҳ тақрибан дар як шабонарӯз 14,95 млн баррел нафти хом конденсат ва 4,93 млн баррел маҳсулоти нафтӣ интиқол ёфтааст. Дар ҳудуди 80% ин маҳсулоти нафтӣ ба давлатҳои Осиё, аз он ҷумла Чин, Ҳинд, Покистон, Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ ва ғайра равона шудаанд. Тибқи арзёбии Идораи иттилоотии энергетикии ИМА, танҳо дар соли 2024 84% нафт ва конденсат, 83% гази табии моеъшуда, ки аз тариқи гулӯгоҳ ба бозорҳои кишварҳои осиёӣ равона шуданд [1]. Масалан Чин, Ҳиндустон, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ дар маҷмӯъ 69% тамоми ҷараёнҳои нафти хом ва конденсатро, ки аз ин гулӯгоҳ интиқол ёфтаанд қабул карданд. Вобастагии мустақими нафтӣ аз тариқи гулӯгоҳи Ҳурмуз барои кишварҳои Аврупо ба нисбати Осиё хеле камтар мебошад. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ ҳаҷми интиқоли маҳсулоти нафтиро дар соли 2024 ба Аврупо тақрибан дар ҳудуди 600 ҳазор баррел дар як шабонарӯз арзёбӣ кардааст, дар ҳоле ки дар соли 2024 аз ин масир Амрико ҳамагӣ тақрибан 0,5 млн баррел дар як шабонарӯз ворид кардааст, ки он 7% воридоти нафт ва конденсати он кишвар ва тақрибан 2% истеъмоли дохилии моеъи нафтиро ташкил медиҳад [1].

Миқдори содироти нафт аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна тавассути гулӯгоҳи Ҳурмуз дар соли 2025 ба қарори зайл мебошад: Арабистони Саудӣ – 6,23 млн баррел, Ироқ – 3,63, Амороти Муттаҳидаи Араб – 3,24, Эрон – 2,41, Кувайт – 2,37, Қатар – 1,43 дар як шабонарӯз ташкил додааст. Аз ҷониби Баҳрайн ва минтақаҳои бетарафи Саудӣ ва Кувайт низ дар ҳаҷми камтар содир гаштааст. Чунин низоми танзимёфтаи интиқоли маҳсулоти нафтӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳурмуз ин масири танҳо эронӣ ва ё арабӣ набуда, минтақа ва ё пойгоҳи умумии содиротии тамоми маҳсулоти нафтии қисми шимолии Халиҷи Форс ба шумор меравад [11].

Мушкилоти бунёдии ҷаҳони муосир дар он нест, ки гулӯгоҳи Ҳурмузро наметавон давр зада, балки мушкилии асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки онро ба зуди ва пурра иваз кардан ғайриимкон хоҳад буд. Идораи иттилоотии энергетикии ИМА дар ҳолати ҷанг қобилияти воқеии дастрасӣ барои ҷуброни интиқоли нафт тавассути масирҳои саудӣ ва аморатиро дар як шабонарӯз тақрибан дар ҳудуди 2,6 млн баррел арзёбӣ мекунад. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ бошад

доираи васеътар, яъне 3,5–5,5 млн баррелро ҳамчун имкони эҳтимолии интиқоли нафтро тавассути Арабистони Саудӣ ба Баҳри Сурх ва масири Амороти Муттаҳидаи Араб ба Фуҷайра пешбинӣ месозад. Созмони мазкур ҳамзамон таъкид кардааст, ки ин амал қабл аз ҳама вобаста ба шароитҳои амалиёт, инфрасохтори соҳилӣ ва омодагии воқеии логистика вобаста мебошад. Ба ибораи дигар, ин ҷо сухан танҳо дар бораи амалиёти рӯзмара ва маъмулии гулӯгоҳи Ҳурмуз меравад, ва ин дар бар гирандаи амалиётҳои 20 млн баррел дар як шабонарӯз нест [1].

Қобил ба зикр аст, ки Масири Арабистони Саудӣ, ки дар такя ба низоми Қубургузари нафти «Шарқ–Ғарб» сурат мегирад, дорои иқтидори 5 млн баррел дар як шабонарӯз мебошад, аммо ширкати «Сауди Арамко» дар соли 2025 иттилоъ дода буд, ки ҳаҷми содироти нафт то 7 млн расида буд. Амороти Муттаҳидаи Араб дорои қубури интиқоли нафт бо номи «Ҳабшан – Фуҷайра» мебошад, ки иқтидори ҷории он тақрибан 1,8 млн баррелро дар як шабонарӯз ташкил медиҳад. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ ин захираи иловагиро тақрибан то 700 ҳазор баррел дар як шабонарӯз арзёбӣ кардааст. Дар доираи ин низоми хеле мураккаб хати интиқол ва ё масири эронии Қубургузари нафти «Гуреҳ–Ҷаск» расман ҳамчун роҳи даврзании гулӯгоҳи Ҳурмуз бунёд шуда буд, лекин Ожонсии байналмилалии энергетикӣ терминали ин масирро амалан ғайриқобили истифода нишон дода, алорағми ин таъкид месозад, ки иқтидори муассири он дар ҳудуди 300 ҳазор баррел дар як шабонарӯз боқӣ монда, аз моҳи сентябри соли 2024 интиқоли нафт аз тариқи он амалан қатъ шудааст [1].

Дар асоси нишондодҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки вобастагии ҷаҳонӣ муосирро аз интиқоли маводи нафтӣ метавон ба маротиб поён бурд, лекин то ба дараҷаи «сифр» расонидани он ғайри имкон хоҳад буд. То он замоне ки кишварҳои содиркунандаи асосии нафт аз Халиҷи Форс, аз аз қабили Ироқ, Кувайт, Қатар, Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб ва Эрон ба гулӯгоҳи Ҳурмуз вобастаанд, ҳар гуна ихтилоли ҷиддӣ дар он ногузир ба мушкили глобалӣ табдил хоҳад ёфт. Аз ин рӯ дар масъалаи таъмини амнияти кишварҳои минтақаи мазкур ва таъсири иқтисодии он ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ба таври мустақим ва ё ғайри мустақим назаррас хоҳад буд. Ҳамин воқеият худ аз осебпазирии гулӯгоҳи Ҳурмуз дарак медиҳад.

Осебпазирии он аз нигоҳи ҷисмонӣ хеле осон буда, метавон аз болои он хати буталон кашид. Дар баробари ин ба мақсади ворид намудани таъсири стратегӣ кифоя хоҳад буд, ки хавфи транзити маводи нафтӣ якбора боло бурда шавад. Ҳатто ҳамлаҳои мушакӣ, қисман минагузории гулӯгоҳ, зарбаҳои интихобӣ ба танкерҳо, истифодаи дронҳо, мушакҳои зиддикиштӣ, қаиқҳои зудҳаракат ва фишорҳои электронии ҷангӣ метавонанд Ҳурмузро аз нигоҳи тиҷоратӣ ғайриқобили қабул гардонанд. Воқеаҳои охири соли 2026 бо сароҳат нишон медиҳанд, ки ҷанг боиси лағви суғуртаи ҳарбӣ аз ҷониби як қатор суғуртакунандагони бузург, болоравии арзиши фрахт ва ба лангаргоҳ мондани садҳо киштӣ гардидааст. Маркази таҳқиқоти стратегӣ ва байналмилалӣ ҳангоми таҳлили ҳолати мавҷуда равиши Эронро ҳамчун «манъи воридшавӣ» «манъи фаъолият дар минтақа» тавсиф карда, таъкид сохтааст, ки ҳадафи асосӣ назорати комили ҳарбӣ-баҳрӣ набуда, балки косташавии эътимоди соҳибони киштиҳо, суғуртакунандагон ва неруҳои ҳамроҳкунанда мебошад [12].

Агар аз нигоҳи таърихӣ гирем, ин соҳаи наву тоза набуда, ҳанӯз дар ҷараёни ҷанги байни Эрону Ироқ дар солҳои 1980, ки бо номи «ҷанги танкерҳо» машҳур гашта буд, дар он ҳар ду ҷониб мекӯшиданд ба содироти баҳрии якдигар зарба ворид намоянд. Дар раванди ин ҷанг Амрико барои ҳифзи ҳолати киштиронӣ ҷалб шуда буд. Бо истифода аз таҷрибаи таърихии худ дар соли 2012 Эрон дар пасманзари таҳримҳои иқтисодии абарқудратон аз бастани роҳҳои гулӯгоҳ маротиби чанд ихтор дода буд. Дар доираи ин таҳдидҳо дар соли 2019 аз ҷониби Эрон як теъдод киштиҳо мавриди ҳамла қарор гирифта, тайи солҳои 2023 ва 2024 киштиҳои зиёде дар ҳудуди гулӯгоҳ боздошт шуда буданд [13]. Ин воқеаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз Ҳурмуз кайҳо боз на танҳо ҳамчун шоҳроҳи нақлиётӣ, балки ҳамчун абзор ва ё фишанги фишор ва маҷбуркунӣ истифода шудааст.

Низоъҳои охирини Амрико ва Изроил бо Эрон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар раванди онҳо гулӯгоҳи Ҳурмуз аз як «таҳдиди эҳтимолӣ» ба маркази воқеии бузургтарин ихтилоли энергетикии замони муосир табдил ёфтааст. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ 11 марти соли 2026 расман изҳор намуд, ки дар натиҷаи низоъе, ки 28 феврали соли 2026 оғоз ёфт, содироти нафти хом ва маҳсулоти нафтӣ тавассути Ҳурмуз то сатҳи камтар аз 10% нишондодҳои пеш аз низоъ коҳиш ёфтааст. Ба таърихи 15 март Ожонсии байналмилалии энергетикӣ ин вазъиятро бузургтарин мудохилаи Эрон дар таърихи бозори ҷаҳонии нафт номид. Рейтер бошад дар 26 марти 2026 иттилоъ дод, ки интиқол аз тариқи гулӯгоҳи Ҳурмуз «қариб комилан боздошта шудааст», дар ҳоле ки нархи бензини «Брент» дар ҳамон рӯз тақрибан 104,30 доллар барои як баррелро ташкил дода буд [14].

Пас аз шиддат ёфтани ҷанги Исроилу Амрико дар муқобили Эрон ин кишвар маҷбур шуд роҳи иҷозати интиҳобиро пеш гирад. Ба таърихи 24 марти соли 2026 Теҳрон ба Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони байналмилалии баҳрнавардӣ иттилоъ ирсол намуд, ки киштиҳои «дӯстони Эрон» метавонанд аз гулӯгоҳ танҳо дар ҳамоҳангӣ бо мақомотии эронӣ гузаранд, дар ҳоле ки ба киштиҳои марбут ба Амрико, Изроил ва «дигар иштирокдорони таҷовуз» аз ҷониби сохторҳои Эрон иҷозати ворид шудан дода намешаванд [15].

Рӯзи 19 марти соли 2026 Рейтер инчунин хабар дода буд, ки дар Эрон андешаи ҷорӣ намудани пардохтҳои транзитӣ барои гузариш аз гулӯгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чи тавре қаблан зикр намудем дар соли 2026 Ҳурмуз на танҳо ҳамчун абзори ҷисмонӣ, балки ҳамчун воситаи фишори сиёсӣ истифода хоҳад шуд [15].

Дар самти логистикаи баҳрӣ низ аз ҷониби Эрон як силсила паёмадҳо фаврӣ сурат гирифтанд. Ҳанӯз 2 марти соли 2026 Рейтер хабар дода буд, ки ҳадди ақал 150 киштӣ, аз ҷумла танкерҳои нафтӣ ва газӣ, дар минтақаи Ҳурмуз ба лангаргоҳ монда, ширкатҳои суғурта киштиҳои кишварҳои ҷангҷӯй ва таҷовузгарро дар сарҳади обҳои Эрон, минтақаҳои ҳамсоя ва доираи фарогири худ хориҷ карданд. Меъёри эталонии нархнома ё масири стандартии киштиҳо (коди махсуси масири тиҷоратӣ) дар масири Шарқи Наздик ва Осиё дар моҳи марти 2026 нисбат ба оғози ин сол қариб се баробар афзуда, фрахти «VLCC» ба Чин ҳадди ақал 12 миллион доллар арзёбӣ гардид. Ба иттилои Рейтер тақрибан 750 киштӣ дар атрофи минтақаи Ҳурмуз ҷамъ омада буданд, ки дар байни онҳо тақрибан 100 киштии борбар (контейнер) буданд. Ин воқеа аз он дарак медиҳад, ки дар ҳудуди 10% флоти ҷаҳонии киштиҳои боркаш ба ин гиреҳбандӣ ҷалб шудаанд. Тибқи маълумоти муштараки Рейтер ва **Кплер** аз 16 марти соли 2026, аз 81 киштии боркаш ки то 28 феврал ба бандарҳои дохилии Ҳурмуз ворид гардида буданд, изофатан боз 43 адади дигар ба бандарҳои Халиҷи Форс равона гардида, боқимонда дар маҷмӯъ минтақаро тарк намуданд [12].

Баъд аз сар задани ин воқеаҳо ниҳодҳои байналмилалӣ бонги хатар зада, таъкид карданд, ки сухан на дар бораи як ҳодисаи маҳаллӣ, балки дар бораи як «шоки» низомӣ меравад. Масалан, Созмони байналмилалии баҳрнавардӣ дар ҷаласаи фавқулодаи худ, ки дар рӯзҳои 18–19 марти соли 2026 доир гардид, таҳдидҳо ва ҳамлаҳоро ба киштиҳои тиҷоратӣ ва «басташавии эҳтимолӣ»-и гулӯгоҳи Ҳурмуз маҳкум кард. Ба иттилои Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба тиҷорат ва рушд ҳанӯз 10 марти соли 2026 убури киштиҳо аз гулӯгоҳи Ҳурмуз амалан қатъ шуда, нархи як баррел «Брент» аз 90 доллар боло рафта, афзоиши фрахт, ҳаққи суғурта ва нархи сӯзишвории бункерӣ ба занҷираҳои ҷаҳонии таъминот интиқол ёфтанд [16].

Агар дар доираи муноқишоти қаблӣ гулӯгоҳи Ҳурмуз аслан ҳамчун мушкили нафтӣ баррасӣ мегардид, мутобиқ ба амалҳои нави стратегии Эрон бӯҳрони соли 2026 вобастагии боз ҳам васеътари ҷаҳонро нисбат ба имконоти геоиқтисодии ин гулӯгоҳ ошкор сохт. Рейтер ба таърихи 26 март хабар дода буд, ки басташавии гулӯгоҳи Ҳурмуз, ки аз тариқи он тақрибан 20% маводи ҷаҳонии гази табиии моеъшуда мегузарад, дар маҷмӯъ бо осеб дидани роҳҳои баҳрии Қатар боиси аз кор мондани 12,8 млн тонна гази табиии моеъшуда дар як сол ва дар маҷмӯъ ба муддати 3–5 сол гардид. Дар натиҷа таҳлилгарон ба хулосае омаданд, ки пешниҳодоти ҷаҳонии гази табиии моеъшударо то 35 млн тонна коҳиш диҳанд. Дар бозори кишварҳои Осиё нархи гази табиии моеъшуда аз оғози ҷанг то 28 феврал ба андозаи 143% боло рафта, то 25,30 доллар барои як миллион воҳиди сузишвории британиёӣ (MMBtu) расид, ки ин барои воридкунандагони хеле гарон мебошад [17].

Ин раванд ба иқтисоди аграрӣ низ зарбаи бузург ворид сохт. Дар асоси таҳлил ва арзёбиҳои Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд тақрибан сеяки савдои ҷаҳонии нуриҳои минералӣ, яъне тахминан 16 млн тоннаи он ба гулӯгоҳи Ҳурмуз вобаста мебошад. Рейтер бо истинод ба Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ таъкид сохтааст, ки тавассути ин гулӯгоҳ тақрибан 30% савдои ҷаҳонии нуриҳои минералӣ мегузарад ва низоъи ба роҳ андохтаи Изроил ва Амрико аллакай нархи карбамидро тақрибан ба 30–40% боло бурдааст. Ҳамзамон Рейтер таъкид менамояд, ки тақрибан 70% воридоти озуқавории кишварҳои Халиҷи Форс аз тариқи Ҳурмуз сурат мегирад. Аз ин рӯ, ин гулӯгоҳ на танҳо ба нархи бензин ва неруи барқ, балки ба арзиши нон, хӯроки чорво, гӯшт, маҳсулоти ширӣ ва устувории сатҳи таъминоти озуқавории кишварҳои камбизоат, ки вобаста ба воридот мебошад, таъсири амиқ мерасонад [18].

Изроил ва Амрико, инчунин шарикони стратегии онҳо дастаҷамъона дар муқобили ин амалҳои Эрон вокунишҳои зиёде карданд, ки онҳо дар се самт ба роҳ монда шудаанд. Аввалан, вокуниши низомӣ-ҳарбӣ, сониан вокуниши суғуртавӣ ва солисан, вокуниши захиравӣ. Самти ҳарбӣ то ҳол ба барқарорсозии фаврӣ дастёб нашуд. Дар иртибот ба ин Рейтер менависад, ки муттаҳидони Ғарб ба он рӯ ба рӯ шудаанд, ки ҳифзи Ҳурмуз нисбат ба Баҳри Сурх хеле мушкил мебошад. Ожонсии байналмилалии энергетикӣ бошад бевосита таъкид менамояд, ки барои ба эътидол овардани авзои ба амаломада на танҳо нерӯи низомӣ, балки амалҳои муносиби суғуртавӣ

низ хел зарур мебошанд. Ин нуқтаи муҳим дар он зоҳир мегардад, ки дар сурати коҳишёфтани шиддати ҳамлаҳо соҳибони киштиҳо то даме ки бовар накунанд, ки интиқоли бори суғурташудаи онҳо мумкин аст, дастаҷамъона барои иҷрои вазифаҳои худ бар намегарданд [19].

Истифодаи захираҳои стратегии нафт аллакай ба роҳ монда шуданд. Дар моҳи марти 2026 Ожонсии байналмилалии энергетикӣ бузургтарин захираҳои стратегии таърихии худро, ки 400 млн баррел тасдиқ кардааст, барои истифода иҷозат додааст. Дар айни замон ин созмон хотиррасон сохтааст, ки давлатҳои аъзои он вазифадоранд захираҳоро ҳадди ақал дар сатҳи 90 рӯзи воридоти холис нигоҳ доранд. Дар маҷмӯъ давлатҳои аъзои Ожонсии байналмилалии энергетикӣ зиёда аз 1,2 млрд баррел захираҳои давлатии изтиророӣ ва боз тақрибан 600 млн баррел захираҳои соҳавӣ таҳти танзими давлатӣ доранд. Сарфи назар аз он, ки ин захираҳо як буфери пуриқтидорро ташкил додаанд, лекин онҳо наметавонанд ҷойгузини комили амалиётҳои устувор дар низоми нафтрасонии гулӯгоҳи Ҳурмуз бошанд [14].

Изроил ва Амрико, таҳти роҳбарии Нетаняҳу ва Трамп кӯшишҳои зиёде доранд, ки гулӯгоҳи Ҳурмузро ғасб намоянд. Барои таҳти тасарруфи худ даровардани он Трамп дар санаи 28 марти соли 2026 амр содир намуд, ки аз ҳисоби кушунҳои баҳрии Амрико 3 ҳазор нафар се ҷазираи Халиҷи Форсро ғасб намуда, онро Халиҷи Араб ва гулӯгоҳи Ҳурмузро гулӯгоҳи Трамп номгузорӣ намояд. То ин ки ба давлатҳои зикршудаи Осиё, қабл аз ҳама ба Чин тавонанд таъсиргузор бошад, зеро барои ин давлатҳо гулӯгоҳи Ҳурмуз муҳимтарин шоҳрои интиқоли нафт ва барои Амрико манбаи даромади муфт мебошад.

Воқеан ҳам кишварҳои Осиё осебпазиртарин давлатҳо мебошанд. Маҳз ба ҳамин минтақа қисми асосии нафт ва гази табиии моеъшуда аз Ҳурмуз ҳатто то ҷанги байни Изроил-Амрико бо Эрон интиқол меёфт; Ожонсии байналмилалии энергетикӣ зикр кардааст, ки дар соли 2025 Чин ва Ҳиндустон дар якҷоягӣ 44% нафти хомеро, ки аз тариқи Ҳурмуз мегузашт, қабул мекарданд. Дар баробари онҳо Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ низ ба гурӯҳи аз ҳама ҳассос ва осебпазир дохил мешаванд. Ба ҳамин сабаб, маҳз воридкунандагони осиёии нафт пеш аз дигарон бо хавфи воқеии норасоии физикии маводи нафтӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд [1].

Новобаста аз он ки Аврупо нисбат ба Осиё аз гулӯгоҳи Ҳурмуз камтар вобаста аст, лекин аз нархҳои муайянкардаи гази табиии моеъшуда ба маҳсулоти нафтӣ ва нуриҳои минералӣ зарари калон мебинад. Рейтер ба таърихи 26 март доир ба болоравии зиёда аз 60% нархи газ дар Аврупо дар пасманзари бӯҳрон хабар дода буд. Вобастагии мустақими Амрико аз нафти Халиҷи Форс хеле кам мебошад, лекин иқтисод ва сиёсати амрикоӣ аз сабаби болоравии нархи ҷаҳонии нафт, хароҷоти шариконии худ ва зарурати иштирок дар таъмини амнияти баҳрӣ зери таъсири амиқ қарор гирифтааст. Ба ибораи дигар, гулӯгоҳи Ҳурмуз намунаи барҷастаи он аст, ки чӣ гуна бозори ҷаҳонӣ метавонад вобастагии «бегона»-ро қисман ба вобастагии дигарон табдил диҳад [1].

Бидуни шакку шубҳа гулӯгоҳи Ҳурмуз яке аз гиреҳҳои муҳими инфрасохтории иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ буда, дар он ҷуғрофия, энергетика, ҳуқуқи байналмилалӣ, стратегияҳои ҳарбӣ-баҳрӣ ва бозори суғурта дар доираи як марказ бо ҳам пайванд шудаанд. Қобил ба зикр аст, ки аҳамияти ин гулӯгоҳро наметавон бо як рақами алоҳидаи маҳдуд нишон дод, балки зарур аст онро маҷмӯан дар ҳамбастагӣ бо тамоми омилҳои дигар муайян сохт, зеро саҳми фавқулодаи он хосатан дар савдои ҷаҳонии баҳрии нафт ва гази табиии моеъшуда, тамаркузи талаботи нафт дар Осиё, осебпазирии интиқоли маводи озуқаворӣ ва ғайра зоҳир мегардад. Ин масъалаҳои мубрам ба хусус баъд аз ҷанги эълоннашудаи Изроил ва Амрико ба муқобили Эрон дар моҳи марти соли 2026 зуҳур намуданд. Баъд аз ин низоъ гулӯгоҳи Ҳурмузро дигар наметавон ҳамчун як «хатари фарзиявӣ» тасаввур сохт, зеро он ба механизми воқеии зарбаи ҷаҳонии нарх, логистика ва геополитика ва геоиқтисодиёт табдил ёфтааст. Ҳатто дар сурати эъломи оташбас раванди барқарорсозии он хеле тӯлонӣ хоҳад буд, чунки убури киштиҳо аз ин гулӯгоҳ танҳо қисмате аз масъала буда, қисмати дигари он эҳё ва ё барқарорсозии эътимоди суғуртакунандагон, фармоишгарони киштиҳои боркашон, тоҷирон ва ҳайати кории киштиҳо мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб аҳамияти гулӯгоҳи Ҳурмуз барои ҷаҳони муосир аз доираи Ховари Миёна хеле фаротар хоҳад буд. Ҳурмуз барои ҷаҳони муосир появу бунёди суботи геоиқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Адабиёт

1. Amid regional conflict, the Strait of Hormuz remains critical oil chokepoint https://www.eia.gov/todayinenergy/detail.php?id=65504 (дата публикации – 16 июня 2025)
2. Sahab, Mohammad Reza [et al.]. Persian Gulf: Atlas of Old and Historical Maps (3000 B.C. – 2000 A.D.) compiled by Mohammad Reza Sahab [et al.]. – Ministry of Foreign Affairs: Center for Documents and Diplomatic History. – First edition. – Tehran: Sobh-e Sadogh, 2005 (1384), 164 p.
3. Халиҷи Форс – нақшаҳо. Халиҷи Форс – ҷуғрофиёи таърихӣ. Атласҳо. Теҳрон: Вазорати умури хориҷа: Маркази пажуҳишҳои аснод ва таърихи дипломатӣ. 1384 х.

4. Edmund Bosworth. The Nomenclature of the Persian Gulf. Iranian Gulf: Iranian Studies, volume 30, numbers 1-2, Winter/Spring 1997, p. 77
5. Pirouz Mojtahed-Zadeh. Khalij-e Fars. Keshvar-ha va Matzho. Tehron: Atai Publishers, 1378/1990 p. 48
6. Robert G. Landen. The Modernization of the Persian Gulf: The Period of British Dominance. Proceedings of the Twentieth and Annual Near East Conference, ed. T. Cuyler Yong (Princeton, Nd.: Princeton University Conference, 1969, pp.1-24
7. See Gholam R. Vatandoust, Introduction to Iranian Studies University of Washington, 1985 and Pirouz Mojtahedzadeh's article in the Political & Economical Ettera'at, Nos. 105-106, p. 26
8. Bagrow Leo. History of Cartography, revised-enlarged by R.A. Skelton. Harward University Press, London: C.A. Watts, 1964; republished and enlarged Chicago: Precedent Published, 1985
9. Fernandez-Armesto, F (ed). The Times Atlas of World Exploration, 3000 years of Exploring, Explorers and Mapmaking, Times Books / Harper Collins Publishers, N.Y., 1991
10. The Strait of Hormuz is the world's most important oil transit chokepoint https://www.eia.gov/todayinenergy/detail.php?id=4430 (санаи муроҷиат – 4 января 2012)
11. Strait of Hormuz Factsheet https://www.iea.org/about/oil-security-and-emergency-response/strait-of-hormuz (санаи муроҷиат 3. 05. 2026)
12. Marine insurers cancel war risk cover, tanker costs to rise as Iran conflict intensifies https://www.reuters.com/world/middle-east/ship-insurers-cancel-war-risk-cover-due-iran-conflict-2026-03-02/ (санаи муроҷиат – 2 марта 2026)
13. What is the Strait of Hormuz and why is it so important for oil? https://www.reuters.com/world/middle-east/what-is-strait-hormuz-why-is-it-so-important-oil-2026-02-28/ (санаи муроҷиат – 23 января 2026)
14. IEA Member countries to carry out largest ever oil stock release amid market disruptions from Middle East conflict https://www.iea.org/news/iea-member-countries-to-carry-out-largest-ever-oil-stock-release-amid-market-disruptions-from-middle-east-conflict (санаи муроҷиат – 11 марта 2026)
15. Iran tells UN: 'non-hostile' ships can transit Strait of Hormuz https://www.reuters.com/world/middle-east/iran-says-non-hostile-ships-can-transit-strait-hormuz-ft-reports-2026-03-24/ (санаи муроҷиат – 25 марта 2026)
16. IMO condemns attacks on shipping, calls for safe-passage framework in Strait of Hormuz https://www.imo.org/en/mediacentre/pressbriefings/pages/imo-calls-for-safe-passage-framework-in-strait-of-hormuz.aspx (санаи муроҷиат – 19 марта 2026)
17. Iran war damage to Qatar hits global LNG outlook, upends Asia demand growth https://www.reuters.com/business/energy/iran-war-damage-qatar-hits-global-lng-outlook-upends-asia-demand-growth-2026-03-26/ (санаи муроҷиат – 26 марта 2026)
18. Hormuz shipping disruptions raise risks for energy, fertilizers and vulnerable economies https://unctad.org/news/hormuz-shipping-disruptions-raise-risks-energy-fertilizers-and-vulnerable-economies (санаи муроҷиат – 10 марта 2026)
19. Western powers were unable to secure shipping in the Red Sea. Hormuz will be harder https://www.reuters.com/business/energy/western-powers-were-unable-secure-shipping-red-sea-hormuz-will-be-harder-2026-03-25/ (санаи муроҷиат – 25 марта 2026)

ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ: АҲАМИЯТИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ГЕОИҚТИСОДИИ ОН

Гулӯгоҳи Ҳурмуз дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва сиёсӣ яке аз мавзеъҳои стратегии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аҳамияти он на танҳо аз мавқеи нодири ҷуғрофиаш, ки Халиҷи Форсро бо Халиҷи Уммон ва уқёнуси Ҳинд мепайвандад, балки аз нақши калидии он дар таъмини амнияти энергетикии ҷаҳон низ бармеояд. Ин гулӯгоҳ ҳамчун яке аз муҳимтарин масирҳои байналмилалии ҳамлу нақли нафт, маҳсулоти нафтӣ, гази табиии моеъ ва дигар борҳои стратегӣ хизмат намуда, қисми зиёди содироти захираҳои энергетикии кишварҳои минтақа маҳз тавассути он амалӣ мегардад. Бо ҳамин сабаб, ҳар гуна маҳдудшавӣ ё халалдор гардидани ҳаракати киштиҳо дар ин минтақа метавонад ба фаъолияти бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ таъсири фаврӣ расонад. Оқибатҳои чунин вазъият дар болоравии нархи нафт ва газ, афзоиши арзиши ҳамлу нақл, гарон шудани хизматрасониҳои суғуртавӣ, вайрон гардидани занҷираҳои байналмилалии таъминот ва коҳиш ёфтани устувории иқтисоди ҷаҳонӣ зоҳир мешаванд. Илова бар ин, нооромӣ дар атрофи Гулӯгоҳи Ҳурмуз метавонад ба амнияти озуқаворӣ, фаъолияти саноатӣ ва тиҷорати байналмилалӣ низ таъсири манфӣ расонида, сатҳи ташаннуҷи сиёсиро дар минтақа ва ҷаҳон афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти киштиронӣ ва нигоҳ доштани суботи геополитикии ин гулӯгоҳ яке аз шартҳои муҳими рушди устувори иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: Гулӯгоҳи Ҳурмуз, шиддати низомӣ, нафт, газ, таъминоти ҷаҳонӣ, тиҷорати баҳрӣ, Конвенсияи СММ, гузаргоҳи транзитӣ, буҳрон, назорати ҳассос, киштиронӣ, нафткашонӣ.

ОРМУЗСКИЙ ПРОЛИВ: КЛЮЧЕВАЯ ПРОБЛЕММА МИРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Ормузский пролив занимает исключительное место в современной системе международных экономических и политических отношений. Его значение определяется не только уникальным географическим положением, соединяющим Персидский залив с Оманским заливом и Индийским океаном, но и ключевой ролью в обеспечении глобальной энергетической безопасности. Пролив является

одним из важнейших международных транспортных маршрутов для перевозки нефти, нефтепродуктов, сжиженного природного газа и других стратегически важных грузов. Именно через него проходит значительная часть мирового экспорта энергетических ресурсов стран региона. По этой причине любые ограничения или нарушения судоходства в Ормузском проливе немедленно отражаются на состоянии мировых энергетических рынков. Последствия подобных событий проявляются в росте мировых цен на нефть и газ, увеличении стоимости морских перевозок и страхования, нарушении глобальных логистических цепочек и снижении устойчивости мировой экономики. Кроме того, нестабильность в районе Ормузского пролива способна негативно повлиять на продовольственную безопасность, промышленное производство и международную торговлю, а также усилить политическую напряженность на региональном и глобальном уровнях. В этой связи обеспечение безопасности судоходства и сохранение геополитической стабильности в Ормузском проливе являются важнейшими условиями устойчивого развития мировой экономики и защиты интересов международного сообщества.

Ключевые слова: Ормузский пролив, военная эскалация, нефть, газ, мировые поставки, морская торговля, Конвенция ООН, транзитный проход, кризис, сенситивный контроль, судоходства, нефтяной танкер.

THE STRAIT OF HORMUZ: A KEY PROBLEM FOR THE GIOBAL ECONOMY

The Strait of Hormuz occupies a unique position in the contemporary system of international economic and political relations. Its significance is determined not only by its strategic geographical location, linking the Persian Gulf with the Gulf of Oman and the Indian Ocean, but also by its crucial role in ensuring global energy security. The Strait serves as one of the world's most important maritime routes for the transportation of crude oil, petroleum products, liquefied natural gas, and other strategically important cargoes. A substantial share of the world's energy exports from the Gulf region passes through this narrow waterway. Consequently, any disruption or restriction of maritime navigation in the Strait immediately affects global energy markets. Such disruptions lead to rising oil and gas prices, increased shipping and insurance costs, interruptions in international supply chains, and reduced stability of the global economy. Furthermore, instability in the Strait of Hormuz may adversely affect food security, industrial production, and international trade while intensifying political tensions at both regional and global levels. Therefore, ensuring the security of maritime navigation and maintaining geopolitical stability in the Strait of Hormuz remain essential prerequisites for sustainable global economic development and the protection of the interests of the international community.

Keywords: Strait of Hormuz, military escalation, oil, gas, global supplies, maritime trade, UN Convention, transit passage, crisis, sensitive control, shipping, oil tanker.

Дар бораи муаллифон

Шамолов Абдулвоҳид Абдуллоевич
Доктори илмҳои фалсафа, профессор
сарходими илмии Шӯъбаи Шарқи Миёна ва Наздики
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E mail: vohid1958@mail.ru

Зикирзода Ҳобил
Доктори илмҳои фалсафа, профессор
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Шамолов Абдулвохид Абдуллоевич
Доктор философических наук, профессор
главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока
Института изучения проблем государств Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана
E mail: vohid_1958@mail.ru

Зикирзода Хобил.
Доктор философических наук, профессор
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Shamolov Abdulvihid Abdulloevich
Doctor of Philosophy, Professor - Chief Research Fellow,
Department of the Middle and Near East,
Institute for the Study of the Problems of the States of Asia and Europe,
National Academy of Sciences of Tajikistan
Email: vohid1958@mail.ru

Zikirzoda Hobil
Doctor of Philosophy, Professor
Dean of the Faculty of Tajik Philology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Тел.:(+992) 918.85.40.54

ТДУ 378.1(575.3)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода А.А.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1997 сар карда, дар роҳи мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳалли мушкилоти онҳо, тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ барои соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ тадбирҳои амалӣ андешида, ба роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ дар хусуси баланд бардоштани сифати таълими забонҳои русиву англисӣ ва барои донишҷӯён омода сохтани хобгоҳҳо дастурҳои мушаххас додааст.

Бо мақсади тақвияти заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлат сол аз сол маблағҳои зиёд ҷудо гардида, аз ҳисоби ин маблағҳо аксарияти биноҳои муассисаҳои таълимӣ, хобгоҳҳои онҳо таъмир гардида, биноҳои нави таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар даврони истиқлол бо таваҷҷуҳу дастгирии Президенти кишвар таъмир ва ба истифода додани биноҳои нави таълимӣ ва хобгоҳҳои замонавӣ барои донишҷӯёну омӯзгорон дар ин зинаи таҳсилот ба раванди таълим такони тоза бахшидааст. Ҳукумати мамлакат барои таъмини шароити донишомӯзии ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти онҳо дар минтақаҳои гуногуни кишвар муассисаҳои нави таҳсилоти олии ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯро сохта, ҳамаи онҳоро бо техникаву таҷҳизоти муосир ва шароити ҳозиразамон таъмин намуд. Аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии Хоруғ (соли 1992), Донишгоҳи давлатии Данғара (соли 2005), Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён (соли 2006), Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (соли 2013) Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (соли 2015), Донишгоҳи тиббии Хатлон (соли 2016), таъсис дода шуданд.

Дар вилояти Суғд Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент (соли 1991), Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (соли 1993), филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара (соли 1998), Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон (соли 2006), Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (соли 2010) ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд (соли 2010) ба фаъолият шуруъ карданд.

Дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (соли 1991), Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (соли 1991), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (соли 2009), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (соли 1993), Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов (соли 2003), Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам (соли 2007), Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (соли 2013), Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2013) ва Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоӣ (соли 2020) таъсис дода шуданд.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров яке аз муассисаҳои олии таълимии бонуфузи мамлакат буда, дар даврони истиқлоли давлатӣ бо ҳидояту дастгирии бевоситаи роҳбарияти олии мамлакат ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Боздидҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин донишгоҳ дар замони соҳибистиқлолӣ аз таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ба беҳтар намудани заминаи таҳсилу донишомӯзии ҷавонон дар ин муассисаи олии таълимӣ мебошад.

25 майи соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар замони соҳибистиқлолӣ заминаи фаъолияти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров густариш ёфта, дар он факултетҳо, кафедраҳо, равия ва ихтисосҳои нав таъсис дода шуданд. Донишгоҳ ба тайёр намудани табибон, иқтисоддонҳо, рӯзноманигорон, шарқшиносон, мутахассисони соҳаи технологияи компютерӣ, менеҷмент, молия, бонк ва ғайра оғоз намуд. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз лиҳози пояи моддӣ-техникӣ, таълимӣ, иқтидори илмиву зеҳнӣ ва теъдоди ҳайати профессорону омӯзгорон пас аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дуюмин муассисаи бузурги олии кишвар маҳсуб меёбад.

30 августи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва бинои истиқоматии

нӯҳошёнаи дорои 52 ҳуҷра барои устодони ин донишгоҳро мавриди истифода қарор доданд. Бинои нави Донишгоҳи давлати Хуҷанд, ки сохтмонаш ҳанӯз аз соли 1973 мавқуф монда буд, бо маблағи Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ бунёд ва бо шароити муосири донишомӯзӣ таъмин карда шуд.

19 марти соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ҷашни Наврӯзи оламафрӯз бинои нави Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айниро мавриди истифода қарор доданд. Бинои нави таълимӣ аз 26 синфхонаи хурду бузург иборат буда, ҳар яки он дорои 24, 30 ва 50 ҷойи нишаст мебошад ва дар онҳо дар як баст то 900 нафар донишҷӯ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, дар бинои мазкур 9 синфхонаи компютерӣ, 8 кафедра, 12 ҳуҷраи корӣ, толори шурои илмӣ, китобхона ва бисёр толору ҳуҷраҳои ёридиҳанда ҷойгиранд [4, с. 82].

Баъди боздид аз бино Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни ҳавлӣ барои роҳбарият, устодону муаллимон ва донишҷӯёни Донишгоҳ суханронӣ намуда, бинои наву ҳозиразамони таълимиро тӯҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи иди Наврӯзи Аҷам маънидод карданд.

1 сентябри соли 2009 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ташриф оварда, нахуст аз намоишгоҳи дастовардҳои илмию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дидан намуданд.

Роҳбари давлат дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мулоқот анҷом дода, зимни суханронӣ аз ғамхориҳои пайвастаи давлату ҳукумат ба соҳаи маорифи кишвар ёдовар шуданд. 27 августи соли 2010 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон биноҳои наву боҳашамати филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар ноҳияи Рашт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Тавре, ки зикр шуд, дар ин ҷо як бинои 5-ошёнаи таълимӣ, хобгоҳ, 9 хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон ва бунгоҳҳои гармидиҳию трансформаторӣ бо харҷи 18 миллиону 560 ҳазор сомонӣ бунёд ёфтааст. Бинои таълимӣ дорои синфхонаҳои зебою муҷаҳҳаз, аз ҷумла ду синфи компютерӣ, ду синфи озмоишгоҳ ва шароити хуби дигари илмомӯзӣ мебошад. Дар хобгоҳи филиал барои 366 нафар донишҷӯ барои истиқомату дарстайёркунӣ шароити хуб муҳайё карда шудааст. 5 августи соли 2011 дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои 3000 нафар пешбинӣ шуда, дар он факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, бизнесу идораи инноватсионӣ, молия ва қарз ҷойгир шудаанд. Бинои мазкур бо харҷи 8,5 миллион сомонӣ бунёд ёфта, дорои 2 толор, 98 синфхона, аз ҷумла 7 синфхонаи компютерӣ, лингофонӣ, синфхонаҳои махсус ва озмоишгоҳҳои фаннӣ мебошад [3, с. 210]. 16 августи соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳри Хоруғ бинои нави Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон ба номи Тутишо Назришоевро ба истифода доданд. Иншоот бо харҷи 2 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ бунёд ёфта, имкони дар як сол фаро гирифтани то 1200 нафар омӯзгорро ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ доро мебошад. Дар назди донишкада маҳфили академияи хурди илмҳо фаъолият дорад, ки ба он 50 нафар хонандагони дорои қобилияти илмӣ – таҳқиқотӣ шомил гаштаанд [3, с. 228].

1 сентябри соли 2011 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуда, дар саҳни Донишгоҳ бо устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дарси сулҳ ва суҳбати озоду ошкорои тӯлонӣ анҷом доданд.

Президенти кишвар бинои нави таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро, ки асосан барои факултети навтаъсиси тоҷикӣ-украинии ин донишгоҳ пешбинӣ шудааст, ифтитоҳ намуда, бо шароити муосири таълимии он аз наздик шинос шуданд. Дар ин донишгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намунаҳои корҳои эҷодию ихтироотӣ ва навовариҳои техникию технологии устодону донишҷӯён аз наздик шинос шуда, масъулонро вазифадор намуданд, ки робитаи босамари миёни илму истеҳсолотро таъмин карда, олимону ихтироъкорони наврасро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Яке аз намунаҳои корҳои эҷодӣ ва ихтироотии устодону донишҷӯёни ин донишгоҳ мошинҳои сабукрави баркӣ буд, ки яке аз онҳоро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саворӣ намуда, дастур доданд, ки истифодаи васеи чунин мошинҳо дар Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. 17 апрели соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе ба истифода

дода шуд. Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологӣ дар заминаи Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Маскав таъсис ёфта, дорои шуҳрати ҷаҳонӣ мебошад ва яке аз бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Русия ба шумор меравад.

Зимни шиносоии Сарвари давлат бо шароити таълимии дар ин бинои 6-ошёна муҳайёгашта, аз ҷумла зикр гардид, ки соли равон барои таҳсил дар ин филиал аллакай то 500-600 нафар донишҷӯ барои таҳсил қабул карда мешаванд. 1 сентябри соли 2013 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ҳаёти нави пойтахт бинои нави факултаи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимиро ифтитоҳ намуда, дар тантанаҳои оғози соли нави хониш дар ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити моддию техникии муҳайёшуда, аз ҷумла зикр гардид, ки ин бинои боҳашамат бо харҷи беш аз 38 миллион сомонӣ бунёд ёфта, дорои 70 синфхона, аз ҷумла 22 синфхонаи озмоишӣ ва 2 устохонаи бузург мебошад ва барои 4 ҳазор донишҷӯ дар якуним баст пешбинӣ шудааст. Дар толори бузурги факултаи сохтмон ва меъморӣ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури қариб 2 ҳазор нафар устодону донишҷӯён аз муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олӣ ва ҳам масъулони ҷумҳуриявии дахлдор ба муносибати Рӯзи дониш суханронӣ намуданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тадбирҳои сершумори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба талаби замон мутобиқ намудани шароити таълимӣ дар муассисаҳои соҳаи маорифи кишвар ёдовар шуда, насли навраси кишварро ба омӯзиши амиқи илму техникаи муосир, аз худ намудани касбу ҳунар ва ба ободонии бесобиқаи Ватани азизи худ ҳидоят карданд. 1 сентябри соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлобро, ки аз 7 ошёна иборат буда, дар он толори васеи маҷлисгоҳ бо 286 ҷой, толори варзишӣ бо 104 ҷойи нишаст, ду толори гузаронидани машғулиятҳо бо 70 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ ва синфхонаҳои лингофонӣ мавҷуд аст, ифтитоҳ намуда, бо шумораи зиёди донишҷӯён, омӯзгорон ва дигар фаъолони шаҳр мулоқоти судманд анҷом доданд [6]. 1 сентябри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара Донишгоҳи давлатии Данғараро дар вазъияти тантанавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Донишгоҳ аз 17 бино, аз ҷумла 2 хобгоҳи 9-ошёна бо беш аз 2000 ҷойи хоб барои донишҷӯён, 3 бинои истиқоматии 5-ошёна бо 60 ҳуҷра барои омӯзгорон, толори варзишгоҳ бо 450 ҷойи нишаст, толори зебову мунаққаши фарҳангӣ бо 530 ҷойи нишаст, китобхона барои нигаҳдории 650 ҳазор нусха китоб ва дигар иншооти ёрирасон иборат буда, барои машғулияти 4 ҳазор нафар донишҷӯ дар як баст бунёд шудааст [9].

Дар 6 факултаи донишгоҳ ва 20 кафедраи он аз рӯйи ихтисоси педагогика ва технологияҳои таълимотии муосир, иқтисодиёти инноватсионӣ ва менеҷмент, соҳаи аграрӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ, муҳандисӣ ва технологияи муосири истеҳсолӣ, идораи давлатӣ, ҳуқуқ ва ғайра мутахассис тайёр карда мешавад.

Ифтитоҳи бинои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ дар санаи 14 сентябри соли 2018 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишвари мо бо шарикони рушд саҳифаи нав дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат дар замони Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад.

23 марти соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташриф оварда, дар маросими мавриди истифодабарӣ қарор додани бинои нави факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳ иштирок намуданд. Сарвари давлат бо шароити дар бинои нави таълимӣ муҳайёгардида шинос шуда, бо донишҷӯён суҳбати гарму самимӣ анҷом доданд.

Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” яке аз калонтарин таълимгоҳҳои олии касбӣ дар вилояти Хатлон буда, дар байни дигар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мақоми хосаро соҳиб аст. Дар ин донишгоҳ қариб 18 ҳазор донишҷӯ тариқи буҷетиву шартномавӣ ва квотаи Президентӣ, аз ҷумла донишҷӯёни хориҷӣ аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Туркманистон таҳсил мекунад.

Донишгоҳ дорои 8 бинои таълимӣ 29 озмоишгоҳ, 2 кабинети лингофонӣ, 2 толори варзишӣ, ҳамчунин 2 майдонча ва 1 маҷмааи варзишӣ мебошад.

1 сентябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои маъмурию таълимӣ, меҳмонхона ва хобгоҳи замонавии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ карда, дар чорабинии Рӯзи дониш ва дарси сулҳ иштирок намуданд.

Бинои 12-ошёнаи донишкада бо тарҳи наву замонавӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, аз қисми маъмурию таълимӣ, меҳмонхона ва хобгоҳ барои устодону донишҷӯён (барои 1320 нафар донишҷӯ дар як баст), шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, толорҳои варзишу маҷлисгоҳ, китобхонаву ҳуҷраҳои фаннӣ иборат аст [7]. Баъд аз ифтитоҳи бинои нави маъмурию таълимии Донишкада Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ин рӯйдоди фараҳбахш ва фарорасии Рӯзи дониш ва дарси сулҳ дар ҳузури ҳайати омӯзгорон, кормандон, магистрантон ва донишҷӯёни ин муассисаи олии таълимӣ суханронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки барои тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани неруи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ, инчунин, таҳлили илмии сифат ва самаранокии идоракунӣ ва хизмати давлатӣ зарурати баланд бардоштани мақоми ин муассиса ба миён омадааст. Бинобар ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад. 1 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар “Рӯзи дониш” ва “Дарси сулҳ” бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Синоро мавриди истифода қарор доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои таълимии навбунёди донишгоҳ аз бинои марказии 10-ошёна бо ду бинои 4-ошёна аз канорҳои чапу рости он иборат буда, барои фаъолияти маъмурият ва таълими донишҷуён пешбинӣ шудааст. Бино аз 62 синфхонаи таълимии барҳаво бо ғунҷоиши аз 20 то 30 ҷойи нишаст, толори компютерӣ бо 80 ҷойи нишаст, 90 ҳуҷраи корӣ, 26 нуқтаи ёрирасон, 2 толори лексионӣ бо 500 ҷойи нишаст, 2 толори маҷлис бо 50 ҷойи нишаст ва 4 озмоишгоҳи таълимӣ барои омӯзиши нозукиҳои илми тиб иборат мебошад.

Дар бинои маъмурӣ ва таълимии навбунёд толори калони маҷлисӣ бо 1 ҳазору 600 ҷойи нишаст сохта шудааст. Дар ошёнаҳои аз як то сеюм ҳуҷраҳои маъмурӣ, аз ҷумла раёсати рушди кадрӣ, маркази технологияи иттилоотӣ, маркази омӯзиши симулиятсионӣ ва факултетҳо, ҷойгир буда, бо мизу курсӣ ва дигар шароити муосири корӣ муҳайё мебошанд. Дар ошёнаҳои аз 4 то 9-ум 6 кафедра ҷойгир карда шудааст, ки аз синфхонаҳои кушоду барҳаво ва озмоишгоҳи замонавӣ иборат мебошанд. Кафедраи биохимия, ки дар ошёнаи 4-ум ҷойгир аст, дорои шароити муосири гузаронидани озмоишҳои кимиёвӣ аст, ки он ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо васеъ истифода мегардад. Дар партави дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди муассисаи таълимӣ “Маркази омӯзиши симулятсионӣ” таъсис дода шудааст. Марказ аз 7 ҳуҷраи махсусгардонидашуда иборат буда, дар он вобаста ба салоҳияти асосии табибон барои расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ, ҳуҷраҳои муоинаи бемор, реаниматсияи дилу шушҳои калонсолон, наврасон ва навзодон, ҳуҷраи ултрасадо ва ҳуҷраи расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ шароити мусоид фароҳам мебошад.

Донишгоҳ аз рӯйи 5 ихтисос – “кори табобатӣ”, “педиатрия”, “ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа”, “духтури дандон” ва “фарматсия” мутахассис омода менамояд. Ҳамзамон аз рӯйи 40 ихтисоси таҳсилоти баъдидипломӣ – таҳсил дар интернатура, ординатураи клиникӣ, магистратура, аспирантура, докторантура ва таҳсилоти иловагӣ ба роҳ монда шудааст.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино 83 сол боз барои муассисаҳои тандурустии мамлакат мутахассис тайёр карда, пойгоҳи асосии таълимӣ, илмию методии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Донишгоҳ дар давраи фаъолияташ зиёда аз 46 ҳазор нафар табиб тайёр кардааст, ки аз он 1 ҳазору 500 нафарашон шаҳрвандони хориҷӣ аз 36 давлати дунё мебошанд [8]. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар бо бунёди «Шаҳраки донишҷӯён», бинои нави факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар маҳаллаи Ҳаёти нави пойтахт, бинои маъмурии 7-ошёнаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтар (Кӯшониён), бинои нави Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Данғара, сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва хобгоҳи он дар ноҳияи Рашт, сохтмони хобгоҳ дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоев, сохтмон ва ба истифода додани бинои таълимӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, хобгоҳҳо ва биноҳои нави таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар “Шаҳраки донишҷӯён”, барқарор ва таҷҳизонидани бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, таъмири толори варзишии Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, азнавсозии бинои филиали Донишгоҳи давлатии

Москва ба номи М.В. Ломоносов ба анҷом расонида шуданд, ки баробари беҳтар гардидани раванди таҳсилоти олии касбӣ вазъи иҷтимоии донишҷӯёнро низ беҳтар намуд.

Дар марҳилаи муосир, яъне давоми чор соли охир дар кишвар бо иштироки Президенти Тоҷикистон биноҳои нави таълимии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода (27 сентябри соли 2022), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (20 декабри соли 2022), бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара (1 сентябри соли 2023), бинои нави таълимии филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Хатлон (14 декабри соли 2023), бинои таълимӣ барои факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (29 октябри соли 2024), биноҳои нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (21 августи соли 2025) ва ду бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара (23 октябри соли 2025) ифтитоҳ ёфтанд [10].

Тайи солҳои Истиқлолияти давлатӣ Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар мамлакат мебошад, 9 маротиба ташриф оварда, дар чорабиниҳои муҳими он ширкат варзидаанд ва ҳар як боздид барои бунёдкориҳои азим такон бахшидааст. 5 сентябри соли 2007 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи миллӣ маротибаи чорум ташриф оварданд. Аснои ин боздид барои бунёди биноҳои нави таълимии «Шаҳраки донишҷӯён» хишти аввал гузошта шуд.1 сентябри соли 2010 бахшида ба Рӯзи дониш дар «Шаҳраки донишҷӯён» бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи 4 бинои нави таълимии донишгоҳ – бинои факултетҳои физика, биология, геология, механикаю математика ва факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Беларус доир гардид.

20 майи соли 2020 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин муассисаи таҳсилоти олии мамлакат ташриф оварда, аз рафти корҳои созандагии хобгоҳи нави донишгоҳ, ки аз 12 ошёна иборат аст, боздид намуданд. Дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат барои 8 факултети Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бинои наву замонавӣ бунёд гардид.

Бинои нави таълимии факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 22 январи соли 2021 барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 5048 нафар мавриди истифода қарор гирифт. Иншоот аз осорхона, 73 синфхонаи дарсӣ бо ғунҷоиши аз 14 то 50 ҷойи нишаст, 5 толори калони маҷлисӣ дорои 100 ҷойи нишаст, 4 кабинети лингофонӣ ҳар кадом дорои 16 ҷойи нишаст, 8 синфхонаи компютерӣ, озмоишгоҳи таълимии “1 С” барои омӯзиши нозукиҳои илми муҳосибӣ ва озмоишгоҳи инноватсионии технологияи муосири информатсионӣ иборат мебошад [5].

Дар факултети молиявию иқтисодӣ, иқтисод ва идора, баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар бинои наву замонавӣ ҷойгир карда шуд, дар маҷмуъ 17 кафедра ва 27 ихтисос мавҷуд буда, 192 нафар устод, аз ҷумла ҳайати бонуфузи академикҳо, номзадҳои илм ва профессорон ба таълиму тарбияи 5048 нафар донишҷӯ машғуланд.

Дар бинои факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ дар хусуси таъсиси марказҳои инноватсионӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои фаъолияти илмии омӯзгорон ва муҳаққиқон “Маркази инноватсионӣ” таъсис дода шудааст.

Дар Маркази инноватсионӣ дастгоҳу таҷҳизоти муосир, аз ҷумла принтери чопи 3 ҳаҷма (3D), сканери шаклгирандаи 3 ҳаҷма, воситаҳои айёнии кор бо унсурҳои нанотехнологӣ ва ҳаҷмашон хурду тимсолашон ба чашм ноаён ва компютерҳои пуриқтидори насли 9-ум мавҷуд мебошад.

Ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар самти қабули довталабон ба макотиби олӣ ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон бахши муҳими чорабиниҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф ташкил медиҳад.

Соли 2021 зимни ифтитоҳи ду бинои таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва гузоштани санги асоси биноҳои дигар Президенти кишвар дастур дода будаанд, ки бо ҳадафи ҳарчи бештар ба таҳсил ва курсҳои омӯзишӣ фаро гирифтани аҳолӣ сохтмони биноҳо бо усули муосири меъморӣ ва баландошёна амалӣ карда шавад.

То имрӯз иншооти мазкур иборат аз Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ, Маркази идоракунии рақамии таҳсилот, Маркази дипломатияи сабз, Маркази рушди сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, синфхонаҳои таълимӣ, маҷмааи варзишӣ, ошхона, коргоҳи дӯзандагӣ ва хобгоҳ бо сатҳу сифати баланд бунёд ва ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ барои давраи то соли

2040 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Рамҳон пешниҳод намуданд, ки дар заминаи донишкадаи сайёҳии донишгоҳ Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъсис дода шавад [11].

Бино ба арзёбии коршиносони соҳа, яке аз таъкидҳои муҳими Паёми Пешвои миллат ба Парлумони ҷумҳурӣ дар соли 2024 он буд, ки танҳо низоми пешрафтаи маориф метавонад рушди тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро таъмин намояд. Пеш аз ҳама, донистани техникаву технологияҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмини сифати таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи дониш дар тамоми зинаҳои таҳсилот аз дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Президенти мамлакат дар ин ҷода буданд [1, с. 256].

Боз ҳам, агар ба ақидаи ҳамон коршиносони варзидаи ватанӣ рӯ оварем, «дар замоне, ки давлат ҳанӯз пояҳои худро устувор месохт, Пешвои муаззами миллат бо азму иродаи қавӣ барномаҳои дарозмуддатро дар соҳаи маориф роҳандозӣ намуданд....» Тавре дар асари онҳо барҳақ чунин нигошта шудааст, «дар он солҳои душвор маблағҳои давлатӣ хеле кам буданд, аммо Пешвои муаззами миллат бо тамоми мушкилот ва ҷидду ҷаҳди худ кӯшиданд, ки барои соҳаи маориф захираҳои зарурӣ пайдо кунанд. Аз ҳисоби кумакҳои башардӯстона, аз ҳисоби барномаҳои таълимию байналмилалӣ ва аз ҳисоби буҷаи маҳдуди давлатӣ маблағҳои беҳисоб ба таъмиру таҷдид ва барқарорсозии мактабҳо равона мешуданд. Агар дар он вақт Президенти кишвар ирода ва қадамҳои устувор намегузоштанд, мумкин буд, ки тамоми низоми маориф аз ҳам пош хӯрад. Аммо бо сабру таҳаммул, бо сиёсати хирадмандона ва бо эътиқоди қавӣ ба хотири арзиши маориф, ин соҳа ба таври пурра наҷот ёфт ва ба роҳи нави рушди устувори худ қадам гузошт»[2, с. 196-199].

Бидуни шакку шубҳа, рушди низоми маориф, аз ҷумла таъминоти моддию техникии зинаи таҳсилоти олии касбӣ, муҳайёсозии шароити муосири корӣ, иҷтимоӣ ва таълимӣ, аз қабили сохтмон ва таҷдиди биноҳои донишкадаву донишгоҳҳо, таҷҳизонидани онҳо, ки мо дар маводди мазкур доир ба ин дастовардҳо мадраку маълумоти мушаххас ва андешаҳои аҳли илми кишварро овардем, бо номи шарифи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хизматҳои фаромӯшнопазири ин фарди бонангу номуси миллат пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ин зимн мардуми тоҷикро мебояд, ки бо тамоми ҳастияш ва иқтидори зеҳнию маънавияш ба манзури ояндаи дурахшони давлатамон чунин неъматҳои фароҳамшударо қадр, ҳифз ва зиёда намояд.

Адабиёт

1. Раҳимӣ, Ф. Абармарди таърихсоз. Китоби I. (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ в англисӣ) / Ф. Раҳимӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 816 с.
2. Раҳимӣ, Ф. Абармарди таърихсоз. Китоби II. (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ в англисӣ) / Ф. Раҳимӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 1032 с.
3. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва 20-солагии истиқлол (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011). / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 392 с.
4. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон: оғози марҳилаи нав (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007). / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.
5. Ифтитоҳи иншооти нав дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Садои мардум, 23 январи соли 2021. - №9.
6. Иштирок дар тантанаҳои Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ // Садои мардум, 1 сентябри соли 2015. - №116-117.
7. Ифтитоҳи бинои нави Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирок дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj /node/21210 (Санаи нашр: 01.09.2019)
8. Ифтитоҳи бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://president.tj /event_by_theme/internal_ politics/education/26471 (Санаи нашр: 01.09.2022)
9. Ифтитоҳи Донишгоҳи давлатии Данғара [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj /node/12907 (Санаи нашр: 01.09.2016)
10. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: www.president.tj
11. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj /event/news/52535 (Санаи нашр: 30.08.2025)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳлили нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва такмили заминаи моддию техникии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбии кишвар бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои бунёди биноҳои нави таълимӣ, хобгоҳҳо, озмоишгоҳҳо, китобхонаҳо, марказҳои илмӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ барои беҳтар намудани сифати таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба далелу омор нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти давлат ба соҳаи маориф ба баланд гардидани сатҳи таҳсилот, беҳтар шудани шароити иҷтимоии омӯзгорону донишҷӯён ва рушди иқтидори илмии донишгоҳҳо мусоидат намудааст. Ҳамзамон, дар мақола аҳамияти таъмиру тармими биноҳои мавҷуда, муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳо бо технологияҳои муосир ва фароҳам овардани муҳити мувофиқи таълимӣ таҳлил мешавад. Хулоса мегардад, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт омили муҳимми рушди таҳсилоти олӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос мебошад.
Калидвожаҳо: Пешвои миллат; Президенти Тоҷикистон; маориф; таҳсилоти олӣ; заминаи моддию техникӣ; донишгоҳҳо; сифати таҳсилот.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена анализу роли Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в формировании и совершенствовании материально-технической базы учреждений высшего профессионального образования страны. В ней рассматриваются вопросы строительства новых учебных корпусов, общежитий, лабораторий, библиотек, научных центров и иной необходимой инфраструктуры, направленной на повышение качества образования. Автор, опираясь на факты и статистические данные, показывает, что постоянное внимание руководства государства к сфере образования способствует повышению уровня обучения, улучшению социальных условий преподавателей и студентов, а также развитию научного потенциала университетов. Одновременно в статье анализируется значение ремонта и реконструкции существующих зданий, оснащения аудиторий современными технологиями и создания благоприятной образовательной среды. Делается вывод, что государственная политика в данном направлении является важным фактором развития высшего образования и подготовки высококвалифицированных кадров.
Ключевые слова: Лидер нации; Президент Таджикистана; образование; высшее образование; материально-техническая база; университеты; качество образования**.**

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE FORMATION AND IMPROVEMENT OF THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE OF HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF TAJIKISTAN

The article analyzes the role of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in the formation and improvement of the material and technical base of higher professional educational institutions in the country. It examines the construction of new academic buildings, dormitories, laboratories, libraries, research centers, and other necessary infrastructure aimed at improving the quality of education. Drawing on facts and statistical data, the author shows that the continuous attention of the state leadership to education has contributed to raising the level of instruction, improving the social conditions of teachers and students, and strengthening the scientific potential of universities. The article also analyzes the importance of repairing and reconstructing existing buildings, equipping classrooms with modern technologies, and creating a favorable educational environment. It concludes that state policy in this area is an important factor in the development of higher education and the training of highly qualified specialists.
Keywords: Leader of the Nation; President of Tajikistan; education; higher education; material and technical base; universities; quality of education**.**

Дар бораи муаллиф
Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб
Доктори илмҳои таърих, профессор
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

Об авторе
Шарифзода Абдуфаттох Абдуваххоб
Доктор исторических наук, профессор
член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

About the Author
Sharifzoda Abdufattoh Abduvakhhob
Doctor of Historical Sciences, Professor
Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

ТДУ 327:339.92

ҲАЛЛИ ТАНОСУБИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА БОЛОМИЛЛӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ДАРКИ ИҚТИДОРИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ

Бедилзода Ҳ.
Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳовиддинов
Нурализода С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таъсири ибтидоии равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Иқтсодии АвроОсиё тадриҷан хусусияти устувории худро аз даст дода, ба марҳилаи муайяни сустшавии динамикаи иқтисодӣ ворид гардид. Агар дар марҳилаи аввали ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Россия афзоиши назарраси савдои дохилиминтақавӣ мушоҳида мегардид, пас дар солҳои баъдӣ тамоюли коҳишёбии суръати рушди ҳамгироӣ ба назар расид. Аз ҷумла, дар соли 2012, ки ҳамчун марҳилаи ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ арзёбӣ мешавад, ҳаҷми савдои мутақобила байни се давлати иштирокчӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2010 тақрибан 44 фоиз афзоиш ёфта буд. Аммо дар соли 2020, аллакай дар доираи панҷ давлати узви Иттиҳод, афзоиши савдои дохилӣ нисбат ба сатҳи соли 2015 ҳамагӣ 20 фоизро ташкил намуд. Гузашта аз ин, дар ифодаи мутлақ нишондиҳандаҳои савдои дохилиттиҳодӣ ҳатто аз сатҳи солҳои 2011–2014, яъне марҳилаи ибтидоии «ҳамгироии сегона», пасттар боқӣ монданд.

Таҳлили илмии ин раванд нишон медиҳад, ки сустшавии суръати ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи ИИАО танҳо ба омилҳои беруна вобаста набуда, балки хусусияти сохторӣ ва институтсионалӣ низ дорад. Албатта, омилҳои хориҷӣ, аз ҷумла пастравии нархҳои ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ, таҳримҳои иқтисодии Ғарб нисбат ба Россия, ноустувории низоми молиявии байналмилалӣ ва паҳншавии пандемияи COVID-19 ба фаъолияти иқтисодии кишварҳои аъзо таъсири ҷиддӣ расониданд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти дохилӣ, аз қабили нобаробарии иқтидорҳои иқтисодӣ, вобастагии зиёди иқтисодиёти кишварҳои аъзо аз содироти ашёи хом, сатҳи нокифояи ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ ва маҳдуд будани механизмҳои институтсионалии танзими бозори умумӣ низ аз ҷумлаи омилҳои асосии коҳиши самаранокии ҳамгироӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар ин замина, як қатор муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки равандҳои ҳамгироӣ дар фазои Авруосиё аз ибтидои ташаккули худ таҳти таъсири «санҷишҳои устуворӣ» қарор доштанд, ки ҳамзамон тавоноии институтсионалӣ ва қобилияти мутобиқшавии ИИАО-ро ба таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ муайян месозанд [5, с. 118-134]. Ҳамзамон, дар баробари омилҳои берунии таъсиргузор, дар доираи ИИАО як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳои дохилии институтсионалӣ низ боқӣ мемонанд, ки то имрӯз пурра бартараф нагардидаанд. Аз ҷумла, суст гардидани раванди амиқсозии ҳамгироӣ ва набудани пешрафтҳои сифатӣ дар самти ташаккули бозори воқеан ягонаи иқтисодӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд. Дар бисёр ҳолатҳо давлатҳои аъзо нисбат ба интиқоли салоҳиятҳои иловагӣ ба сохторҳои боломиллӣ эҳтиёткорона муносибат намуда, кӯшиш мекунанд тавозуни байни ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ва зарурати амиқсозии ҳамгироиро нигоҳ доранд.

Аз нигоҳи назариявӣ, решаи асосии чунин зиддиятҳо ба хусусияти дохилии ҳамаи иттиҳодияҳои интегратсионӣ марбут мебошад, ки дар онҳо манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои боломиллӣ ҳамзамон хусусияти ҳамоҳангкунанда ва рақобаткунанда доранд. Ба ибораи дигар, ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегии кишварҳои иштирокчӣ танҳо қисман мувофиқат намуда, дар баъзе самтҳо дорои ихтилофҳои сохторӣ ва функсионалӣ мебошанд. Маҳз ҳамин омил ба ташаккули механизми мураккаби ҳамоҳангсозии қарорҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар фазои интегратсионӣ оварда мерасонад. Чунонки муҳаққиқон таъкид менамоянд, «ҳадафҳо ва вазифаҳои кишварҳои иштирокчӣ қисман мувофиқат мекунанд ва қисман гуногунанд» [2, с. 11-30].

Дар чунин шароит, самаранокии равандҳои ҳамгироӣ на танҳо аз омилҳои иқтисодӣ, балки аз сатҳи эътимоди сиёсӣ, омодагии давлатҳо ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои стратегӣ ва қобилияти институтҳои боломиллӣ барои таъмини мувозинати манфиатҳои миллӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, масъалаи мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ ҳамчун яке аз шартҳои калидии рушди устувори ҳамгироии Авруосиё арзёбӣ мегардад.

Дар шароити рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ қонунияти муайяни сиёсӣ ва институтсионалӣ мушоҳида мегардад: ҳар қадаре ки сатҳ ва умқи ҳамгироӣ бештар гардида, сохторҳои боломиллӣ дорои ваколатҳои васеътар шаванд, ҳамон андоза эҳтимоли афзоиши

муқовимати давлатҳои аъзо нисбат ба интиқоли салоҳиятҳои миллӣ ба сатҳи фаромиллӣ бештар мегардад.

Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки меъёрҳо, принсипҳо ва механизмҳои танзими боломиллӣ тадриҷан на танҳо ба соҳаи иқтисодӣ, балки ба заминаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, арзишӣ ва ҳувиятии ҷомеа низ таъсир мерасонанд.

Дар чунин шароит, равандҳои ҳамгироӣ метавонанд ба унсурҳои устувори худшиносии миллӣ, анъанаҳои таърихӣ ва рамзҳои тамаддунии давлатҳо дахолат намоянд, ки тайи садсолаҳо ҳамчун пояи ташаккули ҳувияти миллӣ ва соҳибихтиёрии сиёсӣ ташаккул ёфтаанд. Аз ин рӯ, ҳар қадаре ки ваколатҳои давлатҳои миллӣ ба ниҳодҳои боломиллӣ вогузор карда шаванд, ҳамон андоза тамоюли ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ аз ҷониби баъзе кишварҳои аъзо фаъолтар зоҳир мегардад. [6.с.45-57]

Аз нуқтаи назари назарияи ҳамгироӣ, чунин раванд хусусияти объективӣ дошта, маҳдудиятҳои сиёсӣ ва ҳувиятии ҳамгироии минтақавиро инъикос менамояд. Дар ҳамин замина, бисёре аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳар гуна модели ҳамгироӣ дорои ҳадди муайяни сиёсӣ мебошад, зеро амиқсозии ҳамгироӣ ногузир масъалаи таносуби байни соҳибихтиёрии миллӣ ва идоракунии боломиллиро ба миён мегузорад. Ба таъкиди А. Милвард ҳамгироӣ на танҳо раванди иқтисодӣ, балки раванди сиёсӣ ва ҳувиятсоз мебошад, ки дар он давлатҳо ҳамеша кӯшиш менамоянд тавозуни байни манфиатҳои миллӣ ва талаботи сохторҳои боломиллиро нигоҳ доранд. [8, с. 312-322]

Илова бар ин, таҷрибаи бӯҳронҳои ҷаҳонии солҳои охир нишон дод, ки самаранокии сохторҳои боломиллӣ дар шароити вазъиятҳои фавқулода на ҳамеша ба сатҳи интизориҳои давлатҳои аъзо ҷавобгӯ мебошад. Аз ҷумла, пандемияи COVID-19 ҳамчун як санҷиши ҷиддии қобилияти институтсионалии иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ баромад намуд. Дар бисёр ҳолатҳо, механизмҳои боломиллӣ ба ҷойи татбиқи сиёсати фаврии сафарбарсозии захираҳои муштарак ва идоракунии ҳамоҳангшудаи зиддибӯҳронӣ, бештар хусусияти реаксионии маҳдуд ва бюрократии суст дошта, натавонистанд вокуниши фаврӣ ва ҳамоҳангро таъмин намоянд.

Дар марҳилаи ибтидоии пандемия аксарияти давлатҳои узви иттиҳодияҳои интегратсионӣ маҷбур шуданд мустақилона чораҳои зиддибӯҳрониро роҳандозӣ намоянд. Ин ҳолат ба эҳёи унсурҳои классикии соҳибихтиёрии миллӣ, афзоиши сиёсатҳои протексионистӣ ва ҳатто барқарор гардидани назорати физикии сарҳадҳо оварда расонид. Ба хусус, таҷрибаи European Union нишон дод, ки дар шароити авҷи пандемияи COVID-19 сохторҳои бюрократии аврупоӣ дар марҳилаи аввал натавонистанд механизми муассири ҳамоҳангсозии кӯмаки фавриро амалӣ созанд. [3, с. 5-16]

Дар ин замина, Италия, ки яке аз кишварҳои бештар осебдидаи пандемия ба ҳисоб мерафт, дар рӯзҳои аввали бӯҳрон бо норасоии шадиди доруворӣ ва воситаҳои ҳифзи инфиродӣ рӯ ба рӯ гардид. Як қатор давлатҳои аврупоӣ маҳдудиятҳои якҷонибаи содироти маводи тиббӣ ҷорӣ намуда, сарҳадҳои худро бастанд ва сиёсати ҳифзи бозори дохилиро афзалият доданд. Дар натиҷа, механизмҳои ҳамбастагии дохилииттиҳодӣ дар амал бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Чунонки баъзе муҳаққиқон таъкид менамоянд, дар ҳафтаҳои аввали пандемия Италия амалан бе кӯмаки фаврии институтҳои аврупоӣ боқӣ монда, ҳатто тасдиқи бастаи аввалини кӯмаки молиявии Иттиҳоди Аврупо зери таъсири баҳсҳои сиёсӣ ба таъхир афтод, дар ҳоле ки иқтисодиёти кишвар бо фалаҷшавии қисман ва афзоиши бекорӣ рӯ ба рӯ гардида буд [11, с. 1238-1257].

Аз нуқтаи назари назарияи ҳамгироӣ, чунин ҳолат нишон медиҳад, ки дар шароити бӯҳронҳои фаромиллӣ давлатҳо бештар ба механизмҳои миллии идоракунӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ такя менамоянд. Ин раванд бори дигар маҳдудиятҳои сиёсӣ ва институтсионалии моделҳои боломиллии ҳамгироиро ошкор сохта, масъалаи таносуби байни ҳамгироӣ ва соҳибихтиёрии давлатиро ба яке аз масъалаҳои меҳварии муносибатҳои байналмилалии муосир табдил медиҳад.

Ҳамаи ин масъалаҳо зарурати бознигарии назариявӣ ва амалии равандҳои ҳамгироии минтақавиро ба миён оварда, як қатор саволҳои бунёдии сиёсӣ ва илмиро пеш мегузоранд: оё раванди ҳамгироии минтақавӣ ба марҳилаи маҳдудшавии институционалӣ расидааст? Иттиҳодияҳои муосири ҳамгироии Авруосиё то чӣ андоза қодиранд ихтилофи байни манфиатҳои миллӣ ва боломиллиро бартараф намоянд? То кадом сатҳ таҷрибаи мавҷудаи ҳамгироӣ метавонад ҳамчун модели муассири мутобиқсозии соҳибихтиёрии миллӣ ва идоракунии боломиллӣ арзёбӣ гардад? Ва ниҳоят, оё таҷрибаи иттиҳодияҳои муваффақи ҳамгироӣ метавонад барои рушди минбаъдаи ИИАО ва ташаккули консепсияи «Шарикии Бузурги Авруосиё» аҳамияти амалӣ дошта бошад?

Маҳз ҳамин масъалаҳо зарурати таҳлили муқоисавии моделҳои гуногуни ҳамгироии минтақавиро ба миён меоранд. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Ассотсиатсияи Давлатҳои Ҷанубу Шарқӣ Осиё (АСЕАН) аҳамияти махсуси илмӣ ва методологӣ касб менамояд. Интихоби ҳамин ду модели ҳамгироӣ тасодуфӣ нест, зеро онҳо ду шакли нисбатан фарқкунандаи танзими муносибатҳои байни манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз як тараф, Иттиҳоди Аврупо ҳамчун намунаи амиқтарин ва институсионализатсияшудаи ҳамгироии боломиллӣ баромад намуда, ба ташаккули механизмҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ муваффақ гардидааст. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки ҳатто модели аврупоӣ низ дар шароити бӯҳронҳои сиёсӣ, муҳоҷиратӣ, иқтисодӣ ва пандемиявӣ бо мушкилоти ҷиддии ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Аз ҷониби дигар, АСЕАН бештар ба принсипҳои ҳамоҳангсозии нарм, эҳтироми соҳибихтиёрии миллӣ ва консенсуси байнидавлатӣ такя менамояд. Ба ҳамин сабаб, модели ҳамгироии ҷанубушарқии осиёӣ нисбат ба интиқоли ваколатҳои давлатӣ ба сатҳи боломиллӣ эҳтиёткорона муносибат карда, бештар механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва дипломатияи консенсусиро истифода мебарад. Маҳз ҳамин хусусият АСЕАН-ро ба яке аз намунаҳои нисбатан устувори ҳамгироии «ғайриболомиллӣ» табдил додааст [4, с. 165-170].

Аз нуқтаи назари методологӣ, таҳлили муқоисавии таҷрибаи ИА ва АСЕАН имкон медиҳад, ки омилҳои асосии самаранокии ҳамгироӣ, сатҳи қобилияти институтсионалӣ, механизмҳои мувозинати соҳибихтиёрии миллӣ ва идоракунии боломиллӣ, инчунин маҳдудиятҳои сиёсиву ҳувиятии интегратсия муайян карда шаванд. Барои ИИАО ва консепсияи «Шарикии Бузурги Авруосиё» чунин таҳлил метавонад аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта бошад, зеро масъалаи мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ яке аз шартҳои асосии рушди устувори ҳамгироии Авруосиё ба ҳисоб меравад [10, с. 1-19] .

Чунин ба назар мерасад, ки дурнамои минбаъдаи рушд ва густариши иқтидори ҳамгироии ИИАО ба таври мустақим аз сатҳи самаранокии танзими муносибатҳои байни манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои боломиллӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити муосири геополитикӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ масъалаи мазкур ба яке аз омилҳои калидии устувории институтсионалӣ ва қобилияти мутобиқшавии Иттиҳод ба таҳаввулоти низоми байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки дар ҳар гуна иттиҳодияи ҳамгироии минтақавӣ пурра аз байн бурдани ихтилофоти байни манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ амалан ғайриимкон мебошад. Сабаби асосии ин ҳолат дар он ифода меёбад, ки давлатҳои иштирокчӣ ҳамчун субъектҳои соҳибихтиёр пеш аз ҳама ба ҳифз ва таъмини манфиатҳои стратегии миллӣ нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, дар раванди гуфтушунидҳо ва қабули қарорҳои муштарак манфиатҳои давлатҳои аъзо на ҳамеша бо манфиатҳои умумии интегратсионӣ ё афзалиятҳои шариконӣ дигар мутобиқат менамоянд. Чунин зиддиятҳо хусусияти объективӣ дошта, яке аз хусусиятҳои дохилии ҳамаи сохторҳои ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб мераванд.

Бо вуҷуди ин, масъалаи асосӣ ин аз байн бурдани пурраи чунин ихтилофот набуда, балки дар ташаккули механизмҳои муассири институтсионалӣ ва сиёсӣ барои коҳиш додани шиддати онҳо ифода меёбад. Ба ибораи дигар, самаранокии ҳамгироӣ аз қобилияти давлатҳо барои пайдо намудани мувозинати устувор байни ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии манфиатҳои муштарак вобаста мебошад. Маҳз ҳамин омил метавонад заминаи ташаккули модели устувори ҳамгироии Авруосиёро фароҳам оварад.

Дар шароити ташаккули консепсияи «Шарикии Бузурги Авруосиё», ки бо иштироки давлатҳои калидии минтақа, аз ҷумла Чин, Ҳиндустон, Покистон, Эрон ва дигар кишварҳои манфиатдор алоқаманд мебошад, аҳамияти масъалаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ боз ҳам бештар мегардад. Дар сурати татбиқи амалии чунин ташаббус, ИИАО бояд на танҳо ҳамчун платформаи иқтисодӣ, балки ҳамчун субъекти нисбатан муттаҳид ва дорои иқтидори баланди ҳамоҳангсозии сиёсӣ амал намояд, то тавонад манфиатҳои умумии кишварҳои иштирокчиро дар фазои васеи Авруосиё ҳимоя кунад. [7, с. 209-238]

Аз нуқтаи назари геостратегӣ, муваффақияти чунин лоиҳаҳо аз чанд омили асосӣ вобаста хоҳад буд: сатҳи эътимоди сиёсӣ байни давлатҳои аъзо, самаранокии институтҳои боломиллӣ, дараҷаи ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ ва қобилияти мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ба афзалиятҳои умумии ҳамгироӣ. Дар акси ҳол, ихтилофоти сохторӣ ва рақобати манфиатҳои миллӣ метавонанд ба сустшавии равандҳои ҳамгироӣ ва маҳдуд гардидани иқтидори геоиқтисодии Иттиҳод оварда расонанд.

Дар ҳамин замина, як қатор муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки ояндаи ҳамгироии Авруосиё аз он вобаста хоҳад буд, ки то кадом сатҳ ИИАО метавонад механизми муассири мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллиро ташаккул диҳад ва ҳамзамон тавозуни байни соҳибихтиёрии давлатӣ ва идоракунии ҳамгироиро нигоҳ дорад.

ИА ва АСЕАН дар нимаи дуюми асри XX таъсис ёфта, имрӯз ҳамчун намунаҳои нисбатан мукаммал ва таҷрибадидаи ҳамгироии минтақавӣ баромад мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, онҳо барои таҳлили муқоисавии дурнамо ва маҳдудиятҳои рушди Eurasian Economic Union аҳамияти муҳими методологӣ доранд, зеро ИИАО ҳамчун сохтори нисбатан «ҷавон» ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули институтсионалӣ ва муайянсозии модели оптималии ҳамгироӣ қарор дорад.

Дар раванди рушди таърихии худ Иттиҳоди Аврупо роҳи нисбатан мураккаб ва амиқи институтсионализатсияи ҳамгироиро тай намуд. Модели аврупоӣ ба тамаркузи тадриҷии ваколатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи боломиллӣ асос ёфта, дар ниҳоят ба ташаккули унсурҳои иттиҳоди сиёсӣ оварда расонд. Ташкили ниҳодҳои ягонаи ҳуқуқӣ, сиёсати умумии иқтисодӣ, бозори ягона, фазои Шенген ва низоми ягонаи асъорӣ нишон медиҳанд, ки ИА ба яке аз намунаҳои амиқтарини ҳамгироии боломиллӣ дар низоми байналмилалии муосир табдил ёфтааст.

Дар муқоиса бо ин, АСЕАН модели нисбатан чандир ва консенсусии ҳамгироиро интихоб намуд, ки бештар ба хусусиятҳои сиёсӣ ва фарҳангии кишварҳои Шарқи Осиё мутобиқ мебошад.

Ин модел ба принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрии миллӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва ҳамоҳангсозии нарми манфиатҳои миллӣ такя менамояд. Аз ҳамин сабаб, АСЕАН бештар ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии иқтисодӣ ва дипломатӣ амал намуда, дар амал то имрӯз асосан дар марҳилаи минтақаи савдои озод ва ҳамкории иқтисодии байнидавлатӣ қарор дорад.

Бо вуҷуди сатҳи нисбатан пасттари институтсионализатсияи боломиллӣ, АСЕАН дар як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ устувории назаррасро нишон медиҳад. Ҳатто дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии вобаста ба пандемияи COVID-19 иқтисодиёти кишварҳои аъзои АСЕАН қобилияти мутобиқшавии баландро нигоҳ доштанд. Мувофиқи маълумоти ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои АСЕАН дар соли 2020 нисбат ба сатҳи соли 2018 зиёда аз 5 фоиз афзоиш ёфт, дар ҳоле ки нишондиҳандаи мувофиқи ИА дар ҳамин давра тақрибан 3,25 фоизро ташкил дод. Ин нишон медиҳад, ки модели аврупоии ҳамгироӣ ягона шакли самараноки рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавӣ маҳсуб намеёбад [9].

Дар ҳамин замина, дар илми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва назарияи ҳамгироӣ тадриҷан муносибати интиқодӣ нисбат ба универсализатсияи модели аврупоии интегратсия ташаккул меёбад. Як қатор муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки моделҳои ҳамгироӣ бояд хусусиятҳои таърихӣ, тамаддунӣ, сиёсӣ ва иқтисодии минтақаҳои алоҳидаро ба назар гиранд. Аз ҷумла, С.А. Афонсев қайд менамояд, ки дар солҳои 1990-ум дар доираи назарияи классикии «минтақагароии панҷзинагӣ» маҳз Иттиҳоди Аврупо ҳамчун намунаи ягонаи воқеан муваффақи ҳамгироии амиқ арзёбӣ мешуд. Аммо таҷрибаи минбаъдаи рушди минтақаҳои дигар нишон дод, ки моделҳои алтернативии ҳамгироӣ низ метавонанд сатҳи муайяни самаранокии иқтисодӣ ва устувории сиёсиро таъмин намоянд. [1, с. 5-16]

Аз нуқтаи назари методологӣ, чунин хулоса барои ИИАО аҳамияти махсус дорад, зеро он нишон медиҳад, ки ҳамгироии Авруосиё ҳатман набояд нусхаи механикии модели аврупоӣ гардад.

Баръакс, рушди минбаъдаи ИИАО эҳтимолан ташаккули модели махсуси авруосиёии ҳамгироиро тақозо менамояд, ки дар он мувозинати байни соҳибихтиёрии миллӣ, ҳамоҳангсозии иқтисодӣ ва унсурҳои маҳдуди идоракунии боломиллӣ нигоҳ дошта шавад.

Таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаи таносуби манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ нишон медиҳад, ки ин масъала яке аз меҳваритарин омилҳои муайянкунандаи самаранокӣ, устуворӣ ва дурнамои иттиҳодияҳои интегратсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити тағйирёбии сохтори низоми байналмилалӣ ва афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо, масъалаи мутобиқсозии соҳибихтиёрии миллӣ бо механизмҳои идоракунии боломиллӣ аҳамияти махсуси сиёсӣ ва геостратегӣ касб менамояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар доираи назарияҳои классикӣ ва муосири муносибатҳои байналмилалӣ - реализм, неореализм, либерализми институтсионалӣ ва конструктивизм - манфиатҳои миллӣ ҳамчун унсури асосии рафтори давлат дар низоми байналмилалӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, дар шароити рушди равандҳои ҳамгироӣ ин манфиатҳо тадриҷан ба

низоми мураккаби ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ ва боломиллӣ ворид мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, ҳамгироӣ ҳамчун раванди танҳо иқтисодӣ набуда, балки ҳамчун механизми сиёсӣ, институтсионалӣ ва ҳувиятсоз арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки амиқсозии ҳамгироӣ ва густариши ваколатҳои боломиллӣ метавонад ба ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мусоидат намояд. Вале ҳамзамон, бӯҳронҳои иқтисодӣ, муҳоҷиратӣ ва пандемияи COVID-19 маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва мушкилоти ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллиро ошкор сохтанд. Дар навбати худ, таҷрибаи Ассотсиатсияи Давлатҳои Ҷанубу Шарқӣ Осиё (АСЕАН) нишон медиҳад, ки модели нисбатан чандир ва консенсусии ҳамгироӣ, ки ба эҳтироми соҳибихтиёрии миллӣ асос ёфтааст, низ метавонад сатҳи муайяни самаранокии иқтисодӣ ва суботи сиёсиро таъмин намояд.

Дар ҳамин замина, таҳқиқот ба хулоса меояд, ки барои ИИАО масъалаи асосӣ аз байн бурдани пурраи ихтилофоти байни манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ набуда, балки ташаккули механизмҳои муассири институтсионалӣ барои коҳиш додани шиддати чунин зиддиятҳо мебошад. Самаранокии ҳамгироии Авруосиё пеш аз ҳама аз сатҳи эътимоди сиёсӣ, қобилияти ҳамоҳангсозии стратегияҳои миллӣ ва рушди институтҳои интегратсионӣ вобастагӣ хоҳад дошт.

Ҳамчунин муайян гардид, ки дар шароити ташаккули консепсияи «Шарикии Бузурги Авруосиё» масъалаи мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ аҳамияти боз ҳам бештар пайдо мекунад. Дар сурати густариши ҳамкориҳо бо давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Эрон, Покистон ва дигар давлатҳои минтақа, ИИАО бояд ҳамчун субъекти нисбатан муттаҳид ва дорои иқтидори баланди ҳамоҳангсозии сиёсӣ ва иқтисодӣ амал намояд.

Аз нигоҳи илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки модели универсалӣ ва ягонаи ҳамгироии минтақавӣ вуҷуд надорад. Ҳар як иттиҳодияи ҳамгироӣ вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва тамаддунии худ модели махсуси ҳамгироиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи ИИАО низ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои геополитикӣ ва тамаддунии фазои Авруосиё амалӣ гардад.

Адабиёт

1. Афонцев, С.А. Международная экономическая интеграция и регионализм в мировой экономике / С.А. Афонцев // Мировая экономика и международные отношения. – 2020. – Т. 64. – № 4. – С. 5–18.
2. [2] Глазьев, С. Ю. О стратегических направлениях развития ЕАЭС. *Евразийская интеграция: экономика, право, политика*. 2020 (1):11-30. https://doi.org/10.22394/2073-2929-2020-1-11-30
3. [3] Громыко А.А. Пандемия COVID-19 и политические последствия для Европейского союза / А.А. Громыко // Научно-аналитический Вестник Института Европы РАН. – 2020. – № 2. – С. 5–16.
4. Икромов, Дж.З. Международная экономическая интеграция: учебник / Под.ред.О.Н.Мисйко / Дж.З. Икромов. – Москва : Юрайт, 2020. – 278 с Кнобель А.Ю. Евразийская экономическая интеграция: современные тенденции и ограничения / А.Ю. Кнобель // Вопросы экономики. – 2020. – № 8. – С. 118–134.
5. Либман А.М. Интеграционные процессы на постсоветском пространстве: ограничения и перспективы / А.М. Либман // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. – Т. 63. – № 5. – С. 45–57.
6. Лукин, А.В. Евразийская интеграция и развитие азиатской России / А.В.Лукин // Пути и пояса Евразии. Национальные и международные проекты развития на Евразийском пространстве и перспективы их сопряжения. М.: Издательство «Весь Мир», 2019. С.209-238
7. Милвард, А. Европейское спасение национального государства / А. Милвард. – Москва: Весь мир, 2004. – 512 с.
8. ASEAN Statistical Yearbook 2021. – Jakarta : ASEAN Secretariat, 2021. – 312 p.
9. Börzel T.A., Risse T. From Europeanisation to Diffusion: Introduction // West European Politics. – 2012. – Vol. 35. – № 1. – P. 1–19.
10. Schimmelfennig F. European Integration in the COVID-19 Pandemic: A Functionalist Perspective // Journal of European Public Policy. – 2021. – Vol. 28. – № 8. – P. 1238–1257.

ҲАЛЛИ ТАНОСУБИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА БОЛОМИЛЛӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ДАРКИ ИҚТИДОРИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ

Мақолаи илмӣ ба таҳлили масъалаи таносуб ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ дар шароити рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ бахшида шудааст. Дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо масъалаи мутобиқсозии соҳибихтиёрии миллӣ бо механизмҳои идоракунии боломиллӣ ба яке аз масъалаҳои меҳварии сиёсатшиносии муосир табдил ёфтааст. Муаллиф бо такя ба равишҳои назариявии реализм, неореализм,

либерализми институтсионалӣ ва конструктивизм моҳият ва хусусиятҳои ташаккули манфиатҳои миллӣ дар равандҳои ҳамгироии минтақавиро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар мақола таҷрибаи фаъолияти ИА, АСЕАН ва ИИАО аз нуқтаи назари ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ баррасӣ гардидааст. Муайян карда мешавад, ки Иттиҳоди Аврупо ҳамчун модели амиқи ҳамгироии боломиллӣ ва АСЕАН ҳамчун намунаи ҳамгироии чандиру консенсусӣ роҳҳои гуногуни мутобиқсозии соҳибихтиёрии миллӣ ва идоракунии минтақавиро таҷассум менамоянд. Ҳамзамон, дар шароити бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла пандемияи COVID-19, маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва мушкилоти ҳамоҳангсозии сиёсати умумӣ дар сохторҳои интегратсионӣ ошкор гардиданд.

Дар раванди таҳқиқот муайян карда шудааст, ки барои ИИАО масъалаи асосӣ ин аз байн бурдани пурраи ихтилофоти байни манфиатҳои миллӣ ва боломиллӣ набуда, балки ташаккули механизмҳои муассири институтсионалӣ барои коҳиш додани шиддати чунин зиддиятҳо мебошад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки самаранокии ҳамгироии Авруосиё пеш аз ҳама аз сатҳи эътимоди сиёсӣ байни давлатҳои аъзо, қобилияти ҳамоҳангсозии стратегияҳои миллӣ ва рушди институтҳои боломиллӣ вобаста хоҳад буд.

Дар мақола инчунин дурнамои ташаккули консепсияи «Шарикии Бузурги Авруосиё» таҳлил гардида, аҳамияти геостратегии мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ дар фазои Авруосиё асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки модели универсалии ҳамгироии минтақавӣ вуҷуд надорад ва ҳар як иттиҳодия вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва тамаддунии худ модели махсуси ҳамгироиро ташаккул медиҳад.

Калидвожаҳо: манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои боломиллӣ, ҳамгироии минтақавӣ, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё, Иттиҳоди Аврупо, АСЕАН.

РАЗРЕШЕНИЕ СООТНОШЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ И НАДНАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ КАК МЕХАНИЗМ ОСМЫСЛЕНИЯ ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ

Научная статья посвящена анализу проблемы соотношения и согласования национальных и наднациональных интересов в условиях развития процессов региональной интеграции. В условиях трансформации системы международных отношений и усиления взаимозависимости государств проблема соотнесения государственного суверенитета с механизмами наднационального управления превратилась в один из ключевых вопросов современной политической науки. Автор, опираясь на теоретические подходы реализма, неореализма, институционального либерализма и конструктивизма, анализирует сущность и особенности формирования национальных интересов в рамках региональных интеграционных процессов.

В статье рассматривается опыт деятельности ЕС, АСЕАН и ЕАЭС с точки зрения согласования национальных и наднациональных интересов. Определяется, что Европейский союз как модель глубокой наднациональной интеграции и АСЕАН как пример гибкой и консенсусной интеграции отражают различные подходы к сочетанию государственного суверенитета и механизмов регионального управления. Одновременно отмечается, что в условиях глобальных кризисов, включая пандемию COVID-19, проявились институциональные ограничения и проблемы координации общей политики в интеграционных объединениях.

В ходе исследования установлено, что для ЕАЭС ключевой задачей является не полное устранение противоречий между национальными и наднациональными интересами, а формирование эффективных институциональных механизмов снижения напряжённости подобных противоречий. Автор приходит к выводу, что эффективность евразийской интеграции прежде всего будет зависеть от уровня политического доверия между государствами-членами, способности координировать национальные стратегии и уровня развития наднациональных институтов.

В статье также анализируются перспективы формирования концепции «Большой Евразии» и обосновывается геостратегическое значение согласования национальных и региональных интересов в евразийском пространстве. Результаты исследования показывают, что универсальной модели региональной интеграции не существует, а каждое интеграционное объединение формирует собственную модель интеграции с учётом исторических, политических и цивилизационных особенностей.

Ключевые слова: национальные интересы, наднациональные интересы, региональная интеграция, Евразийский экономический союз, Европейский союз, АСЕАН, государственный суверенитет, глобализация, геополитика, евразийская интеграция.

RESOLVING THE CORRELATION BETWEEN NATIONAL AND SUPRANATIONAL INTERESTS AS A MECHANISM FOR UNDERSTANDING THE POTENTIAL OF REGIONAL INTEGRATION

The scientific article is devoted to the analysis of the correlation and coordination between national and supranational interests in the context of the development of regional integration processes. Under conditions of transformation of the international relations system and increasing interdependence among states, the issue of correlating state sovereignty with mechanisms of supranational governance has become one of the key problems of contemporary political science. Drawing upon the theoretical approaches of realism, neorealism, institutional liberalism, and constructivism, the author examines the essence and specific features of the formation of national interests within regional integration processes.

The article analyzes the experience of the European Union, Association of Southeast Asian Nations, and Eurasian Economic Union from the perspective of coordinating national and supranational interests. It is determined

that the European Union, as a model of deep supranational integration, and ASEAN, as an example of flexible and consensus-based integration, represent different approaches to combining state sovereignty with mechanisms of regional governance. At the same time, it is emphasized that under conditions of global crises, including the COVID-19 pandemic, institutional limitations and problems of policy coordination within integration associations became evident.

The study concludes that for the EAEU the primary task is not the complete elimination of contradictions between national and supranational interests, but rather the formation of effective institutional mechanisms aimed at reducing the tension of such contradictions. The author argues that the effectiveness of Eurasian integration will primarily depend on the level of political trust among member states, their ability to coordinate national strategies, and the degree of development of supranational institutions.

The article also examines the prospects for the formation of the concept of "Greater Eurasia" and substantiates the geostrategic significance of coordinating national and regional interests within the Eurasian space. The findings demonstrate that there is no universal model of regional integration, and that each integration association develops its own integration model in accordance with its historical, political, and civilizational characteristics.

Keywords: national interests, supranational interests, regional integration, Eurasian Economic Union, European Union, ASEAN, state sovereignty, globalization, geopolitics, Eurasian integration.

Дар бораи муаллифон

Бедилзода Ҳусейн Кабут
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ
Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи академик А. Баҳовaддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: kbedilov@mail.ru

Нурализода Сафар
унвонҷуй кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Бедилзода Хусейн Кабут
кандидат политических наук, доцент, заведующий отделом проблем внешней политики и международных отношений
Институт философии и политологии имени академик А. Баховaддинова Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: kbedilov@mail.ru

Нурализода Сафар
саискатель кафедра политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Рудаки, 121

About the authors

Bedilzoda Huseyn Kabut
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Foreign Policy and International Relations
Institute of Philosophy and Political Science named after academic A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan
E-mail: kbedilov@mail.ru

Nuralizoda Safar
Post-graduate student, political science department
Tajik State Pedagogical University named after S. Right now
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki, 121

УДК 327.56:327(47+57)

ГИБРИДНОЕ ПРОТИВОСТОЯНИЕ МИРОВЫХ И РЕГИОНАЛЬНЫХ ДЕРЖАВ НА ПОСТСОВЕТСКОМ ПРОСТРАНСТВЕ

Сангинов Н.Н., Додихудоев Х.А.

Научно исследовательский институт труда, миграции и занятости населения

Динамика развития ныне складывающейся военно – политической ситуации в мире свидетельствует о том, что она развивается сложно и непредсказуемо, а в последние годы сильно обострилась. Противостояние между основными политическими акторами современных международных отношений за формирование или построения нового мирового порядка на многополярной основе, приобрело более ожесточённый характер. При этом первостепенный акцент делается на силовой вариант решение проблемы. Это сегодня наблюдается на всех просторах планеты от постсоветского пространства до Ближнего Востока и др., где переплетены стратегические цели мировых и региональных держав, исходящих из их национальных интересов и геополитических устремлений. В результате происходит прямое и прокси (опосредованное) противостояние США и их союзников (Великобритания, ЕС и др.) с одной стороны, Российской Федерацией и её союзников (КНР, Исламская Республика Иран и др.), с другой стороны, на всем мировом пространстве, включая и постсоветское. Кроме указанных акторов, появились новые центры принятия решений как Бразилия, Индия, Турция, Иран, Пакистан и другие, противостоящие гегемонии США как мировой супердержавы, которые нацелены на построение многополярного мира.

Вместе с тем, все больше политологов приходит к выводу, что современный мир превращается в трехполярный. Имеется в виду доминирование США, Китая и России на международной арене. Более того, в последнее время геополитические интересы Китая и России чаще совпадают и, при этом, входят в конфликт с устремлениями Соединенных Штатов. [1]

Подтверждая идею трехполярного мира, таджикский ученый Р. Дж. Хайдаров подчеркивает: “На наш взгляд, с началом спецоперации России в Восточной Европе, окончательно был разрушен проамериканский однополярный мир. В 2022 г. современная система международных отношений оптимизировалась и начала функционировать в формате трехполярного мира”. [2]

Наше видение данного вопроса заключается в том, что в будущем, как - бы не развивались события в мире - в сторону многополярного, трехполярного или иного порядка, гибридное противостояние мировых и региональных держав в мировом масштабе.

С целью реализации своих интересов мировые и региональные державы прибегают к военным и не военным или гибридным средствам и методам борьбы, нацеленных на захват новых территорий, где имеются огромные экономические, энергетические, минеральные и иные еще не освоенные запасы.

В этой связи, экономические интересы вышли на передний план гибридного противостояния и превратились в основу внешней политики мировых и региональных держав. При этом, ими полностью игнорируются дипломатические меры, подписанные различные нормативно - правовые документы, регламентирующие контроль ядерных вооружений, особенно, средних и малых радиусов действий, оружия массового поражения и др., деятельность международных и региональных организаций по безопасности как ООН, ОБСЕ и т.д. Это гибридное противостояние реализуются в рамках различных технологий «гибридных войн».

Развал и исчезновение с политической карты мира в 1991 году СССР и образование т.н. постсоветского пространства, ещё более усилили гибридное противостояние указанных держав здесь, продолжающееся более тридцати лет, с момента приобретения постсоветскими государствами независимости.

Для России постсоветское пространство является сферой жизненных и важных интересов. Экономические и политические отношения с соседями, внутриполитическая ситуация в бывших советских республиках оказывают непосредственное влияние на развитие России. В свою очередь, в противовес России, в рамках достижения своих геополитических целей на постсоветском пространстве, Коллективным Западом во главе с США разработано и реализуются множество различных проектов и стратегий, которые периодически обновляются в зависимости от изменений обстановки.

Здесь следует согласиться с мнением генерального директора Российской Федерации по международным делам А. В. Кортунова, который отмечает: «В годы холодной войны,

особенно после Карибского кризиса октября 1962 года, стороны хорошо представляли себе красные линии друг друга и старались по возможности не пересекать их. Сегодня красные линии не признаются как действительно красные, а повторяющиеся заявления о таких линиях воспринимаются на другой стороне как блеф и пустая риторика. В годы холодной войны между двумя военно-политическими блоками в Европе сохранялось устойчивое равновесие. Сегодня НАТО по большинству военно-технических параметров намного сильнее России, даже и с учётом потенциала союзного Москве Минска. В годы холодной войны в отношениях между Западом и СССР при всех существовавших разногласиях и противоречиях сохранялось взаимное уважение и даже имелось определённое доверие, позволявшие надеяться на предсказуемость отношений. Сегодня об уважении, а там более о доверии речи больше и не идёт, отношения вступили с фазу непредсказуемости». [3]

Продолжающиеся российско – украинские, израильско - арабские «гибридные войны» сегодня стали центральным событием международной жизни. Постепенно они перерастают в глобальное цивилизационное гибридное противостояние. Со стороны субъектов, вовлеченных в эти войны, отмечается воинственная риторика или шантаж применения ядерного оружия, которая толкает мир к мировой ядерной войне. Все усилия государств, международных организаций ответственных за обеспечение международной и региональной безопасности не дают положительных результатов. Воюющие стороны, не намерены пойти на уступки друг другу.

Необходимо акцентировать, что кроме Коллективного Запада свою геополитическую «игру» на постсоветском пространстве проводят такие региональные лидеры как КНР, Турция, Иран, Пакистан, Индия и др. Все они самостоятельно или в союзе/коалиции пытаются вытеснить друг друга из данного пространства. Для Коллективного Запада особенно неприемлемо присутствие России здесь как важного геополитического игрока. Конкуренция между Россией и Западом за постсоветское пространство, вышла сегодня на новый уровень. Кроме того, американская сторона как лидер Коллективного Запада не заинтересована появлению новых региональных центров влияния на постсоветском пространстве, рассматривая это в качестве угрозы своим интересам. В этом контексте, американская политика сосредоточена на противодействие развитию евразийской военной и политической интеграции в рамках СНГ, ЕАЭС, ОДКБ и др. Исходя из этого, ими предлагаются свои различные форматы сотрудничества. Так, за вышеуказанный, более тридцатилетний период российско - американского противостояния на постсоветском пространстве, американской стороне навязывая свои идеи, удалось оказать положительное влияние на отдельные государства и вывести их из состава СНГ.

Первым государством, покинувшим СНГ является Грузия. Здесь необходимо упомянуть, что на основании статьи 9 любое государство - член СНГ вправе выйти из организации при соблюдении соответствующего порядка. Членство Грузии в СНГ было приостановлено 18 августа 2009 года, в период президентства Михаила Саакашвили, который прославился своими антироссийскими настроениями в пользу США и Запада. Проамериканский и прозападный настрой сформировался у М. Саакашвили в 1992 - 1994 годах в период обучения в Колумбийском правовом Университете и Университете им. Дж. Вашингтона города Вашингтон США. После окончания этих ВУЗов он прошёл стажировку в Академии международного права в Гааге. В 1995 году вернулся в Грузию, где был избран депутатом парламента от партии «Союз граждан Грузии». В 1999 году был переизбран вторично и т. д. Учитывая все эти обстоятельства, США и Запад сделали основную ставку на М. Саакашвили в направлении изменения политического курса Грузии, нацеленную на вывод её из - под влияния Российской Федерации и выхода из СНГ. Базируясь на этом, в ноябре 2003 года в Грузии ими была реализована одна из технологий «гибридных войн» как «цветная революция» получившая название «революция роз». 22 ноября 2003 года оппозиционные силы во главе М. Саакашвили с розами в руках напали на здание парламента страны. Вынудив выступающего с речью тогдашнего президента Э. Шеварднадзе, силой захватили власть. 4 января 2004 года в Грузии были проведены новые президентские выборы, на которых победу одержал М. Саакашвили. [4]

Ныне складывающая ситуация в этой кавказской республике, до сих пор остается противоречивой. В стране продолжается внутриполитическая борьба сторонников Евроинтеграции с пророссийски настроенным электоратом, периодически перерастающие в столкновения и массовые беспорядки.

Вторым государством после Грузии покинувшим СНГ является Украина. Несмотря на то, что Украина совместно с Российской Федерацией и Беларусью в конце 1991 года объявили

о роспуске СССР и создании на её основе Содружества Независимых Государств (СНГ), в последующем она не подписала Устав Содружества. По этому поводу в исторической справке интернет - портала СНГ указано: «22 января 1993 года в Минске на саммите СНГ был принят Устав Содружества. Его не подписали: Украина и Туркменистан, которые тем самым де-юре не являются государствами – членами СНГ, а могут быть отнесены только к государствам – учредителям и государствам – участникам Содружества. Туркменистан на казанском саммите СНГ (26 августа 2005 года) заявил о том, что будет участвовать в Содружестве в качестве «ассоциированного члена». [5]

По мнению российского эксперта Е. Чукалиной: «Власти Украины вот уже несколько лет проводят политику, направленную на разрыв связей с Содружеством Независимых Государств. Всё началось в 2014 году, когда Совет национальной безопасности и обороны страны принял решение остановить председательство Украины в СНГ, а в 2018-м на тот момент украинский лидер Пётр Порошенко подписал указ о прекращении участия Киева в уставных органах содружества. Несмотря на это, Украина до сих пор не подала официальное заявление о выходе из организации. В последние годы Киев практически не участвует в деятельности содружества, хотя юридически Украина по-прежнему находится в его составе. К тому же с 2014 года украинские власти не платят взносы в единый бюджет организации, так как «временно не участвуют в деятельности органов СНГ.

Помимо этого, Киев давно взял курс на выход из договоров в рамках содружества. Последними документами, из которых вышла Украина, были соглашения: «О гарантиях прав человека государств участников СНГ в сфере пенсионного обеспечения» от 1992 года, «О сотрудничестве и взаимопомощи в таможенных делах» от 1994-го, а также «Об увековечении памяти о мужестве и героизме народов государств участников СНГ в Великой Отечественной войне» от 2011 года. В рамках СНГ Украиной заключён 301 международный договор. По состоянию на декабрь 2022 года она вышла приблизительно из 20% таких договоров. Вышла из ряда международных соглашений в области экономики, образования, космической, военно-политической деятельности». [6]

В данном случае, на наш взгляд, следует отметить, что российско - украинская «гибридная война» окончательно поставила точку в вопросе о членстве Украины в СНГ и, эта страна практически не является её членом.

Ещё одним очагом напряжённости или «горячей точкой» на постсоветском пространстве признается Молдова, где гибридное противостояние между Россией и Коллективным Западом продолжается давно. Основным и важным камнем преткновения признается проблема самопровозглашённой и непризнанной официальными властями Молдовы пророссийской Приднестровской Республики. Российская Федерация считает Приднестровье с русскоязычным населением своим т. н. «анклавом» в Молдове. В свою очередь, Республика Молдова противостоит этому.

В течение всего периода существования независимой Республики Молдова в стране поочерёдно менялись руководители с пророссийскими или прозападными настроениями. В настоящее время Президентом Республики Молдова является Майя Санду, настроенная решительно к ассоциации республики в Европейский Союз, соответствующая декларация которой подписана еще в 2014 году. С тех пор в стране не утихают политические споры и противоборство противостоящих сил за и против. Основу гибридного противостояния Запада и Российской Федерации в Республике Молдова составляют не военные способы/методы борьбы, важнейшими из которых признаются «информационные войны».

Проблема ассоциирования или вхождение Республики Молдова в состав Евросоюза, одновременно, продолжается с постепенным выходом республики из состава СНГ. Министр экономического развития Республики Молдова Д. Алайба убежден, что выход республики из СНГ неизбежен: «Это несовместимо с членством в ЕС, и, вероятно, было бы неправильно и неискренне ждать до последнего момента - выбор народа Молдавии ясен. Мы проанализировали все соглашения в рамках СНГ, в большинстве из них у нас нет надобности. Но те договоры, которые приносят выгоду предпринимателям, мы не станем разрывать. Молдавия добровольно не покинет ни один рынок. Но из большей части соглашений мы должны выйти, они неэффективны". [7]

Вопрос прекращение членства Республики Молдова в СНГ, особенно усилился с приходом к власти в 2020 году Майя Санду, которая была переизбрана на второй срок президентства в ходе повторных президентских выборов 3 ноября 2024 года и референдума о вступлении в Евросоюз. Она открыто выступает за западную интеграцию. Именно при ее

президентстве Республика Молдова денонсировала или аннулировала множество подписанных в рамках СНГ нормативно – правовых документов/ соглашений и т.п.

Детальный анализ складывающейся обстановки в Республике Молдове показывает, что баланс сил в пользу европейской интеграции и против неё практически равен. Несмотря на то, что с середины 2022 года Европейский Совет признал европейскую перспективу Молдовы и предоставил ей статус страны - кандидата в члены ЕС, противники Майи Санду предпринимают всяческие попытки помешать этому. Сторонники демократических реформ в Республике Молдова и вхождение ее в Евросоюз обвиняют Российскую Федерацию в незаконном нахождении ее военного контингента в Приднестровье, из - за которой, якобы, нарушается ее территориальная целостность. Считают, что российские военные пребывают в Приднестровье незаконно и требуют от России вывести их.

Развитие военно – политической ситуации в указанном западном направлении показывает, что Республика Молдова в краткосрочной и дальнесрочной перспективе все еще останется объектом гибридного противостояния России и Коллективного Запада. Российская Федерация никогда не откажется от Приднестровья. Не исключено, что данный тлеющий конфликт, может превратиться в еще одну «горячую точку», для разрешения которой будет применена военная сила наподобие Украины. Россия в рамках своей агрессивной политики не намерена отдать самопровозглашённую пророссийскую территорию - Приднестровскую Республику Западу.

На постсоветском пространстве ещё одним из очагов гибридного противостояния мировых и региональных держав признается Нагорный Карабах. Начиная с 1988 года между Азербайджаном и Арменией разгорелся конфликт из - за Нагорного Карабаха, который в бытность СССР как административно - территориальная единица входил в состав Азербайджанской ССР на правах широкой автономии и получил название Нагорно-Карабахская Автономная область (НКАО). За несколько дней до официального распада Советского Союза, НКАО путем всенародного референдума получил независимость от Азербайджана и был присоединен Армении. В последующие годы Азербайджан несколько раз пытался взять самопровозглашенную республику под свой контроль силовым способом, которые не увенчались успехом. Наконец в середине сентября 2023 года Азербайджан в ходе реализации «локальных антитеррористических мероприятий» полностью взять под свой контроль Нагорный Карабах. В результате были полностью разоружены и выведены из указанной территории все армянские военизированные формирования и восстановлены госструктуры.

Это событие послужило поводом для относительного «похолодания» в армяно – российских отношениях. В частности, выступая 12 июня 2024 года на заседании парламента страны, премьер Н. Пашинян обвинил бывшие власти страны во вступлении в ОДКБ, в вере в то, что Азербайджан не начнёт решать проблему Карабаха военным путём, а также в том, что теперь, по словам премьера, существование Армении находится под угрозой. «Виноваты те, кто сформировал альянс-пузырь, члены которого, как оказалось, выполняют свои договорные обязательства, но планируют войну против нас [вместе] с Азербайджаном». [8]

По нашему мнению, Армения не решиться сразу - же порвать с Россией, а будет постепенно, готовит почву для этого, заигрывая одновременно с Россией и Западом. Относительно Нагорного Карабаха, по нашему мнению, нельзя исключить повторного намерения Армении вновь вернуть эту территорию в перспективе.

Центральная Азия также считается «полем» гибридного противостояния мировых и региональных держав. На фоне российско – украинской «гибридной войны», в 2022 году развернулась настоящая битва между Коллективным Западом и Российской Федерацией за Центральную Азию, которые реализуются в рамках технологии «дипломатических войн». Были отмечены дипломатические «вояжи» в государства Центральной Азии различных представителей Коллективного Запада. Так, после своего официального визита в две крупнейшие страны Центральной Азии - Узбекистан и Казахстан в 2022 году, Верховный представитель Европейского по иностранным делам и политики безопасности Жозеп Боррель в своем блоге написал: «Лидеры в регионе осуществляют различные программы реформ. Кроме того, отношения между странами региона улучшаются. Как ЕС, мы очевидно заинтересованы в том, чтобы воспользоваться этими переменами. Мы должны углублять связи с регионом, задействовать его огромный потенциал, который представлен в энергетических поставках, поставках критически важного сырья и новых транспортных коридорах, которые не зависят от России». [9]

Цель Коллективного Запада - перетянуть на свою сторону государства Центральной Азии, находящиеся в союзе с Россией в рамках различных региональных организаций как СНГ, ОДКБ, ШОС, ЕАЭС и др. Для чего с их стороны разработан проект «антироссия», в рамках которого на данном этапе реализуются «информационные войны».

Необходимо акцентировать, что кроме России и Коллективного Запада, свою геополитическую борьбу здесь также ведут КНР, Турция, Иран, Пакистан, со стороны, которых разработаны отдельные геоэкономические проекты как «Один Пояс - Один Путь», Организация Тюркских Государств, «Великий Туран», «Великий Хорасан», ТАПИ и другие, включающие стратегические задачи этих региональных держав.

Как известно в Республике Таджикистан в период с 10 по 20 августа 2022 года прошли заранее запланированные с американскими военными кругами военные учения под названием «Региональное сотрудничество - 22», которые проводятся с 2004 года ежегодно. В них помимо таджикских военных приняли участие воинские контингенты Узбекистана, Казахстана, Кыргызстана, Монголии и Пакистана. Эти учения вызвали бурю негодования и недовольства российской научной и экспертной среды.

Принимая во внимание эти обстоятельства в конце декабря 2022 года МИД России устами своего главы третьего департамента А. Стерника сделал предостережение странам Центральной Азии на случай сворачивания отношений с Россией. Так, в интервью газете «Коммерсант» он заявил: «Мы оцениваем действия всех игроков, прежде всего, под углом нанесения или не нанесения ущерба российским интересам. И делаем из этого адекватные выводы, в том числе совместно с партнерами, которые кровно заинтересованы в том, чтобы не утратить эти многоплановые связи с Российской Федерацией. Даже намёк на их сворачивание может обернуться такими экономическими издержками, которые не смогут покрыть никакие посулы со стороны господ (имеются в виду западные игроки - прим. “Ъ”)». [10]

В данном контексте следует также рассматривать и предостережение президента Республики Беларусь Александра Лукашенко странам – членам ОДКБ – Казахстану, Армении, Кыргызской Республики и Республики Таджикистан на последнем саммите в Ереване в сентябре 2022 года. Так, президент Беларуси открыто потребовал от руководства вышеуказанных стран, прекратить играть в многовекторность – хотя бы из чувства самосохранения. Он указал на то, что если в результате заигрываний среднеазиатских и закавказских элит с Западом развалится ОДКБ, то пострадают в итоге не Беларусь и Россия, а упомянутые выше республики. [11]

В рамках «дипломатических войн» по овладению Центральной Азией в 2022 году ведущие геополитические игроки как США, ЕС, Россия, Китай поочерёдно провели саммиты с государствами Центральной Азии. Так, первый аналогичный саммит в режиме онлайн провела Китайская Народная Республика в конце января 2022 года, приуроченная 30 летию установления дипломатических отношений между КНР и государствами Центральной Азии. Это свидетельствует о том, что в последние годы КНР, как и США, предпринимает попытки к самостоятельному присутствию в Центральной Азии без учёта интересов России и США. Не исключено, что она в перспективе может задействовать ещё одну из подтехнологий «дипломатических войн» как «долговая дипломатия», основанная на заигрывании с предоставлением огромных долгосрочных кредитов странам Центральной Азии для реализации выгодных КНР экономических, транспортных и логистических проектов, поставив их в свою зависимость. Последний саммит ШОС в Самарканде показал, что помимо экономических целей в Центральной Азии, КНР намерен, переключится и на вопросы обеспечения безопасности. По мнению некоторых аналитиков как К. Эггерт КНР стремится поставить ШОС под свой контроль и превратить его в азиатский противовес США в политике и сфере безопасности: «За два дня до саммита в Узбекистане Си преподнёс Путину неприятный сюрприз. Он посетил Казахстан, традиционно регионального союзника России. Там китайский лидер рассказал о стремлении Китая поддерживать и укреплять суверенитет и безопасность стран Центральной Азии. Это прозвучало, как чёткое предупреждение России не пытаться аннексировать регионы северного Казахстана, где живёт много русскоязычных граждан. Этого многие в стране опасаются, особенно после 24 февраля». [12]

14 октября 2022 года в столице Казахстана городе Астане прошёл саммит глав государств Центральной Азии и России с участием президента России В. В. Путина, который также был посвящён 30 летию установления дипломатических отношений между Россией и пятью республиками Центральной Азии. Некоторые западные аналитики в частности редактор издания Eurasianet по Центральной Азии Питер Леонард считает, что это была встреча до

крайней степени изолированного лидера большой и агрессивной страны со всеми этими президентами малых стран, которые всё больше пытаются найти новых друзей. «Это была встреча до крайней степени изолированного лидера большой и агрессивной страны со всеми этими президентами малых стран, которые всё больше пытаются найти новых друзей». [13]

Здесь же в конце октября 2022 года состоялся саммит «Центральная Азия – Европейский Союз», в котором приняли участие президент Европейского Союза Шарль Мишель и лидеры всех пяти государств Центральной Азии. Президент Европейского Совета приветствовал усилия лидеров стран Центральной Азии по укреплению регионального сотрудничества и взаимосвязанности, обозначенные в Совместных заявлениях Консультативных встреч глав государств Центральной Азии. Участники выразили общую озабоченность гуманитарной ситуацией в Афганистане и признали необходимость расширения взаимодействия в оказании гуманитарной помощи афганскому народу. Стороны отметили положительные результаты и потенциал сотрудничества между Центральной Азией и ЕС в области управления границами и безопасности, в совместной борьбе с терроризмом, транснациональной организованной преступностью, торговлей людьми, контрабандой мигрантов, незаконным оборотом стрелкового оружия и лёгких вооружений, транснациональным наркотрафиком и угрозами кибербезопасности в соответствии с универсальными принципами. [14]

Из числа европейских стран в Центральной Азии наиболее активность проявляет Германия. Формат "Центральная Азия – Германия" пересекается с такими инициативами как "Центральная Азия – ЕС", "Центральная Азия – США" и другими странами. Таким образом, Германия стремится не упустить возможность расширения своих связей с республиками региона, учитывая активность аналогичных форматов сотрудничества с другими мировыми державами. Вместе с тем, несмотря на активное участие в диалоге с Центральной Азией, Германия пока не обладает таким же весомым влиянием на страны региона, как Россия или Китай. Немецкие вложения и инвестиции в Центральной Азии пока не играют решающей роли. После первого саммита "Центральная Азия – Германия" в Берлине в прошлом году лидеры региона выражали разочарование отсутствием значительного увеличения немецких инвестиций. Второй саммит показал, что Германия стремится стать ведущим инвестором в Центральной Азии, но пока не конкурирует с Россией и Китаем. [15]

Вместе с тем, в иностранных СМИ преподноситься информация о том, что Центральная Азия стала новым фронтом соперничества между США и КНР. Об этом, в частности, сообщает турецкая информагентство Daily Sabah: «Стратегию США можно рассматривать сквозь призму идеи Бэзила Генри Лиддела Гарта (B. H. Liddell Hart) об эффективном использовании непрямых действий: " Наиболее эффективный способ непрямых действий - это убедить противника в том, что вашей главной целью является нечто иное, и тем самым отвлечь его внимание и ресурсы". В этом контексте США незаметно смещают акцент с открытого морского соперничества на более комплексный подход, учитывающий геополитическое значение Центральной Азии. Уже очень давно чиновники и учёные подчеркивают важность морских стратегий для противодействия растущему влиянию Китая. Однако западный подход выходит за рамки тезиса Альфреда Мэхана (Alfred Mahan) о "господстве на море" и включает также концепцию Хэлфорда Маккиндера (Halford Mackinder) о "господстве на суше". Учитывая исторический акцент КНР на сухопутном влиянии, Центральная Азия становится для нее важнейшим театром. В этой геополитической игре стратегия США побуждает Китай сосредотачивать ресурсы на морских операциях, что потенциально ослабляет его влияние в Центральной Азии. [16]

Военно - политическая ситуация в мире сегодня развивается сложно и непредсказуемо по причине гибридного противостояния между мировыми и региональными державами в мировом масштабе, включая и постсоветское пространство. Мировые и региональные державы в перспективе также не откажутся от сохранения и упрочения своих позиций на постсоветском пространстве, где пересекаются их стратегические интересы, с использованием военных и не военных технологий «гибридных войн».

Литература

1. Аленичев В. Возможен ли новый трехполярный мир?// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www. Golosameriki. com/a/usa-russia-china-power/3494299.html/ Дата обращения: 25.02.2025/. [1]
2. Алимова Э. «Ужасное время» для Путина и Казахстана, переживающий «прекрасный момент». Интервью по итогам саммита в Астане// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://rus.azattyq. org/a/ 32087677.html / Дата обращения: 29.12.2022/. [13]

3. В Молдавии заявили, что страна выйдет из СНГ, но сохранит выгодные ей соглашения// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/18013743/Дата обращения: 22.10.2024/. [7]
4. В столице Казахстана состоялся саммит Центральная Азия - Европейский Союз//https://www.aa.com.tr/ru/мир/з-/2722486/Дата обращения: 16.12.2022/. [14]
5. Гасымов Н. Что значит заявление Пашиняна о выходе Армении из ОДКБ//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www.vedomosti.ru/ politics/articles/2024/06/12/1043451-chto-znachit-zayavlenie?from=copy_text/ Дата обращения: 25.10.2024/.[8]
6. Европа предлагает Казахстану и Узбекистану идти в обход России// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www. pravda. ru/ economics/ 1772289-borrel/ Дата обращения: 29.12.2022/. Дата обращения: 25.10.2024/.[9]
7. Историческая справка// Электронный ресурс/ Режим доступа/https:// e-cis.info/page/3509/80648/ Дата обращения:16.10.2024/. [5]
8. Кая С. Центральная Азия стала новым фронтом соперничества между США и Китаем //Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// centrasia.org/newsA.php?st=1727687880/ Дата обращения: 25.10.2024/.[16]
9. Кортунов А.В. Время дипломатии прошло? Семь особенностей наступающей эпохи// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// www. ng. ru/dipkurer/2022-02-27/9_8380_time.html / Дата обращения: 05.12.2022/.[3]
10. Курманов А. Лукашенко сделал предупреждение Армении, Казахстану, Киргизии и Таджикистану// Электронный ресурс/ Режим доступа /https://paruskg.info/glavnaya/199139/html/ Дата обращения: 01.12. 2022/. [11]
11. МИД РФ предостерёг страны Центральной Азии даже от намека на сворачивание отношений с Россией// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://fergana.ru/news/128719/ Дата обращения: 28.12.2022/. [10]
12. Панфилова В. Германия уступает России и Китаю в Центральной Азии// Электронный ресурс/ Режим доступа/https://www.ng.ru/dipkurer/2024-09-29/9_11_9103_germany.html/ Дата обращения: 25.10.2024/. [15]
13. Революция роз//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://ru. wikipedia.org/wiki/ Дата обращения: 16.10.2024/. [4]
14. Хайдаров Р. Дж. Новые геополитические тенденции в Евразийском пространстве в контексте формирования трехполярного мира//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://cyberleninka.ru/article/n/novye-geopoliticheskie-tendentsii-v-evraziyskom-prostranstve-v-kontekste-formirovaniya-trehpolyarnogo-mira/ Дата обращения: 25.02.2025к/. [2]
15. Чукалина Е. Подрыв в отношениях: почему Украина до сих пор не вышла из СНГ?//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://iz.ru/1440183/ evgeniia-chukalina/podryv-v-otnosheniiakh-pochemu-ukraina-do-sikh-por-ne-vyshla-iz-sng/Дата обращения: 15.10.2024/. [6]
16. Эггерт К. У Си Цзиньпина не выйдет создать "анти-НАТО" в Азии//Электронный ресурс/Режим доступа/https://www.dw.com/ru/ kommenta rij-u-si-czinpina-ne-vyjdet-sozdat-antinato-v-azii/a-63156499/ Дата обращения: 05.01.2023/. [12]

ГИБРИДНОЕ ПРОТИВОСТОЯНИЕ МИРОВЫХ И РЕГИОНАЛЬНЫХ ДЕРЖАВ НА ПОСТСОВЕТСКОМ ПРОСТРАНСТВЕ

Настоящая статья автора посвящена современной военно-политической ситуации в мире. Автор подчеркивает, что во всем мире переплетаются интересы мировых и региональных держав, таких как США, Китай, Россия и другие, что сопровождается гибридным противостоянием.

Автор отмечает, что для реализации своих интересов мировые и региональные державы прибегают к военным и невоенным, или гибридным, средствам и методам борьбы, направленным на захват новых территорий, обладающих огромными экономическими, энергетическими, минеральными и другими неосвоенными ресурсами. Основной акцент при этом делается на силовой вариант решения проблемы. Сегодня это наблюдается на всем пространстве планеты — от Украины до Ближнего Востока и других регионов.

Одновременно полностью игнорируются дипломатические меры, подписанные нормативно-правовые документы, регулирующие контроль над ядерным оружием, особенно оружием средней и малой дальности, оружием массового уничтожения и др., а также деятельность международных и региональных организаций безопасности, таких как ООН, ОБСЕ и др. Данное гибридное противостояние реализуется в рамках различных технологий «гибридных войн», таких как «дипломатические войны» и др.

Автор, опираясь на научные источники, на конкретных примерах раскрывает гибридное противостояние мировых и региональных держав на постсоветском пространстве.

Ключевые слова: гибридное противостояние, интересы, многополярный мир, постсоветское пространство.

МУҚОБИЛАИ ОМЕХТАИ (ГИБРИДИИ) АБАРҚУДРАТҲОИ ҶАҲОНИВУ МИНТАҚАВӢ ДАР ФАЗОИ ПАСОШӮРАВӢ.

Мақолаи мазкур ба мавзӯи актуалӣ оид ба ташаккул ва рушди вазъияти имрӯзаи низомӣ - сиёсӣ дар ҷаҳон бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамояд, ки дар тамоми ҷаҳон муқобилаи омехтаи (гибридии) абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ чун ШМА, ҶХХ, Россия ва ғ. шиддат гирифта, манфиатҳои онҳо ба ҳам печидааст.

Ба ақидаи муаллифон, ба мақсади амалишавии манфиатҳои худ аз роҳу воситаҳои низомӣ ва ғайри низомӣ ё омехтаи (гибридӣ) мубориза истифода менамоянд, ки ба ғасби қаламравҳои нави дорои захираҳои азими иқтисодӣ, энергетикӣ, минералӣ ва то ҳоло азхуднашуда равона гардидаанд. Зимнан онҳо ба варианти бо зӯрӣ ҳал намудани проблема таваҷҷӯҳи асосӣ медиҳанд. Чунин ҳолат имрӯз дар саросари ҷаҳон, яъне аз Украина сар карда то Шарқи Наздик ва ғ. ба чашм мерасад.

Дар баробари ин, аз тарафи онҳо тамоми тадбирҳои дипломатӣ, санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқии танзимкунандаи назорат аз болои силоҳи ядроӣ, хусусан дорои радиуси партоби миёна ва хурд, яроқи қатли ом,, фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии амниятӣ ба монанди СММ, САҲА ва ғ. ба инобат гирифта намешавад.

Муаллифон бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ, бо мисолҳои мушаххас муқобилаи омехтаи (гибридии) абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавиро дар фазои пасошӯравӣ кушодааст.

Калидвожаҳо: муқобилаи омехта (гибридӣ), манфиатҳо, ҷаҳони бисёрқутба, фазои пасошӯравӣ.

HYBRID CONFRONTATION OF WORLD AND REGIONAL POWERS IN THE POST-SOVIET SPACE.

The author's present article is devoted to the current military-political situation in the world. The author emphasizes that everywhere in the world the interests of global and regional powers such as the United States, China, Russia, etc. are intertwined, which is accompanied by hybrid confrontation.

The author notes that in order to realize their interests, world and regional powers resort to military and non-military or hybrid means and methods of struggle aimed at capturing new territories with huge economic, energy, mineral and other undeveloped reserves. The primary emphasis is placed on the force option of solving the problem. This is observed today on all the expanses of the planet from Ukraine to the Middle East and others.

At the same time, they completely ignore diplomatic measures, signed various normative-legal documents regulating the control of nuclear weapons, especially medium and short-range, weapons of mass destruction, etc., the activities of international and regional security organizations such as the UN, OSCE, etc. This hybrid confrontation is realized within the framework of various technologies of “hybrid wars” such as “diplomatic wars”, etc.

The author, relying on scientific sources, uses specific examples to reveal the hybrid confrontation of world and regional powers in the post-Soviet space.

Keywords: hybrid confrontation, interests, multipolar world, post-Soviet space.

Об авторах

Сангинов Нарзулло Наимович
кандидат политических наук, старший научный сотрудник отдела политических проблем международных отношений
Институт философии и политологии имени А. Баховаддинова
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33

Додихудоев Хуршед Азамджонович
кандидат политических наук, старший научный сотрудник отдела политологии
Институт философии и политологии имени А. Баховаддинова
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика
Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33

Дар бораи муаллифон

Сангинов Нарзулло Наимович
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33

Додихудоев Хуршед Азамджонович
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии шуъбаи сиёсатшинос
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33

About the Authors

Sanginov Narzullo Naimovich
Candidate of Political Sciences, Senior Research Fellow, Department of Political Issues of International Relations
A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science
National Academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan

Dodikhudoev Khurshed Azamjonovich
Candidate of Political Sciences, Senior Research Fellow, Department of Political Science
A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science
National Academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of ajikistan

ТДУ 32.019.51(470)

РИТОРИКАИ СИЁСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ОН ДАР РУСИЯ

Саидзода Ф.С.
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинов

Муқаддима. Тавре маълум аст, риторикаи сиёсӣ ҳамчун падидаи муҳимми таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи инсоният нақши муҳим бозидааст. Бахусус, дар шароити ҷомеаи муосир, ки равандҳои сиёсӣ бештар тавассути ВАО ва дигар технологияҳои коммуникатсионӣ шакл мегиранд, омӯзиши хусусиятҳои риторикаи сиёсӣ аҳаммияти махсус касб менамояд.

Зеро, риторикаи сиёсӣ воқеиятро натанҳо инъикос менамояд, балки месозад. Масалан, истифода шудани мафҳумҳои «таҳдид», «амният», «ислоҳот» ё «адолат» метавонад муносибати ҷомеаро ба равандҳо куллан тағйир диҳад. Бинобар ин, омӯзиши риторикаи сиёсӣ маърифати сиёсии оммаро мустаҳкам намуда, водор менамояд, ки бо тактика ва стратегияи суханварӣ ба меъёрҳои раванди сиёсӣ шинос шаванд [11, с. 235].

Аз ҷумла, Русия ҳамчун як давлати дорои таърихи тулонии сиёсӣ ва фарҳангӣ, таҷрибаи ғании ташаккул ва рушди риторикаи сиёсиро соҳиб буда, вобаста ба тағйироти сохтори давлатӣ, низоми сиёсӣ ва шароити иҷтимоӣ риторикаи сиёсӣ таҳаввул ёфтааст. Бинобар ин, таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии риторикаи сиёсӣ дар Русия, ҷиҳати дарки моҳият ва нақши он дар ҳаёти сиёсӣ муҳим мебошад.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши моҳият, хусусиятҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккулу рушди риторикаи сиёсӣ дар Русия, ҳамчунин, муайян намудани нақши омилҳои таърихӣ дар шаклгирии хусусиятҳои хоси риторикаи сиёсӣ мебошад.

Усули таҳқиқот. Бояд гуфт, ки дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии зерин истифода шудаанд, аз қабилӣ, усули таърихӣ, ки имконият медиҳад марҳилаҳои ташаккул ва рушди риторикаи сиёсӣ дар Русия мавриди баррасӣ қарор гиранд; усули таҳлили муқоисавӣ, ки ҷиҳати муқоисаи хусусиятҳои риторикаи сиёсӣ дар даврaҳои гуногуни таърихӣ истифода мешавад; усули таҳлили мундариҷа (контент-анализ), ки тавассути он суханрониҳо ва муроҷиатҳои сиёсатмадорони рус мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Қисмати асосӣ. Дарвоқеъ, риторикаи сиёсӣ ҳамчун санъати суханварӣ, боваркунонӣ ва таъсиррасонӣ ҳанӯз аз даврaҳои қадим дар фарҳангҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Таҳлил ва омӯзиши мафҳуми риторикаи сиёсӣ дар сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар байни миллатҳо таърифи риторикаи сиёсӣ бо вуҷуди фарқиятҳои маданӣ ва забонӣ, умумияти асосӣ дорад: он ҳамеша ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори ҷомеа тавассути сухан ва нутқи сиёсӣ арзёбӣ мешавад. Яъне, риторикаи сиёсӣ дар ҳама ҷомеаҳо бо мақсади боваркунонӣ, муттаҳидсозӣ ва идоракунии афкори умум истифода мешавад.

Масалан, дар Луғати бузурги энсиклопедии русӣ таърифи ин мафҳум чунин аст: «Риторикаи сиёсӣ - маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои суханварӣ, ки дар фаъолияти сиёсӣ ҷиҳати ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таъсир ба шуури омма истифода мешавад» [1].

Бояд гуфт, ки дар Русия рушду такомули он дар асоси омезиши таъсири фарҳангҳои византиягӣ ва юнонӣ ба вуҷуд омада, боиси пайдоиши шаклҳои гуногуни суханварӣ гардид. Риторикаи сиёсӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба шуури омма, ва идоракунии иҷтимоӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди давлатдории рус нақши муҳим гузоштааст. Хусусан, дар фазои сиёсӣ ва фарҳангии Русия суханварӣ ҳамеша бо мафҳумҳои ҳокимият, давлат, идеология ва ташаккули ҳувияти миллӣ иртиботи мустақим доштааст.

Тавре аз омӯзиши сарчашмаҳои марбут ба санъати суханварӣ бар меояд, таърихи ташаккули риторика дар Русия асосан аз давраи Руси қадим оғоз мегардад. Дар асрҳои IX-XIII риторика бештар хусусияти динӣ ва маънавӣ дошт. Чуноне олими рус Михайлов А.В. қайд менамояд, «риторикаи Руси қадим пеш аз ҳама характери давлатӣ-динӣ дошт ва ба таҳкими ҳокимияти князӣ мусоидат мекард» [9, с. 41]. Аз ин рӯ, калисои православӣ ба маркази рушди суханварӣ табдил ёфта, воизон ва рӯҳониён тавассути сухан ба ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва ахлоқии мардум таъсир мегузоштанд. Яъне суханварӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ягонагии давлат ва дин истифода мешуд.

Дар асрҳои XV–XVI бо ташаккули давлати мутамарказ дар Москва, риторикаи сиёсӣ хусусияти давлатӣ ва идеологӣ касб намуд. Идеяи «Москва - Рими сеюм» яке аз намунаҳои муҳимми ташвиқоти сиёсӣ гардид, ки мақсади он асоснок намудани рисолати таърихии Русияи православӣ буд. Монах Филофей дар номаҳои худ ба княз Василий III менависад: «Ду Рим афтод, сеюм истодааст ва чаҳорум нахоҳад буд» [13, с.53]. Бояд гуфт, ки ин идея ба яке аз

формулаҳои асосии риторикаи сиёсӣ дар Русия табдил ёфта, ҷиҳати ташаккули идеологияи давлатдории рус нақши назаррас гузошт.

Дар замони ҳукмронии Иван IV бошад, риторикаи сиёсӣ бештар хусусияти авторитарӣ гирифт. Подшоҳ забони сиёсиро ҷиҳати таҳкими ҳокимияти мутлақ ва тарсонидани мухолифон истифода мебурд. Ба ақидаи Лихачёв Д.С. «Мактубҳои Иван Грозний намунаи классикии риторикаи сиёсии давлатдории мутлақи рус мебошанд» [7, с.212]. Масалан, дар мукотибаи машҳури ӯ бо княз Андрей Курбский унсурҳои муҳимми риторикаи сиёсӣ - асосноккунии ҳокимияти мутлақ, истифодаи аргументҳои динӣ ва сиёсии ҳифзи давлат мушоҳида мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар асри XVIII, бахусус, дар давраи ислоҳоти Пётри I, риторикаи сиёсӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Дар ин давра, ғояҳои аврупоии маърифатпарварӣ ба фарҳанги сиёсӣ ва суханварии давлатӣ таъсири муҳим гузоштанд. Суханроniҳои давлатӣ, фармонҳо ва муроҷиатномаҳои сиёсӣ моҳияти ратсионалӣ касб намуданд. Ин масъаларо муҳаққиқ В.П. Вомперский таҳқиқ намуда, менависад, ки «дар замони Пётри I риторика аз воситаи сирф динӣ ба механизми сиёсӣ ва маъмурии давлат табдил ёфт [2, с. 67]. Дарвоқеъ, Пётри I дар фаъолияти роҳбарии худ риторикаро ҳамчун воситаи идоракунии давлатӣ ва модернизатсияи ҷомеа истифода мебурд.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаҳои мухталифи давлатдории рус риторикаи сиёсӣ ҳамчун санъати идоракунӣ таъсири бевоситаи худро гузоштааст. Дар баробари ин, бояд иброз намуд, ки рушду инкишофи назариявии риторика дар ин марҳилаҳо бештар ба назар расида, асосҳои илмии он бунёд ёфт. Яъне, суханварони рус таърихи афкори тамаддуни башариро бештар таҳлилу баррасӣ намуда, дар сатҳи зарурӣ инкишоф доданд.

Бояд гуфт, ки бисёри муҳаққиқон ташаккули риторикаро дар Русия ба асри XVII мансуб медонанд. Аввалин маротиба оид ба риторика асаре пайдо шуд, ки онро Макарий тартиб дода буд. То ҳол 24 басти китоби «Риторика»-и Макарий дастрас мебошад. Онро муҳаққиқи муосири рус Анушкин В.А. аз забони қадима ба забони муосири русӣ гардонида, ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст. Бояд иброз дошт, ки «Риторика»-и Макарий асосан аз ду бахш иборат аст. Бахши аввал дар бораи риторика ва панҷ қисмати он, аз ҷумла, интихоби калимаҳо, ҷобаҷогузорӣ, пайвастнамоии калимаю ибораҳо, дар хотир гирифтан ва сухан гуфтан. Қисмати асосӣ, ба андешаи Макарий, нутқ ироа фармудан аст. Ӯ чор шакли нутқро нишон медиҳад: Нутқи маърифатӣ, ки аслан, дар давраи таълими мактаб ва калисо ташаккул меёбад, нутқи судӣ, ки дар мурофиаҳои судӣ истифода мешавад, нутқи муҳокимавӣ ва нутқи таърифӣ (маддоҳӣ).

Қисмати дуюми китоб дар бораи зебоии нутқ баҳс мекунад. «Риторика»-и Макарий дар давоми асри XVII дар марказҳои таълимии Русия ба пуррагӣ амал менамуд. То замони Пётр он ягона китоби дарсӣ ба шумор мерафт. Дар Москва, Новгород, Ярослав, ки марказҳои асосии илмию таълимии Русия буданд, китоби мазкур қимати зиёд пайдо намуда буд. Баъдтар соли 1699 аз тарафи М.И. Усачёв китоби нави дарсӣ таълиф гардид. Дар аввали асри XVII асари дигар аз тарафи ходими калони ҷамъиятӣ ва динӣ Феофан Праколович эҷод карда шуд. Китоби Ф. Праколович натиҷаҳои лексияҳои ӯ ба ҳисоб мерафт, ки аслан ба забони лотинӣ хонда шудааст. То ин замон тамоми воситаҳои таълимии риторикӣ ба забони лотинӣ таълиф шудаанд [10, с.90].

Тазаккур бояд дод, ки дар бисёре аз донишгоҳҳои Русия «Таҷрибаи риторика»-и И.С.Рижский ба сифати воситаи таълимӣ омӯхта мешуд. Ӯ санъати суханвариро ба ду қисм ҷудо намудааст. Қисмати аввалро риторика, яъне санъати нотиқӣ ва суханварии назмӣ. Муҳаққиқ Раҷабов И.Ш. саҳми Рижскийро дар инкишофи риторика бузург дониста, шаклҳои ҷудонамудаи суханварии ӯро иброз доштаст. Аз ҷумла, «Иншои мактуб, суҳбатҳои умумӣ ва хоса муколама, мубоҳиса, ёдгориҳои хаттии таърихӣ ҳама шаклҳои суханварии аслианд. Муаллиф, инчунин, нутқҳои калонро низ тавсиф менамояд. Дар зери ибораи «нутқҳои калон», аслан нотиқии хосияти ҷамъиятӣ пайдокардаро дар назар дорад, аз қабили суханронӣ дар калисо, ки баъзан онро «нутқи илоҳӣ» мегӯянд. «Нутқи шаҳрвандӣ», ки ифодагари озодии сухан ва ормонҳои одамон аст. «Нутқи судӣ», ки аз суханронии айбдоркунанда, сафедкунанда ва судҳо таркиб ёфтааст. Инчунин «нутқи академӣ», ки ба таври махсус зоҳир мегардад ва хоси доираҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Ба андешаи И.С. Рижский мақоми умумӣ ва асосиро «нутқи судӣ» дорад [10, с.92]. Бояд гуфт, ки махсус қайд намудани нутқи судӣ аз тарафи муаллиф аз он хотир аст, ки ӯ дар риторика мавқеи мантиқ ва маърифати ҳақиқатро воло меҳисобад.

Дарвоқеъ, ташаккули риторика ҳамчун илми гуманитарӣ дар Русия ба асари М.В.Ломоносов «Сарсухани мухтасар оид ба суханварӣ» бисёр алоқаманд аст. Ӯ риторикаро

ҳамчун илми ҳақиқӣ тасвир намуда, предмети маърифати онро ба сифати нутқи хаттию даҳонӣ муайян намудааст. М.В.Ломоносов мавзуъҳои асосии суханвариро ҳамчун илм аз се ҷиҳат таркибёфта медонад: риторикаи холис, ки он таълимот дар бораи суханварист ва аслан назмро фаро мегирад; нотиқӣ - дастурҳо барои иншои нутқ дар наср; назм - дастур барои иншои асарҳои назмӣ. М.В.Ломоносов мавзӯи риторикаро аз унсурону таркиботи вай ҷудо месозад. Предмет наметавонад таркиботро бунёд созад. Ба ин хотир, дар асарҳояш ба қисматҳои асосии санъати суханварӣ диққати бештар медиҳад. Риторикаро аз се қисмат иборат медонад: дар бораи ихтироъкорӣ. Яъне, муносибати эҷодии суханвар ба предмети маърифат ва методологияи муносибат ба шунавандагон, дар бораи ороиш, яъне зебогии нутқ, дар бораи ҷобаҷогузорӣ ё худ шароити муносибати байниҳамдигарии гӯяндаву шунаванда [3, с.340]. Дар ин асар М.В. Ломоносов оид ба усулу қоидаҳои хаттӣ ва шифоҳии тартиб додани маводи давлатию ҷамъиятӣ ва динию фалсафӣ сухан гуфтааст.

Инчунин, Ломоносов И.В. бештари бобҳои китоби худро ба инкори андешаҳои ботили баъзе суханварон бахшидааст. Ӯ ғояҳои пешқадами асарҳои гуногуни риторикиро пайваста бо тамаддуни русӣ дар шакли нав баён кардааст. Китоби И. В. Ломоносов барои муҳаққиқони баъдина, ҳамчун сарчашмаи асосии методологӣ хизмат намудааст.

Албатта, Ломоносов асосҳои илмии суханвариро муайян намуда, риторикаро воситаи асосии таъсиррасонии иҷтимоӣ ва сиёсӣ арзёбӣ менамояд. Масалан, дар ин асар менависад: «Суханварӣ ҳунарест, ки дар бораи ҳар мавзӯи пешомада бо фасоҳат ва зебоӣ сухан гуфтанро дарбар мегирад ва бо ҳамин дигаронро ба пазируфтани андешаи худ моил месозад» [8, с.89]. Бояд гуфт, ки дар байни муҳақиққони рус минбаъд ин таърифи суханварӣ асоси назариявии омӯзиши риторикаи сиёсӣ гардид.

Профессор Зокиров Г.Н. ҳамчунин, аз муҳаққиқони рус И.А.Галич ва И.Ф. Кошанскийро ном бурдааст, ки дар инкишофу рушди риторика саҳми худро гузоштанд. А.И.Галич ба ду навъи асосии суханварӣ бештар таваҷҷуҳ мекард: нутқи динӣ ва дунявӣ. Ӯ ба соҳаҳои муайяни нутқи дунявӣ низ эътибори махсус медиҳад. Махсусан, ба нутқи давлатӣ, ки аз ҷониби амалдорон ва маъмурони давлатӣ иншо мегардад. Инчунин нутқи судӣ ва нутқи мактабиро махсус қайд менамояд. А.И.Галич соли 1830 асареро дар илми риторика бо номи “Назарияи суханварӣ барои тамоми асарҳои назмӣ” нашр намуд, ки он аз қисмати умумӣ ва амалӣ иборат аст. Дар ин асар ӯ тамоми идеяҳои худро оид ба рушду инкишофи риторика ва намудҳои он дарҷ намудааст. И.Ф. Кошанский бошад, суханвариро касби махсус номида, фақат дар доираи низоми давлатӣ ва барои давлат зарур медонист [3, с. 380]. Аз Кошанский И.Ф. ду асари риторикӣ боқӣ мондааст: яке «Риторикаи умумӣ» ва дигаре «Риторикаи хусусӣ».

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Россия то солҳои 60- уми асри XIX ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсии риторика чандон таваҷҷуҳ намекарданд. Дар натиҷаи шиддат гирифтани муборизаҳои синфию сиёсӣ аз ин давра сар карда дар Россия ҷанбаи иҷтимоии риторика афзалият пайдо кард. Махсусан, Мерзляков А.Ф. ин самтро инкишоф дод. Ба ақидаи ӯ, ҳар як умумияти иҷтимоӣ ҳуқуқи махсуси тарзи суханрониро дорад. Ӯ се вазифаи асосии нотиқро махсус қайд менамояд: омӯзонидан, бовар кунонидан ва ҷалб намудани шунаванда.

Тавре маълум аст, дар асри XIX риторикаи сиёсӣ дар Русия таҳти таъсири ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ислоҳот ва муборизаҳои идеологӣ бештар рушд намуд. Бахусус, дар раванди ислоҳоти Александр II, ташаккули ҳаракатҳои славянофилӣ ва ғарбгароӣ, ҳамчунин, рушди матбуот ва минбарҳои озоди ҷамъиятӣ ҷиҳати густариши фарҳанги баҳси сиёсӣ заминаи мусоид гузошт. Хусусан, нотиқони машҳури ин давра А.И. Герсен, В.Г. Белинский ва П.А. Столипин, тавассути суханронӣ ва риторикаи судбахш ба афкори ҷамъиятӣ таъсири бештар мерасониданд. Махсусан суханронии машҳури Столипин дар Думаи давлатӣ бо ибораи машҳури «Ба Шумо зарбаи бузург лозим аст, ба мо бошад - Русияи бузург» [12, с. 114]. намунаи барҷастаи риторикаи сиёсии давлатмеҳвар маҳсуб мешавад.

Дар нимаи аввали асри XX бошад риторикаи сиёсӣ таҳти таъсири инқилоби болшевикӣ ва идеологияи коммунистӣ шаклу мазмуни нав касб намуд. Риторикаи сиёсӣ дар ғалабаи Инқилоби Октябр нақши муҳим бозид, зеро бе истифодаи ибора, шиор ва нутқҳои таъсирбахш болшевикон оммаи мардумро ба ҷонибдории худ ҷалб карда наметавонистанд. Дар ин раванд, риторика ҳамчун воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ баромад намуд. Тавассути истифода аз шиорҳои сиёсӣ, аз қабилӣ «Замин – деҳқонон», «Фабрикаҳо - коргарон», «Сулҳ - халқҳо» ба таври равшан манфиати оммаи мардумро баён мекарданд.

Дарвоқеъ, Ленин бо нутқҳои кӯтоҳ, таъсирбахш ва мантиқӣ қувваи сиёсӣ ва ахлоқии болшевиконро нишон дод. Дар Шӯроҳо ва митингҳо риторикаи ӯ ба таври мантиқӣ ва эҳсосӣ омехта буд, далелҳои иқтисодӣ бо образҳои қавӣ ва муқобилият («мо» ва «онҳо») ҳамроҳ мешуданд. Дар ин давра, аз тарғибу ташвиқи сиёсӣ ба таври самаранок истифода намуда,

бахусус, газетаи «Правда» ва дигар воситаи матбуотӣ ин ҳадафҳоро дар байни омма паҳн мекарданд. Чуноне худи Ленин таъкид менамуд: «Газета на танҳо таблиғгари ҷамъиятӣ ва агитатори умумӣ аст, ҳамчунин, ташкилкунандаи умумӣ низ мебошад» [6, с. 11]. Бояд гуфт, ки матнҳо бо услуби муборизавӣ ва муқобилият навишта мегардиданд. Таблиғот бештар тавассути образҳои қаҳрамонӣ, масалан, коргар, деҳқон, сарбоз ва рамзҳои сиёсӣ, аз ҷумла, ранги сурх, ситора ба омма расонида мешуд. Образҳои мазкурро инчунин, ба воситаи плакатҳо, шеърҳо ва мусиқӣ ташвиқ менамуданд.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки риторикаи сиёсӣ на танҳо оммаи васеъро ҷалб кард, балки боиси тақсимоти шадиди иҷтимоӣ гардид. Бахусус, ҷудошавӣ ба «сурхҳо» ва «сафедҳо», сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории дарозмуддат гардид. Бо вуҷуди ин, риторикаи болшевикон тавонист қонунӣ ва зарурӣ будани инқилобро дар зеҳни омма мустаҳкам намояд.

Дар замони роҳбарии И.В. Сталин бошад, риторикаи сиёсӣ моҳияти тоталитарӣ касб намуд. Суханроniҳои сиёсӣ аз унсурҳои идеологӣ, шиорҳо ва образҳои душман холӣ набуданд. Тибқи таҳлили муҳаққиқи рус М.Н. Кожина, «риторикаи сталинӣ ба модели коммуникатсияи яксамта асос ёфта, мақсади он ташаккули итоати сиёсӣ буд» [5, с. 301]. Баъдан, дар давраи «ҷанги сард» риторикаи сиёсӣ ба воситаи асосии муқовимати идеологӣ миёни ИҶШС ва Ғарб табдил ёфт. Мазмуни нутқҳои роҳбарони шӯравӣ, бахусус, Н.С. Хрушчёв ва Л.И. Брежнев, бештар характери геополитикӣ доштанд. Дар ин раванд, дискурси сиёсӣ бо истилоҳоти идеологӣ, аз ҷумла «империализм», «капитализм», «интернасионализм», «муборизаи барои сулҳ» ва ғайра шакл мегирифт.

Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳад, марҳилаи муҳимми рушди риторикаи сиёсӣ ба давраи «бозсозӣ» рост меояд. Падидаҳои ошкорбаёнӣ, муколама ва арзишҳои демократӣ ба унсурҳои асосии риторикаи сиёсӣ табдил ёфтанд. Таврe Е.И. Шейгал иброз медоранд: «Дар замони перестройка дискурси сиёсӣ аз модели идеологӣ ба модели муколамавӣ гузашт» [14, с. 143].

Хусусан, баъди пошхӯрии ИҶШС риторикаи сиёсӣ зери таъсири низоми бисёрҳизбӣ, ташаккули ВАО ва технологияҳои иттилоотӣ тағйир ёфт. Дар шароити ҷомеаи иттилоотии муосир риторикаи сиёсӣ бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион ва технологияҳои рақамӣ робитаи мустақим пайдо намуда, коммуникатсияи сиёсӣ аз минбарҳои анъанавӣ ба фазои рақамӣ интиқол меёбад. Дар ин замина, риторикаи сиёсӣ шаклҳои нав - медиариторика, риторикаи рақамӣ ва риторикаи шабакавиро касб намудааст. Муҳаққиқи рус В.И. Карасик қайд менамояд, ки «дискурси сиёсии муосири Русия ба барқарорсозии образи давлат ҳамчун қудрати ҷаҳонӣ нигаронида шудааст» [4, с. 287].

Ҳамин тариқ, ташаккули таърихии риторикаи сиёсӣ дар Русия раванди мураккаб ва бисёрмарҳилавӣ мебошад. Он аз суханварии динӣ ва давлатдории асримиёнагӣ оғоз ёфта, то модели муосири медиариторика ва коммуникатсияи рақамӣ рушд кардааст. Дар ҳамаи марҳилаҳои таърихӣ риторика ҳамчун воситаи таъсир ба шуури сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ташаккули идеология истифода гардидааст. Бахусус, риторика ҳамчун илм аз ҷониби муҳаққиқон донишмандони рус ба таври назаррас ташаккул ёфтааст, ки ҷиҳати омӯзиши санъати суханварии муосир аз аҳаммият холӣ нест. Аз ин лиҳоз, он барои дарки хусусиятҳои фарҳанги сиёсӣ ва механизмҳои идоракунии ҷомеаи муосир нақши бузурги илмӣ дорад.

Адабиёт

1. Большой энциклопедический словарь. Статя «Политическая риторика». Электроний ресурсь: https: //gufo.me/dict/bes. Дата обращение 23.04.2026.
2. Вомперский, В.П. Риторика в России XVIII века / В.П. Вомперский. – Москва: Высшая школа, 1988. -256 с.
3. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.Ҷилди 2. / Г.Н. Зокиров Душанбе, 2015.-540 с.
4. Карасик, В.И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс / В.И. Карасик. – Волгоград: Перемена, 2002. - 477 с.
5. Кожина, М.Н. Стилистика русского языка / М.Н. Кожина. – Москва: Просвещение, 1993. – 384 с.
6. Ленин, В.И. Полное собрание сочинений. Т. 5. / В.И. Ленин. – Москва: Политиздат, 1967. - 560 с.
7. Лихачёв, Д.С. Развитие русской литературы X–XVII вв. / Д.С. Лихачёв.– Ленинград: Наука, 1973. -254 с.
8. Ломоносов М.В. Полное собрание сочинений. Т. 7. / М.В.Ломоносов. – Москва–Ленинград: АН СССР, 1952. - 996 с.
9. Михайлов, А.В. История русской риторики / А.В. Михайлов. – Москва: Наука, 2002. – 318 с.
10. Раҷабов, И. Риторика ва баҳси сиёсӣ / И. Раҷабов. - Душанбе, 2016.-262 с.

11. Саидзода, Ф.С. Таърихи ташаккул ва моҳияти риторикаи сиёсӣ дар шароити муосир / Ф.С. Саидзода // Ахбори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. – 2026.-№1. С.231-237.
12. Столыпин, П.А. Нам нужна великая Россия / П.А. Столыпин. – Москва: Молодая гвардия, 1991. – 416 с.
13. Филофей. Послания. – Москва: Наука, 1981. – 214 с.
14. Шейгал Е.И. Семиотика политического дискурса / Е.И. Шейгал. – Волгоград: Перемена, 2000. - 368 с.

РИТОРИКАИ СИЁСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ОН ДАР РУСИЯ

Дар мақолаи мазкур, таърихи ташаккулёбии риторикаи сиёсӣ дар Русия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф хусусиятҳои рушди риторикаро вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ баён намуда, таърифҳои гуногуни онро пешниҳод намудааст. Хусусан, равандҳои асосии инкишофи риторикаи сиёсиро аз давраи Империяи Русия то замони муосир таҳлил менамояд.

Муаллиф иброз медорад, ки дар асрҳои XVIII-XIX нутқҳои подшоҳон бештар хусусияти рамзӣ доштанд ва қудрати мутлақи давлатро таъкид менамуданд. Дар раванди Инқилоби Октябр риторикаи сиёсӣ шакли нав гирифта, шиорҳои синфӣ ва даъватҳои оммавӣ воситаи асосии муттаҳидсозии мардум гардиданд. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бошад, риторикаи сиёсӣ бештар ба мавзӯи сафарбарсозӣ ва қаҳрамонӣ равона гардида, ба муттаҳидшавии миллатҳои тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ замина гузошт.

Ҳамчунин, муаллиф саҳми донишмандони бузурги русро дар ташаккули риторикаи сиёсӣ ҳамчун илм бузург медонад. Хусусан, дар мақола, ақидаҳои М.В.Ломоносов, А.Ф. Мерзляков, И.С.Рижский, Макарий, И.А.Галич ва И.Ф. Кошанский оид ба санъати суханварӣ оварда шудааст. Дар мақола, инчунин иброз мегардад, ки муҳақиққони мазкур асосҳои назариявии риторикаи сиёсиро хамчун илм ва санъати идоракунӣ такмил доданд.

Калидвожаҳо: риторикаи сиёсӣ, санъати суханварӣ, Русия, шаклҳои риторика, Инқилоби Октябр, шиорҳои синфӣ, ташвиқот, фарҳанги суханварӣ, сафарбарзозӣ.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ РИТОРИКА И ЕЁ ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ В РОССИИ

В данной статье анализируется история формирования политической риторики в России. Автор рассматривает особенности её развития в зависимости от исторических этапов и предлагает различные классификационные подходы к изучению данного направления.

Особое внимание уделяется основным процессам эволюции политической риторики от периода Российской империи до современности. Отмечается, что в XVIII–XIX веках публичные речи монархов носили преимущественно символический характер и служили средством утверждения абсолютной власти государства. В ходе Октябрьской революции политическая риторика приобрела качественно новую форму: классовые лозунги и массовые призывы стали главным инструментом консолидации народа. В период Великой Отечественной войны риторика была ориентирована на мобилизацию и героизацию, что способствовало укреплению единства народов всего Советского Союза.

Автор также подчёркивает значительный вклад выдающихся российских учёных в становление политической риторики как научной дисциплины. В статье представлены взгляды М.В. Ломоносова, А.Ф. Мерзлякова, И.С. Рижского, Макария, И.А. Галича и И.Ф. Кошанского на искусство красноречия. Отмечается, что их исследования способствовали совершенствованию теоретических основ риторики, укреплению её статуса как науки и формированию представлений о риторике как искусстве управления.

Ключевые слова: политическая риторика, ораторское искусство, Россия, формы риторики, Октябрьская революция, политические лозунги, агитация, культура ораторского искусства, мобилизация.

POLITICAL RHETORIC AND ITS HISTORICAL SPECIFICITIES IN RUSSIA

This article explores the historical trajectory of political rhetoric in Russia, examining its evolution across distinct historical stages and outlining various approaches to its classification. Particular emphasis is placed on the key processes that shaped political rhetoric from the era of the Russian Empire to the contemporary period.

In the eighteenth and nineteenth centuries, the public speeches of monarchs were predominantly symbolic in nature, serving as instruments for affirming the absolute authority of the state. With the onset of the October Revolution, political rhetoric underwent a profound transformation: class-based slogans and mass appeals emerged as the principal tools of popular consolidation. During the Great Patriotic War, rhetorical strategies shifted toward themes of mobilization and heroization, reinforcing the unity of the diverse peoples of the Soviet Union.

The article also highlights the substantial contributions of eminent Russian scholars to the development of political rhetoric as a scientific discipline. The perspectives of M.V. Lomonosov, A.F. Merzlyakov, I.S. Rizhsky, Makarii, I.A. Galich, and I.F. Koshansky on the art of oratory are presented as foundational to the refinement of rhetorical theory. Their work not only strengthened the status of rhetoric as a science but also advanced its conceptualization as an art of governance.

Key words: political rhetoric, oratory, Russia, forms of rhetoric, October Revolution, political slogans, agitation, culture of oratory, mobilization.

Дар бораи муаллиф
Саидзода Фазилат Сайдамир
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмӣ
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: fazilat.20@mail.ru

Об авторе
Саидзода Фазилат Сайдамир
кандидат политических наук, старший научный сотрудник
Института философии и политологии имени А. Баховaддинова
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: fazilat.20@mail.ru

About the author:
Saidzoda Fazilat Saidamir
candidate of political Sciences, Senior Researcher
Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov
National academy of Sciences of Tajikistan
33 Rudaki Ave., 734025, Dushanbe Republic of Tajikistan
E-mail: fazilat.20@mail.ru

ТДУ 327(575.3)

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Файзов Р.Х.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамчун санади стратегӣ ва барномавии миллӣ дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ нақши консептуалӣ мебозад. Мазмуни ин ҳуҷҷат ифодагари стратегияи давлатӣ ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа арзёбӣ мегардад. Таҳлили муҳтавои Паём нишон медиҳад, ки талошҳои роҳбарияти давлат ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум нигаронида шудаанд.

Дар низоми афзалиятҳои стратегӣ, сиёсати хориҷӣ ҳамчун механизми калидии таъмини манфиатҳои геополитикӣ ва таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Роҳандозии сиёсати хориҷии мутавозин ва мақсаднок дар доираи ташаббусҳои глобалӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба, ба боло рафтани эътибори давлат дар арсаи ҷаҳонӣ ва таъмини амнияти минтақавӣ мусоидат менамояд [14].

Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба сифати санади бунёдии барномавӣ эътироф гардидаанд, ки афзалиятҳои сиёсати давлатиро инъикос намуда, ҳамчун кафолати рушди устувори кишвар ва некуаҳволии мардум хизмат мекунанд. Паёми Президенти мамлакат ба таври анъанавӣ аз чаҳорчӯбаи маърӯзаи ҳисоботӣ фаротар буда, ба таҳлили амиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодии дар дохили кишвар ва ҷаҳон суратгиранда такя менамояд ва ифодагари дидгоҳи муназзам нисбат ба дурнамои рушди минбаъдаи Тоҷикистон мебошад.

Сарвари давлат зимни ироаи паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси олии кишвар вазифаҳои афзалиятнокро дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, маориф, илму фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин амният ва мудофиа ба таври пайваста муайян ва мушаххас менамоянд [2].

Сиёсати хориҷӣ ҳамчун ҷузъи таркибии стратегияи давлатдорӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши консептуалӣ дошта, омили калидии таъмини суботи геополитикӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлат ба шумор меравад. Тасмимгириҳои стратегӣ дар ин самт мустақиман ба амнияти миллии кишвар ва некуаҳволии иҷтимоии ҷомеа алоқаманданд.

Дар назарияи сиёсатшиносӣ «манфиатҳои миллӣ» категорияи марказӣ ва муайянкунандаи самти ҳаракати давлат дар масири рушди устувор арзёбӣ мегарданд. Ҳар як субъекти байналмилалӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои стратегии худ модели муайяни сиёсати хориҷиро таҳия менамояд, ки он маҷмӯи фаъолиятҳои мақсадноки ниҳодҳои давлатиро барои татбиқи ниёзҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ фаро мегирад.

Аз нигоҳи методологӣ, сиёсати хориҷӣ идомаи мантиқии сиёсати дохилӣ маҳсуб ёфта, бо низоми иқтисодӣ ва сохти сиёсию ҷамъиятии кишвар робитаи зич дорад. Ҳадафҳои меҳварии он аз фароҳам овардани шароити мусоиди байналмилалӣ барои амалисозии афзалиятҳои миллӣ, таъмини амнияти дастҷамъӣ ва пешгирии муқовимату буҳронҳои глобалӣ иборат мебошанд.

Фаъолияти давлатҳо дар ин ҳавза муносибатҳои байналмилалиро ҳамчун низоми мураккаби робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳарбӣ-техникӣ миёни кишварҳо ва созмонҳои универсалӣ шакл медиҳад. Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷӣ стратегияи куллии давлатро дар муҳити байналмилалӣ муайян намуда, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар асоси принсипҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва равишҳои дипломатӣ танзим менамояд. [12, с. 92-93]

Яке аз ҷузъҳои бунёдӣ ва стратегии Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъмини назариявӣ ва амалии консепсияи сиёсати «дарҳои кушода» ба шумор меравад. Ин доктринаи стратегӣ ҳамчун меҳвари фалсафаи дипломатии кишвар баромад намуда, ифодагари омодагии давлат ҷиҳати барқарорсозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми субъектҳои низоми байналмилалӣ, сарфи назар аз хусусиятҳои сиёсию идеологии онҳо, маҳсуб меёбад.

Дар Паёмҳои Президенти кишвар мунтазам таъкид мегардад, ки ин стратегия на танҳо абзори муаррифии давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, балки механизми муассири таъмини манфиатҳои миллӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ҳамгироии муваффақона ба низоми иқтисоди глобалӣ мебошад. Аз дидгоҳи таҳлилӣ, сиёсати «дарҳои кушода» ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки дар шароити таҳаввулоти мураккаби геополитикӣ тавозуни манфиатҳоро бо марказҳои қудрати ҷаҳонӣ ҳифз намуда, мақоми кишвари ташаббускорро дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, бахусус дар соҳаи дипломатияи обу иқлим, касб намояд. [16, с. 124]

Ҳанӯз соли 1993 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни аввалин суханронии хеш дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии давлати соҳибистиқлолро муаррифӣ намуданд, ки ҷавҳари онро сиёсати «дарҳои кушода» ташкил медод. Маҳз дар натиҷаи татбиқи пайвастаи ин принсип ва пешбурди сиёсати хориҷии мутавозин, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи шоиста касб намуда, бо аксари кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатии ҳамаҷониба барқарор кард.

Мутобиқи доктринаи расмии сиёсати «дарҳои кушода», Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои бисёрсамтаи худро бо авлавият додан ба шарикони стратегӣ, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои олами Араб, давлатҳои ҳамсоя ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ тавсеа мебахшад.

Заминаи ҳуқуқии ин муносибатҳоро санадҳои сатҳи олӣ ташкил медиҳанд; аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои калидии минтақа ва ҷаҳон, аз қабили Русия, Чин, Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расонидааст, ки ин аз сатҳи баланди эътимоди сиёсӣ ва ҳамгироии фарогири давлат дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад. [7]

Таҳаввулоте, ки аз нимаи дуюми соли 2001 дар минтақа ва ҷаҳон ба вуқӯъ пайвастанд, зарурати амалӣ намудани чунин сиёсати хориҷиро пеш оварданд, ки манфиатҳо ва масъулияти тамоми ҷонибҳо давлат ва мақомоти он, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираҳои соҳибкориро инъикос намуда, ба саҳми онҳо дар татбиқи самарабахши ин сиёсат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди беруна барои ҳифзу пешбурди манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими амнияти миллии кишвар ва ташаккули симои мусбати он дар хориҷа мусоидат намояд.

Бесабаб нест, ки Президенти кишвар дар Паёмҳои солонаи худ ба Парлумон дар моҳҳои апрели солҳои 2001[9] ва 2002 [10] ду маротиба доир ба зарурати таҳия ва қабули Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буд. Дар ин росто, Сарвари давлат муҳтарам Э. Раҳмон дар паёми солинавии худ ба шаҳрвандон аз 31 декабри соли 2002 бори дигар эълон дошт, ки кишвар сиёсати бисёрсамтии «дарҳои боз»-ро интихоб намудааст. Ин сиёсат бояд ба манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ бошад, ҳифзи фаъолонаи онҳоро дар сатҳи байналмилалӣ таъмин намояд ва омилҳои беруниро барои ҳалли мушкилоти дохилӣ самаранок истифода барад.

Бинобар ин, стратегияи мазкур, ки дар Паёмҳои роҳбарияти давлат ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад, ҳамчун кафили суботи сиёсати хориҷӣ ва воситаи асосии таҳкими нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои бисёрҷониба арзёбӣ мегардад [13, с. 233].

Дар меҳвари Паёми Пешвои миллат муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун самти стратегӣ ва аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон муайян шудааст, ки ба таҳкими эътимоди мутақобила ва ҳамсоягии нек асос меёбад. Ин сиёсат тавассути иштироки фаъол дар вохӯриҳои машваратии роҳбарони давлатҳои минтақа амалӣ гашта, ҳадафи он табдил додани Осиёи Марказӣ ба минтақаи сулҳ, субот ва ҳамкориҳои дарозмуддат мебошад. Таъкиди махсус ба дипломатияи иқтисодӣ ва рушди долонҳои нақлиётӣ дар Паём нишон медиҳад, ки Тоҷикистон хоҳони табдили минтақа ба як маркази муқтадири транзитӣ ва тиҷоратии ҷаҳонӣ аст. Инчунин, ҳамкориҳои давлатҳои минтақа дар бахши амният барои муқовимат бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла вазъияти мураккаби Афғонистон, омили калидии ҳифзи манофеи миллӣ дониста мешавад.

Осиёи Марказӣ ҳамчун фазои ягонаи таърихию фарҳангӣ дорои иқтидори бузурги тамаддунӣ мебошад. Мавҷудияти арзишҳои маънавӣ, суннатҳои ҳамзистӣ ва робитаҳои гуногуни иҷтимоии халқҳои минтақа дар тӯли қарнҳо заминаи устувори ҳамкориҳои мутақобилан судмандро фароҳам овардаанд. Дар осори адабиёти классикӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ин муносибатҳо ҳамчун намунаи «ҳамсоягии нек» арзёбӣ мегардад, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи асолати минтақавӣ ва суботи иҷтимоӣ хизмат мекунад.

13 марти соли 2025 дар таърихи муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун нуқтаи гардиши стратегӣ сабт гардид. Имзои созишнома оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ дар шаҳри Бишкек натиҷаи мантиқии иродаи сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ дар раванди музокироти бисёрзинагӣ мебошад. Ин ҳуҷҷати таърихӣ на танҳо моҳияти ҳуқуқии сарҳадҳоро муайян намуд, балки омили калидии таъмини амнияти минтақавӣ гардид.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии ин дастоварди дипломатиро дар се самти асосӣ метавон гурӯҳбандӣ кард:

- Амният ва суботи геополитикӣ. Ниҳоӣ шудани масъалаҳои марзӣ заминаҳои низоъҳои фаромарзиро аз байн бурда, кафолати амнияти дастҷамъонаро дар Осиёи Марказӣ тақвият мебахшад.
- Дипломатияи иқтисодӣ ва транзит. Мушаххас шудани хатти сарҳад ба эҳёи долонҳои нақлиётӣ, фаъолгардонии тиҷорати сарҳадӣ ва коҳиши монеаҳои гумрукӣ мусоидат намуда, иқтидори содиротии ҳар ду кишварро афзун мекунад.
- Иттиҳоди гуманитарӣ ва иҷтимоӣ. Эътимоди мутақобила дар сатҳи давлатӣ ба раванди рафтуомади озоди шаҳрвандон ва таҳкими робитаҳои хешутаборӣ, ки хоси халқҳои минтақа аст, нерӯи тоза мебахшад.

Таҳлили фаъолияти дипломатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки сиёсати «дарҳои кушода» дар робита бо ҳамсоягони наздик – Узбекистон ва Қирғизистон бо дарназардошти афзалиятҳои минтақавӣ татбиқ мегардад. Роҳбари давлат бо такя ба дипломатияи созанда тавонист муносибатҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсоя аз сатҳи ҳамкориҳои оддӣ ба сатҳи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ барорад.

Муносибатҳои нави байнидавлатие, ки имрӯз дар Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, натиҷаи дурандешии сиёсии роҳбарони кишварҳои минтақа мебошанд. Имзои созишномаҳои марзӣ ва таҳкими дӯстии халқҳо исбот месозад, ки Тоҷикистон дар зери роҳбарии Пешвои миллат ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои мураккаби минтақавӣ ва глобалӣ шинохта шудааст [15].

Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ҷумҳуриҳои Узбекистон бо такя ба иштирокоти амиқи таърихӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои муштараки тамаддунӣ, имрӯз дар марҳилаи сифатан нави таҳкими муносибатҳои дӯстона ва ҳамгироии минтақавӣ қарор доранд. Афзоиши мусбати ҳамкориҳои бисёрҷонибаи охир нишон медиҳад, ки ин кишварҳо дорои омодагии стратегӣ барои таъмини рушди устувор ва шукуфоии муштарак мебошанд. Дар татбиқи ин дастовардҳои нодири дипломатӣ, ки дорои аҳамияти байналмилалӣ мебошанд, нақши калидӣ ва ибтикороти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи марказиро касб менамояд.

Нуқтаи авҷи ин равандҳои ҳамгироӣ 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд сурат гирифт, ки дар он санадҳои дорои аҳамияти бузурги таърихӣ ва стратегӣ ба имзо расиданд. Аз ҷумла, Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва «Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ» аз ҷониби саронии давлатҳо - Эмомалӣ Раҳмон, Садир Жапаров ва Шавкат Мирзиёев расмият ёфтанд. Ин ҳуҷҷатҳо на танҳо заминаи ҳуқуқии сарҳадҳои давлатиро мустаҳкам намуданд, балки ҳамчун кафолати сиёсии суботи минтақавӣ ва дӯстии пойдори халқҳо хизмат мекунанд. [6]

Имзои ин санадҳои таърихӣ ифодагари иродаи қатъии кишварҳои дӯст ва ҳамсоя ҷиҳати пуштибонӣ аз арзишҳои сулҳ ва истифодаи воситаҳои дипломатӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрам, дар рӯҳияи ҳамсоягии нек, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва эътимоди мутақобила мебошад. Ин аҳднома ҳамчун иқдоми стратегӣ дар роҳи таъмини суботи дарозмуддат, тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва бартараф намудани ихтилофоти сарҳадӣ арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба аҳамияти ин масъала, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Кишварҳо ва мардумони моро риштаҳои қавии дӯстии бисёрсола, накуҳамсоягӣ ва рушди муштарак бо ҳам мепайванданд. Мо дар Тоҷикистон ба муносибатҳо бо Қирғизистон ва Узбекистон, ки бар пояҳои накуҳамсоягӣ, баробарҳуқуқӣ, эҳтиром ва бо назардошти манфиатҳои ҳамдигар асос ёфтаанд, баҳои баланд медиҳем». [4]

Дар қатори масоили дигаре, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат мавқеи марказӣ доранд, ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об ва иқлим ҳамчун василаи муҳимми пешбурди

дипломатияи созанда ва таҳкими нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ арзёбӣ мегарданд. Таъкид мешавад, ки эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва таъсиси Фонди боварии байналмилалӣ дар ин самт, гувоҳи эътирофи нақши калидии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологии сайёра мебошад. Ҳадаф аз роҳандозии ин иқдомҳо коҳиши паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим тавассути таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ чиҳати таъмини рушди устувори чаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Дар даҳсолаҳои охир тағйирёбии иқлим ва муташаниҷ гаштани вазъи экологии сайёра боиси афзоиши хатари нобудшавии низомҳои экологӣ гардидааст. Тибқи таҳлилҳои коршиносӣ, бидуни андешидани тадбирҳои муассир, то соли 2030 буҳрони норасоии оби ошомиданӣ хислати фарогир гирифта, метавонад ба амнияти зисти 67 фоизи аҳолии кураи замин таҳдид намояд. Дар ин замина, зарурати таҳия ва амалисозии барномаҳои стратегии таъминоти об, беҳдошти санитарӣ ва ҳифзи захираҳои гидрологӣ аз ифлосшавии техногенӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи чомеаи байналмилалӣ қарор дорад.

Дар раванди бартарафсозии ин мушкилоти фаромиллӣ, ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши консептуалӣ мебозанд. Силсилаи иқдомҳои глобалӣ, аз чумла:

- «Соли байналмилалии оби тоза, 2003»;
- «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015»;
- «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013»;
- «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» [8, с. 5];
- «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»; чойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешсаф дар дипломатияи оби чаҳонӣ мустаҳкам намуданд.

Мавқеи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун роҳбари ташаббускор эътирофи ҳамаҷониба ёфтааст. Шахсияти Роҳбари давлат бо қобилияти баланди таҳлили мушкилоти миллӣ ва пайванди онҳо бо масоили глобалӣ фарқ мекунад, ки ин амр дорои аҳамияти хоссаи сиёсӣ ва назариявӣ мебошад.

Эътирофи чаҳонии ин фаъолиятро метавон дар изҳороти Муовини Дабири кулли СММ, чаноби Ша Тсу Кан (20 сентябри соли 2010 дар Ню-Йорк) мушоҳида кард, ки зимни иҷлосияи Маҷмаи Умумии СММ чунин қайд намуда буд: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қаҳрамони чаҳон дар ҳалли масоили глобалии вобаста ба об мебошад» [1, с. 8]. Ин баҳогузорӣ собит менамояд, ки моҳияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар меҳвари Паёми Пешвои миллат ба ҳифзи манфиатҳои башарият ва рушди устувори сайёра нигаронида шудааст.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи амнияти минтақавӣ ҳамчун афзалияти стратегӣ арзёбӣ гардида, кишвар дар хати муқаддами мубориза бо терроризм ва ифротгароии фаромиллӣ қарор дорад. Пешвои миллат бо таҳлили амиқи қазияи Афғонистон, таъсиси ҳукумати фарогир ва таҳкими ҳифзи сарҳадро омилҳои калидии суботи Осиёи Марказӣ меҳисобанд. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон, аз чумла «Раванди Душанбе», механизми муассири ҳамкориҳои бисёрҷонибаро барои чилавгирӣ аз таҳдидҳои муосир ва таъмини амнияти дастчамъӣ фароҳам овардаанд.

Баргузории марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» дар таърихи 4-5-уми ноябри соли 2024 ҳамчун идомаи стратегии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ, механизми калидии дипломатиро чиҳати такмили низоми амнияти сарҳадӣ ва вокуниши дастаҷамъона ба терроризми фаромиллӣ фароҳам овард. Ин конфронси сатҳи баланд идомаи мантиқии ташаббусҳои глобалии Пешвои миллат буда, платформаи муҳимеро барои таҳияи вокунишҳои дастаҷамъона ба чолишҳои амнияти байналмилалӣ фароҳам овард. Қабули “Эъломияи Кувайт” дар фарҷоми ҳамоиш ифодагари таҳкими усули бисёрҷонибагӣ ва таъсиси низоми самараноки мудирияти сарҳадӣ дар сатҳи чаҳонӣ арзёбӣ мегардад. [5]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ то имрӯз аз чониби 192 давлати чаҳон расман эътироф гардида, бо 183 кишвар робитаҳои дипломатиро роҳандозӣ намудааст. Сиёсати хориҷии давлат дар заминаи моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, иштироки фаъоли кишварро дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ чиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва пешбурди ташаббусҳои глобалӣ таъмин менамояд. Заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои бисёрҷонибаро беш аз 2100 санади дуҷониба ташкил медиҳанд, ки фарогири соҳаҳои калидӣ, аз чумла сиёсат, иқтисод, амният ва бахшҳои гуманитарӣ мебошанд. [3]

Чуноне ки дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат таъкид доштанд, эътирофи ибтикороти стратегии Тоҷикистон аз чониби чомеаи чаҳонӣ, аз чумла қабули қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ оид ба « Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера» ва «Нақши зеҳни сунъӣ дар

фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», марҳилаи нави дипломатияи бисёрҷонибаи кишварро муаррифӣ менамояд. Ин дастовардҳои сиёсӣ дар канори эълони соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» ва ба Феҳристи ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои Хуттали қадим, гувоҳи равшани таҳкими «неруи нарм» ва нуфузи маънавию фарҳангии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошанд. Маҳз тавассути чунин иқдомҳои созанда, Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо манфиатҳои миллии худро ҳифз мекунад, балки ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли чолишҳои глобалии асри XXI, аз қабили тағйирёбии иқлим ва рақамикунонии иқтисод нақши меҳвариро иҷро менамояд. [11]

Паёмҳои солонаи Пешвои миллат ҳамчун заминаи консептуалии сиёсати хориҷӣ, дар таҳкими суботи берунии кишвар нақши калидиро иҷро намуда, тавассути роҳандозии стратегияи мутавозин ва ташаббусҳои глобалӣ мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти фаъол ва таъсиргузор дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ устувор мегардонанд.

Дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастурҳои Паёми охирини Пешвои миллат ба самти таҳкими дипломатияи иқтисодӣ, тавсеаи шарикии стратегӣ ва пешбурди фаъоли “дипломатияи сабз” нигаронида шудааст. Татбиқи ин афзалиятҳо дар заминаи сиёсати “дарҳои кушода” имкон медиҳад, ки кишвар нуфузи худро дар созмонҳои универсалӣ ва минтақавӣ устувор намуда, ҳамчун маркази муколамаи байналмилалӣ дар масоили обу иқлим ва амнияти дастҷамъӣ нақши меҳвариро ҳифз намояд.

Дар маҷмӯъ, роҳнамоии стратегии Паёми Пешвои миллат кафолати мутобиқшавии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба воқеиятҳои нави геополитикии ҷаҳони бисёрқутбӣ ва таъмини манфиатҳои миллии кишвар дар дурнамои миёнамуҳлат маҳсуб меёбад.

Адабиёт

1. 25 қадам дар паҳнои олам. Зери назари Сироҷиддин Аслов. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон». 2016. – 220 с.
2. Абдубасиров А.А. Послание Лидера нации как стратегический ориентир развития страны [электронный ресурс] URL: https://rtsu.tj /news/?ELEMENT_CODE=poslanie-lidera-natsii-kak-strategicheskiy-orientir-razvitiya-strany (дата обращения: 08.01.2026)
3. Бобозода У. Сиёсати хориҷии давлат – самти муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://khovar.tj /2024/12/siyosati-hori-ii-davlat-samti-mu-imi-payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston/ (санаи истифодабарӣ: 09.01.2026);
4. Иброҳимов Ф. Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон – дӯстии безавол [манбаи электронӣ] URL: https://ifppanrt.tj /tochikiston-uzbekiston-va-kirgiziston-dustii-bezavol-0 (санаи истифодаарӣ: 10.01.2026)
5. Конфронси навбатӣ дар доираи Раванди Душанбе оид ба муборизa бо терроризм [манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj /tg/main/view/16089/konfronsi-navbati-dar-doirai-ravandi-dushanbe-oid-ba-muboriza-bo-terrorizm (санаи истифодабарӣ: 10.01.2026);
6. Маросими имзои санадҳои сеҷонибаи Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон [манбаи электронӣ] URL: https://prezident.tj /event/domestic_trips/50328 (санаи истифодаарӣ: 10.01.2026)
7. Митин С.А. Политика открытых дверей Таджикистана – верный шаг в устойчивое будущее [электронный ресурс] URL: https://eurasianeconomic.org /special/aauthor-column/document34836.phtml?ysclid=mk6uts795173808845 (дата обращения: 09.01.2026)
8. Музаффарзода М. Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат дар ҳалли мушкилотии глобалии марбут ба об / М. Музаффарзода // Душанбе: КВД «Тоҷикдипсервис». – 2017. – 60 саҳ.
9. Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 30.04.2001 [манбаи электронӣ] URL: https://prezident.tj /event/missives/14004 (санаи истифодабарӣ: 08.01.2026);
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.04.2002 [манбаи электронӣ] URL: https://prezident.tj /event/missives/6240 (санаи истифодабарӣ: 08.01.2026);
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Душанбе. 16.12.2025 [манбаи электронӣ] URL: https://www.president.tj /event/missives/54181 (санаи истифодабарӣ: 10.01.2026);
12. Сайидзода З. Усулҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. Сайидзода // Инициативы Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в разрешении глобальных водных

проблем: материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 11.11.2023 г.). – Душанбе, 2023. - 127 с.
13. Сайидзода, З.Ш. 25 лет вненней политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992–2017 гг.): исторические аспекты становления и развития. Монография / З.Ш.Сайидзода // Дунанбе: «Контраст». – 2020. – 336 с.
14. Сафаров Ҳ. Сиёсати хориҷӣ - дар меҳвари Паёми Пешвои миллат [манбаи электронӣ] URL: https://new.kgu.tj /tj/news/1363 (санаи истифодабарӣ: 09.01.2026);
15. Шохуррамов М. Созишномаи таърихии Тоҷикистону Қирғизистон: қадами бузург дар таъмини сулҳ ва рушди миллӣ // М. Шохуррамов // Минбари халқ. – 2025. – 23 апрел. - №17 (1518)
16. Эмомали Рахмон О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан / сост. Сайидзода З.Ш., Камолова М.Р. – Душанбе: «Контраст», 2019. – 222 с.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Мақолаи мазкур ба таҳлили консептуалии самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардидаанд, бахшида шудааст. Муаллиф нақши Паёмро ҳамчун санади стратегӣ ва барномавии давлатдорӣ дар муайян намудани самти муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақола таҳаввули сиёсати “дарҳои кушода” ва аҳаммияти он дар таҳкими нуфузи геополитикии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии низоми ҷаҳонӣ таҳлил шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба ташаббусҳои глобалии кишвар дар соҳаи дипломатияи обӣ ва иқлим, инчунин нақши калидии Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, зоҳир гардидааст. Дар фарҷоми таҳқиқот хулосабарорӣ мешавад, ки дастурҳои дар Паёмҳои Пешвои миллат зикршуда заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ ва назариявиро барои мутобиқсозии сиёсати хориҷии кишвар ба воқеиятҳои нави замони муосир фароҳам меоранд.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат, Паём, сиёсати хориҷӣ, сиёсати «дарҳои кушода», манфиатҳои миллӣ, амнияти минтақавӣ, дипломатияи об, «Раванди Душанбе», муносибатҳои байналмилалӣ, стратегия.

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПОСЛАНИЯХ ЛИДЕРА НАЦИИ

Данная статья посвящена концептуальному анализу приоритетных направлений внешней политики Республики Таджикистан в контексте поручений и указаний Основателя мира и национального единства Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, изложенных в ежегодных Посланиях Маджлиси Оли страны. Автор рассматривает роль Послания как стратегического и программного документа государственного управления в определении вектора международных отношений и защиты национальных интересов страны. В статье анализируется эволюция политики «открытых дверей» и её значение в укреплении геополитического влияния Таджикистана в условиях трансформации мирового порядка. Особое внимание уделяется глобальным инициативам страны в области водной и климатической дипломатии, а также ключевой роли Таджикистана в обеспечении региональной безопасности и борьбе с современными угрозами, включая терроризм и экстремизм. В завершение исследования делается вывод о том, что программные установки, заложенные в Посланиях Лидера нации, создают надежную правовую и теоретическую базу для адаптации внешней политики страны к новым реалиям современности.

Ключевые слова: Лидер нации, Послание, внешняя политика, политика «открытых дверей», национальные интересы, региональная безопасность, водная дипломатия, «Душанбинский процесс», международные отношения, стратегия.

CURRENT ISSUES OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE ADDRESSES OF THE LEADER OF THE NATION

This article is dedicated to a conceptual analysis of the priority directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in the light of the directives and instructions of the Founder of Peace and National Unity Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, presented in his annual Addresses to the Majlisi Oli (Parliament). The author examines the role of the Address as a strategic and programmatic instrument of statecraft in defining the vector of international relations and safeguarding the country's national interests. The paper analyzes the evolution of the "Open Doors" policy and its significance in strengthening Tajikistan's geopolitical influence amidst the transformation of the global order. Special

attention is paid to the country's global initiatives in the field of water and climate diplomacy, as well as Tajikistan's pivotal role in ensuring regional security and combating contemporary threats, including terrorism and extremism. The study concludes that the strategic guidelines articulated in the Addresses of the Leader of the Nation provide a robust legal and theoretical foundation for adapting the country's foreign policy to the new realities of the modern era.

Keywords: Leader of the Nation, Address, foreign policy, "Open Doors" policy, national interests, regional security, water diplomacy, "Dushanbe Process", international relations, strategy.

Дар бораи муаллиф
Файзов Рамазон Холмадович.
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсент,
ҷонишини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кучаи, С.Сафаров, 16.

Об авторе
Файзов Рамазон Холмадович
доктор философии (PhD) по специальности политология, доцент,
заместитель декана по научной работе, инновации и по зарубежных связей
Кулябский государственный университет имени А.Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафаров 16.

About the author
Fayzov Ramazon Kolmadovich
Doctor of Philosophy (PhD) in Political Science
Deputy Dean for Research, Innovation and Foreign Relations
Kulyab State University named after A. Rudaki
Kulyab, 735360, Republic of Tajikistan S.Safarov str. 16

ТДУ 321.7(091):1

МОҲИЯТИ ТАЪРИХӢ, СИЁСӢ ВА ФАЛСАФИИ МАФҲУМИ «ДЕМОКРАТИЯ»

Аҳмадиён Ш.Р.
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон
Ҳакимзода З.М.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Муҳиммият. Масъалаи демократия ҳамчун шакли ташкили ҳокимияти давлатӣ ва усули ҳамкории ҷомеа ва давлат дар таърихи афкори сиёсӣ ва илми сиёсатшиносии муосир мавқеи муҳим дорад. Дар ҷаҳони имруза мо шаклҳои мухталифи суистифода аз демократияро ҳамчун силоҳи муқовимати абрқудратҳо ва технологияи сиёсӣ мушоҳида мекунем. Асосҳои назариявии он ҳанӯз дар давраи қадим гузошта шуда буданд, ки дар он бори аввал шаклҳои идоракунӣ ба низом дароварда шуда, таҳлили муқоисавии онҳо пешниҳод гардид [2, с. 453; 3, с. 344; 10, с. 245]. Барои ҳамин, омӯзиши демократия муносибати комплексиро талаб менамояд, ки ҷанбаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва сотсиологиро муттаҳид месозад.

Мақсади тадқиқот. Мақсад ин таҳлили таҳаввули таърихӣ - сиёсӣ ва фалсафии консепсияи демократия, муайян намудани хусусиятҳои моҳиятии он, таносуби он бо аристократия ва олигархия, инчунин муайян кардани нақши он дар ташаккули давлатдории муосир мебошад. Баррасӣ намудани моҳияти таърихӣ, сиёсӣ ва фалсафии мафҳуми «демократия» асоси мақола ва нуқтаи калидии мақсади гузошташударо ташкил мекунад. Ҳамвора таҳқиқоти мазкур халоеъ ва норасогии донишҳо оиди демократияро барои олимони, коршиносони самти сиёсатшиносӣ ва оммаи васеъ пурра мекунад.

Мавод ва усулҳо. Маводи тадқиқотро осори файласуфони қадим (Афлотун, Арасту), мутафаккирони асрҳои миёна ва давраи нав (Фома Аквинский, Спиноза, Волтер, В. Гумболдт), инчунин консепсияҳои муосири сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки рушди ғояҳои демократия ва ҳуқуқи инсонро инъикос мекунанд, ташкил медиҳанд, ки инҳо таҳлили таърихӣ, равиши системавӣ ва таҳлили мантиқӣ мебошанд.

Муҳокима. Яке аз падидаҳои системаи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷаҳони муосирро ибораи «демократия» дашкил мекунад, ки аз замони Юнони Қадим ҳамчун як навъ сохти сиёсати мустақили идоракунӣ маълум мебошад. Дар замони юнониёни қадим, дар давлатҳо-шаҳрҳои хурд аҳолӣ ҳокимонро таъин ва ё интихоб мекарданд. Ҳудуди сиёсати ин шаҳр ва давлатҳо оҳиста оҳиста ба полисҳо гузашт, ки онҳо дар давраи асрҳои VII-V пеш аз милод гирифтори сохти нав – идоракунии аристократияи қабилавӣ гардиданд [4, с. 564] . Арасту давлатро шакли табиии иттиҳоди инсонҳо дониста, бартарии қонун ва манфиати умумиро таъкид намудааст [3, с. 344; 3, с. 564]. Афлотун табиати адолат ва сохтори давлати идеалиро таҳлил намуда, демократияро бо дигар шаклҳои идора муқоиса кардааст [11, с. 245]. Ин андешаҳо заминаи рушди минбаъдаи назарияи сиёсӣ-ҳуқуқиро фароҳам оварданд. Фаҳмиши муосири демократия бо таҳқиқи низомҳои сиёсӣ ва фарҳангҳои сиёсӣ, инчунин хусусиятҳои минтақавӣ ва равандҳои тағйирёбии онҳо алоқаманд аст [6, с. 221]. Ҷанбаи сотсиологии демократия, аз ҷумла муносибати ҳокимият ва ҷомеа, дар асарҳои Д. Кола баррасӣ шудааст [5, с. 406]. Раванди таърихии ҳамкории халқ ва ҳокимият дар таҳқиқоти дастаҷамъӣ инъикос ёфтааст [6, с. 396], заминаҳои назариявии демократияи муосир бошанд, дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ таҳлил гардидаанд [9, с. 27-30; 10, с. 199].

Маҳз байни ин табақа аз як тараф ва доираҳои тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ ва деҳқонон аз тарафи дигар муборизаи ду лагери идоракунӣ – аристократия ва демократия оғоз гардид. Вобаста ба бартарии ин ё он тараф, ҳокимияти аристократҳо дар Спарта ва ҳокимияти демократия дар Афина пурзур гардид. Тазодҳои шадиди байни ашрофон ва ҷонибдорони демократия ангезаи рушди идеологияи сиёсии давлат гардид. Мавзӯи асосии баҳси онҳоро масъалаи шакли давлатдорӣ ва интихоб байни демократия ва аристократия ташкил медод. Дар Юнони қадим афкори сиёсии ин давра бо номи олимони юнонӣ Арасту [2, с. 453; 3, с. 344,] ва Афлотун [11, с. 245] алоқаманд буд, ки назарияи демократия ва аристократияро таҳия ва такмил медоданд ва бо кушиши онҳо назарияи демократии давлат хеле паҳн шуда буд. Назарияҳои демократия ва аристократия асосан самтҳои зеринро фаро гирифтанд:

- шакли худидоракунии шаҳр-давлатҳо;
- шакли демократияи намояндагӣ ва мустақим;
- роҳҳои интихоби шахсони мансабдор;
- истифодаи васеи озодиҳои шаҳрвандон [6, с. 221].

Талаби асосии назарияи демократия тобеияти хокимияти давлати ба халқ ва ҷамъиятро инъикос менамуд, аммо дар баробари ҳамин демократия дар таҳияи сиёсати он давра бевосита манфиати халқро ба воситаи мансабдорони олӣ дар бар мегирифт. Назарияи демократия дар замони Юнони қадим аксар вақт дар якҷоягӣ бо идеяҳои тобеияти давлат ба қонун инкишоф меёфт. Моҳияти ақидаҳои ҳуқуқии демократия дар он буд, ки шаҳрвандон бояд танҳо аз тарафи қонуни давлат ва на ҳокимон ҷазо дода шаванд [1, с. 453]. Дар назарияи демократия бегонагии сиёсӣ қисман бартараф гардид, зеро давлат ба як қувваи ҷомеа табдил ёфт ва ба қонун итоат мекард. Дар раванди ташаккули идеяи ҳамгироии демократия ва қонун, назарияҳои либералӣ ба миён омаданд, ки проблемаи ҳуқуқи инсонро, новобаста аз давлат ба миён мегузоштанд ва бо ҳамин қайд мекарданд, ки дар иерархияи идоракунӣ халқ ва қонун аз давлат боло меистанд ва ин аломати демократия мебошад [7, с. 406]. Дар он давра халқ системаи кафолатҳоро таҳия кард, ки шохаҳои ҳокимиятро аз ҳам ҷудо мекарданд. Идеяи демократия дар ҷамъият, бештар ба қонун асос ёфта, фармонҳои мансабдоронро бо вазифаҳои мақомотҳои давлатӣ дар зинаи навбатӣ мегузорад [8, с. 396].

Таърихи демократия ва аристократия раванди инкишофи ҷамъият буда, ба қонунҳои давлатдорӣ итоат мекунад. Робитаи ин ду таълимоти сиёсӣ дар даврaҳои гуногун бо таъсири акидаҳои назариявиии идеологҳои сиёсӣ такмил меёфтанд ва барои инкишофи минбаъдаи идеологияи сиёсӣ таҳкурсӣ ва пояи бузургро таъмин намуданд. Ҳамин тавр, дар давраи асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ феодализм ва калисои католикӣ боиси авҷи монархияҳои абсолютизм шуданд ва ин боиси кам гардидани нуфузи демократия ва аристократия гардид. Аммо баъзе муаллифони давраи асрҳои миёна, ки дини насрониро медонистанд, сохти республикавиро бо шакли нави демократия ва аристократия асоснок мекарданд. Онҳо дар мубориза ба муқобили калисои католикӣ баромаданд ва аз нобаробарии феодалӣ гузаштан ба ташкилоти демократии идоракуниро талаб мекарданд. Дар давраи нави инқилобҳои буржуазӣ, идеяи демократияи олимони қадим, ва ходимони Юнони кадим ва Рим ҳамчун намунаи олӣ ёдоварӣ гардид.

Таърихи таълимоти сиёсиии демократия ва ҳуқуқ ба озодӣ бо ивазшавии ақидаҳо ва тавлиди дубораи онҳо дар давраи Эҳё руи кор омад. Таркиби мафҳумҳои назарияи инкишофи давлат ва ҳуқуқ ба он овард, ки дар шароити нави таърихӣ, демократия барои манфиати синфҳо ва гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ зарур гардид.

Дар ин давра демократия дар шакли назарияи хаёлӣ ва утопия, рӯи кор омад. Дар асрҳои XVII-XVIII тарафдорони демократия шартномаи иҷтимоиро дар бораи бунёди ҷомеа ва давлат дар асоси назарияи демократия ба роҳ монданд. Аммо дар ин давра ҳануз феодализм ҳамчун воситаи ифодаи ҳокимияти монархия қувваи калон дошт, ки ин сабаби бо роҳи зурӣ ва инқилоб сарнагун кардани боқимондаи абсолютизм гардид. Ҳар ду ақида – демократия ва аристократия ҳамчун принсипи асосии методологӣ дар ин давра аз сари нав мафҳумҳои васеи назариявӣ шудаанд. Аммо ин раванд ба муқовимати сахти синфҳои ҳукмрон дучор гардид.

Таърихи давраи нави таълимоти сиёсӣ раванди тадриҷан инкишоф додани назарияи давлатро дар шароити муборизаи байни ду ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд овард, ки ҳар яки онҳо барои дар афкори ҷамъиятӣ дастгирӣ ёфтан ва таъсир расонидан ба амалияи сиёсӣ ва рушди ҷомеа кушиш ба харҷ медоданд, ки ин демократия ва либеларизм аз як тараф ва аристократия ва абсолютизм аз тарафи дигар буданд. Ҳамин гуна дар давраи Эҳё ва баъди он идеологияи сиёсӣ ба арсаи ҷанги ин ду тараф ибо ҳам муқобил табдил ёфт.

Идеологияи демократия, мисли ҳама гуна идеология, аз рӯи истилоҳоти гносеологӣ бо ҳақиқати реалӣ дуруст намеояд ва аз ҳамин лиҳоз дар баъзе мавридҳо дар ҷомеашиносӣ таърифи муайянро надорад. Аз ин лиҳоз, меъёри асосии демократия на фақат таҳлили сиёсӣ, балки ифодаи манфиатҳои гурӯҳиро низ тақозо мекунад. Идеяи таърихи таълимоти демократия, ҳамчун таърихи дониш, ки дар пояи илмҳои сиёсатшиносӣ асос ёфтааст, комилан фаҳмиши онро мураккабтар мегардонад.

Инкишофи мафкура оиди демократия боиси афзоиши дониш дар бораи давлат мегардад, аммо назарияи сиёсии худи демократия моро ба дарки он тавассути илмҳои эмпирикӣ равона мекунад, зеро ин падида ниёз ба таснифсозии пурра дорад. Таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки баҳс дар бораи сиёсат аз доираи илм ба доираи санъати сиёсӣ ворид гаштааст, ки суистифода аз демократияро бараъло нишон медиҳад. Дар ин давом ба фаҳмиши демократия доктринаҳо ва ақидаҳои сиёсӣ таъсир расонида, дарки назариявии таҷрибаи ташаккули онро пурра мекунанд.

Яке аз чунин назарияҳо, ин назарияи тақсимоти хокимият ба шохаҳо мебошад, ки инкишофи давлати Англияро дар асри XVII ифода мекард. Ин аломати демократия баъдтар дар конститутсияҳои ШМА, Франция ва дигар мамлакатхои ҷаҳон ҳамчун дастоварди демократия ҷо гирифт.

Доктринаи демократия дар асри XX аз ҳисоби ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки амалияи гузариши инқилобиро аз сохти моликият ба ҷомеаи шаҳрвандӣ умумӣ намуд, бой гардида, дар қонунгузории давлатҳо ва байналхалқӣ таҷассум ёфт. Таҷрибаи сиёсии демократия дар кишварҳои пешрафта, ки асоси онро таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ оиди моликияти шахсӣ ва ҳуқуқҳои шахсӣ ташкил мекунад, роҳҳои нави амалисозии ин равандро ба миён мегузорад.

Пайвастагии воқеии давраҳои таърихи демократия пеш аз ҳама бо аҳамияти рӯзафзуни таълимотҳои сиёсӣ ва ва зарурати дарки илмии демократия асос ёфтааст. Дар муборизаи идеологии ақидаҳои гуногуни сиёсӣ, ки инкишофи афкори сиёсию хукукиро муайян мекунанд, дар ҳамаи давраҳо муқовимати ду самти демократия бо ҳам бархурд мекунад:

- қисме аз қуввaҳои сиёсӣ демократияро роҳи асосии инкишофи прогрессивии ҷамъият медонанд;
- тарафи муқобил бошад, демократияро унсури ноором кардани ҷомеа медонад.

Аммо ин натиҷаи соддаи нигоҳ ба демократия мебошад, зеро истифода ва суистифода аз демократия танҳо аз фарҳанги сиёсии ҷомеа вобастагӣ дорад. Мафкураи сиёсии гуруҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, шахсият ва ҷамъият дар умум мавқеи онҳоро нисбати демократия инъикос мекунад.

Идеяҳо ва назарияҳое, ки демократияи сиёсиро асоснок мекунанд, ба якчанд гуруҳ тақсим мешаванд:

- ҳудуди ҳокимияти давлатӣ;
- тақсими шохаҳои ҳокимият;
- иродаи сиёсии мардум;
- фарҳанги сиёсӣ;
- мавқеи элитаи сиёсӣ [1,98].

Асосноккунии сиёсии демократия на танҳо аз доктринаҳое, ки ҳуқуқи инсонро тарафдорӣ мекунанд вобаста аст, балки бо он доктринаҳое низ алоқаманд аст, ки дар қонун танҳо “тартиби қудрат”-ро мебинанд. Дар мавриде, ки сарватмандони алоҳида дар ҷустуҷӯи қудрат ва тахассуси моликият мансабро ишғол мекунанд, ин шакли олигархии идоракунӣ аст. Дар фарқият аз аристократия, олигархия бештар майл ба дарёфти боигарӣ мебошад, дар ҳоле, ки принсипи асосии аристократия қудрати шаъну шараф асос мебошад. Барои ҳамин аристократия нисбати олигархия ба демократия наздиктар аст, зеро дар давраи олигархиат тафовути байни сарватмандон ва камбағалон бештар мешавад ва ин барои таркиши инқилобии ҷомеа таҳдид мекунад. Агар дар ҷомеаи демократӣ, сафи олигархиат меафзояд, ин боиси табаддулот ва нопойдор гардидани демократия мегардад. Дар натиҷа системаи ҳаёти ҷомеа ноустувор мегардад ва ҷомеа ба нестӣ дучор мешавад.

Камбудии асосии демократия маҳз дар ҳамин аст, ки он одамони шаъну эътибори гуногунро баробар мекунад ва имкониятҳои онҳоро назорат намекунад ва дар натиҷа бойхо бештар бой мешаванд ва камбағалон фақиртар мегарданд. Ҷомеа дар чунин маврид ба дасти олигархия мегузарад. Афлотун ҳануз дар давраи Юнони қадим шакли алоҳидаи давлати мукаммалро ҳамчун омехтаи принсипҳои демократия ва монархия тавсиф мекунад. Ба сарварии ин давлат вай 37 нафар ҳокимонро дохил мекунад, ки тавассути интихоботи бисёрмарҳилавӣ аз тарафи шаҳрвандони мамлакат интихоб карда мешаванд. Мувофиқи демократияи қадим, дар интихобот танҳо шаҳрвандоне иштирок мекунанд, ки дар даст силоҳ доранд ё аллакай дар ҷанг иштирок кардаанд. Синни ҳокимон бошад аз 50 то 70-сола буда, онҳо наметавонанд на бештар аз 20 сол дар сари қудрат бошанд. Ҳокимон дорои ваколатҳои васеъ мебошанд, аммо онҳо ба қонуни давлат итоат мекунанд. Аз байни ҳамин 37 ҳоким «Шӯрои шабона» дар ҳайати 10 ҳокими донишманд таъсис мегардад ва онҳо давлатро идора мекунанд. Идоракунии онҳоро бошад, Шӯрои интихобӣ дар ҳайати 360 нафар вакил дар асоси 90 вакил аз номи ҳар як синф назорат мекунад. Ин системаи юнониён барои давлатҳои минбаъда ва ҳатто имруза намунаи олии тақсимоти ҳокимият ба шохаҳои мустақил гардид. Афлотун демократия ва олигархияро ба гуруҳи манфӣ ва монархия ва аристократиро дар системаи сиёсӣ мусбӣ медонад. Ба андешаи вай монархия бо хукмронии як кас алоқаманд бошад, ҳам аммо манфиати умумиро ифода мекунад. Инро бояд аз тирания фарқ кард, ки ижоракунӣ ба манфиати як касро дар назар дорад.

Демократия аз руи намояндагӣ ба аристократия шабоҳат дорад, зеро дар ин ҷо низ ҳокимияти якчанд нафар аз яккаҳокимиятӣ бартарӣ дорад. Аммо дар фарқият аз демократия намояндагии синфӣ дида намешавад. Фарқияти муҳими ин шаклҳо аз Олигархия дар он аст, ки демократия ва аристократия манфиати халқ ва олигархия манфиати шахсӣ ва корпоративиро пеш мебарад. Дар демократия ҳукмронии бисёртарафӣ бо намояндагӣ аз шаҳрвандони камбизоат, таъмин мешавад, ки барои манфиати худ ғамхорӣ мекунанд.

Арасту омезиши демократия ва олигархияро "маънои тиллоӣ" номидааст, зеро ки зиддиятҳои байни сарватмандон ва камбизоатонро метавонад коста намояд.

Дар умум шакли идеалӣ ин аст, ки ҳар се шакли идоракунӣ ҳамдигарро пурра карда, аристократия дар шакли сенат ва демократия дар шакли маҷлиси халқӣ бо идоракунии монархиявӣ симбиози идоракуниро ташкил медиҳанд. Аммо вай ба ин намуди пайвастшавӣ олигархияро мансуб намедонад. Салоҳияти ҳар се шохаи ҳукумат бояд баробар бошад [2, с. 344].

Бояд гуфт, ки на ҳама олимон демократияро дуруст мешумориданд. Дар масъалаи шаклҳои давлат Томас се шакли дурустро бо монархия, аристократия, ва сиёсат алоқаманд мекунад, ва се шакли нодурустро бо тирания, олигархия ва демократия таҷассум менамояд. Омили асосии дуруст ва нодуруст будани идоракуниро вай дар шакли намояндагӣ мебинад. Давлатҳои дуруст ба қонун ва анъана ва урфу одат, давлатҳои нодуруст бошанд ба абсолютизм ва маҳдудияти такя мекунанд .

Томас унсурҳои монархиявиро дар шакли омехта бо демократия пайваст карда, қудрати олиро ба ҳама шаҳрандон баробар мансуб медонад. Дар аҳди аристократия бошад ба ақидаи вай ақаллияти шаҳрвандон қудрати олиро доро мебошанд. Дар таълимоти Спиноза ба таври қатъӣ ба як шахс тааллуқ доштани қудрати олӣ нодуруст буда, вобастагӣ ба вуҷуд меорад. Волтер бар зидди демократия буда, озодӣ ва баробариро табии номид. Озодӣ ба ақидаи вай озодии шахсӣ буд ва на озодии ҷамъият ва дар ин самт асоси озодро озодии баён ва озодии матбуот ташкил медиҳад.

Волтер инчунин озодии виҷдон ва озодии меҳнатро омили рад кардани вобастагӣ номид. Вобастагӣ танҳо ба қонунҳо мансуб аст. Волтер баробархукукии одамонро бо риоя ва муҳофизат намудани қонун мутобиқ мекунад. Аммо Вольтер тарафдори баробарии моликият набуд. Моликият доштан ё надоштани он, ба гуфтаи Волтер омили ширкат дар масъалаҳои ҷамъиятӣ ва доштани ҳуқуқи овоздиҳӣ ҳисоб мешуд ва онро Макс Вебер ҳамчун субъекти сиёсӣ меномид. В.Гумболт вазифаи давлатро дар шароити демократия ҳамчун хизмат ба ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқҳои халқ муносиб медонад.

Ин чизест, ки дар замони муосир ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба тарафи он равона мебошанд ва Тоҷикистон низ эҳтироми ҳар фард, эҳтироми қонун, фароҳам овардани заминаи фаъолияти ҳар як шахсро барои ҳаёти ором дар зери мафҳуми демократия назар дорад. Шаклҳои демократия ва аломатҳои он дар ҷомеаи муосирро олимони тоҷик бо омилҳои мухталифи сиёсӣ вобаста мекунанд. Давлати ҳуқубунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, интихоби ҳокимият дар сатҳи олӣ, раъйпурсӣ ва дигар аломатҳо аз аломатҳои бевоситаи демократия мебошанд [5, с.265]. Баъзе олимон, таҷзияи ҳокимиятро нишонаи калидии демократия медонанд [13, с.167] ва қисми дигар онро ҳамчун шакли ҳокимияти сиёсӣ мепазиранд [12, с.128]. Ба андешаи мо, таҳлили амиқи демократия ҳануз таҳқиқоти зиёди илмиро тақозо мекунад. Давлати Тоҷикистон дар зинаи аввали татбиқи институтҳои демократия қарор дорад ва таҳлилҳои минбаъдаи олимон ва сиёсатшиносон вобаста ба шароити миллӣ ҷанбаҳои нави ин самтро дарёфт хоҳанд намуд.

Натиҷаи таҳқиқоти мо дар самти омузиши моҳияти таърихӣ, сиёсӣ ва фалсафии мафҳуми «демократия» ҳиссаи муайян ба омузиши ин падида мебошад ва он имконияти ташкили баҳси минбаъдаро дар ин самт фароҳам меорад. Натиҷаи таҳлил нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он самт муҳим аст, ки мо суистифода аз демократияро рад карда, ҷанбаи илмӣ ва таҷрибавии онро ба таври возеҳ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда муҳимияти онро нишон додем. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқро манбаи асосии таъсиси ҳокимияти давлатӣ эълон мекунад ва аз ин бармеояд, ки донишҳои сиёсӣ оиди демократия маҳз барои халқ ва оммаи васеъ зарурати доимӣ доранд. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаи муҳим ва нав дар он аст, ки демократия дар ҳар маврид метавонад аз истилоҳи сиёсӣ ба олоти ташвик ва тарғиб мубаддал ёбад, ки аз он гуруҳҳои манфиатдори хориҷӣ суистифода менамоянд. Ҳамин тавр мо муайян кардем, ки на ҳамаи сару садоҳо, ки тавассути интернет оиди демократия садо медиҳанд, ҳақиқат доранд ва демократияи ҳақиқӣ риояи қонун ва интихобии ҳокимиятро инъикос мекунад.

Хулоса. Ҳамин тавр мавзӯи мазкурро таҳлил намуда, мо ба хулоса омадем, ки сиёсати демократия барои таъмини инкишофи озод ва солимии шаҳрвандон муҳим аст ва инро таълимотҳои мутафаккирон собит мекунанд. Таҷрибаи инкишофи ҷомеаҳои замони гузашта ва имрӯза нишон медиҳад, ки демократия пеш аз ҳама институти намояндагиро дар системаи идоракунӣ ва ҳокимияти сиёсӣ дар назар дорад ва маҳз аз рӯи ҳамин талабот онро баҳо медиҳанд. Аз рӯи ҳамин омилҳо фарқияти демократия ва аристократия аз олигархия ва тирания ҷудо карда мешавад. Муаллифони давраи асрҳои миёна, ва ходимони Юнони қадим ва Рим низ ҳамин хусусияти демократияро ҳамчун намунаи олии шакли давлат медонистанд.

Таҳлили моҳияти таърихӣ, сиёсӣ ва фалсафии мафҳуми «Демократия» нишон медиҳад, ки на ҳама вақт ин тарзи идоракунӣ ва давлатдорӣ характери мусбат дошт ва дар замонҳои пеш низ

ҳокимон аз ҷалби мардум ва омма ба системаи идоракунӣ худдорӣ мекарданд, зеро инро ҳамчун омили вайроншавии низом ва тартиби идоракунӣ медонистанд.

Адабиёт

1. Амонова С. Б. Гражданская власть: ее сущность и особенности : дис. ... канд. полит. наук : 23.00.02 «Политические институты, процессы и технологии» / С. Б. Амонова. – Душанбе, 2021. – 162 с.
2. Аристотель. Этика. Политика. Риторика. Поэтика. Категории / Аристотель. – М., 1998. – Платон. Сочинения / Платон. – М., 1971. – 453 с.
3. Аристотель. Политика / Аристотель. – М. : Мысль, 1983. – Т. 4. – 344 с. – Электрон. версия. – Режим доступа: ЛитРес.
4. Аристотель. Риторика / Аристотель. – М. : Мысль, 1983. – 564 с.
5. Акилова М. Мировая демократия и Таджикистан / М. Акилова // Современные гуманитарные исследования. – 2010. – № 3. – С. 265–268.
6. Воскресенский А. Д. Сравнительный анализ политических систем, политических культур и процессов на Востоке: общие закономерности и специфика их региональной трансформации [Электронный ресурс] / А. Д. Воскресенский. – Режим доступа: ЛитРес (дата обращения: 03.08.2020). – 221 с.
7. Кола Д. Политическая социология / Д. Кола. – М. : Весь Мир : ИНФРА-М, 2001. – 406 с.
8. Народ и власть: взаимодействие в истории и современности : науч. ежегодник факультета права Нижегородского филиала Национального исследовательского университета «Высшая школа экономики» / отв. ред. И. В. Михеева, Ю. В. Сочнев. – Вып. 4. – Нижний Новгород : НИУ ВШЭ, 2017. – 396 с.
9. Азамов Х. С. Об основных положениях складывающейся теории демократии / Х. С. Азамов // Вестник педагогического университета. – 2014. – № 3. – С. 27–30.
10. Политическая наука. Политическая идеология в современном мире : сб. науч. тр. / РАН, ИНИОН, Центр социал. науч.-информ. исслед.; Рос. ассоц. полит. науки ; ред.-сост. О. Ю. Малинова. – М., 2003. – 199 с.
11. Платон. Государство / Платон. – М. : РИПОЛ классик, 2018. – 245 с. – Электрон. версия. – Режим доступа: ЛитРес.
12. Шарифзода А. А. Демократия как форма политической власти / А. А. Шарифзода // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 128–135.
13. Хакимов Ш. К. К вопросу о демократии и разделении властей в Таджикистане / Ш. К. Хакимов // Вестник ТГУПБП. – 2022. – Вып. 2 (91). – С. 167–171.

МОҲИЯТИ ТАЪРИХӢ, СИЁСӢ ВА ФАЛСАФИИ МАФҲУМИ «ДЕМОКРАТИЯ»

Дар мақолаи мазкур масъалаи муҳимияти дониши моҳияти демократия ва фарқияти он аз дигар шаклҳои идоракунӣ ва давлатдорӣ баррасӣ мешавад. Дар мақола муаллифон максад мегузоранд, то ки таносуби демократияро дар системаи идоракунии давлатҳо муайян намоянд. Дар доираи ҳамин мақсад, нақши ин феномен дар системаи давлатӣ таҳлил шуда, афкори олимон доир ба ин раванд баррасӣ мешавад. Муаллифон дар рафти таҳқиқот аз усули таҳлил ва муқоиса истифода намуда, натиҷаи асосии таҳқиқотро ҳамчун шарҳи мухтасари мафҳуми демократия дастрас карданд. Дар мақола муаллифон инчунин сохтори сиёсии ҷомеаро баррасӣ намуда, нақши демократияро дар ин сохтор ба муҳокима мегузоранд. Муаллифон қайд мекунанд, ки проблемаи асосии давлатҳо аз он иборат аст, ки суистифода аз демократия ба манфиати гуруҳҳои алоҳида дар сатҳи ҷаҳонӣ зиёд шуда истодааст. Дар асл ҳокимияти пурзури демократӣ бояд тавонад барои рушди ҳокимият мусоидат намояд ва институтҳои демократияро ҳифз карда тавонад. Муаллифон ба хулоса омаданд, ки дар шароити ҷаҳони глобалӣ суистифода аз демократия барои ҷомеа зарар дорад, зеро он ба сустшавии давлат ва парокандагӣ дар ҷомеа оварда мерасонад. Барои бартараф кардани ин камбудӣ минбаъд мебоист донишҳои ин самтро зиёд намуд.

Калидвожаҳо: мафҳум, демократия, сиёсат, давлат, сохтор, ҳокимият, ҷомеа.

ИСТОРИЧЕСКОЕ, ПОЛИТИЧЕСКОЕ И ФИЛОСОФСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ТЕРМИНА «ДЕМОКРАТИИ»

В данной статье рассматривается вопрос актуальности знания сущности демократии и её отличия от других форм управления и государственности. Авторами ставится цель исследование соотношение демократии в системе государственного управления стран. В рамках поставленной цели, определено

значение этого феномена в системе управления государства и рассматриваются взгляды учёных по данной проблематике. В ходе исследования вопроса, авторы использовали методы анализа и сравнения, чем достигли результата краткого изложения термина демократии. Авторы уделяет внимание политическому устройству общества и указывают на роль демократии в этом устройстве. Вместе авторами отмечено, что основная проблема стран состоит в том, что злоупотребления принципами демократии на мировом уровне заметно увеличивается. На самом деле сильная демократическая власть должна способствовать устойчивому развитию государства и защиты демократических институтов. Авторы пришли к выводу, что в условиях глобализации злоупотребление демократией наносит ущерб обществу, поскольку может привести к ослаблению государства и социальной дезинтеграции. Для исправления этого недостатка необходимо в дальнейшем расширить знания в этой области.

Ключевые слова: термин, демократия, политика, государства, структура, власть, общества.

HISTORICAL, POLITICAL, AND PHILOSOPHICAL SIGNIFICANCE OF THE TERM «DEMOCRACY»

Annotation. This article examines the essence of actuality of knowledge of democracy and its distinction from other forms of governance and statehood. It also explores the role and position of democracy within the system of public administration. The paper analyzes the main factors underlying this phenomenon in the state system and reviews scholarly perspectives on the issue. In the research was used methods of analyses and comparative after that authors could reach results of reseach in form of short clear explanation emerged from the topic. The author pays particular attention to political democracy in society, discusses its role in public life, and highlights the positive aspects of its implementation within the political system. At the same time, it is noted that contemporary proponents of democratic ideas often implement their political agendas under the slogans of democracy, which constitutes one of the key problems of abusing the principles of democracy and tolerance. It is emphasized that a strong democratic authority can contribute to the sustainable development of the state, provided that democratic institutions are preserved and protected. In conclusion authors note that in the context of globalization, the misuse of democracy may harm society, as it can lead to the weakening of the state and social disintegration. In order to correct this in future necessary improve knowledge in this trend.

Keywords: term, democracy, politicy, state, structure, government structure, power, society.

Дар бораи муаллифон

Аҳмадиён Шодмон Рачаб
Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон”,
E-mail: ahmedovshr@mail.ru

Ҳакимзода Зуҳро Маҳмадсаид
Унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ
МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара”
E-mail: hakimzodazuhro@gmail.com

Об авторах

Ахмадиён Шодмон Раджаб
кандидат политических наук, доцент кафедры общественных наук
Государственное образовательное учреждение «Хатлонский государственный медицинский университет»
E-mail: ahmedovshr@mail.ru

Хакимзода Зухро Махмадсаид
соискатель кафедры политологии и государственного управления
Государственное образовательное учреждение «Дангаринский государственный университет»
E-mail: hakimzodazuhro@gmail.com

About the Authors

Ahmadiyon Shodmon Rajab
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Department of Social Sciences,
Khatlon State Medical University
E-mail: ahmedovshr@mail.ru

Hakimzoda Zuhro Mahmadsaid
Degree Applicant, Department of Political Science and Public Administration,
Danghara State University
E-mail: hakimzodazuhro@gmail.com

ТДУ 327

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

Муродова Г.Р.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Дар марҳалаи муосири таҳаввулоти таърихӣ, ки бо равандҳои амиқи ҷаҳонишавӣ ва тағйироти куллии сохтори геополитикӣ тавсиф мешавад, зарурати сиёсати хориҷии фаъол ва илман асосёфта ҳамчун омили стратегии бақои давлат ва ҳифзи соҳибихтиёрии он зуҳур мекунад. Ҷаҳонишавӣ боиси ташаккули низоми ягонаи иқтисодию иҷтимоӣ гардидааст, ки дар он инзивои сиёсӣ ба таназзули иқтидори миллии кишварҳо оварда мерасонад. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷӣ дар шароити муосир на танҳо вазифаи намояндагиро иҷро мекунад, балки ҳамчун абзори калидӣ ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дастрасӣ ба захираҳои стратегии ҷаҳонӣ хизмат менамояд. Гузариш ба низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ ва пайдоиши марказҳои нави қудрат тақозо мекунад, ки давлатҳо стратегияи бисёрсамтаро пеша намуда, дар раванди тақсимоти меҳнати байналмилалӣ ва ташаккули меъёрҳои нави ҳуқуқи байналмилалӣ иштироки фаъолона дошта бошанд.

Илова бар ин, чолишҳои глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, таҳдидҳои кибернетикӣ ва бӯҳронҳои молиявии фаромиллӣ, вобастагии мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои байналмилалиро зиёд намуда, танҳо тавассути дипломатияи бисёрҷониба ва ҳамкориҳои созандаи байнидавлатӣ имкони ҳалли худро меёбанд. Сиёсати хориҷӣ дар ин замина ҳамчун механизми танзимкунандаи манфиатҳои миллӣ дар муқобили фишорҳои беруна ва воситаи мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳои босуръати геополитикӣ баромад мекунад. Таҳлили илмии вазъияти мавҷуда нишон медиҳад, ки муваффақияти рушди дохилии ҳар як кишвар мустақиман аз маҳорати он дар роҳандозии муколамаи байналмилалӣ ва истифодаи имкониятҳои низоми нави ҷаҳонӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷӣ дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ нақши муайянкунандаи самтҳои стратегии давлатдориро бозида, кафолати эътирофи кишвар ҳамчун субъекти комилҳуқуқ ва таъсиргузор дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. [4, с. 19, 23]

Мавод ва усулҳо. Хусусияти бисёрҷанба ва моҳияти мураккаби мавзуи таҳқиқот зарурати корбурди заминаи гуногунҷабҳаи равишшинохтиро тақозо намуд. Ҳангоми таҳияи мақолаи мазкур маҷмӯи методҳои умумиилмӣ ва махсус, аз ҷумла равиши низомманд, таҳлили муқоисавӣ-назариявӣ ва усули таърихӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, бо мақсади муайян намудани стратегияҳои давлатӣ ва марҳилаҳои таҳияи самти сиёсӣ методҳои пешгӯӣ ва моделсозии таҳлилӣ ба кор гирифта шуданд, ки эътимоднокии хулосаҳои илмии таҳқиқотро таъмин намуданд.

Тасаввуротҳо дар бораи моҳият ва таъйиноти сиёсати хориҷии давлатҳо ва нақши он дар низоми идораи давлатӣ, бо вуҷуди гуногуншаклии муайян, комилан ташаккул ёфтаанд. Дар баробари ин, баъзе хусусиятҳои сиёсати хориҷӣ, ки дар адабиёти сиёсатшиносӣ зикр мешаванд, ба ақидаи мо, на он қадар дақиқ буда, ба бозбинии иловагӣ ниёз доранд. Ба сифати мисол баъзе вариантҳои таърифҳои сиёсати хориҷӣ ва тафсири дахлдори хусусиятҳои онро дида мебароем.

Масалан, чунин мулоҳиза пешниҳод мегардад: «Сиёсати хориҷӣ ҳамчун навъи сиёсате фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои мутақобилаи байни давлатҳо ва халқҳоро танзим менамояд. Ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ манфиатҳои миллиро инъикос мекунанд. Давлат бо амалӣ намудани онҳо фаъолияти сиёсати хориҷиро ба роҳ мемонад». [5, с. 669] Ин дидгоҳ асосан моҳияти масъаларо инъикос мекунад. Воқеан ҳам, сиёсати хориҷии давлатҳо ин навъи махсуси сиёсат мебошад, ки аз манфиатҳои миллӣ бармеояд ва барои роҳнамоии фаъолияти як давлат дар муносибат бо дигар давлатҳо ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани шароити берунии ҳаёти халқи худ пешбинӣ шудааст.

Боз як мисоли дигар: «Сиёсати хориҷӣ ин фаъолияти давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки муносибатҳои онҳоро бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ танзим менамояд». [15, с. 142] Ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки сиёсати хориҷии давлатҳо дар ин ҷо низ ба фаъолияти худи давлатҳо такя мекунад, ки он, дар навбати худ, нисбат ба ин сиёсат иҷроия буда, амалишавии онро ифода менамояд. Дар асл, фаъолияти давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии онҳо падидаҳои айниятдошта нестанд.

Сиёсати хориҷии давлатҳо ин натиҷаи фаъолияти сиёсати хориҷии муассисаҳои олии онҳо, инчунин навъи махсуси таъсири сиёсӣ дар низоми идораи давлатӣ мебошад, ки аз муайян кардани самтҳои фаъолияти иҷроияи давлатҳо дар муносибат бо дигар давлатҳо иборат аст. Ин чунин маъно дорад, ки сиёсати хориҷии давлатҳо як навъи функсияи пешбаранда дар низоми

давлат буда, фаъолияти иҷроияи давлатро ба давлатҳои дигар равона мекунад. Бинобар ин, сиёсати хориҷии давлатҳоро наметавон танҳо бо фаъолияти онҳо дар арсаи байналмилалӣ маҳдуд кард, ҳамон тавре ки наметавон фаъолияти иҷроияи давлатҳоро бо фаъолияти муассисаҳои олии онҳо айният дод. [1, с. 25]

Боз як таърифи сиёсати хориҷӣ сазовори таваҷҷӯҳ аст: «Сиёсати хориҷии давлат – маҷмӯи амалҳои давлат ва ниҳодҳои он берун аз ҳудуди соҳибихтиёри худ барои амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ мебошад. Чунин ақида қабул шудааст, ки сиёсати хориҷӣ таҷассуми амалии ҳадафҳо ва манфиатҳои кишвар аз ҷониби идораи махсуси сиёсати хориҷӣ дар муносибат бо дигар субъектҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра мебошад». [14, с. 560]

Маълум аст, ки сиёсати хориҷӣ дар ин ҷо низ ба амалҳои худи давлат иртибот дода шуда, ҳамчун «татбиқи амалии» ҳадафу манфиатҳои дахлдори кишвар баррасӣ мегардад. Моҳиятан, дар ин раванд байни сиёсати хориҷии давлат, ки аз ҷониби ниҳодҳои олии он таҳия мешавад ва фаъолияти иҷроияи давлат, ки ба амалисозии ин сиёсат нигаронида шудааст, айниятсозӣ ба амал меояд.

Ба тафсири моҳияти сиёсати хориҷӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама, бо назардошти дарки моҳияти сиёсат дар маҷмӯъ ва сониян, аз мавқеи таъйиноти он, бо баррасии сиёсати хориҷӣ ҳамчун навъи махсуси таъсири сиёсӣ ва ҳамчун падидаи хоси функсияи пешбар дар низоми идоракунии давлатӣ муносибат кард. Сиёсати хориҷии давлат, ба монанди ҳар гуна сиёсат, дар асли худ падидаи идоракунӣ мебошад, ки аз қарорҳои роҳбарикунандаи муайянкунандаи самтҳои фаъолияти ин давлат иборат аст. Вале бар хилофи сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷии давлат барои муқаррар намудани самтҳои фаъолияти ниҳодҳои иҷроияи он дар муносибат бо давлатҳои дигар пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, моҳияти сиёсати мазкурро метавон чунин тавсиф кард: сиёсати хориҷии давлат як навъи таъсири сиёсӣ мебошад, ки тавассути қарорҳои роҳбарикунандаи муайянкунандаи самтҳои фаъолияти иҷроияи давлат дар муносибат бо давлатҳои дигар ифода меёбад.

Ҳамчун як навъи махсуси таъсири сиёсӣ, сиёсати хориҷии давлатҳо тақозо менамояд, ки дар раванди ташаккули он шароитҳои марбутаи фаъолияти давлатӣ, ки ба давлатҳои дигар нигаронида шудаанд, ба назар гирифта шаванд. Ба ибораи дигар, қабули қарорҳои роҳбарикунанда , ки муҳтавои равандҳои сиёсати хориҷиро ташкил медиҳад, дорои як қатор хусусиятҳоест, ки фаҳмиши онҳо ба амиқтар шудани тасаввурот дар бораи сиёсати хориҷӣ мусоидат мекунад. [1, с. 25]

Ақидаи умумӣ чунин аст, ки сиёсати хориҷии давлат идомаи сиёсати дохилии он дониста мешавад. Вале назарияи сотсиологи лаҳистонитабори австриягӣ Л. Гумплович акси онро собит менамояд: маҳз сиёсати хориҷӣ сиёсати дохилиро муайян мекунад. Мутобиқи назарияи ӯ, се категория мавҷуд аст, ки дар доираи онҳо сиёсати хориҷӣ амалӣ мегардад.

Аввал, сиёсати дохилӣ бояд ба татбиқи тақвияти иқтидори низомӣ ноил гардад, ки тавассути он давлат амнияти худро таъмин менамояд. Категорияи дуюм ҳамкории наздимарзӣ ё ихтилофҳо вобаста ба хати марз дар байни давлатҳои ҳамсоя мебошад. Дар ниҳоят, категорияи сеюм - «муаммои амният», яъне давлат бояд барои нигоҳ доштани тавозуни қувваҳо аз тақвияти низомии давлати ҳамсоя пешгирӣ кунад. [6, с. 59]

Аз нигоҳи мавқеи геополитикии давлат ва иқтидори захиравии он, сиёсати хориҷиро нисбат ба сиёсати дохилӣ воқеан ба навъи бештар консервативӣ мансуб донистан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, дуруст хоҳад буд агар асоснок намоем, ки бартарии воқеии сиёсати дохилӣ ё хориҷӣ дар ҳар як ҳолат аз мушаххасоти объективию таърихӣ вобаста аст. Асоси ҳамоҳангии байни сиёсати дохилӣ ва хориҷиро «раванди сиёсати хориҷӣ» ташкил медиҳад, ки муҳтаво ва сохтори он мавзӯи махсуси мубоҳисаҳои илмӣ мебошанд. Ҳамзамон, тибқи назария ва амалияи муносибатҳои байналмилалӣ, амалҳои мухталифи давлат дар арсаи байналмилалӣ аксаран дар тафсири мафҳумҳо тафовут доранд.

Ҳамин тариқ, барои мутахассисони ғарбӣ истифодаи истилоҳи «рафтори давлат» (conduct) хос аст. Муҳаққиқи рус Н.А. Косолапов бар он ақида аст, ки ин истилоҳ хеле норавшан буда, барои ташаккули хулосаҳо дар бораи мавҷудияти ҳадафҳои марбута дар ҳар як давлат дар асоси «таҳлили зеҳнӣ» нигаронида шудааст, дар ҳоле ки барои арзёбии оқилонаи фаъолияти давлат зарур аст баррасӣ карда шавад, ки оё онҳо натиҷаи мухолифат дар байни ниҳодҳои алоҳида, тасодуф ё қадами барқасдона мебошанд. [8, с. 59]

Дар навбати худ, муҳаққиқ ва сиёсатшиноси рус М.М. Лебедева қайд мекунад, ки имрӯз дар пажӯҳишҳои муосири назарияи сиёсати хориҷӣ чор анъанаи асосӣ ташаккул ёфтаанд. Вай бар он аст, ки ҳамчун як фанни мустақили илмӣ «сиёсати хориҷӣ» таҳқиқи амиқтарро талаб мекунад, зеро бисёр пажӯҳишҳо, аз ҷумла, ба ҷанбаҳои муносибатҳои байналмилалӣ ба монанди амният, низомҳои сиёсӣ, мубориза барои захираҳои энергетикӣ ва ғайра тамаркуз кардаанд. [10, с. 32-34]

Ҳамин тариқ, «сиёсати хориҷӣ» асосан аз мавқеи мактаби «реализми сиёсӣ» ва дидгоҳҳои он ба табиати муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ мешавад.

Мушкилоти иртибот ва таъсири мутақобилаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ яке аз мураккабтарин масъалаҳое мебошад, ки мавзуи баҳсҳои шадид миёни ҷараёнҳои мухталифи назариявии илми сиёсии байналмилалӣ суннатгароӣ, идеализми сиёсӣ, марксизм ва навъҳои муосири онҳо, аз қабили неореализм ва неомарксизм, назарияҳои вобастагӣ ва вобастагии мутақобила, структурализм ва транснатсионализм қарор гирифтааст ва идома дорад. Ҳар кадоме аз ин ҷараёнҳо дар тафсири мушкилоти мавриди назар аз тасаввуроти хоси худ дар бораи сарчашмаҳо ва қувваҳои пешбарандаи сиёсат бармеоянд.

Сиёсати хориҷӣ ин самти умумии давлат дар корҳои байналмилалӣ мебошад. Тавассути сиёсати хориҷӣ давлатҳо муносибатҳои худро мувофиқи принсипҳо ва ҳадафҳои худ танзим менамоянд. Ҳанӯз Н. Макиавелли иртиботи мутақобилаи сиёсати хориҷӣ ва дохилиро зикр карда буд. Назарияҳои зиёди сиёсати хориҷӣ мавҷуданд, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои асосӣ, моҳият ва функсияҳои онро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Аммо назарияи умумӣ низ вуҷуд дорад, ки дар заминаи он воситаҳо ва усулҳои самараноки ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ таҳия карда мешаванд. Ноил шудан ба ҳадафҳо дар сиёсати хориҷӣ тавассути таҳияи амалҳои мушаххас дар арсаи байналмилалӣ таъмин карда мешавад.

Якчанд марҳилаи таҳияи самти сиёсати хориҷии давлатро метавон ҷудо кард:

Тартиб додани пешгӯии рушди эҳтимолии муносибатҳои байналмилалӣ дар маҷмӯъ ё аз рӯи минтақаҳо бо назардошти таъсири мутақобилаи кишварҳо ва халқҳои мушаххас. Тартиб додани пешгӯӣ кори заҳматталаб аст, аммо он имкон медиҳад, ки оқибатҳои эҳтимолӣ ва андозаи захираҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои сиёсати хориҷӣ муайян карда шаванд.

Муайян кардани андозаи захираҳо ва воситаҳое, ки барои ҳалли вазифаҳои гузошташудаи сиёсати хориҷӣ заруранд.

Ҷудо кардани афзалиятҳо дар сиёсати давлат дар самтҳои гуногун, дар асоси мақсаднокии иқтисодӣ ва сиёсӣ.

Таҳияи барномаи маҷмӯии чорабиниҳои сиёсати хориҷӣ, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ карда мешавад. [16, с. 320-321]

Дар низоми илмҳои сиёсии муосир тафовути мафҳумҳои «сиёсати хориҷӣ», «сиёсати байналмилалӣ» ва «муносибатҳои байналхалқӣ» бо мақсади дарки дурусти равандҳои ҷаҳонӣ аҳамияти калидӣ дорад. Сарфи назар аз алоқамандии зич, ҳар кадоме аз ин истилоҳот ҷабҳаҳои мухталифи воқеияти сиёсиро инъикос менамоянд.

Муносибатҳои байналхалқӣ мафҳуми фарогиртар ва байнисоҳавӣ мебошад. Он маҷмӯи алоқаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ, фарҳангию маданӣ, гуманитарӣ, экологӣ ва монанди инҳо буда, муносибатҳои мутақобилаеро дар бар мегиранд, ки онҳо дар байни субъектҳои мухталифи ҷомеаи ҷаҳонӣ сурат гирифта истодаанд. Ҳамчунин, муносибатҳои байналхалқӣ аз маҷмӯи алоқаҳои ҳамгироие иборатанд, ки он дар байни давлатҳо, ҳизбҳо, фардҳои алоҳида ва созмонҳои мухталиф ба амал омада, метавонанд ҷиҳати ба вуҷуд овардани сиёсати байналхалқӣ фазои мусоид фароҳам оваранд. Субъекти марказии низоми муносибатҳои байналхалқӣ давлат мебошад. [12, с. 358]

Муносибатҳои байналмилалӣ бо як қатор хусусиятҳое тавсиф мешаванд, ки онҳоро аз дигар намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунанд:

Хусусияти стихиявии раванди сиёсии байналмилалӣ. Ин ҳолат бо мавҷудияти тамоюлҳо ва ақидаҳои сершумор дар арсаи ҷаҳонӣ вобаста аст, ки аз теъдоди зиёди субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ бармеоянд.

Афзоиши аҳамияти омили субъективӣ. Ин вазъият ба болоравии нақши пешвоёни барҷастаи сиёсӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад.

Фарогирии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа. Ин раванд тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҷомеаро дар бар гирифта, субъектҳои гуногуни сиёсатро ба худ ҷалб менамояд.

Набудани маркази воҳиди ҳокимият. Дар низоми байналмилалӣ маркази ягонаи ҳокимият мавҷуд нест ва марказҳои сершумори баробарҳуқуқ ва соҳибихтиёри қабули қарорҳои сиёсӣ амал мекунанд.

Хусусияти дуюминдараҷаи қонунҳо ва авлавияти созишномаҳои байнидавлатӣ. Дар ин низом созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ нақши калидиро мебозанд.

Набудани маркази ягонаи қонунии маҷбурсозӣ. Сарчашмаи воҳиди ҳокимият ё маркази ягонаи қонунии маҷбуркунӣ, ки барои ҳамаи иштирокчиёни раванди ҷаҳонӣ эътибори бебаҳс дошта бошад, мавҷуд нест. [3, с. 243-244]

Сиёсати байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи хоси равобити байналмилалӣ ба муносибатҳои сиёсӣ ва мубориза барои қудрат нигаронида шудааст. Ин мафҳум бештар ба равандҳои тасмимгирии коллективӣ ва бархурди манфиатҳои сиёсии субъектҳои муқтадир дар низоми ҷаҳонӣ дахл дорад. Сиёсати байналмилалӣ масъалаҳои амният, низоъҳо ва дипломатияи бисёрҷонибаро дар маркази таҳқиқ мегузорад ва зуҳуроти сиёсии равобити байналмилалиро фаро мегирад.

Сиёсати байналмилалӣ дар заминаи васеи муносибатҳои ҳамаҷонибаи байни одамон, ҷомеа ва давлатҳо ба вуҷуд омада, рушд меёбад. Инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ҳамеша бо дигар одамон, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои онҳо: аввал бо онҳое, ки дар наздикии бевосита қарор доштанд ва бо мурури васеъ шудани муҳити зист ва азхудкунии фазоҳои нав – бо афроди дуртар, дар таъсири мутақобила буд. Бо ташкили давлатҳо ва пайдоиши сарҳадҳо миёни онҳо, ин таъсири мутақобила шакли муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалиро гирифт, ки аз як тараф, имкон дод, ки байни кишварҳо ва халқҳо мубодилаи дастовардҳо сурат гирад, онҳо ба хидмати тамоми башарият гузошта шаванд ва кӯшишҳо барои ҳалли мушкилоти умумиинсонӣ муттаҳид карда шаванд. Аз тарафи дигар, муносибатҳои байналмилалӣ ҳамеша хусусияти зиддиятнок доштанд: иштирокчиёни онҳо дар ҳифзи манфиатҳои худ, аз ҷумла аз ҳисоби шарикон, бо ҳам рақобат мекарданд. [2, с. 139-140]

Сиёсати хориҷӣ с тратегия ва фаъолияти мақсадноки як давлати муайянро дар арсаи беруна ифода мекунад. Он воситаи амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ буда, бевосита бо сиёсати дохилии кишвар алоқаманд аст. Агар равобити байналмилалӣ муҳити умумиро тасвир кунад, сиёсати хориҷӣ хатти ҳаракати инфиродии давлатро дар ин муҳит муайян менамояд ва ҳамчун «намуна» барои амалҳои дипломатӣ хизмат мекунад.

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти сиёсии кишварҳо дар низоми байналмилалӣ ба шумор меравад ва бақою ҳаёти як кишвар ба он вобастагӣ дорад ва тасмимоту ҷиҳатгириҳои кишварҳо дар заминаи сиёсати хориҷӣ мустақиман бо зиндагии мардум, беҳбудӣ ва амнияти онҳо сару кор дорад. Ба назари бисёре аз коршиносон ва сиёсатмадорони ҷаҳон, манфиатҳои миллӣ чароғи роҳнамои кишварҳо ва давлатҳо дар раванди ҳаракати онҳо дар масири пешрафту тараққӣ аст. Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилӣ мебошад, ки ба кишварҳои дигар нигаронида шудааст. Сиёсати хориҷӣ, монанди сиёсати дохилӣ, бо низоми иқтисодии ҳоким, сохти ҷамъиятию сиёсии давлат робитаи маҳкам дорад ва ифодакунандаи он дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ҳадафи асосии сиёсати хориҷӣ таъмини шароити матлубу мусоиди ба ҳақиқат пайвастани манфиатҳои кишвар, таъмини амнияти миллӣ, осудаҳолии мардум, ҷилавгирӣ аз вазъиятҳои буҳронӣ мебошад. [17, с. 52]

Ҳамин тариқ, фарқияти асосӣ дар миқёси фарогирӣ зоҳир мешавад: сиёсати хориҷӣ ба «худ» (давлати инфиродӣ), сиёсати байналмилалӣ ба «қудрат ва низоми сиёсӣ» ва равобити байналмилалӣ ба «маҷмӯи пурраи ҳамкориҳо» (иқтисодӣ, фарҳангӣ ва техникӣ) тамаркуз мекунанд. Ин се падида дар маҷмӯъ низоми муосири ҷаҳониро ташаккул дода, заминаи таҳлили илмии онро фароҳам меоранд.

Муҳимтарин функсияҳои берунии давлат, ки фаъолияти онро дар самтҳои мушаххас муайян мекунанд, иборатанд аз:

- кафолати сулҳ ва нигоҳ доштани назми ҷаҳонӣ;
- амнияти давлат (ҳифзи соҳибихтиёрӣ, ҳудуд, ҳалли дигар масъалаҳо дар таъмини амнияти миллӣ);
- ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ;
- ҳамкорӣ дар ҳалли чолишҳо ва таҳдидҳои глобалии муосир бо давлатҳои дигар. [7, с. 48-54]

Бо дарназардошти омилҳои баррасишуда ва таҳаввули равандҳои байналмилалӣ, ҳамчун ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлат инҳоро номидан мумкин аст:

- баланд бардоштани сатҳи моддӣ ва маънавии зиндагии аҳолӣ;
- афзун намудани иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии давлат;
- таъмини амнияти давлат, соҳибихтиёрии миллӣ ва тамомияти арзии он;
- роҳ надодан ба дахолат ба корҳои дохилӣ аз берун;
- баланд бардоштани нуфуз ва нақши давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ;
- ҳифзи мавқеъҳои муайяни сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳони беруна.

Ҳамаи ҳадафҳои номбаршуда бо ҳам зич алоқаманданд. Татбиқи бомуваффақияти ҳар кадоме аз онҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои дигар мусоидат мекунад. [9, с. 217]

Аз нигоҳи таърихӣ рафтори сиёсати хориҷии давлат ба шарофати барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳои мухталиф муайян карда мешавад.

Дар ин замина, ба таври анъанавӣ барои раванди сиёсати хориҷӣ хос аст:

барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳо
кушодани намояндагиҳои давлат дар назди созмонҳои байналмилалӣ ё узвият дар онҳо
муколама ва ҳамкорӣ бо ҷунбишҳо, иттиҳодияҳо ва муассисаҳои ҷамъиятии хориҷии дӯст.

Имкониятҳои судманд барои пешбурди курси муваффақи сиёсати хориҷӣ ва мавҷудияти системаи васеи робитаҳои ҷанбаҳои мухталиф дар сиёсати хориҷӣ ба давлат имкон медиҳанд, ки фишангҳои зиёди таъсиррасониро ба кишварҳои дигар истифода барад. 1 Аммо дар сурати риоя накардани мувозинати қуввахо метавонад таҳдиди воқеӣ ба соҳибихтиёрии чунин давлат пайдо шавад. Чунин номутавозинӣ метавонад ба рушди мавқеъ ва ҳамкории давлат дар арсаи ҷаҳонӣ таъсир расонад.

Дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ, муайян кардани субъектҳо ва воситаҳои амалисозии сиёсати хориҷӣ барои дарки стратегияҳои давлатсозӣ аҳамияти бунёдӣ дорад. Субъекти асосӣ ва марказии пешбурди ин сиёсат давлат ба шумор меравад, ки вазифаҳои худро тавассути ниҳодҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд. Дар ин низом, Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун маркази ҳамоҳангсоз ва «меҳвари»-и фаъолияти берунаи давлат баромад карда, татбиқи амалии самти сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар хориҷа таъмин месозад.

Ҳамин тариқ, чуноне ки Г.А. Круглова зикр менамояд, субъектҳои асосии сиёсати хориҷӣ инҳо ба шумор мераванд:

Давлат, ниҳодҳои он, инчунин пешвоёни сиёсӣ ва сарони давлатҳо. Ба давлат нақши муайянкунанда дар ташаккули самти сиёсати хориҷӣ мансуб аст.

Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ба истилоҳ «дипломатияи мардумӣ», ки фаъолияти ҳам ҳизбу ҷунбишҳои сиёсӣ ва ҳам иттиҳодияву иттифоқҳои ғайрисиёсиро фаро мегирад. [9, с. 216]

Муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз объективӣ ва воқеӣ инъикос ёфтани манфиатҳои муҳими ҷамъиятӣ, инчунин аз воситаву усулҳои ба таври муносиб таҳияшудаи татбиқи ин манфиатҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вобаста аст.

Моҳияти сиёсати хориҷӣ тавассути ҳадафҳое, ки он дар назди худ мегузорад ва воситаҳои расидан ба онҳо муайян карда мешавад, ки ин аз бисёр ҳолатҳо вобастагӣ дорад:

- ✓ сохти иҷтимоию сиёсии давлат;
- ✓ шакли идоракунӣ;
- ✓ низоми сиёсӣ;
- ✓ сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ;
- ✓ иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ ва блокҳои ҳарбию сиёсӣ;
- ✓ таҳаввули сиёсии давлат;
- ✓ сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва ғайра. [9, с. 216-217]

Воситаҳои амалисозии сиёсати хориҷӣ ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд, ки дар байни онҳо дипломатия ҷойи марказиро ишғол мекунад. Ди--+пломатия ҳамчун санъати пешбурди музокирот имкон медиҳад, ки ҳадафҳои стратегӣ бидуни низоъҳои мустақим ба даст оварда шаванд. Дар баробари ин, воситаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла созишномаҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ, ба яке аз фишангҳои пурқудрати нуфуз дар муносибатҳои байнидавлатӣ табдил ёфтаанд. [11, с. 7] Истифодаи «неруи дурушт», ки иқтидори ҳарбӣ ва чораҳои амниятиро дар бар мегирад, барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳо василаи зарурӣ боқӣ мемонад.

Бояд таъкид кард, ки дар асри XXI нақши «неруи нарм» ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин восита истифодаи имкониятҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва дипломатияи ҷамъиятиро ҷиҳати ташаккули имиҷи мусбати кишвар ва ҷалби сайёҳон пешбинӣ мекунад. Консепсияи сиёсати хориҷӣ ҳамчун санади асосии сиёсӣ заминаи ҳуқуқии ин фаъолиятро фароҳам оварда, афзалиятҳои миллӣ ва принсипҳои баробарҳуқуқиро дар робита бо ҷомеаи ҷаҳонӣ танзим менамояд. [13, с. 130] Самаранокии сиёсати хориҷӣ дар маҷмӯъ аз ҳамоҳангии зичи субъектҳои давлатӣ ва истифодаи мутавозини воситаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ вобаста аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва қиёсии масъалаи мавриди назар имкон медиҳанд, ки хулосаҳои илмии зерин манзур гарданд:

Алоқамандии мутақобилаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Муайян карда шуд, ки дар низоми муосири бисёрқутбӣ сиёсати хориҷӣ на танҳо функсияи намояндагии давлатро иҷро мекунад, балки ҳамчун абзори стратегии таъмини амнияти миллӣ ва бақои организми давлатӣ баромад менамояд. Исбот гардид, ки сиёсати хориҷӣ идомаи мантиқии сохти иҷтимоию иқтисодии сиёсати дохилӣ буда, муваффақияти рушди кишвар аз маҳорати мутобиқ намудани манфиатҳои миллӣ ба дигаргуниҳои босуръати геополитикӣ вобастагии мустақим дорад.

Таснифоти методологии категорияҳои ҳамкории байналмилалӣ. Таҳқиқот зарурати тафовути қатъии мафҳумҳои асосиро собит намуд: «муносибатҳои байналмилалӣ» ҳамчун

низоми фарогири тамоми робитаҳои фаромарзӣ (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ); «сиёсати байналмилалӣ» ҳамчун соҳаи мубориза барои қудрат ва нуфуз; ва «сиёсати хориҷӣ» ҳамчун стратегияи инфиродии давлат. Ин таснифот имкон медиҳад, ки рафтори субъектҳои сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври низомманд таҳлил ва арзёбӣ карда шавад.

Таҳаввули сохтори субъективӣ ва абзорҳои татбиқи сиёсат. Муайян гардид, ки сарфи назар аз афзоиши нақши ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва «дипломатияи мардумӣ», давлат ҳамчун субъекти марказии сиёсати хориҷӣ боқӣ монда, Вазорати корҳои хориҷӣ меҳвари ҳамоҳангсози ин раванд ба шумор меравад. Самаранокии сиёсати хориҷӣ дар асри XXI аз истифодаи мутавозини «неруи дурушт» ва «неруи нарм», инчунин риояи марҳилаҳои илмии таҳияи самт, аз пешгӯии стратегӣ ва аудити захираҳо то муайян кардани афзалиятҳои воқеӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавии муосир ва гузариш ба низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷии давлат танҳо ҳамчун воситаи намояндагӣ дар арсаи ҷаҳонӣ маҳдуд нашуда, ба омили ниҳоят муҳими таъмини соҳибихтиёрии миллӣ ва бақои организми давлатӣ табдил меёбад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сиёсати хориҷӣ шакли махсуси идоракунии сиёсӣ буда, ба танзими муносибатҳо бо субъектҳои беруна ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди ҳаёти миллат равона шудааст.

Сохтори субъективии сиёсати хориҷӣ дар асри XXI бо ҳифзи нақши марказии давлат ва ҳамзамон афзоиши нуфузи «дипломатияи мардумӣ» ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ тавсиф мешавад. Маркази асосии ҳамоҳангсоз Вазорати корҳои хориҷӣ боқӣ мемонад, ки татбиқи курси сиёсиро тавассути абзорҳои гуногунҷабҳа таъмин мекунад. Агар дипломатияи суннатӣ ва «неруи дурушт» (иқтидори ҳарбӣ) кафолати амният бошанд, пас «неруи нарм» (захираҳои иттилоотӣ ва фарҳангӣ) ба омили ҳалкунандаи ташаккули имиҷи мусбат ва ҷалби сармоя табдил меёбад.

Самаранокии самти сиёсати хориҷӣ бевосита аз риояи чор марҳилаи таҳияи он вобаста аст: аз пешгӯии заҳматталаб ва аудити захираҳо то муайян кардани афзалиятҳои равшан ва тасдиқи барномаҳои маҷмӯии давлатӣ. Дар ниҳоят, муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз объективӣ ва воқеӣ инъикос ёфтани манфиатҳои муҳими ҷамъиятӣ ва маҳорати роҳбарият дар мувофиқасозии ҳадафҳо бо имкониятҳои воқеии давлат дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ муайян мегардад. Дар маҷмӯъ, сиёсати хориҷии аз ҷиҳати илмӣ асосёфта ҳамчун танзимгари асосии тавозуни қувваҳо ва абзори мутобиқшавии низоми сиёсӣ ба чолишҳои воқеияти нави геополитикӣ баромад мекунад.

Адабиёт

1. Борисенков А. А. Внешняя политика – вид политического влияния / А. А. Борисенков // Политика и общество. – 2012. – № 4(88). – С. 25-33;
2. Гончаров, П. К. Международная политика и формирование мировой политической системы / П. К. Гончаров // Социально-гуманитарные знания. – 2020. – № 4. – С. 138-146;
3. Зеленков М.Ю. Политология. Базовый курс / М.Ю. Зеленков. – М.: Юридический институт МИИТа, 2009. – 302 с.;
4. Иванов И.С. Внешняя политика в эпоху глобализации: автореф. дисс… докт.ист.наук: 07.00.03 / И.С. Иванов. Москва. – 2005. 40 с.
5. Ирхин Ю.В. Политология. Учебное пособие / Ю.В. Ирхин. – М., 2007. – 894 с.;
6. Коваленко, Г. В. Теоретические основы исследования внешней политики постсоветских государств / Г. В. Коваленко // Постсоветские исследования. – 2018. – Т. 1, № 1. – С. 58-63;
7. Кондратов, А. И. Направления внешнеполитической деятельности государства / А. И. Кондратов // Обозреватель. – 2010. – № 1(240). – С. 48-54;
8. Косолапов Н.А. Внешняя политика и внешнеполитический процесс субъектов международных отношений / Н.А. Косолапов // Мировая экономика и международные отношения. 1999. №3. – с. 64-73;
9. Круглова Г.А. Политология. Учебное пособие / Г. А. Круглова. - Минск: Асар, 2009. - 304 с.;
10. Лебедева М.М. Внешняя политика: исчезновение или перезагрузка? // Материалы научного семинара «Внешняя политика: вопросы теории и практики» / Под ред. П.А. Цыганкова. М.: Изд-во МГУ, 2009. – с. 30-36;
11. Мирзоев Н.М., Шарифов А.Н. Асосҳои дипломатия. Китоби дарсӣ / Н.М. Мирзоев, А.Н. Шарифов. Душанбе. – 2012. – 267 с.;
12. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ. / А.Н.Муҳаммад, М.У.Хидирзода, Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Паёми ошно, 2018. – 416 с.;
13. Ниязкулова Э. Д. Понятие «мягкой силы» в теории международных отношений / Э. Д. Ниязкулова // Образование и воспитание. – 2023. – №1(36). – с. 129-133;
14. Политология / Под ред. А.Ю. Мельвиль и др. М. – 2010. – 720 с.

15.Политология. Под ред. В.И. Буренко, В.В. Журавлева. М., 2005. – 392 с.;
16.Политология. Учебник по политологии. Под общ. ред. проф. В.К. Мокшина: Изд-во Академ-Пресс и Поморского госуниверситета, 2007. - 500 с.
17.Сайидзода З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. Монография. / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. – 216 с.;

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами назариявӣ ва методологии сиёсати хориҷӣ дар заминаи дигаргуниҳои куллии низоми ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз равишҳои муосири сиёсатшиносӣ таносуби мураккаби байни сиёсати дохилӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, ба тафовути қатъии методологии мафҳумҳои «равобити байналмилалӣ», «сиёсати байналмилалӣ» ва «сиёсати хориҷӣ» таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Дар таҳқиқот исбот мегардад, ки равобити байналмилалӣ ҳамчун падидаи фарогири иқтисодию иҷтимоӣ заминаи умумиро фароҳам меорад, дар ҳоле ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун модели инфиродии фаъолияти давлат барои амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ хизмат менамояд. Ҷанбаи муҳими мақоларо баррасии субъектҳо ва абзорҳои татбиқи стратегияи беруна дар асри XXI ташкил медиҳад. Муаллиф таҳаввули нақши давлатро аз субъекти ягона ба иштирокчии фаъоли низоми бисёрҷониба, ки дар он ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва «дипломатияи мардумӣ» мавқеи хос пайдо кардаанд, асоснок мекунад. Дар бахши воситаҳои амалисозӣ, гузариш аз усулҳои анъанавии «неруи дурушт» ба фишангҳои мураккаби «неруи нарм», аз ҷумла дипломатияи фарҳангӣ ва иттилоотӣ, ҳамчун зарурати таърихии муосир арзёбӣ мешавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки сиёсати хориҷии аз ҷиҳати илмӣ асосёфта на танҳо функсияи иҷроия, балки навъи махсуси таъсири сиёсӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

Калидвожаҳо: сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати байналмилалӣ, манфиатҳои миллӣ, «неруи нарм», дипломатия, ҷаҳонишавӣ, субъекти сиёсӣ, амнияти миллӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В СИСТЕМЕ СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В данной статье проводится глубокое исследование актуальных теоретических и методологических вопросов внешней политики в контексте фундаментальных преобразований мировой системы и процессов глобализации. Используя современные политологические подходы, автор анализирует сложное соотношение между внутренней и внешней политикой, уделяя особое внимание четкому методологическому разграничению понятий «международные отношения», «международная политика» и «внешняя политика». В исследовании обосновывается, что международные отношения как всеобъемлющее социально-экономическое явление создают общую основу, в то время как внешняя политика служит индивидуальной моделью деятельности государства по реализации национальных интересов. Важным аспектом статьи является рассмотрение субъектов и инструментов реализации внешней стратегии в XXI веке. Автор обосновывает эволюцию роли государства от единственного субъекта к активному участнику многосторонней системы, в которой неправительственные организации и «народная дипломатия» заняли особое место. В разделе, посвященном средствам реализации, переход от традиционных методов «жесткой силы» к сложным инструментам «мягкой силы», включая культурную и информационную дипломатию, оценивается как современная историческая необходимость. Автор подчеркивает, что научно обоснованная внешняя политика является не только исполнительной функцией, но и особым видом политического воздействия в системе государственного управления.

Ключевые слова: внешняя политика, международные отношения, международная политика, национальные интересы, «мягкая сила», дипломатия, глобализация, политический субъект, национальная безопасность.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF FOREIGN POLICY IN THE SYSTEM OF MODERN INTERNATIONAL RELATIONS

This article provides an in-depth study of the pressing theoretical and methodological issues of foreign policy against the background of fundamental transformations in the global system and the processes of globalization. Utilizing modern political science approaches, the author analyzes the complex correlation between domestic and foreign policy, paying special attention to the strict methodological distinction between the concepts of «international relations», «international politics», and «foreign policy». The research demonstrates that international relations, as a comprehensive socio-economic phenomenon, provide the general framework, while foreign policy serves as an individual model of state activity aimed at the implementation of national interests. A

significant aspect of the article is the examination of the subjects and instruments of foreign strategy implementation in the 21st century. The author substantiates the evolution of the state's role from a sole actor to an active participant in a multilateral system, in which non-governmental organizations and «people's diplomacy» have acquired a distinct position. In the section on implementation tools, the transition from traditional «hard power» methods to complex «soft power» mechanisms, including cultural and information diplomacy, is assessed as a modern historical necessity. The author emphasizes that scientifically grounded foreign policy is not merely an executive function but a specific type of political influence within the system of public administration.

Keywords: foreign policy, international relations, international politics, national interests, «soft power», diplomacy, globalization, political subject, national security.

Дар бораи муаллиф
Муродова Гулчеҳра Рузибоевна
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
E-mail: tms.1010@mail.ru

Об авторе
Муродова Гулчехра Рузибоевна
кандидат политических наук, доцент, заведующая кафедрой политологии
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки
Республика Таджикистан, 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
E-mail: tms.1010@mail.ru

About the Author
Gulchehra Ruziboevna Murodova
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Political Science
Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki
Republic of Tajikistan, 735360, Kulob, S. Safarov Street 16
E-mail: tms.1010@mail.ru

ТДУ 32.001(091)

АНДЕШАҲОИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЗАҲИРИИ САМАРҚАНДӢ, НИЗОМУЛМУЛКИ ТУСӢ ВА УНСУРУЛМАОЛӢ КАЙКОВУС

Абдулбосит С.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар таърихи афкори сиёсии халқҳои Эрони бузург, Хуросон ва Мовароуннаҳр осори ахлоқию сиёсӣ ҷойгоҳи хос дошта, дар ташаккули фарҳанги давлатдорӣ ва назарияи идораи ҷомеа нақши муҳим бозидаанд. Дар асрҳои миёна, махсусан дар асрҳои IV–VII ҳичрӣ, дар баробари рушди давлатдорӣ ва такомули муносибатҳои иҷтимоӣ, навъи махсуси адабиёти сиёсӣ ташаккул ёфт, ки ҳадафи асосии он роҳнамоӣ намудани ҳокимон дар масъалаҳои идораи давлат, таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи адолати иҷтимоӣ буд. Ин осор бештар дар шакли «сиёсатнома», «андарзнома» ва «насиҳатнома» таълиф гардида, муаллифон дар онҳо таҷрибаи сиёсӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии замони худро ҷамъбаст намудаанд.

Муҳаққиқони муосир чунин меҳисобанд, ки осори сиёсатноманависӣ на танҳо ёдгориҳои адабӣ, балки сарчашмаҳои муҳими таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низ ба шумор мераванд. Дар онҳо масъалаҳои марбут ба муносибати давлат ва ҷомеа, масъулияти ҳоким, ҳуқуқу вазифаҳои мансабдорон, ҷойгоҳи қонун, адолат ва ахлоқи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, омӯзиши осори мутафаккироне чун Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус барои дарки хусусиятҳои ташаккули афкори сиёсии тоҷикону форсизабонон аҳамияти назаррасӣ илмӣ дорад.

Осори донишмандон ва мутафаккироне чун Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус низ дар ҳамин чорчӯба таҳлил мешаванд ва идомаи анъанаи сиёсатноманависии асрҳои миёна ба ҳисоб мераванд. Онҳо дар баробари масъалаҳои идораи давлат ба ахлоқи сиёсӣ, муносибати ҳоким бо ҷомеа, нақши вазирон, зарурати машварат, риояи адолат ва масъулияти иҷтимоии ҳоким диққати махсус медиҳанд. Хусусияти муҳими осори ин мутафаккирон дар он аст, ки онҳо барои баёни андешаҳои сиёсӣ танҳо аз баҳсҳои назариявӣ истифода накарда, ҳикоят, тамсил, қиссаҳои таърихӣ ва таҷрибаи амалии давлатдориро низ васеъ ба кор бурдаанд. Ин тарзи баён имкон медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби сиёсӣ дар шакли сода ва таъсирбахш ба хонанда расонида шаванд.

Дар миёни намояндагони ин равия Заҳирии Самарқандӣ мақоми хоса дорад. Осори ӯ, бахусус «Ағроз-ус-сиёса», яке аз намунаҳои барҷастаи афкори сиёсии асрҳои миёна маҳсуб гардида, масъалаҳои асосии идораи давлат, муносибати ҳоким бо мардум ва роҳҳои ҳифзи суботи сиёсиро фаро мегирад. Дар андешаи Заҳирӣ сиёсат пеш аз ҳама маънои тадбири оқилонаи корҳои давлат ва ҷомеаро дорад. Ӯ сиёсатро танҳо воситаи нигоҳ доштани қудрат намедонад, балки онро шакли махсуси ҳикмати амалӣ арзёбӣ менамояд, ки бар пояи ақлу хирад, таҷрибаи сиёсӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ бунёд мегардад.

Ба ақидаи Заҳирӣ, давлат танҳо дар ҳолате метавонад пойдор бошад, ки фаъолияти ҳоким ба принсипҳои адолат, инсоф ва масъулият такя намояд. Ҳокиме, ки танҳо ба зӯрӣ ва маҷбуркунӣ такя мекунад, дер ё зуд эътимоди мардумро аз даст дода, заминаи заифшавии давлатро фароҳам месозад. Аз ин рӯ, сиёсат дар назари ӯ пеш аз ҳама санъати идоракунии оқилонаи ҷомеа буда, бояд бо хирад, таҷриба ва ахлоқи нек ҳамоҳанг бошад.

Дар «Ағроз-ус-сиёса» сиёсат ҳамчун донише маънидод мешавад, ки ҳадафи асосии он таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии фасоди идоракунӣ ва нигоҳ доштани суботи давлат мебошад. Заҳирӣ таъкид мекунад, ки агар ҳоким аз тадбир, дурандешӣ ва таҷрибаи сиёсӣ маҳрум бошад, ҳатто дорои қудрати бузург ҳам бошад, давлаташ дар муқобили буҳронҳои дохилӣ ва хориҷӣ устувор боқӣ нахоҳад монд. Аз ин рӯ, дар таълимоти ӯ сиёсат ҳамчун низоми мукаммали идоракунӣ арзёбӣ мешавад, ки бояд манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсиятро дар ҳамоҳангӣ таъмин намояд [2, с. 47].

Ба андешаи муаллиф, яке аз хусусиятҳои муҳими афкори сиёсии Заҳирии Самарқандӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ миёни ахлоқ ва сиёсат ҳеҷ гуна зиддият намебинад. Баръакс, вай чунин мешуморад, ки қудрати сиёсӣ танҳо дар сурате метавонад пойдор ва қонунӣ бошад, ки бо ахлоқи ҳоким, адолати иҷтимоӣ ва эҳтироми ҳуқуқи мардум пайваст бошад. Ин андеша барои замони худ аҳамияти назариявии бузург дошта, дар рушди минбаъдаи афкори сиёсӣ ва давлатдории мардумони минтақа таъсири назаррас гузоштааст.

Аз ҳамин ҷиҳат метавон гуфт, ки Заҳирии Самарқандӣ сиёсатро на танҳо ҳамчун воситаи идоракунии давлат, балки ҳамчун механизми таъмини адолат, суботи иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа арзёбӣ намуда, барои ташаккули фарҳанги давлатдории асримиёнагии тоҷикону форсизабонон саҳми арзанда гузоштааст.

Дар рушди афкори сиёсии асрҳои миёна осори Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Агар Заҳирии Самарқандӣ бештар ба масъалаҳои ҳикмати сиёсӣ ва зарурати тадбири дурусти корҳои давлат таваҷҷуҳ зоҳир намояд, пас Низомулмулк ва Кайковус кӯшиш

мекунанд, ки масъалаҳои давлатдорӣ ва тарбияи ҳокимро аз ҷиҳатҳои гуногун таҳлил намоянд. Аз ин рӯ, осори онҳо на танҳо дастури амалии идораи давлат, балки сарчашмаи муҳими омӯзиши андешаи сиёсӣ ва иҷтимоии асрҳои миёна низ ба ҳисоб мераванд.

«Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тусӣ яке аз асарҳои машҳури сиёсӣ буда, дар он таҷрибаи чандинсолаи фаъолияти давлатии муаллиф ҷамъбаст гардидааст. Муаллиф ҳамчун шахсе, ки солҳои зиёд вазифаи вазири давлати Салҷуқиёнро иҷро намудааст, масъалаҳои идоракунии давлатро на аз нуқтаи назари назариявӣ, балки аз мавқеи таҷрибаи амалии сиёсӣ баррасӣ менамояд. Маҳз ҳамин хусусият «Сиёсатнома»-ро аз бисёр осори дигари ҳамзамони худ фарқ мекунад.

Дар маркази андешаи Низомулмулк масъалаи ҳифзи давлат қарор дорад. Ӯ чунин меҳисобад, ки пойдории давлат пеш аз ҳама аз адолати ҳоким, фаъолияти босамари дастгоҳи давлатӣ ва интихоби дурусти мансабдорон вобаста мебошад. Аз назари ӯ, ҳар давлате, ки дар он адолат риоя нашавад, тадриҷан ба бесарусомонӣ, ихтилофоти дохилӣ ва заифшавии пояҳои ҳокимият рӯ ба рӯ мегардад. Аз ҳамин сабаб Низомулмулк адолатро на танҳо арзиши ахлоқӣ, балки яке аз асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии давлатдорӣ медонад.

Ҳадафи Низомулмулк дар «Сиёсатнома» таълим додани амалкарди воқеии давлат мебошад. Ӯ тавассути мисолҳои таърихӣ ва таҷрибаи фаъолияти ҳокимони пешин нишон медиҳад, ки ҳар подшоҳе, ки адолатро фаромӯш кунад, давлаташ ба зулм, фасод ва ноустуворӣ гирифтор мегардад. Аз ин рӯ, муаллиф ҳамеша ҳокимонро ба эҳтироми ҳуқуқи мардум, назорати фаъолияти мансабдорон ва риояи қонун даъват менамояд.

Ба андешаи муаллиф, яке аз хусусиятҳои муҳими андешаи сиёсии Низомулмулк дар он ифода меёбад, ки вай масъалаи давлатдориро ҳамчун низоми ягонаи сиёсӣ мебинад. Ӯ бар он назар аст, ки агар яке аз унсурҳои ин низом ҳоким, вазир, мансабдор ё мақомоти давлатӣ вазифаи худро дуруст иҷро накунад, фаъолияти тамоми сохтори давлатдорӣ халалдор мегардад. Ин андеша барои илми муосири сиёсӣ низ аҳамияти назариявии худро нигоҳ доштааст.

Дар баробари Низомулмулк, Унсурулмаолӣ Кайковус дар «Қобуснома» масъалаҳои давлатдориро аз дидгоҳи дигар таҳлил менамояд. Агар Низомулмулк таваҷҷуҳи асосиро ба фаъолияти давлат ва сохтори идоракунӣ равона намояд, пас Кайковус бештар масъалаи тарбияи шахсияти ҳокимро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ чунин меҳисобад, ки пеш аз ислоҳи ҷомеа бояд худи ҳоким соҳиби ахлоқи ҳамида, маърифати баланд ва ҷаҳонбинии солим бошад.

Дар «Қобуснома» масъалаҳои ахлоқ, фарҳанги сиёсӣ, масъулияти шахсӣ ва тарзи муносибати ҳоким бо ҷомеа мавқеи марказӣ доранд. Кайковус таъкид менамояд, ки подшоҳ набояд танҳо ба нерӯи сиёсӣ такя намояд. Ба ақидаи ӯ, қудрат дар сурате устувор мемонад, ки бо хирад, инсоф, ростқавлӣ ва эҳтиром нисбат ба мардум ҳамроҳ бошад. Аз ҳамин лиҳоз, вай тарбияи шахсии ҳокимро асоси муваффақияти давлат медонад.

Аммо Кайковус масъалаи давлатдориро танҳо ба шахсияти подшоҳ маҳдуд намекунад. Ӯ бар он назар аст, ки тамоми намояндагони ҳокимият, аз ҷумла вазирон, мушовирон ва дигар мансабдорон низ бояд дорои ахлоқи баланд ва масъулияти сиёсӣ бошанд. Агар шахсоне, ки ба идораи давлат ҷалб мегарданд, дониш, таҷриба ва поквиҷдонӣ надошта бошанд, фаъолияти давлат ҳатман бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад.

Ба андешаи Кайковус, ҳокиме, ки аз ахлоқи нек маҳрум аст, ҳатто агар дорои қудрати бузург бошад ҳам, наметавонад ҷомеаро ба сӯи субот ва тараққиёт раҳнамоӣ намояд. Аз ҳамин сабаб ӯ масъалаи худтарбиякунӣ, худназораткунӣ ва такмили маънавии шахсияти ҳокимро яке аз шартҳои асосии давлатдории муваффақ меҳисобад.

Аз таҳлили муқоисавии осори Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус чунин бармеояд, ки ҳар се мутафаккир масъалаи давлатдориро аз мавқеи ягона таъмини адолат ва суботи ҷомеа баррасӣ намудаанд. Вале ҳар кадоми онҳо барои расидан ба ин ҳадаф роҳҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Заҳирӣ бештар ба ҳикмати сиёсӣ ва тадбири оқилонаи давлатдорӣ такя мекунад, Низомулмулк таҷрибаи амалии идоракунии давлатро асос мешуморад, Кайковус бошад, тарбияи ахлоқии шахсияти ҳокимро шарти муҳимтарини давлатдории муваффақ арзёбӣ менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавии осори ин се мутафаккир нишон медиҳад, ки онҳо дар ташаккули афкори сиёсии асрҳои миёна на танҳо масъалаҳои ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатро баррасӣ намудаанд, балки заминаҳои назариявии фарҳанги сиёсӣ, масъулияти ҳоким, нақши ахлоқ дар давлатдорӣ ва муносибати давлат бо ҷомеаро низ ба таври амиқ таҳлил кардаанд. Маҳз ҳамин хусусият осори онҳоро то имрӯз ҳамчун сарчашмаҳои арзишманди омӯзиши таърихи афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ доштааст.

Яке аз мафҳумҳои марказӣ дар афкори сиёсӣ ва иҷтимоии Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус адолат мебошад. Дар осори онҳо адолат танҳо ҳамчун категорияи ахлоқӣ маънидод намегардад, балки яке аз асосҳои ташаккул ва фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи онҳо давлате метавонад пойдор ва устувор бошад, ки муносибатҳои байни ҳоким ва ҷомеа бар пояи

адолат, инсоф ва риояи ҳуқуқи мардум ба роҳ монда шаванд. Аз ҳамин сабаб, онҳо масъалаи адолатро ҳамчун омили муҳими ҳифзи тартиботи сиёсӣ ва суботи иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд.

Дар таълимоти Заҳирии Самарқандӣ адолат асоси бақои давлат дониста мешавад. Ӯ бар он назар аст, ки ҳар гоҳ ҳоким аз роҳи адолат дур гардад, пояҳои давлат тадриҷан суст мешаванд ва эътимоди мардум нисбат ба ҳокимият аз байн меравад. Ба андешаи ӯ, зулм на танҳо ҳуқуқи шахсони алоҳидаро поймол мекунад, балки ба тамоми сохтори давлатдорӣ таъсири манфӣ расонида, сабаби пайдоиши низоъ, бесуботӣ ва коҳиши нуфузи ҳокимият мегардад. Дар «Ағроз-ус-сиёса» махсус таъкид мешавад, ки адолат воситаи асосии ҳифзи ҷомеа аз фасод ва беқонунӣ мебошад. Агар ҳоким адолатро сарфи назар намояд, ҷомеа тадриҷан ба беэътимодӣ ва ноороми гирифтор мешавад [2, с. 47].

Низомулмулки Тусӣ низ адолатро яке аз рукнҳои асосии давлат медонад. Аммо дар муқоиса бо Заҳирӣ, вай бештар ба паҳлуҳои амалии татбиқи адолат диққат медиҳад. Аз нигоҳи ӯ, адолат бояд дар тамоми фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар таъини мансабдорон, ҷамъоварии андоз, баррасии мурофиаҳо ва муносибати ҳоким бо раият таъмин карда шавад. Ӯ таъкид менамояд, ки давлат наметавонад танҳо бо истифода аз қувва ва ҷазо идора карда шавад. Ҳоким бояд пеш аз ҳама ба адолат такя намояд, зеро маҳз адолат мардумро ба давлат наздик намуда, эътимоди онҳоро нисбат ба ҳокимият тақвият мебахшад.

Кайковус бошад, адолатро пеш аз ҳама ҳамчун фазилати шахсии ҳоким арзёбӣ мекунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки ҳоким пеш аз он ки аз дигарон риояи адолатро талаб намояд, бояд ин сифатро дар шахсияти худ ташаккул диҳад. Ба андешаи ӯ, агар инсон дар зиндагии шахсӣ инсоф, ростқавлӣ ва масъулиятшиносӣ надошта бошад, дар фаъолияти давлатӣ низ наметавонад адолатро таъмин намояд. Аз ин рӯ, Кайковус масъалаи тарбияи маънавии ҳокимро шарти асосии амалишавии адолат дар ҷомеа медонад [4, с. 22].

Ҳамчуноне ки мушоҳида мегардад, мафҳуми адолат дар андешаи ҳар се мутафаккир танҳо ба татбиқи қонун маҳдуд намешавад. Онҳо адолатро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ арзёбӣ намуда, иҷрои қонун, ҳифзи ҳуқуқи мардум, пешгирии худсарии мансабдорон ва баррасии одилонаи муроҷиатҳои аҳолиро низ қисми таркибии он медонанд. Аз ҳамин ҷиҳат, метавон гуфт, ки дар осори онҳо мафҳуми адолат дорои хусусияти фарогир буда, тамоми низоми муносибатҳои давлат ва ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар баробари масъалаи адолат, вижагиҳои шахсияти ҳоким низ дар маркази таваҷҷуҳи ҳар се мутафаккир қарор дорад. Онҳо чунин меҳисобанд, ки сарнавишти давлат пеш аз ҳама аз сифатҳои шахсии роҳбари он вобаста мебошад. Заҳирии Самарқандӣ ҷонибдори ҳокимест, ки дорои хирад, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва адолат мебошад. Ба андешаи ӯ, подшоҳ набояд дар қабули қарорҳо ба эҳсосот такя намояд, балки ҳар як тасмими сиёсиро баъди омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала қабул кунад.

Низомулмулки Тусӣ низ бар ҳамин назар аст, аммо ӯ бештар ба таҷрибаи сиёсӣ ва қобилияти амалии идоракунӣ аҳамият медиҳад. Ба андешаи ӯ, ҳоким бояд аз таҷрибаи гузаштагон сабақ гирифта, дар идоракунии давлат ҳамеша ба ақлу дониш такя намояд. Ӯ таъкид мекунад, ки таърих барои ҳоким мактаби бузурги давлатдорӣ мебошад ва бе омӯзиши таҷрибаи пешиниён идоракунии самараноки давлат ғайриимкон аст.

Кайковус бошад, бештар ба тарбияи ахлоқии роҳбар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳокими воқеӣ бояд инсони поквиҷдон, хоксор, хайрхоҳ ва донишманд бошад. Ба ақидаи ӯ, агар роҳбар танҳо соҳибқудрат бошаду аз ахлоқ ва маърифат маҳрум бошад, давлат наметавонад ба субот ва пешрафт ноил гардад. Аз ин рӯ, ӯ тарбия, худназораткунӣ ва такмили маънавиро аз муҳимтарин сифатҳои шахсияти ҳоким меҳисобад.

Аз таҳлили муқоисавии андешаҳои ин се мутафаккир бармеояд, ки онҳо дар масъалаи шахсияти ҳоким нуқтаи назари умумӣ доранд. Ҳамаи онҳо чунин мешуморанд, ки асоси давлатдории муваффақ на танҳо қудрати сиёсӣ, балки хирад, адолат, ахлоқ ва масъулияти шахсии роҳбар мебошад. Ҳамчунин онҳо хушдор медиҳанд, ки тасмимҳои шитобкорона, ғазаболуд ё бе машварат метавонанд ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа зарари ҷиддӣ расонанд.

Идомаи таҳлил нишон медиҳад, ки ин андешаҳо танҳо хусусияти ахлоқӣ надоранд. Баръакс, онҳо масъалаҳои муҳими ташкили ҳокимият, муносибати давлат бо ҷомеа ва принсипҳои идоракунии сиёсиро дар бар гирифта, то имрӯз низ арзиши илмӣ ва амалӣ доранд. Аз ҳамин ҷиҳат, осори Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус ҳамчун сарчашмаҳои муҳими омӯзиши таърихи афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти худро нигоҳ доштаанд.

Яке аз усулҳои муҳими идоракунии давлат, ки дар осори Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус ҷойгоҳи махсус дорад, масъалаи машварат мебошад. Ҳар се мутафаккир бар он ақидаанд, ки идоракунии давлат танҳо дар сурати истифодаи таҷриба, дониш ва машварати шахсони соҳибхирад метавонад самаранок бошад. Ба андешаи онҳо, ҳокиме, ки танҳо ба андешаи худ такя намуда, аз машварати донишмандон ва шахсони ботаҷриба худдорӣ менамояд, эҳтимоли зиёд ба хатогӣ роҳ медиҳад. Аз ин рӯ, машварат на танҳо воситаи қабули қарорҳои дуруст, балки яке аз кафолатҳои суботи сиёсӣ ва пойдории давлат ба ҳисоб меравад.

Заҳирии Самарқандӣ таъкид менамояд, ки подшоҳ набояд пеш аз андешидани тамоми ҷанбаҳои масъала ва шунидани назари шахсони доно ба қабули қарор шитоб намояд. Ба ақидаи ӯ, қарорҳое, ки дар асоси эҳсосот ё таъсири муваққатии атрофиён қабул мешаванд, метавонанд оқибатҳои вазнин барои давлат дошта бошанд. Аз ин рӯ, ӯ машваратро ҳамчун яке аз нишонаҳои хирадмандии ҳоким арзёбӣ менамояд.

Низомулмулки Тусӣ масъалаи машваратро боз ҳам амиқтар баррасӣ намуда, нақши вазиронро дар низоми давлатдорӣ махсус таъкид мекунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки вазир бояд шахси донишманд, поквичдон, содиқ ва дорои таҷрибаи кофии сиёсӣ бошад. Вазири салоҳиятдор метавонад ба ҳоким дар ҳалли масъалаҳои муҳими давлатӣ ёрӣ расонад ва аз қабули қарорҳои нодуруст пешгирӣ намояд. Аз ин рӯ, Низомулмулк фаъолияти ниҳоди вазоратро яке аз омилҳои муҳими муваффақияти давлат медонад.

Кайковус низ ба масъалаи машварат аҳамияти калон медиҳад, вале онро бештар бо тарбияи шахсӣ ва фарҳанги муносибатҳои инсонӣ мепайвандад. Ба андешаи ӯ, шахсе, ки дар ҳаёти шахсӣ ба маслиҳати дигарон эҳтиром намегузорад, дар идораи давлат низ наметавонад аз таҷрибаи шахсони донишманд самаранок истифода барад. Аз ин рӯ, ӯ машваратро нишонаи фурӯтанӣ, хирадмандӣ ва камолоти шахсии ҳоким мешуморад [8, с. 168].

Аз таҳлили муқоисавии андешаҳои ин се мутафаккир бармеояд, ки машварат дар назари онҳо танҳо расмиёти идоракунӣ набуда, балки яке аз принсипҳои муҳими давлатдорӣ мебошад. Ҳамаи онҳо бар он ақидаанд, ки қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ бояд дар асоси муҳокима, таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала сурат гирад. Ин андешаҳо имрӯз низ дар назарияи идоракунии давлатӣ аҳамияти худро гум накардаанд, зеро идоракунии муосир низ ба принсипҳои ҳамкорӣ, машварат ва қабули қарорҳои асоснок такя менамояд.

Мавзӯи дигари муҳиме, ки дар осори ҳар се мутафаккир инъикос ёфтааст, масъалаи шитоб накардан ҳангоми баровардани ҳукм мебошад. Дар бисёр ҳикоятҳои онҳо подшоҳон бо сабаби боварии кӯр-кӯрона ба суханони атрофиён ё набудани таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала қарорҳои нодуруст қабул менамоянд. Вале дар идомаи ҳикоя ҳақиқат ошкор гардида, подшоҳ аз амали худ пушаймон мешавад. Ин гуна ҳикоёт на танҳо хусусияти тарбиявӣ доранд, балки ҳамчун воситаи таҳкими фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ хизмат менамоянд. Онҳо нишон медиҳанд, ки адолати воқеӣ танҳо дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи далелҳо ва таҳлили оқилонаи вазъият таъмин мегардад [7, с. 175].

Дар баробари ин, ҳамаи ин мутафаккирон ба масъалаи пайванди ахлоқ ва сиёсат аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ба андешаи онҳо, сиёсат бе ахлоқ ба худкомагӣ ва фасод оварда мерасонад, дар ҳоле ки ахлоқ бе қудрати давлатӣ имконияти татбиқи худро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, онҳо кӯшиш менамоянд миёни қудрати сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ тавозунро нигоҳ доранд. Дар ин таълимот давлат ҳамчун сохторе арзёбӣ мешавад, ки вазифаи он на танҳо идоракунии ҷомеа, балки ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад.

Масъалаи волоияти қонун низ дар осори онҳо мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ба андешаи онҳо, иҷрои қонун барои ҳамаи табақаҳои ҷомеа, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, ҳатмӣ мебошад. Ҳоким низ мисли дигарон бояд қонунро риоя намояд, зеро танҳо дар ҳамин сурат эҳтироми мардум нисбат ба давлат таъмин мегардад. Онҳо қонунро воситаи асосии нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа арзёбӣ намуда, таъкид мекунанд, ки бе риояи қонун ҳеҷ давлате наметавонад суботи худро нигоҳ дорад [12, с. 128].

Ҳамзамон мутафаккирон масъалаҳои фасод, рақобати гурӯҳҳои мансабдор ва сӯиистифода аз қудратро низ мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Дар осори онҳо дарбор ҳамчун муҳите тасвир мешавад, ки дар он манфиатҳои шахсӣ, ҳасад ва рақобати мансабдорон метавонанд ба фаъолияти давлат таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, онҳо ба интихоби дурусти мансабдорон, назорати фаъолияти онҳо ва масъулияти шахсии ҳар як намояндаи ҳокимият аҳамияти калон медиҳанд. Ба андешаи онҳо, мубориза бар зидди фасод танҳо бо ҷазо маҳдуд намешавад, балки тарбияи ахлоқӣ, баланд бардоштани масъулият ва риояи қонун низ барои пешгирии он аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Аз таҳлили осори Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус чунин бармеояд, ки онҳо намояндагони барҷастаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоии асрҳои миёна буда, дар ташаккули фарҳанги давлатдорӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Андешаҳои онҳо оид ба адолат, волоияти қонун, масъулияти ҳоким, нақши машварат, мақоми вазирон ва аҳамияти ахлоқи сиёсӣ на танҳо барои замони худ, балки барои илми муосири сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низ арзиши назариявӣ ва амалии худро нигоҳ доштаанд. Омӯзиши мероси онҳо нишон медиҳад, ки идоракунии самараноки давлат танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳокимият бар пояи адолат, қонун, хирад, машварат ва ахлоқи сиёсӣ бунёд гардад. Маҳз ҳамин арзишҳо метавонанд ҳамчун асоси таҳкими давлатдорӣ, таъмини суботи ҷомеа ва рушди устувори муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ хизмат намоянд.

Адабиёт

1. Зарринкуб, А. Бо корвони ҳулла. Теҳрон: Амиркабир, 1951. – 475с.

2. Заҳирии Самарқандӣ. Ағроз-ус-сиёса фи аъроз-ур-риёса. Тасҳеҳи Оштӣёнӣ. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1965. – 430с.
3. Заҳирии Самарқандӣ. Синдбоднома. Бо кушиши Донишпажуҳ. Теҳрон: Анҷумани осори миллӣ, 1984. – 208с.
4. Кайковус Ибни Искандар. Қобуснома. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1988. – 368с.
5. Низомулмулки Тусӣ. Сиёсатнома. Теҳрон: Хоразмӣ, 2011. – 372с.
6. Ранҷбар, Мақсуд. Сиёсатномаанависӣ дар Эрон. Теҳрон: 2006. – 258с.
7. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1957. – Ҷ. 3. – 290с.
8. Саъдулло А.Ҳ., Қодирзода С.М., Буризода Э.Б. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик. Душанбе: Муборизи, 2024. – 312.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Душанбе: Эрграф, 2011. – 460с.
10. Фазлӣ, Каннуш. Марҷаъшиносии таърихи Салҷуқиён. Тарҷумаи Ҳазратӣ. Теҳрон: Пажуҳишкадаи таърихи Ислом, 2016. – 490с.
11. Bosworth, C. E. The political thought of Nizam al-Mulk. Cambridge: Cambridge University Press, 2011. – 218p.
12. Zakeri, M. Zahiri of Samarqand's Sindbādnāma and the Seven Sages tradition. Heidelberg University Press, 2019. – 305p.

АНДЕШАҲОИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЗАҲИРИИ САМАРҚАНДӢ, НИЗОМУЛМУЛКИ ТУСӢ ВА УНСУРУЛМАОЛӢ КАЙКОВУС

Дар мақола хусусиятҳои асосии андешаи сиёсӣ ва иҷтимоии намояндагони барҷастаи анъанаи сиёсатноманависии асрҳои миёна – Муҳаммад Заҳирии Самарқандӣ, Низомулмулки Тусӣ ва Унсурулмаолӣ Кайковус мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавии осори онҳо, аз ҷумла «Ағрозуссиёсат ва аърозурриёсат», «Сиёсатнома» ва «Қобуснома», масъалаҳои муҳими давлатдорӣ, адолат, нақши ҳоким ва вазирон, аҳамияти машварат, волоияти қонун, ахлоқи сиёсӣ ва муносибати давлат бо ҷомеа баррасӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки андешаҳои ин мутафаккирон на танҳо хусусияти ахлоқию тарбиявӣ дошта, балки дорои аҳамияти назариявӣ барои ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва рушди афкори давлатдорӣ мебошанд. Муайян карда шудааст, ки ҳар се мутафаккир идоракунии давлатро бар пояи адолат, хирад, масъулият ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ арзёбӣ намуда, онҳоро ҳамчун шартҳои асосии суботи ҷомеа ва пойдории давлат медонанд. Дар натиҷаи таҳқиқ умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи назарияҳои сиёсию иҷтимоии онҳо муайян гардида, саҳми онҳо дар рушди афкори сиёсии Эрони бузург ва Хуросону Мовароуннаҳр арзёбӣ шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои омӯзиши таърихи афкори сиёсӣ, давлатдорӣ ва фарҳанги сиёсии халқҳои форсизабон, инчунин дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ ва таърихи таълимоти сиёсӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: пандномана, насиҳатнома, Ағрозуссиёсат, Сиёсатнома, Қобуснома, Синдбоднома, ҳокими одил, вазири хирадманд, машварат, фасоди ҳокимият, арзишҳои ахлоқӣ, ҳикмати амалӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ.

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ МЫСЛИ ЗАХИРИ САМАРКАНДИ, НИЗАМА АЛЬ-МУЛЬКА ТУСИ И АНСАРА АЛЬ-МААЛИ КИКАВУСА

В статье исследуются основные особенности политической и социальной мысли выдающихся представителей традиции средневековой политической литературы — Мухаммада Захири Самарканди, Низам аль-Мулька Туси и Унсур аль-Маали Кайкавуса. На основе сравнительного анализа их произведений — «Агараз ас-сияса ва аъраз ар-риаса», «Сиясат-наме» и «Кабус-наме» — рассматриваются вопросы государственного управления, справедливости, роли правителя и визирей, значения совещательности, верховенства закона, политической этики и взаимоотношений государства и общества. Автор показывает, что идеи этих мыслителей выходят за рамки нравоучительной литературы и представляют собой важный этап формирования политической теории и культуры государственного управления. Установлено, что все три мыслителя рассматривали справедливость, мудрость, ответственность правителя и соблюдение моральных принципов как необходимые условия устойчивости государства и общественного порядка. В результате исследования выявлены общие и отличительные особенности их политико-социальных концепций, а также определён их вклад в развитие политической мысли Большого Ирана, Хорасана и Мавераннахра. Полученные результаты могут быть использованы при изучении истории политической мысли, теории государства и политической культуры, а также в преподавании политологии и истории политических учений.

Ключевые слова: наставительная литература, Агараз-ус-сиясат, насихат-наме, Сиясат-наме, Кабус-наме, справедливый правитель, мудрые министры, консультация, коррупция власти, моральные ценности, практическая мудрость, правовые нормы.

SOCIAL AND POLITICAL THOUGHTS OF ZAHIRI SAMARQANDI, NIZAM AL-MULK TUSI AND ANSAR AL-MAALI KIKAVUS

The article examines the main features of the political and social thought of the prominent representatives of the medieval Persian tradition of political literature—Muhammad Zahiri Samarqandi, Nizam al-Mulk Tusi, and Unsur al-Ma'ali Kaykavus. Based on a comparative analysis of their major works, including *Aghraz al-Siyasa wa A'raz al-Riyasa*, *Siyasatnama*, and *Qabusnama*, the study explores key issues of governance, justice, the role of the ruler and viziers, consultative decision-making, the rule of law, political ethics, and the relationship between the state and society. The author argues that the ideas of these thinkers go beyond moral instruction and represent an important stage in the development of political theory and the culture of governance. The study demonstrates that all three scholars regarded justice, wisdom, responsibility, and adherence to ethical principles as the fundamental conditions for political stability and effective state administration. The comparative analysis identifies both common and distinctive features of their political and social concepts and evaluates their contribution to the development of political thought in Greater Iran, Khorasan, and Transoxiana. The findings may be applied in studies of the history of political thought, political theory, public administration, and in teaching political science and the history of political doctrines.

Keywords: didactic literature, nasihat-nama, Aghraz-us-siyasat, Siyasat-nama, Qabus-nama, just ruler, wise ministers, consultation, corruption of power, moral values, practical wisdom, legal norms.

Дар бораи муаллиф
Абдулбосит Саъдулло
доктор (PhD)-и илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш.Душанбе, н.Исмоили Сомонӣ, к.Саид Носир 33;
Email: prof.asrt@mail.ru

Об авторе
Абдулбосит Саъдулло
доктор философии (PhD) по политическим наукам, доцент кафедры политологии и связей с общественностью
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Исмоили Сомони, ул. Саид Носир, 33;
E-mail: prof.asrt@mail.ru

About the Author
Abdulbosit Sa'dullo
Doctor of Philosophy (PhD) in Political Science, Associate Professor, Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
33 Said Nosir Street, Ismoili Somoni District, Dushanbe 734003, Republic of Tajikistan;
E-mail: prof.asrt@mail.ru

ТДУ321.01:35

БЮРОКРАТИЯИ СИЁСӢ АСОСИ ТАШАККУЛИ ИДОРАНАМОИИ СИЁСИИ САМАРАНОК

Абдуллоев Н. С.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар замони муосир андеша оиди чи гуна таҳким бахшидани пойдории давлат ва дарёфти роҳҳои инкишофи он рӯзмарра гардидааст. Яке аз чунин роҳҳо ин тарзи хоссаи ба амал баровардани маъмурият (дастгоҳ)-и давлатӣ ба шумор меравад. Сатҳ ва тарзи амали маъмурияти давлатиро бевосита таркиботи сиёсии ҳокимият ва институтҳои сиёсӣ аз ҷумла давлат муайян менамоянд. Маъмурияти давлатӣ вобаста ба амалияи ҷамъияти инкишофи хешро мебояд, пайдо намояд. Яке аз омилҳои муҳими инкишоф ва ташакулли маъмурияти давлатӣ пайдо намудани шакли хоссаи идоракунии сиёсию давлатӣ ба шумор меравад. Идоракунии сиёсии самаранок дар заминаи консепсияҳо ва доктринаҳои мушахасси илмӣ ба миён меояд. Яке аз чунин консепсияҳо ин бюрократияи ратсионалӣ чун идоракунии илмии давлатию ҷамъиятӣ мебошад. Он ягона ташкилоти идоранамоиест, ки самаранокии идораи сиёсию давлатиро бо арзишҳои хоссаи худ таъмин менамояд. Бюрократияи ҷамъияти дар соҳаи сиёсӣ, дар муносибатҳои ҳокимиятӣ дар сиёсат ва барномаҳои афзалиятноки давлатӣ фаъолият менамояд. Давлат чун субъекти муҳими ҳайти сиёсии ҷомеа вазифдор аст, ки барои даст ёфтан ва муваффақ гардидан ба некуаҳволии ҳамагон ва ё хайрияти умум тамоми ҷорраҳои имконпазир ва имкониятҳои мавҷударо истифода намояд. Танҳо давлати самаранок метавонад ба хайрияти умум ноил гардад.

Қисмати асосӣ. Ташакулли чунин чунин навъи давлати муосир танҳо дар заминаи мавҷудияти маъмурияти беҳтари давлатӣ ва идоракунии сиёсии самаранок имконпазир мегардад. Низоми хоссаи идоракунӣ давлатӣ, ки тавонад самаранокии маъмурияти давлатиро таъмин намояд, бюрократияи ратсионалӣ ба шумор меравад. Он хуссусиятҳо хосеро касб намудааст, ки ҳамчун ташкилоти идоранамоӣ аз ҳар ҷиҳат самаранокии онро нишон медиҳад. Ба монанди принспҳои:тақсимоти одилонаи меҳнат дар ташкилот, мавҷудияти иерархия дар низоми идорӣ, касбияти хизматчиён, салоҳиятнокӣ ва маъулиятнокӣ дар раванди иҷроиши вазифаҳо ва ғайра, аз ҷумлаи бартариятҳои он ба шумор мераванд, ки оиди онҳо дар қисаматҳои гузашта андеша намуда будем. Мебояд оиди нақш ва мақоми бюрократия ҳамчун идоракунии сиёсии самаранок дар системаҳои кишварҳои ҷомеаи муосир андеша намоем.

Ба андешаи М.Вебер " яке аз нишонаҳои руҳи муосири капиталистӣ ва на танҳо аз он, балки тамоми маданияти ҷомеаи муосир-ин фаъолияти ҳаётии ратсионали дар асоси рағбати касбӣ ба шумор меравад. "[2, с. 250]. Аз андешаҳои муҳаққиқ бармеояд, ки бюрократия дар замони муосири капиталистӣ шакли тозаи идоракунии расмӣ ба шумор меравад. Ҳеҷ давлат наметавонад бе мавҷудияти дастгоҳи бюрократӣ вуҷуд дошта бошад ё ин ки бе хизматчиён, ки онҳоро бюрократ низ меноманд. Онҳо табақае аз одамон ба шумор мераванд, ки масъули иҷроиши вазифаҳои давлат ва дигар ташкилотҳои сиёсию иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз ҷой доштани ташкилоти бюрократӣ бо доштани хосиятҳои ратсионлию илмӣ дар замони муосир амалест, басо муҳим ва зарурӣ. Чунин ташкилотӣ бюрократиро дар шакли идеалӣ ё ратсионалӣ кишварҳои Аврупои Ғарбӣ хоссатан Британияи Кабир баъди тағйироти ҷомеа, яъне гузаштан аз ҷомеаи феодалӣ ба капиталистӣ ва ивази сохтори идории давлатӣ дар амалияи ҷамъиятӣ воқеи намуданд. Зарурат ва талабот ба касбигардонии идоракунии давлат бештар дар раванди демократикунонӣ ба амал меояд. Дар миёнаҳои асри XIX маълум гардид, ки зарурат ба хизмати касбии граждани муҳим ва аҳамиятнок мебошад. Ин ҳолатро ба инобат гирифта, кашварҳо дар ҷустуҷуйи пайдо намудани роҳҳои ҳалли масъалаҳои пешомада дар системаи идоракунии давлатию ҷамъиятӣ гарданд ва он ҳам бюрократия ратсионалӣ ба шумор мерафт.

Британияи Кабир аз ҷумлаи нахустин кишварҳое буд, ки дар системаи маъмурияти давлатии хеш ислоҳот ворид намуд. Сабаби ворид намудани ислоҳот дар он дида мешуд, ки системаи идории он гуногунҷабҳа буда, куҳна гардида буд. Ин ҳолатро чун хатари васеъ ҳис намуда, роҳу усулҳои муборизаи зидди онро ҷустуҷу менамуданд. Зимни омӯзишҳо маърузае бо номи "Норткотт-Тревелян" (1954) пешниҳод гардид, ки он дар хусуси ташкили "хизмати доимии граждани" андеша менамуд[4, с. 149]. Ин маъруза аз ҷониби собиқ сарвазири Британияи Кабир Сер Стаффор Норткотт ва Чарлз Эдвард Тревелян пешниҳод гардида буд. Дар маъруза муайян гардида буд, ки хизмати грждани дар асоси озмун ба роҳ монда шавад. Инчунин хизмати граждани дар шакли квалиффикатсияи сатҳи баланд ба роҳ монад шавад, то самаранокии ва сифатнокии касбияти хизматии одамон таъмин гардад[10, с. 63-64]. Инчунин тамоми хизматчиён

бояд ба ду синф тақсим гарданд:маъмурӣ ва техникӣ. Гуруҳи аввал, яъне хизматчиён-маъмурон раванди идориро ба роҳ монда, дар самти амалигардонии қарорҳои қабулшуда, чораҳо андешад.Гуруҳи дуввум, яъне хизматчиён-техникон бошанд, бо доштани донишҳои махсуси техникӣ ба хотири самаранок гардидани раванди идорӣ ва сари вақт дар муддати кӯтоҳ иҷроиши амалҳо кӯшишҳо намоянд. Хизматчиён дар дар ҷойҳои кории холӣ бояд дар асоси қобилияташон дар асоси озмун таъин гарданд, на дар асоси таҷрибаи корӣ.Аз ин лиҳоз дар ҷомеа нақши асосиро соҳибистеъдодҳо мебозанд.

Системаи маъмурияти давлатии Британияи Кабир дар заминаи арзишҳои ин санад ба роҳ монда шудааст. Муҳаққиқон чун Норткотт ва Тревелян дар маърузаи хеш принспҳои бюрократияи ратсиолналиро истифода намуда, самаранокии онро дар системаи идории Британияи Кабир изҳор намудаанд. Соли 1871 собиқ президенти ИМА Грант У принспи "интихоби хизматчиён дар асоси озмун"-и Британияи Кабирро дар системаи идории қишвари хеш ҷори намуд. Ин нахустин қадаме буд, дар самти ворид гардидан ба низоми идории ташкилоти бюрократии ратсионалӣ.

Дар ИМА бюрократияро чун система ё ташкилоти идоранамоии ҷомеа дарк менамоянд, ки дар асоси тақсими тахасусии меҳнат, мавҷудияти ирерхияи идорӣ, фаъолияти хизматчиён дар асоси қоида ва меъёрҳои мавҷуда, салоҳиятнокии хизматчиён воқеи мегардад[4, с. 396-397]. Баъди истиқлолият ба даст овардан, дар системаи идории ИМА тағйироти куллие ба амал омад. Агарчи демократия чун падидаи ҷомеаи муосир дар ИМА ба вуҷуд омада, принспҳои он аввалин маротиба дар ин кишвар амали гардида бошанд, ҳам то охири асри XIX дар системаи идории давлатию ҷамъиятӣ мушкилиҳо ба назар мерасиданд. Яке аз омилҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститусия дар ин кишвар маҳз ҷоқ доштани чунин камбудиҳо дар системаи идории давлатию ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Дар ИМА принспҳои бюрократияи ратсионалӣ воқеияти худро баъд аз пайдоиши демократия дар ин минтақа пайдо намуд [9, с. 72-73]. Он дар заминаи "Санади Пендлтон " амали мегардад.Ин санад соли 1883 қабул гардида, нуқтаи кулминатсионии ислоҳоти системаи маъмурии ИМА ба шумор меравад. Он низоми хоссаест, ки вазифаҳои маъмурии дастгоҳи президентро бо сатҳи мухталифи кормандон пурра мегардонад [5, с. 65]. Дар заминаи ин санад мутхассисон ба хизмати давлатӣ дар асоси дониш ва қобилияти доштаашон,тавассути озмун ҷалб карда мешаванд. Ташкил ва шаклбандии дастгоҳи маъмурияти давлатӣ дар ИМА дар заминаи чунин принспҳо ба роҳ монда шудааст:

- гузаронидани озмунҳо ба хотири ҷалби номзадҳо ба хизмати давлатӣ;
- нейтралитети сиёсии хизмати давлатӣ;
- ташкили комиссияҳои соҳибихтиёр бо мақсади назорати амали қонунҳо;
- муҳлати санҷишӣ барои рақобати номзадҳо ба вазифаҳои хизмати давлатӣ ;
- ба хизмати давлатӣ роҳ надодани хешовандони наздик, яъне пешгири кардан аз омилҳое чун непотизм ва протексионизм ва ғайра [3].

Амали гардидани чунин принспҳо дар маъмурияти давлатии ИМА бисёр номутаносибиҳои мавҷударо дар сохтори идорӣ бартараф намуд. Аз ҷумла Санади Пендлтон имконият намедод, ки президент ё кадом амалдори дигари давлатӣ ба умури корҳои давлатӣ хешовандон ва ё ашхоси ба худ наздикро ворид намояд. Ин ҳолат боис гардид, то сатҳи инкишофи падидаҳое чун клиентизм, непотизм, пртексионизм, коррупсия, минтақагарои ва монанди инҳо коҳиш ёбанд. Дар инкишофи системаи идории ИМА ва самаранок гардидани идоракунии давлатӣ дар ин кишвар нақши собиқ президент Вудро Вилсон ба таври барҷаста намоён мебошад. У дар асараш "Омӯзиши идораи рамӣ" андешаҳои хешро оиди идоракунии идеалӣ баён намудааст. Дар маркази андешаҳои Вилсон принспҳои бюрократияи идеалию ратсионалӣ қарор гирифта буданд, ба монанди:идоракунии ягона, иерархияи дурусти ташкилотӣ, касбият, назорат ва монанди инҳо. Инчунин У ҷудоии сиёсат ва идоракуниро махсус қайд намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ сиёсат ва идоракуниро дар тафовут қарор додан ва миёни онҳо демаркатсия гузоштан мушкил аст, агарчи сиёсат аз идоракунӣ бо бархе аз ҳолатҳо фарқ намояд, лекин дар бисёре аз ҳолатҳо алоқамандии онҳо ба таври намоён ба назар мерасад[11, с. 197-222]. Вилсон самаранокии ташкилоти бюрократиро дар идораи давлатӣ дарк намуда, амали онро дар системаи идории ҷомеа зарур мешуморад.

Бюрократия чун ташкилоти идорӣ дар дигар кишварҳои Аврупо аз ҷумла Олмон ва Фаронса низ ба таври барҷаста амал намуда нақши муҳиме дар раванди инкишофи системаи идории ҷомеа гузошта истодааст. Дар аввал бюрократия дар ин кишварҳо махсусан Фаронсаи пеш аз инқилобӣ чун ташкилоти идорӣ хосияти ғайриратсионалӣ дошта бюрократияи истибдодӣ амал менамуд. Ин ҳолатро муҳақиқи рус Малов В.Н дар асараш "Бюрократияи истибдоӣ ва ҷомеаи франсуз" ба таври барҷаста нишон додааст[6, с. 248]. Бо гузашти вақт, инчунин бо гузаронидани ислоҳотҳо дар системаи идорӣ имконият пайдо гардид, то бюрократияи

ратсионалӣ дар идораи давлатӣ истифода гардида, самаранокии раванди идоракунии давлатию ҷамъиятӣ таъмин гардад.

Системаи идории Руссия чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир аз ташкилоти бюрократӣ воқиф буд, яъне аз чунин ташкилот дар раванди идоракунӣ истифода менамуд. Агарчи бюрократия дар шакли канора дар давраи Империяи Руссия ба назар расад ҳам, лекин дар давраи ҳукмронии Александри II ва сулолаи Романовҳо дар ин самт, яъне идораи давлатӣ ислоҳот ворид гардида, каме ҳам бошад, ташкилоти бюрократӣ дигаргун карда шуд[6, с. 140-141]. Дар фазои Шуравӣ бошад, ҳолат тамоман баръакс буд. Инқилобе, ки дар соли 1917 ташкил гардид, яке аз ҳадафҳояш шикастани машинаи бюрократии давлатӣ буд, ки албатта муваффақ ҳам гардиданд. Сохторе, ки дар ҷомеаи онвақтаи Шуравӣ ташкил гардида буд, ба таври комил зидди бюрократия баромад намуда, мубориза бо онро ҳадафи асосии меҳисобид ва бюрократияро душмани асосии пролетариат медонистанд. Аммо воқеан назар намоем, сохтори идорие, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ташкил гардида буд, дар заминаи сиёсат ва бюрократияи ҳизбӣ амал менамуд. Дар сохтори идории он назорати қатъӣ, мавҷудияти иерархия, тақсими меҳнат чун принспҳои бюрократия ба назар мерасиданд. Ва ин сохтор тавонист, то дар заминаи чунин тарҳи идоранамоӣ самаранокӣ ва масъулиятнокии хизматчиёнро ба роҳ монда, инкишофи ҷомеаи Шуравиро таъмин намуда бошад.

Аз оғоз асри XXI сар карда, ҳолат дар Руссия комилан тағйир ёфт, аз ҷумла баъди ба сари қудрат омадани президент ПутинВ.В Дар ин ҳолат самаранокии идора таъмин гардида, дар фазои идорӣ ҳолати мусбӣ ба миён омад. Бюрократияи давлатӣ дар зери бюрократияи табақаи олӣ дар симои президент Путин В.В ба роҳ монда шуда, бисёре аз масъалаҳои мавҷуда ҳалли хешро пайдо намуданд. У тавонист, то ҷомеаи русиро аз буҳрон берун барорад. Дар Руссия шакли бюрократии идораи давлатӣ ҳоло ҳам ба ислоҳотҳо зарурат дорад, то ратсионалият ва самаранокии он ба таври комил таъмин гардад.

Мақом ва нақши бюрократияро чӣ дар замони гузашта ва чӣ дар замони муосир дар системаи идории Ҷумҳурии Халқии Хитой мушоҳида намудан мумкин аст. Дар Аҳди Қадим Хитой яке аз империяҳои бузурге ба шумор мерафт, ки дорои дастгоҳи махсуси бюрократӣ буд. Бо гузашти замон системаи идории он тағйир ёфта низоми махсуси идорӣ ташаккул ёфт.Дар ин замина хизмати сарварони Хитой ба монанди Ден Сяопин, Мао Сзедун ва монанди инҳо басо бузург мебошад. Дар шароити муосир Хитой чун кишваре баромад менамояд, ки бо ташаккул додани системаи махсуси идорӣ инкишофи хешро пайдо намояд. Яъне таъсири ташкилоти бюрократӣ дар ин самт назаррас мебошад.

То андозае маълум гардид, ки бюрократияи сиёсӣ ҳамчун шакли самараноки идоракунӣ воқеияти худро дар амалияи ҷамъиятии кишварҳои номбурда дарёфтааст. Ҳатто метавон андеша намуд, ки яке аз афзалиятҳои инкишофи муътадили онҳо маҳз дар самаранокии системаи маъмурияти давлатӣ ва мавҷуд будани ташкилоти бюрократии ратсионалӣ ба назар мерасад.Муҳаққиқи ватанӣ Зокиров Г, низ дар рисолааш "Давлати тавоно" махсус қайд намудааст, ки "давлати самаранокро ҳокимияти кофии маъмурӣ ва идоракунии самаранок лозим аст." [8, с. 40]. Инчунин муҳаққиқ ба хотири аз ҳолати карахтию буҳрон баромадани давлатҳоро дар иҷроиши як қатор масъалаҳо ва ҳадафҳо дар соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла сиёсӣ ва идораи давлатӣ махсус қайд намудааст. У иҷроиши чун ҳадафҳоро дар самти расидан ба инкишофи комил таъкид менамояд:

- ташкил намудани низоми идораи сиёсӣ ва идоракунии маъмурӣ дар заминаи арзишҳои пешрафта;
- хосияти мутаносиб ва самаранок доштани идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ;
- риояи қатъии тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, дар масъалаи ҳуқуқу озодиҳои бошандагони кишвар новабаста аз мансубияти этникию иҷтимоӣ ва сиёсӣ;
- ба хизмати давлатӣ ва корҳо дигари маъмурӣ сафарбар намудани одамон бо ба инобат гирифтани хосиятҳои касбӣ ва ахлоқӣ;
- тамоми мақомотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии идоракунӣ тавассути озмун, дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраргардида, бо кадрҳо таъмин гарданд. Сатҳи баланди касбият ва ахлоқи ҳамида арзиши асосӣ бошад ва монанди инҳо.

Аз андешаҳои муҳаққиқ бармеояд, ки яке аз роҳҳои расидан ба инкишофи муътадил, ин амали намудани принспҳои бюрократияи ратсионалӣ дар ҷомеа ва ҳамчун шакли идоракунии самаранок истифода бурдан аз ташкилоти бюрократӣ мебошад. Ҳақ бар ҷониби М Вебер мебошад, ки изҳор доштааст: "идоракунии бюрократияи ратсионалӣ ягона шарти инкишофи капитализми муосир мебошад ва хосиятҳои он комилан ратсионалианд." [2, с. 20].

Нуктаеро бояд қайд намуд, ки бюрократия раванди идоракунии самаранокро танҳо дар ҷомеаҳои демократӣ таъмин карда метавонад ва шаффофияти он танҳо дар низоми мавҷудаи

демократӣ ба назар мерасад. Ҳолати баръакси он бошад дар ҷомеаҳои авторитарӣ намоён мегардад. Дар системаҳои идории авторитарӣ механизмҳои гуногуне фаъолият менамоянд, ки аз болои ташкилоти бюрократӣ назорат мебаранд ва раванди самаранокии идориро зери суол қарор медиҳанд, ба монанди иҷрочиёни интихобӣ, озод набудани судҳо, мавҷуд будани гуруҳи манфиатҳо ва ғайраҳо. Аз ин лиҳоз дар режимҳои авторитарию тоталитарӣ бюрократия хосияти ғайриратсионалиро ба худ гирифта ғасби ҳокимият ба назар мерасад. Чунин ҳолат бисёре аз муҳаққиқонро ба он водор намудааст, то оиди бюрократия адешаи манфӣ дошта бошанд. Ин ҳолатро ба назар гирифта, дар низоми демократӣ назорати ҷамъиятӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ ба сифати воситаи асосии маҳдуднамоии раванди автономикунонии бюрократияи давлатӣ баромад менамоянд.Намунаи барҷастаи он институти "Омбудсмен" (намояндаги оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ) ба шумор меравад[4, с. 141]. Институти мазкур соли 1808 дар Шветсия таъсис ёфтааст. Ҳадафи аслии он назорат аз болои ҳар гуна қарори маъмурӣ ташкил намуда, рафъи иштибоҳҳои маъмурон мебошад.

Дар замони муосир санъати идории давлатӣ на дар таҳияи қарорҳои мувофиқ ё дар бораи онҳо хабардор намудани ҷомеа, ба назар расад, балки дар заминаи дастгоҳи васеъ ва мураккаби бюрократия чи гуна амали намудани , дар куҷо чӣ тавр ба роҳ мондан ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Бюрократия дар замони муосир чун системаи баромад намояд, ки самаранок амалишавии қарорҳои қабулшуда, асоси фаъолияти он бошад. Мутмаъинан андеша намудан мумкин аст, ки бюрократияи ратсионалӣ, яке аз падидаҳои муҳим ва умумии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи муосирро бе ташакулли системаи бюрократии солим тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Он дар кадом шакле набошад, дар системаи идоракунии давлатию ҷамъиятӣ амал менамояд.Оид ба муҳимияти бюрократия чун идории самаранок ёдрас намудани зарбулмасали фон Бисмарк зарур ва муҳим мебошад ва у чунин қайд намудааст: "Бо қонунҳои бад ва хизматчиёни хуб идоракунии ҷомеа имкон дорад, аммо бо хизматчиёни бад, ҳеҷ қонуне кумак намерасонад" [9, с. 141]. Аз андешаҳои муҳаққиқи олмонӣ бармеояд, ки мавҷудияти идоракунӣ ва босифату самаранок будани он маҳз дар заминаи фаъолияти беҳтари хизматчиён ба назар мерасад. Бюрократия низ чун шакли идоранамоии давлатӣ чунин ҳолатро дар раванди идорӣ талаб намуда, касбияти хизматчиён асоси фаъолияти чунин ташкилот ва дар заминаи мавҷудияту фаъолияти чунин ташкилот ба назар расидани самаранокии идорӣ мебошад. Воқеият ёфтани принспҳои бюрократия дар амалияи ҷамъиятӣ кафолати самаранокии идории ҷомеа ва давлат мебошад. Он падидаи муҳимест, ба хотири рушди ҷомеаи муосир.Вобаста ба ҷомеа муҳаққиқон мекӯшанд, то ба хотири боз ҳам самаранок гардидани раванди идоракунии давлатиб ҷамъиятӣ тарҳҳои нави бюрократияи ратсионалиро пайдо намоянд ва дар ин самт ба комёбиҳо низ ноил гардидаанд.

Хулоса. Ҳамин тариқ бюрократияи ратсионалӣ чун падидаи ҷомеаи муосир аз ҳар ҷиҳат самаранокии системаи идориро таъмин карда метавонад. Ҳар падида ҷанбаи мусбат ва манфии хешро дорост ва он аз чигунагии амалияи субъект вобастааст, яъне субъект то кадом андоза метавонад, онро ба манфиати хеш истифода намояд. Мавҷудияти бюрократия дар ҷомеаҳои авторитарӣ далолат аз бюрократияи ғайрисамаранок ва канора мебошад. Ин ҳолатро мушоҳида намуда, наметавонем оиди бюрократияи ҷамъияти андешаи "нигилистӣ" дошта бошем, балки мебояд, ҷанбаҳои онро аз ҳар ҷиҳат омӯзиш намуда, чигунагии онро муайян намоем. Омӯзишҳо ва таҳлилҳо бар он водор намуданд, то бюрокатияро чун шакли идории самаранок фаҳм намоем. Чунки инкишоф ва рушди ҷомеаи муосир, хоссатан низоми идории давлатиб ҷамъиятиро бе мавҷудияти ташкилоти бюрократӣ тасаввур намудан ғайриимкон мебошад.

Адабиёт

1. Атаманчук, Г.В. Теория государственного управления.Изд 3-ое / Г.В. Атаманчук. – М: 2005. - С. 396-397
2. Вебер, М. Избраные произведение / М. Вебер. – М:, 1990. – 250 с.
3. Закон Пендлтон. / [манбаъи электронӣ] Режими дастрас / URL.htpps: // world_history.academic.ru.html. (санаи мурочиат: 20-04-2026)
4. Зокиров Г.Ҳокимияти сиёсӣ: тавоноӣ, тақсимот ва самаранокии он, Душанбе, 2013. 174с.
5. Зокиров, Г. Донишномаи сиёсӣ, Ҷ.3. / Г. Зокиров. - Душанбе, 2015. – 384с.
6. Малов, В.Н. Абсолютисткая бюрократия и французкое общество / В.Н. Малов. – М:, 1991. – 248 с.
7. Воробёв В.П.Социология бюрократии.классичекое теории.Пенза, Изд-во ПГУ, 2017. 112с.
8. Зокиров Г.Давлати тавоно, Душанбе, 2018, С 40.
9. Оболонский А.В. Бюрократия для XXI века:модели государственой службы-Россия, Англия, США, Австралия / А.В. Оболонский. – М:, 2002. – 141 с.

10. Оболонский, А.В. Кризис бюрократического государство. Реформ государственний службы: международный опыт и российское реалии / А.В. Оболонский. - М., 2011. С. 63-64.
11. Wilson, W. The study of Administration / W. Wilson //Political Science Quarterly №2/June 1887. – P:, 197-222.

БЮРОКРАТИЯИ СИЁСӢ АСОСИ ТАШАККУЛИ ИДОРАНАМОИИ СИЁСИИ САМАРАНОК

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ ва таҳлили низоми донишҳои сиёсӣ – таҳавулоти нави низоми идоракунии давлатӣ ва бюрократияи сиёсӣ ҳамчун омили самаранок гардонидани раванди кори низоми идоракунии давлатӣ бахшида шудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки дар мақола масъалаи механизми баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар заминаи бюрократияи сиёсиро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шавад. Мазмуни бюрократияи сиёсӣ тарзи хоссаи ба амал баровардани маъмурият (дастгоҳ)-и давлатӣ ба шумор меравад. Сатҳ ва тарзи амали маъмурияти давлатиро бевосита таркиботи сиёсии ҳокимият ва институтҳои сиёсӣ аз ҷумла давлат муайян менамоянд. Маъмурияти давлатӣ вобаста ба амалияи ҷамъияти инкишофи хешро мебояд, пайдо намояд. Муалиф машаххас менамояд, ки яке аз омилҳои муҳими инкишоф ва ташакулли маъмурияти давлатӣ пайдо намудани шакли хоссаи идоракунии сиёсию давлатӣ ба шумор меравад. Идоракунии сиёсии самаранок дар заминаи консепсияҳо ва доктринаҳои мушахасси илмӣ ба миён меояд. Яке аз чунин консепсияҳо ин бюрократияи ратсионалӣ чун идоракунии илмии давлатию ҷамъиятӣ мебошад. Он ягона ташкилоти идоранамоиест, ки самаранокии идораи сиёсию давлатиро бо арзишҳои хоссаи худ таъмин менамояд.

Калидвожаҳо: идоракунии давлатӣ, самаранокии идоракунӣ, бюрократияи сиёсӣ, идоракунии сиёсӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ислоҳоти маъмурӣ, хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият, қабули қарор, ҷомеаи иттилоотӣ.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ БЮРОКРАТИЯ КАК ОСНОВА ЭФФЕКТИВНОГО ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ

Статья посвящена одному из важных вопросов исследования и анализа системы политического знания – новому развитию системы государственного управления и политической бюрократии как фактору повышения эффективности процесса государственного управления. Автор попытался научно проанализировать в статье вопрос механизма повышения эффективности государственного управления на основе политической бюрократии. Содержание политической бюрократии – это специфический способ осуществления государственного управления (аппарат). Уровень и способ государственного управления напрямую определяются политическими структурами власти и политическими институтами, включая государство. Государственное управление должно находить свое развитие в зависимости от практики общества. Автор уточняет, что одним из важных факторов развития и формирования государственного управления является возникновение специфической формы политико-государственного управления. Эффективное политическое управление возникает на основе специфических научных концепций и доктрин. Одной из таких концепций является рациональная бюрократия как научное государственное и общественное управление. Это единственная управленческая организация, которая обеспечивает эффективность политического и государственного управления, опираясь на собственные ценности.

Ключевые слова: государственное управление, эффективность управления, политическая бюрократия, политическое управление, информационные технологии, административная реформа, государственные услуги, прозрачность, принятие решений, информационное общество.

POLITICAL BUREAUCRACY AS THE BASIS FOR EFFECTIVE POLITICAL MANAGEMENT

This article addresses one of the key issues in the study and analysis of political knowledge: the new development of public administration and political bureaucracy as a factor in increasing the effectiveness of public administration. The author attempts to scientifically analyze the mechanism for improving the effectiveness of public administration based on political bureaucracy. Political bureaucracy is a specific method of implementing public administration (apparatus). The level and method of public administration are directly determined by political power structures and political institutions, including the state. Public administration must evolve depending on the practices of society. The author clarifies that one of the important factors in the development and formation of public administration is the emergence of a specific form of political and public administration. Effective political administration arises from specific scientific concepts and doctrines. One such concept is rational bureaucracy as scientific public and social administration. This is the only administrative organization that ensures the effectiveness of political and public administration, based on its own values.

Key words: public administration, governance efficiency, political bureaucracy, political management, information technology, administrative reform, public services, transparency, decision-making, information society.

Об автор
Абдуллоев Нуралӣ
Ассистент кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственный управления при Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33,
E-mail: 230219971a@gmail.com
Дар бораи муаллиф
Абдуллоев Нурали
Ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носира, 33,
E-mail: 230219971a@gmail.com

About the author
Abdulloev Nurali
Assistant of the Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Said Nosira, 33,
E-mail: 230219971a@gmail.com

ТДУ 323.1(575.3)

ОМИЛҲОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - МЕЪЁРИ СИЁСАТ ДАР РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКИСТОН

Зокиров Х.И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дастовардҳои илмии мукаммал ва арзишманд маҳсули омӯзиши амиқ, таҳқиқоти пайваста ва ҷустуҷӯҳои фарогири илмӣ ба шумор рафта, танҳо баъд аз таҳлили ҳамаҷонибаи воқеиятҳои таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба майдони илм ворид мегарданд. Дар ин замина, омилҳои ваҳдати миллӣ ҳамчун меъёри муҳимми сиёсӣ ва заминаи асосии рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми давлатдории муосир ҷойгоҳи махсус касб намудаанд. Маҳз ваҳдати миллӣ ҳамчун пояи устувори суботи сиёсӣ, сулҳу оромӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар раванди бунёди ҷомеаи мутамаддин ва давлати соҳибистиқлол нақши калидӣ ва сарнавиштсозро иҷро менамояд. Таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон собит месозад, ки бе мавҷудияти ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ таъмини рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар ғайриимкон мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, таҳкими ваҳдати миллӣ имрӯз ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва омили муҳими ҳифзи истиқлолияти давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Масъалаи ваҳдати миллӣ, ки асосгузори воқеии он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбанд, дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ аҳаммияти хоссаи сиёсиву иҷтимоӣ дорад. Зеро Пешвои миллат дар тамоми марҳилаҳои рушди давлатдории навини тоҷикон пайваста таъкид менамоянд, ки иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон ғояи марказӣ ва ҳадафи асосии миллат ва давлат мебошад. Дар ҳамин замина, масъалаҳои марбут ба моҳият ва муҳтавои ваҳдати миллӣ, омилҳои ташаккул ва таҳкими он, роҳҳои пойдории сулҳу субот, инчунин воситаҳои эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ то имрӯз аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро гум накардаанд. Саволҳое чун «Ваҳдати миллӣ чист?», «Он кадом арзишҳо ва манфиатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад?», «Омилҳои асосии таҳкими ваҳдат кадомҳоянд?» ва «Роҳҳои устувор гардонидани ҳамбастагии миллӣ аз чӣ иборатанд?» ҳамоно мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҷомеаи илмӣ ва сиёсӣ қарор доранд. Ин масъалаи сарнавиштсоз имрӯз низ дар маркази таваҷҷуҳи ҳар як шаҳрванди ҷомеа қарор дошта, тақозо менамояд, ки ҳар фарди худогоҳу ватандӯст ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ, ободии кишвар ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ дар раванди таҳкими ваҳдати миллӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба таҷлили ҷашни муқаддас ва таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон наздик мегардад. Ин санаи муҳимми таърихӣ барои халқи тоҷик, бахусус намояндагони аҳли илму фарҳанг, муҳаққиқон, зиёиён ва эҷодкорон, ҳамчун майдони арзёбии дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони истиқлол аҳаммияти вижа дорад. Аз ин рӯ, аҳли ҷомеа кӯшиш менамоянд, ки ин ҷашни таърихиро бо дастовардҳои арзандаи илмӣ ва эҷодӣ истиқбол гиранд. Муаллифи мақолаи мазкур низ дар доираи ҳамин рисолати илмӣ ва шаҳрвандӣ солҳои охир вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти фарзандони фарзонаи миллат, махсусан нақш ва талошҳои Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди давлатдорӣ ва баланд бардоштани обрӯву эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои илмии худро доир ба масъалаи «Ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши стратегӣ ва меъёри сиёсӣ дар низоми давлатдории муосири Тоҷикистон» манзури хонандагон гардонидааст.

Дар ҳақиқат, марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бухронҳои иқтисодиву сиёсӣ дар солҳои мухталиф, оғози марҳилаи нави таърихи тоҷикон дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, парокандашавии ҷомеа дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он, Иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғози фаъолияти сиёсӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарзанди фарзонаи миллат ва саҳми беназири ӯ дар барқарорсозии сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи якпорчагии давлат, инчунин дастовардҳои муҳими даврони истиқлол дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, маориф, илм, фарҳанг ва дигар бахшҳои муҳими ҳаёти мардум, дар маҷмуъ ҳамчун таҷассуми фаъолияти пурсамар ва муваффақонаи давлатдории навини тоҷикон аҳаммияти бузурги сиёсӣ, таърихӣ ва миллӣ доранд. Маҳз ҳамин дастовардҳо заминаи воқеии таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти муосири сиёсӣ таъмин намудаанд.

Мақсади мақола. Барои расидан ба ҳадафи мазкур, дар бораи дарки мафҳум ва омилҳои асосии ваҳдати миллӣ дар меъёри сиёсат вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

-Баррасии таҳаввули омилҳои ваҳдат ба меъёри ҳатмии сиёсат.

-Таҳлили ҷойгоҳи ваҳдат ҳамчун соҳаи мустақили стратегия ва меёри сиёсат ва муайян намудани хусусияти баъзе меъёрҳои он дар муқоиса бо омилҳои асосии ваҳдати миллӣ.

-Шарҳи омилҳои асосии ваҳдати миллӣ дар робита ба татбиқи меъёрҳои мавҷуда дар низоми давлатдорӣ.

-Таҳқиқи омилҳои асосии ваҳдати миллӣ ва мақоми ваҳдат дар рушди давлатдории тоҷикон ҳамчун стратегия ва меёри сиёсат.

-Баррасии омилҳои ваҳдати миллӣ дар стратегия ва меъёри сиёсат.

-Пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои такмили рушди давлатдорӣ бо татбиқи омилҳои сиёсии ваҳдат дар Тоҷикистони муосир.

Маводҳо ва усулҳо. Методологияи таҳқиқ ба маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси сиёсӣ асос меёбад.

Дар мақола аз усули таҳлили системавӣ истифода мешавад, ки тавассути омилҳои ваҳдати миллӣ ҳамчун меъёри сиёсат барои рушди давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун унсури марказии сохтори асосии давлатдории миллӣ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, дар мақола аз усули тафсири сиёсат истифода мешавад, ки ба воситаи он муҳтавои арзиши стратегия ва меъёрҳои сиёсат таҳлил карда мешавад.

Натиҷаҳо. Навгонии илмии мақола дар чанд самти асосӣ ифода меёбад:

- дар мақола омилҳои ваҳдати миллӣ ва мазмуни на танҳо ҳамчун маҷмӯи сулҳу субот, озодиҳо ва кафолатҳо, балки ҳамчун арзиши стратегия ва меъёри сиёсат таҳлил мешавад.
- робитаи байни табақаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дарки он аз аҳамияти ваҳдат ҳамчун арзиши стратегия ва меъёри сиёсат.
- мақола аз нигоҳи меъёри сиёсат ҳамчун хусусияти равиши таҳлили сиёсӣ муайян гардидааст.
- нақши омилҳои ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши стратегия ва меъёри сиёсат баҳри рушду нумуи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таври системавӣ таҳлил мегардад.
- дар мақола принсипҳои зарурият, мутаносибият ҳамчун абзорҳои муҳими мувозинати байни манфиати давлат ва шахс таҳлил шуда, аҳамияти онҳо барои устувори меъёрҳои сиёсат дар рушди Тоҷикистон нишон дода мешавад.

Муҳокима. Мақолаи илмии мазкур таҳлили назариявӣ-сиёсии таҳқиқоти илмии мазкур дар ин мақола барои ашхосе, ки аз ваҳдату якдилӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан ҳамвора ифтихор мекунад ва ҳар қатраи обу ҳар зарраи хоки ин меҳани биҳиштосо барояшон азизу муқаддас аст, хеле зарур мебошад.

Инчунин, бояд таъкид намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами илми сиёсӣ ва давлатдорӣ дар шароити муосир масъалаи «Омилҳои ваҳдати миллӣ ҳамчун меъёри сиёсат дар рушди давлатдории Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Ин масъала на танҳо барои муҳаққиқон ва доираҳои илмӣ, балки барои тамоми қишрҳои ҷомеа аҳаммияти махсус дошта, омӯзиш ва дарки амиқи он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди худогоҳу ватандӯст маҳсуб меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди манфиатҳои геосиёсӣ ва таҳаввулоти босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории давлат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти стратегӣ касб менамояд. Аз нуқтаи назари муаллиф, омилҳои ваҳдати миллӣ дар раванди таҳқиқоти мазкур ҷойгоҳи калидӣ дошта, маҳз тавассути онҳо самтҳои асосии рушди давлатдории миллӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои рушди устувори давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини зиндагии шоистаи мардум, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсӣ муайян ва амалӣ мегарданд. Дар ҳамин замина, масъалаи ваҳдати миллӣ ҳамчун заминаи муҳими рушди ҷомеа тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, роҳу усулҳои ҳалли мушкилот ва муаммоҳои мавҷударо низ ба таври мушаххас муайян менамояд.

Дар бораи ваҳдати миллӣ, ки асосгузори воқеии он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, пайваста сухан меравад, зеро Пешвои миллат иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистонро ҳамчун ғоя ва ҳадафи марказии давлату миллат борҳо таъкид намудаанд. Мафҳуми ваҳдати миллӣ имрӯз низ ҳамчун яке аз масъалаҳои меҳварии афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ боқӣ мондааст. Саволҳое чун «Ваҳдати миллӣ чист?», «Он кадом муҳтаво ва арзишҳоро дар бар мегирад?», «Омилҳои асосии таҳкими ваҳдат кадомҳоянд?» ва «Роҳҳои пойдории ваҳдат ва эҳёи арзишҳои миллӣ аз чӣ иборатанд?» то имрӯз аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро нигоҳ доштаанд ва посухҳои саҳеҳу илмӣ тақозо менамоянд. Ин масъалаи сарнавиштсоз ҳамеша дар

маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор дошта, ҳар як шаҳрванди мамлакатро водор месозад, ки ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ, ободии Ватан, суботи сиёсӣ ва зиндагии осоишта дар таҳкими ваҳдати миллӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Мурод аз ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, мусоидат ба ташаккули ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявие мебошад, ки бо дарназардошти манфиатҳои тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, миллатҳо, минтақаҳо ва мазҳабҳо бунёд мегардад. Вале татбиқи чунин ҳадафи муҳим дар шароите, ки ҷомеа ҳанӯз бо мушкилоти гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мебошад, бидуни тадбирҳои муассир, барномаҳои созанда ва иқдомҳои фарогири сиёсиву иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи Тоҷикистон ба ғояе эҳтиёҷ дорад, ки барои боз ҳам амиқтар муттаҳид гардидани неруҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, онҳоро ба ҳамдигарфаҳмӣ ва созиш раҳнамун созад. Ин ғоя маҳз ғояи ваҳдати миллӣ ва эҳёи маънавию моддии ҷомеа мебошад, ки метавонад ҳамчун омили муассири худшиносии миллӣ, худогоҳии сиёсӣ ва эҳёи хотираи таърихии мардум хизмат намояд [18, с. 51].

Ғояи миллӣ дорои муҳтавои амиқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, ҳадафҳои созанда ва инсондӯстонаро дар бар мегирад. Мазмуни асосии он ба ташаккули тафаккури нав, ҷаҳонбинии муосир ва боло бурдани сатҳи маърифати сиёсиву маънавии шаҳрвандон равона гардидааст. Ин ғоя шаҳрвандонро ба худислоҳсозӣ, худшиносӣ ва худинкишофдиҳӣ ҳидоят намуда, онҳоро водор месозад, ки нисбат ба муҳити зист, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ муносибати огоҳона ва масъулиятшиносона дошта бошанд. Ҳамчунин, ғояи миллӣ барои пешгирии низоъҳо ва задухӯрдҳои харобиовар, таҳкими сулҳу субот, рушди давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ таъсири мусбат ва судманд мерасонад [1, с. 91].

Таҷрибаи таърихии давлатдорӣ нишон медиҳад, ки манфиатҷӯй, худхоҳӣ ва худбинии баъзе шахсони соҳибмансаб метавонад ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсири манфӣ расонида, ба зиндагии мардум зарари ҷиддӣ ворид намояд. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ бояд пеш аз ҳама манфиатҳои умумимиллӣ ва таъмини баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз мансубияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва минтақавии онҳо, дар мадди аввал қарор дода шавад [17, с. 10]. Маҳз риояи принсипи адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ метавонад заминаи воқеии таҳкими ваҳдати миллӣ ва пойдории давлатдориро таъмин намояд.

Муҳимтарин ва самарабахштарин омили ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ сулҳу субот ва оромии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Танҳо дар шароити сулҳу оштӣ имкони омӯзиши амиқи сабабҳои зиддиятҳо, муайян намудани омилҳои бухронзо ва роҳҳои пешгириву бартарафсозии онҳо фароҳам мегардад. Бояд таъкид намуд, ки сулҳофарӣ ва сулҳҷӯй раванди бисёр мураккаб ва серпаҳлу буда, танҳо тавассути таҳкими пайвастаи ин раванд метавон сабабҳои аслии низоъҳоро ошкор намуда, тадбирҳои муассири тағйирдиҳандаи вазъиятро муайян кард. Барои дарки амиқи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии сар задани ихтилофҳо ва ҷангҳои харобиовар гузаронидани таҳқиқоти ҷиддии илмӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Яке аз шартҳои муҳимми пойдории сулҳу субот истифодаи таҷрибаи нодири гуфтушунидҳои байни тоҷикон мебошад, ки дар натиҷаи мулоқот ва музокироти намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неруҳои мухолифин ба даст омадааст [16, с. 53].

Хушбахтона, ин гуфтушунидҳо натиҷаҳои мусбат ва сарнавиштсоз ба бор оварда, барои ҷомеаи Тоҷикистон таҷрибаи нодири сиёсӣ ва сулҳофарӣ муҳайё намуданд. Таҷрибаи музокироти сулҳи тоҷикон нишон дод, ки мулоқот, муколама ва мубодилаи афкор метавонад ҳамчун воситаи муҳимми ҳалли мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ хизмат намояд. Ин таҷриба собит сохт, ки гуфтугӯ ва ҳамдигарфаҳмӣ ба тарафҳои муқобил имкон медиҳад, ки мақсад ва мавқеи якдигарро дуруст дарк намоянд, масъалаҳои баҳсталабро дар фазои ором муҳокима кунанд ва дар ниҳоят ба созиш ва ризоияти миллӣ ноил гарданд. Дар натиҷаи чунин музокирот тарафҳо худро ҳамчун намояндагони як миллат ва давлати соҳибтамаддун эҳсос намуда, кинаву адоватро канор гузоштанд ва барои дарёфти роҳи сулҳ, гузашт ва ҳамдигарбахшӣ талош варзиданд. Маҳз ҳамин омилҳо барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии давлатдории муосири тоҷикон заминаи воқеӣ фароҳам оварданд [8, с. 54].

Муҳимтарин омили дигари пойдории сулҳу осоиш, ба андешаи муҳаққиқон, сафарбар намудани иқтидори табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ба манфиати рушди давлатдорӣ ва суботи ҷомеа мебошад. Дар ин самт, ба низом даровардани муносибатҳои истеҳсолӣ, беҳтар намудани вазъи молиявӣ, такмили низоми буҷет ва андоз, таҳияи барномаҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва раҳоӣ аз буҳронҳои иҷтимоиву маънавӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Ҳамчунин, сафарбар намудани неруи мардум барои татбиқи мунтазами ислоҳоти иқтисодӣ ва истифодаи дурусту ҳадафмандонаи тадбирҳои сиёсӣ метавонад заминаи устувори рушди давлатдориро таъмин намояд. Маҳз дар ҳамин замина ғояҳои бунёдкорона ва созанда ба унвони воситаи муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори ҷомеа зуҳур менамоянд.

Омили муҳими дигаре, ки дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва пойдории давлатдорӣ нақши муассир дорад, муҳити зист мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор, ки зиёда аз 93 фоизи қаламрави онро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд, дорои муҳити табиии хос мебошад ва ин омил дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа таъсири амиқ мегузорад. Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани зиддиятҳои шадиди иҷтимоӣ ва сиёсӣ дахолати нодуруст ба муҳити зист ва беэътиноӣ нисбат ба арзишҳои табиии ҷомеа арзёбӣ мегардад. Мардуми тоҷик аз даврaҳои қадим бо табиат робитаи қавӣ ва маънавӣ доштаанд ва коста гардидани ин робита метавонад ба буҳронҳои иҷтимоӣ ва экологӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, муносибати эҳтиётkорона ва дурандешона нисбат ба муҳити зист ҳамчун омили муҳими суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад [18, с. 56].

Яке аз муҳимтарин омилҳои таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ ифтихори миллӣ мебошад. Ифтихори миллӣ дар ҳолате метавонад ба омили созанда ва муттаҳидкунанда табдил ёбад, ки аз такаббур, худбартарбинӣ ва миллатгароии ифротӣ орӣ бошад. Агар ин падида ҳамчун ифодаи ҳастии таърихии миллат, рисолати иҷтимоӣ ва ҳадафҳои созандаи ҷомеа зуҳур намояд, он метавонад барои рафъи буҳронҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, рушди босуръати иқтисодӣ ва маънавӣ, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши муассир бозад. Рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Суруди миллӣ, Парчам ва Нишони давлатӣ, аз муҳимтарин таҷассумгарони ифтихори миллӣ ба шумор мераванд. Аммо аҳаммияти онҳо на танҳо дар шакли зоҳирӣ, балки дар муҳтавои маънавӣ ва таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ ифода меёбад. Ин рамзҳо бояд барои таҳкими ҳамбастагии миллӣ, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва пойдории ифтихори миллӣ хизмат намоянд [14, с. 57].

Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои матни пурмазмун ва оҳанги пурифтихор буда, метавонад дар тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ нақши муассир бозад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тамоми қишрҳои ҷомеа онро аз худ намоянд ва дар чорабиниҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ ба таври васеъ истифода кунанд. Иҷрои оммавии Суруди миллӣ метавонад эҳсоси ифтихор, ҳамбастагӣ ва муҳаббат ба Ватанро дар қалби шаҳрвандон таҳким бахшад. Ҳамчунин, Парчами давлатии Тоҷикистон бояд ҳамчун рамзи соҳибихтиёрӣ ва ваҳдати миллӣ дар ҳар хонадон ва муассиса мавқеи шоиста дошта бошад. Дар рӯзҳои ҷашн барафрохтани Парчами давлатӣ дар биноҳо ва маҳалҳои аҳолинишин метавонад эҳсоси сарфарозӣ ва ифтихори миллиро тақвият диҳад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ яке аз омилҳои муҳими ташаккули худшиносии миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ мебошад.

Яке аз омилҳои муҳими пойдории ваҳдати миллӣ ҳифзи якпорчагии давлат ва таҳкими робитаҳои минтақавӣ мебошад. Дар ҳолате ки гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ муддати тӯлонӣ аз ҳам ҷудо зиндагӣ мекунанд ва робитаҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо маҳдуд мегардад, эҳсоси мансубият ба маҳал нисбат ба мансубияти умумимиллӣ қавитар мешавад. Аз ҳамин сабаб, рушди шабакаҳои роҳу нақлиёт, аз ҷумла роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва нақбҳо миёни минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, роҳҳои муҳимми стратегиро бунёд намуд, ки онҳо барои таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаҳо мусоидат карданд.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба давлати соҳибихтиёр табдил ёфт [11, с. 29], вале вобастагии иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷуғрофии он ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамоно боқӣ мемонад. Дар чунин шароит ташаккули модели консептуалии истиқлолияти давлатӣ, ки ба манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои давлатдорӣ такя менамояд, аҳаммияти муҳим касб мекунад. Яке аз омилҳои муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ дар чунин шароит мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ мебошад. Забони давлатӣ ҳамчун воситаи асосии ҳамгироии миллӣ, рушди фарҳанг ва таҳкими худшиносии миллӣ хизмат мекунад. Амалӣ намудани қонуни забон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, барои рушди забони тоҷикӣ ва боло рафтани мақоми иҷтимоии он мусоидат менамояд. Ин раванд метавонад барои ба забони умумимиллӣ табдил ёфтани забони адабӣ ва таҳкими ваҳдати фарҳангии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам оварад.

Фаъолияти пайгирона ва созандаи зиёиён ва неруҳои равшанфикр низ яке аз омилҳои муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдорӣ ба шумор меравад [2, с. 352]. Ваҳдати миллӣ дар натиҷаи истифодаи имкониятҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла собиқадорони меҳнату ҷанг, созмонҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои фарҳангӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ таҳким меёбад. Ҳамчунин, фаъолияти мунтазам ва муассири Шурои ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Кумитаи сулҳ, Анҷумани дӯстӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои пойдории сулҳ, амният ва суботи ҷомеа нақши назаррас дорад. Эҳсоси умумияти миллӣ инчунин тавассути иштироки

фаъолонаи намояндагони мардум дар идоракунии давлатӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат зуҳур менамояд [10, с. 456].

Ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ваҳдати тамоми миллатҳо ва халқиятҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва таҳкими он бидуни таъмини баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маориф ғайриимкон аст. Ҳар гуна бартарият додан ба гурӯҳ, минтақа ё миллате метавонад ба ҳамбастагии ҷомеа халали ҷиддӣ расонад ва ба заиф гардидани ваҳдати миллӣ оварда расонад [9, с. 352]. Аз ҳамин сабаб, сиёсати давлатӣ бояд ба принсипҳои адолат, баробарӣ ва эҳтироми манфиатҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа асос ёбад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва осори худ пайваста таъкид менамоянд, бояд тамоми имкониятҳо истифода шаванд, то дар шуури ҷомеа ҳар гуна ҷудоиандозӣ миёни «таҳҷоӣ» ва «омада», «шимолӣ» ва «ҷанубӣ», «тоҷик» ва «ғайритоҷик», «мусулмон» ва «ғайримусулмон» аз байн бурда шавад. Ҳангоми таъйин ба вазифа ва ҷалби кадрҳо бояд на мансубияти минтақавӣ, нажодӣ, забонӣ ё мазҳабӣ, балки дониш, малака, истеъдод, қобилияти касбӣ ва ташаббускорӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд. Танҳо дар ҳамин сурат метавон заминаҳои тафриқаандозии иҷтимоӣ, маҳалгароӣ ва мазҳабиро аз байн бурд ва барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди давлатдории муосир шароити мусоид фароҳам овард [6, с. 384].

Бо боварии комил метавон таъкид намуд, ки то ҷомеа ва миллат аз таассуб, бахусус аз таассуби маҳалгароӣ, мазҳабӣ, динӣ ва ҳизбӣ раҳо наёбанд, сухан рондан дар бораи ваҳдати воқеӣ ва пойдори миллӣ маънии амиқи сиёсӣ ва иҷтимоии худро пурра касб карда наметавонад. Ҳодисаҳои солҳои 1990–1992 ба таври равшан нишон доданд, ки қисме аз ҷомеаи Тоҷикистон дар доми таассуб ва андешаҳои маҳдуд қарор гирифта буданд, ки маҳз ҳамин омил ба шиддат гирифтани зиддиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд. Таҷрибаи таърихӣ исбот кард, ки раҳоӣ аз чунин таассуб барои сарнавишти минбаъдаи миллат ва таҳкими давлатдорӣ аҳаммияти сарнавиштсоз дорад. Хушбахтона, бо гузашти вақт ва тавассути татбиқи як қатор тадбирҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ ҷомеа тадриҷан ба дарки хатари таассуб расида, барои аз байн бурдани он иқдомҳои муассир анҷом дод.

Зиндагӣ ва таҷрибаи таърихии ҷомеа нишон доданд, ки яке аз омилҳои харобиовар ва хатарноктарини косташавии ваҳдати миллӣ ҷаҳолат ва бемаърифатӣ мебошад. Маҳз ҳамин ҷаҳолат ва бехабарӣ аз воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ боис гардид, ки гурӯҳҳои муайян тавонистанд мардумро гумроҳ намуда, онҳоро ба майдони ҷанги бародаркуш кашанд. Ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба сохтори сиёсиву иқтисодии кишвар зарбаи ҷиддӣ расонд, балки ба тафаккур ва рӯҳияи ҷомеа низ таъсири манфӣ гузошт. Дар натиҷаи ин низоъ, дар як қисми ҷомеа руҳияи тороҷгарӣ, манфиатҷӯӣ, муфтхӯрӣ ва бартарихоҳӣ шакл гирифт, ки оқибатҳои он барои ҷомеа ниҳоят сангин буданд [4, с. 62]. Кор ба дараҷае расид, ки харобкорӣ, ғоратгарӣ ва ҳатто қатлу куштор барои баъзе гурӯҳҳо ҳамчун василаи нишон додани қудрат ва бартарӣ арзёбӣ мегардид. Ҷаҳолат ба рушди худписандии миллӣ, иҷтимоӣ, маҳаллӣ ва табақавӣ мусоидат намуда, барои ташкили муколамаи баробарҳуқуқона ва ҳалли мушкилоти ҷомеа монеаҳои ҷиддӣ эҷод кард. Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки ҷомеа аз таъсири ҷаҳолат раҳо ёфта, манфиатҳои умумимиллӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд. Ин раванд тақозо менамояд, ки:

- манфиатҳои тарафҳои мухталиф ба ҳам наздик карда шаванд;
- аз манфиатҷӯӣ ва бартарихоҳӣ даст кашида шавад;
- гурӯҳҳои мухталиф барои созиш ва гузашт омода гарданд;
- мухолифатҳои сунъӣ ва ихтилофҳои дохилӣ бартараф карда шаванд;
- арзишҳои фарҳангӣ ва суннатҳои миллӣ дар танзими ҳаёти ҷомеа мавқеи шоиста пайдо намоянд [7, с. 60].

Дар баробари ин, давлат ва ҷомеа набояд фаромӯш созанд, ки рушди босуръати илму техника ва тағйироти иҷтимоӣ метавонад муносибат ба урфу одат, анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ ва таърихиро тағйир диҳад. Дар ҳолате ки чунин равандҳо бе назорати маънавӣ ва фарҳангӣ ҷараён мегиранд, қисме аз суннатҳо ва арзишҳои муҳими миллӣ тадриҷан аз байн рафта, ин метавонад барои ваҳдати миллӣ ва худшиносии ҷомеа хатари ҷиддӣ ба вуҷуд оварад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳифз ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии миллат яке аз вазифаҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор меравад.

Яке аз хатарҳои дигари ҷиддӣ барои ваҳдати миллӣ миллатгароии ифротӣ ва маҳалгароӣ мебошад. Таърих борҳо нишон додааст, ки маҳз чунин падидаҳо сабаби ба вуҷуд омадани низоъҳо, бадбинӣ ва барҳӯрдҳои иҷтимоӣ мегарданд. Чунонки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ мушоҳида гардид, эҳсоси бартарии маҳаллӣ ё миллӣ боиси афзоиши адоват ва задухӯрдҳои харобиовар шуда, фоҷиаи сангине ба сари халқу давлат овард [3, с. 520]. Аз ин рӯ, ҷомеаи

Тоҷикистонро зарур аст, ки бо истифода аз ақлу заковат ва таҷрибаи таърихӣ барои ҳалли мушкилоти дохилӣ ва хориҷӣ иқдом намояд. Омили асосии ба даст овардани иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар маҳз таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи Ватан мебошад [5, с. 57].

Дар шароити кунунӣ фаъолияти намояндагон ва ҷонибдорони ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Барои боз ҳам таъсирбахш ва муассир гардидани фаъолияти ин ҳаракат зарур аст, ки онҳо аз имкониятҳои афкори умум ва марказҳои ташаккули он ба таври васеъ истифода баранд. Аз ҷумла, шуроҳои марказӣ ва маҳаллии ҳаракати ваҳдати миллӣ бояд дар тарғиби аҳаммияти сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ аз воситаҳои ахбори омма радио, телевизион, матбуот ва дигар воситаҳои иттилоотӣ самаранок истифода намоянд. Ҳамзамон, зарур аст, ки масъалаи ваҳдати миллӣ ҳамчун масъалаи сарнавиштсоз пайваста дар меҳвари таваҷҷуҳи расонаҳо қарор дошта бошад ва ҷомеа доимо барои дарёфти роҳҳои дурусти ҳалли мушкилоти марбут ба он талош намояд.

Дар ин самт суханрониҳо, пешниҳодҳо ва андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти махсус доранд. Дар баромадҳо ва осори Пешвои миллат ғояҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ доир ба таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври равшан ифода ёфтаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин ғояҳои арзишманд, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, ба зеҳну шуури ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба таври густурда расонида шаванд [12, с. 59].

Барои татбиқи ин ҳадафҳо зарур аст:

- тарғибу ташвиқи ғояҳои ваҳдат ва худшиносии миллӣ мунтазам ва пайваста ба роҳ монда шавад;
- тавассути воситаҳои ахбори омма намояндагони аҳли илм, адаб, зиёиён ва собиқадорони меҳнату ҷанг барои шарҳу тавзеҳи моҳияти ғояҳои давлатдорӣ фаъолона ҷалб карда шаванд;
- таҷрибаи пешқадами фаъолияти тарғиботиву маърифатӣ истифода гардад;
- дар муассисаҳои илмӣ, бахусус Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи пешниҳодҳо ва сиёсати Пешвои миллат тадқиқоти сотсиологӣ ва илмӣ ба таври мунтазам гузаронида шаванд.

Мақсади асосии ин таҳқиқот пеш аз ҳама ба зеҳни ҷомеа расонидани моҳият ва аҳаммияти ваҳдати миллӣ, инчунин муайян намудани шароит ва омилҳое мебошад, ки метавонанд барои барқарорсозӣ ва таҳкими устувори ваҳдати миллӣ мусоидат намоянд.

Хулоса, мурод аз ваҳдати миллӣ мусоидат ба ташаккули ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявие мебошад, ки бо дарназардошти манфиатҳои тамоми қишрҳо, неруҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, минтақаҳо ва мазҳабҳо бунёд мегардад. Аммо татбиқи чунин ҳадафи муҳим дар шароити мураккаби иҷтимоӣ ва сиёсӣ бидуни ҷидду ҷаҳд, тадбирҳои фарогир ва сиёсати оқилона имконнопазир аст. Дар чунин вазъият ҷомеа ба ғояе эҳтиёҷ дорад, ки неруҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоиро муттаҳид намуда, онҳоро ба ҳамдигарфаҳмӣ ва созиш раҳнамун созад. Ин ғоя маҳз ғояи ваҳдати миллӣ ва эҳёи маънавию моддии ҷомеа мебошад, ки метавонад ҳамчун омили муҳими худшиносии миллӣ, худогоҳии давлатӣ ва эҳёи хотираи таърихии миллат хизмат намояд.

Муҳимтарин ва самарабахштарин омили таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ сулҳу осоиш мебошад. Танҳо дар шароити сулҳу субот имкони муайян намудани сабабҳои зиддиятҳо, омӯзиши омилҳои сиёсӣ ва иқтисодии буҳронҳо ва таҳияи роҳҳои бартарафсозии онҳо фароҳам мегардад. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон нишон дод, ки гуфтушунид, муколама ва ҳамдигарфаҳмӣ метавонад роҳи асосии ҳалли низоъҳо бошад. Натиҷаҳои мусбати гуфтушунидҳои сулҳ, ки миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неруҳои мухолифин сурат гирифтанд, имрӯз ҳамчун омили муҳими рушди давлатдорӣ ва суботи ҷомеа арзёбӣ мешаванд.

Ҳамчунин, фаъолияти пурсамари классикон ва аҳли адабу фарҳанги муосири кишвар дар тарғиби ғояҳои ваҳдат, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан аҳаммияти бузург дорад. Осори адабӣ ва фарҳангӣ метавонанд рӯҳияи мардумро ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон раҳнамун сохта, барои пойдории сулҳу ваҳдат ва таҳкими давлатдории миллӣ заминаи устувор фароҳам оваранд.

Тадқиқоти мазкур дар асоси Барномаи фаъолияти таҳқиқотии илмии кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2025-2030 таҳти унвони “Таҳқиқи масъалаҳои сиёсии сиёсати ҳарбӣ, ҷавонон, энергетикӣ, экологӣ, муносибатҳои миллӣ, элита ва дигар равандҳои сиёсӣ. Таҳлили ҷанбаҳои сиёсии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар доираи

муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, экологӣ” (аз 30.01.2025 сол таҳти №1) гузаронида шудааст.

Адабиёт

1. Зокиров, Г. Н. Масъалаҳои миллию сиёсии муҳоҷирати аҳолӣ дар Тоҷикистон / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 1995. – 91 с.
2. Зокиров, Г. Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф/ Г. Н. Зокиров. – Душанбе : Истеъдод, 2011. – 352 с.
3. Зокиров, Г. Н. Сиёсатшиносӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.
4. Зокиров, Г. Н. Донишномаи сиёсӣ/ Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 602 с.
5. Зокиров, Г. Н. Сиёсатшиносӣ/ Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2003. – 57 с.
6. Зокиров, Г. Н. Давлат/ Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 384 с.
7. Зокиров, Г. Н. Истиқлолияти сиёсӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 60 с.
8. Зокиров, Г. Н. Хуросони Бузург (Доктринаи геополитикӣ) / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Империал-Групп, 2021. – 54 с.
9. Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х. Зарифи. – Душанбе: ООО «Офсет», 2010. – 352 с.
10. Зарифи, Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х. Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 456 с.
11. Имомов, А. Соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Государство и право. / А. Имомов. – Душанбе, 1996. – С. 29.
12. История с грифом «Совершенно секретно». – Душанбе, 1995. – 59 с.
13. Имомов, А. Соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Государство и право / А. Имомов. – Душанбе, 1996. – № 1. – С. 56.
14. История международных отношений и внешняя политика Таджикистана (1917–2008 гг.) / авт.-сост. М. Гульджонов. – Душанбе: Нодир, 2009. – 224 с.
15. Информационный листок. Миссия наблюдателей ООН в Таджикистане. – 1999. – № 31 (4–15 января). – С. 57.
16. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 16 с.
17. Краснов, Ю. Политика. Теория и политика: сравнительный анализ политических процессов в регионах / Ю. Краснов. – Москва, 1993. – С. 53.
18. Лукин, А. Шанхайская организация сотрудничества: проблемы и перспективы / А. Лукин, // Международная жизнь. – 2004. – № 3. – С. 8–10.
19. Қозиён, Ш. Қ. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдат / Ш. Қ. Қозиён. – Душанбе, 2004. – С. 51–61.

ОМИЛҲОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ -МЕЪЁРИ СИЁСАТ ДАР РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКИСТОН

Пажуҳиши мазкур роҷеъ ба омилҳои ваҳдати миллӣ - меъёри сиёсат дар рушди давлатдории Тоҷикистон ва ҳамчун арзиши стратегия ва меъёри сиёсат дар фаъолияти ваҳдати имрӯзаи кишвар дар ситоиши Ваҳдату худшиносии миллӣ, дӯст доштани ватану ба он то абад содиқ будан амали нек дар пойдории сулҳу ваҳдат ҷойгоҳи махсусро дорад, ки руҳияи мардумро ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз дурахшон хоҳад кард, фарогир мебошад. Бовар дорем, ки он барои ашхосе, ки аз ваҳдату якдилӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан ҳамвора ифтихор мекунад ва ҳар қатраи обу ҳар зарраи хоки ин меҳани биҳиштосо барояшон азизу муқаддас аст, хеле муҳим аст.

Дар бораи ваҳдати миллӣ, ки асосгузори он Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, пайваста сухан меравад, зеро Президенти муҳтарам мақсаду маром ва ғояи асосии миллату давлат будани иттиҳоди ҳамаи мардуми Тоҷикистонро борҳо таъкид мекунанд. Ваҳдати миллӣ чист?. Он чӣ муҳтаво дорад, кадом масъалаҳоро дар бар мегирад, муҳимтарин омилҳои ваҳдат аз чӣ иборат аст, роҳҳои таҳкими ваҳдат ва эҳё кадомҳоанд? Ин саволҳо ҳанӯз мазмуну муҳтавои хешро дигар накардаанд, ҷавобҳои саҳеҳ ва аниқ мехоҳанд. Ин масъалаи тақдирсоз имрӯз ҳамеша мавриди мутолиа ва андешаи ҳар як шаҳрванд қарор дорад. Бояд ҳар яки мо бидонем, ки ба хотири оромӣ, ободӣ, осоиш ва сулҳу амонӣ ба тақвияти раванди ваҳдат ҳисса гузоштан талаби замон аст.

Калидвожаҳо: Ваҳдат, сулҳ, Тоҷикистон, давлатдорӣ, истиқлол, амният, худшиносии миллӣ.

ФАКТОРЫ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА КАК ПОЛИТИЧЕСКИЙ КРИТЕРИЙ В РАЗВИТИИ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Данное исследование посвящено факторам национального единства как политическому критерию в развитии государственности Таджикистана. Национальное единство рассматривается как

стратегическая ценность и политический ориентир в реализации современной политики сплочения страны. Особое внимание уделяется прославлению единства, национального самосознания, любви к Родине и вечной преданности ей как благородному деянию, способствующему укреплению мира и согласия, формирующему духовное состояние общества и направляющему народ к светлому будущему дорогого Таджикистана. Представленное научное исследование имеет особую значимость для тех, кто гордится единством, сплочённостью и защитой территориальной целостности Родины, для кого каждая капля воды и каждая частица земли этого райского края священны и дороги.

Национальное единство, основателем которого является уважаемый Лидер нации Эмомали Рахмон, постоянно упоминается в политических и общественных дискуссиях. Президент неоднократно подчеркивает, что главная цель и идея нации и государства заключается в объединении всех народов Таджикистана. Что такое национальное единство? Каков его смысл, какие вопросы оно охватывает, какие факторы являются ключевыми для его укрепления и возрождения? Эти вопросы остаются актуальными и требуют точных и ясных ответов. Сегодня национальное единство продолжает быть предметом изучения и размышления каждого гражданина. Каждый должен осознавать, что ради мира, процветания, спокойствия и безопасности необходимо вносить личный вклад в укрепление процесса единства.

Ключевые слова: Единство, мир, Таджикистан, государственность, независимость, безопасность, национальное самосознание.

FACTORS OF NATIONAL UNITY AS A POLITICAL CRITERION IN THE DEVELOPMENT OF STATEHOOD IN TAJIKISTAN

This study examines the factors of national unity as a political criterion in the development of statehood in Tajikistan. National unity is regarded as both a strategic value and a political standard in the implementation of contemporary policies promoting national cohesion. Particular attention is given to the promotion of unity, national self-awareness, love for the homeland, and lifelong devotion to it as noble values that strengthen peace and harmony, shape the moral and spiritual character of society, and inspire the people toward the bright future of Tajikistan. This research is of particular importance to those who value unity, solidarity, and the protection of the territorial integrity of the homeland, for whom every drop of water and every particle of this blessed land is sacred.

National unity, founded and championed by the respected Leader of the Nation, Emomali Rahmon, is consistently referenced in political and public discourse. The President repeatedly emphasizes that the main goal and guiding principle of the nation and state is the unification of all peoples of Tajikistan. What is national unity? What is its meaning, which issues does it encompass, what are the key factors that ensure it, and how can it be strengthened and revived? These questions remain relevant and require precise and clear answers. Today, national unity continues to be a subject of study and reflection for every citizen. Each individual must recognize that, for the sake of peace, prosperity, stability, and security, contributing to the strengthening of national unity is both atimely and necessary task.

Keywords: Unity, peace, Tajikistan, statehood, independence, security, national self-awareness.

Дар бораи муаллиф
Зокиров Хуршед Исмоилович
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
E mail: zokirov.khurshed01@gmail.com

About the author
Zokirov Khurshed Ismoilovich
Applicant of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E mail: zokirov.khurshed01@gmail.com

Об авторе
Зокиров Хуршед Исмоилович
соискатель кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E mail: zokirov.khurshed01@gmail.com

УДК 327(470:575.3)

ИНТЕГРАЦИОННЫЕ АСПЕКТЫ ПАРТНЁРСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИИ В РАМКАХ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

Холов С. Х.
Института изучения проблем стран Азии и Европы

Введение. Современные интеграционные процессы между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией берут своё начало в 1991 году, когда после распада СССР обе страны стали учредителями Содружества Независимых Государств (СНГ). Это межгосударственное объединение было создано с целью сохранения экономических, политических и гуманитарных связей между бывшими советскими республиками в новых исторических условиях.

Хронологические рамки исследования охватывают период с момента основания СНГ в декабре 1991 года по настоящее время, включая ключевые этапы становления и развития двустороннего сотрудничества. Особое внимание уделяется первым постсоветским годам, когда формировались новые модели взаимодействия, а также современному этапу партнёрства в условиях меняющейся международной обстановки.

Цель исследования – проанализировать эволюцию интеграционных связей между Таджикистаном и Россией в рамках СНГ, выявить основные механизмы сотрудничества и оценить их эффективность.

Задачи работы включают:

- Изучение институциональной роли СНГ как платформы для взаимодействия;
- Анализ ключевых направлений сотрудничества (политического, экономического, культурного);
- Оценку перспектив дальнейшего развития партнёрства в контексте современных геополитических реалий.

Актуальность темы обусловлена важностью российско-таджикского сотрудничества для региональной стабильности и экономического развития. Исследование опирается на анализ международных договоров, статистических данных и экспертных оценок, что позволяет комплексно рассмотреть динамику двусторонних отношений.

Работа опирается на ключевые подходы теории региональной интеграции. Для объяснения институциональной динамики СНГ используются положения неофункционализма Э. Хааса о «переливе» (spillover) интеграционных эффектов из одной сферы взаимодействия в другие (экономика миграция безопасность гуманитарная сфера) [1, с. 552]. Для анализа причин сохранения за Содружеством «мягкого», конфедеративного формата применяется межправительственный подход А. Моравчика, согласно которому государства участвуют в интеграционных объединениях лишь постольку, поскольку это отвечает их национальным интересам, не допуская передачи стратегических полномочий наднациональным органам [2, с. 514]. Специфика постсоветской интеграции осмысляется через концепцию «интеграции интеграций» Т.В. Бордачёва [3, с. 138] и Е.Ю. Винокурова [4, с. 224], объясняющую многоуровневый характер взаимодействия СНГ, ЕАЭС, ОДКБ и ШОС, а также через работы А.М. Либмана о моделях «разноскоростной и разноформатной» региональной интеграции на постсоветском пространстве [5, с. 333]. В методологическом отношении применяются историко-генетический, институциональный и сравнительно-политологический методы, а также контент-анализ международно-правовых актов СНГ и двусторонних российско-таджикских документов; статистические данные обрабатываются методами описательного анализа.

Институциональное оформление российско-таджикского партнёрства в рамках СНГ прошло несколько этапов, каждый из которых был обусловлен конкретной исторической и политической конъюнктурой. Подписание 21 декабря 1991 г. Алма-Атинской декларации определило правовые контуры Содружества и зафиксировало статус его государств-учредителей, среди которых Российская Федерация и Республика Таджикистан. С этого момента СНГ стало ключевым институциональным пространством, в рамках которого формировалась многосторонняя и двусторонняя нормативно-правовая база постсоветского сотрудничества, а членство в Содружестве получило для обеих стран характер не ситуативного, а долгосрочного стратегического выбора.

В первые постсоветские годы, когда происходил болезненный процесс государственного строительства и формировались новые системы международных отношений на постсоветском пространстве, через механизмы СНГ решались вопросы урегулирования вооружённых

конфликтов на территории бывших союзных республик, восстановления нарушенных экономических связей между новыми независимыми государствами и поддержания гуманитарных контактов между народами, веками жившими в едином государстве [7]. В 1990-е годы СНГ выступало в роли платформы для урегулирования региональных конфликтов: под эгидой Содружества была организована и проведена операция по поддержанию мира в Таджикистане во время гражданской войны 1992–1997 годов, основу военного контингента которой составляли российские войска 201-й мотострелковой дивизии, дислоцированной на территории республики ещё с советских времён [8, с. 25]. Данный опыт продемонстрировал способность Содружества мобилизовывать коллективные усилия для реагирования на кризисные ситуации в регионе и предотвращения их эскалации. Гражданская война в Таджикистане, в которой противостояли силы коммунистического правительства и объединённая таджикская оппозиция, создавала угрозу распространения вооружённого конфликта и нестабильности на территорию соседних государств, включая Россию и другие республики Центральной Азии, что потребовало военного вмешательства под легитимирующим мандатом СНГ для разделения противоборствующих сторон и создания условий для политического урегулирования. Без этого вмешательства Таджикистан мог превратиться в несостоявшееся государство, неспособное контролировать свою территорию и границы, что создало бы вакуум безопасности на южных рубежах России и открыло бы путь для проникновения в регион афганских боевиков и наркотрафика [9, с. 97]. Со временем СНГ трансформировалось из временного инструментального механизма «цивилизованного развода» бывших союзных республик в более структурированную и институционализированную организацию для долгосрочного сотрудничества в различных сферах общественной и государственной жизни. Были учреждены уставные органы Содружества – Совет глав государств как высший орган СНГ, определяющий стратегические направления развития, Совет глав правительств, координирующий экономическое сотрудничество, Межпарламентская ассамблея, обеспечивающая сближение законодательства государств-участников, и Исполнительный комитет СНГ со штаб-квартирой в белорусском Минске, осуществляющий координацию текущей деятельности, – где вырабатываются согласованные решения по вопросам, представляющим взаимный интерес [10, с. 93].

Однако СНГ осталось конфедеративным объединением суверенных государств. Его решения носят преимущественно рекомендательный характер и требуют ратификации национальными парламентами для вступления в силу. Это порождает закономерный вопрос: почему Россия и Таджикистан продолжают использовать именно формат СНГ для регулирования значительной части своих взаимоотношений, а не выстраивают сотрудничество исключительно на основе двусторонних договоров, которые могли бы быть более гибкими? Ответ заключается в том, что СНГ выполняет функцию «юридического каркаса» для всего постсоветского пространства, создавая единую правовую основу для взаимодействия государств во множестве сфер. Многосторонние соглашения, заключённые в рамках институциональной структуры СНГ, создают типовую правовую основу для взаимодействия государств-участников, что существенно снижает транзакционные издержки на согласование условий сотрудничества и упрощает процедуры координации действий различных национальных ведомств. Без существования СНГ России и Таджикистану пришлось бы заключать десятки, если не сотни, отдельных двусторонних договоров по каждому направлению сотрудничества – начиная от вопросов взаимного признания дипломов об образовании и заканчивая порядком пенсионного обеспечения трудовых мигрантов, работавших на территории другого государства. СНГ же предоставляет готовый набор типовых соглашений, разработанных с учётом общих для всех постсоветских государств правовых традиций и практик, к которым государства могут присоединяться по мере необходимости и готовности, что значительно ускоряет процесс правового оформления сотрудничества [11, с. 714].

Кроме того, СНГ служит минимально конфликтным форматом взаимодействия для государств с различными и порой противоречивыми внешнеполитическими ориентациями. В отличие от более интегрированных объединений типа Евразийского экономического союза, которые требуют от участников передачи части суверенных полномочий наднациональным органам и следования обязательным для исполнения решениям этих органов, СНГ не налагает на своих членов жёстких обязательств и не ограничивает их свободу действий во внешней и внутренней политике, что делает формат Содружества приемлемым даже для тех

постсоветских государств, которые стремятся к максимальной независимости от России и диверсификации своих внешнеполитических связей [12, с. 114].

Для Таджикистана, который не входит в ЕАЭС и относится с осторожностью к перспективам глубокой экономической интеграции с Москвой, опасаясь чрезмерного усиления зависимости, СНГ предоставляет возможность поддерживать необходимые связи с Россией в ключевых для республики сферах (прежде всего миграция и торговля) без потери внешнеполитической гибкости и возможности развивать связи с другими центрами силы, включая Китай [13, с. 125]. Для России же СНГ выступает инструментом сохранения минимального уровня координации и влияния на постсоветском пространстве в условиях, когда более амбициозные интеграционные проекты сталкиваются с сопротивлением со стороны национальных элит некоторых бывших союзных республик, стремящихся к максимальной самостоятельности. Содружество также выполняет функцию «интеграции интеграций», то есть создания общей институциональной рамки, объединяющей государства, участвующие в различных более узких региональных блоках (ЕАЭС, ОДКБ, ШОС и других), что позволяет России и Таджикистану координировать свои инициативы не только друг с другом, но и со всем постсоветским сообществом в целом.

В 2025 году Таджикистан осуществлял председательство в СНГ в соответствии с решением Совета глав государств Содружества, принятым в октябре 2024 г. в Москве. В рамках Концепции председательства было запланировано около 110 мероприятий; новаторской инициативой таджикского председательства стал запуск обсуждения вопросов совершенствования деятельности СНГ и повышения эффективности его уставных органов [14]. Кульминацией стал саммит Совета глав государств СНГ, прошедший 10 октября 2025 г. в Душанбе параллельно со вторым саммитом «Центральная Азия Россия»; по инициативе Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона 2025 год был провозглашён Генеральной Ассамблеей ООН Международным годом сохранения ледников[15]. Это позволило Душанбе влиять на повестку дня организации в соответствии с собственными приоритетами в сфере безопасности, миграции, транспортной интеграции и экологии [16].

Интересы России и Таджикистана в рамках СНГ носят асимметричный характер, что обусловлено различиями в их экономическом потенциале, геополитическом положении и внешнеполитических возможностях. Для России Содружество Независимых Государств представляет собой инструмент сохранения постсоветского пространства как зоны её приоритетных интересов и предотвращения полного разрыва исторически сложившихся связей с бывшими советскими республиками, которые на протяжении десятилетий или веков находились в едином государственном пространстве с Россией. Для Таджикистана это прежде всего канал доступа к российскому рынку труда, который является основным источником занятости для сотен тысяч таджикских граждан и источником валютных поступлений в страну в форме денежных переводов мигрантов, а также источник экономической помощи и политической поддержки со стороны России на международной арене [17, с. 237].

Членство в СНГ обеспечивает гражданам Таджикистана безвизовый въезд на территорию Российской Федерации на срок до 90 дней и относительно либеральный режим трудоустройства через систему патентов, что имеет решающее значение для таджикской экономики, структурно зависящей от денежных переводов мигрантов, которые по различным оценкам составляют от 30 до 45% ВВП республики . Кроме того, через институциональные механизмы СНГ Таджикистан получает доступ к российским образовательным программам и квотам на обучение таджикских студентов в российских вузах, к российской военной помощи и поставкам вооружений, а также к политической поддержке Москвы в международных организациях и в отношениях с третьими странами. При этом Душанбе не заинтересован в углублении интеграции в рамках СНГ за пределы необходимого минимума, опасаясь чрезмерной зависимости от России в политической и экономической сферах и ограничения возможностей для развития сотрудничества с Китаем и другими внерегиональными акторами, чьи инвестиции и помощь также необходимы для развития таджикской экономики.

Обе страны являются участниками Договора о зоне свободной торговли СНГ, который был подписан 18 октября 2011 года в Санкт-Петербурге на саммите глав правительств государств-участников и вступил в силу после ратификации необходимым числом государств в 2012 году. Данный многосторонний договор отменил таможенные пошлины на подавляющее большинство товаров во взаимной торговле между государствами-участниками и заменил более сотни действовавших ранее двусторонних торговых соглашений единым правовым режимом свободной торговли, распространяющимся на всё пространство СНГ. Таджикистан ратифицировал Договор о зоне свободной торговли СНГ к 2013 году после

прохождения всех необходимых внутригосударственных процедур, что устранило тарифные барьеры в торговле с Россией и другими странами Содружества и создало благоприятные условия для роста взаимного товарооборота. В рамках функционирования зоны свободной торговли практически весь товарооборот между Россией и Таджикистаном осуществляется без уплаты импортных таможенных пошлин, что снижает издержки экспортёров и импортёров и стимулирует расширение торговли между двумя странами. В результате действия этих благоприятных условий торгово-экономическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном демонстрирует положительную динамику на протяжении последних лет [18, с. 714].

Россия стабильно занимает первое место среди торговых партнёров Таджикистана по объёму взаимного товарооборота: доля России в общем объёме внешней торговли Республики Таджикистан составляет около четверти, что значительно превышает долю любого другого торгового партнёра республики. По данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, в 2024 году взаимный товарооборот достиг 1,98 млрд долл. США, увеличившись на 15,6% по сравнению с 2023 годом. Доля рубля в расчётах между двумя странами превысила 90%, а в республике функционируют более 300 предприятий с российским капиталом [19]. По итогам первых девяти месяцев 2025 года товарооборот сохранил положительную динамику, что свидетельствует об устойчивости торгово-экономических связей [20] .

Структура взаимной торговли между Россией и Таджикистаном носит взаимодополняющий характер, отражая различия в структуре их национальных экономик и наличии природных ресурсов: Таджикистан поставляет на российский рынок преимущественно продукцию сельского хозяйства, включая свежие и сушёные фрукты (курагу, изюм, урюк), овощи (лук, томаты, картофель), хлопок-сырец и хлопковое волокно, текстильную продукцию, а также алюминий, производимый на Таджикском алюминиевом заводе в Турсунзаде, тогда как Россия экспортирует в Таджикистан широкий спектр товаров, включая нефтепродукты (бензин, дизельное топливо, мазут), природный газ, продовольственные товары (зерно, муку, сахар, растительное масло, кондитерские изделия), чёрные и цветные металлы, машины и оборудование различного назначения. Действие зоны свободной торговли СНГ облегчает эти поставки, поскольку российские нефтепродукты поступают на таджикский рынок без уплаты импортных пошлин, что имеет значение для таджикской экономики, не располагающей собственными запасами углеводородов и полностью зависящей от импорта нефтепродуктов. Помимо торговли товарами, между двумя странами развивается инвестиционное сотрудничество, основанное на присутствии российского капитала в ключевых секторах таджикской экономики [21].

Особенности таджикско-российского взаимодействия в рамках СНГ отчётливо выявляются при сопоставлении с аналогичными партнёрствами России с другими государствами Центральной Азии. Такое сравнение позволяет уйти от изолированного рассмотрения двусторонних связей и показать специфику именно таджикского выбора модели интеграции.

Сравнение с Казахстаном и Кыргызстаном. Данные государства, будучи членами Евразийского экономического союза (ЕАЭС), вышли за пределы «базового» интеграционного формата СНГ, приняв наднациональный таможенный режим, единый рынок труда ЕАЭС и механизмы макроэкономической координации. Для Казахстана членство в ЕАЭС сочетается с активной многовекторной политикой, включая развитие связей с Китайской Народной Республикой, Европейским союзом и Турцией; объём казахстанско-российской торговли в 2024 г. превысил 28 млрд долл. США, что отражает качественно иной масштаб экономического взаимодействия[22]. Кыргызстан, присоединившийся к ЕАЭС в 2015 г., получил выгоды от единого рынка труда, но и столкнулся со структурной зависимостью от российской экономики. В отличие от них, Таджикистан сознательно остаётся в рамках более гибкой модели: участвует в Договоре о зоне свободной торговли СНГ и ОДКБ, но воздерживается от членства в ЕАЭС, сохраняя свободу в формировании внешнеэкономических связей, прежде всего с Китаем[23].

Сравнение с Узбекистаном. Узбекистан демонстрирует промежуточную модель институционального выбора: в 2012 г. он приостановил членство в ОДКБ, однако в 2014 г. присоединился к Договору о зоне свободной торговли СНГ, а с 2020 г. имеет статус государства-наблюдателя при ЕАЭС. Такая конфигурация отражает стремление Ташкента сохранить суверенитет в вопросах безопасности при одновременной реинтеграции в постсоветское экономическое пространство. Таджикский выбор формата «СНГ + ОДКБ, без

ЕАЭС» отражает иное сочетание приоритетов акцент на безопасности (в силу протяжённой границы с Афганистаном) при одновременной осторожности в отношении экономической интеграции, способной ограничить свободу действий в отношениях с вне региональными партнёрами [24].

Фактор Китая и многовекторная дипломатия. Для понимания специфики таджикской позиции принципиальное значение имеет роль Китайской Народной Республики. В рамках Шанхайской организации сотрудничества и инициативы «Один пояс один путь» КНР стала крупнейшим инвестором в инфраструктуру Таджикистана, а его доля во внешнем долге республики превысила 30% [25]. Китайские кредиты профинансировали строительство автомобильных и железных дорог, линий электропередачи, промышленных предприятий [26, с. 431]. Такое присутствие задаёт объективные ограничения для углубления таджикско-российской интеграции: вхождение в ЕАЭС потребовало бы пересмотра таможенного режима торговли с КНР. В этих условиях СНГ оказывается для Душанбе оптимальным форматом он обеспечивает правовой каркас сотрудничества с Россией, не блокируя параллельное развитие связей с Пекином. Данная модель соответствует теоретической концепции «интеграции интеграций», в рамках которой государство может одновременно участвовать в нескольких пересекающихся объединениях, используя каждое для достижения специфических целей [27, с. 703].

Полученное сопоставление показывает, что в отличие от Казахстана, где экономические связи с Россией сбалансированы крупными инвестиционными потоками из Европы и КНР, Таджикистан располагает существенно меньшим ресурсом диверсификации. По данным Всемирного банка, доля денежных переводов трудовых мигрантов (преимущественно из России) в ВВП республики в 2024 г. достигла 45% самый высокий показатель в мире в относительном выражении; для сравнения, в Кыргызстане он составил 24%, в Узбекистане 14% [28]. Это обстоятельство делает российско-таджикское партнёрство в рамках СНГ не одной из альтернатив, а структурной предпосылкой таджикского суверенитета в его нынешних экономических параметрах. Таким образом, таджикский выбор «минимально необходимой» интеграции в СНГ при одновременной многовекторной внешней политике представляет собой рациональную стратегию балансирования между структурной зависимостью от России и стремлением к сохранению свободы манёвра на международной арене.

Взаимодействие в области регулирования миграции трудовых ресурсов является одним из наиболее значимых направлений двусторонних отношений России и Таджикистана, осуществляемых в правовых рамках, созданных институтами СНГ. Россия представляет собой основной рынок труда для граждан Таджикистана: ежегодно сотни тысяч таджикских трудовых мигрантов выезжают в Российскую Федерацию в поисках работы и заработка. По данным МВД Российской Федерации, на 1 сентября 2024 года в России находилось около 1,23 млн граждан Таджикистана [29], что согласуется с оценкой в 1,2 млн трудовых мигрантов, содержавшейся в материалах российско-таджикского саммита в ноябре 2023 г. [30] В марте 2025 г. Президент Российской Федерации В.В. Путин публично оценил численность постоянно проживающих и работающих в России граждан Таджикистана в «порядка миллиона, даже чуть больше». При учёте сезонной и циркулярной миграции совокупный поток существенно выше: по данным Международной организации по миграции (IOM), только за январь–сентябрь 2024 г. из Таджикистана на заработки выехали около 618 тыс. человек, из которых порядка 98% направились в Россию[32]. Расхождение в публикуемых цифрах объясняется методологическими различиями: одни ведомства фиксируют количество лиц, одновременно находящихся на территории РФ, другие объём ежегодных выездов и возвращений. Без притока таджикской рабочей силы ряд российских отраслей строительство, жилищно-коммунальное хозяйство, сфера услуг, сельское хозяйство столкнулся бы с дефицитом кадров, что повлекло бы рост издержек производства и замедление темпов экономического роста. Со стороны Таджикистана структурная зависимость от российского рынка труда столь же высока: по данным Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, только на территории Российской Федерации сосредоточено около 20% трудоспособного населения республики [33]. Сокращение доступа к этому рынку привело бы к резкому росту реального уровня безработицы (официальная статистика фиксирует её на уровне около 2%, однако с учётом скрытой и неполной занятости реальный показатель значительно выше) и связанным с ним социальным рискам [34].

Область безопасности и обороны представляет собой ещё одно направление взаимодействия Москвы и Душанбе, значительная часть которого осуществляется через

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таи солҳои охир сиёсат нисбат ба занон ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Мушкилоти онҳо дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти сиёсии мамлакат, шахсан Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳамин тариқ, таҳлили дар боло ба анҷом расонидаро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки барои таъмин намудани иштироки занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ заминаҳои иҷтимоию сиёсии муносибро бояд ба вуҷуд овард ва онҳоро ҳамаҷониба пурзур намуд. Зеро танҳо дар сурати воқеан пойдор намудани заминаҳои иҷтимоию сиёсии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва идоракунии давлати миллӣ метавон саҳми боризи онҳоро дар раванди минбаъдаи пойдор намудани истиқлолияти давлатӣ дар кишвар боз ҳам тақвият бахшид.

Адабиёт

1. Данилов, Е.П. Семья и брак / Е.П. Данилов. - Москва: АСТ, Зебра Е, 2020. - 192 с.
2. Женщины в политике: новые подходы к политическому. Феминистский образовательный альманах. Вып. 4 / Ред. Е.М. Иванова и А.Ю. Першай. - Прага: Адлига, 2014. - 98 с.
3. Жумагазина, Б.Б. Политика по расширению прав и возможностей женщин в Республике Таджикистан / Б.Б. Жумагазина // Молодой ученый. - 2017. - № 1 (135). - С. 327-332.
4. Ильин, Е.П. Дифференциальная психофизиология мужчины и женщины. - СПб, 2002. - 544 с.
5. Кельчина, Н. Политическое участие женщин: реальность демократического общества / Е.П. Ильин // Управление мегаполисом. - 2010. - №4. - С. 217-221.

6. Натсак, О.Д. Барьеры в политической карьере женщин: обзор современных практик в зарубежных странах / О.Д. Натсак // Вестник РГГУ. Серия «Философия. Социология. Искусствоведение». - 2021. - №1-2 (25). - С. 296-305.
7. Сартори, Дж. Вертикальная демократия / Дж. Сартори // Полис. - 1993. - № 2. - С. 80-89.
8. Хушкадамова, Х.О. Социальный статус женщины в современном таджикистанском обществе: дисс. ... д-ра социол. наук. / Х.О. Хушкадамова. - Уфа, 2013. - 315 с.
9. Чирухина, Ю.В. Политическое участие женщин и механизмы реализации политического равноправия / Ю.В. Чирухина // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. - 2010. - №2 (6). - С. 9-16.
10. Юсупова, З.Ш. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба таъмини сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.Ш. Юсупова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. - 2021. - №2. - С. 31-40.
11. Almond, G.A. The civic culture: political attitudes and democracy in five nations / G.A. Almond, S. Verba. - Princeton, N.J., 1989. - 562 pp.
12. Wills, G. Lincoln at Gettysburg: The Words that Remade America / G. Wills. - New York, 1992. - 317 pp.

МАНБАЪҲОИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ИШТИРОКИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

Мақола ба таҳлили манбаъҳои иҷтимоию сиёсии иштироки занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои баробарҳуқуқии занону мардон, сиёсати гендерии давлат, иштироки занон дар идоракунии давлатӣ ва монеаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва институтсионалии фаъолияти сиёсии онҳо баррасӣ мегарданд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди демократия фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон яке аз шартҳои муҳими таҳкими давлати миллӣ мебошад. Дар мақола нақши Конститутсия, санадҳои байналмилалӣ, стратегияи давлатии баланд бардоштани мақоми занон ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар густариши иштироки сиёсии занон таҳлил шудааст. Ҳамзамон, ба таъсири анъанаҳои патриархалӣ, стереотипҳои гендерӣ, вобастагии иқтисодӣ ва масъулиятҳои оилавӣ ба иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ диққати махсус дода мешавад. Хулоса мегардад, ки таҳкими заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии иштироки занон барои рушди демократия, устувории давлатдорӣ ва пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: занон, Тоҷикистон, давлати миллӣ, сиёсати гендерӣ, иштироки сиёсӣ, баробарҳуқуқӣ, идоракунии давлатӣ.

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ УЧАСТИЯ ЖЕНЩИН ТАДЖИКИСТАНА В СТРОИТЕЛЬСТВЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

Статья посвящена анализу социально-политических источников участия женщин Таджикистана в строительстве национального государства. В ней рассматриваются вопросы равноправия женщин и мужчин, государственной гендерной политики, участия женщин в государственном управлении, а также социальные, экономические, культурные и институциональные препятствия их политической активности. Автор подчеркивает, что в условиях глобализации и развития демократии создание равных возможностей для женщин является одним из важных условий укрепления национальной государственности. В статье анализируется роль Конституции, международных документов, государственной стратегии повышения статуса женщин и деятельности гражданского общества в расширении политического участия женщин. Особое внимание уделяется влиянию патриархальных традиций, гендерных стереотипов, экономической зависимости и семейных обязанностей на участие женщин в политической жизни. Делается вывод, что укрепление социально-политических, правовых и экономических основ участия женщин имеет важное значение для развития демократии, устойчивости государственности и прогресса таджикского общества.

Ключевые слова: женщины; Таджикистан; национальное государство; гендерная политика; политическое участие; равноправие; государственное управление.

SOCIO-POLITICAL PREREQUISITES FOR THE PARSIPATION OF TFJIK WOMENS IN THE CONSTRUCTION OF THE NATIONAL STATE

Modern global political processes have acquired their specific form due to the presence of numerous contradictions in socio-political development, which arose as a result of integration and fragmentation processes, as well as rapid globalization. They were largely associated with the spread and imposition of Western values. Although initially democratization, primarily of post-socialist countries, as well as Central Asian countries, implied the dissemination of liberal values and «granting freedom» to peoples in determining

foreign and domestic policy. Of course, this could not but affect the solution of the problem of gender equality in post-Soviet republics, including sovereign Tajikistan.

The article discusses the main aspects of the problem of social and political foundations for the participation of women in independent Tajikistan in the process of building a national state, and also analyzes ways to further strengthen it.

Keywords: women, Tajikistan, socio-political prerequisites, independence, national state, democratization, political rights, law, etc.

Дар бораи муаллиф
Шукурзода Саодат Нусратулло
Унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносӣ
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,

Об авторе
Шукурзода Саодат Нусратулло
соискатель отдела политологии
Институт философии и политологии имени А. Баховaддинова
Академии национальных наук Таджикистана
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33.

About the Author
Shukurzoda Saodat Nusratullo
Applicant for a Degree, Department of Political Science
Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan.

ТДУ 324:32.019.5

НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТ

Мирзоева З.Д.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Дар давоми даврањои мухталифи давлатҳои гузашта, мутафаккирон дар ҷустуҷуи шаклҳои беҳтарини идоракунии давлат буданд ва дар ин самт асарҳо ва рисолатҳои сиёсиро эҷод мекарданд, аммо танҳо дар асри ХХ олимони сиёсатшинос ру ба дигаргунсозиҳои куллии системаи сиёсӣ оварданд ва ин равандро бо истилоҳи “менеҷмент” муайян намуданд. Мафҳуми “менеҷмент” аз забони англисӣ гирифта шуда, маънии идоракуниро дорад [2,с.89]. Дар ибтидо ин мафҳум ҳамчун касби идоракунии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро ифода мекард ва нисбати истеҳсолоти замони капиталистӣ истифода мешуд. Менеҷмент ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ замоне пайдо гардид, ки технологияи идоракунӣ самти алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ гардид. Дар ин масир шаклҳои гуногуни менеҷмент руи кор омаданд, ки онҳоро метавон чунин таснифбандӣ намуд:

- менеҷменти иқтисодӣ – гуруҳи мутахассисоне, ки раванди истеҳсолот ва бозори молро ба манфиати гуруҳи муайян идора мекунанд;
- менеҷменти сиёсӣ - гуруҳи мутахассисоне, ки раванди маъракаҳои сиёсиро ба манфиати гуруҳи муайян истифода мекунанд;
- менеҷменти стратегӣ - гуруҳи мутахассисоне, ки раванди инкишофи ояндаи самти муайянро коркард мекунанд;
- менеҷменти молиявӣ - гуруҳи мутахассисоне, ки раванди қурби асъорро дар бозори молиявӣ пешбинӣ ва идора мекунанд;
- истеҳсолот ва бозори молро ба манфиати гуруҳи муайян идора мекунанд.

Таснифи шаклҳои менеҷмент мавзуи алоҳида мебошад, аммо дар ин таҳқиқот мо танҳои шакли менеҷменти сиёсиро мехостем баррасӣ намоем. Аз замонҳои пеш дар ҳар давраи таърихӣ ҳокимони давр бар он мекушиданд, ки эътибору нуфузи хешро дар доираи атрофиёнашон ва ҷамъият баланд бардоранд, вале гурӯҳҳои рақиб пайваста роҳу усулҳои самараноки таъсиррасониро ба доҳиён, шоҳон ва императорон пеша мегирифтанд. Дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон, менеҷменти сиёсӣ падидаи нав мебошад ва акнун олимони ватанӣ ҷанбаҳои гуногуни ин равияи идоракунии сиёсиро омухта истодаанд [6;7;10]. Ин вазъият дар тамоми даврањои таърих бо усулу тарзҳои гуногун ба амал омадааст, аммо маҳз дар ҷомеаи муосир менеҷменти сиёсӣ хусусиятҳои махсусеро пайдо намуда, як қатор равандҳои муҳим ва навовариҳоро ба миён овард [1, с. 45].

Раванди якум ин дигаргуншавии нақши омма дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Ин равандро олими тоҷик К.Восеъ шарҳ дода, онро дар иттиҳоди се раванд муттаҳид мекунад – халқ, давлат ва ваҳдати миллӣ [3, с. 4]. Яъне бар ивази ҷамъияти аъёну ашрофон, ки ҳамаи чизро ақалиятҳои аристократӣ ҳал мекарданд ва дар ҷое ки идоракунии иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби оммаи васеъи беташаббус таъмин карда мешуд, дахл накардани онҳо дар масъалаҳои ҳокимияти сиёсӣ оқибат ҷамъияти дигаре овард, ки “Омма ба ин ақалиятҳо дигар итоат намекарданд, фармонбардорӣ намекарданд ва аз паси онҳо намерафтанд ва эътироф намекарданд, баракс онҳоро бартараф аз байн бурданд”. Болоравии мақом ва нақши дар ҳаёти сиёсии дар доираи табақаҳо тазодро ба миён овард.

Раванди дуюмро ба номи - либерализатсия ва демократизасияи шуури оммавӣ ном мебаранд. Дар давоми ду асри охир арзишҳои либералӣ ва демократӣ дар шуури аксарияти аҳолӣ пайваста бо як мушкилӣ ва бо як ихтилоф ҷой дода шуд. Ҳар чи қадаре, ки одамон ба идеалҳои озодии шахсият, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, баробарии ҳама дар назди қонун , плюрализми сиёсӣ ва ҳокимияти халқ наздик мешуданд, ҳамон қадар онҳо ба ҳама гуна шаклҳои зуроварӣ нисбати шахсият муқобилияти шадид нишон медоданд. Идора кардани инсони озод маҳорати хосаро талаб менамояд. Бояд ӯро водор сохт, ки амалеро ба ҷо биёрад, ки аз он амал субъекти идоракунанда манфиатдор бошад ва дар ин амал озодии интихоби вай низ бояд ҷонибдорӣ карда шавад.

Раванди сеюмро демократикунонии ҷомеа ташкил медиҳад. Ин раванд инъикоси худро дар заминаи принсипи тақсимоти ҳокимият, интихобӣ будани мақомоти асосии давлатӣ, баробарии ҳама дар назди қонун, афзалиятҳои ҳуқуқи одамон дар идораи давлат, дар бисёрҳизбӣ ва ғайра пайдо шудааст. Ташаккули демократия зуд ба танг овардани имкониятҳои институтсионалӣ дар барои хусарӣ вазуроварӣ аз тарафи ҳокимият оварда расонид. Қонунҳои манъкунандаи минбаъда шахсони вазифадорои давлатӣ ва дигар ходимони сиёсиро водор

намуд, ки барои мустаҳкам намудани эътибори хеш ва барои амалӣ намудани қарор ва иродаи худ ба назария ва амалияи менеҷменти сиёсӣ рӯ биёранд.

Раванди чаҳоруомро қисман таркиби демократикунонӣ ташкил медиҳад, ки мо онро махсус ҷудо мекунем. Сухан дар бораи ҷорӣ кардани ҳуқуқи умумии интихобот меравад. Дар шароити муосир бештар ӯҳдадориҳои менеҷменти сиёсӣ дар маракаҳои интихоботӣ зоҳир мегарданд. Дар рафти муборизаҳои пеш аз интихобот, субъектҳои он ба омма тавассути технологияи сиёсӣ дар шакли барномаи корӣ, уҳдадорӣ, вохурӣ бо интихобкунандагон, қабули дархости мардум ва ғайра шаклҳоро истифода мебаранд. Идораи маъракаи интихобот яке аз навҳои дархости менеҷмети сиёсӣ баҳисоб меравад [4;5].

Раванди панҷумро- табдил ёфтани ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳои манфиатдор ба субъекти мустақил, ки дар олами сиёсат кушиши нақши бозии фаъолро дорад дар бар мегирад. Ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои манфиатдор дар нисбати давлат ҳуқуқи қонқнэъҷодкунӣ (қонунэъҷодкунӣ) ва зӯроварии легетимиро надорад. Бинобар ин, менеҷменти сиёмӣ(сиёсӣ) барои онҳо як шакл идораи таъсиррасонии оммавӣ баромад мекунад.

Раванди шашумро инкишофи воситаҳои коммуникасияи оммавии электронӣ ташкил медиҳад. Бо пайдо шудани радио ва телевизионин имконияти таъсиррасонии инфарматсионӣ ба омма зуд васеъ гашт. Радио ва телевизиони муосир натанҳо имконияти иттилоотӣ дорад, балки ба қабули иттилооти муосир таъсир расонидани афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳад. Дар менеҷменти сиёмӣ истифодаи усулҳои мухталифе, ки ба рафтори сиёсии одамон таъсир мерасонанд бо ташаббуси воситаҳои ахбороии омма ба анҷом расонида мешаванд.

Маҳз ин равандҳои муҳим барои менеҷменти сиёсӣ дар системаи идоракунӣ давлат ва ҳокимият нақши калидиро дорад. Асосан нақши менеҷмент дар раванди интихобот аз ҳама муҳим ва асос мебошад. Ин равандҳо барои ташаккули давлатҳои ҳуқуқбунёд ва дунявӣ заминаҳои фароҳамеро ба вуҷуд меорад, дар ҳолате, ки менеҷменти сиёсӣ функсияҳои худро иҷро карда тавонад.

Дар илмҳои сиёсӣ мафҳуми менеҷмент бо идоракунӣ ё идоранамоӣ дар ҳамбастагии зич қарор дошта, якидгарро пурра менамоянд. Идоранамоӣ –ин яке аз қисмҳои асосии ҳайёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар навбати худ масъалаҳои куллӣ аз қабили масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ равандҳои иҷтимоӣ ва ҳам масъалаҳои ҷузъӣ аз ҷумла роҳҳои комёбшавии мақсаду вазифаҳои мушаххас, аз қабили ба боварии омма расидан, ғалаба дар интихобот ва ғайра мебошанд.

Яке аз навъҳои идоракунӣ дар илми сиёсатшиносӣ идоракунии субстансионалӣ (ҷавҳар) мебошад, ки он имкон медиҳад то равандҳои сохти иҷтимоӣ холисонаю беғаразона амал ва фаъолият намоянд.

Навъи дигари системаи идоракуниро релясионӣ ном мебаранд. Идоракунии релясионӣ (аз франс. relation- муносибат) бошад дар намуди муносибатҳои суъект-объект айён мегардад, ки ба осонӣ метавон аниқ намуд, ки субъектони идора кӣ ҳаст ва ба сифати объекти идора кӣ дохил мешавад, яъне бояд қарорҳои идоракуниро иҷро намояд. [10,с.31]

Дар замони муосир менеҷмент на танҳо дар истеҳсолоти моддӣ, балки дар соҳаҳаои гуногуни ҳаёт, ҳамчун унсури муҳимтарини идоракунӣ мавқеи меҳвариро дорад. Дар олами сиёсат муносибатҳои идоракунӣ дар 3 сатҳ ба амал меояд:

- муносибатҳои идоракунӣ, ки миёни мақомоти даватӣ ва шахсони масъули давлатӣ дар якҷогӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин сатҳ, ҳам мақомоти давлатӣ ва шахсони масъул ба сифати субъекти идоракунӣ фаъолият менамоянд. Дар идоракунии давлатӣ менеҷер дар фаъолияти хеш ба ба ҳуқуқи “зӯригарии легитимӣ” такя мекунад. Яъне, субъектҳои идоракунанда аз мақоми захираҳои ҳокимияти сиёсӣ истифода мекунанд;

- муносибатҳои идоракуние, ки баҳамтаъсирасонӣ ва равандҳои дигари муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ташкилотҳои дигари сиёсиро дар бар мегирад. Гарчанде замони ҳозира ҷомеаи кушодро мемонад ва барои шаҳрванд ҳаргуна кафолатҳои иҷтимоӣ муҳайё бошад, фаъолияти ташкилотҳои сиёсӣ дар баробари давлат имконпазир аст. Чунин муносибатҳо дар доираи низоми сиёсии ҳуқуқӣ ба амал меоянд ва он аз захираҳои ҳокимияти сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ истифода мегардад. Барои мушаххас гардонидани идоракунӣ ҳар гуна санадҳо таҳия мегардад ва он муносибатҳои идоракуниро дар он ҷабҳа ба низом меорад;

- муносибатҳои идоракуние, ки дар он кӯшишҳо ба харҷ дода мешавад, ки фақат дар доираи қоидаҳо ва методҳои таъсирасонӣ ба объект фаъолияти хосаеро анҷом додан зарур аст. Он на ба захираҳои ҳокимият ва на ба ҳуқуқи “зӯригарии легитимӣ” асос ёфтааст.Он

захираҳои махсусеро низ дар ихтиёр надорад. Ин соҳаи муносибатҳои идоракуниро ҳамчун менеҷменти сиёсӣ ном мебаранд.

Менеҷменти сиёсӣ аз идоракунии давлатӣ ва аз идора дар мақомоти давлатӣ инчунин аз ташкилотҳои сиёсӣ бо як қатор хусусиятҳои хоси худ тафовут дорад.

Аввал ин, ки дар менеҷменти сиёсӣ субъекти идоракунанда аз ҳуқуқҳои зерин маҳрум маҳрум аст:

а) ба маҷбурияти давлатӣ такя кардан, чораҳои таъсиррасониро дар нисбати қонунвайронкунандагон истифода намудан;

б) истифодаи муҷозот, ки инро метавонад роҳбарони мақомоти давлатӣ ё иттиҳодияҳои сиёсӣ дар нисбати зердастони худ ба кор баранд.

Дуюм ин, ки идоракунии давлатӣ ва идора дар иттиҳодяҳои сиёсӣ ва давлатӣ асосан дар заминаи принсипҳои меъёрӣ сурат мегирад. Аз тарафи дигар, мақомотҳои давлатӣ ё шахсони мансабдор оид ба самтҳои фаъолияташон салоҳияти ҳуқуқи қабули қонун, фармон ва ин ё он корҳои меъёриро доранд, ки дар доираи онҳо баромад мекунад. Дар хотима идоракунӣ хусусияти беъмасъулиятиро ба худ гирифта, қарорҳои идоракунӣ на он қадар ба махсус нигаронида мешавад ва то чи андоза дарки он аниқ ва равшан аст, ки рафтори ҷамъиятӣ дар сатҳи умум чи гуна бояд бошад ва чи хел одамонро водор намуд, ки қарорҳои қабулшударо итоат намоянд.

Дар менеҷменти сиёсӣ субъекти идоракунанда барои объекти таъсиррасонии худ аз ҳуқуқҳои легетимии қоидаҳои ҳатмӣ маҳрум аст бинобар ин, вай маҷбур аст ба дониши хусусиятҳои мотивасионии шахсони алоҳида, психологияи шахс ва психологияги оммавӣ такя карда қоидаи бозиҳои худро ҷорӣ намояд.

Сеюм ин, ки дар доираи фаъолияти менеҷменти сиёсӣ вазифаҳои махсус ҳал карда мешаванд. Ҳалли ин вазифаҳо ба субъектони сиёсат имконият медиханд, ки мавқеъи худро дар олами сиёсат мустаҳкам намоянд, дар муборизаҳои рақобатнок ғалаба ва таъсиррасониро ба омма устувор гардонад. Маълум ва равшанаст, ки ин вазифаҳо барои ҳар як субъектони сиёсат дар васеъшавии доираи таъсиррасонӣ, дар амалишавии нақшаҳо, барномаҳо ва лоиаҳои хеш дар ҷомеа талош доранд мисли обу ҳаво хеле зарур аст.

Чаҳорум, ин ки дар доираи менеҷменти сиёсӣ усулҳои махсус ва воситаҳои ҳалли вазифаҳои идорӣ қарор доранд. Дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мафҳуми технологияи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун маънидод карда мешаванд. Аслан технология маънои илм дар бораи санъат ва маҳорати роҳу усулҳои ба даст даровардани натиҷаи ба нақша гирифта шударо дорад. Аз ин хотир, технологияи сиёсӣ ин технологияи мубориза барои ҳокимият ва нигоҳ доштани он ва истифодаи он мебошад. Дар навбати худ тартиби идоракунӣ ба шакли шакли муайян дароварда шуда, малака ва услуби идоракунии муносиб дар маҷмӯъ техналогияи идоракунии сиёсиро ташкил медиҳад.

Барои танзими қонунии маъракаҳои сиёсӣ ва манфиати мардум, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои умумии интихобот ва ҳамчунин Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар зинаҳои интихоботӣ оварда шудаанд [8;9].

Ҳамин тариқ, менеҷменти сиёсӣ як шакли махсуси идоракунӣ дар сиёсат буда, субъекти идоракунанда кушиши амалигардонии мақсадҳои мушаххаси сиёсии худро дорад, ки аз имкониятҳои ташкили қоидаҳои умумӣ ва ҳуқуқи зуригарии легетимӣ маҳрум аст. Бинобар ин, маълум аст, ки дар ҳалли вазифаҳои хеш аз роҳу усулҳои гуногун ва техналогияи сиёсии мухталиф истифода баранд. Хулоса нақши менҷмент дар раванди идоракунӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад, ин нақш ҳангоми интихобот мавқеи ҳалкунанда ва калидиро мегирад. Ҳамин тариқ, менеҷменти (и нест дар менеҷмент) аз як тараф ҳамчун як навъи махсуси муносибатҳои идоракунӣ дар сиёсат ва аз тарафи дигар менеҷменти сиёсӣ ин як навъи системаи донишҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Донишҳои илмӣ дар бораи менеҷменти сиёсӣ ин донишҳо дар бораи имкониятҳои ташакулли навъи махсуси муносибатҳои идоракунӣ, дар бораи омилҳои таъсиррасон ба рушду инкишоф ва шаклҳои зуҳуршавии он, дар бораи равандҳои иштироки одамон дар маракаҳои сиёсӣ, дар бораи он усулу воситаҳое, ки метавонанд дар амалӣ намудани мақсадҳои менеҷерони сиёсӣ мусоидат намоянд.

Адабиёт

1. Бобоев Олимҷон, Комилбек Амид Ёрбек.Асосҳои таҳлили сиёсати давлатӣ; Душанбе, 2022-310 с.
2. Большой энциклопедический словарь; Москва:Просвещение, 1981-614 с.
3. Восеъ К. Сиёсати давлат ва вахдати миллӣ.- Душанбе,-2010.-с.195
4. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ – Душанбе; Эрграф 2010; 519 с.

5. Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ, Душанбе, 2010-385 с.
6. Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Хидирзода Махфират Умар, Сафарализода Хӯҷамурод Қуддусӣ. Сиёсатшиносӣ Душанбе; Паёми ошно 2018 -414 с.
7. Комилбек А.Ё. Низоми идоракунии сиёсӣ дар Тоҷикистон: таҳлили назариявӣ-амалӣ; Душанбе, 2022-187 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо таъғийру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999,22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016, Душанбе – 2016
9. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Душанбе, 2022-127 с.
10. Хидирзода М.У. Интихобот василаи таъсиси ниҳоди президентӣ(таҷрибаи Тоҷикистон).-Душанбе, 2021-126 с.

НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТ

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ин нақши менеҷмент дар раванди баргузории интихобот, чи аз дидгоҳи сиёсӣ, ва чӣ аз нигоҳи иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таҳлили мушахасси илмӣ ниёз дорад. Интихобот яке аз меъёрҳои асосӣ ва дар ҳаёти инсон нақши калидӣ дорад, ки тавасути он иштироки шаҳрвандон дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҳамчунин дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон аз интихобот вобастагии зиёд дорад. Интихобот яке аз меърҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошад, ки ба воситаи он ҳокимият ба таври осоишта ва бо иродаи халқ аз дасти як гурӯҳ ба дасти гурӯҳи дигар мегузарад. Бинобар ин, интихобот воситаи иваз гардидани элитаи ҳукмрон ба шумор меравад. Яке аз нишонаҳои муҳими ҷомеаи демократӣ ин самаранокии интихобот ва аз тарафи ҷомеа эътироф гардидани натиҷаҳои он ба шумор меравад. Ҳамчун падидаи сиёсӣ интихобот ҳалли масъалаҳои дар ҷомеа бавуҷудомадаро ба таври осоишта ва бо усулҳои сиёсӣ бояд таъмин намуда тавонад. Интихобот қисми таркибии раванди сиёсӣ буда, ҳангоми гузаронидани интихобот шаҳрвандони мамлакат дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ва бевосита ширкат намуда, истиқлолоияти халқӣ ва намояндагии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар тамоми давлатҳое, ки эъмори ҷомеаи демоктариро пеш гирифтаанд, ҳуқуқи ба таври озод интихоб намудан ва интихоб шудан, аз ҳуқуқи асосии шаҳрвандони мамлакат ба шумор меравад. Таҳлили таҷрибаи сиёсии давлатҳои ҷаҳон имкон медиҳад, ки навъҳои гуногуни интихобот аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир навъҳои мухталифи интихоботро муайян намудаанд, ки онҳо аз ҳамдигар бо баъзе хусусиятҳои худ тафовути ҷиддӣ доранд. Дар раванди интихобот нақши мененҷер ба ҳайси идоракунанда онҷунон муҳим ва асос арзёбӣ мегардад, ки панҷоҳ фоизи ғоибият дар интихобот аз он вобастагӣ дорад. Масалан, моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуқуқи муҳимми сиёсиро барои шаҳрвандон кафолат медиҳад.

Калидвожаҳо: менеҷменти сиёсӣ, сиёсат, принсип, интихобот, демократия,ҷомеа, идоракунии сиёсӣ.

РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ В ИЗБИРАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В современных условиях одним из наиболее важных вопросов, которые нуждаются в политическом анализе, является роль управления в избирательном процессе. Выборы являются одним из основных критериев, посредством которых участие граждан обеспечивается в формировании государственных органов. Кроме того, реализация политического права на практике возросла по сравнению с выборами. Следует отметить, что выборы станут одной из основных норм демократического общества, посредством которой власть мирно и с волей народа в другую группу. Следовательно, выборы замените заменить правящую элиту. Выборы и признание его результатов, признание результатов демократического общества является вопросом демократического общества. Выборы, решающие вопросы в сообществе, могут быть в состоянии мирно и разработаны компонентом политического процесса. Во время выборов граждане страны в политической жизни сообщества активно посещают и обеспечивают общественную независимость и представительную канцелярию различных социальных групп. Во всех странах, которые ранее продвигали сообщество демократического общества, предварительно выборочное сообщество, право свободно выбирать и избраться, из основных прав граждан страны. Например, статья 27 Конституции Республики Таджикистан гарантирует такое важное политическое право для граждан.

Ключевые слова: политическое управление, политика, принципы, демократия, демократия, общество.

THE ROLE OF POLITICAL MANAGEMENT IN THE ELECTION PROCESS

In modern conditions, one of the most important matters that need a political analysis is(to) the role of management in the electoral process. Elections is one of the main criteria through which the participation of citizens is ensured in the formation of public authorities. Also, the implementation of political law in practice has increased from the election. It should be noted that the elections will be one of the main norms of a democratic society, through which authority is peacefully and with the will of the people to another group. Therefore, the election replace the replace the(of ба ҷои the) ruling elite. Election and recognition of its results, recognizing the results of the democratic society is a matter of a democratic society. Elections addressing the issues in the community can be able to provide peacefully and developed by the component of the political process. During the elections, citizens of the country in the political life of the community actively attends, and ensures the public independence and the representative office of various social groups. In all countries that have previously promoted a democratic society pre-election community, the right to freely choose and be elected, from the basic rights of the country's citizens. For example, Article 27 of the Constitution of the Republic of Tajikistan guarantees such an important political right to citizens.

Keywords: political administration, politics, principles, democracy, democracy, society.

Дар бораи муаллиф
Мирзоева Зебо Девлоховна
докторанти PhD-и соли дуввуми бахши сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев
736000,. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, к. Ленин 28.
Email: zebomirzoeva.98@mail.ru

About the Author
Mirzoeva Zebo Devlokhovna
PhD doctoral student of the second year, Department of Political Science
Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev
736000, Republic of Tajikistan, Khorog, 28 Lenin Street.
E-mail: zebomirzoeva.98@mail.ru

Об авторе
Мирзоева Зебо Девлоховна
докторант PhD второго курса кафедры политологии
Хорогский государственный университет имени Моёншо Назаршоева
736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул. Ленина, 28.
E-mail: zebomirzoeva.98@mail.ru

ТДУ 323.21-053.6(4-67)

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШАККУЛЁБИИ КАМОЛОТИ СИЁСИИ ҶАВОНОН

Мирзоев У.И.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҷрибаи хориҷии марҳилаҳои ташаккулёбии камолоти сиёсӣ якчанд зина ва даврaҳои гуногунро вобаста ба тағйирёбии илми сиёсӣ ва таҳаввулотҳои ҷомеаи муосир паси сар намудааст. Айни замон ташаккулёбии камолоти сиёсии ҷавонон дар шароити муосир на танҳо вазифаи дохилии давлати алоҳида, балки объекти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои созмонҳои байнидавлатӣ (СММ, Шурои Аврупо) истилоҳи «камолоти сиёсӣ» на ҳамеша ҳамчун мафҳуми ягонаи ҳуқуқӣ-сиёсӣ ифода меёбад, вале он ба таври муҳтавоӣ тавассути маҷмӯи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, салоҳиятҳо ва вазифаҳое кушода мешавад, ки иштироки комили насли ҷавонро дар равандҳои демократӣ таъмин мекунанд.

Дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ҳанӯз соли 1965 ҳамчун роҳнамои калидӣ декларатсия “Дар бораи дар миёни ҷавонон паҳн намудани идеалҳои сулҳ, эҳтироми мутақобила ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо” [4] қабул гардида буд, ки “асосан хусусияти тарбиявӣ дошта, ҷавононро ба сулҳу ва таҳаммулпазирӣ даъват менамояд”.

Дар соли 1998 аз ҷониби ҳамин ташкилоти байналмиллалӣ Декларатсияи (Лиссабонӣ) оид ба сиёсати ҷавонон қабул гардид, ки бо назардошти ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон 8 самтро фаро мегирад, ки мувофиқи ин муносибат “аҳамиятнокӣ ва зарурати омӯзиши илмию амалии сиёсати мазкурро, аз ҷумла таҳияи тадбирҳо ва технологияҳоро оид ба ташаккулдиҳии асосҳои институтсионалӣ, илмии технологӣ ва таҷрибавӣ баланд мебардорад” [8, с. 6]. Дар Декларатсия СММ таъкид мегардад, ки ҷавонон бояд на танҳо дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ бошанд, балки захираҳои зеҳниро барои таҳлили рӯзномаи сиёсӣ дошта бошанд. Дар қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ (масалан, Қатъномаи 70/127) таъкид мешавад, ки камолоти сиёсӣ - ин натиҷаи дастрасӣ ба таҳсилоти босифати шаҳрвандӣ мебошад, ки ба ҷавонон имкон медиҳад ба манипулятсияҳо ва радикализм муқовимат намуда, дар равандҳои қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо ҷалб шаванд. Ҳамин тариқ, дар сатҳи СММ ташаккул ва рушди камолоти сиёсӣ ҳамчун қобилияти субъект ба интихоби огоҳонаи сиёсӣ ва пешбурди сулҳомези ҳуқуқи инсон маънидод мешавад.

Шӯрои Аврупо (ША) модели муфассалтареро пешниҳод мекунад, ки дар чунин ҳуҷҷатҳо, ба монанди “Хартияи Аврупоии таҷдидназаршуда оид ба иштироки ҷавонон дар ҳаёти маҳаллӣ ва минтақавӣ” сабт шудааст [13]. Аз нуқтаи назари ША, камолоти сиёсӣ сифати модарзодӣ нест, ки танҳо бо расидан ба синни балоғат ба даст ояд; он як «салоҳияти динамикии шаҳрвандӣ» мебошад. Он се ҷузъро дар бар мегирад: Маърифатӣ (когнитивӣ); донистани асосҳои демократия, ҳуқуқи инсон ва механизмҳои фаъолияти ҳокимият; арзишӣ: пойдорӣ ба принсипҳои волоияти қонун ва таҳаммулпазирӣ; фаъолиятӣ: омодагӣ барои ба дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати рушди ҷомеаи маҳаллӣ ва давлат.

Шӯрои Аврупо ба консепсияи “фарҳанги демократӣ” таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Дар ин замина ташаккули камолоти сиёсӣ ҳамчун рушдиҳии малакаҳои тафаккури интиқодӣ, қобилияти пешбурди муколама дар муҳити бисёрфарҳангӣ ва дарки масъулият барои амалҳои сиёсии худ муайян карда мешавад.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ таҳти мафҳуми камолоти сиёсии ҷавонон ҳолати босифати шуур ва рафтори шахсият фаҳмида мешавад, ки бо дарки амиқи равандҳои сиёсӣ, худшиносии шаҳрвандӣ ва қобилияти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои сиёсии худ бидуни зарар ба асосҳои демократии ҷомеа тавсиф меёбад. Стандартҳои байналмилалӣ самти рушди системаҳои миллии тарбияро муайян намуда, онҳоро ба гузариш аз намояндагии расмии ҷавонон ба иштироки воқеӣ ва пурмазмуни онҳо дар ҳаёти давлат равона мекунанд.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ бештар сиёсати ҷавонон ҳамчун мафҳуми меҳварии илми сиёсӣ дониста шудааст, ки он аз ҳисоби сохт ва таркиб ба ибораи камолоти сиёсӣ шабоҳат менамояд. Илова бар ин, ҳангоми омӯзиши мавзуи илмӣ сиёсати ҷавонон барои ба камол расонидани ҷавонон заминаи асосӣ мегузорад.

Дар таҳқиқотҳои баъзе олимон барои дарки дурусти камолоти сиёсии ҷавонон яке аз “самтҳои асосии сиёсати ҷавонон дар Швейтсария дастгирии маориф мебошад. Дар доираи ин самт дастгирии молиявии донишҷӯён амалӣ гардида, барномаҳо ва чорабиниҳои гуногуни таълимӣ гузаронида мешаванд ва лоиҳаҳое ташкил мегарданд, ки ба рушди малакаҳои таълимӣ ва ғайра нигаронида шудаанд” [11]. Аз ин ҷо бар меояд, ки самти дигари муҳими

сиёсати ҷавонон бо кор таъмин намудан ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин самт ҳукумати Швейтсария барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон шароит фароҳам меорад, ҳангоми ҷустуҷӯи кор ва таъсиси тиҷорати шахсӣ ба онҳо кӯмак мерасонад.

Дар умум метавон гуфт, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккули камолоти сиёсии ҷавонон имкон медиҳад, ки стратегияҳои калидии ҳамгироии насли наврас ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давлат муайян карда шаванд. Дар кишварҳои демократии пешрафта, аз ҷумла Швейтсария ва Олмон, камолоти сиёсӣ на танҳо ҳамчун донистани қонунгузорӣ, балки ҳамчун қобилияти шахсият ба интихоби огоҳонаи сиёсӣ ва масъулиятшиносӣ баррасӣ мешавад. Яке аз механизмҳои марказӣ консепсияи "таълими шаҳрвандӣ" (*Civic Education*) мебошад. Бархурди хориҷӣ аз курсҳои назариявӣ фарқ карда, бештар ба рушди таҳлили интиқодии ҷараёнҳои иттилоотӣ ва маҳорати мубоҳисавӣ такя мекунад. Масалан, дар мактабҳои кишварҳои Скандинавия модели "худидораи мактабӣ" фаъолона истифода мешавад, ки дар он хонандагон оид ба тақсимоти буҷет ё ташкили раванди таълим қарорҳои воқеӣ қабул мекунанд. Ин иқдом таҳкурсии субъективияти сиёсии онҳоро мегузорад.

Унсури муҳими ташаккули камолот - ин ҷалби ҷавонон ба фаъолияти вакилони ҷавонон дар шӯроҳои маҳаллӣ мебошад. Дар Швейтсария, дар доираи сиёсати ҷавонон, давлат на танҳо ба ташаббусҳои таълимӣ кӯмаки молиявӣ мерасонад, балки барои амалӣ намудани стартапҳо ва лоиҳаҳои иҷтимоии ҷавонон шароит фароҳам меорад. Ин дар зеҳни ҷавонон робитаи байни фаъолнокии шаҳрвандӣ ва некӯаҳволии иқтисодиро мустаҳкам мекунад.

Таҷрибаи муосири хориҷӣ инчунин ба "шаҳрвандии рақамӣ" таваҷҷӯҳи хос зоҳир мекунад. Дар шароити рақамишавии сиёсат, диққати асосӣ ба омӯзонидани ҷавонон ҷиҳати санҷиши дурустии иттилоот ва муҳофизат аз манипулятсияҳои сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Ҳамин тариқ, камолоти сиёсӣ дар хориҷа тавассути ҳамоҳангии маориф, иҷтимоишавии сиёсӣ ва иттилоот ташаккул меёбад.

Барои таҳлили амиқ дар доираи тадқиқоти мақолаи мазкур, таҷрибаи кишварҳои мухталифро метавон ба моделҳои мушаххаси институсионалӣ тақсим кард:

1. Модели: "Сиёсати ҷавонон дар Олмон бо назардошти тавсияҳои қабулшуда дар доираи Иттиҳоди Аврупо ва аз тарафи дигар, хусусиятҳои миллии ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфтаи кишвар ва ҳувияти миллӣ-шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Дар доираи Иттиҳоди Аврупо, самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷавонон, илова бар маориф, омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ, рушди технологияи иттилоотӣ, шуғли иҷтимоӣ ва ҳаракат ва наздикшавии ҷавонон аз кишварҳои гуногун, ки бар асоси муколамаи байнифарҳангӣ асос ёфтаанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи инсон, афзоиши фаъолияти шаҳрвандӣ ва ихтиёрӣ мебошанд. Таъкид мешавад, ки дар раванди татбиқи сиёсати ҷавонон, ҷавонон бояд, аввалан, таҷрибаи иҷтимоӣ ва эътимоди иҷтимоиро ба даст оранд ва дуюм, бубинанд, ки фаъолияти шаҳрвандии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятии кишвари худ чи натиҷа медиҳад"[6].

2. Модели: "Сиёсати ҷавонон дар Фаронса мувофиқи тавсияҳои қабулшуда дар доираи Иттиҳоди Аврупо амалӣ карда мешавад, ки бояд байнисоҳавӣ ва бисёрсатҳӣ бошад ва иштироки фаъоли ҷавононро дар ҷомеа мусоидат намояд. Дар ин робита, тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо таъкид мекунанд, ки тавассути татбиқи сиёсати ҷавонон бояд онҳоро ба таҷрибаи иҷтимоӣ ва эътимоди иҷтимоӣ ба даст орад, инчунин бубинанд, ки иштироки шаҳрвандии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ чи натиҷа медиҳад" [7]. Ин барнома барои ҷавонон тақвияти пайвастагии маориф барои омӯзиши босифатро таъмин карда, онҳоро барои дидгоҳи мустақил ва пешбурди имкониятҳои баробарии ҷамъиятӣ - сиёсиро дар бар мегирад. Моҳияи сиёсати ҷавонон дар Фаронса ин ташаккули камолоти сиёсӣ тавассути эҳсоси мансубият ба миллат ва эҳтиром ба арзишҳои ҷумҳурӣ (озодӣ, баробарӣ, бародарӣ) ташаккул меёбад.

3. Модели: "Асоси ҳуқуқии татбиқи сиёсати ҷавонон барои рушди камолоти онҳо дар Ҷопон аввалан тавасути а) принсипҳо ва меъёрҳои умуми эътирофшудаи ҳуқуқи байналмиллалӣ б) Конститутсияи Ҷопон в) Ҷонуни Ҷопон №71 аз 8 июли соли 2009, "Дар бораи дастгирии рушди кӯдакон ва ҷавонон" (бо тағйироти 22 июни соли 2022)" [12]. ин модели сиёсати ҷавонон ҷопонӣ равиши ҳамаҷонибае тавсиф мешавад, ки чорабиниҳои давлатӣ, навоварӣ ва ҳассосияти фарҳангиро муттаҳид мекунад. Он барои фароҳам овардани шароит барои рушди камолоти онҳо дар соҳаҳои гуногун - маориф, шуғл, ҳамгироии иҷтимоӣ, тандурустӣ ва рушди фарҳангӣ равона шудааст, яке ҳадафҳои аз барномаҳои сиёсии ҷавонон ин паст кардани синни интихоботӣ аз 20 ба 18 ва ҷорӣ намудани «интихоботи санҷишӣ» дар муассисаҳои таълимӣ. Таъкид ба интизом ва фаҳмонидани он, ки суботи ҷомеа аз иштироки фаъолонаи ҳар як шаҳрванд хосатан ҷавонон вобастагӣ дорад.

4. Модели: "Сиёсати ҷавонон дар Британияи Кабир барои рушди камолоти ҷавонон маҷмӯи чорабиниҳоро барои дастгирӣ муошират ва ҷалбнамоии онҳо ба ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

ва дигар соҳаҳо равона карда шудаанд, дарбар мегирад”[9]. Муносибати Британиё ба анъанаҳои деринаи фарҳанги мубоҳисаҳои оммавӣ такя мекунад. Механизм: Парламенти ҷавонони Британияи Кабир (UK Youth Parliament), ки ҳуқуқи гузаронидани мубоҳисаҳоро дар Палатаи ҷамоатҳо (House of Commons) дорад. Моҳияти камолоти сиёсӣ - ин маҳорати пешниҳоди далелҳо, эҳтиром ба ақидаи мухолиф ва донистани асосҳои расмии равандҳои сиёсӣ мебошад.

Дар низоми муосири илми сиёсатшиносии хориҷӣ, камолоти сиёсии ҷавонон дигар танҳо бо иштирок дар интихобот маҳдуд намешавад. Унсури калидӣ ва ниҳоии он дар замони мо - ин саводи расонаии сиёсӣ (political media literacy) ва қобилияти ҳифзи худ аз манипулятсияҳои рақамӣ мебошад. Масалан, таҷрибаи кишварҳои пешрафта (Олмон, Ҷопон, ИМА, Шветсария) нишон медиҳад, ки камолоти сиёсӣ тавассути ташаккули «масунияти иттилоотӣ» чен карда мешавад. Дар ин кишварҳо ҷавононро меомӯзанд, ки сиёсат на танҳо дар минбарҳо, балки дар шабакаҳои иҷтимоӣ тавассути алгоритмҳо сохта мешавад. Камолоти сиёсӣ дар ин ҷо маънои қобилияти ҷавононро барои ташхиси дипфейкҳо (deepfakes), ботҳои сиёсӣ ва маъракаҳои дезинформатсиониро дорад.

Дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ, аз ҷумла Мануэл Кастелс, қайд мешавад, ки “камолоти сиёсӣ дар қобилияти ҷудо кардани факти воқеӣ аз эҳсоси сиёсӣ зоҳир мегардад. Ҷавони аз ҷиҳати сиёсӣ болиғ касест, ки дар фазои маҷозӣ на ба шиорҳои эҳсосӣ, балки ба таҳлили мантиқии сабабу паёмадҳо такя мекунад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар ҷомеаи шабакавӣ, камолоти сиёсӣ дар қобилияти шахс барои муқовимат ба барномарезии зеҳнӣ аз ҷониби расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ифода меёбад” [14].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки камолоти сиёсии муосир маҷмӯи саводи сиёсӣ - молиявӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва пеш аз ҳама, соҳибихтиёрии иттилоотии шахсият дар ҷаҳони рақамӣ мебошад.

Дар асоси тамоми маводҳои таҳлилшуда ва ҷанбаҳои муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ, метавон хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии зеринро таҳия намуд ва онҷо иборатанд аз:

- Трансформатсияи мафҳуми камолот: Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта (Олмон, ИМА, Фаронса, Британияи Кабир ва ғайра) нишон медиҳад, ки камолоти сиёсӣ аз доираи танҳо «донистани қонунҳо» берун рафта, ба як маҷмӯи малакаҳои равонӣ ва маърифатӣ табдил ёфтааст. Имрӯз камолоти сиёсӣ - ин қобилияти фард барои нигоҳ доштани истиқлоли тафаккур дар шароити фиребгариҳои рақамӣ мебошад.
- Нақши саводи молиявӣ ва расонаӣ: Исбот карда шуд, ки камолоти сиёсӣ бо саводи молиявӣ ва расонаӣ робитаи зич дорад. Бе дарки механизми иқтисодӣ (андозҳо ва буҷет) ва бе малакаи факт-чекинг (санҷиши хабарҳо), камолоти сиёсӣ метавонад ба «популизми сиёсӣ» ё «инфантилизми иҷтимоӣ» табдил ёбад;
- Рушди буҷетбандии партисипаторӣ: Таҷрибаи ҷалби ҷавонон ба тақсимоти қисми буҷети маҳаллӣ (масалан, дар сатҳи мактаб ё донишгоҳ). Ин масъулияти воқеии иқтисодӣ ва сиёсии онҳоро ба вуҷуд меорад;
- Институтсионализатсияи «Лифтҳои иҷтимоӣ»: Тавсеаи ваколатҳои Парлумони ҷавонон ва Шӯроҳои ҷавонон, то ин ки онҳо на нақши ороишӣ, балки нақши машваратӣ ва назоратиро дар қабули қарорҳои давлатӣ иҷро кунанд;

Барои он ки вазъи ташаккулёбии камолоти сиёсии ҷавононро дуруст дарк намоем, зарур аст, ки таҷрибаи давлатҳои ҳамсоякишвар низ мавриди таҳқиқи қарор дода шаванд. Дар ин кишварҳо ташаккули камолоти сиёсӣ назар ба Аврупо ва дигар қитъаҳои ҷаҳон хусусиятҳои фарқкунанда дорад, ки он бештар дар атрофи арзишҳои миллӣ, суботи давлатӣ ва худшиносии таърихӣ сохта шудааст. Дар зери таҳлили ин раванд дар Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон бо истифода аз истилоҳоти илмӣ оварда шудааст.

1. Дар Ӯзбекистон рушди камолоти сиёсии ҷавононро ҳамчун ҷузъи барномаи “Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022 - 2026” (28.01.2022 с. № УП 60) [10] ва Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” (14 сентябри соли 2016 № ЗРУ- 406) баррасӣ мешавад [3]. Асоси рушди камолотро дар саводнокии сиёсӣ - ҳуқуқии ҷавонон ташкил мекунад. Давлат ҷавононро дар равандҳои идоракуниву ислоҳот ҷалб мекунад. Нақши рушди камолот дар ин ҷо ҳамчун «шарикии созанда»-и ҷавонон бо давлат барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

2. Дар Қирғизистон раванди ташаккули камолоти сиёсӣ бештар таҳти таъсири “Консепсияи сиёсати ҷавонон барои солҳои 2020-2030”(18 октябри соли 2019, №562)[5] ва Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон “Дар бораи ҷавонон” (04. Августи соли 2022, № 157) [2]мебошад, ки диққати асоси ба демократияи мустақим ва озодии баён дода мешавад. Ҷавонон дар Қирғизистон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳаракатҳои волонёрӣ дар

мониторинги қарорҳои давлатӣ фаъолона иштирок мекунанд. Хусусиятҳои ташаккули камолоти сиёсӣ дар ин ҷо бештардар рушди фарҳанги сиёсии онҳо, қобилияти ҷавонон барои дифоъ аз ҳуқуқҳои худ ва таъсирнопазири аз идеологияҳои экстремистӣ, миллатгароӣ дар фазои озоди сиёсӣ мебошад.

3. Дар Туркманистон барномаи рушди камолоти сиёсӣ дар доираи Қонуни Туркманистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” (29.августи соли 2013,№ 423-V) [1] хусусиятҳои ин қонун дар он аст, он садоқат ба арзишҳои миллӣ, маориф ва тарбияи идеологӣ, тарбияи ҳаёти солим, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷавонон, рушди озодиҳои шахсӣ ва волоияти қонун нақши асосиро мебозанд. Камолоти сиёсӣ тавассути эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, таърихи миллат ва сиёсати «Бетарафии доимӣ» талқин мешавад, ва дар ин ҷо бо масъулияти ахлоқӣ дар назди ҷомеа ва давлат ва ҳифзи суботи дохилӣ баробар дониста мешавад.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, ки Ӯзбекистон ба институтсионализатсияи сиёсати ҷавонон такя мекунад. Камолоти сиёсӣ дар ин ҷо бо омодагии насли ҷавон барои табдил шудан ба «муҳаррики» ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Парлумони ҷавонон ҳамчун «лифти иҷтимоӣ» барои ташаккули нухбагони (элитаи) ояндаи идоракунӣ хизмат мекунад.

Дар Қирғизистон манзараи дигар ба мушоҳида мерасад, ки камолоти сиёсӣ аксаран дар шароити таҳаввулоти баланди сиёсӣ шакл мегирад. Дар ин ҷо ҷавонон ҳамчун субъекти мустақил баромад мекунанд, ки қодиранд ба ҳокимият фишор оваранд. Камолот дар фарҳанги баланди эътирозӣ ва малакаҳои назорати шаҳрвандӣ зоҳир мешавад, ки ин моделро ба «демократияи партисипаторӣ»-и ғарбӣ наздик мекунад.

Равиши Туркманистон дар асоси ғояи айниятӣ манфиатҳои шахсият ва давлат сохта шудааст. Камолоти сиёсӣ тавассути симои маънавию ахлоқии шаҳрванд баррасӣ мешавад. Ҳадафи асосӣ - нигоҳ доштани суботи сиёсӣ ва бетарафӣ тавассути интиқоли арзишҳои суннатӣ аз насли калонсол ба ҷавонон мебошад.

- Хулосаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ имкон дод, ки тамоюлҳои умумӣ ва моделҳои хосе, ки барои мутобиқсозӣ мувофиқанд, муайян карда шаванд:

- Типологияи моделҳо: Таҷрибаи ҷаҳонӣ ду модели асосиро нишон медиҳад: Модели ғарбӣ (либералӣ-демократӣ): тамаркуз ба ҳуқуқҳои фардӣ, мустақилияти шахсият ва фаъолияти эътирозӣ ҳамчун шакли назорати ҳокимият. Модели шарқӣ (суннатӣ-арзишӣ): авлавияти давлатдорӣ, даст-ҷамъӣ, эҳтиром ба зинабандӣ ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ.

- Асбобҳои иҷтимоишавӣ: Дар кишварҳои пешрафта механизмҳои «парламентаризми ҷавонон» ва волонтёрӣ ҳамчун мактаби камолоти шаҳрвандӣ васеъ истифода мешаванд. Таҷрибаи кишварҳое мисли Олмон ва Фаронса нишон медиҳад, ки ҷалби ҷавонон ба ҳалли мушкилоти маҳаллӣ (дар сатҳи шаҳрӣ) нисбат ба шиорҳои абстрактӣ камолотро самараноктар ташаккул медиҳад.

- Демократияи рақамӣ: Таҷрибаи хориҷӣ тасдиқ мекунад, ки истифодаи платформаҳои рақамӣ (e-participation) шавқи ҷавононро ба сиёсат ба таври назаррас афзоиш медиҳад, вале механизмҳои қатъии таълими медиавиро барои пешгирӣ аз радикализм талаб мекунад.

- Иқтидори мутобиқсозӣ: Барои амалияи ватанӣ таҷрибаи хориҷии таъсиси «инкубаторҳои иҷтимоӣ» арзишманд аст, ки дар он ҷавонон роҳи аз волонтёр то роҳбари сиёсиро тай карда, масъулиятро дар доираи ҳуқуқӣ меомӯзанд.

Бо ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти мақолаи илмӣ метавон қайд кард, ки заминаи назариявию методологии тадқиқот ташаккул ёфтааст. Камолоти сиёсии ҷавонон дар шароити муосир раванди динамикӣ буда, на танҳо аз кӯшишҳои давлат, балки аз қобилияти худи ҷавонон ба худсозӣ дар шароити чолишҳои ҷаҳонӣ вобаста аст. Омилҳои муайяншуда ва моделҳои хориҷӣ ҳамчун асос барои гузаронидани таҳлили эмпирикӣ дар давлатдорӣ хизмат хоҳанд кард.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Туркманистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» [Маводи электронӣ] тартиби дастрасӣ: URL: https://youthlib.mirea.ru/ru/reader/783.
2. Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи асосҳои сиёсати давлатии ҷавонон» [Маводи электронӣ] тартиби дастрасӣ: URL: https://youthlib.mirea.ru/ru/reader/204.
3. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» [Маводи электронӣ] тартиби дастрасӣ: URL: https://lex.uz/docs/3026250.
4. Декларация дар бораи дар байни ҷавонон паҳн кардани ғояҳои сулҳ, эҳтироми ҳамдигар ва тафоҳум байни халқҳо [Маводи электронӣ] СММ аз 7 декабри соли 1965. тартиби дастрасӣ: URL: https://youthlib.mirea.ru/ru/resource/879.
5. Консепсияи сиёсати ҷавонон барои солҳои 2020 – 2030 (Ҷумҳурии Қирғизистон) [Маводи электронӣ] тартиби дастрасӣ: URL: https://youthlib.mirea.ru/ru/reader/216

6. Лубский Анатолий Владимирович Молодежная политика и гражданское участие молодежи в Германии // Философия права. 2019. №3 (90). URL: https://cyberleninka.ru /article/n/molodezhnaya-politika-i-grazhdanskoe-uchastie-molodezhi-v-germanii (санаи мурочиат: 02.06.2026).
7. Лубский А. В., Иванова В. П. Молодежная политика и гражданское участие молодежи во Франции // Социально-гуманитарные знания. 2019. №11. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/molodezhnaya-politika-i-grazhdanskoe-uchastie-molodezhi-vo-frantsii (санаи мурочиат: 02.06.2026).
8. Мираliён Қ.А., Сиёсати ҷавонон: рисолаи илмӣ.- Душанбе: 2026.-372 с.
9. Никипорец-Такигава Г. Ю. Молодёжь и молодёжная политика в Великобритании // Современная Европа. 2018. №1 (80). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/molodyozh-i-molodyozhnaya-politika-v-velikobritanii (санаи мурочиат: 09.06.2026).
10. О Стратегии развития Нового Узбекистана на 2022-2026 годы [Маводи электронӣ] - тартиби дастрасӣ: URL: https://www.norma.uz/novoe_v_zakonodatelstve/utverjdena_strategiya_razvitiya_novogo_uzbekistana_na_2022-2026_gody.
11. Радюшин Д. М., Прусова В. И., Арифуллин И. В., Жидкова М. А. Зарубежный опыт реализации молодежной политики // Вопросы науки и образования. 2023. №6 (171). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnyy-opyt-realizatsii-molodezhnoy-politiki-1 (санаи мурочиат: 24.02.2026).
12. Соколова Д.А. Молодёжная политика Японии [Маводи электронӣ] - тартиби дастрасӣ: URL: https://intermol.su/upload/iblock/c78/cnq1rjv9pyfmzfa3u24crfszsfxo7mva.pdf (забон-русӣ).
